**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ: 327.88**
**ТКБ: 66.2 (2 Тоҷик)**
**С -48**

**САФАРАЛИЗОДА ХУҶАМУРОД ҚУДДУСӢ**

# ТАҲДИДҲОИ ЗАМОНИ МУОСИР ВА ТАЪСИРИ ОНҲО БА СУБОТИ СИЁСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии**
**доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси**
**23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва**
**технологияҳои сиёсӣ**

**Мушовири илмӣ:**
**доктори илмҳои сиёсӣ,**
**профессор, узви вобастаи АМИТ**
**Муҳаммад А.Н.**

**Душанбе – 2024**

## МУНДАРИҶА

**Номгӯйи ихтисораҳо**........................................................................ 4

**Муқаддима**........................................................................................ 5

**Тавсифи умумии таҳқиқот**.............................................................. 17

**БОБИ I**

**МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ ТАҲДИДҲОИ ЗАМОНИ МУОСИР**

**1.1.** Таҳдид ҳамчун объекти таҳқиқоти илмҳои сиёсӣ.................... 34

**1.2.** Умумият ва махсусияти хавфу хатар ва таҳдидҳо: масъалаҳои назариявӣ........................................................................... 69

**1.3.** Шаклҳои гуногуни зоҳиршавии таҳдидҳо ва таснифоти онҳо........................................................................................ 91

**1.4.** Асосҳои консептуалии шинохти хавфу хатар ва таҳдидҳо….. 113

**БОБИ II**

**ОМИЛҲО ВА САРЧАШМАҲОИ ПАЙДОИШИ ТАҲДИДҲОИ НАВИ ҶАҲОНӢ ВА ТАЪСИРИ ОНҲО БА АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**2.1.** Ташаккули таҳдидҳои беруна дар раванди бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ ва таъсири онҳо ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон.............................................................. 149

**2.2.** Хусусияти пайдоиши таҳдидҳои дохилии кишвар дар шароити дигаргуншавии ҷомеа.................................................. 170

**2.3.** Пешрафти илмию техникӣ ҳамчун омили пайдоиши таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ.............................................................. 186

**2.4.** Пайдоиши таҳдидҳои ғайрианъанавӣ дар раванди тавсеаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ............................................. 215

## БОБИ III
## БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ТАЪМИНИ СУБОТИ СИЁСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ


**3.1.** Мавқеи стратегии «неруи нарм» ва «неруи ҳушманд» дар низоми амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон...................... 240

**3.2.** Инқилобҳои ранга ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии ҷомеа........................................................................................ 270

**3.3.** Таҳдиду хатари шабакаҳои иҷтимоӣ ва таъсири онҳо ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон……………………… 290


## БОБИ IV
## ДУРНАМОИ ТАЪМИНИ СУБОТИ СИЁСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗА


**4.1.** Мафкурасозӣ ва амнияти идеологӣ – заминаи муҳимми таъмини суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон....................... 311

**4.2.** Вазъи амнияти идеологӣ ва суботи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........................................................................ 329

**4.3.** Таҳдиду хатари терроризм, радикализми динӣ ва экстремизми сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон……………….. 346

**Хулоса**……………………………………………………………….. 369

**Тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**............. 374

**Номгӯйи адабиёти истифодашуда**.................................................. 378

**Номгӯйи интишороти довталаб**...................................................... 414

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

ДИИШ – Давлати исломии Ироқу Шом

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

СММ – Созмони Милали Муттаҳид

СУТ – Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ

ТИИ – технологияҳои иттилоотию иртиботӣ

ТЭТ ҲНИ – Ташкилоти экстремистию террористии Ҳизби наҳзати исломӣ

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити имрӯза Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҳдиду хатарҳое рӯ ба рӯ гардидааст, ки пешгирӣ кардани онҳо яке аз вазифаҳои рӯзмарра ба шумор меравад. Қисми зиёди ин таҳдидҳо ҳамчун равандҳои оштинопазир аз ҷониби субъектҳои манфиатдор ҳадафмандона ташкил гардида, суботи сиёсии ҷомеаро халалдор месозанд. Тоҷикон дар тули таърих зери таъсири таҳдиду хатарҳо чандин маротиба сохти давлатдории худро аз даст дода буданд. Ҳатто ҷанги шаҳрвандии таҳмилие, ки солҳои 90-ум дар Тоҷикистон рух дод, натиҷаи таҳдиду хатарҳое буд, ки саривақт муайян ва пешгирӣ нашуданд. Мутаассифона, асри XXI ҳамчун асри пурфоҷеа ва пур аз таҳдиду хатарҳо ба таърихи инсоният ворид шуд. Дар шароити имрӯза таҳдидҳои замони муосир аксари миллату давлатҳоро зери таъсири худ гузоштаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз як сохти ҷамъиятӣ ба сохти дигар гузаштааст ва дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ мехоҳад мавқеи шоистаи худро дошта бошад, имрӯз бо равандҳои оштинопазири иҷтимоию сиёсии асри XXI рӯ ба рӯ гашта истодааст.

Мавриди қайд аст, ки ҳимояи манфиатҳои миллӣ, ҳифзи суботи сиёсӣ ва таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи давлатдории навин аҳамияти зиёди стратегӣ доранд. Дар шароити пайдоиши таҳдидҳои замони муосир ва муқовимат ба онҳо таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ ва ҳифзи истиқлолияти давлатӣ бамаротиб аҳамиятнок мегардад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки муайян кардани сарчашмаҳои пайдоиши таҳдидҳои замони муосир, нишон додани таъсири онҳо ба суботи сиёсии Тоҷикистон, дарёфти роҳу воситаҳои пешгирии онҳо дар илмҳои сиёсии ватанӣ масъалаҳои хеле рӯзмарра мебошанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои солона ва баромаду суханрониҳои худ пайваста аз пайдоиши таҳдиду хатарҳои замони муосир ёдовар мешаванд. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 28-

уми декабри соли 2023 зимни ироаи Паёми солонаи худ таъкид намуда буданд, ки «Вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла торафт шиддат гирифтани раванди азнавтақсимкунии дунё, яроқнокшавии бошитоб, «ҷанги сард», таҳдиду хатарҳои муосир – терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ моро водор месозад, ки барои таъмин намудани амнияти мудофиавии кишварамон тадбирҳои иловагӣ андешем»[1]. Бо мақсади пешгирии оқибатҳои ногувори чунин таҳдидҳо таҳқиқи сарчашмаҳои пайдоиши ин зуҳуроти номатлуб ва муайян кардани таъсири онҳо ба суботи сиёсӣ ва амнияти миллии кишвар зарур дониста мешавад. Бинобар ин, мубрамии мавзуи таҳқиқотро бо масъалаҳои зерин асоснок кардан мумкин аст:

1. Дар раванди бархӯрди манфиатҳои миллию геополитикӣ миқёси ҷангҳои иттилоотӣ ва ҳуҷумҳои иттилоотӣ васеъ гардидаанд. Бештар шудани тарғибу ташвиқи ғояҳои экстремистӣ ва радикалӣ, терроризми иттилоотӣ, паҳн кардани иттилооти носаҳеҳ, ташкил намудани инқилобҳои ранга, хавфи сар задани табаддулоти давлатӣ ва бетартибиҳои сиёсӣ низ барои асоснок кардани мубрамии мавзуъ заминаи муҳим мегузоранд. Таъсири манфӣ расонидан ба афкори ҷамъиятӣ, афзоиши «неруи нарм»-и субъектҳои хориҷӣ, ҳуҷумҳои кибернетикӣ ва кибертерроризм ҳам аз ҷумлаи таҳдидҳои номбаргардида ба шумор мераванд.

2. Пешрафти илмию техникӣ бошад сабабгори пайдоиши бемориҳои нави сироятӣ, яроқи қатли ом, аз ҷумла яроқҳои биологӣ, химиявӣ, тағйирёбии иқлим, роботикунонӣ, пайдоиши зеҳни сунъӣ, афзоиши шумораи аҳолии ҷаҳон, шиддатёбии равандҳои ҷаҳонишавӣ, афзоиши теъдоди ширкатҳои фаромиллӣ ва ғ. шудааст. Таҳдиду хатарҳои номбаршуда хоси замони муосир ва натиҷаи пешрафти илму техника ба

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28.12.2023 [Захираи электронӣ]. –URL: http://president.tj/node/32191 (санаи муроҷиат: 18.02.2024)

шумор рафта, барои аксари кишварҳои олам ҳамчун таҳдидҳои ғайрианъанавӣ маҳсуб меёбанд.

3. Фаъолияти муназзам ва натиҷабахши системаи таъмини амнияти миллӣ бе дарки дурусти мазмуну мундариҷаи категорияҳои асосии назарияи амният ғайриимкон мебошад. Дарки мазмуну моҳияти аслии онҳо ба субъектҳои таъмини амният имкон медиҳанд, ки самаранокии амалишавии ҳадафҳои стратегӣ, чорабиниҳои гуногуни таъмини амнияти миллӣ ва банақшагирии стратегиро дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монанд. Чи гунае ки таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, нокомиҳо дар самти таъмини амнияти миллӣ дар аксар маврид бо баҳогузории нодурусти таҳдидҳо ба амал омадаанд. Агар субъектҳои салоҳиятдори таъмини амнияти миллӣ дар бораи таҳдидҳои ташаккулёбанда, ё аллакай ташаккулёфта маълумоти зарурӣ надошта бошанд, пас онҳо бо зарару зиёни расонидашуда рӯ ба рӯ гардида, маҷбуранд, ки бо харҷҳои зиёд ҳолати пештараи объектро барқарор кунанд.

4. Дар раванди ташаккулёбии давлатдории миллӣ як қатор масъалаҳои бунёдие мавҷуданд, ки ба инобат гирифтани онҳо хеле муҳим дониста мешавад. Чунончӣ, таҳкими истиқлолияти давлатӣ, таъмини суботи сиёсии ҷомеа, муттаҳид кардани мардум, беҳтар сохтани сатҳу сифати зиндагии онҳо ва дар маҷмуъ, таъмини амнияти миллӣ аз он қабил масъалаҳо ба шумор мераванд. Ҳар як давлату миллат баъди ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ ҳалли масъалаҳои мазкурро афзалиятҳои миллӣ ва ҳадафҳои стратегии худ муайян менамояд. Аз ин рӯ, қабули стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳои давлатӣ маҳз ба ҳамин хотир анҷом дода мешаванд. Мутаассифона, дар раванди татбиқи мақсадҳои миллӣ ва ҳадафҳои стратегӣ як қатор монеаҳое пайдо мешаванд, ки амалишавии онҳоро пурра, ё қисман ғайриимкон мегардонанд. Баъзеи онҳоро ҳадафмандона аз хориҷи кишвар ба вуҷуд меоваранд, қисми дигари онҳо зери таъсири омилҳои гуногун пайдо мешаванд. Чунин зуҳурот таҳдидҳое

мебошанд, ки ба ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ таъсири манфӣ расонида, барои асоснок кардани мубрамии мавзуъ замина мегузоранд.

5. Дар замони муосир дар баробари ҷангҳои классикӣ (низоъҳои мусаллаҳона, мунокишаҳои ҳарбӣ), инчунин навъҳои дигари ҷанг, аз қабили ҷангҳои иттилоотӣ, психологӣ, гибридӣ, идеологӣ, тиҷоратӣ ва монанди инҳо пайдо шудаанд. Дар раванди амалишавии ин гуна бархӯрдҳо яроқҳои маҷозӣ истифода мегарданд, ки дар аксар маврид онҳоро дарк намудан душвор аст. Агар субъекти таъмини амният барои шинохти таҳдидҳои ҳарбию геостратегӣ маълумот ва таҷрибаи кофӣ дошта бошад ҳам, дар бораи таҳдидҳои нав иттилооти зарурӣ надорад. Ғайр аз ин, якчанд даҳсола қабл барои таъмини амнияти миллӣ ҷаҳонбинии сиёсӣ ва тафаккури стратегӣ танҳо барои доираи муайяни хизматчиёни давлатӣ лозим буду бас. Аммо дар шароити муосир барои пешгирӣ кардани таъсири манфии таҳдидҳои иттилоотӣ ва идеологӣ дар баробари намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, инчунин шаҳрвандони мамлакат низ бояд донишҳои сиёсӣ, психологӣ ва техникию технологӣ дошта бошанд.

6. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ бо таҳдиду хатарҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардида буд. Зери таъсири радикализми исломӣ дар мамлакат ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ сар зад. Хавфи аз даст рафтани истиқлолият, пароканда шудани миллат ва аз харитаи сиёсии олам нест шудани давлат ба амал омада буд. Бо шарофати сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва фарзандони ватандӯсти тоҷик ба ҷанги шаҳрвандӣ хотима дода шуда, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ дар қаламрави кишвар таъмин гардид. Дар ибтидои асри XXI тағйирёбии тавозуни қувваҳо ва дар самтҳои нав ба амал омадани бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ боиси пайдоиши таҳдиду хатарҳои нав гардиданд. Аз ҷумла пайдоиши терроризми байналмилалӣ, радикализми исломӣ, экстремизми динӣ, давра ба давра дигаргун шудани роҳу усулҳои фаъолияти террористию экстремистӣ ба суботи сиёсӣ ва

амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таъсири худро расонид. Рушди технологияҳои иттилоотию иртиботӣ (ТИИ) ба ташкилотҳои террористию экстремистӣ ва ҳизбу ҳаракатҳои радикалӣ имконият доданд, ки ғояҳои иртиҷоии худро дар байни қишрҳои ҷомеа ба осонӣ таблиғ намоянд. Айни замон, аз як ҷониб бештар шудани шумораи корбарони шабакаи интернет ва аз ҷониби дигар бо суръати баланд паҳн гардидани ғояҳои экстремистӣ таҳдиди воқеӣ ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. То ба имрӯз бо қарори Додгоҳи Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 ҳизбу ҳаракат ва ташкилот экстремистию террористӣ дониста шуда, дар қаламрави кишвар фаъолияти онҳо мамнуъ эълон карда шудааст. Чунин вазъият мубрамии омӯзиш ва пажӯҳиши таҳдидҳои замони муосирро бамаротиб бештар намуда, ҷиҳати таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ аҳамияти зиёди назариявию амалӣ дорад. Онҳо, дар маҷмуъ, мубрамии мавзуи кори диссертатсиониро асоснок намуда, дар раванди таҳлилу таҳқиқ самтҳои нави пажӯҳиши ин масъаларо муайян мекунанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Омӯзиши таҳдидҳо таърихи қадима дорад. Дар осори илмию фалсафии донишмандон вобаста ба замон ва макон табиати таҳдидҳо нишон дода шудааст. Бо назардошти тавсеаи миқёси таҳдидҳо олимони замони муосир ба таҳқиқи онҳо ба таври ҷиддӣ машғул гардидаанд. Омӯзиши адабиёти илмие, ки ба мавзуи таҳқиқот алоқамандии бевосита доранд, тақозои онро менамояд, ки асарҳои олимону пажӯҳишгарон ба якчанд гурӯҳ ҷудо карда шаванд.

**Гурӯҳи якумро** асарҳои классикии мутафаккирони давраҳои гуногуни таърихӣ ташкил медиҳанд. Таълимоти онҳо барои фаҳму дарки манфиатҳои давлатдорӣ, мустаҳкам кардани пояҳои давлат, ҳифзи суботи сиёсӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ хеле аҳамиятноканд. Дар ин самт асарҳои бунёдии Сун Тзи, Арасту, Фукидид, Ф. Бэкон, Н. Макиавелли, А. Смит, М. Вебер, Хосе Ортега-и-Гассет, К. Клаузевитс, Г. Лебон, К. Маркс, Ф. Энгелс,

В.И. Ленин, Л.Д. Троцкий[1] ва ғ. аҳамияти зиёди назариявию методологӣ доранд. Дар осори донишмандону пажӯҳишгарони номбаргардида масъалаҳои гуногуни таъмини амнияти ҳарбию сиёсӣ, роҳу усулҳои ташаккул додани сохтори сиёсии ҷомеа, пешгирии таҳдиду хатари ҷангу низоъ, роҳу усулҳои таҳкими пояҳои ҳокимияти давлатӣ, қонуниятҳои рушду инкишоф, бахусус таъмини рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар, пешгирии табаддулоти давлатӣ ва инқилобҳои иҷтимоию сиёсӣ ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

**Гурӯҳи дуюмро** асарҳое ташкил медиҳанд, ки бевосита ба омӯзиши таҳдидҳо бахшида шудаанд. Дар асарҳои илмию таҳқиқотии ин гурӯҳи олимон таҳдид ҳамчун объекти пажӯҳиш интихоб гардида, моҳият ва хусусиятҳои бевоситаи он ошкор карда шудаанд. Дар байни онҳо асарҳои илмии А. Волферс, Р. Кохен, Т.В. Милбурн, К.Ҳ. Вотман, Б. Бузан, Е.Крахманн, С.М. Уолт, Н. Броун, А.Г. Смирнова, М.Ф. Гатско, В.С. Пирумов, М.Е. Панов, А.А. Варфоломеев, А.Б. Логунов, М.Ю. Зеленков, В.Л. Манилов[2] ва чанде дигарон аҳамияти зиёди илмию назариявӣ доранд.

---

[1] Сунь Цзы. Искусство войны [Текст] / Пер. с англ. М.Михайлова. –М.: АСТ, 2019. – 160 с.; Аристотель. Политика [Текст] / Пер. с древнегреч. С. Жебелева. –М.: Эксмо, 2018. – 384 с.; Фукидид. История [Текст] / Пер. с греч. Ф.Г. Мищенко и С.А.Жебелева. –СПб.: Наука, 1999. – 590 с.; Бэкон, Ф. Сочинения в двух томах. Т.2. [Текст] / Пер. с англ. –М.: Мысль, 1972. – 582 с.; Макиавелли, Н. Государь. О военном искусстве [Текст] / Пер. с итал. Г.Муравьевой. –М.: АСТ, 2019. –416 с.; Смит, А. Исследование о природе и причинах богатства народов [Текст] / Пер. с англ. –М.: Эксмо, 2020. – 1056 с.; Вебер, М. Власть и политика [Текст] / Пер. с нем. Б.М. Скуратова и А.Ф. Филиппова. –М.: РИПОЛ классик, 2017. – 480 с.; Хосе Ортега-и-Гассет. Восстание масс [Текст] / Пер. с исп. –М.: АСТ, 2017. – 256 с.; Клаузевиц, К. Принципы ведения войны [Текст] / Пер. с англ. Л.А. Игоревского. – М.: Центрполиграф, 2009. –220 с.; Лебон, Г. Психология народов и масс [Текст] / Пер. с фр. –М.: АСТ, 2019. – 384 с.; Маркс К., Энгельс Ф. Манифест коммунистической партии: принципы коммунизма [Текст] / Пер. с немец. –М.: Эксмо, 2022. – 320 с.; Ленин, В.И. Полное собрание сочинений. Издание 5-е. Т.26 [Текст]. –М.: Издательство политической литературы, 1969. –590 с.; Троцкий, Л.Д. История русской революции: В 2 томах. Т.2: Октябрьская революция. Ч.2. [Текст]. –М.: ТЕРРА, 1997. –400 с.

[2] Wolfers, A. "National Security" as an Ambiguous Symbol // Political Science Quarterly. – 1952. – Vol. 67. – No. 4. – P.481-502.; Cohen, R. Threat Perception in International Crisis // Political Science Quarterly. – 1978. – Vol. 93. – No.1 – P. 93-107.; Cohen, R. Threat Perception in International Crisis. – Madison: The University of Wisconsin Press, 1979. – 229 p.; Milburn T.W., Watman K.H. On the Nature of Threat: A Social Psychological Analysis. – New York: Praeger, 1981. –148 p.; Buzan, B. People, States and Fear: the national security problem in international relations. – Boulder: Wheatsheaf book, 1983. – 262 p.; Krahmann, E. From State to Non-State Actors: the Emergence of Security Governance // New Threats and New Actors in International Security / ed. by E. Krahmann. – New York, 2005. – P.3-22.; Walt, S.M. The Origins of Alliances. – Ithaca: Cornell University Press, 1987. –338 p.; Walt, S.M. Alliance Formation and the Balance of World Power // International Security. – 1985. – №4. –P3-

Ин гурӯҳи олимон кӯшиш намудаанд, ки дар заминаи методологияи таҳқиқоти худ модели ташаккулёбии таҳдидҳоро муайян созанд ва дар заминаи он роҳу усулҳои пешгирӣ кардани онҳоро дарёфт кунанд. Дар корҳои илмию таҳқиқотии олимони мазкур сохтори мураккаби таҳдидҳо ва унсурҳои таркибии онҳо, аз ҷумла субъекти таҳдид, объекти таҳдид, марҳилаҳои гуногуни ташаккулёбӣ ва пайдоиши таҳдид, оқибатҳои ногувори таҳдидҳо, шинохти таҳдидҳо, сарчашмаҳои пайдоиши таҳдидҳо, ҷойгоҳи таҳдиду хатарҳо дар низоми амнияти миллӣ, алоқамандии таҳдид бо манфиатҳои миллии кишвар, навъҳои гуногуни таҳдид ва ғ. ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Олимони мазкур таҳдидро зуҳуроте медонанд, ки аз ҷониби субъектҳои мушаххас дар муқобили субъектҳои дигар ҳадафмандона ташкил карда мешавад.

**Гурӯҳи сеюмро** асарҳое ташкил медиҳанд, ки дар онҳо нишонаҳо, хусусиятҳои хос ва сарчашмаҳои пайдоиши таҳдидҳои замони муосир таҳқиқ гардидаанд. Дар асарҳои илмию таҳқиқотии У.Бек, Б. Бузан, О. Вейвер, Ҷ.Д. Вилд, М. Наим, С. Хантингтон, Ф. Фукуяма, Ҷ. Най, К. Шваб, М.Н. Маҳдӣ, Б.П. Паул, Ҷ. Эриксон, И. Норин, Р. Сиҷустед, Е. Гауфман, Р.М. Юсупов, Е.В. Балатский, Р. Триведи, А.Г. Дугин[1] ва дигарон

43.; Walt, S.M. The renaissance of security studies // International Studies Quarterly. – 1991. – Vol. 35. –№ 2. – P.211-239.; Brown, N. Climate, Ecology and International Security // Survival. –1989. – Vol.31. –№6. –P.519-532.; Смирнова, А.Г. Механизмы конструирования политическими лидерами внешней угрозы в межгосударственных отношениях [Текст] / А.Г. Смирнова. – Ярославль: ЯрГУ, 2016. – 420 с.; Гацко, М.Ф. О соотношении понятий «угроза» и «опасность» [Электронный ресурс]. – URL: http://old.nasledie.ru/oboz/N07_97/7_06.HTM (дата обращения: 20.07.2019 г.); Пирумов, В.С. Некоторые аспекты методологии исследования проблем национальной безопасности России в современных условиях [Текст] / В.С. Пирумов // Геополитика и безопасность. – 1993. – №1. – С.6-15.; Панов, М.Е. К вопросу о методологических основах оценки безопасности [Текст] / М.Е. Панов // Геополитика и безопасность. –1995. –№3. –С.31-45.; Варфоломеев, А.А. Негосударственные угрозы международной безопасности [Текст] / А.А. Варфоломеев // Право и безопасность. – 2012. – №3-4 (43). –С.51-55.; Логунов, А.Б. Региональная и национальная безопасность [Текст] / А.Б. Логунов. –М.: Вузовский учебник, 2009. 432 с.; Зеленков, М.Ю. Основы теории национальной безопасности [Текст] / М.Ю. Зеленков. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2015. –253 с.; Зеленков, М.Ю. Опасность, угроза – базовые категории теории национальной безопасности [Текст] / М.Ю. Зеленков // Национальная безопасность. – 2015. –№1 (36). –С.32-47.; Манилов, В.Л. Угрозы национальной безопасности России [Текст] / В.Л. Манилов // Военная мысль. – 1996. – №1. –С.7-17.

[1] Бек, У. Общество риска. На пути к другому модерну [Текст] / Пер. с нем. –М.: Прогресс-Традиция, 2000. –348 с.; Buzan B., Wæver O., Wilde J. D. Security: A New Framework for Analysis. –London: Lynne Rienner Publishers, 1998. – 238 p.; Наим, М. Конец власти. От залов заседаний до

сарчашмаҳои пайдоиши таҳдидҳои замони муосир, хусусиятҳои ин навъи таҳдидҳо ва эҳтимоли зиёд шудани шумораи онҳо нишон дода шудаанд. Дар таҳқиқоти олимони мазкур дигаргуниҳои сохтории ҷаҳони муосир ва пешрафти илмию технологӣ ҳамчун омили бавуҷудоварандаи таҳдидҳои замони муосир дониста мешаванд. Аз ҷумла, бархӯрди тамаддунҳо, зиёдшавии ниҳодҳои фаромиллӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ, рушди ТИИ, пайдоиш ва тавсеаи интернет, зиёдшавии корбарони шабакаи интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ, зеҳни сунъӣ, рушди илмҳои микробиология, генетика ва муҳандисии генетикӣ, инқилоби чоруми саноатӣ, роботикунонӣ ва ғ. ҳамчун заминаи пайдоиши таҳдидҳои замони муосир муаррифӣ шудаанд.

**Гурӯҳи чорумро** асарҳое ташкил менамоянд, ки дар онҳо навъҳои гуногуни таҳдид, аз ҷумла таҳдидҳои дохилию беруна, шаклҳои мушаххаси таҳдид, аз қабили инқилобҳои ранга, терроризм, экстремизм, кибертерроризм, ҷангҳои иттилоотӣ ва монанди инҳо таҳқиқ гардидаанд.

---

полей сражений, от церкви до государства. Почему управлять сегодня нужно иначе [Текст] / Пер. с англ. – М.: АСТ, 2016. – 512 с.; Хантингтон, С. Столкновение цивилизаций [Текст] / Пер. с англ. – М.: АСТ, 2017. – 576 с.; Хантингтон, С. Политический порядок в меняющихся обществах [Текст] / Пер. с англ. – М.: Прогресс-Традиция, 2004. –480 с.; Фукуяма, Ф. Идентичность. Стремление к признанию и политика неприятия [Текст] / Пер. с англ. А.Соловьева. – М.: Альпина Паблишер, 2019. – 256 с.; Фукуяма, Ф. Наше постчеловеческое будущее: последствия биотехнологической революции [Текст] / Пер. с англ. М.Б. Левина. – М.: АСТ, 2004. – 349 с.; Фукуяма, Ф. Америка на распутье: Демократия, власть и неоконсервативное наследие [Текст] / Пер. с англ. – М.: АСТ, 2008. – 282 с.; Фукуяма, Ф. Государственный порядок: научно-популярное издание [Текст] / Пер. с англ. В.Л. Гончарова. –М.: АСТ, 2015. –688 с.; Най, Дж. Будущее власти. Как стратегия умной силы меняет XXI век [Текст] / Пер. с англ. –М.: АСТ, 2014. – 444 с.; Nye J.S., Lynn-Jones S. International Security Studies: A Report of A Conference on the State of the Field // International Security. – 1988. – Vol.12. – P.5-27.; Шваб, К. Четвертая промышленная революция [Текст] / Пер. с англ. – М.: Эксмо, 2020. – 288 с.; Mahdi, M.N. Old and New Threats: The Changing Nature of International Security // Journal of Law, Development and Politics. – 2009. – Vol.1. – No 2. – P.1-20.; Paul B. Stares. The New Security Agenda: A Global Survey. – Tokyo: Japan Center for International Exchange, 1998. – 332 p.; Eriksson J., Noreen E. Setting the Agenda of Threats: An Explanatory Model. – Uppsala: Uppsala University, 2002. – 26 p.; Sijusted, R. Talking Threats. The Social Construction of National Security in Russia and the United States. PhD diss., Uppsala University, 2010. –180 p.; Gaufman, E. Security Threats and Public Perception. Digital Russia and the Ukraine Crisis. – Cham: Palgrave Macmillan, 2017. –230 p.; Юсупов, Р.М. Наука и национальная безопасность. 2-е изд., перераб. и доп. [Текст] / Р.М. Юсупов. – СПб.: Наука, 2011. – 296 с.; Балацкий, Е.В. Глобальные вызовы четвертой промышленной революции [Текст] / Е.В. Балацкий // Terra Economicus. – 2019. – №17 (2). –С.6-22.; Триведи, Р. Нетрадиционные угрозы безопасности в Центральной Азии с точки зрения сравнительной региональной перспективы [Текст] / Р. Триведи // Сравнительная политика. – 2011. –№ 4. –С.109-123.; Дугин, А.Г. Философия войны [Текст] / А.Г. Дугин. –М.: Яуза, 2004. –256 с.

Дар байни онҳо асарҳои илмии Р.И. Балбек, О.Г. Карпович, А.В. Манойло, И.К. Адизес, Э. Лютвак, Ҷ. Шарп, С. Завриев, Кай Фу Ли, Б. Гейтс, С. Томас, Э. Шмидт, Ю.Н. Харари, Р. Блэквилл, М.Х. Ҷеннифер, Э.Х. Хобсбаум, Д. Бойд, Д. Даймонд, Д.В. Тренин, О.А. Матвейчев, Г.Ю. Филимонов, Л.Е. Гринин ва А.Л. Гринин[1] хеле арзишманд мебошанд. Дар асарҳои олимони рус Р.И. Балбек, О.Г. Карпович ва А.В. Манойло роҳу усулҳои аз байн бурдани суботи сиёсӣ, таҳдиду хатари ҳуҷумҳои иттилоотӣ, ташкил намудани бетартибиҳои сиёсӣ, ба вуҷуд овардани инқилобҳои ранга ва ғ. таҳқиқ гардидаанд. Масъалаҳои мазкур дар таҳқиқоти илмии Д.В. Тренин, О.А. Матвейчев, Г.Ю. Филимонов, Л.Е. Гринин ва А.Л. Гринин низ

[1] Бальбек, Р.И. Технологии обеспечения политической стабильности в условиях внешних дестабилизирующих влияний (на примере Республики Крым) [Текст]: дис. … канд. полит. наук: 23.00.02 / Р.И. Бальбек. –М., 2019. –318 с.; Карпович, О.Г. Цветные революции. Теория и практика демонтажа современных политических режимов [Текст] / О.Г. Карпович, А.В. Манойло. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2015. –111 с.; Манойло, А.В. Роль СМИ в разжигании политических конфликтов: теория и практика информационных войн [Текст] / А.В. Манойло // Геополитический журнал. –2016. –№3 (15). –С.3-8.; Манойло, А.М. «Мягкая сила» террористов [Текст] / А.В. Манойло // Россия и мусульманский мир. – 2017. –№3 (297). – С.137-149.; Адизес, И.К. Новые размышления о политике [Текст] / Пер. с англ. Н.Постриган. –М.: Манн, Иванов и Фербер, 2017. –256 с.; Лютвак, Э. Государственный переворот. Практическое пособие [Текст] / Пер. с англ. –М.: Русский Фонд содействия образованию и науке, 2012. –326 с.; Шарп, Д. От диктатуры к демократии: Стратегия и тактика освобождения. 2-е изд. [Текст] / Пер. с англ. –М.: Новое издательство, 2012. –84 с.; Завриев, С. Синтетическая биология – современные вызовы и проблемы биобезопасности [Текст] / С. Завриев, И. Шемякин // Мировая экономика и международные отношения. – 2019. –Т.63. –№12. –С.77-83.; Завриев, С. Потенциальные угрозы в сфере сельскохозяственной и продовольственной безопасности [Текст] / С. Завриев, А. Игнатов // Мировая экономика и международные отношения. – 2020. –Т.64. –№7. –С.100-107.; Кай Фу Ли. Сверхдержавы искусственного интеллекта. Китай, Кремниевая долина и новый мировой порядок [Текст] / Пер. с англ. Н.Константиновой. –М.: Манн, Иванов и Фербер, 2019. – 240 с.; Гейтс, Б. Как нам избежать климатической катастрофы. Решения, которые у нас есть. Прорывы, которые нам нужны [Текст] / Пер. с англ. –М.: Манн, Иванов и Фербер, 2021. –335 с.; Томас, С. Цифровая трансформация. Как выжить и преуспеть в новую эпоху [Текст] / Пер. с англ. –М.: Манн, Иванов и Фербер, 2021. –256 с.; Шмидт, Э. Новый цифровой мир. Как технологии меняют жизнь людей, модели бизнеса и понятие государств [Текст] / Пер. с англ. –М.: Манн, Иванов и Фербер, 2013. –368 с.; Харари, Ю.Н. 21 урок для XXI века [Текст] / Пер. с англ. Ю.Гольдберга. –М.: Синдбад, 2020. –416 с.; Блэквил Р., Дженнифер М.Х. Война иными средствами [Текст] / Пер. с англ. В.Желнинова. – М.: Изд-во «АСТ», 2017. – 480 с.; Хобсбаум, Э.Х. Век революции. Европа 1789-1848 [Текст] / Э.Х. Хобсбаум. – Ростов н/Д: Феникс, 1999. – 480 с.; Бойд, Д. Все сложно. Жизнь подростков в социальных сетях [Текст] / Пер. с англ. –М.: Издательский дом Высшей школы экономики, 2020. –352 с.; Даймонд, Д. Кризис. Каков механизм преодоления кризиса? [Текст] / Пер. с англ. –М.: АСТ, 2020. –544 с.; Тренин, Д.В. Россия и мир в XXI веке [Текст] / Д.В. Тренин. –М.: Эксмо, 2015. –384 с.; Матвейчев, О.А. Информационные войны XXI века. «Мягкая сила» против атомной бомбы [Текст] / О.А. Матвейчев. –М.: Книжный мир, 2016. –350 с.; Филимонов, Г.Ю. Технологии «мягкой» силы на вооружении США: ответ России [Текст] / Г.Ю. Филимонов, О.Г. Карпович, А.В. Манойло. –М.: РУДН, 2015. –581 с.; Гринин, Л.Е. Революции XX века: теоретический и количественный анализ [Текст] / Л.Е. Гринин, А.Л. Гринин // Полис. Политические исследования. –2020. –№5. –С.130-147.

бо диди нав таҳлилу баррасӣ шудаанд. Дар асарҳои олимони аврупоӣ Э.Х. Хобсбаум, Д. Бойд ва Д. Даймонд сабабҳои ба амал омадани бетартибиҳои сиёсӣ, зиёд шудани бухронҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва таъсири манфии шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ба афкори ҷамъиятӣ муайян карда шудаанд. Дар корҳои илмию таҳқиқотии Кай Фу Ли, Б. Гейтс, С. Томас, Э. Шмидт, Ю. Н. Харари, Р. Блэквилл ва М.Х. Ҷеннифер пайдоиши таҳдиду хатарҳо дар шароити рушди технологияҳои иттилоотӣ, оқибатҳои ногувори рушди технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ, тағйирёбии иқлим, бо роҳу усулҳои нав ба амал баровардани ҷангу низоъҳо бо назардошти дигаргуниҳои солҳои охир ояндабинӣ мешаванд.

**Гурӯҳи панҷумро** асарҳои илмию таҳқиқотии олимони ватанӣ ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқоти олимони ватанӣ масъалаҳои гуногуни таҳдидҳои замони муосир, аз ҷумла, таҳдиду хатари экстремизми сиёсӣ, терроризм ва радикализми динӣ, ҷангҳои иттилоотӣ, таҳдидҳои идеологӣ ва ғ. омӯхта шудаанд. Асарҳои илмию таҳқиқотии А.Н. Муҳаммад, Г.Н. Зокиров, С. Ятимов, С.И. Шарипов, М.У. Хидирзода, Р.Ҷ. Ҳайдаров, Н.Д. Маҳмадизода, А.И. Муминов, Қ. Нурулҳақов, А.Ғ. Холиқзода, А.Ё. Комилбек, Зоҳидов О.Ҳ.[1] ва дигарон дар таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни

[1] Махмадов, А. Таджикистан: специфика новых угроз стабильности и пути их предотвращения [Текст] / А. Махмадов, М. Хидирова // Россия и мусульманский мир. – 2006. – № 5. – С. 82-90.; Махмадов, А.Н. "Исламское государство" - нарастающая угроза в центральноазиатском регионе [Текст] / А.Н. Махмадов, Л.Л. Хоперская // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. – 2018. – № 1. – С. 65-74.; Мухаммад, А.Н. Религиозно-политический экстремизм как фактор угрозы региональной безопасности [Текст] / А.Н. Мухаммад, Ю.А. Рахмон // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. – 2017. – № 4. – С. 115-120.; Муҳаммад, А.Н. Амнияти миллӣ [Матн] / А.Н. Муҳаммад, Х.Қ. Сафарализода. –Душанбе: Империал-групп, 2019. – 226 с.; Махмадов, А.Н. Национальный интерес Таджикистана (Методическое руководство) [Текст] / А.Н. Махмадов, И.К. Асадуллаев. – Душанбе: ООО «Авесто», 2009. –92 с.; Зокиров, Г.Н. Терроризм [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2004. – 53 с.; Зокиров, Г.Н. Зӯроварии сиёсӣ [Матн] / Г. Н. Зокиров. – Душанбе: «Эр-граф», 2018. – 132 с.; Ятимов, С. Таҳлили стратегӣ ва ояндабинии сиёсӣ [Матн] / С. Ятимов. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2015. – 144 с.; Ятимов, С. Идеология ва манфиатҳои миллӣ [Матн] / С. Ятимов. –Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2015. –192 с.; Ятимов, С. Илм ва амният [Матн] / С. Ятимов. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – 192 с.; Ятимов, С. Хирадсолорӣ ва оини давлатдорӣ [Матн] / С. Ятимов. –Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – 208 с.; Ятимов, С. Адабиёт ва диалектикаи ҳаёт [Матн] / С. Ятимов. –Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – 248 с.; Шарипов, С.И. Угрозы и вызовы центральноазиатского региона в новом контексте геополитических реалий [Текст] / С.И. Шарипов // Политические процессы в таджикском обществе (сборник статей 1998-2011 гг.). –

таҳдидҳои замони муосир аҳамияти зиёди илмию назариявӣ доранд. Дар таҳқиқоти илмии пажӯҳишгарони ватанӣ таъсири таҳдиду хатарҳои мавҷуда ба истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохти конститутсионии давлат, ваҳдати миллӣ, амнияти миллӣ, фазои иттилоотию идеологии кишвар нишон дода шудаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи иҷроиши мавзуи корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Тоҷикистон дар раванди дигаргуниҳои сиёсии ҷомеа ва таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ» (барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025) анҷом дода шудааст. Инчунин диссертатсияи мазкур аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ бо мавзуъҳои пешбининамудаи Қарори Ҳукумати

---

Душанбе: ЦСИ при Президенте РТ, 2011. – С.314-320.; Шарипов, С.И. Международный имидж Таджикистана под угрозой // Политические процессы в таджикском обществе (сборник статей 1998-2011 гг.) [Текст] / С.И. Шарипов. –Душанбе: ЦСИ при Президенте РТ, 2011. – С.63-69.; Хидирзода, М.У. Ҷанбаи аксиологӣ дар омӯзиши масъалаҳои амнияти миллӣ [Матн] / М.У. Хидирзода. – Душанбе, 2020. - 100 с.; Хидирзода, М.У. Амнияти идеологӣ ва моҳияти он дар замони ҷаҳонишавӣ (таҳлили фалсафи сиёсӣ) [Матн] / М.У. Хидирзода. –Душанбе: Дониш, 2024. –202 с.; Хайдаров Р.Дж. Цифровизация общества как ключевой фактор обеспечения кибербезопасности государств в период глобализации [Текст] / Р.Дж. Хайдаров // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова НАНТ. – 2022. – № 1. – С. 98-103.; Хайдаров Р.Дж. Религиозно-экстремистские группировки как инструмент достижения геополитических целей запада в Центральной Азии [Текст] / Р.Дж. Хайдаров // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова НАНТ. – 2022. – № 2. – С. 128-133.; Махмадиев, Н.Д. Социальные корни религиозного экстремизма в Таджикистане [Текст] / Н.Д.Махмадиев. – Душанбе, 2013 – 167 с.; Маҳмадизода, Н.Д. Омилҳои иҷтимоии экстремизми динӣ-сиёсӣ дар Тоҷикистон. Монография [Матн] / Н.Д.Маҳмадизода. - Душанбе, 2019 - 240 с.; Муминов, А.И. Религиозный экстремизм в контексте социальных изменений [Текст]: дис. … д-ра филос. наук: 09.00.11 / А.И. Муминов. – Душанбе, 2017. – 294 с.; Нурулҳақов, Қ. Салафиягароии ифротӣ: моҳият ва таҳдиду хатарҳои он [Матн] / Қ. Нурулҳақов. –Душанбе, 2018. – 94 с.; Холиқзода, А.Ғ. Ҷавонон ва амнияти иттилоотӣ. Монография [Матн] / А.Ғ. Холиқзода ва диг. – Душанбе: Маориф, 2019. –240 с.; Холиқзода, А.Ғ. Муқовимат бо терроризм ва экстремизим [Матн] / А.Ғ. Холиқзода ва диг. – Душанбе, 2022. –440 с.; Холиқзода, А.Ғ. Дин ва ифрот: зиддият ва ҳамоиш. Монография [Матн] / А.Ғ. Холиқзода ва диг. – Душанбе: «Эр-граф», 2024. – 308 с.; Комилбек, А.Ё. Ташаккули таҷрибаи байналмилалӣ дар масъалаи танзими киберсиёсат [Матн] / А.Ё. Комилбек, М.У. Хидирзода // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – № 3 (52). – С. 195-203.; Комилбек, А.Ё. Киберсиёсат: мазмун, моҳият ва хусусиятҳои он [Матн] / А.Ё. Комилбек, М.У. Хидирзода // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2021. – № 2 (74). – С. 63-71.; Захидов, О.Х. Особенность государственного лоббизма в политике / О.Х. Захидов // Вестник Таджикского национального университета. – 2023. – № 4. – С. 112-125.; Захидов, О.Х. Мировой треугольник и американская гегемония в современной международной политике [Текст] / О.Х. Захидов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. – 2017. – № 3 (72). –С.141-151.; Зоҳидов, О.Ҳ. Таърихи сиёсии тоҷикон: таҳлили консепсияҳо [Матн] / О.Ҳ. Зоҳидов. Нашри дуюми такмилёфта. – Хуҷанд: Андеша, 2016. – 224 с.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, таҳти № 503 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» мувофиқат менамояд. Дар қарори мазкур «манфиатҳои муҳимми миллӣ», «амнияти иттилоотӣ», «таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ», «кибертерроризм», «экстремизми динӣ ва терроризм», «киберҷиноятҳо» ва ғ. барои таҳқиқ пешбинӣ гардидаанд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** – муайян кардани сабабҳои пайдоиши таҳдидҳои замони муосир ва нишон додани таъсири онҳо ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Барои амалӣ гардонидани мақсади таҳқиқот ва дарёфти роҳу усулҳои коҳиш додани зарару зиёни ин гуна таҳдидҳо иҷроиши **вазифаҳои зерин** пеш гузошта шудаанд.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

– омӯзиши ҷанбаҳои назариявию консептуалии сатҳи пажӯҳиши таҳдидҳо ва дар ин замина нишон додани хусусиятҳои муҳимми ташаккулёбии таҳдидҳои замони муосир;

– дар асоси омӯзиши алоқамандӣ, тафовутҳои байниҳамдигарӣ ва нишонаҳои фарқкунандаи хавф, хатар ва таҳдид муайян кардани умумият ва махсусияти онҳо;

– пажӯҳиши шаклҳои зоҳиршавии таҳдидҳои замони муосир ва нишон додани хусусиятҳои муҳимми онҳо;

– дар заминаи таҳлилу баррасии назария ва консепсияҳои илмӣ асоснок намудани зарурати таҳдидшиносӣ дар низоми идоракунии давлатӣ;

– асоснок кардани пайдоиши таҳдидҳои беруна дар раванди бархӯрди манфиатҳои миллию геополитикӣ ва нишон додани амалкардҳои тахрибии як гурӯҳ давлатҳо дар ҳудудҳои давлатҳои дигар;

– муайян кардани сабабҳо ва заминаҳои пайдоиши таҳдидҳои дохилӣ дар шароити тағйирпазирии ҷомеа ва нишон додани оқибатҳои ногувори онҳо барои дурнамои рушди мамлакат;

– асоснок намудани пайдоиши таҳдиду хатарҳо дар шароити пешрафти илмию техникӣ ва пешниҳод кардани тавсияҳои амалӣ барои пешгирии оқибатҳои манфии онҳо;

– таҳқиқи пайдоиши таҳдидҳои замони муосир дар шароити рушди василаҳои иттилоотию иртиботӣ ва муайян кардани роҳу усулҳои пешгирӣ кардани оқибатҳои манфии онҳо;

– муайян кардани нақш ва мавқеи «неруи нарм» ва «неруи ҳушманд» дар низоми амнияти миллӣ, нишон додани хавфу хатари истифодаи онҳо аз ҷониби субъектҳои хориҷӣ;

– таҳқиқи сабабҳо ва омилҳои бавуҷудоварандаи инқилобҳои ранга ва нишон додани хавфу хатари онҳо ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муайян кардани хавфу хатари шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ва нишон додани таъсири онҳо ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳлили ҷанбаҳои гуногуни амнияти идеологии кишвар ва дар ин замина ошкор намудани шаклҳои зоҳиршавии таҳдидҳои идеологӣ ҳамчун омили халалдоркунандаи суботи сиёсии ҷомеа;

– нишон додани нақш ва мавқеи таъмини амнияти идеологӣ дар ҳифзи суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муайян кардани таҳдиду хатари терроризм, радикализми динӣ ва экстремизми сиёсӣ дар марҳилаи кунунии давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нишон додани сабабҳои пайдоиши онҳо.

**Объекти таҳқиқот** – таҳдидҳои замони муосир ҳамчун омили халалдоркунандаи суботи сиёсии ҷомеа мебошад.

**Предмети таҳқиқот** – хусусиятҳои раванди пайдоиши таҳдидҳои замони муосир ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Таҳдидҳои замони муосир бо номуайянии худ дар шакли хавфҳо ва таҳдидҳои ғайрианъанавӣ зоҳир мешаванд. Бинобар ин, онҳо ба омӯзиш ва пажӯҳиши доимӣ ниёз доранд. Барои оне, ки оқибатҳои ногувори таҳдидҳои замони муосир пешгирӣ гардида, зарару зиёни онҳо коҳиш дода шаванд, дар навбати аввал зарур аст, ки сарчашмаи пайдоиш ва табиати онҳо муайян карда шаванд. Субъекти таъмини амният замоне метавонад дар самти мубориза бо таҳдидҳои воқеӣ ва пешгирии таҳдидҳои эҳтимолӣ муваффақият ба даст орад, ки агар дар бораи сарчашмаи пайдоиш ва табиати ин гуна таҳдидҳо маълумот ва иттилооти кофӣ дошта бошад. Ғайр аз ин, дар шароити имрӯза дар баробари

намояндагони ҳокимияти давлатӣ бояд шаҳрвандони қаторӣ низ дар бораи таҳдидҳо маълумоти кофӣ дошта бошанд. Мубориза бо таҳдид замоне натиҷаи дилхоҳ медиҳад, ки агар сокинони кишвар мавҷудияти таҳдидҳои замони муосирро дарк намуда, оқибатҳои манфии онҳоро эътироф карда бошанд. Аз ин рӯ, мафкурасозӣ ва пешбурди фаъолияти идеологӣ дар мувофиқа бо сохти конститутсионии давлат бояд дар сатҳи баланд ба роҳ монда шавад. Дар ин раванд ҳамаи ниҳодҳои давлатию ҷамъиятӣ вобаста ба нақши иҷтимоии худ вазифаҳои идеологии хешро бояд дар сатҳи зарурӣ иҷро намоянд. Агар як ниҳод аз ӯҳдаи иҷроиши вазифаҳои идеологии худ набарояд ва кори онро ниҳодҳои дигар анҷом диҳанд, раванди мафкурасозӣ халалдор шуда, суботи сиёсӣ осебпазир мегардад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқоти мазкур солҳои 2018-2023 дар кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон гузаронида шудааст. Дар таҳқиқот дигаргуниҳои се даҳсолаи охир ҳамчун заминаи пайдоиши таҳдиду хатарҳои нав интихоб гардидааст. Баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва анҷомёбии ҷанги сард тавозуни қувваҳои ҷаҳонӣ тағйир ёфта, дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ низ дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал меоянд. Яку якбора афзоиш ёфтани низоъҳои этникӣ, ҷангҳои шаҳрвандӣ, инқилобҳои ранга ва бетартибиҳои сиёсӣ, пайдоиши терроризм, радикализми динӣ, экстремизми сиёсӣ, ҷангҳои иттилоотӣ ва ғ. хоси ин давраи таърихӣ мебошанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чунин шароити мураккаб истиқлолияти давлатӣ ба даст овард ва дар як муддати кутоҳ ба ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда асри XXI ба таърихи инсоният ҳамчун асри пурфоҷеа ворид шуд. Тули ду даҳсолаи охир фаъолияти тахрибии ташкилотҳои террористию экстремистӣ, шомил гардидани ҷавонон ба сафи онҳо, анҷом додани ҳуҷумҳои иттилоотӣ, назарфиребии сиёсӣ ва монанди инҳо ба амнияти миллии Ҷумҳури Тоҷикистон мустақиман таҳдид намуда истодаанд. Таҳдидҳои замони муосир аз таҳдидҳои даҳсолаҳои қаблӣ аз рӯйи як қатор хусусиятҳои худ

фарқ менамоянд ва чунин тафовут дар таҳқиқот ба таври муфассал таҳлил гардидаанд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро,** пеш аз ҳама, осори мутафаккирони давраҳои гуногуни таърихӣ ташкил менамоянд. Аз ҷумла, андешаҳои илмию фалсафии Сун Тзи, Арасту, Фукидид, Ф. Бэкон, Н. Макиавелли, А. Смит, М. Вебер, Хосе Ортега-и-Гассет, К. Клаузевитс, Г. Лебон, К. Маркс, Ф. Энгелс, В.И. Ленин, Л.Д. Тротский ва чанде дигарон барои шарҳу тавзеҳи мазмуни классикии таҳдид хеле мувофиқанд. Инчунин барои коркарди ҷанбаҳои назариявию методологии омӯзиши таҳдидҳо ва бахусус барои нишон додани хусуситҳои бевоситаи таҳдидҳои замони муосир асарҳои илмию таҳқиқотии олимони хориҷию ватанӣ истифода бурда шудаанд. Дар диссертатсия зимни таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию методологии мавзуъ назарияҳои «тавозуни таҳдидҳо», «секюритизатсия», «неруи нарм», «неруи ҳушманд», «бархӯрди тамаддунҳо», «инқилоби чоруми саноатӣ», консепсияҳои илмии «гармонизатсияи манфиатҳои миллӣ», «бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ», «симои бегонагон» ва ғ. истифода гардидаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар раванди пажӯҳиши мавзуъ методҳои илмии таҳлили системавӣ, таҳлили муқоисавӣ, методи диалектикӣ, методи аналогия, таҳлили омилҳои бавуҷудоварандаи таҳдид, таҳлили субъектҳои таҳдид, методи типологӣ, таҳлили эволютсионӣ, таҳлили мундариҷаи ҳуҷҷатҳои расмӣ ва расонаҳои хабарӣ (контент-анализ) истифода шудаанд. Таҳлили системавӣ имкон дод, ки таҳдид ҳамчун унсури таркибии системаи амнияти миллӣ нишон дода шавад ва алоқамандии он бо манфиатҳои миллӣ, низоми таъмини амният ва пешрафту тараққиёт муайян карда шаванд. Ҳамзамон тавассути таҳлили системавӣ унсурҳои таркибии таҳдид муайян карда шудааст. Дар заминаи методи муқоисавӣ як қатор таҳдидҳои замони муосир бо таҳдидҳои классикӣ муқоиса гардиданд. Аз ҷумла, инқилобҳои ранга бо инқилобҳои классикӣ, терроризми нав бо терроризми классикӣ ва ғ. Тавассути методи диалектикӣ сохтори мантиқии

таҳқиқот таҳия гардида, ногузир будани муборизаҳои сиёсӣ, зери таъсири манфиатҷӯиҳо пайдо гардидани таҳдидҳои нав, марҳила ба марҳила ба дигаргунӣ дучор шудани таҳдидҳо, зарурати ҷустуҷӯ намудану пайдо кардани роҳу усулҳои пешгирии таҳдидҳо исбот гардидаанд. Таҳлили омилҳои бавуҷудоварандаи таҳдид барои омӯзиши сарчашмаҳои пайдоиши таҳдидҳои дохилию беруна истифода бурда шуд. Инчунин зери таъсири як таҳдид пайдо гардидани таҳдидҳои дигар тавассути ин метод асоснок карда шудааст. Методи типологӣ барои боз ҳам хубтар намудани сохтори мантиқии таҳқиқот, нишон додани шаклҳои гуногуни таҳдид ва таҳия кардани таснифоти муаллиф хизмат намудааст. Таҳлили эволютсионӣ имкон дод, ки таҳаввулоти таҳдидҳо дар марҳилаҳои гуногуни даҳсолаҳои охир нишон дода шаванд ва пайдоиши таҳдидҳои замони муосир дар заминаи ин гуна тағйирот асоснок гарданд. Контент-анализ, ё худ таҳлили мундариҷаи ҳуҷҷатҳои расмӣ ва расонаҳои хабарӣ барои асоснок кардани мавҷудияти таҳдидҳои замони муосир истифода бурда шудааст.

**Пойгоҳи иттилоотии таҳқиқот.** Дар раванди гузаронидани таҳқиқот ва таҳияи диссертатсия якчанд гурӯҳи сарчашмаҳои иттилоотӣ мавриди омӯзиш ва истифодабарӣ қарор гирифтаанд. **Гурӯҳи якумро** ҳуҷҷатҳои расмӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, Стратегияи глобалии СММ оид ба мубориза бо терроризм, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо терроризм», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо экстремизм», Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020, Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва ғ. **Гурӯҳи дуюмро** асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Паёмҳои солона ва баромаду суханрониҳои Сарвари давлат ташкил медиҳанд.

**Гурӯҳи сеюмро** маводи сомонаҳои расмии расонаҳои хабарии ватанӣ ва хориҷӣ, оморҳои гуногун, таҳқиқоти сотсиологӣ ва ғ. ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бори аввал дар илмҳои сиёсии ватанӣ сарчашмаҳои пайдоиши таҳдидҳои замони муосир таҳқиқ гардида, таъсири онҳо ба суботи сиёсии кишвар ва амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудаанд. Дар диссертатсия натиҷаҳои зерин ҳамчун навгонии илмии таҳқиқот барои муҳокима пешниҳод шудаанд:

– дар заминаи таҳлилу омӯзиши адабиёти илмию назариявӣ хусусиятҳои муҳимми таҳдидҳои замони муосир нишон дода шуда, аз ҷониби муаллиф таснифоти нав ва таърифи ин зуҳурот пешниҳод гардидааст;

– дар асоси омӯзиши алоқамандӣ, тафовутҳои байниҳамдигарӣ ва нишонаҳои фарққунандаи хавф, хатар ва таҳдид умумият ва махсусияти онҳо муайян карда шудаанд;

– шаклҳои зоҳиршавии таҳдидҳо таҳқиқ гардида, хусусиятҳои муҳимми онҳо нишон дода шудаанд ва дар ин замина ҷиҳати хубтару беҳтар намудани татбиқи стратегияҳои давлатӣ хулосаҳои зарурӣ пешниҳод шудаанд;

– дар заминаи таҳлилу баррасии назария ва консепсияҳои илмӣ муҳиммияти таҳдидшиносӣ дар низоми идоракунии давлатӣ асоснок карда шуда, зарурияти шинохти таҳдидҳо дар низоми таъмини амнияти миллӣ нишон дода шудааст;

– пайдоиши таҳдидҳои беруна дар раванди бархӯрди манфиатҳои миллию геополитикӣ асоснок карда шуда, аз ҷониби як зумра давлатҳо дар ҳудудҳои давлати дигар ҳадафмандона ташкил гардидани инқилобҳои ранга, бетартибиҳои сиёсӣ, паҳн намудани ғояҳои радикализми динӣ, экстремизм ва терроризм нишон дода шудааст;

– сабабҳо ва заминаҳои пайдоиши таҳдидҳои дохилӣ дар шароити тағйирпазирии ҷомеа муайян карда шуда, бо назардошти дурнамои рушди

мамлакат оқибатҳои ногувори онҳо дар марҳилаи кунунии давлатдорӣ нишон дода шудаанд;

– пайдоиши таҳдиду хатарҳои замони муосир дар шароити пешрафти илмию техникӣ таҳлил гардида, барои пешгирии оқибатҳои манфии онҳо тавсияҳои амалӣ пешниҳод карда шудаанд;

– дар заминаи рушди василаҳои иттилоотию иртиботӣ ба вуҷуд омадани таҳдидҳои нав нишон дода шуда, роҳу усулҳои пешгирӣ кардани оқибатҳои манфии онҳо пешниҳод гардидаанд;

– нақш ва мавқеи «неруи нарм» ва «неруи ҳушманд» дар низоми амнияти миллӣ таҳқиқ гардида, аҳамияти он зимни татбиқи манфиатҳои миллӣ ва хавфу хатари истифодаи онҳо аз ҷониби субъектҳои хориҷӣ нишон дода шудаанд;

– сабабҳо ва омилҳои сар задани инқилобҳои ранга, роҳу усулҳои ба таври сунъӣ ташкил намудани онҳо ва оқибатҳои ҳузнангези ин воқеаҳо таҳқиқ гардида, таъсири чунин бетартибиҳо ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳу усулҳои пешгирии онҳо нишон дода шудаанд;

– дар заминаи таҳқиқи хавфу хатари шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ муайян карда шуд, ки онҳо дар хизмати киҳо қарор доранд ва истифодаи бемавриди онҳо бар зарари киҳо анҷом меёбад;

– ҷанбаҳои гуногуни таъмини амнияти идеологии давлати миллӣ дар шароити ҷомеаи пасошуравӣ таҳлил гардида, дар ин замина шаклҳои зоҳиршавии таҳдидҳои идеологӣ ҳамчун омили халалдор намудани суботи сиёсии ҷомеа нишон дода шудаанд;

– хусусиятҳои бевоситаи таъмини амнияти идеологӣ таҳқиқ гардида, нақш ва мавқеи он дар ҳифзи суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст;

– таҳдиду хатари радикализми динӣ, экстремизми сиёсӣ ва терроризм дар марҳилаи кунунии давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шуда, ҷиҳати пешгирии ин зуҳуроти номатлуб сабабҳои пайдоиши онҳо муайян карда шудаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**

1. Таҳдид нияти расонидани зарар, воситаи тағйир додани рафтори рақибон, монеа эҷод намудан дар самти амалишавии манфиатҳои миллии давлатҳои дигар ва ниҳоятан воситаи амалӣ кардани манфиатҳои миллию геополитикии субъекти мушаххас мебошад. Дар аксар маврид давлатҳои алоҳида ба сифати субъектҳои таҳдид баромад менамоянд ва дар миёни онҳо барои ба даст овардани манбаҳои ҳаётан муҳим ва мустаҳкам кардани мавқеи геополитикии худ рақобати шадид сурат мегирад. Дар баробари давлатҳо, инчунин иттиҳоди давлатҳо, созмонҳои байналхалқию минтақавӣ, ширкатҳои фаромиллӣ ва ҳатто ташкилотҳои террористию экстремистӣ низ метавонанд ба сифати субъектҳои таҳдид баромад кунанд. Таҳдидҳои замони муосир дорои як қатор нишонаҳои хос мебошанд: якум, онҳо дар шакли хавфҳо зоҳир мешаванд. Дуюм, дар шароити муосир субъекти таҳдид мақсадҳои стратегии худро ба таври ошкоро эълон намекунад ва кӯшиш менамояд, ки дигарон аз ҳадафҳои вай огоҳ набошанд. Сеюм, дар замони муосир объекти таҳдидҳо ба таври назаррас тағйир ёфтааст. Чорум, баъди анҷомёбии ҷанги сард ба мундариҷаи амнияти миллӣ дар баробари таҳдидҳои ҳарбӣ, инчунин таҳдидҳои ғайриҳарбӣ низ ворид шудаанд. Бинобар ин, барои шинохти таҳдидҳои замони муосир ва ҷиҳати пешгирии онҳо субъекти таъмини амният донишҳои нав, иттилооти зарурӣ ва маълумоти кофӣ бояд дошта бошад.

2. Хавф, хатар ва таҳдид бо ҳамдигар алоқамандии зич доранд. Аз як ҷониб хавф, изтироб ва таҳдид дараҷаҳои гуногуни хатар мебошанд. Таҳдид дараҷаи ниҳоии хатар аст. Хавфҳоро идора мекунанд, аммо таҳдидҳоро ё пешгирӣ мекунанд, ё дар муқобили онҳо мубориза мебаранд. Таҳдид ҳама вақт бо татбиқи манфиатҳои миллӣ алоқаманд аст. Ба ибораи дигар, дар раванди амалишавии манфиатҳои миллӣ монеа эҷод менамояд. Хавфҳо бошанд ҳамчун заминаи пайдоиши осебпазирии кишвар барои субъектҳои таҳдид ҷиҳати анҷом додани тахрибкорӣ имконияти мусоид фароҳам меоваранд. Аз ин рӯ, дар раванди таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзи суботи

сиёсӣ дар баробари таҳдидҳо, инчунин коҳиш додани зарару зиёни хавфҳо низ хеле муҳим аст. Дар илмҳои сиёсӣ хавфҳоро ҳамчун таҳдиди эҳтимолӣ донистан мумкин аст. Зеро таҳдидҳои замони муосир бо номуайянию ғайрианъанавӣ будани худ ба мисли хавфҳо зоҳир мегарданд.

3. Дар раванди мубориза бо таҳдидҳо ба инобат гирифтани шаклҳои зоҳиршавии онҳо зарур даниста мешавад. Зеро таҳдид ҳамчун зуҳуроти иҷтимоию сиёсӣ хеле мураккаб аст. Навъҳо ва шаклҳои зоҳиршавии таҳдидҳо аз мураккабии онҳо шаҳодат медиҳанд. То ба имрӯз чунин навъҳои таҳдидро мушоҳида кардан мумкин аст: таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ, бавосита ва бевосита, дохилӣ ва беруна, мақсаднок ва тасодуфӣ, таҳдидҳои соҳавӣ (иттилоотӣ, идеологӣ, технологӣ, экологӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ ва ғ.), таҳдидҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ. Таҳқиқи ин паҳлуи масъала нишон дод, ки таҳдидҳои соҳавӣ аз таҳдидҳои ба соҳаи муайян нигаронидашуда тафовут доранд. Масалан, «таҳдидҳои иттилоотӣ» аз «таҳдидҳо ба амнияти иттилоотӣ» фарқ менамоянд. Чунин таснифоти таҳдидҳо имкон медиҳад, ки таъмини амнияти соҳаҳои гуногун, бахусус таъмини суботи сиёсӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад.

4. Дар низоми донишҳои сиёсӣ масъалаи шинохти таҳдидҳо дар доираи назарияҳои гуногун анҷом дода шудаанд. Дар байни онҳо назарияи «тавозуни таҳдидҳо» (С.Уолт), назарияи «секюритизатсия» (Б.Бузан) ва назарияи «неруи нарм» (Ҷ.Най) мавқеи намоёнро ишғол кардаанд. Дар шароити ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ ва демократикунонии равандҳои сиёсӣ ба инобат гирифтани принсипҳои назарияи «секюритизатсия» хеле муҳим мебошад. Зеро айни замон шинохти таҳдидҳо ҳам барои роҳбарияти сиёсии кишвар, ки ба қабули қарорҳои муҳим машғуланд ва ҳам барои қишрҳои дигари ҷомеа, ки амалу рафтори худро бояд бо муқарраротӣ қонунҳо мутобиқ гардонанд, хеле зарур аст. Мубориза бо таҳдидҳои замони муосир он вақт натиҷаи дилхоҳ медиҳад, ки агар қишрҳои гуногуни ҷомеа оқибатҳои ногувори онҳоро дарк намуда бошанд.

5. Таҳдидҳои беруна дар натиҷаи бархӯрди манфиатҳои миллӣ ва геополитикии давлатҳои гуногун ба вуҷуд меоянд. Аз сабаби оне, ки давлатҳои олам дар марҳилаҳои гуногуни рушду инкишоф қарор доранд, манфиатҳои онҳо низ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Барои баъзе давлатҳо ҷанг манфиати миллист, ҳол он, ки аксари давлатҳо аз он дурӣ меҷӯянд. Барои аксари давлатҳо терроризми байналмилалӣ, радикализми динӣ, инқилобҳои ранга, бетартибиҳои сиёсӣ ҳамчун таҳдиди пуриқтидор маҳсуб меёбанд, аммо як гурӯҳ давлатҳо ин гуна воқеаву ҳодисаҳоро барои татбиқи ҳадафҳои геополитикии худ ташкил менамоянд. Аз ин рӯ, таҳдидҳои берунаро бо амалишавии ҳадафҳои стратегии давлатҳои абарқудрат дар ҳудудҳои давлатҳои дигар ва бо раванди амалишавии манфиатҳои геополитикии онҳо алоқаманд намудан мумкин аст.

6. Таҳкими пояҳои истиқлолияти давлатӣ ва таъмини амнияти миллӣ стратегияҳои дарозмуддате мебошанд, ки марҳила ба марҳила дар натиҷаи таъмини рушди соҳаҳои гуногуни ҷомеа ба амал меоянд. Бо ин мақсад давлату ҳукумат ҳадафҳои стратегӣ ва барномаҳои дарозмуддати сиёсиро қабул намуда, мехоҳанд дар амал татбиқ созанд. Аммо дар раванди татбиқи ҳадафҳои миллию стратегӣ монеаҳое пайдо мешаванд, ки ба равандҳои мазкур халал мерасонанд. Чунин монеаҳоро таҳдидҳои дохилӣ номидан мумкин аст. Радикализми динӣ, экстремизми сиёсӣ, хурофотпарастӣ, таассубгароӣ, тақлид ба фарҳанги бегона, таҳсили ғайриқонунии динӣ, ба доми экстремистон ва террористон афтодани ҷавонон, гардиши қайриқонунии маводи мухаддир, ҷинояту ҷинояткорӣ, дар давраи гузариш қарор доштани ҷомеа, фирори мағзҳо ва ғ. ба мушкилиҳои дохилӣ мисол шуда метавонанд. Сабабҳо ва сарчашмаҳои пайдоиши онҳо агар ба инобат гирифта шаванд, имкони аз байн бурдан, ҳадди аққал коҳиш додани онҳо мавҷуд аст.

7. Пешрафти илмию техникӣ аз як ҷониб барои рушди муназзами соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат намуда бошад, аз ҷониби дигар сабаби пайдоиши таҳдиду хатарҳои нав гардидаанд. Дастовардҳои навини илмҳои

микробиология, вирусология, генетика, зеҳни сунъӣ, инқилоби чоруми саноатӣ, роботикунонӣ ва ғ. аз ҷониби як қатор субъектҳо барои амалӣ гардонидани мақсадҳои ғаразноки онҳо истифода шуда истодаанд. Тули чанд даҳсолаи охир давлатҳои гуногун дар муқобили ҳамдигар аллакай яроқҳои химиявию биологиро истифода кардаанд. Дар баробари давлатҳо айни замон ташкилотҳои террористию экстремистӣ низ кӯшиш карда истодаанд, ки ба дастовардҳои илмию техникии замони муосир дастрасӣ пайдо намоянд. Зеҳни сунъӣ ва роботикунонӣ бошанд мушкилиҳои иҷтимоиро зиёд намуда истодаанд. Дар баробари ҳамаи ин пешрафти илмию техникӣ тағйирёбии иқлимро ба вуҷуд овардааст, ки таъсири манфии онро ҳамаи давлатҳои олам, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон низ эҳсос менамояд.

8. Рушди ТИИ ва бештар гардидани шумораи корбарони шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ аз як ҷониб боиси беҳтар шудани сиёсати иттилоотонӣ гардида бошад, аз ҷониби дигар таҳдиду хатарҳои зиёдро ба вуҷуд оварда истодаанд. Айни замон аз пешрафти технологияҳои иттилоотӣ ҳамаи давлатҳои олам зарару зиён дида истодаанд. Чунин мушкилиҳо, ба монанди рахна намудани системаҳои иттилоотӣ, дӯздидани иттилооти махфӣ, вайрон кардани фаъолияти муназзами инфрасохтори иттилоотии корхонаю муассисаҳо ва ҳуҷумҳои кибернетикӣ давлатҳои тараққикардаи оламро ба ташвиш овардааст. Аммо ҷангҳои иттилоотӣ, ҳуҷумҳои иттилоотӣ, таблиғи ғояҳои экстремистию радикалӣ тариқи шабакаҳои интернетӣ, терроризм ва экстремизми иттилоотӣ, иғвоангезӣ ва дурӯғпардозӣ аз ҳама бештар ба суботи сиёсии кишварҳои тозаистиқлол ва рӯ ба инкишоф таҳдид менамоянд.

9. Таъсири «неруи нарм» замоне эҳсос мешавад, ки агар субъекти он симои мароқангез ва ҷаззобият дошта бошад. «Неруи нарм» барои татбиқи ҳадафҳои стратегии субъектҳои гуногуни сиёсат ба таври васеъ истифода мегардад ва тавассути он ҷонибдорон, ҳаммаслакон ва ҳоводорон зиёд карда мешаванд. Ҳамзамон, «неруи нарм» яке аз унсурҳои муҳимтарини пешгирӣ

намудан ва мубориза бурдан бо таҳдидҳои замони муосир мебошад, ки онро барои ноком гардонидани душманон ва рақибон истифода бурдан мумкин аст. Аз ҷониби дигар, «неруи фаъол»-ро душманону бадхоҳон барои коҳиш додани имиҷи давлату ҳукумат чӣ дар дохил ва чӣ дар хориҷи кишвар истифода мекунанд. Ҳатто тавассути «неруи фаъол» ташкилотҳои террористию экстремистӣ шаҳрвандони кишварро дар муқобили сиёсати пешгирифтаи давлату ҳукумат равона месозанд. Дар чунин ҳолат хавфу хатари «неруи нарм» ва «неруи фаъол»-ро эҳсос кардан мумкин аст. Бо назардошти чунин вазъ ташаккул додани «неруи ҳушманд» зарур дониста мешавад.

10. Инқилобҳои рангае, ки тули ду даҳсолаи охир дар давлатҳои гуногуни олам ба амал омада истодаанд, аз инқилобҳои классикии асрҳои XIX ва XX аз рӯйи як хусусият фарқ мекунанд: инқилобҳои ранга бо дахолати неруҳои манфиатдори хориҷӣ тавассути ҷангҳои иттилоотию психологӣ дар кишвари мавриди назар ба таври сунъӣ ташкил карда мешаванд. Аз ин рӯ, алоқамандии онҳо бо терроризм ва экстремизм, неруи нарм, ҷангҳои иттилоотӣ ва ҳуҷумҳои иттилоотӣ, фондҳои ҷамъиятӣ ва кӯмакҳои хориҷӣ ба осонӣ эҳсос мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як зумра неруҳои тахрибкор, ҳизбу ҳаракатҳои экстремистию террористӣ, бахусус ТЭТ ҲНИ, «Гурӯҳи 24», «Паймони миллӣ» ва фаъолону мубаллиғони онҳо кӯшиш карда истодаанд, ки инқилоби ранга ташкил намоянд. Онҳо бо дастури сармоягузорони худ амал намуда, ҳамарӯза дар муқобили суботи сиёсии Тоҷикистон хуҷумҳои иттилоотию психологӣ анҷом медиҳанд.

11. Шабакаҳои иҷтимоӣ аз рӯзҳои аввали пайдоиши худ хусусияти тиҷоратӣ доштанд. Ширкатҳои тавлидкунандаи технологияҳои ҷадид шабакаҳои иҷтимоиро ҳамчун василаи ҷамъоварии иттилоот ва хубтару беҳтар намудани корбурди зеҳни сунъӣ истифода мекунанд. Аммо афзоиши босуръати шумораи корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ хавфи паҳн гардидани ғояҳои радикалистӣ, мағзшӯӣ шудани ҷавонон, зери таъсири ҳуҷумҳои

иттилоотӣ қарор гирифтани онҳо, таблиғи фарҳанги бегона ва монанди инҳоро бештар намудааст. Айни замон ташкилотҳои террористию экстремистӣ барои расидан ба мақсадҳои ғаразноки худ, бахусус барои бештар кардани ҷонибдорон ва ба сафи худ шомил сохтани ҷавонон шабакаҳои иҷтимоиро ҳамчун воситаи таблиғи радикализми динӣ истифода карда истодаанд.

12. Ҳар як сохтори ҷамъиятӣ, ё худ идеологияи давлатӣ дар давраи мавҷудияти худ чаҳор марҳилаи ташаккулёбиро аз сар мегузаронад. Дар ҳар яке аз ин марҳилаҳо таъмини амнияти идеологӣ хусусиятҳои хос доранд. Аммо марҳилаҳои дуюм ва чорум тақдирсоз мебошанд. Зеро дар марҳилаҳои мазкур сохтори ҷамъиятӣ метавонад мавҷудияти худро аз даст диҳад. Дар марҳилаи дуюм, ки мафкурасозӣ номида мешавад, бояд ҷонибдорони арзишҳои идеологияи давлатӣ бештар карда шавад, вагарна идеологияҳои ғайр метавонанд онро ба буҳрони шадид дучор намоянд. Дар марҳилаи чорум бошад зери таъсири омилҳои гуногун айни чунин воқеа, яъне ба буҳрон дучор шудани арзишҳои идеологияи ҳукмрон ба вуҷуд меояд. Дар марҳилаи чорум бартараф кардани буҳрон ягона воситаи нигоҳ доштани сохтори ҷамъиятӣ ба шумор меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори ҷамъиятӣ марҳилаи якумро сипарӣ намуд ва мамлакат ба марҳилаи дуюм, яъне раванди мафкурасозию бештар кардани ҷонибдорони арзишҳои идеологияи давлатӣ ворид шуд.

13. Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ истиқлолияти давлатӣ ба даст оварда, аз як сохтори ҷамъиятӣ ба сохтори дигар гузашт. Дар кишвар чунин гузариш аз лиҳози ниҳодӣ агар дар як муддати кӯтоҳ (дар ду даҳсолаи аввал) ба амал омада бошад, аз лиҳози мафкуравӣ давраи гузариш ҳанӯз ҳам идома дорад. Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ зери таъсири тағйирёбии сохтори ҷамъиятӣ кишварро халоии идеологӣ фаро гирифта, дар як муддати кутоҳ ин фазои холиро радикалистони исломӣ ва экстремистони сиёсӣ пур намуданд. Чунин ҳолат боиси сар задани ҷанги шаҳрвандӣ гардид. Баъди ба вуқуъ омадани

бетартибиҳои сиёсӣ дар кишварҳои Шарқи Наздик ва тавсеа ёфтани василаҳои иттилоотӣ тарғибу ташвиқи ғояҳои террористию экстремистӣ бамаротиб бештар гардид. Дар ин гуна вазъият руҳияи бегонапарастӣ, хурофотпарастӣ, дур шудан аз арзишҳои фарҳанги миллӣ, гаравидан ба сафи ҳизбу ҳаракатҳои радикалистӣ бештар шуд. Аз ин рӯ, ташаккули дастгоҳи идеологии давлат, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани мафкурасозӣ, пешбурди фаъолияти идеологӣ ва бештар намудани ҷонибдорони арзишҳои сохти конститутсионии давлат дар ҳифзи суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад заминаи мусоид фароҳам оварад.

14. Радикализми динӣ, экстремизми сиёсӣ ва терроризм дар марҳилаи кунунии давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдидҳои пуриқтидоре мебошанд, ки на танҳо ба суботи сиёсии кишвар, балки ба обрӯи байналмилалии давлату миллат таъсири манфӣ расонида истодаанд. Таблиғи ғояҳои радикалӣ ва экстремистӣ дар фазои иттилоотию идеологии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсири манфӣ расонидан ба афкори ҷамъиятӣ, ҷалби шаҳрвандони кишвар ба сафи ташкилотҳои террористию экстремистӣ, бо иштироки онҳо дар кишварҳои хориҷӣ анҷом додани амалҳои террористӣ, дар муқобили давлату ҳукумат сафарбар кардани ҷавонон таҳдиду хатарҳое мебошанд, ки пояҳои давлатдории миллиро ноустувор мегардонанд. Ҷиҳати пешгирии зарару зиёни чунин зуҳуроти манфӣ дар баробари анҷом додани чорабиниҳои мафкурасозӣ, инчунин ба инобат гирифтани сабабҳо ва сарчашмаҳои пайдоиши ин зуҳуроти номатлуб низ хеле муҳим аст.

**Аҳамияти назариявии натиҷаҳои таҳқиқот.** Хулосаҳое, ки аз ҷониби муаллиф таҳия гардидаанд, дар ташаккули назарияи таҳдидшиносӣ ва омӯзиши минбаъдаи таҳдидҳои замони муосир аҳамияти илмию методологӣ доранд. Таснифоте, ки муаллиф пешниҳод кардааст, барои таҳлили минбаъдаи таҳдидҳои замони муосир метавонад истифода бурда шавад. Дар консепсияи пешниҳоднамудаи муаллиф таъмини суботи сиёсии Ҷумҳурии

Тоҷикистон бо назардошти пешбурди фаъолияти мафкурасозӣ (фаъолияти идеологӣ) пешбинӣ гардидааст.

Маводи диссертатсия дар раванди таълими фанҳои сиёсатшиносӣ, антропологияи сиёсӣ, амнияти миллӣ, раванди сиёсӣ, инчунин дар таҳияи барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии фанҳои мазкур метавонанд истифода шаванд.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот.** Тавсияҳои довталаби дараҷаи илмӣ оид ба истифодаи амалии хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дар коркарди иловагии консепсияҳои амнияти миллӣ ва амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, стратегияи муқовимат бо экстремизм ва терроризм, барои дарёфти роҳу усулҳои мубориза бо таҳдидҳои замони муосир ва коҳиш додани зарару зиёни онҳо, дар таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳифзи суботи сиёсии кишвар метавонанд истифода бурда шаванд. Маводи таҳқиқот барои ташаккули ҷаҳонбинии назариявию методологии муҳаққиқоне, ки дар оянда ба омӯзиши таҳдидҳои замони муосир машғул мегарданд, аҳамияти зиёди илмию назариявӣ доранд. Тавсияҳои амалии муаллиф ва хулосаҳои диссертатсия дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамиятнок мебошанд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти ниҳодҳои низоми маориф, фарҳанг, шуъбаҳои робита бо ҷомеа ва расонаҳои давлатӣ барои анҷом додани мафкурасозӣ ва муқовимат нишон додан бо ҳуҷумҳои иттилоотию идеологӣ метавонанд истифода бурда шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро ниҳодҳои Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни татбиқи манфиатҳои миллии кишвар дар сиёсати хориҷӣ ва ҳангоми ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар хориҷи кишвар метавонанд истифода намоянд. Дар маҷмуъ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои амалии муаллиф барои пешгирии таҳдидҳои замони муосир, аз ҷумла пешгирии инқилобҳои ранга, бетартибиҳои сиёсӣ, паҳншавии ғояҳои радикализми динӣ ва экстремизми

сиёсӣ, коҳиш додани таъсири терроризм ва муқовимат бо ҳуҷумҳои иттилоотию идеологӣ пешбинӣ гардидаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсияи мазкур дар заминаи омӯзиши доираи васеи адабиёти илмию назариви ва таҳлили сарчашмаҳои мухталифи иттилоотӣ таҳия гардидааст. Барои асоснок кардани тезисҳои диссертатсия маводи расонаҳои хабарии дохилию хориҷӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ, аз ҷумла баромаду суханрониҳои Сарвари давлат, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, консепсия ва стратегияҳо истифода шудаанд. Барои ба вуҷуд овардани ягонагии дохилии сохтори диссертатсия методҳои системавӣ ва диалектикӣ истифода шудаанд. Истифодаи таҳлили омилҳои бавуҷудоварандаи таҳдид, таҳлили шаклҳои зоҳиршавии таҳдид, таҳлили субъектҳои таҳдид, методи типологӣ, таҳлили эволютсионӣ, таҳлили мундариҷаи ҳуҷҷатҳои расмӣ ва расонаҳои хабарӣ (контент-анализ) имкон доданд, ки дар доираи мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот натиҷаҳои илман асоснокшуда таҳия гарданд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар мавзуи «Таҳдидҳои замони муосир ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо шиносномаи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат менамояд. Дар банди 8-уми шиносномаи ихтисоси мазкур «Субъектҳои ноаён дар сиёсат», дар банди 10-ум «Назарияи аксионизми сиёсӣ», «Консепсияи рушди устувор дар илмҳои сиёсӣ» ва дар банди 11-ум «Омилҳои хавф» ва «Усулҳои таҳлили хавфҳои сиёсӣ» барои таҳқиқ пешбинӣ гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Таҳқиқоти мазкур аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ мустақилона анҷом дода шудааст. Муаллифи диссертатсия тули 10 соли сипаришуда ба ҷамъоварии адабиёти илмӣ машғул гардида, солҳои 2019-2022 ҳангоми таҳсил дар докторантура ба коркарди маводи ҷамъоваришуда, таҳлили онҳо ва таҳияи мақолаҳои илмию маърӯзаҳои илмӣ машғул шудааст. Тавсияҳои довталаби

дараҷаи илмӣ оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси хулосаҳои илмии диссертатсия ва мушоҳидаҳои шахсии муаллиф пешниҳод шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар маҷлиси васеи кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 12.06.2024 (суратмаҷлиси №12) муҳокима шуда, барои ҳимоя тавсия гардидааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот, хулосаҳои диссертатсия ва тавсияҳои муаллиф оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар 17 конференсияи ҷумҳуриявию байналмилалӣ маърӯза шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар доираи баргузории машғулиятҳои лексионии фанни «Амнияти миллӣ ва таҳдидҳои замони муосир» истифода гардидаанд. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқот дар факултети фалсафа зимни таълими фанни «Амнияти Тоҷикистон» истифода шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар 1 монография ва 22 мақолаи илмии муаллиф нашр шудаанд. Мақолаҳои мазкур дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, чор боб, чордаҳ зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 421 саҳифаи матни компютериро ташкил медиҳад. Дар матни диссертатсия 5 ҷадвал, 2 расм ва 2 диаграмма ҷойгир карда шудаанд. Номгӯйи адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда 341 ададро ташкил медиҳанд.

# БОБИ I
# МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ ТАҲДИДҲОИ ЗАМОНИ МУОСИР

## 1.1. Таҳдид ҳамчун объекти таҳқиқоти илмҳои сиёсӣ

Одамон дар раванди рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ баъзан ба таври тасодуфӣ ва баъзан ҳадафмандона низоми таъмини амнияти худро ташаккул додаанд. Чунин тарзи муносибат онҳоро аз ҳар гуна таҳдиду хатарҳо эмин нигоҳ доштааст. Ин гуна таҳдидҳо аз рафтори худи одамон, аз воситаҳои аз ҷониби инсон истифодашаванда, аз ҷониби ҳайвоноти ваҳшӣ ва аз муҳити атроф (табиат) бармеомаданд. Тавсеаи донишҳои инсон боиси ташаккулёбии ҷаҳонбинии онҳо гардида, марҳила ба марҳила рушди ҷамъиятӣ ва баъдан рушди техникию технологиро ба вуҷуд овард.

Гузашта аз ин, дар ҳар як соҳаи фаъолият ва кору меҳнат инсоният роҳу усулҳои мувофиқ ва мутобиқро ҷустуҷӯ карда, мавриди истифода қарор додааст. «Одамоне, ки дар кору фаъолияти худ донишу таҷрибаҳои нав, роҳу воситаҳои навро истифода бурдаанд, дар муқоиса бо нафароне, ки кори худро дар ҷойи хушку холӣ оғоз кардаанд, тавонистаанд, ки мақсадҳои худро хубтару беҳтар амалӣ созанд»[1]. Аз ин рӯ, як гурӯҳ одамон, аниқтараш умумиятҳои муваффақ ба коркарди технологияҳои ҷадид машғул гардида, барои амалӣ кардани мақсадҳои хеш онҳоро ба таври васеъ истифода бурдаанд. Айни замон низ воқеият чунин аст. Ҳамин тариқ, рушду инкишоф ҳадафи ниҳоии инсонҳо ба шумор рафта, барои расидан ба он корҳои зиёдеро анҷом додаанд ва дар оянда низ анҷом хоҳанд дод. Ҳатто пайдоиши давлат ҳамчун ҳомии амнияти ҷомеа ва рушди минбаъдаи он низ бо кӯшишу талошҳои пайвастаи умумиятҳои муваффақ ба амал омадааст ва дар оянда низ таҳкими пояҳои давлатдорӣ аз чунин талошҳо вобаста

[1] Управление риском: Риск. Устойчивое развитие. Синергетика [Текст]. – М.: Наука, 2000. – С.49-50.

мебошад. Давлат ба хотири иҷроиши вазифаҳои муҳофизатии худ ва таъмини ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои миллӣ ҳадафҳои стратегии миёнамуҳлат ва дарозмуддат қабул намуда, рушди соҳаҳои гуногуни ҷомеаро ба амал меоварад. Аммо дар раванди амалишавии ҳадафҳои стратегии давлат низ монеаҳое пайдо мешаванд, ки бартараф кардани онҳо аз сатҳи ҷаҳонбинии махсус, маданияти стратегӣ ва донишҳои соҳаи амният вобастаанд.

Бояд гуфт, ки ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ хусусияти динамикӣ дорад ва аз ин рӯ, дар раванди ташаккулёбии давлат ва ҷомеа ба амал омадани бухронҳои гуногун аз ин ҷо сарчашма мегирад. Бинобар ин, аз байн бурдани бухронҳо низ маҳз ба воситаи донишҳои соҳаи амният, махсусан ояндабинии амният ва шинохти таҳдиду хатарҳо имконпазир мегардад. Маҳз бо ҳамин сабаб дар илмҳои сиёсӣ ва низоми таъмини амнияти миллӣ омӯзишу пажӯҳиши таҳдидҳо мавқеи намоёнро ишғол кардаанд. Зеро таъмини амниятро бе омӯзиши таҳдидҳо тасаввур кардан ғайриимкон аст. Таҳлилу мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки субъекти таъмини амният агар дар бораи сарчашмаи пайдоиши таҳдидҳо ва табиату хусусиятҳои онҳо иттилооти зарурӣ дошта бошад, манфиатҳои худро дар сатҳи кофӣ метавонад ҳимоя кунад. Бахусус дар ҷаҳони муосир, ки таҳдидҳои нав пайдо шуда истодаанд, омӯзиши ин масъала дар самти ҳифзи суботи сиёсӣ ва таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ хеле муҳим маҳсуб меёбад.

Дар замони муосир таҳдид яке аз мафҳумҳои серистеъмоле мебошад, ки онро мутахассисони касбу кори гуногун – арбобони сиёсӣ, ҷомеашиносону сиёсатшиносон, коршиносони масъалаҳои муносибатҳои байналмилалӣ, рӯзноманигорон, зиёиён ва ғайраҳо дар фаъолияти ҳамарӯзаи худ истифода мекунанд. Ҳатто дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ низ мафҳуми «таҳдид» хеле зиёд истифода мегардад. Дар ҳаёти ҳаррӯзаи одамон «таҳдид» дар маънoҳои тарсонидан ва касеро дар ҳарос гузоштан фаҳмида мешавад. Аммо дар чунин шакл тасаввур кардани мазмуну моҳияти таҳдидҳо имкон намедиҳад, ки таъмини амнияти миллӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад

ва ҳадафҳои стратегии давлату ҳукумат ба таври самаранок амалӣ гарданд. Ғайр аз ин, ҳарчанд ин мафҳум зиёд истифода шавад ҳам, на ҳама вақт дар муносибат бо таҳдидҳои мавҷуда ба кор бурда мешавад. Зеро шинохти таҳдидҳо аз омилҳои гуногун вобастагӣ дорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки барои шинохти таҳдидҳо, пеш аз ҳама, таҷриба, иттилооти зарурӣ ва донишҳои илмию назариявӣ лозим мебошанд ва аз ҳама муҳим бо ин масъала аз мавқеи манфиатҳои миллӣ бархӯрд намудан хеле муҳим аст.

Бояд гуфт, ки таҳдид, пеш аз ҳама, категорияи муҳимтарини назарияи амнияти миллӣ ба шумор меравад ва ба омӯзиши доимӣ ниёз дорад. Ба он нигоҳ накарда, ки тули чанд даҳсолаи охир таҳдидҳо аз ҷониби олимони соҳаҳои гуногуни илм мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд, ҳанӯз ҳам нисбат ба моҳият, мундариҷа ва хусусиятҳои онҳо андешаи ягона мавҷуд нест. Ҳарчанд олимон дар бораи таҳдидҳои ҳарбӣ ба хулосаи амиқ расида бошанд ҳам, таҳдидҳои ғайриҳарбӣ ва махсусан, таҳдидҳои замони муосир ба таври гуногун шарҳ дода мешаванд. Ин аст, ки баҳсу мунозираҳои илмӣ дар атрофи ин мафҳум ҳанӯз ҳам идома доранд.

Ногуфта намонад, ки олимону муҳаққиқони ватанӣ бо дарки зарурияти таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзи суботи сиёсии кишвар ба таҳдидҳои ҷудогона, аз қабили терроризм, сиёсишавии дин, экстремизми сиёсӣ, радикализми динӣ, таҳдидҳои иттилоотӣ, киберҷиноятҳо, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, фирори мағзҳо ва чанде дигар масъалаҳо таваҷҷуҳ зоҳир намуда, моҳият, хусусият ва оқибатҳои зиёновари зуҳуроти мазкурро таҳлилу таҳқиқ кардаанд. Аммо бо назардошти дигаргуниҳои солҳои охир дар низоми донишҳои сиёсии ватанӣ моҳият ва хусусиятҳои таҳдид ҳамчун зуҳуроти иҷтимоию сиёсӣ ва ҳамчун категорияи муҳимтарини назарияи амнияти миллӣ ба таври лозима омӯхта нашудааст.

Зарурати омӯзишу таҳқиқи таҳдидҳо дар он ифода меёбад, ки онҳо ҳамчун зуҳуроти номатлуб ва зиёновар дар самти амалигардонии манфиатҳои миллӣ монеа эҷод мекунанд, пояҳои давлатдории миллиро заиф намуда, ба суботи сиёсӣ ва амнияти миллии кишвар таъсири манфӣ

мерасонанд. Маҳз ба ҳамин хотир табиати таҳдидҳо, сарчашмаҳои пайдоиш ва шаклҳои зоҳиршавии онҳо бояд муайян карда шаванд. Омӯзиш ва таҳқиқи табиати таҳдидҳо имкон медиҳад, ки мавҷудияти онҳо муайян карда шавад ва оқибатҳои ногувори ин зуҳуроти номатлуб саривақт бартараф гарданд. Инчунин ба амал баровардани марҳилаҳои навбатии рушди соҳаҳои гуногуни мамлакат низ аз шинохти таҳдидҳо вобаста мебошад. Бинобар ин, омӯзиши паҳлуҳои гуногуни ин масъала хеле муҳим буда, барои таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ аҳамияти стратегӣ дорад. Омӯзиши таҳдидҳо ва таҳқиқи ҷанбаъҳои назариявию методологии онҳо имкон медиҳад, ки шинохти зуҳуроти номатлубе, ки ҳамчун таҳдид баромад мекунанд, имконпазир гарданд.

Дар луғатномаҳо ва донишномаҳо мазмуни таҳдид хеле сода ва мушаххас баён гардидааст. Масалан, С.И. Ожегов ва Н.Ю. Шведова дар луғати тафсирии забони русӣ таҳдидро дар мазмуни «ба касе зарар расонидан, ба касе бадӣ кардан» маънидод мекунанд[1]. Луғатдони рус В.И. Дал «нияти касеро тарсонидан, дар хатар андохтан, дар ҳоли тарс нигоҳ доштан»-ро ҳамчун таҳдид донистааст[2]. Дар луғати энсиклопедӣ таҳдид дар ҳар шакл зоҳир шудани рафторе мебошад, ки дар он нияти расонидани зарари моддию маънавӣ ва ҷисмонӣ ба манфиатҳои ҷамъиятӣ, ё шахсӣ ҷой дорад[3]. Умуман, дар луғатномаҳои русӣ таҳдид дар маъноҳои «тарсонидан», «ба касе зарар расонидан», «нияти расонидани зарари моддию маънавӣ ва ҷисмонӣ» маънидод мегардад. Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ бошад мафҳуми «таҳдид» дар маъноҳои «тарсонидан, дӯғу пӯписа кардан, касеро ба хавф андохтан»[4] ифода карда шудааст. Аммо таҳлили адабиёти илмӣ ва дигар сарчашмаҳои назариявӣ нишон медиҳад, ки дар чунин шакл

[1] Ожегов, С.И. Толковый словарь русского языка. 4-е изд. [Текст] / С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова – М.: А ТЕМП, 2006. – С.785.
[2] Даль, В. И. Толковый словарь живого великорусского языка : в 4-х т.: Том 4. Р-Я. [Текст] / В. И. Даль. – М.: РИПОЛ классик, 2006. – С.425.
[3] Энциклопедический словарь [Электронный ресурс]. – URL: http://www.dict.t-mm.ru/all/ugroza.html (дата обращения: 16.07.2019 г.)
[4] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 ҷилд. Ҷ.2. [Матн] –Душанбе, 2008. –С.326.

тавзеҳ додани мазмуни таҳдид моҳияти пурра ва ҳамаҷонибаи онро ифода намекунад. Дар луғатномаҳои русӣ дар чунин шакл баён гардидани мазмуни таҳдидро вобаста ба макон ва замон бояд баррасӣ намуд. Пеш аз ҳама, фаҳмиши марксистии амният ва таҳдиду хатарҳо аз фаҳмиши ғарбии он тафовути назаррас дорад. Гузашта аз ин, баъди анҷомёбии «ҷанги сард» ва ба амал омадани инқилобҳои иттилоотию технологӣ бозиҳои сиёсию геостратегӣ тағйир ёфтаанд, ки чунин ҳолат агарчанде моҳияти таҳдидҳоро тағйир надода бошад ҳам, шаклҳои зоҳиршавии онҳоро дигаргун намудааст.

Дар луғатҳои англисӣ низ чунин мазмуни таҳдидро эҳсос кардан мумкин аст. Аммо дар онҳо баъзе хусусиятҳои дигари таҳдид низ возеҳу равшан карда шудаанд. Масалан, дар луғати Оксфорд дар баробари нияти анҷом додани ягон амали хусуматомез, ҳамзамон гуфта мешавад, ки чунин нияти бад барои ба вуҷуд овардани дарду ҳасрат, зараару зиён, ё дигар навъи ҷазо, масалан, қасдгирӣ барои анҷом додани ягон амал, ё иҷро накардани ягон талабот роҳандозӣ мегардад[1]. Дар луғати Кембриҷ дар таърифи таҳдид мазмуни нав илова гардидааст. Тибқи он нияти зарар расонидан ва ҷазо додан замоне пайдо мешавад, ки агар рафтори субъект ғайриинтизорӣ бошад[2]. Дар чунин маврид таҳдид ҳамчун шакли рафтор ва нияти бад барои тағйир додани рафтори субъекти мушаххас зоҳир мегардад. Дар луғатҳои дигари англисӣ низ таҳдид ба таври мухталиф шарҳу тавзеҳ ёфта, дар маъноҳои «зулм кардан», «маҷбур намудан», «азоб додан», аз ҷумла «ба таври ҷисмонӣ», «дар шакли фалокат ва мусибат», «маҳдуд кардани мавқеъ» ва монанди инҳо баён гардидааст. Ғайр аз ин, таҳдид ҳамчун модели махсуси муносибатҳои ҷамъиятӣ муаррифӣ гардида, мувофиқи он нияти расонидани зарар ба субъектҳои алоҳида имкон медиҳад, ки бе мухолифати ошкоро мақсадҳои худро дар амал татбиқ созанд. Ҳамин тариқ, таҳлили луғатномаҳо нишон медиҳад, ки дар маҷмуъ, таҳдид нияти ба касе,

---

1 Threat // Oxford Advanced Learner's Dictionary [Electronic resource]. – URL: https://www.oxfordlearnersdictionaries.com/definition/english/threat (acsessed: 23.11.2020)

2 Threat // Cambridge Dictionary [Electronic resource]. – URL: https://dictionary.cambridge.org/us/dictionary/english/threat (acsessed: 23.11.2020)

ё ба чизе зарару зиён расонидан мебошад. Дар зери мафҳуми зарару зиён одатан «талафот», «аз даст додани чизе», «вайрон шудану хароб гардидани ҳолати муқаррарии объект» фаҳмида мешавад.

Моҳияти таҳдид дар асарҳои илмию таҳқиқотӣ нисбатан муфассалтар баррасӣ шудаанд. Аммо таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки дар миёни олимону муҳаққиқон вобаста ба ин масъала то ҳанӯз таърифи ягона ба вуҷуд оварда нашудааст. Чунин ҳолатро, пеш аз ҳама, бо он асоснок кардан мумкин аст, ки мавқеи ҷуғрофии давлатҳо аз ҳамдигар фарқ менамоянд ва онҳо дар марҳилаҳои гуногуни рушду инкишоф қарор доранд. Аз ин рӯ, манфиатҳои миллӣ ва талаботи объективии онҳо ба таври гуногун ифода меёбанд. Олимону муҳаққиқон низ бо назардошти воқеиятҳои ҷомеаи худ ва афзалиятҳои миллию стратегии кишвари хеш таҳдидҳоро ба таври мухталиф баҳогузорӣ кардаанд. Инчунин дар самти шинохти таҳдидҳо сатҳи рушди илм, вазъи инфрасохтори илмии кишвар, имкониятҳои моддию техникии олимону муҳаққиқон низ таъсиргузор аст. Бо назардошти чунин вазъ мавриди омӯзиш қарор додани таҳқиқоти олимони ҳавзаҳои гуногуни илмиро зарур мешуморем.

Дар омӯзиши таҳдидҳо сиёсатшиноси амрикоӣ Р.Кохен саҳми назаррас гузоштааст. Ба андешаи ӯ, «таҳдид дилхоҳ мақсади расонидани зарар ба субъектҳои гуногун мебошад, ки он дар ҳолати иҷро нагардидани шартҳои пешниҳодшуда дар амал татбиқ карда мешавад»[1]. Аз ин рӯ, ҳар як субъекти амният барои таъмини бехатарии худ ва барои ба вуҷуд овардани ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои ҳаётан муҳимми хеш доимо чораҷӯӣ менамояд ва дар раванди фаҳму дарки оқибатҳои ногувори ин ё он зуҳурот онро безарар гардониданӣ мешавад. Дар чунин шароит бархӯрди манофеи субъектҳои гуногун ба амал меояд, ки сарчашмаи он фаъолнокии рафтори субъектҳои амният мебошад. Фаъолнокии рафтори субъект дар заминаи

[1] Cohen, R. Threat Perception in International Crisis // Political Science Quarterly. – 1978. – Vol. 93. – No.1 – P. 93-107.; Cohen, R. Threat Perception in International Crisis. – Madison: The University of Wisconsin Press, 1979. – 229 p.

дарки оқибатҳои зарар ба вуҷуд меояд. Дар чунин маврид мазмуну мундариҷаи мафҳуми «таҳдид» васеътар гардида, ҳар як воқеаву ҳодиса, ё рафтори акторҳои гуногунро, ки аз ҷониби субъекти амният зараровару зиёновар баҳогузорӣ мешавад, дар худ нигоҳ медорад. Дар натиҷаи ин гуна баррасӣ ҳама гуна оқибатҳои ногувор, аз қабили амали террористӣ, садамаҳои нақлиётӣ ва ҳатто изҳороти сарварони сиёсӣ оид ба тағйир додани муносибати худ бо шарикони хеш метавонанд ҳамчун таҳдид баҳогузорӣ карда шаванд. Дар ин маврид сиёсатшиносони амрикоӣ Т.В. Милбурн ва К.Ҳ. Вотман қайд менамоянд, ки «таҳдид маҷмуи таассуроти стратегӣ, маърифатӣ ва эҳсосотии субъекти амният мебошад, ки он дар натиҷаи дарки оқибатҳои зарар ҳамчун рафтори махсуси тахрибкорон шинохта мешавад»[1].

Дар шароити муосир миқдори таҳдидҳое, ки пайдоишашон аз амалҳои пинҳонии субъектҳои сиёсат вобастаанд, хеле зиёд гардидааст. Чунин навъи таҳдидҳо чӣ аз ҷониби давлатҳои алоҳида ва чӣ аз ҷониби ҳизбу ҳаракатҳои радикалистӣ ва ташкилотҳои террористию экстремистӣ ба вуҷуд оварда мешаванд. Махсусан, ташкилотҳои террористию экстремистӣ барои амалӣ кардани мақсадҳои ғаразноки худ аз имкониятҳои нави илму техника моҳирона истифода бурда истодаанд. Воқеан ҳам дар шароити муосир рушди босуръати илму техника дар баробари фоидаи худ барои инсоният як қатор таҳдиду хатарҳои навро эҷод кардааст. Чунин ҳолат дар таҳқиқоти ҷомеашиноси немис У.Бек хеле хуб нишон дода шудааст[2]. Ба андешаи ӯ, чи қадаре, ки инсоният рушду инкишофро соҳиб мегардад, ҳамон қадар таҳдиду хатарҳои навро барои худ эҷод мекунад.

Дар таҳқиқоти як гурӯҳ олимон таҳдид ҳамчун воқеа, ё ҳодисаи дорои оқибатҳои манфӣ муаррифӣ гардидааст. Чунончӣ, олими англис Е.Крахманн воқеа, ё ҳодисаеро, ки барои бақои давлату миллат, ё ба рушди

---

[1] Milburn T.W., Watman K.H. On the Nature of Threat: A Social Psychological Analysis. – New York: Praeger, 1981. –P.8.

[2] Ниг.: Бек, У. Общество риска. На пути к другому модерну [Текст] / Пер. с нем. –М.: Прогресс-Традиция, 2000. –С.25-27.

минбаъдаи онҳо таъсири манфӣ мерасонад, ҳамчун таҳдид ба амнияти миллӣ муаррифӣ кардааст[1]. Дар ин маврид якчанд ҳолатро ба инобат гирифтан хеле муҳим аст. *Якум,* ҳодисаҳое, ки дар оянда ба амал омадани онҳо имконпазиранд. Дар чунин шароит баҳогузорӣ кардани ҳодисаҳои бавуқуъоянда ва ба инобат гирифтани эҳтимоли сар задани онҳо хеле зарур мебошад. Дар ин маврид, Е.Крахманн иброз медорад, ки «эҳтимоли ба амал омадани баъзе воқеаҳо чунон кам мебошад, ки дигар онҳоро таҳдид ба аманияти миллӣ шуморидан мумкин нест. Масалан, хавфи ба амал омадани ҷанги шаҳрвандӣ дар ИМА, ё сар задани низои мусаллаҳона дар байни давлатҳои узви Иттиҳоди Аврупо аз воқеият хеле дуранд»[2]. *Дуюм,* ҳангоме, ки воқеаву ҳодисаҳо ҳамчун таҳдид баҳогузорӣ мегарданд, ҳаҷми зарар ва таъсири манфии онҳо бояд ба инобат гирифта шаванд. Яъне, воқеае, ки эҳтимоли сар задани он дида мешавад, ба кадом арзишҳо бештар таъсир мерасонад, ба истиқлолияти давлатӣ, бақои миллату давлат, ба сатҳу сифати зиндагии мардум, ба солимии ҷомеа, ба рушду инкишоф, ё ба арзишҳои дигар? Зеро як қатор таҳдидҳо, аз қабили бемориҳои сироятӣ, ё ин ки яроқи қатли ом ҳам ба сатҳу сифати зиндагӣ ва ҳам ба мавҷудияти одамон таҳдид менамоянд. Аммо таҳдидҳои дигар, аз қабили гармшавии иқлим, ифлосшавии муҳити зист ва мушкилиҳои ҳаёти ҷамъиятӣ асосан ба сатҳу сифати зиндагии одамон таъсиргузорӣ менамоянду бас. *Сеюм,* ҳангоми баҳогузорӣ кардани воқеаву ҳодисаҳои эҳтимолӣ бояд миқёси ҷуғрофии оқибатҳои ногувори он ба инобат гирифта шавад. Масалан, ҷанги ядроӣ на танҳо ба як минтақаи муайян, балки ба тамоми башарият таҳдид менамояд. Аммо таъсири манфии ҷангҳои шаҳрвандӣ ва низоъҳои мусаллаҳона бошанд дар ҳудудҳои як давлат ва баъзан дар ҳудудҳои як минтақа маҳдуд мегарданд. *Чорум,* ҳангоми баҳогузорӣ кардани воқеаҳои эҳтимолӣ қурбонии таҳдид низ бояд ба инобат гирифта шавад. Яъне, дар шароити сар

[1] Ниг.: Krahmann, E. From State to Non-State Actors: the Emergence of Security Governance // New Threats and New Actors in International Security / ed. by E. Krahmann. – New York, 2005. – P.4.
[2] Ҳамон ҷо. – P.4.

задани воқеаи эҳтимолӣ киҳо зарар мебинанд? Давлат, гурӯҳҳои этникӣ, гурӯҳҳои мазҳабӣ, ё шахсони алоҳида?

Дар баробари олимони Ғарб муҳаққиқони рус низ дар омӯзиши таҳдидҳо саҳми арзанда гузошта истодаанд. Ҷомеашиноси рус А.Г. Смирнова дар таҳқиқоти худ омилҳои байналмилалии зоҳиршавии таҳдидҳоро омӯхта, хусусиятҳои ин зуҳуротро аз рӯи шаш масъала муайян карда, ҳар кадоми онҳоро унсурҳои таркибии таҳдид муаррифӣ менамояд. *Якум,* нияти анҷом додани ин ё он амал нишонаи аввали таҳдид мебошад, яъне амалу рафторест, ки зараровар мебошад, аммо ҳанӯз ба вуқуъ наомадааст ва шояд ба вуқуъ наояд. *Дуюм,* нияти анҷом додани ин ё он амал бо мақсади расонидани зарар ба субъекти мушаххас мебошад. Ба ибораи дигар, таҳдид ҳамчун талафот ва расонидани зарар дониста мешавад. *Сеюм,* нияти расонидани зарар шартан ташаккул дода мешавад: масалан, агар субъекти амният тавре рафтор намояд, ки он бо интизориҳои субъекти таҳдид мувофиқат кунад, пас нияти субъекти таҳдид амалӣ карда намешавад, аммо дар ҳолати баръакс амалӣ гардидани таҳдид (нияти расонидани зарар) воқеӣ мегардад. *Чорум,* таҳдид ҷазое мебошад, ки онро барои рафтори номуносиби субъектҳои гуногун ба кор мебаранд. Рафтори номуносиби субъекти амният, ки онро субъекти таҳдид интизор надошт, барои субъекти таҳдид шароити муносиб ба шумор меравад ва бо чунин баҳона ба объекти таҳдид таъсири манфӣ ва баъзан зарари ҷуброннопазир мерасонад. *Панҷум,* таҳдид дар шакли шарту шароит зоҳир мегардад. Зеро шартҳои аз ҷониби субъекти таҳдид пешниҳодшуда фишоре мебошанд, ки имкониятҳои воқеии субъекти амниятро маҳдуд месозанд. Маҳз дар чунин шароит имкониятҳои субъекти таҳдид нишонаи *шашуми* таҳдидро ифода мекунад. Яъне, мавҷудияти воситаҳои таъсиррасонӣ, аз қабили иқтидори ҳарбӣ, манбаъҳои молиявию иқтисодӣ, неруҳои зеҳнӣ, сармояи инсонӣ, обрӯ, симои мароқангез, таҷриба ва ғайраҳо[1]. Аз ин гуфтаҳо ба хулосае

[1] Ниг.: Смирнова, А.Г. Механизмы конструирования политическими лидерами внешней угрозы в межгосударственных отношениях [Текст] / А.Г. Смирнова. – Ярославль: ЯрГУ, 2016. – С.20.

омадан мумкин аст, ки таҳдид навъи махсуси муносибате мебошад, ки дар миёни субъектҳои гуногун ба амал меояд ва тавассути он як субъект мақсадҳои худро амалӣ гардонида, рафтори субъектҳои дигарро идора мекунад ва бо ин роҳ аз муқобилияти рӯйирост даст мекашад. Нияти расонидани зарар воситае мебошад, ки бо ёрии он чунин навъи муносибатҳо ба вуҷуд оварда мешавад ва дар ҳолати аз ҷониби субъекти амният иҷро нагардидани шартҳо, ё қонеъ нагардидани талаботи субъекти таҳдид, рафтори субъекти якум зери фишор гузошта шуда, тағйир дода мешавад. Бо назардошти чунин нишондодҳо А.Г. Смирнова таърифи таҳдидро дар шакли зерин пешниҳод менамояд: «Таҳдид шакли махсуси муносибатҳои субъективие мебошад, ки ба воситаи он субъекти таҳдид қодир аст, ки бе истифодаи неру рафтори субъектҳои дигарро идора намояд ва ҳам мақсадҳои худро амалӣ созад. Нияти расонидани зарар ба субъекте, ки шартҳои гузошташударо риоя намекунад, воситаи асосии ташаккули ин гуна муносибатҳо дониста мешавад»[1].

Ҳарчанд хулосаҳои А.Г. Смирнова барои фаҳму дарки таҳдидҳо хеле арзишманданд, аммо бо андешаҳои мазкур дар ҳолате розӣ шудан мумкин аст, ки агар сухан дар бораи таҳдидҳои ошкоро равад. Зеро дар шароити муосир як қатор таҳдидҳо ба таври пинҳонӣ ба амал бароварда мешаванд. Ба ибораи дигар, субъекти таҳдид нияти расонидани зарар, ё амалҳои тахрибии худро алайҳи субъектҳои дигар пинҳонӣ анҷом медиҳад. Дар чунин шароит агарчанде моҳияти таҳдид бетағйир монад ҳам, хусусиятҳои зоҳиршавии он ба таври дигар, баъзан вақт ғайриинтизорӣ ба мушоҳида мерасад. Бинобар ин, дар замони муосир баъзе таҳдидҳоро то як муддати муайян дарк намудан хеле мушкил гардидааст.

Дар самти омӯзиши таҳдидҳо файласуфи рус М.Ф. Гатско саҳми назаррас гузоштааст. Ӯ дар навбати аввал дар заминаи омӯзиши санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои сиёсӣ ва асарҳои илмии гуногун таҳлили

---

[1] Смирнова, А.Г. Механизмы конструирования политическими лидерами внешней угрозы в межгосударственных отношениях [Текст] / А.Г. Смирнова. – Ярославль: ЯрГУ, 2016. – С.21.

муқоисавии таҳдидҳоро анҷом додааст. Ӯ дар раванди омӯзиши ин масъала мафҳумҳоеро таҳлил мекунад, ки дар онҳо категорияи таҳдид мавқеи марказиро ишғол кардааст. Чунончӣ, таҳдидҳо ба амният, таҳдидҳо ба манфиатҳои амният, таҳдидҳо ба амнияти миллӣ, таҳдидҳо ба манфиатҳои амнияти миллӣ, таҳдидҳо ба манфиатҳои ҳаётан муҳим, таҳдидҳо ба манфиатҳои миллӣ ва ғ. Дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ ӯ ба хулосае меояд, ки ҳарчанд мафҳумҳои мазкур аз рӯйи моҳият бо ҳамдигар наздикӣ дошта бошанд ҳам, аммо онҳо мазмуни якхела надоранд ва то андозае аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Ба андешаи ӯ, чунин гуногунрангии ифодаи ин мафҳум бештар аз ҳама дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои сиёсӣ ба мушоҳида мерасанд, ки онҳо аз фаъолияти идеологии давлат ва хусусиятҳои соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ вобастаанд[1].

Дар шаклҳои гуногун истифода бурдани мафҳуми таҳдид бо он асоснок карда мешавад, ки дар аксари қонунҳои соҳаи амният мафҳуми «амнияти миллӣ» ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои ҳаётан муҳимми шахс, ҷомеа ва давлат (кишвар) аз таҳдидҳои дохилию берунӣ муаррифӣ гардидааст. Чунин маънидоднамоии амният ҳатто дар таҳқиқоти баъзе аз олимон низ ба мушоҳида мерасад. Мафҳуми таҳдид аз ҷониби онҳо бо назардошти мундариҷаи мафҳуми амният шарҳ дода мешавад. Чунончӣ, ба андешаи муҳаққиқи рус В.С. Пирумов, таҳдид «имкониятҳои объективӣ ва воқеӣ оид ба расонидани зарар ба манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат» мебошад[2]. Вобаста ба чунин мулоҳизаронӣ М.Ф. Гатско қайд менамояд, ки таърифи овардашуда то як дараҷа моҳияти таҳдидро агар ифода намояд ҳам, онро ҳамчун таърифи мукаммал ва мушаххас муаррифӣ кардан ғайриимкон аст. М.Ф. Гатско дар идомаи андешаҳои худ иброз медорад, ки ба сифати объекти таҳдид муайян гардидани шахс, ҷомеа ва давлат, ба сифати мақсади

---

[1] Ниг.: Гацко, М.Ф. О соотношении понятий «угроза» и «опасность» [Электронный ресурс]. – URL: http://old.nasledie.ru/oboz/N07_97/7_06.HTM (дата обращения: 20.07.2019 г.)

[2] Пирумов, В.С. Некоторые аспекты методологии исследования проблем национальной безопасности России в современных условиях [Текст] / В.С. Пирумов // Геополитика и безопасность. – 1993. – №1. – С.12.

субъекти таҳдид муаррифӣ гардидани расонидани зарар қобили қабул аст, аммо муаррифӣ кардани таҳдид ҳамчун имкониятҳои объективӣ ва воқеӣ оид ба расонидани зарар каме шубҳаовар мебошад. Зеро барои амалӣ кардани таҳдид дар баробари имкониятҳои объективӣ, инчунин мавҷудияти майлу хоҳиши зарар расонидан низ зарур аст, ки дар натиҷа як субъекти сиёсат ба манфиатҳои субъекти дигари сиёсат таъсири манфӣ расонида, онро дар ҳолати ногувор қарор медиҳад. М.Ф. Гатско муътақид аст, ки бе мавҷудияти майлу хоҳиш, ё нияти расонидани зарар таҳдид воқеӣ буда наметавонад[1]. Ҳамин тариқ, вобаста ба моҳияти таҳдидҳо дар байни олимони хориҷӣ андешаҳои мухталиф мавҷуданд.

Чи гунае ки аз таҳлили адабиёти илмӣ мушоҳида гардид, таҳдидҳо яке аз зуҳуроти мураккаби ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҳар як мамлакат ба шумор рафта, то ҳанӯз моҳияти онҳо масъалаи баҳсбарангез боқӣ мемонад. Ин аст, ки як гурӯҳ олимон чунин ҳолатро ба инобат гирифта, кӯшиш кардаанд, ки моҳияти таҳдидро бо назардошти мундариҷаи он шарҳ диҳанд. Як қатор пажӯҳишгарон дар раванди омӯзиши таҳдидҳо ду нишондодро ҳамчун меъёри муайянкунандаи таҳдид истифода кардаанд, ки дар чунин шакл мавриди баррасӣ қарор додани ин масъала мувофиқи мақсад мебошад. Нишондоди аввал – ният, қасд, мақсад (нияти расонидани зарар, майлу хоҳиши анҷом додани кори бад). Нишондоди дуюм – имконият (воситаҳои дарихтиёрдошта; шароити мусоид; вазъияте, ки барои амалӣ гардонидани нияти бад мувофиқ аст)[2]. Бо назардошти чунин баррасӣ гуфтан мумкин аст, ки таҳдид маҷмуи нишондодҳои дар боло номбаршуда мебошад. Яъне, нияти зарар расонидан ва мавҷудияти имкониятҳое, ки барои амалӣ гардонидани ин ният мувофиқанд. Ҳамин тариқ, таҳдидҳо ба амнияти миллӣ омодагии як субъект барои расонидани зарар ба манфиатҳои ҳаётан муҳимми субъекти дигар мебошад. Чунин амал бо мақсади ҳалли

[1] Ниг.: Гацко, М.Ф. О соотношении понятий «угроза» и «опасность» [электронный ресурс]. – URL: http://old.nasledie.ru/oboz/N07_97/7_06.HTM (дата обращения: 20.07.2019 г.)
[2] Ниг.: Панов, М.Е. К вопросу о методологических основах оценки безопасности [Текст] / М.Е. Панов // Геополитика и безопасность. –1995. –№3. –С.32.

муноқишаҳои байниҳамдигарӣ ва ба даст овардани фоидаи якҷониба амалӣ карда мешавад. Ба ибораи дигар, таҳдидҳо ба амнияти миллӣ зуҳуроти мураккабе мебошанд, ки дар худ ду нишондодро нигоҳ медоранд: нияти зарар расонидан ва имконияти амалӣ гардонидани ин ният.

Муҳаққиқи рус А.А. Варфоломеев вобаста ба моҳияти таҳдид андешаҳои дар боло зикргардидаро такрор менамояд, аммо боз як масъалаи баҳснокро дар миён мегузорад. Ба ақидаи ӯ, «таҳлилу таҳқиқи таҳдидҳои ҳадафмандона ташкилшуда қобили қабул аст, вагарна пешгирӣ кардан, ё мубориза бурдан бо таҳдид моҳияти худро аз даст медиҳад. Агар нияти расонидани зарар дида нашавад, пас онҳо зуҳуроти тасодуфие мебошанд, ки дар муқобили онҳо ба вуҷуд овардани механизмҳои муқовимат ва ташкил кардани мубориза ҳеҷ маъное надорад»[1]. Бо андешаҳои мазкур қисман розӣ шудан мумкин аст. Дар мавриди он, ки таҳдидҳо бо мақсади расонидани зарар ҳадафмандона ташкил мешаванд, ҳеҷ шакку шубҳае вуҷуд надорад. Аммо мавҷуд набудани нияти зараррасонӣ низ метавонад, ки яке аз хусусиятҳои таҳдидро ифода намояд. Зеро чӣ дар сатҳи миллӣ ва чӣ дар сатҳи байналмилалӣ марҳила ба марҳила тамоюлоте ба вуҷуд меоянд, ки дар онҳо нияти зарар расонидан ва ҳадафмандона ин гуна амалро анҷом додан дида намешаванд. Аммо оқибатҳои ин гуна тамоюлот метавонанд зарару зиёни зиёд дошта бошанд.

Таҳдидҳоеро, ки субъектони мушаххас бо мақсади расонидани зарар ба вуҷуд меоваранд, одатан, олимони соҳаи ҳарбӣ эътироф мекунанд. Чунончӣ, олимони рус А.Бояринсев ва В.Редкин бо назардошти нияти расонидани зарар, кӯшиш кардаанд, ки вайронкунандагони низоми амнияти миллӣ ва тахрибкоронро мушаххас намоянд. Онҳо дар таҳқиқоти худ панҷ навъи тахрибкоронро нишон медиҳанд, ки онҳо аз рӯйи тактикаи амалӣ гардонидани мақсадҳои худ аз ҳамдигар тафовут доранд: а) диверсантҳо (ҳадафмандона вайрон кардани объектҳоро пайгирӣ мекунанд); б)

---

[1] Варфоломеев, А.А. Негосударственные угрозы международной безопасности [Текст] / А.А. Варфоломеев // Право и безопасность. – 2012. – №3-4 (43). –С.54.

террористон; в) ғоратгарон; г) намояндагони ҳаракатҳое, ки дар муқобили арзишҳои мушаххас баромад мекунанд; д) ашхоси дигар, аз ҷумла шахсони руҳан носолим, авбошон ва ғ. Тибқи ин таснифот ҳар як навъи тахрибкор доираи мушаххаси таҳдидҳоро ба вуҷуд меоварад[1].

Сиёсатшиноси ватанӣ С. Ятимов фаъолияти тахрибии душманони давлату миллатро таҳқиқ намуда, унсурҳои ҷудогонаи мундариҷаи ин гуна таҳдидҳоро нишон додааст. Ӯ иброз медорад, ки «аз лиҳози илмӣ, дар чунин ҳолат субъекти фаъол – дастандаркорон; объекти истифода – бадомафтодагон; муҳит – ба инобат гирифтани вазъи дохилии мамлакат – сарфи раҳгумзадагон; сабаб – каммаърифатӣ, ноогоҳӣ, руҳияи бегонапарастӣ, экстремизм, дурӯягӣ, адами масъулият назди Ватану Миллат; оқибат - эҳтимолияти сар задани фоҷиаи миллӣ»[2]. Зимни таъмини амнияти миллӣ ба инобат гирифтани чунин сохтори таҳдид имкон медиҳад, ки сохти конститутсионии давлат, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ, истиқлолияти давлатӣ ва устувории пояҳои давлатдории миллӣ дар сатҳи зарурӣ ҳимоя гарданд.

Ғайр аз ин, дар атрофи офатҳои табиӣ, садамаҳои техногенӣ ва ҳамчун таҳдид шинохта шудани онҳо баҳсҳои гуногун мавҷуданд. Масалан, ба ақидаи А.Г. Смирнова, офатҳои табиӣ ва садамаҳои техногенӣ наметавонанд ҳамчун таҳдид баҳогузорӣ карда шаванд, зеро дар раванди ба амал омадани онҳо нияти зарар расонидан дида намешавад[3]. Ба андешаи мо, дар ин маврид низ ҳолати истисноӣ дида мешавад ва андешаҳои А.Г. Смирноваро шартӣ муаррифӣ кардан мумкин аст. Зеро дар таҳқиқоти ӯ ба монанди як гурӯҳ олимони дигар таҳдидҳо танҳо дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ омӯхта мешаванд. Агар офатҳои табиӣ ва садамаҳои техногенӣ бе дахолати субъекти таҳдид ба амал омада бошанд ҳам, ин

[1] Ниг.: Бояринцев, А. Определение и ранжирование угроз объектам [Текст] / А. Бояринцев, В. Редкын // Безопасность. Достоверность. Информация. – 2007. –№71. –С.15.
[2] Ятимов С.С. Илм ва амният [Матн] / С.С. Ятимов. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С.15
[3] Ниг.: Смирнова, А.Г. Восприятие угрозы в международных отношениях: в поисках теоретических оснований [Текст] / А.Г. Смирнова // ПОЛИТЕКС. –2007. –Т.3. –№4. –С.196.

маънои онро надорад, ки онҳоро таҳдид номидан мумкин нест. Албатта, дар ҳолатҳои истисноӣ воқеаҳои мазкур бо дахолат ва бо ташаббуси субъекти таҳдид ба амал меоянд ва дар ин маврид чунин воқеаҳо таҳдиди воқеӣ мебошанд. Барои мисол, агар бо дахолати неруҳои тахрибкор дар неругоҳҳои барқи атомӣ, неругоҳҳои барқи обӣ ва дигар объектҳои муҳимми иқтисодӣ садама ба вуқуъ омада бошад, пас чунин ҳолатро таҳдид номидан мумкин аст. Аммо бе дахолати онҳо низ агар ба вуқуъ оянд, бояд таҳдид дониста шаванд. Масалан, баъзан вақт бо иштибоҳи кормандон, ё хунукназарии онҳо нисбат ба ӯҳдадориҳои худ садамаҳои техникию техногенӣ рух медиҳанд. Баъзан вақт тасодуфан, ё зери таъсири офатҳои табиӣ ба амал омадани ин гуна садамаҳоро мушоҳида кардан мумкин аст. Дар чунин маврид нияти расонидани зарар дида нашавад ҳам, оқибатҳои ногувори онҳо, талафоти ҷонию молӣ ва зараpy зиёни он метавонанд ҳамчун нишондоди таҳдид дониста шаванд. Аз ин рӯ, нияти расонидани зарар барои муайян кардани табиати таҳдид нокифоя аст. Ғайр аз ин, оқибатҳои зарар ва ҳаҷми зарар низ бояд ба инобат гирифта шаванд. Масалан, заминҷунбӣ, ё омадани сел метавонанд ба хоҷагии халқ ва иқтисодиёти миллӣ зарару зиёни зиёд расонанд. Пас онҳоро таҳдид гуфтан мумкин аст. Дар чунин шароит дар навбати аввал рафтори субъекти таҳдид (агар мавҷуд бошад) ва дар мавриди дуюм ҳодисае, ки зарару зиёни моддию маънавӣ ва талафоти ҷонӣ дорад, ҳамчун таҳдид муаррифӣ мегарданд. Аз ин рӯ, дар заминаи баррасии андешаҳои дар боло зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳамаи таҳдидҳо дар ду шакл: барқасдона ва тасодуфӣ ба амал меоянд. Оқибати ногувор, хисорот ва ҳаҷми зарар дар мавриди муайян кардани таҳдидҳо бояд дар мадди аввал гузошта шаванд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки то охири асри XX таҳдидҳоро дар доираи масъалаҳои ҳарбию геостратегӣ шарҳ медоданд. Аммо аллакай аз солҳои 90-уми асри XX, аниқтараш баъди анҷомёбии «ҷанги сард» доираи васеи масъалаҳоро ба мундариҷаи амният ворид карда, ҳамзамон сарчашмаҳои таҳдидро низ хеле зиёд нишон додаанд. Минбаъд дар баробари таҳдидҳои

ҳарбӣ, инчунин таҳдидҳои технологӣ, иттилоотӣ, иқтисодӣ, экологӣ, фарҳангию иҷтимоӣ низ ба мундариҷаи амният ворид карда мешаванд. Дар чунин вазъият шинохти таҳдидҳо ба мушкилии ҷиддӣ рӯ ба рӯ мегардад. Яъне, агар пештар барои шинохти таҳдидҳои ҳарбию геостратегӣ субъекти амният маълумоти кофӣ ва таҷрибаи зарурӣ дошта бошад, дар бораи таҳдидҳои нав тасаввуроти кофӣ надорад. Ба андешаи А.Г. Смирнова, дар ин гуна вазъият таҳдидҳои нав бо номуайянии худ дар шакли хавфу хатарҳое баромад менамоянд, ки мавҷудияташон ё эҳсос намешавад, ё исбот нагардидааст[1]. Масалан, ба воситаи озуқавории бесифат заҳролуд шудани одамон (хӯрокҳои дорои ГМО), пайдоиши вирусҳои нав (масалан, коронавирус), ҷангҳои иттилоотӣ, терроризми иттилоотӣ, мағзшӯӣ кардани одамон, бо роҳи фиреб ба сафи ташкилотҳои террористию экстремистӣ шомил кардани ҷавонон ва ғ. ба инҳо мисол шуда метавонанд. Гузашта аз ин, як қатор таҳдидҳои анъанавӣ шаклҳои зоҳиршавии худро тағйир дода, хусусиятҳои навро соҳиб шудаанд, ки шинохти онҳо каме мушкил гардидааст.

Ҳамин тариқ, таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки мафҳуми таҳдид гуногунмаъно буда, онро бо назардошти омилҳои мухталиф шарҳу тавзеҳ медиҳанд. Аммо дар бештари мавридҳо таҳдид ҳамчун зуҳуроти манфӣ ва дар мавриди дуюм, баръакс ҳамчун зуҳуроти шартӣ дониста шуда, метавонад ба амал ояд, ё ба амал наояд. Ба ибораи дигар, мундариҷаи таҳдид ва амалишавии он аз қонуни мантиқии алоқаҳои сабабу натиҷа (каузализм) вобаста мебошад, яъне агар (ба шарте ки) ҳодиса, ё раванди манфие ба амал ояд, пас самаранокии фаъолияти объект ва субъекти амният коҳиш меёбад.

Масъалаи дигаре, ки ба инобат гирифтанаш дар раванди шарҳу тавзеҳи таҳдидҳо зарур аст, баррасӣ кардани он дар доираи системаи амнияти миллӣ мебошад. Пеш аз оне, ки таҳдид ҳамчун зуҳуроти мукаммал ва системавӣ

[1] Ниг.: Смирнова, А.Г. Механизмы конструирования политическими лидерами внешней угрозы в межгосударственных отношениях [Текст] / А.Г. Смирнова. – Ярославль: ЯрГУ, 2016. – С.7.

тасаввур гардад, он унсури таркибии системаи амнияти миллӣ дониста мешавад. Шартан унсурҳои таркибии системаи амнияти миллиро ба таври зерин муайян кардан мумкин аст: манфиатҳои миллӣ, таҳдидҳо, таъмини амният ва пешрафту тараққиёт. Ҳар як субъект ба хотири қонеъ сохтани талаботи объективии худ (бақои худ ва пешрафти худ) дар аввал манфиатҳои хешро муайян мекунад, сипас онҳоро дар амал татбиқ карданӣ мешавад ва дар раванди амалишавии манфиатҳои мазкур монеаҳое пайдо мегарданд, ки ҳимояи онҳоро зарур мегардонанд. Монеаҳои мазкур таҳдидҳое мебошанд, ки манфиатҳои миллиро зери хавфу хатар қарор медиҳанд[1]. Аз ин рӯ, бо мақсади ҳимояи манфиатҳои миллӣ таъмини амният ҳамчун шакли махсуси фаъолияти стратегӣ пайдо мешавад ва агар чунин фаъолият ба таври самаранок амалӣ шавад, дар натиҷа пешрафт ва тараққиёт имконпазир мегардад. Аз баррасиҳои боло эҳсос кардан мумкин аст, ки таҳдидҳо, пеш аз ҳама, бо манфиатҳои миллӣ алоқаманд мебошанд. Яъне, ҳар омил ва шарту шароите, ки дар раванди амалишавии манфиатҳои миллӣ монеа эҷод мекунад, метавонад ҳамчун таҳдид шинохта шавад. Ҳар як шакли амният метавонад чунин унсурҳои таркибиро доро бошад.

Бояд гуфт, ки раванди таъмини амнияти миллӣ фаъолияти гуногунсамт аст. Аммо ҳамаи корҳое, ки барои таъмини амнияти миллӣ анҷом дода мешаванд, бо ду мақсад роҳандозӣ мегарданд. Якум, амалӣ гардонидани манфиатҳои миллӣ ва дуюм безарар гардонидани таҳдидҳо (ҳимояи манфиатҳои миллӣ). Маълум аст, ки ҳар як давлати соҳибистиқлол дорои манфиатҳои миллии худ мебошад. Манфиатҳои миллӣ арзишҳоеанд, ки барои қонеъ гардонидани талаботи объективии кишвар заруранд ва маҳз ба воситаи онҳо рушду инкишоф ва пешрафт таъмин карда мешавад. Аз ин рӯ, дар раванди татбиқи манфиатҳои миллӣ дар миёни давлатҳои гуногун бархӯрди манофеи онҳо ба амал меояд, ки дар аксар маврид манфиатҳои як ҷониб амалӣ гардида, манфиатҳои ҷониби дигар зери таҳдиду хатар қарор

[1] Ниг.: Логунов, А.Б. Региональная и национальная безопасность [Текст] / А.Б. Логунов. –М.: Вузовский учебник, 2009. – С.22.

мегирад. Аз ин рӯ, манофеи миллии ҳар як кишвар доимо ниёз ба пуштибонӣ доранд. Ба андешаи А.Б. Логунов, «таҳдид ба амнияти миллӣ доимо бо ин ё он манфиати миллӣ алоқаманд аст. Манфиати миллӣ вуҷуд надошта бошад, таҳдид низ вуҷуд дошта наметавонад. Берун аз системаи манфиатҳои миллӣ таҳдид вуҷуд надорад ва онҳоро хатар номидан мумкин аст. Ғайр аз ин, таҳдид доимо бо фаъолияти субъекти мушаххасе, ки манфиатҳои худро пайгирӣ намуда истодааст, алоқаманд мебошад. Маҳз ҳамин гуна манфиатҳо (яъне манфиатҳои давлатҳои дигар) сарчашмаи пайдоиши таҳдидҳо дониста мешаванд»[1].

Албатта, муайян кардани моҳияти манфиатҳои миллӣ баҳси дигар аст. Аммо гуфтан зарур аст, ки ҷавҳари онҳоро арзишҳои миллӣ ва афзалиятҳои стратегӣ ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, дар баъзе сарчашмаҳои илмӣ дар сатҳи зарурӣ ҳифз гардидани арзишҳои миллӣ моҳияти амниятро ифода менамояд. Масалан, донишманди амрикоӣ Волтер Липпман иброз медорад, ки «амнияти миллат замоне таъмин аст, ки агар вай ба хотири дурӣ ҷустан аз ҷанг арзишҳои асосии худро қурбон насозад ва агар ба вай таҳдид кунанд, қодир бошад, ки ба воситаи ғолибият дар ин гуна ҷанг онҳоро ҳифз намояд»[2]. Ин гуна андешаронӣ стратегияи машҳури римиҳоро ба хотир меоварад: «Агар сулҳ хоҳӣ, ба ҷанг омода шав». Чунин шакли баррасии масъала маънои онро дорад, ки вобаста ба қобилияти миллат дар мавриди пешгирӣ кардан, ё мубориза бурдан бо таҳдидҳо амният метавонад дар сатҳи паст, ё баланд қарор дошта бошад. Ба андешаи Арнолд Волферс, амният ба монанди ҳокимият ва моликият метавонад каму зиёд гардад, ё дар сатҳи гуногун қарор дошта бошад. Замоне, ки моликияти миллат ба воситаи миқдори дороиҳои моддии он ва ҳокимияти миллат ба воситаи қобилияти идора кардани рафтори дигарон агар муайян карда шавад, амният дар мазмуни объективӣ мавҷуд набудани таҳдид ба арзишҳои бадастомада ва

---

[1] Логунов, А.Б. Региональная и национальная безопасность [Текст] / А.Б. Логунов. –М.: Вузовский учебник, 2009.– С.22.
[2] Lippmann, W. US Foreign Policy: Shield of the Republic. – Boston, 1943. – P.51.

дар мазмуни субъективӣ мавҷуд набудани тарсу ҳарос барои аз даст додани арзишҳои мазкурро ифода мекунад. Аз ин рӯ, амнияти миллӣ метавонад аз ҳолати ҳимоятнашавандагӣ ва эҳсоси ноамнӣ то сатҳи пурраи ҳолати ҳимоятшавандагӣ ва эҳсоси бехатарӣ ифода ёбад[1].

Мазмуни объективӣ ва субъективӣ доштани амният барои муайян кардани таҳдидҳо хеле муҳим аст. Зеро эҳтимолияти ба амал омадани ҳолати ногувор ҳеҷ гоҳ ба таври объективӣ баҳогузорӣ карда намешавад. Чунин амалро ба таври субъективӣ баҳогузорӣ мекунанд. Гузашта аз ин, миллатҳо ва гурӯҳҳои таркибии онҳо аз рӯйи таассуроти худ нисбат ба ин ё он вазъият аз ҳамдигар тафовути ҷиддӣ доранд. Баъзеҳо мавҷудияти таҳдидро муболиға карда, аз будаш зиёд нишон медиҳанд ва гурӯҳи дигар бошад мавҷудияти онро ҳатто эҳсос намекунанд. Баъзе миллатҳо пеш аз пайдоиши таҳдид бонги изтироб мезананд, аммо баъзе миллатҳои дигар дар муҳити пур аз таҳдиду хатар умр ба сар бурда, мавҷудияти онҳоро дарк намекунанд.

Дар заминаи баррасиҳои дар боло овардашуда ба таври назариявӣ дар омӯзиши таҳдидҳо ду муносибати методологӣ ташаккул меёбад: Якум, шарҳи таҳдид бо назардошти сарчашмаи пайдоиш, шакли зоҳиршавӣ ва субъекти таҳдид. Дар ин маврид сарчашмаҳои иҷтимоӣ, табиӣ ва техникию технологии таҳдид, шаклҳои гуногуни он ва субъектҳои онҳоро нишон медиҳанд. Дуюм, бо назардошти таносуби хавфу хатар ва таҳдид. Дар ин қисми таҳқиқот ғолибан муносибати аввал мавриди истифода қарор дода шуд. Масъалаи муайян кардани таносуби хавфу хатар бо таҳдид дар қисмҳои минбаъдаи таҳқиқот баррасӣ гардидааст.

Ғайр аз ин, барои дарки дурусти таҳдидҳо дараҷаҳои зоҳиршавии амниятро низ ба инобат гирифтан зарур мебошад. Бояд гуфт, ки мафҳуми амният мазмуни хеле васеъ дорад. Онро дар муносибат бо шахсони алоҳида, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ширкатҳои хусусӣ, умумиятҳои иҷтимоию сиёсӣ,

[1] Ниг.: Wolfers, A. "National Security" as an Ambiguous Symbol // Political Science Quarterly. – 1952. – Vol. 67. – No. 4. – P.485-486.

давлату ҳукумат ва ниҳоятан дар муносибат бо низоми муносибатҳои байналмилалӣ истифода кардан мумкин аст. Дар як қатор пажӯҳишҳои соҳаи амният низ чунин ҳолат ба мушоҳида мерасад. Масалан, дар асари сиёсатшиноси англис Б.Бузан[1] амнияти фардӣ, амнияти давлатӣ, амнияти миллӣ ва амнияти байналмилалӣ ҳамчун дараҷаҳои зоҳиршавии амният муаррифӣ карда шудаанд. Ӯ ба амнияти миллӣ афзалияти бештар дода, дараҷаҳои гуногуни амниятро дар алоқамандӣ бо амнияти миллӣ шарҳ медиҳад. Қобили зикр аст, ки чигунагии таъмини дараҷаи аз ҳама поёнтарини амният – амнияти фардӣ ва дараҷаи аз ҳама баландатарини он – амнияти байналмилалӣ аз сатҳу сифати амнияти миллӣ ва амнияти давлатӣ вобаста мебошанд. Аз ин рӯ, дар таҳқиқоти мазкур низ омӯзиши таҳдидҳо бо назардошти амнияти миллию давлатӣ анҷом дода шудааст. Яъне, таҳдидҳои дар ин таҳқиқот баррасишаванда бо назардошти таъмини амнияти миллӣ ва давлатӣ шарҳу тавзеҳ дода мешаванд.

Ғайр аз ин, ҳама гуна баррасӣ дар мавриди амнияти миллӣ бо масъалаи бақои давлату миллат ва рушди устувори онҳо алоқаманд мебошанд. Дар навбати худ, бақои давлату миллат ва таъмини рушди устувори онҳо аз чигунагии қонеъшавии талаботи онҳо вобастааст. Дар чунин шароит амнияти миллӣ аз ду мавқеъ баҳогузорӣ карда мешавад: якум, бояд талаботе, ки барои бақои давлату миллат ва таъмини рушди устувори онҳо заруранд, қонеъ карда шаванд; дуюм, қонеъ нагардидани талаботи мазкур, ки на танҳо дар самти таъмини рушди устувор монеа мешаванд, балки бақои давлату миллатро зери хавфу хатар қарор медиҳанд[2]. Аз ин рӯ, қобилият ва имконияти қонеъ карда тавонистани талаботи объективӣ шарти асосии таъмини рушди устувори ҷомеа мебошад.

Аммо дар раванди қонеъ гардонидани талаботи объективии ҷомеа, ки барои таъмини бақои давлату миллат ва рушди устувори онҳо заруранд,

---

[1] Ниг.: Buzan, B. People, States and Fear: the national security problem in international relations. – Boulder: Wheatsheaf book, 1983. – 262 p.
[2] Ниг.: Ryszard, S. Military Security within the Framework of Security Studies: Research Results // Connections. – 2014. –Vol.13. –No. 3. –P.59-82.

монеаҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ пайдо мешаванд. Сабабҳои пайдоиши чунин монеаҳо гуногунанд. Яке аз асоситарини онҳо амалҳои барқасдонаи субъектҳои дигар мебошад. Дар ин гуна шароит монеаҳои мавҷудае, ки ба раванди қонеъсозии талаботҳо халал мерасонанд, таҳдидҳо ба амнияти миллӣ номида мешаванд. Дар асоси ин гуна вазъ гуфтан мумкин аст, ки таҳдидҳо монеаҳое мебошанд, ки барои таъмин кардани сатҳи зарурии амният халал мерасонанд. Дар ин гуна вазъият фаъолияти субъекти амнияти миллӣ дар се самти асосӣ амалӣ мегардад: мубориза бо таҳдидҳо, безараргардонии таҳдидҳо, пешгирӣ кардани пайдоиши таҳдидҳо. Мақсади асосии чунин навъи фаъолият дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани қонеъсозии талаботҳо ва таъмин кардани рушди муназзами ҷомеа мебошад. Бо назардошти гуфтаҳои боло қайд кардан бамаврид аст, ки ҳама гуна сиёсат бо мақсади таъмини амнияти миллӣ ба амал бароварда мешавад ва ҳамаи соҳаҳои амният хусусияти сиёсӣ доранд.

Дар тули се даҳсолаи охир афзалиятнокии мубориза бо таҳдидҳо низ ба дигаргуниҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардидааст. Масалан, хатари терроризми байналмилалӣ, экстремизми сиёсӣ, радикализми динӣ, инқилобҳои ранга, ҳуҷумҳои иттилоотӣ, паҳншавии бемориҳои сироятӣ, фаъолшавии ташкилотҳои ҷиноятии фаромиллӣ дар муқоиса аз таҳдиди ҳуҷумҳои ҳарбии давлатҳои дигар, ё хатари оғоз гардидани ҷангҳои ядроӣ ба воқеият наздиктар шудаанд. Инчунин, дар замони муосир таҳдиду хатарҳое ба мушоҳида мерасанд, ки дар зери таъсири рушди ТИИ ва технологияҳои компютерӣ ба амал меоянд. Гузашта аз ин, камшавии боигариҳои табиӣ, аз байн рафтани ҷангалҳо ва бешазорҳо, тағйирёбии иқлим, зиёд гардидани офатҳои табиӣ, ба вуҷуд омадани бухронҳои иқтисодӣ ва ғ. масъалаҳое мебошанд, ки тули ду даҳсолаи охир ба онҳо диққати махсус дода истодаанд. Ғайр аз ин, таҳдиду хатарҳое пайдо шудаанд, ки субъекти онҳо номаълуманд ва дар ин маврид муайян кардани шахси гунаҳкор, ё ҷинояткор кори саҳл нест. Технологияҳои навин ба террористону

экстремистон ва киберҷинояткорон имкон медиҳанд, ки барои давлатҳои замони муосир таҳдиду хатарҳои навро эҷод намоянд.

Бинобар ин, тули солҳои охир дар атрофи таҳдидҳои замони муосир, ки онҳо ба амнияти миллии кишварҳои олам таъсири мустақим доранд, баҳсу мунозираҳо ва таҳлилу баррасиҳои зиёд анҷом ёфта истодаанд. Дар таҳқиқоти як гурӯҳ олимон шаклҳои гуногуни зоҳиршавии таҳдидҳо дар шароити муосир, аз қабили терроризм, экстремизми сиёсӣ, радикализми динӣ, ҷангҳои иттилоотӣ, ҳуҷумҳои иттилоотӣ, фирори мағзҳо, ҷангҳои шаҳрвандӣ, инқилобҳои ранга, неруи нарм ва монанди инҳо омӯхта шудаанд. Ғайр аз ин, як гурӯҳ олимон дар бобати таҳдидҳое андешаронӣ менамоянд, ки дарояндаи наздик эҳтимоли ба вуҷуд омадани онҳо мавҷуд аст.

Қобили зикр аст, ки бори аввал дар атрофи пайдоиши таҳдидҳои замони муосир олимону муҳаққиқони Ғарб андешаронӣ карда, бо назардошти омилҳои гуногун пайдоиши онҳоро шарҳ додаанд. Чунончӣ, сиёсатшиноси амрикоӣ С.Хантингтон ба масъалаи таҳдидҳои нав аз мавқеи ҳувияти фарҳангӣ таваҷҷуҳ намуда, бархӯрди тамаддунҳо ва ба амал омадани низоъҳои фарҳангию мазҳабиро пешгуӣ мекунад[1]. Ф. Фукуяма бошад ба масъалаи ташаккулёбии ҳувияти замони муосир диққати хосса зоҳир намуда, инқилобҳои демократӣ ва ҳаракатҳои иҷтимоӣ, миллатгароӣ, исломгароӣ ва мунокишаҳои сиёсиро натиҷаи ба вуҷуд омадани ҳувияти нав медонад, ки ҳамаи онҳо дар раванди дигаргуниҳои технологӣ ва пешрафти ҷамъиятӣ ба амал меоянд[2]. Сиёсатшиноси англис Е.Крахманн дар самти омӯзиши таҳдидҳои нав таҳқиқоти ҷиддӣ анҷом дода, пайдоиши онҳоро аз зиёдшавии субъектҳои ғайридавлатӣ вобаста медонад. Дар таҳқиқоти ӯ терроризм, ҷангҳои шаҳрвандӣ, паҳншавии яроқу аслиҳа, паҳншавии яроқи қатли ом, низоъҳои мусаллаҳона, бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла

[1] Ниг.: Хантингтон, С. Столкновение цивилизаций [Текст] / Пер. с англ. – М.: Изд-во «АСТ», 2017. – 576 с.
[2] Ниг.: Фукуяма, Ф. Идентичность. Стремление к признанию и политика неприятия [Текст] / Пер. с англ. А.Соловьева. – М.: Альпина Паблишер, 2019. – 256 с.

ВНМБ/АНМБ (ВИЧ/СПИД) ҳамчун таҳдидҳои замони муосир муаррифӣ гардида, пайдоиши онҳо дар аксар маврид бо фаъолияти ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва фаромиллӣ алоқаманд гардонида мешаванд[1].

Дар таҳқиқоти сиёсатшиноси америкоӣ Ҷ.Най низ вобаста ба афзоиши нақши ташкилотҳои фаромиллӣ ва зиёд гардидани шумораи субъектҳои ғайридавлатӣ таҳлилҳои зиёд анҷом дода шуда, ба амал омадани таҳдиду хатарҳое, ки аз фаъолияти онҳо вобастаанд, илман асоснок карда шудаанд. Ӯ ба инқилобҳои иттилоотӣ ва компютерӣ диққати махсус дода, ифроз медорад, ки ба амал омадани ҷиноятҳои кибернетикӣ, кибертерроризм ва ҷангҳои иттилоотӣ натиҷаи чунин дигаргуниҳо мебошанд, ки барои давлатҳои асри XXI на танҳо хавфу хатарҳои гуногунро ба вуҷуд меоваранд, балки дар самти таъмини амнияти миллӣ ва амалигардонии манфиатҳои миллии онҳо мушкилиҳои ҷиддӣ эҷод мекунанд[2]. Чунин баррасии масъала дар асари сиёсатшиноси америкоӣ М.Наим низ ба мушоҳида мерасад. Ӯ дар таҳқиқоти худ ба амал омадани се инқилобро асоснок кардааст: якум, инқилоби зиёдшавӣ (дар шароити муосир ҳама чиз бисёр шуда истодааст: одамон, шаҳрҳо, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳо, ширкатҳо, яроқу аслиҳа, доруҳо, хизматрасониҳо ва ғ.); дуюм, инқилоби серҳаракатӣ (суръати ҳаракат ва кӯчиши одамон аз як минтақа ба минтақаи дигар, аз як кишвар ба кишвари дигар зиёд шудааст); сеюм, инқилоби фикрӣ (ҷаҳонбинии одамон васеъ гардида истодааст). Ӯ муътақид аст, ки дар шароити ба амал омадани инқилобҳои номбаргардида идоракунии давлатӣ ва таъмини рушду инкишоф мушкил мегардад[3].

Дар таҳқиқоти олими немис Клаус Шваб, ки ҳамзамон асосгузор ва роҳбари Форуми иқтисодии умумиҷаҳонӣ (Давос, Швейтсария) маҳсуб меёбад, чаҳор инқилоби саноатӣ ба таври муфассал таҳлилу баррасӣ

---

[1] Ниг.: Krahmann, E. From State to Non-State Actors: the Emergence of Security Governance // New Threats and New Actors in International Security. – New York, 2005. – P.3-22.
[2] Ниг.: Най, Дж. Будущее власти. Как стратегия умной силы меняет XXI век [Текст] / Пер. с англ. –М.: Изд-во «АСТ», 2014. – С.195-254.
[3] Ниг.: Наим, М. Конец власти. От залов заседаний до полей сражений, от церкви до государства. Почему управлять сегодня нужно иначе [Текст] / Пер. с англ. – М.: Изд-во «АСТ», 2016. – С.99.

гардида, инқилоби чоруми саноатӣ ҳамчун бавуҷудоварандаи тағйиротҳои ҷиддӣ муаррифӣ мегардад. Тибқи хулосаҳои ӯ, дигаргуниҳои технологие, ки дар натиҷаи инқилоби чоруми саноатӣ ба амал меоянд, ба соҳаҳои иқтисодиёт, тиҷорат, манфиатҳои миллӣ, низоми муносибатҳои байналмилалӣ, ҷомеа ва ҳаёти шахсии одамон ба таври ҷиддӣ таъсиргузорӣ намуда, онҳоро ба таври назаррас тағйир медиҳад[1]. Чунин ҳолатро олими рус Е.В. Балатский мушоҳида карда, таҳдиду хатарҳои инқилоби чоруми саноатиро ба таври муфассал шарҳ додааст. Ӯ дар муқоиса бо К.Шваб ба ин масъала баҳои воқеӣ дода, оқибатҳои ногувори инқилобҳои технологиро ҳамчун хавфу хатари ҷаҳонӣ баҳогузорӣ намудааст[2]. Ҷомеашиноси немис У.Бек низ пайдоиши хавфу хатарҳои навро аз пешрафти ҳаёти ҷамъиятӣ ва махсусан, аз рушди технологияҳои истеҳсолию саноатӣ вобаста намуда буд. Ӯ муътақид аст, ки дастовардҳои илмию технологӣ, ки барои пешрафти ҷомеа нигаронида шудаанд, барои инсоният хавфу хатар ва таҳдидҳои навро ба вуҷуд меоваранд[3]. Ба ҳамин монанд, ҳолати мазкурро Ф.Фукуяма дар мисоли инқилобҳои биотехнологӣ асоснок карда, чунин дастоварди илмиро ҳамчун омили азбайнбарандаи ахлоқ ва маҳвкунандаи инсоният номидааст[4]. Дар таҳқиқоти як зумра олимони рус, ки бевосита ба омӯзиши масъалаҳои амнияти миллӣ машғуланд, дар зери таъсири рушди илму техника ба амал омадани таҳдиду хатарҳои нав таъкид мегарданд. Дар ин самт Р.М. Юсупов бо пешниҳод кардани далелҳои гуногуни илмию таҳлилӣ воқеияти ин масъаларо хеле хуб нишон додааст[5].

Воқеан ҳам таҳдидҳои замони муосир аз рӯйи як қатор хусусиятҳои худ аз таҳдидҳои пештар мавҷудбуда фарқ менамоянд. Чунин тафовут дар зери

---

[1] Ниг.: Шваб, К. Четвертая промышленная революция [Текст] / Пер. с англ. – М.: Эксмо, 2020. – С.51-172.
[2] Ниг.: Балацкий, Е.В. Глобальные вызовы четвертой промышленной революции [Текст] / Е.В. Балацкий // Terra Economicus. – 2019. – №17 (2). –С.6-22.
[3] Ниг.: Бек, У. Общество риска. На пути к другому модерну [Текст] / Пер. с немец. – М.: Прогресс-Традиция, 2000. – 384 с.
[4] Ниг.: Фукуяма, Ф. Наше постчеловеческое будущее: последствия биотехнологической революции [Текст] / Пер. с англ. М.Б. Левина. – М.: Изд-во «АСТ», 2004. – 349 с.
[5] Ниг.: Юсупов, Р.М. Наука и национальная безопасность. 2-е изд., перераб. и доп. [Текст] / Р.М. Юсупов. – СПб.: Наука, 2011. – С.215-226.

таъсири як қатор омилҳо ба вуҷуд омадаанд, ки онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст: рушди ТИИ, пешрафти илмию техникӣ, инқилобҳои технологӣ, дигаргуншавии муносибатҳои ҷамъиятӣ, тағйирёбии характери муборизаҳои сиёсӣ, зиёд гардидани шумораи ташкилотҳои фаромиллӣ ва ғ. Маҳз дар зери таъсири омилҳои мазкур табиати таҳдидҳо ба дигаргунии ҷиддӣ рӯ ба рӯ шудаанд. Дар чунин вазъият таҳдидҳои замони муосир то дараҷае дар худ номуайяниро нигоҳ медоранд, ки дар бораашон субъекти таъмини амният ё маълумоти нопурра дорад, ё ҳанӯз мавҷудияти онҳоро дарк накардааст. Баъзан ин гурӯҳи таҳдидҳоро таҳдидҳои ғайрианъанавӣ низ меноманд.

Бояд ёдовар гардид, ки шинохти таҳдидҳои замони муосир хеле мушкил мебошад ва ин кори ниҳоят мураккаб низ ҳаст. Дар навбати аввал мураккабии шинохти ин таҳдидҳо дар он ифода меёбад, ки тули чанд даҳсолаи охир на танҳо муносибат бо ин зуҳурот тағйир ёфтааст, балки мундариҷаи онҳо низ ба таври назаррас дигаргун шудааст. Қаблан таҳдидҳо танҳо дар доираи масъалаҳои ҳарбию сиёсӣ матраҳ мегардиданд ва фаҳмиши маҳдудтареро дар худ нигоҳ медоштанд. Дар чунин шароит таҳдидҳо дар муносибат бо масъалаҳои ҷангу сулҳ шарҳ дода мешуданд. Аммо дар охири асри ХХ масъалаҳои ғайриҳарбӣ низ ба мундариҷаи амнияти миллӣ ворид карда шуда, минбаъд сарчашмаҳои таҳдид бо назардошти соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёт, экология, фарҳанг, технология ва ғ. низ шарҳ дода мешаванд[1]. Аз ин рӯ, дар шароити муосир на танҳо шаклҳои зоҳиршавии таҳдидҳо ва сарчашмаҳои пайдоиши онҳо, балки мундариҷаашон низ ба дигаргунии ҷиддӣ рӯ ба рӯ мегарданд. Дар натиҷа доираи фаҳмиши амният ва шинохти таҳдидҳо хеле васеъ мешавад.

Хусусияти дигари таҳдидҳои замони муосир дар он ифода меёбад, ки онҳо бо пайдоиши хавфу хатарҳои нав алоқаманд мебошанд. Яъне, дар шароити муосир як қатор таҳдидҳое пайдо шудаанд, ки субъекти таъмини

[1] Ниг.: Buzan B., Wæver O., Wilde J. D. Security: A New Framework for Analysis. –London: Lynne Rienner Publishers, 1998. – 238 p.

амният дар бораашон маълумоти кофӣ, ё умуман маълумот надорад. Муҳаққиқи рус А.Г. Смирнова иброз медорад, ки номуайянӣ ва мавҷуд набудани тасаввуроти лозима дар бораи ин ё он зуҳурот инъикосгари табиати хавфҳо мебошанд. Ба ибораи дигар, таҳдидҳо дар шакли хавфҳо зоҳир мегарданд. Номуайянии таҳдид ба воситаи хатарҳое асоснок карда мешавад, ки бо онҳо инсоният бори аввал рӯ ба рӯ шуда истодааст ва оқибатҳои ногувори он ё исбот нашудаанд, ё ҳанӯз дарк нагардидаанд[1]. Чунончӣ, пайдоиши кибертерроризм, киберэкстремизм, ҳуҷумҳои иттилоотӣ, паҳншавии бемориҳои нави сироятӣ, ба фурӯш баровардани ғизоҳои бесифат ва дорои моддаҳои зарарнок ба онҳо мисол шуда метавонанд. Дар ин замина қайд кардан бамаврид аст, ки як қатор таҳдидҳои пештар мавҷудбуда худро бо шароити навин мутобиқ намуда, шаклҳои зоҳиршавии худро тағйир медиҳанд. Аз ин рӯ, пешгирии онҳо дониш ва таҷрибаи иловагиро металабад.

Дар давраи ҷанги сард хавфи ба амал омадани ҷанги ядроӣ таҳдиди асосӣ ба амнияти миллӣ ва амнияти байналмилалӣ дониста мешуд. Баъди анҷомёбии ҷанги сард аксари муҳаққиқон интизори онро доштанд, ки давраи оромӣ ва суботи умумибашарӣ фаро хоҳад расид. Ҳатто баъзе олимон, аз ҷумла Ф.Фукуяма дар ин маврид таҳқиқоти алоҳида анҷом дода буд[2]. Зеро баъди аз байн бурдани девори Берлин ва пароканда гардидани Шартномаи Варшава ин таҳдид низ аз байн рафт. Аммо баъди ин воқеаи таърихӣ ба ҷойи ин таҳдид (ҷанги ядроӣ) таҳдидҳои дигар, аз қабили терроризм, ҷангҳои шаҳрвандӣ, низоъҳои этникӣ, инқилобҳои ранга, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, паҳншавии яроқи қатли ом, ифлосшавии муҳити атроф, паҳншавии босуръати бемориҳои сироятӣ ва ғ. ба вуҷуд омаданд. Чунин таҳдидҳоро таҳдидҳои замони муосир номидан мумкин аст. Зеро эҳтимоли ба амал омадани онҳо нисбат ба хавфи ба амал

---

[1] Ниг.: Смирнова, А.Г. Механизмы конструирования политическими лидерами внешней угрозы в межгосударственных отношениях [Текст] / А.Г. Смирнова. – Ярославль: ЯрГУ, 2016. – С.7.
[2] Ниг.: Фукуяма, Ф. Конец истории и последний человек [Текст] / Пер. с англ. – М.: Изд-во «АСТ», 2005. – 592 с.

омадани ҷанги ядрої чандин маротиба зиёдтар аст. Аз ин рӯ, ҳалли ин масъалаҳо афзалияти бештар пайдо кардаанд.

Яке аз хусусиятҳои дигари таҳдидҳои замони муосир дар он ифода меёбад, ки шаклҳои зоҳиршавии онҳо тағйир ёфтаанд. Чунин тамоюлот бо рушди ТИИ ва пешрафти илму техника алоқамандии зич дорад. Чунин пешрафти илмию технологӣ ҷангҳои иттилоотиро дар сатҳи баланд қарор дода, хавфи ба амал омадани инқилобҳои ранга, пайдоиши кибертерроризм ва киберэкстремизм, ба таври фаъол дар фазои маҷозӣ тарғибу ташвиқ намудани ғояҳои радикалистӣ ва пуршиддат гардидани ҳуҷумҳои иттилоотиро зиёд намудааст. Чунин вазъиятро ба инобат гирифта, муҳаққиқи рус И.Л. Морозов иброз медорад, ки рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва дар миқёси васеъ истифода гардидани дастгоҳҳои компютерӣ ва шабакаи Интернет метавонанд ҳам боиси пешрафти ҷомеа гарданд ва ҳам сабабгори ноустувор гардидани системаи сиёсӣ шаванд[1].

Ғайр аз ин, дар замони муосир субъекти таҳдид дар аксар маврид номаълум боқӣ мемонад. Чунин вазъият муайян кардани таҳдиду хатарҳои воқеиро ғайриимкон гардонида, дар самти шинохти онҳо мушкилиҳо эҷод намуда, эҳтимоли ба амал омадани онҳоро меафзояд. То охири асри XX дар аксар маврид субъекти таҳдид нияти зарар расонидан, ҳуҷум кардан ва умуман мақсадҳои худро дар муносибат ба дигарон ба таври ошкоро эълон мекард ва барои дурӣ ҷӯстан аз бархӯрди мусаллаҳона таҳдидро ҳамчун воситаи тағйир додани рафтори рақибони худ истифода менамуд. Аммо дар асри XXI, баръакс, дар аксар маврид субъекти таҳдид намехоҳад, ки мақсадҳо ва ниятҳои ӯро дигарон фаҳманд ва аз ин рӯ, ҳар амале, ки барои таъсиррасонӣ ва зарару зиён расонидан аз ҷониби ӯ иҷро мегардад, ба таври пинҳонӣ анҷом дода мешавад. Бинобар ин, чунин ҳолат шинохти таҳдид ва муайян кардани сарчашмаи пайдоиши онро хеле мушкил мегардонад.

[1] Ниг.: Морозов, И.Л. Информационная безопасность политической системы [Текст] / И.Л. Морозов // Полис. Политические исследования. –2002. –№5. –С.134-145.

Масалан, ба ҳамагон маълум аст, ки инқилобҳои ранга бо дахолати субъектҳои хориҷӣ ба амал бароварда мешавад, аммо ҳеҷ як давлат дар ин амал худро гунаҳкор ва иштирокчии он намедонад. Ғайр аз ин, дар шароити имрӯза ҳизбу ҳаракатҳои радикалистию экстремистӣ ва ташкилотҳои террористӣ аз ҷониби як зумра давлатҳо «де-факто» маблағгузорӣ шуда, барои амалӣ гардонидани мақсадҳои сиёсию геополитикии онҳо истифода бурда мешаванд. Аммо ҳеҷ як давлат «де-юре» худро пуштибони терроризм ва экстремизм намешуморад. Ба ҳамин монанд, ҳуҷумҳои кибернетикӣ ва кибертерроризм низ бо истифода аз технологияҳои навин сурат мегирад, ки муайян кардани субъекти он кори хеле мушкил аст. Бо назардошти чунин вазъият гуфтан мумкин аст, ки дар замони муосир нияти зарар расонидан ҳамчун унсури маркази таҳдид хеле норавшан зоҳир мегардад. Яъне, субъекти таҳдид кӯшиш менамояд, ки мақсадҳои ғаразноки ӯро субъектҳои дигар дарк накунанд.

Бояд гуфт, ки чунин таҳдидҳо ба монанди терроризм, паҳншавии яроқу аслиҳа, низоъҳои мусаллаҳона, ҷанги шаҳрвандӣ, бемориҳои сироятӣ ва ҷиноятҳои фаромиллӣ зуҳуроти нав нестанд. Аммо дар замони муосир онҳо хусусиятҳои навро ба худ гирифтаанд, ки на танҳо ояндабинию баҳогузорӣ кардани зуҳуроти мазкурро мушкил гардонидааст, балки пешгирӣ намудани онҳоро низ мураккаб сохтааст. Масалан, то 11 сентябри соли 2001 аксари давлатҳо, аз ҷумла кишварҳои мутараққии Ғарб терроризмро ҳамчун таҳдиди пуриқтидор тасаввур намекарданд. Чунин ҳолат бо назардошти шумораи ҳалокшудагоне, ки дар натиҷаи амалҳои террористӣ ҷони худро аз даст дода буданд, баҳогузорӣ мегардид. Оморҳои пешниҳодшуда дар мавриди хавфу хатари терроризм нишон медиҳанд, ки то соли 2001 шумораи қурбониёни терроризм нисбат ба қурбониёни низоъҳои мусаллаҳонаи байнидавлатӣ, ҷангҳои шаҳрвандӣ ва бемориҳои сироятӣ чандин маротиба камтар аст. Ҳатто дар миқёси ҷаҳонӣ аз соли 1968 то соли 1997 шумораи қурбониёни амалҳои террористӣ солона аз 12 то 704 нафарро

ташкил намудаанд[1]. Аммо баъди амали терористии 11 сентябри соли 2001 терроризм на танҳо ҳамчун таҳдид дар миқёси байналмилалӣ эътироф гардид, балки шумораи амалҳои террористӣ ва қурбониёни он низ сол то сол рӯ ба афзоиш ниҳод. Чунин ҳолат боиси он гардид, ки терроризмро ҳамчун таҳдиди воқеӣ ва пуриқтидор баҳогузорӣ намоянд. Дар алоқамандӣ бо шиддатёбии таҳдиди терроризм як омили дигарро низ ёдовар шудан хеле муҳим аст. Дар асри XX террористон барои амалӣ гардонидани мақсадҳои сиёсии хеш танҳо арбобони давлатӣ ва сиёсатмадоронро ҳадафи худ қарор медоданд ва дар муқобили онҳо амали террористӣ содир мекарданд. Ҳамаи созишномаҳои маҳкумкунандаи амали террористӣ, ки дар асри XX дар сатҳи байналмилалӣ қабул гардидаанд, гувоҳи ин гуфтаҳо мебошанд[2]. Аммо дар асри XXI террористон ва ташкилотҳои террористӣ оммаи мардум ва ҷойҳои серодамро ҳамчун объекти рамзии худ интихоб кардаанд. Яъне, агар пештар шумораи қурбониён барои террористон камаҳамият дониста мешуда бошад, дар замони муосир баръакс зиёд кардани қурбониёни амали террористӣ мақсади онҳост. Агар солҳои қаблӣ давлату ҳукумат объекти террористон интихоб шуда бошад, айни замон ҷомеа ва аҳолии осоишта объекти онҳо интихоб гардидааст. Чунин ҳолат имкон медиҳад, ки терроризми классикӣ ва терроризми замони муосирро аз ҳам фарқ намоем. Аллакай дар як қатор пажӯҳишҳо истифодаи мафҳуми «терроризми нав»-ро мушоҳида кардан мумкин аст[3].

Дар мавриди паҳншавии яроқу аслиҳа низ чунин ҳолат ба мушоҳида мерасад. Махсусан, паҳншавии яроқи қатли ом, аз қабили яроқи химиявӣ,

---

[1] RAND-MIPT: "Terrorism Database" [Electronic resource]. – URL: https://www.rand.org/nsrd/projects/terrorism-incidents/download.html

[2] Конвенция о предотвращении и наказании преступлений против лиц, пользующихся международной защитой, в том числе дипломатических агентов, 1973 [Электронный ресурс]. – URL: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/int_protected_persons.shtml (дата обращения: 06.06.2020 г.); Международная конвенция о борьбе с захватом заложников [Электронный ресурс]. – URL: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/hostages.shtml (дата обращения: 03.07.2020 г.)

[3] Ниг.: Mahdi, M.N. Old and New Threats: The Changing Nature of International Security // Journal of Law, Development and Politics. – 2009. – Vol.1. – No 2. – P.1-20.

биологӣ ва ядроӣ боиси ташвиш гардида истодааст. Зеро эҳтимоли ба дасти ташкилотҳои террористӣ, аз ҷумла дар ихтиёри «Ал-Қоида» қарор гирифтани яроқи қатли ом ва аз ҷониби онҳо истифода шудани он ба амал омадааст. Бояд гуфт, ки яроқи қатли омро дар аввал ҳамчун воситаи муҳофизатӣ ва усули боздоранда медонистанд. Сиёсатшиноси амрикоӣ С.Хантингтон иброз медорад, ки «терроризм аз рӯзҳои аввали пайдоиши худ яроқи заифон буд ва чунин боқӣ мемонад, яъне яроқи нафароне, ки иқтидори ҳарбии заруриро надоранд. Ба ҳамин монанд аз давраи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ароқи ядроӣ низ яроқи заифон мебошад, ки ба воситаи он давлатҳо қафомонии ҳарбии худро ҷуброн кардан мехостанд. … Дар маҷмуъ, терроризм ва яроқи қатли ом яроқи заифон мебошанд, аммо замоне ки онҳоро муттаҳид менамоянд, як неруи қавӣ ба вуҷуд меояд»[1]. Бо назардошти чунин ҳолат гуфтан мумкин аст, ки субъектҳои истифодабарандаи яроқи қатли ом тули ду даҳсолаи охир тағйир ёфта истодаанд. Масалан, агар яроқи атомӣ дар таърихи инсоният ҳамагӣ як маротиба дар давраи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ аз ҷониби ИМА истифода шуда бошад, имрӯз ташкилотҳои террористӣ хеле зиёд кӯшиш карда истодаанд, ки ба яроқи қатли ом дастрасӣ дошта бошанд. Гузашта аз ин, дар зери таъсири рушди технологияҳои навин дастрасӣ ба яроқи қатли ом рӯз то рӯз осонтар гардида истодааст. Ғайр аз ин, назорати паҳншавии он низ мушкил шудааст. Аллакай мушоҳида кардан мумкин аст, ки яроқи қатли омро дар шакли хӯрд омода карда, на ҳамчун воситаи мудофиавӣ, балки дар раванди ҷангҳои геополитикӣ ва ҷангҳои мусаллаҳона як қатор давлатҳо истифода карда истодаанд, ё истифода бурдан мехоҳанд. Ин гуна баҳсу баррасиҳо дар байни коршиносони масоли амниятӣ ҳамчун паҳншавии «бомбаҳои ифлос»[2] машҳур гардидааст.

---

[1] Хантингтон, С. Столкновение цивилизаций [Текст] / Пер. с англ. – М.: Изд-во «АСТ», 2017. – С.289.

[2] Грязная бомба: что это такое? [Электронный ресурс]. – URL: https://www.popmech.ru/weapon/12296-gryaznaya-bomba-chto-eto-takoe/ (дата обращения: 09.09.2020 г.)

Ҳамин тариқ, таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки дар тули ду даҳсолаи охир объекти таҳдид ба дигаргунӣ дучор шудааст. Дар давраи ҷанги сард ва ҳатто пештар аз он давлат, ҳукумат, арбобони давлатию сиёсӣ ва моликияти онҳо ҳамчун объекти таҳдид ба шумор мерафтанд. Аммо дар замони муосир ҷомеа ва оммаи мардум низ ҳамчун объекти таъсиррасонӣ интихоб гардидаанд ва дар аксар маврид субъекти таҳдид ба воситаи онҳо мехоҳанд рафтори давлатҳо ва ҳукуматҳоро тағйир диҳанд.

Бо назардошти мураккабии табиати таҳдидҳо ва мавҷуд набудани таърифи ягона дар мавриди моҳияти онҳо мазмуну мундариҷаи таҳдидҳоро аз рӯйи шаклҳои зоҳиршавӣ нишон додан мувофиқи мақсад аст. Ҳамаи таҳдидҳоро аз рӯйи шакли зоҳиршавиашон шартан ба чаҳор гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст. Якум, таҳдидҳое, ки дар онҳо субъект нияти расонидани зарарро дар муносибат ба субъектҳои дигар кӯшоду равшан ва рӯирост эълон медорад. Дуюм, таҳдидҳое, ки дар онҳо субъект нияти расонидани зарарро пинҳон менамояд ва худро тавре вонамуд месозад, ки гӯё вай дар воқеа, ё вазъияти баамаломада ҳеҷ иртиботе надорад. Инчунин субъектҳои мазкур дар аксар маврид кӯшиш менамоянд, ки ниятҳои онҳоро дигарон нафаҳманд. Сеюм, таҳдидҳое, ки субъекти онҳо нияти расонидани зарарро надоранд, аммо пайдоиши ин гуна таҳдидҳо аз рафтори онҳо вобаста мебошад. Чорум, таҳдидҳое, ки дар онҳо на танҳо нияти расонидани зарар дида намешаванд, балки субъекти мушаххас надоранд (ниг. ба ҷадвали 1). Таснифоти мазкур паҳлуҳои гуногуни таҳдидҳои дар боло номбаргардидаро ошкор менамояд. Гуфтан зарур аст, ки дар мавриди таҳдидҳои гурӯҳи якум таҳқиқотҳо хеле зиёданд. Зеро пайдоиши ин гуна таҳдидҳо таърихи қадима доранд. Аммо гурӯҳи дуюми таҳдидҳо хеле кам омӯхта шудаанд ва табиати онҳо низ барои субъекти таъмини амният дар аксар маврид норавшан ва номаълум аст. Ин гуна таҳдидҳоро таҳдидҳои замони муосир номидан мумкин аст. Инчунин таҳдидҳои гурӯҳи сеюм низ ба омӯзиш ниёз доранд. Зеро онҳо дар шароити бархӯрди манфиатҳои шахсию гурӯҳӣ бо манфиатҳои миллӣ ба амал меоянд.

**Ҷадвали 1**

**Навъҳои таҳдид аз рӯйи мавҷудияти субъект ва шакли зоҳиршавии зарару зиён**[1]

| **Навъҳои таҳдид** | **Моҳияти таҳдид** | **Субъектҳои таҳдид** | **Намудҳои таҳдид** |
|---|---|---|---|
| **Таҳдидҳои ошкоро** | Таҳдидҳое, ки дар онҳо нияти расонидани зарар аз ҷониби субъекти мушаххас кушоду равшан ва ошкоро эълон карда мешавад. Яъне, субъекти таҳдид ниятҳои худро пинҳон намедорад. | – давлатҳо;<br>– созмонҳои байналмилалию минтақавӣ;<br>– иттиҳоди давлатҳо;<br>– ширкатҳои фаромиллӣ;<br>– ташкилотҳои террористию экстремистӣ | Ҳуҷумҳои ҳарбӣ, таҳримҳо, анҷом додани амали террористӣ, фишорҳои байналмилалӣ, маҳрум сохтан аз имтиёзҳо ва ғ. |
| **Таҳдидҳои пинҳонӣ** | Таҳдидҳое, ки дар онҳо нияти расонидани зарар пинҳон нигоҳ дошта мешавад. Яъне, субъекти таҳдид намехоҳад, ки аз нияти вай дигарон огоҳ шаванд. | – давлатҳо;<br>– ташкилотҳои террористию экстремистӣ;<br>– ширкатҳои фаромиллӣ;<br>– расонаҳои хабарии хориҷӣ. | Инқилобҳои ранга, ҷангҳои иттилоотӣ, идеологӣ ва психологӣ, ҳуҷумҳои иттилоотӣ, кибертерроризм, тахрибкорӣ (диверсия), пайдоиши вирусҳои нав, амали террористӣ, таблиғи ғояҳои радикалистию экстремистӣ, мағзшӯӣ кардани шуури ҷавонон ва ғ. |
| **Таҳдидҳои антропогенӣ ва** | Таҳдидҳое, ки субъекти онҳо | – давлатҳо;<br>– ширкатҳои | Ифлосшавии муҳити зист, тағйирёбии иқлим, риоя |

[1] Ҷадвали 1 аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

| | | | |
|---|---|---|---|
| **техногенӣ** | нияти расонидани зарарро надоранд, аммо пайдоиши як зумра таҳдидҳо аз рафтори онҳо вобастаанд. | фаромиллӣ;<br>– шаҳрвандони мамлакат;<br>– ниҳодҳои сиёсию ҷамъиятӣ ва ғ. | накардани қонунҳо, низомномаҳо, стандартҳои давлатӣ, дастурамалҳо, ба амал омадани садамаҳо дар натиҷаи фориғболӣ ва хунукназарии кормандон, хурофотпарастӣ, таассубгарой, тақлид ба фарҳанги бегона ва ғ. |
| **Таҳдидҳои табиӣ** | Таҳдидҳое, ки дар онҳо на танҳо нияти расонидани зарар дида намешавад, балки субъекти мушаххас надоранд. | Надорад | Заминларза, боришоти аз меъёр зиёд, омадани сел, обхезӣ, фаромадани тарма, пайдоиши бемориҳои сироятӣ ва ғ. |

Ҳамин тариқ, моҳият, мазмуну мундариҷа ва табиати таҳдидҳоро мавриди таҳқиқ қарор дода, вобаста ба масъалаҳои омӯхташуда чунин хулосаҳо пешниҳод мегарданд:

1. Чи гунае ки таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, вобаста ба моҳияти таҳдидҳо таърифи ягона, ё андешаи аз ҷониби ҳамагон эътирофшуда вуҷуд надорад. Яке аз сабабҳои чунин вазъият дар он ифода меёбад, ки таҳдидҳо дар шаклҳои гуногун ва дар зери таъсири омилҳои мухталиф зоҳир мешаванд. Масалан, терроризм ҳамчун таҳдид аз рӯйи хусусиятҳои худ ва махсусан вобаста ба шакли зоҳиршавии худ аз бемориҳои сироятӣ, тағйирёбии иқлим ва монанди инҳо фарқ менамояд. Ҳар як муҳаққиқ ҳангоми таҳқиқи навъҳо ва шаклҳои алоҳидаи таҳдид вобаста ба табиати зоҳиршавии он таърифи худро пешниҳод менамояд ва дар натиҷа нисбат ба таҳдидҳо андешаҳои гуногун ва баъзан мухолифи ҳамдигар ба вуҷуд меоянд. Гузашта аз ин, ҳар як муҳаққиқ, махсусан олимони Ғарб ҳангоми баррасии масъалаҳои мухталифи амнияти миллӣ кӯшиш менамоянд, ки афзалиятҳои миллӣ ва манфиатҳои миллии кишвари

худро дар мадди аввал гузоранд. Аз ҷумла, дар таҳқиқоти З.Бжезинский[1], С.Хантингтон[2], Ҷ.Най,[3] Ф.Фукяма[4] ва дигарон чунин тарзи баррасии масъалаҳои амниятиро бе ҳеҷ мушкилӣ эҳсос кардан мумкин аст. Яъне, онҳо табиати таҳдидҳоро бо назардошти манфиатҳои миллии кишвари худ шарҳ медиҳанд, ки дар натиҷа моҳият ва табиати таҳдидҳо ба таври гуногун шарҳу тавзеҳ меёбанд.

2. Таҳдид нияти расонидани зарар, воситаи тағйир додани рафтори рақибон, монеа эҷод кардан дар самти амалишавии манфиатҳои миллии давлатҳои дигар ва ниҳоятан воситаи амалӣ гардонидани манфиатҳои миллию геополитикии субъекти мушаххас мебошад. Дар аксар маврид давлатҳои алоҳида ба сифати субъектҳои таҳдид баромад менамоянд ва дар миёни онҳо барои ба даст овардани манбаҳои ҳаётан муҳим ва мустаҳкам кардани мавқеи геополитикии худ рақобати шадид сурат мегирад. Дар баробари давлатҳо, инчунин иттиҳоди давлатҳо, ширкатҳои фаромиллӣ ва ҳатто ташкилотҳои террористию экстремистӣ низ метавонанд ба сифати субъектҳои таҳдид шинохта шаванд.

3. Бо такя ба гуфтаҳои боло нисбат ба моҳияти таҳдидҳо таърифи ягона ба вуҷуд овардан хеле мушкил аст. Дар ин гуна вазъият бо назардошти мавҷуд будан, ё набудани нияти расонидани зарар ду таърифи таҳдидро пешниҳод намудан мумкин аст. *Якум,* таҳдид шарту шароит ва омилҳое мебошад, ки аз ҷониби субъекти мушаххас бо мақсади расонидани зарар ва тағйир додани рафтори субъектҳои дигар ё ба тарви ошкоро, ё ба тарви пинҳонӣ ба вуҷуд оварда мешавад ва ба ин тариқа дар самти амалигардонии манфиатҳои миллии рақибони худ монеа эҷод мекунад. *Дуюм,* таҳдид шарту шароит, ҳодиса, воқеа ва тамоюлоте мебошад, ки пайдоиши он аз майлу

[1] Ниг.: Бжезинский, З. Великая шахматная доска [Текст] / Пер. с англ. О. Уральской. – М.: Изд-во «АСТ», 2020. – 384 с.
[2] Ниг.: Хантингтон, С. Столкновение цивилизаций [Текст] / Пер. с англ. Т.Велимеева. – М.: Изд-во «АСТ», 2017. –576 с.
[3] Ниг.: Най, Дж. Будущее власти. Как стратегия умной силы меняет XXI век [Текст] / Пер. с англ. В.Н. Верченко. – М.: Изд-во «АСТ», 2014. – 444 с.
[4] Ниг.: Фукуяма, Ф. Америка на распутье: Демократия, власть и неоконсервативное наследие [Текст] / Пер. с англ. – М.: Изд-во «АСТ», 2008. – 282 с.

хоҳиш, ё иродаи сиёсии субъектҳо вобаста нест, аммо дар самти амалишавии манфиатҳои миллӣ монеа эҷод мекунад ва ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ зарару зиёни зиёд мерасонад.

4. Таҳдидҳои замони муосир аз таҳдидҳои пештар мавҷудбуда бо як қатор хусусиятҳои худ фарқ карда меистанд. Аввал ин, ки онҳо дар шакли хавфҳо зоҳир мешаванд. Яъне, таҳдидҳои нав зуҳуроте мебошанд, ки дар аксар маврид хусусиятҳо ва оқибатҳои ногувори онҳо муддате номуайян боқӣ мемонанд. Зеро дар бораи онҳо субъекти таъмини амният ё маълумоти зарурӣ надорад, ё мавҷудияти онро ҳанӯз дарк накардааст. Дуюм ин, ки дар шароити муосир субъекти таҳдид мақсадҳои стратегии худро ба таври ошкоро эълон намекунад ва кӯшиш менамояд, ки дигарон аз ҳадафҳои вай огоҳ набошанд. Чунин вазъият шинохти таҳдидҳо ва муайян кардани сарчашмаҳои пайдоиши онҳоро мушкил мегардонад. Сеюм ин, ки дар замони муосир объекти таҳдидҳо ба таври назаррас тағйир ёфтааст. Агар якчанд даҳсола пеш давлату ҳукумат, арбобони сиёсию давлатӣ ва моликияти онҳо ба сифати объекти таҳдид баромад менамуда бошанд, айни замон аҳолии осоишта, инфрасохтори ҷомеа, сохти конститутсионии давлат, афкори ҷамъиятӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба сифати объекти асосӣ интихоб гардидаанд. Ба ибораи дигар, субъекти таҳдид мақсадҳои сиёсии худро ба воситаи шаҳрвандон ва аҳолии осоишта мехоҳад дар амал татбиқ созад. Чорум ин, ки баъди анҷомёбии ҷанги сард ба мундариҷаи амнияти миллӣ дар баробари таҳдидҳои ҳарбӣ, инчунин таҳдидҳои ғайриҳарбӣ низ ворид карда мешаванд. Чунин ҳолат маънои онро дорад, ки минбаъд соҳаҳои ғайриҳарбӣ, аз қабили иқтисодиёт, илму технология, экология, иҷтимоиёт, фарҳанг ва ғ. ҳамчун сарчашмаи таҳдид метавонанд эътироф гарданд. Дар асоси чунин шарту шароит гуфтан мумкин аст, ки таҳдидҳои замони муосир дар раванди дигаргуншавии ҷомеа зуҳур менамоянд ва барои пешгирии онҳо субъекти таъмини амният иттилооти зарурӣ ва маълумоти кофӣ бояд дошта бошад.

## 1.2. Умумият ва махсусияти хавфу хатар ва таҳдидҳо: масъалаҳои назариявӣ

Муайян кардани умумият ва махсусияти хавфу хатар ва таҳдид яке аз масъалаҳои муҳимми соҳаи амниятшиносӣ мебошад. Зеро дар аксар маврид таҳлилгарону пажӯҳишгарон мафҳумҳои мазкурро дар як маъно истифода мебаранд. Аммо мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки хавф, хатар ва таҳдид аз рӯйи баъзе хусусиятҳои зоҳиршавии худ аз ҳамдигар тафовути ҷиддӣ доранд. Аз ин рӯ, дар раванди таҳлилу баррасии моҳияти таҳдидҳо муайян кардани хусусиятҳои бевоситаи хавфу хатарҳо низ хеле муҳим аст. Дар чунин шакл таҳлил намудани масъалаҳои мазкур имкон медиҳад, ки сарчашмаҳои пайдоиш ва мавқеи корбурди онҳо муайян карда шаванд.

Бояд гуфт, ки тули се даҳсолаи охир олимону муҳаққиқон дар бораи хусусиятҳои хавфу хатар ва таҳдид асарҳои зиёде таҳия кардаанд. Дар байни онҳо таҳқиқи хавфҳо ва таҳдидҳо мавқеи меҳвариро ишғол мекунад. Махсусан, баъд аз оне, ки соли 1986 роҷеъ ба пайдоиши хавфҳо китоби ҷомеашиноси немис У.Бек[1] чоп гардид, баҳсу мунозираҳо дар атрофи хавфҳо хеле зиёд шуданд.  Баъди чопи ин китоб шинохти хавфҳо барои одамон ва умуман барои ҷомеа ва давлат хеле аҳамиятнок гардид. Зеро инсоният дар баробари дастёбӣ ба пешрафти илмию техникӣ ва инқилобҳои иттилоотию технологӣ, инчунин бо фалокатҳои экологӣ, садамаҳои техногенӣ, бухронҳои молиявию иқтисодӣ, бемориҳои сироятӣ, муҳоҷират, масъалаҳои иҷтимоӣ ва таҳдидҳои террористӣ рӯ ба рӯ гардид, ки дар натиҷаи ин гуна тағйирот зарари имконпазир қисми таркибии фаъолияти ҳамарӯзаи одамонро ташкил дод. Дар ин самт ҷомеашиносон Н.Луман[2], М.Дуглас[3], Э.Гидденс[1], Ф.Найт[2] ва чанде дигарон таҳқиқоти ҷиддӣ анҷом

[1] Ниг.: Бек, У. Общество риска. На пути к другому модерну [Текст] / Пер. с нем. – М.: Прогресс-традиция, 2000. – 384 с.
[2] Ниг.: Луман, Н. Понятие риска [Текст] / Н. Луман // THESIS. – 1994. – №5. – С.135-160.
[3] Ниг.: Дуглас, М. Риск как судебный механизм [Текст] / М. Дуглас // THESIS. – 1994. – №5. – С.242-253.

додаанд. Махсусан, ҷомеашиноси немис Никлас Луман дар омӯзиши хавфҳо саҳми арзанда гузошта, ба ташаккулёбии ҷаҳонбинии одамон дар бораи хавфҳо диққати махсус зоҳир менамояд ва моҳияти ин масъаларо дар доираи дихотомияҳои хавф/эътимод (ҳолати хавфнок/ҳолати боэътимод) ва хавф/хатар шарҳ медиҳад[3]. Арзиши назариявии таҳқиқоти Н.Луман барои мо дар он ифода меёбад, ки ӯ ҳарчанд баррасиҳои худро дар сатҳи ҷомеа ва муносибатҳои ҷамъиятӣ иброз намуда бошад ҳам, тафовути байниҳамдигарии хавфу хатарро нишон додааст.

Дар замони муосир низ як қатор олимон ба масъалаи шинохти хавфҳо диққати бештар дода истодаанд[4]. Баъзе муҳаққиқон шинохти хавфро дар доираи масъалаи тағйирёбии иқлим[5], баъзеи дигарон дар мисоли бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла бемории COVID-19[6] ва ба ҳамин монанд олимони гуногун барои шинохти хавфҳо дар шароити мухталиф таҳқиқоти алоҳида анҷом медиҳанд. Гузашта аз ин, ҳанӯз соли 1998 дар назди нашриёти «Taylor & Francis», ки дар Британияи Кабир ҷойгир аст, маҷаллаи илмии тақризшавандаи бонуфуз зери унвони «Journal of Risk Research» (маҷалла оид ба таҳқиқи хавфҳо) ташкил карда шудааст, ки дар он то ба имрӯз натиҷаҳои таҳқиқоти соҳаи хавфшиносӣ ба нашр мерасанд[7].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ба омӯзиши хавфҳо асосан мутахассисони соҳаи сотсиология ва психология диққати бештар додаанд.

---

[1] Ниг.: Гидденс, Э. Последствия современности [Текст] / Пер. с англ. – М.: Праксис, 2011. – 352 с.; Гидденс, Э. Судьба, риск и безопасность [Текст] / Э. Гидденс // THESIS. – 1994. – №5. – С.107-134.

[2] Ниг.: Найт, Ф. Понятия риска и неопределенности [Текст] / Ф. Найт // THESIS. – 1994. – №5. – С.12-28.

[3] Ниг.: Луман, Н. Понятие риска [Текст] / Н. Луман // THESIS. – 1994. – №5. – С.135-160.

[4] Ниг.: Paek H.J., Thomas H. Risk Perceptions and Risk Characteristics [electronic resource]. – URL: https://oxfordre.com/communication/view/10.1093/acrefore/9780190228613.001.0001/acrefore-9780190228613-e-283?print=pdf (дата обращения: 01.01.2020 г.)

[5] Ниг.: Tvinnereim E., Lægreid O.M., Liu X., Shaw D., Borick C., Lachapelle E. Climate change risk perceptions and the problem of scale: evidence from cross-national survey experiments // Environmental Politics. – 2020. – Vol.29. – No. 7. –P.1178-1198.

[6] Ниг.: Dryhurst S., Schneider C.R., Kerr J., Freeman A.L., Recchia G., Anne M.B., Spiegelhalter D., Sander L. Risk perceptions of COVID-19 around the world // Journal of Risk Research. – 2020. –Vol. 23. – No. 7-8. –P.994-1006.

[7] Ниг.: Journal of Risk Research. Journal website [electronic resource]. – URL: https://www.tandfonline.com/toc/rjrr20/current (дата обращения: 01.01.2021 г.)

Дар илмҳои сиёсӣ масъалаи мазкур дар сатҳи зарурӣ омӯхта нашудааст. Дар доираи илмҳои сиёсӣ таҳқиқи хавфҳо ангуштшуморанд, ки ин ҳолат сабабҳои худро дорад. Одатан, сиёсатшиносон дар таҳқиқоти худ ба масъалаи ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва безараргардонии таҳдидҳо диққати бештар медиҳанд ва шарту шароити таъмини амнияти миллиро аз ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои миллӣ ва коҳишдиҳии таъсири манфии таҳдидҳо вобаста медонанд. Гузашта аз ин, дар илмҳои сиёсӣ хавфу хатар замоне объекти таҳқиқот қарор мегирад, ки агар хусусияти сиёсӣ дошта бошанд. Зеро дар бисёре аз мавридҳо зуҳуроти мазкур дар сатҳи шахсони алоҳида ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ маҳдуд мегарданд. Аммо таҳдидҳо бошанд дар аксар маврид хусусияти сиёсӣ доранд, махсусан таҳдидҳо ба суботи сиёсӣ чунин хусусиятро доро мебошанд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда дар илмҳои сиёсӣ низ хавфҳо метавонанд ба таври ҷиддӣ омӯхта шаванд. Зеро хавфҳо ҳамчун эҳтимоли ба вуқуъ омадани оқибатҳои ногувор аз ҷониби субъектҳои мушаххас дар муқобили рақибон ҳадафмандона барои амалӣ кардани мақсадҳои худ истифода мегарданд. Дар чунин шароит хавфҳо бо таҳдидҳои эҳтимолӣ ҳаммаъно дониста шуда, дар доираи ченаки зарарҳои имконпазир бояд таҳлилу баррасӣ гарданд.

Қобили зикр аст, ки дар илмҳои сиёсӣ пас аз нашри китобҳои сиёсатшиноси англис Б.Бузан[1] дар атрофи хусусиятҳои таҳдид баҳсҳои доманадор оғоз мегарданд. Ин аст, ки то ба имрӯз таҳдидҳо ва паҳлуҳои гуногуни онҳо хеле зиёд омӯхта шудаанд ва ҳанӯз ҳам ин раванд идома дорад. Аммо зиёд будану зиёд шудани шумораи таҳқиқот ҳанӯз маънои онро надорад, ки ин масъала ба омӯзиш ниёз надошта бошад, ё ҳалли худро пайдо карда бошад. То он замоне, ки инсоният барои таъмини амнияти худ ва расидан ба рушду инкишоф кӯшиш менамояд, омӯзиш ва пажӯҳиши таҳдидҳо низ онҳоро ҳамроҳӣ мекунанд. Хусусияти идомаёбанда доштани

[1] Ниг.: Buzan B. People, States and Fear. The National Security Problem in International Relations. – London: Thomson Press, 1983. –262 p.; Buzan B., Weaver J., Wilde J. Security: A New Framework for Analysis. – Boulder, CO: Lynne Rienner, 1998. – 239 p.

таҳқиқи таҳдидҳо дар он ифода меёбад, ки манфиатҳои миллӣ ва мақсадҳои стратегӣ (ба истиснои манфиатҳои ҳаётан муҳим) бо назардошти рушди ҷамъиятӣ тағйир меёбанд ва ҳамчунин дар натиҷаи пешрафти илмию технологӣ низ таҳдидҳои нав пайдо мешаванд, ки ниёз ба омӯзиш доранд. Ғайр аз ин, давлатҳои олам аз лиҳози рушди ҷамъиятӣ, фарҳанг, маданияти сиёсӣ, арзишҳои ҷамъиятӣ ва монанди инҳо аз ҳамдигар тафовут доранд. Чунин ҳолат имкон намедиҳад, ки натиҷаи таҳқиқоти олимони хориҷӣ барои пешгирӣ кардани таҳдидҳои ҷомеаи мушаххас истифода шаванд. Барои ҳамин дар шароити ҳар як ҷомеа бо назардошти равандҳои иҷтимоию сиёсии он бояд таҳқиқоти алоҳида анҷом дода шавад.

Зарурияти омӯзиши умумият ва махсусияти хавф, хатар ва таҳдид, пеш аз ҳама, бо ҳолатҳои зерин асоснок карда мешаванд: якум, дар аксар маврид ҷомеашиносон, рӯзноманигорон, таҳлилгарон ва муҳаққиқону зиёиён мафҳумҳои «таҳдид», «хатар» ва «хавф»-ро дар як маъно истифода мебаранд. Дар ин гуна вазъ ба назар чунин мерасад, ки мафҳумҳои мазкур муродифи якдигаранд. Аммо чунин ҳолат имкон намедиҳад, ки моҳияти таҳдид, хатар ва хавфҳо ба таври дуруст муайян карда шавад. Ғайр аз ин, хавфҳо дар забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла дар забонҳои русӣ ва англисӣ ба воситаи мафҳуми «риск» ифода карда мешавад. Аз ин рӯ, дар аксар маврид хавфро ҳамчун таваккал тасаввур менамоянд, ки ин гуна баррасӣ чандон дуруст нест. Дар ин маврид, ибораҳои «риск кардан» ва «таваккал кардан» ҳаммаъно мешавад, ки ин гуна фаҳмиши хавфҳо бо назарияи амнияти миллӣ мутобиқат намекунад. Гузашта аз ин, муайян кардани таносуби хавфу хатар бо таҳдид ба он хотир муҳим аст, ки дар раванди омӯзиши таҳдидҳо ба иштибоҳҳои камтар роҳ дода мешавад ва тафовути байниҳамдигарии онҳо муайян мегардад.

Дар аввал нишон додани хусусиятҳои муҳимми хавфҳо ва муайян кардани алоқамандии онҳо бо таҳдид зарур дониста мешавад. Бо ин мақсад баррасии моҳияти хавфҳо низ хеле муҳим аст. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки дар бисёре аз мавридҳо хавфро бо ҳолати номуайянӣ

ифода мекунанд. Ба ибораи дигар, номуайянӣ ва номаълум будани натиҷаҳои интизорӣ нишонаи муҳимми хавфҳо мебошанд. Ба андешаи ҷомеашиноси немис Н.Луман, «агар кӯшиш намоӣ, ки моҳияти хавфро муайян созӣ, тасаввур кардан кофист, ки ба тумани ғализ ворид шудаӣ. Зеро дар тумани ғализ ҳатто фосилаи наздиктарин ноаён аст»[1].

Олими амрикоӣ Фрэнк Найт ба масъалаи номуайянӣ каме ҷиддитар муносибат карда, ду навъи онро нишон додааст. Ба ақидаи ӯ, мафҳуми «хавф» барои ифодаи навъи якуми номуайянӣ ва худи мафҳуми «номуайянӣ» барои ифодаи навъи дуюми номуайянӣ истифода бурда мешавад. Ғайр аз ин, мафҳуми «хавф» доимо дар муносибат бо номуайяние истифода мешавад, ки дар он имконияти ба амал омадани оқибатҳои ногувор мавҷуд аст. Аммо худи мафҳуми «номуайянӣ» бо вазъияте ифода меёбад, ки дар он имконияти ба амал омадани оқибатҳои гуворо ба мушоҳида мерасанд. Масалан: хавфи аз даст додани чизе, хавфи зарару зиён дидан; номуайян будани натиҷаҳои музаффарият, номуайян будани фоида ва ғ. ба онҳо мисол шуда метавонанд[2]. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки хавф ифодагари эҳтимолияти ба вуқуъ омадани ҳолати ногувор, ё эҳтимоли пайдо шудани хатар мебошад. Чунин эҳтимолият замоне ба вуҷуд меояд, ки агар сатҳи эътимод дар дараҷаи поён қарор дошта бошад. Масалан, замоне ки дар мавриди анҷом додани фаъолияти самаранок ва натиҷабахш эътимоди камтар эҳсос мешавад, эҳтимоли пайдо шудани хавфҳо ба вуҷуд меояд. Ин аст, ки хавфро бо ҳолати номуайянӣ ва ояндаи норавшан алоқаманд мекунанд. «Эҳтимолият» мавҷуд будани хатар ва ба амал омадани зарарро инъикос намуда, то як андоза номуайяниеро дар худ нигоҳ медорад. Хусусияти номуайянӣ ва эҳтимолӣ доштани хавфҳо бо андешаҳои ихтилофноки одамон алоқаманд буда, ҳаҷм ва ҷиддияти хавфро дар дараҷаҳои гуногун қарор медиҳад. Чунин ҳолат (яъне, номуайянӣ) ба он

---

[1] Луман, Н. Понятие риска [Текст] / Н. Луман // THESIS. – 1994. – №5. – С.139.
[2] Ниг.: Найт, Ф. Понятия риска и неопределенности [Текст] / Ф. Найт // THESIS. –1994. –№5. – С.25.

хотир пайдо мешавад, ки одамон дониш ва таҷрибаи гуногун доранд, аз ин рӯ, хавфҳоро низ ба таври мухталиф тасаввур мекунанд[1].

Таҳлили асарҳои илмии ҷомеашиносон нишон медиҳад, ки хавф дар муқобили ҳолати боэътимод қарор дорад. Яъне, ҳолати боэътимод ва оияндаи хурсандибахш ҳамчун арзиши олӣ ва оияндаи нохуб, оқибати ногувор ва ҳолатҳои нороҳаткунанда ҳамчун хавф тасаввур карда мешаванд. Ҳарчанд ҳолати мукаммали боэътимод ғайриимкон бошад ҳам, дар ҳама ҳолат афзалияти асосӣ ба он дода мешавад. Дар ин маврид аз лиҳози арзишшиносӣ дихотомияи «беморӣ/солимӣ» пеши назар меояд, ки аввали ҳолати ногувор ва дуввуми арзиши олӣ маҳсуб меёбад. Дар мавриди қабули қарорҳои сиёсӣ низ хавфҳо ҳамчун ҳолати ногувор тасаввур мегарданд.

Дар байни донишмандони рус олимони Академияи илмҳои Россия дар омӯзиши хавфҳо саҳми арзанда гузоштаанд. Дар таҳқиқоти онҳо садамаҳои техникию технологӣ, ба амал омадани ҳодисаю воқеаҳои ногувор, хавфи ба амал омадан ва роҳу воситаҳои пешгирӣ кардани онҳо таҳлилу баррасӣ шудаанд[2]. Дар таҳқиқоти онҳо хавф ченаки асосии хатар муаррифӣ мегардад. Онҳо ҳодисаю воқеаҳои эҳтимолӣ ва имконпазирро ба инобат гирифта, таркиби хавфро муайян кардаанд. Дар таҳқиқоти мазкур ҷанбаҳои объективӣ ва субъективии хавфҳо хеле хуб асоснок карда шудаанд[3]. Ҳолати объективии хавф маънои онро дорад, ки ҳодисаю воқеаҳо бе иштироки инсон ба вуқуъ меоянд. Дар чунин маврид хавф ҳамвазни хатар дониста мешавад. Масалан, офатҳои табиӣ (заминҷунбӣ, обхезӣ, боришоти зиёд, гирдбод ва ғайраҳо) бе иштироки инсон ба амал меоянд. Аммо ҳодисаю воқеаҳои зиёде низ ҳастанд, ки маҳз сабабгори пайдоиши онҳо худи инсон аст. Масалан, инсоният метавонад неругоҳҳои атомиро насозад, садди неругоҳҳои барқи обиро, ки худаш сохтааст, метавонад дар сатҳи зарурӣ

---

[1] Ниг.: Paek H.J., Thomas H. Risk Perceptions and Risk Characteristics [electronic resource]. –URL: https://oxfordre.com/communication/view/10.1093/acrefore/9780190228613.001.0001/acrefore-9780190228613-e-283?print=pdf (дата обращения: 01.01.2020 г.)

[2] Ниг.: Управление риском: Риск. Устойчивое развитие. Синергетика [Текст]. –М.: Наука, 2000. – 431 с.

[3] Ниг.: Ҳамон ҷо. –С.42-45.

мустаҳкам кунад, ё накунад, ба саломатии худ метавонад диққати ҷиддӣ зоҳир намояд, ё умуман онро ба инобат нагирад. Дар чунин маврид хавф аз хатар тафовути ҷиддӣ дорад ва ҳатто онҳо дар муқобили ҳамдигар қарор мегиранд. Яъне, инсон метавонад хавфҳоеро, ки бо иштироки одамон пайдо шудаанд, идора кунад ва оқибатҳои ногувори онро ба сифр баробар созад. Аммо хавфҳоеро, ки дар шакли хатар зоҳир мешаванд ва хусусияти объективӣ доранд, идора карда намешавад. Танҳо зарару зиён, ё хисороти онро коҳиш медиҳанд ва ҳеҷ гоҳ онро ба сифр баробар карда наметавонанд. Масалан, инсоният пеши роҳи заминҷунбӣ, ё обхезиро гирифта наметавонад, аммо бо такя ба дастовардҳои илму техникаи муосир ва инчунин бо истифодаи таҷрибаҳои пештар ҳосилшуда талафот ва хисоротро метавонад коҳиш диҳад. Хулоса, хавфҳо натиҷаи фаъолияти одамон мебошанд ва сабабҳои пайдоиши онҳоро низ дар фаъолияти инсонҳо бояд ҷустуҷӯ кард. Айнан дар чунин шакл тасаввур гардидани хавф дар таҳқиқоти ҷомеашиноси немис У.Бек[1] ба мушоҳида мерасад.

Тули солҳои охир сиёсатшиносони ватанӣ ба шаклҳои зоҳиршавии хавфҳои сиёсӣ таваҷҷуҳ дода истодаанд. Аз ҷумла, А.Н. Муҳаммад таъсири манфии хавфи репутатсиониро дар шароити давлатдории миллӣ нишон дода, онро яке аз зуҳуроти номатлуби замони муосир муаррифӣ мекунад. Ба андешаи ӯ, «аз даст додани боварӣ, эҳтиром, ё ин ки нуфузи намояндагони як миллат дар назди ниҳодҳои хориҷӣ, мисли ташкилоти байналмилалӣ, маблағгузорон ва воситаҳои ахбори оммаи ҷомеа» оқибатҳои ногувори хавфҳои репутатсионӣ мебошанд[2]. Профессор А.Н. Муҳаммад муътақид аст, ки «Иштирок намудани шаҳрвандони ин ё он мамлакат дар ҳаракатҳои экстремистӣ ва ҳамлаҳои террористӣ ба паст задани мақому мартаба ва имиҷи миллату давлатҳо бурда мерасонад»[3]. Чи гунае ки ба мушоҳида

---

[1] Ниг.: Бек, У. Общество риска. На пути к другому модерну [Текст] / Пер. с нем. –М.: Прогресс-традиция, 2000. –384 с.

[2] Хавфи репутатсионӣ [Захираи электронӣ]. –URL: https://khovar.tj/2024/02/havfi-reputatsion-doktori-ilm-oi-siyos-professor-mu-ammad-abdura-mon-in-mavzuro-shar-medi-ad/ (санаи муроҷиат: 20.04.2024)

[3] Ҳамон ҷо.

мерасад, дар таҳқиқоти олимони ватанӣ низ хавф ба монанди таҳдиди эҳтимолӣ, ҳамчун ояндаи нохуб ва эҳтимоли аз даст додани арзишҳо дониста мешавад. Чунин ҳолат бори дигар гувоҳӣ аз он медиҳад, ки хавфҳо на танҳо ҳамвазни таҳдидҳои эҳтимолӣ бояд дониста шаванд, балки бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани таъмини амнияти миллӣ дар илмҳои сиёсии ватанӣ ҳамаҷониба бояд таҳқиқ гарданд.

Ҳарчанд таҳдид аз хавф тафовути ҷиддӣ дошта бошад ҳам, онҳо бо ҳамдигар алоқаи зич доранд. Масалан, субъекти таҳдид кӯшиш менамояд, ки барои рақиби худ хавфҳои гуногунро ба вуҷуд оварад. Ба ибораи дигар, монеъ шудан дар раванди амалишавии манфиатҳои рақиб, корношоям гардонидани имкониятҳои вай ва ниҳоятан дар ҳолати ногувор қарор додани вай раванди ба вуҷуд овардани хавфҳо мебошад. Дар ин маврид ҳолати ногувор ҳамчун хавф ва кӯшиши ба вуҷуд овардани ин гуна ҳолат ҳамчун таҳдид бояд дониста шавад. Олими рус И.А. Сушкова чунин ҳолатро ба инобат гирифта, дар мақолаи худ алоқамандии «хатар», «таҳдид» ва «хавф»-ро дар мисоли таъмини амнияти иқтисодӣ таҳлилу баррасӣ намуда, хавфро натиҷаи таҳдид номидааст[1].

Дар баъзе аз мавридҳо тафовути таҳдид ва хавфро ба воситаи унсурҳои таркибии онҳо муайян кардан зарур аст. Зеро дар баъзе сарчашмаҳои илмӣ қайд мегардад, ки «хавф дар худ ду унсури муҳимро нигоҳ медорад: якум, эҳтимоли сар задани воқеаи нохуш ва дуюм, оқибатҳои ногувори ин воқеа (зарар, зиён, хисорот)»[2]. Чунин тарзи баррасӣ маънои онро дорад, ки субъекти амният ҳангоми баҳогузорӣ кардани таҳдиду хатарҳо метавонад сатҳи зоҳиршавии унсурҳои хавфро баҳогузорӣ намояд ва сипас қарорҳои дахлдор қабул кунад. Ба андешаи Арасту, «одамон бисёртар аз зарарҳое метарсанд, ки дар фосилаи наздик қарор доранд, яъне то он дараҷа наздике, ки ба амал омаданашон имконпазир

---

[1] Ниг.: Сушкова, И.А. Соотношение и взаимосвязь понятий «вызов», «опасность», «угроза», «риск» [Текст] / И.А. Сушкова // Экономическая безопасность и качество. – 2018. –№4 (33). – С.10-15.

[2] Управление риском: Риск. Устойчивое развитие. Синергетика [Текст]. –М.: Наука, 2000. –С.40.

аст»[1]. Ин аст, ки бо назардошти зоҳиршавии унсурҳои таркибии хавф дар чаҳор вазъият мавҷуд будани хавфҳоро нишон медиҳанд:

Вазъияти якум: эҳтимоли сар задани ҳодисаи нохуш хеле зиёд аст, аммо ба субъекти амният ин ҳодиса зарару зиёни камтар мерасонад. Дар чунин шароит субъект дарк менамояд, ки ба вай ҳеҷ гуна хатар таҳдид намекунад.

Вазъияти дуюм: зарару зиён аз ҳодисаи бавуқуъоянда хеле зиёд аст, аммо эҳтимоли сар задани он хеле ночиз мебошад. Дар чунин шароит низ хатар эҳсос намешавад.

Вазъияти сеюм: субъекти амният на танҳо аз ҳодисаи бавуқуъоянда зарару зиёни бештар намебинад, балки эҳтимоли сар задани он низ вуҷуд надорад. Дар чунин шароит бехатарии комил дида мешавад.

Вазъияти чорум: агар зарару зиён ва хисороти моддию маънавӣ аз ҳодисаи бавуқуъоянда зиёд бошаду ҳамзамон эҳтимоли сар задани ин ҳодиса ба мушоҳида расад, пас ин гуна вазъиятро ҳолати хатарнок ва сатҳи баланди зоҳиршавии хавф гуфтан мумкин аст[2].

Хавф ҳамчун дараҷаи аввали зоҳиршавии хатар дар аксар маврид имкони баамалоии оқибати ногувор маҳсуб ёфта, барои субъекти амният ва дурнамои рушди объектҳои амният метавонад мушкилӣ эҷод кунад. Аммо дар лаҳзаҳои аввали пайдоиши худ хавфҳо метавонанд дар шакли изтироб пайдо шаванд ва ҳолати нороҳаткунандаро ба вуҷуд оваранд. Аз ин рӯ, хавф ҳамчун марҳилаи аввали пайдоиши изтироб маҷмӯи шароитҳое мебошад, ки ба манфиатҳои миллӣ таъсири манфӣ расонида, таваҷҷуҳи махсусро талаб мекунанд[3]. Муҳаққиқи рус М.Ю. Зеленков низ хавфро ҳамчун имконияти ба амал омадани оқибатҳои ногувор ва ғайриинтизорӣ медонад, ки ба фаъолияти объекти амният таъсири манфӣ мерасонад. Аммо изтироб, ба

---

[1] Аристотель. Риторика [Текст] / Пер. с греч. – М.: Изд-во «АСТ», 2017. – С.173-174.

[2] Ниг.: Управление риском: Риск. Устойчивое развитие. Синергетика [Текст]. –М.: Наука, 2000. – С.40-41.

[3] Ниг.: Кардашова, И.Б. МВД России в системе обеспечения национальной безопасности Российской Федерации [Текст]: дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.14 / И.Б. Кардашова. –М., 2006. – С.88.

андешаи ӯ, маҷмуи шароитҳое мебошад, ки ҳанӯз дар шакли таҳдид зоҳир нагардидааст, аммо ба он таваҷҷуҳ кардан хеле зарур мебошад[1]. Чунин вазъият ҳеҷ гоҳ маънои онро надорад, ки ба шароитҳои ногувор беэътиноӣ зоҳир карда шавад. Зеро, агар ба изтиробҳо беэътиноӣ зоҳир карда шавад, имкони ба таҳдид табдил ёфтани онҳо ба амал меояд ва дар чунин шароит коҳиш додани зарар хеле мушкил мегардад. Мутафаккири италиявӣ Н.Макиавелли дар ин маврид мисоли аҷоиберо пеши назар меорад. Ба андешаи ӯ, «дар марҳилаи аввал муайян кардани бемории сил хеле мушкил аст, аммо табобаташ осон мебошад. Лекин вақте ки ин бемори авҷ мегирад, муайян карданаш осон ва табобаташ душвор мегардад»[2]. Н.Макиавелли муътақид аст, ки дар таҷрибаи давлатдорӣ низ вазъият чунин аст. Яъне, агар мушкилиҳои ҷамъиятӣ саривақт муайян карда шаванд, ҳалли онҳо осон аст, аммо агар онҳо то дараҷае рафта расанд, ки ҳар як инсон мавҷудияти онҳоро эҳсос намояд, аз байн бурданашон кори саҳл нест. Ин аст, ки муҳаққиқони замони муосир низ ба масъалаи изтироб, яъне мушкилиҳои ҳалталаби ҷомеа низ таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Барои мисол, М.Ю. Зеленков дараҷаҳои зоҳиршавии хатарро аз изтироб оғоз намудааст. Ба андешаи ӯ, аввал изтироб ба амал меояд, сипас ба хавф табдил меёбад ва баъдан дар шакли таҳдид зоҳир мегардад[3].

Мушоҳидаҳо ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки изтироб ҳамчун нишонаи мавҷудияти мушкилиҳои ҳалталаб ва талаботи қонеъношуда ифодагари сатҳи осебпазирии ҷомеа мебошад. Субъекти таҳдид ва бавуҷудоварандаи хавфҳо дар бисёре аз мавридҳо мушкилиҳои дар ҷомеа мавҷударо ҳамчун осебпазирии субъекти амният тасаввур намуда, онро моҳирона барои ноустувор гардонидани мавқеи рақиби худ истифода мекунад. Аз ин рӯ, барои аз байн бурдани осебпазирӣ ҳалли масъалаҳои

[1] Ниг.: Зеленков, М.Ю. Основы теории национальной безопасности [Текст] / М.Ю. Зеленков. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2015. – С.39.
[2] Макиавелли, Н. Государь. О военном искусстве [Текст] / Пер. с итал. – М.: Изд-во «АСТ», 2019. – С.16.
[3] Ниг.: Зеленков, М.Ю. Основы теории национальной безопасности [Текст] / М.Ю. Зеленков. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2015. – С.43-44.

ҷамъиятӣ дар мадди аввал гузошта мешаванд. Дар раванди коҳиш додан, ё аз байн бурдани осебпазирӣ низ хавфҳо ва таҳдидҳое пайдо мешаванд, ки дар аксар маврид онҳо ҳадафмандона ба вуҷуд оварда шудаанд.

Чи гунае, ки маълум аст, сарчашмаи пайдоиш ва шаклҳои зоҳиршавии таҳдид дар мундариҷаи назарияи таҳдидшиносӣ мавқеи намоёнро ишғол кардаанд. Аммо дар таҳқиқоти баъзе муҳаққиқон онҳоро дар муносибат бо хавфу изтироб низ истифода мебаранд. Масалан, дар таҳқиқоти як гурӯҳ олимон иброз мегардад, ки сарчашмаи пайдоиши зуҳуроти манфӣ бояд ҳамчун изтироб дониста шуда, шакли зоҳиршавии онҳо ҳамчун таҳдид ва раванди ба таҳдид табдил ёфтани изтироб ҳамчун хавф дониста шавад[1]. Аз ин гуна баррасӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки ба вуҷуд омадани зуҳуроти манфӣ ҳамчун изтироб дониста шуда, дар натиҷаи беэътиноӣ зоҳир намудан эҳтимоли ба таҳдид табдил ёфтани он ба вуҷуд меояд. Бо чунин муносибат раванди пайдоиши таҳдидҳоро муайян кардан мумкин аст.

Олими рус А.Б. Логунов ба моҳияти хавфҳо диққати зарурӣ дода, онро эҳтимоли амалӣ нагардидани мақсадҳои гузошташуда медонад. Масалан, ормонҳои миллӣ, стратегияҳои миллию давлатӣ, ҳадафҳои стратегӣ, барномаҳои давлатӣ, қарорҳои ҳукуматӣ ва ғ. ба мақсадҳои гузошташуда мисол шуда метавонанд. Худи мақсад, амалӣ гардидан, ё нагардидани он, доимо дар мадди аввал гузошта мешаванд. Ӯ мундариҷаи ҳадафҳои стратегиро дар шакли зерин пешниҳод кардааст: мақсадҳо (натиҷаҳои интизорӣ), роҳу усулҳои амалӣ кардани онҳо (стратегияҳо ва консепсияҳои соҳавӣ), воситаҳо ва манбаъҳо (неруҳои мусаллаҳ, бойигариҳои табиӣ, имкониятҳои иқтисодӣ, захираҳои инсонӣ, маданияти стратегӣ, иродаи сиёсӣ ва ғ.). Бо назардошти чунин мундариҷаи мураккаб А.Б. Логунов иброз медорад, ки хавф тавозуни нобаробари байни мақсадҳо, роҳу усулҳои амалигардонии онҳо, воситаҳо ва манбаъҳои дарихтиёрбуда мебошад[2].

---

[1] Ниг.: Bozidar F., Dragoljub S., Vukonjanski I. Actual Hallenges, Risks And Security Safety // Security Science Journal. – 2020. – № 1. – P.66.

[2] Ниг.: Логунов, А.Б. Региональная и национальная безопасность [Текст] / А.Б. Логунов. – М.: Вузовский учебник, 2009. – С.50.

Яъне, бо ҳам мувофиқат накардани унсурҳои номбаргардида, хавфи амалӣ нашудани ҳадафҳои стратегиро ба миён меорад. Аз ин баррасӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки на танҳо таҳдидҳо, балки хавфҳо низ метавонанд аз ҷониби субъекти мушаххас ҳадафмандона ба вуҷуд оварда шаванд. Яъне, корношоям гардонидани манбаъҳои сафарбаргардида ва монеъ шудан дар самти амалишавии стратегияҳои давлатӣ фаъолиятҳое мебошанд, ки барои эҷоди хавфҳо нигаронида шудаанд.

Ғайр аз ин, барои муайян кардани моҳият ва хусусиятҳои таҳдид инчунин баррасии паҳлуҳои гуногуни хатарҳо низ зарур мебошад. Аксари муҳаққиқон миқёси хатарро аз миқёси хавфҳо ва таҳдидҳо зиёдтар медонанд ва хавфу таҳдидро дараҷаҳои гуногуни зоҳиршавии хатар номидаанд. Дар самти омӯзиши таҳдиду хатарҳо ва хавфҳо муҳаққиқи рус И.Б. Кардашова саҳми арзанда гузоштааст. Ӯ вобаста ба имкони расонидани зарар ва оқибатҳои ногувори зуҳуроти манфӣ ба баррасии ин масъала машғул гардида, миқёси хатарро нисбат ба миқёси таҳдид васеътар донистааст. Ба андешаи ӯ, пеш аз ҳама, дараҷаҳои зарари имконпазир бояд аз ҳамдигар фарқ карда шаванд. Ӯ муътақид аст, ки вобаста ба ҳаҷми зарар хатарҳо дар се дараҷа зоҳир мегарданд: дар дараҷаи паст (дар ин сатҳ имконияти расонидани зарар ночиз аст), дар дараҷаи миёна (дар ин сатҳ зарари имконпазир боиси ташвиш аст) ва дар дараҷаи баланд (дар ин сатҳ зарари имконпазир хеле бузург буда, ба мавҷудияти объект таъсири манфӣ расонида, дар самти рушду инкишофи он монеаҳои ҷиддӣ эҷод мекунад)[1]. Аз ин баррасӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки таҳдид дараҷаи ниҳоии зоҳиршавии хатар ба шумор рафта, зарару зиёни он низ хеле калон аст.

Ба ҳамин монанд муҳаққиқи дигари рус А.А. Першин дар атрофи мафҳуми «таҳдид» мулоҳизаронӣ карда, моҳияти онро ба воситаи зоҳиршавии дараҷаи хатар шарҳ додааст. Ба андешаи ӯ, мафҳуми «дараҷаи

---

[1] Ниг.: Кардашова, И.Б. МВД России в системе обеспечения национальной безопасности Российской Федерации [Текст]: дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.14 / И.Б. Кардашова. –М., 2006. – С.87.

хатар» имкон медиҳад, ки таҳдид ҳамчун сатҳи баландтарини хатар муаррифӣ карда шавад. Бо назардошти чунин вазъият ӯ таҳдидро зуҳуроте медонад, ки дар он на танҳо нияти расонидани зарар, балки қобилият, имконият ва омодагӣ барои таъсири манфӣ расонидан ба объекти мушаххас дида мешавад[1].

Дар як қатор сарчашмаҳои илмӣ таҳдидҳо ҳамчун дараҷаи баландтарини зоҳиршавии хатар, дар навбати худ, боз дар якчанд дараҷаи дигар зоҳир мегарданд. Барои мисол, як қатор муҳаққиқон дар атрофи марҳилаҳои рушду инкишофи таҳдид низ суҳбат кардаанд. Масалан, дар таҳқиқоти А.В. Опалева марҳилаҳои мазкур ба таври зайл нишон дода шудаанд: ташаккулёбии таҳдид, амалишавии таҳдид, дар шакли зарар ба амал омадани оқибатҳои манфии таҳдид, васеъ гардидани миқёси зарарҳои расонидашуда[2].

Инчунин, як қатор муҳаққиқон пешниҳод мекунанд, ки зуҳуроти манфӣ бояд ба воситаи миқёси зарар баррасӣ гарданд ва дар раванди муайян кардани моҳияти онҳо омилҳое ба инобат гирифта шаванд, ки ба арзишҳои миллӣ ва манфиатҳои миллии мамлакат таъсири манфӣ расонида истодаанд[3]. Омилҳое, ки дар шакли зуҳуроти зарарrасон пайдо мешаванд, метавонанд ба сифати хавф, изтироб ва таҳдид муаррифӣ гарданд, ки онҳо ҳамагӣ дараҷаҳои гуногуни зоҳиршавии хатар ба шумор мераванд. Зимни омӯзиши зуҳуроти мазкур тафовути байниҳамдигарии онҳо диққати моро ба худ ҷалб менамоянд.

Яке аз нишондодҳои дигаре, ки барои мушаххаснамоии мазмуну мундариҷаи хавфу хатар ва таҳдидҳо истифода мешавад, ташкил кардани шакли мубориза мебошад. Мубориза бо таҳдид ва аз байн бурдани сарчашмаҳои таҳдид характери стратегӣ дорад. Барои дар сатҳи зарурӣ ба

[1] Ниг.: Опалева, А.В. Правовая основа обеспечения национальной безопасности Российской Федерации [Текст] / А.В. Опалева. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2004. – С.50.
[2] Ниг.: Ҳамон ҷо. –С.58.
[3] Ниг.: Манилов, В.Л. Угрозы национальной безопасности России [Текст] / В.Л. Манилов // Военная мысль. – 1996. – №1. – С.17.

роҳ мондани ин навъи мубориза андешидани чораҳои зарурӣ лозим дониста мешавад. Пеш аз ҳама, ташаккул додани низоми чорабиниҳои назариявӣ ва амалӣ бояд анҷом дода шавад. Аз қабили, коркарди консепсия, доктрина, стратегия, барномаҳои амалӣ, нақшаи чорабиниҳо, таъсис додани сохторҳои гуногун ва ғ. Аммо хавфҳо ва изтироб танҳо ба воситаи иҷрои қарорҳо, риояи талабот ва муқаррароти қонунҳо, низомномаҳо, оинномаҳо ва дастурамалҳо аз байн бурда мешаванд.

Олими нидерландӣ М.Х. Де Веерд се унсури таҳдидро нишон додааст: нияти зарар расонидан, имконияти зарар расонидан ва оқибатҳои зарар[1]. Аз чунин баррасӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои таҳдид мавҷудияти нияти зараррасонӣ ва имконияти амалӣ гардонидани зарар ҳанӯз нокифоя мебошад, агар оқибатҳои зарар дида нашаванд.

Аз гуфтаҳои боло мушоҳида мегардад, ки хавф, изтироб ва таҳдид дараҷаҳои гуногуни зоҳиршавии хатар мебошанд. Зеро дар аввал хавфҳо пайдо мешаванд ва тадриҷан ба изтироб табдил меёбанд. Агар онҳо пешгирӣ карда нашаванд, ташаккулёбии худро идома дода, метавонанд дар шакли таҳдид зоҳир гарданд. Мубориза бо таҳдидҳо ва дар баъзе аз мавридҳо муқовимат намудан бо онҳо имкон медиҳад, ки таъсири манфӣ ва зарари имконпазири онҳо коҳиш дода шуда, ҳамчун хатар аз дараҷаи таҳдид ба дараҷаи изтироб ва хавф поён бурда шаванд. Аммо бояд дар назар дошт, ки аз дараҷаи баландтар ба дараҷаи поёнтар овардани хатар ҳеҷ гоҳ таъсири манфии онро аз байн намебарад ва чунин амал маънои онро дорад, ки ҳалли ин ё он масъала барои оянда мавқуф гузошта шудааст.

Муҳаққиқи дигар А.И. Поздняков дар асарҳои худ иброз медорад, ки «зарару зиён» ҳамчун категорияи муҳимтарини назарияи амнияти миллӣ бояд дониста шавад. Зеро ба воситаи он моҳияти таҳдиду хатарҳо, хавфҳо ва изтироб ба осонӣ равшан карда мешавад. Ба андешаи ӯ, категорияи

---

[1] Ниг.: Де Веерд М. Системы борьбы с распространением оружия массового поражения и противоракетной обороны – новый рубеж совместной безопасности [Электронный ресурс]. – URL: http://militaryarticle.ru/voennaya-mysl/1994-vm/8682-sistemy-borby-s-rasprostraneniem-oruzhija (дата обращения: 16.12.2018 г.)

«зарар» вазъияти номусоиде мебошад, ки дар он паст гардидани сатҳу сифат ва коҳиш ёфтани самаранокии арзишҳои миллӣ дида мешаванд. Масалан, корношоям гардидани захираҳо ва коҳиш ёфтани иқтидори соҳаҳои гуногуни мамлакат боиси он мегардад, ки давлату миллат аз равандҳои ҷаҳонӣ қафо монанд ва барои барқарор кардани мавқеи пештараи худ заҳматҳои зиёд кашида, талафотро ҷуброн кунанд, ки чунин амал харҷҳои зиёди иловагиро металабад. А.И. Поздняков иброз медорад, ки зарар метавонад на танҳо ба арзишҳои моддӣ, балки ба арзишҳои маънавии ҷомеа низ таъсири манфӣ расонад. Ба андешаи ӯ, «зарар ҳама гуна тағйироте мебошад, ки ба фаъолияти муназзами ҷамъиятӣ таъсири манфӣ расонида, пешбурди кору фаъолият ва тарзи зиндагии солимро қисман номумкин менамояд»[1].

Таъсири дараҷаҳои гуногуни хатарро ба инобат гирифта, гуфтан мумкин аст, ки дар шароити зерин ба арзишҳои миллӣ ва дастовардҳои мамлакат зарару зиён расонида мешавад:

– дар ҳолати ба амал омадани таъсиру фишор аз ҷониби давлатҳои дигар (рақибон, душманон, бадхоҳон), шарикони стратегии онҳо, ҳизбу ҳаракатҳои радикалистӣ ва ташкилотҳои террористию экстремистӣ;

– дар фаъолияти ниҳодҳои гуногуни давлатию ҷамъиятӣ (иҷро накардани уҳдадориҳо, риоя нагардидани дастурамалҳои вазифавӣ, риоя накардани қонунҳо, низомномаҳо, стандартҳои давлатӣ, хурофотпарастӣ, тақлид ба фарҳанги бегона, бетараф будан ба тақдири ояндаи давлату миллат ва ғ.);

– равандҳои объективие, ки аз иродаи одамон вобаста нестанд (офатҳои табиӣ, ҳодисаҳои техногенӣ, номусоид гардидани муҳити минтақавӣ ва байналмилалӣ, равандҳои ҷаҳонишавӣ, буҳронҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ва ғ.).

---

[1] Поздняков, А.И. Основы теории национальной безопасности [Электронный ресурс] / А.И. Поздняков // Электронное научное издание Альманах «Пространство и Время». – 2013. – Т.2. – Вып. 1. – URL: http://e-almanac.space-time.ru/assets/files/Tom%202%20Vip%201/rubr3-kategoriya-smysla-st3-pozdnyakov-2013.pdf (дата обращения: 25.01.2021 г.)

Бинобар ин, дар раванди таъмини амнияти миллӣ ҳифзи арзишҳои миллӣ ва дастовардҳои мамлакат масъалаи аввалиндараҷа мебошад. Хавф, изтироб ва таҳдид ҳамчун дараҷаҳои гуногуни зоҳиршавии хатар зуҳуроте мебошанд, ки дар пайи худ зарару зиёни дар бисёре аз мавридҳо ҷуброннопазирро ба вуҷуд меоваранд. Ин аст, ки ҳар як субъект, аз ҷумла давлатҳои миллӣ дар фаъолияти ҳамарӯзаи худ қонеъ гардонидани талаботи хешро дар мадди аввал гузошта, ҳимоя кардани арзишҳо, афзун гардонидани ҳаҷму миқдори онҳо ва ниҳоятан ба даст овардани фоидаи бештарро пайгирӣ мекунанд.

Муҳаққиқони масоили ҳарбӣ низ мафҳуми «таҳдид»-ро дар муносибат бо мафҳуми «хатар» шарҳ додаанд. Намояндагони ин соҳаи илм таҳдидро дараҷаи ниҳоии хатар ва хатарро таҳдиди эҳтимолӣ муаррифӣ менамоянд. Барои мисол, дар таҳқиқоти В.Л. Манилов чунин шакли баррасиро эҳсос кардан мумкин аст. Ба андешаи ӯ, «таҳдид хатари бевоситаест, ки ба манфиатҳои ҳаётан муҳим ва ба амнияти миллӣ зарар расонида, ба арзишҳои миллӣ, пеш аз ҳама, ба истиқлолияти сиёсӣ, давлатдории миллӣ ва тамомияти арзӣ таъсири манфӣ мерасонад»[1]. Дар китобҳои дарсию таълимии соҳаи ҳарбӣ низ ба таври мушаххас «таҳдид имконияти воқеии расонидани зарар ба манфиатҳои ҳаётан муҳим» муаррифӣ гардидааст[2].

Дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ бошад вобаста ба моҳияти таҳдид андешаҳои гуногун ба вуҷуд оварда шудаанд. Чунончӣ, дар ин соҳаи амният таҳдид шарту шароите дониста мешавад, ки дар зери таъсири муносибатҳои мутақобилаи объектҳои гуногун ба вуҷуд омада, қодир аст, ки ба объекти мушаххаси амнияти иттилоотӣ таъсири манфӣ расонад. Таъсири манфӣ аз ҷониби муҳаққиқони ин соҳа аз рӯйи хусусиятҳои зарари расонидашуда муайян карда мешавад. Чунончӣ, дараҷаи тағйирёбии таркиби сифатии объекти амният ва то кадом дараҷа имконпазир будани

---

[1] Ниг.: Манилов, В.Л. Угрозы национальной безопасности России [Текст] / В.Л. Манилов // Военная мысль. – 1996. – №1. – С.17.
[2] Ниг.: Военная политология [Текст]. –М.: Красная звезда, 2006. –С.240.

ҷуброни оқибатҳои таҳдид меъёрҳое мебошанд, ки барои муайян кардани таъсири манфӣ истифода мешаванд[1].

Дар таҳқиқоти сиёсатшиносони аврупоӣ таносуби таҳдид бо хавфу хатарҳо бо диди нав шарҳу тавзеҳ ёфта, сарҳади онҳо муайян карда шудааст. Онҳо ба масъалаи «интенсионализм»[2] таваҷҷуҳ намуда, нияти одамонро ҳамчун меъёри асосии муайянкунандаи сарҳади байниҳамдигарии таҳдид, хатар ва хавфҳо медонанд. Ба ақидаи онҳо, таҳдид доимо бо нияти расонидани зарар алоқаманд аст, аммо хавфу хатарҳо чунин хусусиятро доро нестанд[3] (ниг. ба расми 1).

**Расми 1. Таҳдид, хавф, хатар: тафовутҳои байниҳамдигарӣ**




Дар нуқтаи сифр ҳам субъект дида намешавад ва ҳам нияти бад ё нек низ вуҷуд надоранд. Офатҳои табиӣ, аз қабили обхезӣ, заминҷунбӣ, бемориҳои сироятӣ ва монанди инҳо хатар мебошанд. Пайдоиши хавфҳо аз рафтори субъекте вобаста аст, ки нияти бад надорад ва барои таъмини рушду инкишоф қарорҳои дахлдор қабул менамояд. Аммо дар аксар маврид қарорҳои қабулшуда оқибатҳои ногуворро ба вуҷуд меоваранд. Масалан, қарорҳои дорои хусусияти иқтисодӣ, ё технологӣ асосан барои таъмини

[1] Ниг.: Белов, Е.Б. Основы информационной безопасности [Текст] / Белов Е.Б., Лось В.П., Мещеряков Р.В., Шелупанов А.А. – М.: Горячая линия – Телеком, 2006. – 544 с.
[2] Аз калимаи лотинии intentio – ният, максад ва ҳадаф.
[3] Ниг.: Battistelli F., Galantino V.G. Dangers, risks and threats: An alternative conceptualization to the catch-all concept of risk // Current Sociology. – 2019. – Vol. 67 (1). –P.64-78.

рушди ҷомеа қабул мегарданд, аммо онҳо метавонанд оқибатҳои нохуб дошта бошанд. Масалан, рушди саноат боиси тағйирёбии иқлим, рушди нақлиёт боиси камшавии захираҳои энергетикӣ, зиёд кардани аҳолии шаҳрнишин боиси ифлосшавии муҳити зист ва ғ. шуда метавонанд. Таҳдид бошад рафтори субъекте мебошад, ки дар муносибат бо субъектҳои дигар нияти бад дорад. Таҳдидҳо ба монанди хатарҳо ва хавфҳо барои субъекти мушаххас оқибатҳои ногувор доранд ва дар муқоиса аз хавфу хатарҳо дар шароити мавҷудияти таҳдид расонидани ин гуна зарару зиён ҳадафмандона амалӣ карда мешавад.

Дар чунин шакл баррасӣ гардидани масъалаи мазкур ду норасоии ҷиддӣ дорад. Якум, хавфҳо натиҷаи ниятҳои нек ва паёмади истифодаи дастовардҳои инсоният муаррифӣ мегарданд. Аммо, дар амалияи сиёсӣ хавфҳо ба монанди таҳдидҳо ҳадафмандона дар муқобили субъекти амният метавонанд ба вуҷуд оварда шаванд. Ба ибораи дигар, замоне ки хавфҳо бо мақсади расонидани зарар, ё корношоям гардонидани манбаъҳои рақиб ҳадафмандона ташкил мешаванд, онро таҳдид гуфтан мумкин аст. Умумияти таҳдид ва хавфҳо низ дар ҳамин ифода меёбанд. Дуюм, хатар бо хавфҳо ва таҳдидҳо алоқаманд донистa нашудааст. Аммо мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки хавф, изтироб ва таҳдид дараҷаҳои гуногуни зоҳиршавии хатар мебошанд. Хавф дараҷаи аввал ва таҳдид бошад дараҷаи ниҳоии зоҳиршавии хатар аст.

Аз баррасиҳои дар боло овардашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои шинохти хавфу хатар ва таҳдидҳо аввал шинохти манфиатҳои миллӣ зарур мебошад. Зеро онҳо дар ин ё он сатҳ бо манфиати мушаххас алоқаманд буда, дар самти амалишавии манфиати мазкур монеа эҷод мекунанд, ё ба онҳо таъсири манфӣ мерасонанд. Аз ин рӯ, барои мутахассисоне, ки ба омӯзишу баррасии таҳдидҳо машғул мегарданд, сараввал омӯзишу баррасии манфиатҳои миллӣ низ хеле зарур аст.

Шинохти тафовутҳои байниҳамдигарии хавф, хатар ва таҳдид дар аксар маврид аз корбурди мафҳумҳои «амният» ва «бехатарӣ» низ

вобастагии зиёд дорад. Дар ҳар як соҳаи илм, аз ҷумла дар илмҳои сиёсӣ масъалаи мавқеи истифодабарии мафҳуму истилоҳҳо кори хеле мушкил аст. Дар робита бо ин, яке аз масъалаҳои ҳалталабе, ки дар ин самт ба мушоҳида мерасад, муайян кардани тафовути мафҳумҳои «бехатарӣ» ва «амният» аст. Дар аксар маврид мафҳумҳои мазкурро дар як маъно истифода мебаранд. Аммо дар як қатор давлатҳои олам, махсусан дар кишварҳои ғарбӣ баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ сарҳади байни онҳо муайян карда шудааст. Масалан, дар Амрико ва Аврупо бехатарӣ бо мафҳуми «safety» ва амният бошад бо мафҳуми «security» ифода карда мешавад[1]. Бехатарӣ ҳолати мавҷуд набудани хатар, дур будан аз хавфу хатар, амният бошад ҳолати ҳимоятшавандагӣ dониста мешавад. Яъне, бехатарӣ пурра аз байн бурдани хатарро дар назар дорад. Аммо барои амният аз байн бурдани таҳдиду хатар афзалияти асосӣ ба шумор намеравад, балки таъмин кардани ҳолати ҳимоятшавандагии объекти амният муҳим дониста мешавад. Зеро дар соҳаи амниятшиносӣ исбот гардидааст, ки пурра аз байн бурдани баъзе таҳдидҳо ғайриимкон аст ва аз ин рӯ, ба воситаи таъмин кардани ҳолати ҳимоятшавандагӣ таъсири онҳоро ё коҳиш додан, ё аз байн бурдан мумкин аст. Ба ибораи дигар, субъекти амният метавонад ҳолати ҳимоятшавандагии худро дар ин ё он соҳаи фаъолият пурра таъмин созанд, аммо ҳеҷ гоҳ бехатарии комилро соҳиб шуда наметавонад. Аз ин рӯ, ҳангоми баррасии масъалаҳои амният ва таъмин кардани амнияти миллӣ чунин қонуният бояд ба инобат гирифта шавад. Барои хубтару беҳтар шарҳ додани ин масъала ду мисолро аз ҳаёти ҷамъиятӣ пешниҳод менамоем:

***Мисоли якум**: баъзе аз сарватмандон барои таъмин кардани амнияти худ шумораи муайяни муҳофизонро ҷалб месозанд. Муҳофизон дар навбати худ метавонанд танҳо амнияти онҳоро таъмин созанд, аммо бехатариро таъмин карда наметавонанд. Зеро дар муносибат бо онҳо хатар доимо мавҷуд аст. Суиқасд ба ҷони онҳо метавонад ҳамчун хатар*

[1] Ниг.: Clifton L.S., David J.B. Concept of Security // Security Science. The Theory and Practice of Security. – Oxford: Butterworth-Heinemann, 2013. – P.1-22.

*дониста шавад ва ин гуна хатар ба онҳо доимо таҳдид менамояд. Сарчашмаи ин хатар рақибон, ё душманон шуда метавонанд. Муҳофизон бошанд ҳамчун сипар танҳо ҳолати ҳимоятшавандагии онҳоро аз таҳдиди мазкур таъмин менамоянд, аммо онро пурра аз байн бурда наметавонанд. Зеро маълум нест, ки чунин хатарро кӣ роҳандозӣ менамояд. Аз ин рӯ, хавф ҳамчун вазъи номаълум ва эҳтимоли сар задани воқеаи нохуш баҳогузорӣ мегардад. Яъне, он нафароне, ки муҳофиз доранд, доимо дар муҳити пур аз хавфу хатар ва таҳдид кору фаъолият менамоянд. Амнияти онҳо бо роҳи ташаккул додани ҳолати ҳимоятшавандагӣ таъмин карда мешавад.*

***Мисоли дуюм:*** *терроризм, пеш аз ҳама, хатар аст ва сарчашмаи пайдоиши он фаъолияти радикалистӣ ва экстремистии ташкилотҳои террористӣ ва баъзан фаъолияти тахрибкоронаи хадамоти ҷосусии кишварҳои алоҳида мебошад. Ҳамчун хатар муаррифӣ гардидани терроризм ба он хотир аст, ки дар ҳолати рух додани амали террористӣ қурбониҳои зиёд, аз ҷумла ҳалокати аҳолии осоишта ва бегуноҳ, хисороти молию иқтисодӣ, паст гардидани легитимияти ҳокимияти давлатӣ, коҳиш ёфтани симои мароқангези давлат дар арсаи байналмилалӣ, ҳамчун давлати ноамн шинохта шудани кишвар, ба вуҷуд омадани фазои тарсу ҳарос дар ҷомеа ва ғайраҳо ба вуҷуд меоянд. Бо назардошти оқибатҳои ногувор ва зарару зиёни терроризм гуфтан мумкин аст, ки он ба манфиатҳои миллии давлат, аз қабили ба суботи сиёсӣ, оромии ҷомеа, ба аҳолии осоишта ва ғ. таҳдид менамояд. Аз рӯйи чунин хусусият терроримзро ҳамчун таҳдид ба амнияти миллӣ номидан мумкин аст. Ба вуҷуд овардани ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳое, ки ба сифати объекти терроризм интихоб шудаанд, хавфи сар задани онро коҳиш медиҳад. Аз ин рӯ, хавф низ метавонад дар муносибат бо терроризм вуҷуд дошта бошад. Масалан, хавфи сар задани амали террористӣ, хавфи ба сафи террористон пайвастани шаҳрвандони мамлакат, хавфи ба дохили мамлакат ворид шудани террористон, хавфи дастболо гардидани террористон дар ҷангҳои иттилоотию психологӣ ва ғайраҳо метавонанд*

*рух диҳанд. Дар мавриди терроризм хавф бо ҳолати номуайянӣ ва иштибоҳҳои раванди ташкили таъмини амният робита дорад.*

Ҳамин тариқ, дар раванди муайянсозии таносуби хавфу хатар ва таҳдидҳо меъёрҳои гуногун ба инобат гирифта мешаванд. Ҳар он зуҳурот, ё омиле, ки дар раванди амалишавии манфиатҳо халал мерасонанд, бояд таҳдид дониста шаванд. Маҳз чунин ҳолат имкон медиҳад, ки на танҳо ибораи «ҳимояи манфиатҳои миллӣ», балки ҳимояи манфиатҳо ҳамчун шакли махсуси фаъолият барои таъмини амнияти миллӣ ташаккул ёбад. Аз ин рӯ, бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки манфиатҳои миллӣ бояд аз таҳдидҳо ҳимоя гарданд. Бинобар ин, таҳдидҳоро бояд безарар гардонид, ё ин ки таъсири манфии онҳоро коҳиш бояд дод, то ки дар раванди амалишавии манфиатҳои миллӣ монеа нашаванд. Аммо хавфҳо чунин хусусият надоранд. Дар муқобили хавфҳо мубориза намебаранд. Ҳарчанд хавф низ метавонад зарару зиёни мушаххас дар пай дошта бошад, онро танҳо идора мекунанд. Аз ин рӯ, дар муносибат бо коҳиш додани оқибат ва зарари хавфҳо ибораи «идоракунии хавфҳо»-ро истифода менамоянд. Барои мисол, гармшавии иқлим ҳадафмандона ташкил карда нашудааст, он натиҷаи пешрафти саноат ва рушди техникию технологӣ мебошад, ки инсоният онро барои беҳтар шудани сатҳи зиндагӣ ва кору фаъолият ба вуҷуд овардааст. Аммо рушди техника ва технологияи саноатӣ боиси тағйирёбии иқлим гардидааст. Баъзе омилҳои дигар низ мавҷуданд, ки онҳо низ натиҷаи рафтори одамон мебошанд. Аммо чунин омилҳо барқасдона ё бо нияти зарар расонидан ба вуҷуд оварда нашудаанд. Чи гунае ки мушоҳида мегардад, инсоният тули ду даҳсолаи охир дар муқобили тағйирёбии иқлим мубориза намебарад, балки оқибатҳои ногувори онро дарк намуда, муносибати худро нисбат ба табиат тағйир медиҳад.

Ҳамзамон, мафҳумҳои «объекти амният» ва «осебпазирӣ» дар раванди шарҳу тавзеҳи таҳдиду хатарҳо ва хавфҳо бояд ба инобат гирифта шаванд. Бояд гуфт, ки манфиатҳои миллиро дар низоми донишҳои соҳаи амният баъзан ба воситаи мафҳуми «объекти амният» низ ифода менамоянд. Зеро

объекти амният ҳар он чизе мебошад, ки бояд ҳимоя карда шавад. Манфиатҳои миллӣ низ доимо ба ҳимоя ниёз доранд ва аз ин рӯ, онро ҳамчун объекти амният муаррифӣ кардан мумкин аст. Таҳдидҳо омилҳое мебошанд, ки дар зери таъсири осебпазирии мавҷуда дар раванди амалишавии манфиатҳои миллӣ монеа эҷод мекунанд, ё амалишавии онҳоро ғайриимкон мегардонанд. Агар чунин осебпазирӣ вуҷуд надошта бошад ҳам, субъекти таҳдид кӯшиш менамояд, ки онро ба вуҷуд оварад. Дар маҷмуъ, таҳдидҳо омилҳое мебошанд, ки худро (давлатро, ҷомеаро) аз онҳо бояд ҳимоя намоем ва бо ҳар роҳу восита ҳолати ҳимоятшавандагии хешро таъмин созем. Осебпазирӣ бошад соҳаҳои фаъолиятест, ки ҳолати ҳимоятшавандагиашон дар сатҳи паст қарор доранд, ё барои ҳимояи онҳо субъекти амният иқтидор ва имконияти зарурӣ надорад. Аз чунин вазъият истифода намуда, субъекти таҳдид ба манфиатҳои миллӣ зараpу зиён мерасонад. Хавф имконияти воқеӣ, ё эҳтимоли зарар дидан ва аз даст додани арзишҳо мебошад, ки дар натиҷаи аз ҷониби субъекти таҳдид истифода гардидани осебпазирӣ ба амал меояд. Ҳарчанд хавфро дар ҳаёти ҳаррӯза, ё соҳаҳои гуногуни фаъолият истифода намоянд ҳам, дар низоми амнияти миллӣ баъзан дидан мумкин аст, ки хавфҳо низ бо манфиатҳои миллӣ алоқамандӣ пайдо мекунанд. Ба ибораи дигар, хавф яке аз вазифаҳои таҳдид мебошад, ки дар натиҷаи истифода гардидани осебпазирӣ ба вуҷуд меояд. Ҳатто дар вақти мавҷуд набудани осебпазирӣ низ таҳдидҳо қодиранд, ки хавфи ба амал омадани осебпазириро ташаккул диҳанд. Ҳамин тариқ, дар шароити мавҷудияти таҳдидҳо, агар осебпазирӣ дида нашавад, хавфҳо хеле каманд ва ночизанд. Ба ҳамин монанд, агар осебпазирӣ вуҷуд дошта бошаду, таҳдидҳо мавҷуд набошанд, хавфҳо дар сатҳи паст қарор доранд. Ба таври дуруст баҳогузорӣ намудани таҳдидҳо ва муайян кардани осебпазирии манфиатҳои миллӣ имкон медиҳад, ки хавфҳо дар сатҳи зарурӣ фаҳмида шаванд.

Чуноне, ки мушоҳида мегардад, дар мавриди муайян кардани таносуби таҳдид бо хавфу хатар андешаҳои гуногун ва баъзан мухолифи якдигар

иброз гардидаанд. Дар чунин шароит нишон додани асли масъала каме мушкил мегардад. Аммо ҳалли ин масъала замоне имконпазир мешавад, ки агар дар раванди истифодаи мафҳумҳои мазкур мавқеъ ва мавридҳои истифодабарии онҳо ба инобат гирифта шуда бошад. Инчунин ба инобат гирифтани ҳаҷми зарар ҳамчун оқибати ногувори зуҳуроти мазкур хеле муҳим ба назар мерасад. Бинобар ин, бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки хавф, изтироб ва таҳдид дараҷаҳои гуногуни хатар мебошанд. Хавф марҳилаи аввали пайдоиши хатар ва таҳдид бошад дараҷаи ниҳоии он ба шумор меравад. Хавфҳо ҳамзамон таҳдидҳои эҳтимолӣ низ мебошанд. Умумият ва махсусияти хавфу хатар бо таҳдид дар ҳамин ҳолат ифода меёбад.

## 1.3. Шаклҳои гуногуни зоҳиршавии таҳдидҳо ва таснифоти онҳо

Дар раванди таҳлилу баррасии таҳдидҳо ба инобат гирифтани шаклҳои гуногуни зоҳиршавии онҳо хеле муҳим мебошад. Зеро муайян кардани шаклҳои зоҳиршавии таҳдид яке аз самтҳои муҳимтарини банақшагирии стратегӣ ба шумор меравад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар самти безараргардонии таҳдидҳо, асосан, се навъи стратегияҳои давлатӣ қабул мегарданд: стратегияҳои дарозмуддат, миёнамуҳлат ва кӯтоҳмуддат. Баъзан дар амалияи сиёсӣ қабул гардидани стратегияҳои бемуҳлат низ ба мушоҳида мерасад. Муҳлати стратегия аз иқтидор ва шакли таҳдид вобаста мебошад. Масалан, барои безараргардонии таҳдидҳое, ки иқтидорашон зиёд аст, стратегияҳои дарозмуддат ё бемуҳлат, барои таҳдидҳои камиқтидор стратегияҳои миёнамуҳлат ё кӯтоҳмуддат қабул мегарданд. Зарурати омӯзиши таснифоти таҳдидҳо низ, пеш аз ҳама, бо чунин ҳолат асоснок карда мешавад. Аммо як қатор масъалаҳои дигаре низ мавҷуданд, ки муҳиммияти баррасии таснифоти таҳдидҳоро боз ҳам бештар мегардонанд. Пеш аз ҳама, сатҳи омӯзиши ин масъала аз ҷониби олимони соҳа, инчунин вобаста ба ин масъала мавҷуд будани андешаҳои гуногун ва дар аксар

маврид мухолифи якдигар зарурати пажӯҳиши ин масъаларо тақозо мекунанд. Аз ҳама муҳим ин аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол дар самти эъмори давлатдории миллӣ қадамҳои нахустини худро гузошта истода, бо мақсади рушди ояндаи мамлакат дар самти татбиқи манфиатҳои миллӣ ва ҳадафҳои стратегӣ кӯшишҳои зиёд ба харҷ медиҳад. Аммо дар ин раванд таҳдидҳое ба назар мерасанд, ки дар самти амалишавии манфиатҳо ва ҳадафҳои мамлакат монеаи ҷиддӣ эҷод мекунанд ва аз ин рӯ, ҳимояи онҳо аз таҳдидҳои дохилию берунӣ дар мадди аввал қарор мегирад. Бинобар ин, дар самти мубориза бо таҳдидҳо ва дар раванди ҳимояи манфиатҳои миллии кишвар мавриди омӯзиш қарор додани шаклҳои гуногуни таҳдид ва муайян кардани хусусиятҳои бевоситаи онҳо иқдоми саривақтӣ мебошад.

Ҳарчанд олимону пажӯҳишгарони ҳавзаҳои мухталифи илмӣ ба омӯзиши мазмуну мундариҷаи таҳдидҳо таваҷҷуҳ зоҳир карда бошанд ҳам, масъалаи таснифоти таҳдидҳо то ҳанӯз объекти таҳқиқоти алоҳида қарор дода нашудааст. Ба истисноӣ як қатор китобҳои дарсие, ки дар онҳо муаллифон ба таври мухтасар ва он ҳам бошад дар шакли ишора навъҳои таҳдидро нишон додаанд[1]. Олимони ватанӣ бошанд ба навъҳои таҳдид таваҷҷуҳи зиёд зоҳир накардаанд. Аммо дар маҷмуъ, вобаста ба гуногунрангии таҳдидҳо андешаҳои мухталиф баён шудааст. Мураккабӣ ва гуногунрангии таҳдидҳо дар аксар маврид ба воситаи ташаккул додани таснифоти онҳо нишон дода мешавад.

Дар амалияи сиёсӣ бо назардошти татбиқи ҳадафҳои миллӣ ва стратегияҳои давлатӣ таҳдидҳоро, пеш аз ҳама, ба ду гурӯҳи калон ҷудо мекунанд: *таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ.* Таҳдидҳои эҳтимолӣ дорои нишонаҳои зерин мебошанд: дар муддати кӯтоҳ аз байн бурдани онҳо ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, барои безараргардонии таҳдидҳои мазкур, ё коҳиш додани зарари онҳо стратегияҳои миёнамуҳлат ва дарозмуддат қабул

[1] Ниг.: Общая теория национальной безопасности [Текст] / Под общ. ред. А.А. Прохожева. – 2-е изд. – М.: Изд-во РАГС, 2005. –344 с.

мегарданд. Таҳдидҳои эҳтимолӣ дар раванди татбиқи стратегияи мушаххас ва дар тули муҳлати амалишавии он барои манфиатҳои миллии мамлакат хатарҳои гуногун эҷод менамоянд. Ин навъи таҳдидҳо тамоюлоте мебошанд, ки рушди ин ё он вазъиятро инъикос менамоянд (масалан, муташанниҷ гардидани вазъияти иқтисодию иҷтимоӣ, ба амал омадани бухронҳои гуногун, мураккаб гардидани идораи ин ё он соҳаи фаъолият ва ғ.). Таҳдидҳои эҳтимолиро баъзан вақт таҳдидҳои имконпазир низ муаррифӣ мекунанд. Онҳо бо номуайянии худ дар шакли хавфҳо зоҳир мегарданд.

Таҳдидҳои воқеӣ зуҳуроте мебошанд, ки воқеаву ҳодисаҳои мушаххасро инъикос мекунанд ва метавонанд ба оқибатҳои ногувор оварда расонанд (масалан, ҳуҷуми як давлат ба давлати дигар, ё омодагии он барои ҳуҷум кардан, дар шароити низоӣ асир гирифтани аскарону афсарон, ба амал омадани ҳодисаҳои табиӣ, муташанниҷ гардидани муносибатҳои байнидавлатӣ, фаъолияти тахрибии ташкилотҳои террористию экстремистӣ ва ғ). Таҳдидҳои воқеӣ дар раванди татбиқи манфиатҳои миллӣ ба таври ҷиддӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Дар чунин шакл ба навъҳо ҷудо кардани таҳдидҳо имкон медиҳад, ки таҳдидҳои эҳтимолӣ дар марҳилаҳои аввали пайдоиши худ муайян гарданд ва таъсири манфии онҳо саривақт коҳиш дода шаванд. Ғайр аз ин, ба таври дуруст муайян кардани таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ имкон медиҳад, ки манбаъҳои мавҷуда ба таври дуруст тақсим карда шаванд ва дар самти зарурӣ сафарбар гарданд. Маҳз чунин ҳолатро ба инобат гирифта, таҳдидшиноси рус М.Ю. Зеленков гузаронидани мониторинги таҳдидҳои воқеӣ ва ояндабинии таҳдидҳои эҳтимолиро зарур мешуморад[1]. Дар ҳама ҳолат диққати асосӣ бояд ба таҳдидҳои воқеӣ равона карда шавад ва аксари манбаҳо низ бояд ба ин самт равона гарданд. Аммо ин гуна рафтор маънои онро надорад, ки ба таҳдидҳои эҳтимолӣ таваҷҷуҳ накунем. Аз он сабабе, ки таҳдидҳои эҳтимолӣ дар марҳилаи аввали

---

[1] Ниг.: Зеленков, М.Ю. Опасность, угроза – базовые категории теории национальной безопасности [Текст] / М.Ю. Зеленков // Национальная безопасность. – 2015. –№1 (36). –С.41.

пайдоиши худ қарор доранд, пешгирии онҳо манбаҳои камтарро металабад. Чи гунае ки қаблан ҳам ишора гардид, таҳдидҳои эҳтимолӣ бештар аз ҳама ба омӯзиш ниёз доранд, зеро онҳо бо номуайянии худ дар шакли хавфҳо зоҳир мешаванд.

Баъзан вақт моҳияти таҳдидҳо бо назардошти марҳилаҳои таъмини амнияти миллӣ ва дар шароити ба амал омадани низоъҳои сиёсию иҷтимоӣ ва махсусан, бо назардошти ба амал омадани ҷанг баррасӣ мегардад. Дар чунин шароит *таҳдидҳои бевосита ва бавоситаро* мушоҳида кардан мумкин аст. Айни замон таҳлилгарони сиёсати ҷаҳонӣ кӯшиш карда истодаанд, ки мазмуну мундариҷаи таҳдидҳоро дар шароити осоишта таҳқиқ намоянд. Онҳо ин гуна таҳдидҳоро дар шакли ба намоиш гузоштани иқтидори ҳарбию сиёсии давлат, дар вазъияти буҳронӣ қарор доштани муносибатҳои байнидавлатӣ ва муташанниҷ гардидани вазъияти сиёсӣ муаррифӣ кардаанд, ки дар ин гуна шароитҳо имкони сар задани низоъ дар миёни ҷонибҳо вуҷуд дорад. Бо назардошти чунин вазъият гуфтан мумкин аст, ки таҳдидҳо имконияти аз ҷониби як давлат (иттиҳоди давлатҳо, ташкилотҳои ҳарбию сиёсии дорои характери террористӣ, сепаратистӣ ва экстремистӣ) ба муқобили давлати дигар бевосита, ё бавосита истифода гардидани неруҳои мухталиф мебошанд. Истифодаи неруҳои мазкур бо мақсади амалӣ гардонидани манфиатҳо ва ба даст овардани афзалиятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва ғ. ба роҳ монда мешавад.

Ба намоиш гузоштани омодагӣ барои истифодаи неруҳо таҳдидҳое мебошанд, ки дар ҳар як низоъ ба мушоҳида мерасад ва ба манфиатҳои давлатӣ дахолат менамояд. Дар чунин шакл зоҳир гардидани таҳдид маънои огоҳ намудани рақибро дорад. Маҳз дар чунин шароит аз ҷониби рақибон кӯшиши мустаҳкам кардани алоқаҳои хориҷӣ ба амал омада, тарсонидани рақиб ва бо ин роҳ амалӣ гардонидани мақсадҳои субъекти таҳдид дар мадди аввал гузошта мешавад. Дуюм ин, ки таҳдиди истифодаи неруҳо, чи гунае ки аз давраи «ҷанги сард» маълум аст, омили таъсиргузоре мебошад, ки иқтидори иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавии давлатро коҳиш

медиҳад ва як навъ имтиҳонест, ки барои санҷиши қобилиятҳои истодагарӣ карда тавонистан, ё натавонистани рақиб ба кор бурда мешавад. Чи гунае ки аз таҷрибаҳои таърихӣ маълум аст, ба намоиш гузоштани таҳдиди истифодаи неруҳо ва омодагии зарурӣ барои истифодаи онҳо метавонад ҳатто солҳои тӯлонӣ идома ёбад ва дурнамои истифодаи онҳо дар шакли таҳдиди эҳтимолӣ зоҳир гардад. Дар чунин шароит таҳдидҳои бавосита усулҳое мебошанд, ки бо ёрии он истифодаи бевоситаи неруҳо пешгирӣ карда шуда, ҳамзамон натиҷаҳои интизорӣ ба даст оварда мешаванд. Дар маҷмуъ, ҳар амалу рафторе, ки ба таври рамзӣ ва дар шакли ишора барои тағйир додани вазъият, ё рафтори рақибон анҷом дода мешавад, таҳдидҳои бавосита мебошанд. Дар ҳолатҳои дигар таҳдидҳои бевоситаро мушоҳида кардан мумкин аст.

Ғайр аз ин, аз рӯйи сарчашмаи пайдоиш *таҳдидҳои дохилӣ ва беруниро* аз ҳам фарқ мекунанд. Таҳдидҳои дохилӣ бо як қатор омилҳо ва шарту шароитҳо асоснок карда мешаванд. Чунончӣ, мушкилиҳои ҷамъиятӣ, руҳияи сепаратистӣ, миллатчигӣ, экстремизми сиёсӣ, радикализми динӣ, дараҷаи ҷинояту ҷинояткорӣ, хавфи терроризм, амалҳои террористӣ, хурофотпарастӣ, тақлид ба фарҳанги бегона ва ғ. ба онҳо мисол шуда метавонанд. Таҳдидҳои берунӣ бошанд бо чунин омилҳо ва шарту шароитҳо алоқамандöанд: ниятҳои гегемонии баъзе аз давлатҳо, даъвоҳои ҳудудӣ ва дигар навъи иддаои баъзе аз давлатҳо, мавҷудияти блокҳои ҳарбию сиёсӣ, ки барои аз сари нав тақсим кардани ҷаҳон кӯшиш менамоянд, афзоиши терроризми байналмилалӣ, таъсири давлатҳои хориҷӣ ба истиқлолият ва сохти конститутсионии давлат, дахолати субъектҳои хориҷӣ ба корҳои дохилии давлат, равандҳои ҷаҳонишавӣ, бархӯрди тамаддунҳо, бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ ва ғ. Дар маҷмуъ, гуфтан мумкин аст, ки «агар хатар аз ҷониби давлатҳои дигар ва шаҳрвандони он давлатҳо ба вуҷуд оварда шавад, пас ин гуна таҳдидҳоро берунӣ гуфтан мумкин аст. Баръакс таҳдидҳои дохилӣ зери таъсири фаъолияти ниҳодҳои гуногуни ҷамъиятӣ, ё рафтори ношоистаи шаҳрвандони мамлакат ба вуҷуд

меоянд»[1]. Баъзан вақт шаҳрвандони кишвар дар хориҷи мамлакат мағзшӯӣ гардида, ба сафи ташкилотҳои террористӣ мепайвандfestand ва дар ҳудуди давлатҳои дигар амали террористӣ анҷом медиҳанд. Дар чунин маврид мо бо таҳдидҳои беруна ру ба рӯ мешавем. Тули чанд соли охир як зумра созмонҳои террористию экстремистӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро мағзшӯӣ карда, на танҳо ба сафҳои худ шомил кардаанд, балки тавассути онҳо дар ҳудудҳои давлатҳои хориҷӣ амали террористӣ анҷом додаанд. Чунин тамоюлот ба имиҷи байналмилалии давлат ва шаъну шарафи миллат таъсири манфӣ мерасонад. Ин гуна зуҳуроти манфиро таҳдидҳои беруна номидан мумкин аст, зеро сарчашмаи пайдоиши онҳо дар хориҷи кишвар қарор доранд. Қонунияти дигаре, ки дар раванди безараргардонии таҳдидҳои дохилию беруна бояд ба инобат гирифта шавад, ин аст, ки бо таҳдидҳои дохилӣ мубориза мебаранд ва ба таҳдидҳои беруна муқовимат нишон медиҳанд. Сабаб дар он аст, ки таҳдидҳои дохилиро пурра аз байн бурдан мумкин аст, аммо таҳдидҳои беруниро ҳеҷ як давлат дар танҳоӣ аз байн бурда наметавонад.

Ғайр аз ин, таҳдидҳо метавонанд мақсаднок ва тасодуфӣ низ бошанд. Чунин таснифот барои муайян кардани хусусиятҳои таҳдид аҳамияти муҳим дорад. Ба андешаи мутахассисони соҳаи амнияти иттилоотӣ, таҳдидҳои тасодуфӣ зуҳуроти манфие мебошанд, ки «дар натиҷаи беэҳтиётӣ, бемасъулиятӣ, камтаваҷҷуҳӣ ва бепарвоии кормандон ба амал меоянд»[2]. Таҳдидҳои мақсаднок бошанд, бо амалӣ сохтани ниятҳои бад ва бо мақсади расонидани зарар алоқамандӣ доранд. Дар соҳаи амнияти иттилоотӣ ҳуҷумҳои иттилоотии дохилию берунаро аз ҳам фарқ менамоянд ва онҳоро таҳдидҳои мақсаднок мешуморанд. Ҳуҷумҳои иттилоотии беруна одатан аз ҷониби душманон ва бадхоҳон анҷом дода мешаванд. Ҳуҷумҳои дохилӣ бошанд, аз ҷониби кормандони худи ташкилот, ки зери таъсири омилҳои

---

[1] Общая теория национальной безопасности [Текст] Под общ. ред. А.А. Прохожева. – 2-е изд. – М.: Изд-во РАГС, 2005. –С.90.

[2] Решение информационной безопасности [Электронный ресурс]. – URL: http://www.s-director.ru/ugrozy-informacionnoj-bezopasnosti.html (дата обращения: 21.07.2019 г.)

гуногун қарор гирифтаанд, анҷом дода мешаванд[1]. Зоҳиршавии таҳдидҳои мақсаднок ва тасодуфиро дар соҳаҳои дигари амният низ мушоҳида кардан мумкин аст.

Таҳдидҳо инчунин бо назардошти соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ низ ба навъҳои гуногун ҷудо карда мешаванд. Дар чунин шароит «табиати таҳдидҳо дар робита бо мақсадҳо ва манфитҳои душманон муайян мегарданд»[2]. Аз ин рӯ, таҳдидҳои дорои характери иқтисодӣ, сиёсӣ, иттилоотӣ, ҳарбию сиёсӣ, экологӣ, демографӣ ва монанди инҳоро нишон додан мумкин аст. Чунин таснифоти таҳдидҳо бо он асоснок карда мешавад, ки рушду инкишофи ҳар як соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ дар заминаи амалигардонии манфиатҳои мушаххаси соҳаи мазкур таъмин мегардад. Аз ин рӯ, аксари таҳдидҳо низ метавонанд характери соҳавӣ дошта бошанд ва дар самти амалишавии манфиаҳои мазкур монеа эҷод карда, рушду инкишофи соҳаҳоро халалдор созанд. Дар заминаи таснифоти мазкур, ки бо назардошти соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба вуҷуд оварда мешавад, инчунин таснифоти дигарро низ нишон додан мумкин аст.

Амнияти миллӣ инчунин дарбаргирандаи амнияти соҳаҳои гуногуни мамлакат аст. Бинобар ин вобаста ба соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ амнияти иқтисодӣ, сиёсӣ, иттилоотӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, ҳарбӣ ва ғайраро нишон медиҳанд. Таъмини амнияти як соҳа аз сатҳу сифати амнияти соҳаҳои дигар вобаста мебошад. Дар чунин шароит вобастагии байни соҳаҳои амният ҳамчун қонуният арзи ҳастӣ менамояд. Ҳар як соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ аз рӯи як қатор хусусиятҳои муҳимми худ бо амнияти миллӣ алоқамандӣ пайдо менамояд, ки онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст:

– ҳар як соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама, ба сифати объекти амният баромад мекунад. Зеро дар ҳар як соҳа манфиатҳои муҳимми мамлакат дида

---

[1] Решение информационной безопасности [Электронный ресурс]. – URL: http://www.s-director.ru/ugrozy-informacionnoj-bezopasnosti.html (дата обращения: 21.07.2019 г.)

[2] Логунов, А.Б. Региональная и национальная безопасность [Текст] / А.Б. Логунов. –М.: Вузовский учебник, 2009.– С.24.

мешаванд ва онҳо доимо ниёз ба пуштибонӣ доранд, зеро рушди ин ё он соҳа аз ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои мазкур вобаста аст;

– ҳар як соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ ҳамчун воситаи таъмини амнияти миллӣ ба шумор меравад;

– ҳар як соҳа барои таъмини амнияти соҳаҳои дигар шарту шароит фароҳам меоварад;

– ҳамзамон ҳар як соҳа метавонад ба сифати сарчашмаи таҳдид баромад намояд[1].

Дар шароите, ки як соҳаи мушаххас ҳамчун сарчашмаи таҳдид баромад мекунад, он дигар наметавонад воситаи таъмини амнияти соҳаҳои дигар бошад. Зеро соҳаи мазкур ба амнияти соҳаҳои дигар таҳдид намуда, манфиатҳои ҳаётан муҳимми соҳаҳои мазкурро ғайриимкон мегардонад. Масалан, соҳаи маориф барои соҳаҳои дигар мутахассисони ба талаботи давру замон ҷавобгӯро бояд омода созад. Замоне ки хатмкардаҳои донишкадаю донишгоҳҳо бо сифати пасти дониш ва ҷаҳонбинии хеле маҳдуд вориди истеҳсолот мегарданд, маҳз онҳо дар самти ҳимояи манфиатҳои миллӣ монеа эҷод мекунанд. Зеро рушду инкишофи ҷомеа ва дар кадом сатҳ ҳимоя гардидани манфиатҳои миллии мамлакат аз шаҳрвандон ва махсусан аз мутахассисони соҳаҳои гуногун вобаста мебошад. Дар чунин шароит вобастагии соҳаҳои дигар аз соҳаи маориф ба мушоҳида мерасад. Ҳамзамон, рушди нокифояи соҳаи чӣ ба соҳаи маориф ва чӣ соҳаҳои дигар имкон намедиҳад, ки онҳо вазифаҳои худро дар сатҳи зарурӣ иҷро намоянд.

Аммо дар байни ҳамаи соҳаҳо амнияти сиёсӣ ва суботи сиёсӣ афзалияти бештар дорад. Зеро фаъолияти муназзами ташкилоту муассисаҳо, дар амал татбиқ гардидани ҳадафҳои миллӣ ва стратегияҳои давлатӣ аз устувории системаи сиёсӣ ва суботи сиёсии ҷомеа вобаста аст. Ба андешаи сиёсатшиноси амрикоӣ С.Хантингтон, «суботи сиёсӣ метавонад бе озодӣ

[1] Ниг.: Кирющенко, А.Г. Образование и национальная безопасность [Текст] / А.Г. Кирющенко // Право. Экономика. Безопасность. – 2016. – №2 (8). –С.136.

вуҷуд дошта бошад, аммо озодӣ наметавонад, ки бе суботи сиёсӣ мавҷудияти худро нигоҳ дорад»[1]. Ин гуфтаҳо маънои онро доранд, ки барои амалӣ гардонидани манфиатҳои миллӣ ва ҳадафҳои стратегии давлату миллат, пеш аз ҳама, суботи сиёсӣ лозим аст. Аз ин рӯ, таҳдидҳои сиёсӣ дар муқоиса бо таҳдидҳои соҳаҳои дигар таъсири манфии бештар доранд. Таҳдидҳои сиёсӣ ба устувории давлат ва рукнҳои асосии давлатдорӣ нигаронида мешаванд. Чун анъана идеяи давлатдорӣ, идеологияи давлатӣ, ҳувияти миллӣ, ниҳодҳои сиёсии давлат ба сифати объекти таҳдидҳои сиёсӣ баромад менамоянд. Таҳдидҳои сиёсӣ, дар маҷмуъ, барои заиф гардонидани пояҳои давлат нигаронида шудаанд ва ниҳодҳои давлатиро ноустувор мегардонанд. Дар шароити муосир дар баробари ҳуҷумҳои ҳарбӣ, ҳуҷумҳои иттилоотӣ, психологӣ ва гибридӣ (омехта) сурат мегиранд, ки онҳоро низ дар алоқамандӣ бо таҳдидҳои замони муосир бояд баррасӣ намуд.

Давлат ташкилоти сиёсии ҷомеа мебошад, ки таъмини амнияти миллӣ ва суботи сиёсӣ аз устувории он вобастагии калон дорад. Аз ин рӯ, таҳдидҳои сиёсӣ низ ба монанди таҳдидҳои ҳарбӣ хусусияти ноустуворкунанда доранд ва хеле хатарнок мебошанд. Махсусан, барои давлатҳое, ки дар давраи гузариш қарор доранд, таҳдидҳои сиёсӣ хеле хатарзо ҳастанд. Ба он нигоҳ накарда, ки тамоми паҳлуҳои таъмини амният, аз ҷумла амнияти ҳарбӣ, экологӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғайраҳо хусусияти сиёсӣ доранд, амнияти сиёсӣ метавонад сарҳади худ ва объектҳои худро дошта бошад. Албатта, ҳар боре, ки таҳдидҳои сиёсӣ мегуем, амнияти сиёсиро дар назар мегирем. Асоси амнияти сиёсиро ҳимояи истиқлолияти давлатӣ, сохти конститутсионии давлат ва ҳифзу бақои онҳо ташкил медиҳад.

Барои хубтару беҳтар шарҳ додани моҳияти таҳдидҳои сиёсӣ ба инобат гирифтани сиёсат ҳамчун соҳаи фаъолият хеле зарур мебошад. Дар мавриди моҳияти сиёсат таърифҳои гуногун гуфта шудааст ва

[1] Хантингтон, С. Политический порядок в меняющихся обществах [Текст] / Пер. с англ. – М.: Прогресс-Традиция, 2004. – С.27.

сиёсатшиносон корҳои зиёдеро анҷом додаанд. Аммо дар муносибат бо таҳдидҳои сиёсӣ баъзеи онҳоро ёдоворӣ кардан кофист. Ба андешаи сиёсатшиноси англис Б.Бузан, «сиёсат ин ташаккули рафтори одамон бо мақсади идора кардани гурӯҳҳои калони иҷтимоӣ»[1] мебошад. Таърифи мазкур барои дарки таҳдидҳои сиёсӣ хеле аҳамиятнок аст. Зеро чун анъана таҳдидҳои сиёсӣ, пеш аз ҳама, бо масъалаҳои эътироф кардан, ё накардан, дастгирӣ ёфтан ва таъмин будани легитимияти ҳокимият алоқаманд аст. Чунин шакли баррасӣ маънои онро дорад, ки суботи сиёсии ҷомеа, устувории ниҳодҳои сиёсии давлат, бақои истиқлолияти давлатӣ аз сатҳу сифати легитимияти ҳокимияти давлатӣ вобастаанд. Аз ин рӯ, дар раванди муборизаҳои сиёсӣ субъектҳои сиёсат, аслан барои паст кардани сатҳи легитимияти ҳокимият мубориза мебаранд. Ба ибораи дигар, онҳо кӯшиш менамоянд, ки пайравон, ҷонибдорон ва сатҳи эътирофи ҳокимияти давлатиро осебпазир ва ноустувор гардонанд. Дар ин маврид ёдовар гардидан аз таърифи пешниҳоднамудаи ҷомеашиноси немис М.Вебер дар бораи сиёсат хеле бамаврид аст. Ба андешаи ӯ, «сиёсат … кӯшиши иштирок намудан дар ҳокимият, ё таъсир расонидан ба тақсими ҳокимият мебошад, ки он чӣ дар байни давлатҳо ва чӣ дар дохили давлат дар байни гурӯҳҳои одамон ба амал меояд»[2]. Дар ин таъриф ҳам сиёсати дохилӣ ва ҳам сиёсати хориҷиро эҳсос кардан мумкин аст. Аз ин рӯ, таҳдидҳои сиёсӣ метавонанд ҳам дохилӣ ва ҳам беруна бошанд, агар ҳадафи он осеб расонидан ва заиф гардонидани ҳокимияти давлатӣ, ё ноустувор гардонидани пояҳои давлатдорӣ бошад. Айни замон чунин шакли таъсиррасонӣ дар фаъолияти тахрибии ҳизбу ҳаракатҳои радикалистӣ ва бахусус дар фаъолияти ташкилотҳои экстремистию террористӣ мушоҳида мегардад. Дар марҳилаи кунунии давлатдорӣ ташкилотҳои террористию экстремистии «Ҳизби наҳзати исломӣ», «Гурӯҳи 24», бо ном «Паймони миллии Тоҷикистон» ва

---

[1] Buzan, B., Charles J., Richard L. The Logic of Anarchy: Neorealism to Structural Realism. – New York: Columbia University Press, 1993. –P.79.

[2] Вебер, М. Власть и политика [Текст] / Пер. с нем. Б.М. Скуратова, А.Ф. Филиппова. –М.: РИПОЛ классик, 2017. – С.254.

фаъолону пайравони онҳо ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдиду хатарҳои гуногунро ба вуҷуд оварда истодаанд. Онҳо ҳамарӯза бо мақсади заиф гардонидани пояҳои давлат ва осеб расонидан ба ҳокимияти давлатӣ ҳуҷумҳои иттилоотию идеологӣ анҷом медиҳанд.

Ҳамин тариқ, дар мавриди таҳдидҳои сиёсӣ низ сарчашмаҳои таҳдидро ба дохилию беруна тақсим кардан мумкин аст: таҳдидҳои сиёсии дохилӣ ба легитимияти ниҳодҳои сиёсӣ, идеологияи давлатӣ ва ғояи давлатдорию ваҳдати миллӣ нигаронида шудаанд; таҳдидҳои сиёсии беруна бо масъалаи эътирофи давлат дар арсаи байналмилалӣ, коҳиш додани симои байналмилалии давлат ва умуман бо легитимияти берунии он алоқаманд мебошанд. Таҳдидҳои сиёсии беруна асосан ба легитимияти идеологияи ҳукмрон ва устувории сиёсии ҷомеа нигаронида шудаанд. Махсусан, дар шароити муосир таъсири таҳдидҳои сиёсии беруна дар муқоиса бо таҳдидҳои дохилӣ хеле зиёд гардида истодааст.

Дар муносибат ба истиқлолияти сиёсии давлат ва сатҳи эътирофи хориҷии давлат низ андешаҳои гуногун мавҷуданд. Ин масъала низ бо таҳдидҳои сиёсӣ алоқамандии зич доранд. Чунончӣ, Б.Бузан бо ҳамроҳии ҳамтоёни худ иброз медоранд, ки «барои давлатҳо се сатҳи эътироф вуҷуд дорад: якум, ҳамчун ҳокими эътирофшуда; дуюм, ҳамчун субъекти баробарҳуқуқ; сеюм, ҳамчун тобеи эътирофшуда. Агар давлат хоҳад, ки ҳокими эътирофшуда, ё субъекти баробарҳуқуқ бошад, аммо дар ниҳоят тобеи эътирофшуда боқӣ монад, ин вазъ ба амнияти сиёсӣ ва ҳувияти сиёсии вай таъсири манфӣ мерасонад»[1]. Аз ин рӯ, таҳдидҳои сиёсии берунӣ ба сатҳу сифати эътирофи хориҷӣ ва байналмилалии давлат ва таҳдидҳои сиёсии дохилӣ ба сатҳу сифати легитимияти ҳокимияти давлатӣ таъсиргузорӣ менамоянд. Таҳдидҳои сиёсии дохилӣ бо унсурҳои идеологӣ ва иттилоотӣ робитаи зич доранд. Гузашта аз ин, дар таҳкими легитимияти ҳокимият худи давлат нақши асосӣ мебозад. Зеро давлат танзимгари асосии

[1] Buzan B., Waever O., Wilde J. Security: a new framework for analysis. –London: Lynne Rienner Publishers, 1998. –P.144-145.

хизматрасониҳои иқтисодию иҷтимоӣ мебошад ва аз ин рӯ, легитимияти он аз муваффақиятҳои иҷтимоию иқтисодии он вобастагии зиёд дорад.

Асоси ҳама гуна давлатдориро се унсури асосӣ ташкил медиҳад: ғояҳои давлатдорӣ (идеология), ҳудудҳои давлат ва ниҳодҳои сиёсӣ[1]. Дар байни онҳо ғояҳои давлатдорӣ ва идеологияи давлатӣ нақши марказиро ишғол менамоянд. Ниҳодҳои сиёсии ҷомеа дар заминаи идеологияи давлатӣ ва ғояҳои давлатдорӣ ташаккул дода мешаванд. Ғояҳои устуворкунандаи пояҳои давлат чун анъана миллатгароӣ ва идеологияи сиёсӣ мебошанд. Зери таҳдиду хатар қарор гирифтани онҳо боиси ноустувор гардидани сохтори сиёсии ҷомеа мегардад.

Асосан таҳдидҳои сиёсӣ ва мавҷудияти онҳо дар муносибат бо истиқлолияти давлатӣ муайян карда мешаванд. Давлат бе истиқлолият вуҷуд дошта наметавонад, зеро пайдоиши он аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолият ба амал меояд. Аз ин рӯ, истиқлолияти давлатӣ манфиати бақодорӣ ва ҳаётан муҳимми давлатдории миллӣ мебошад. Гузашта аз ин, ба ҳар як давлат аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолият хатари аз даст додани он низ таҳдид менамояд. Ҳар он зуҳурот, ё омиле, ки боиси заиф гардидан, ё аз даст додани истиқлолият мешавад, таҳдидҳои сиёсӣ буда, бақои давлату миллатро зери суол мебаранд. Ҳатто камтарин зарар ба истиқлолияти давлатӣ таҳдиди сиёсӣ мебошад, зеро истиқлолият меъёре аст, ки дар заминаи он иродаи сиёсии миллат ва мустақилияти давлатӣ дар идоракунии ҳудудҳои худ таъмин карда мешавад. Аз ин рӯ, ҳар амалу рафтор, омил ё зуҳуроте, ки ҳамчун дахолат ба соҳибихтиёрии давлат мебошанд, ё истиқлолияти давлатиро халалдор менамоянд, таҳдидҳои сиёсӣ ба шумор рафта, сирф масъалаҳои соҳаи амнияти сиёсӣ ва дар маҷмуъ, амнияти миллӣ маҳсуб меёбанд.

Вобаста ба соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ инчунин таснифоти дигари таҳдидҳоро низ нишон додан мумкин аст. Ҳарчанд таснифоти мазкур дар

---

[1] Ниг.: Buzan B. People, States and Fear: An Agenda for International SecurityStudies in the Post-Cold War Era. 2d ed. Boulder: Lynne Rienner; Hemel Hempstead: Harvester Wheatsheaf., 1991. –262 p.

таъмини амнияти миллӣ ва суботи сиёсӣ аҳамияти зиёди стратегӣ дошта бошад ҳам, бо сабабҳои гуногун онро дар бисёре аз мавридҳо ба инобат намегиранд. Иқтидори методологии таснифоти мазкурро, пеш аз ҳама, барои таъмини амнияти соҳаҳои мушаххас истифода бурдан имконпазир аст. Тибқи талаботи ин таснифот, дар муносибат ба ҳар як соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ ҳамаи таҳдидҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: якум, таҳдидҳои дорои характери соҳавӣ (масалан, таҳдидҳои иттилоотӣ, идеологӣ, экологӣ, иқтисодӣ ва ғ.) ва дуюм, таҳдидҳо ба соҳаи мушаххас (масалан, таҳдидҳо ба амнияти иттилоотӣ ва ғ.). Барои мисол, тибқи талаботи таснифоти мазкур зимни таъмини амнияти иттилоотӣ аввал таҳдидҳои иттилоотӣ бояд ошкор карда шаванд ва сипас барои беҳтару хубтар намудани ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои ҳаётан муҳимми кишвар аз таҳдидҳои дохлию берунии иттилоотӣ, бояд таҳдидҳо ба амнияти иттилоотӣ муайян карда шуда, безарар гардонида шаванд. Дар ин маврид «таҳдидҳои иттилоотӣ» ва «таҳдидҳо ба амнияти иттилоотӣ» аз ҳамдигар тафовут доранд. Дар робита бо ин масъала ҳамзамон қайд кардан бамаврид аст, ки таҳдидҳои иттилоотӣ доимо аз ҷониби душманон ва рақибон зоҳир мешаванд. Аммо таҳдидҳо ба амнияти иттилоотӣ аз соҳаҳои дигар бармеоянд.

Дар чунин шакл гурӯҳбандӣ кардани таҳдидҳоро дар муносибат ба ҳар як соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ истифода бурдан мумкин аст. Чунончӣ, таҳдидҳои сиёсӣ ва таҳдидҳо ба амнияти сиёсӣ, таҳдидҳои идеологӣ ва таҳдидҳо ба амнияти идеологӣ, таҳдидҳои экологӣ ва таҳдидҳо ба амнияти экологӣ, таҳдидҳои иҷтимоӣ ва таҳдидҳо ба амнияти иҷтимоӣ, таҳдидҳои ҳарбӣ ва таҳдидҳо ба амнияти ҳарбӣ ва ғ. метавонанд вуҷуд дошта бошанд.

Ғайр аз ин, тамоми таҳдидҳои мавҷударо боз ба ду гурӯҳи дигар ҷудо менамоянд: анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки тули солҳои охир олимону муҳаққиқон дар атрофи таҳдидҳои мазкур баҳсҳои мухталиф ва таҳқиқотҳои гуногун анҷом дода истодаанд. Ба ҳамаи ин мубоҳисаҳо нигоҳ накарда, гуфтан мумкин аст, ки мавҷудияти ин

навъи таҳдидҳо воқеияти бебаҳс аст. Зеро дар тули таърих ду тамоюлот инсониятро доимо ҳамроҳӣ намудааст ва имрӯз низ ҳамроҳӣ карда истодааст. Якум, рушди соҳаҳои ҷамъиятӣ, пешрафти илмию техникӣ ва дуюм, дар зери таъсири чунин пешрафт ба вуҷуд омадани таҳдиду хатарҳои гуногун. Дар замони муосир рушди илму техника бо суръати хеле баланд ба амал омада истодааст, ки дар ин раванд таҳдиду хатарҳо низ бо шакли нав ва хусусиятҳои нав зоҳир мешаванд. Бо назардошти чунин ҳолат омӯзиш ва таҳқиқи таҳдидҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ воқеан ҳам аҳамияти илмию амалӣ дорад.

Ба омӯзиши масъалаи таҳдидҳои ғайрианъанавӣ сиёсатшиносони Хитой таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда истодаанд. Барои мисол, соли 2003 аввалин маротиба дар илмҳои сиёсӣ вобаста ба моҳияти таҳдидҳои ғайрианъанавӣ зери унвони «Назарияи амнияти ғайрианъанавӣ» асари илмию таҳқиқотии сиёсатшиноси хитоӣ Лу Чжунвей чоп гардид[1]. Қобили зикр аст, ки сиёсатшиносони хитоӣ дар мавриди омӯзиш ва таҳқиқи ин масъала бештар дихотомияи «амнияти анъанавӣ» ва «амнияти ғайрианъанавӣ»-ро истифода мебаранд. Чунончӣ, ба андешаи сиёсатшиноси дигари хитоӣ Чан Ян, «амнияти анъанавӣ маънои амнияти давлатиро дорад, ба ибораи дигар, амнияти давлатӣ, сиёсӣ ва ҳарбӣ мундариҷаи асосии амнияти анъанавиро ифода мекунанд»[2]. Чунин ибрози андеша маънои онро дорад, ки ҳар як давлат дар танҳоӣ, ё бо ҳамроҳии давлатҳои дигар бо истифода аз неруҳои ҳарбӣ, ё тавассути усулҳои сиёсию дипломатӣ дар муқобили таҳдиду хатарҳо истодагарӣ мекунанд. Аммо ҷои дигар Ч.Ян иброз медорад, ки масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, илм, маориф, техника ва технология, муҳити зист, яъне ҳамаи масъалаҳои соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, ки ба амнияти давлатӣ таъсири амиқ мерасонанду

---

[1] Ниг.: В Китае вышел первый теоретический труд по проблеме нетрадиционных видов угрозы безопасности [Электронный ресурс]. – URL: http://russian.people.com.cn/200311/07/rus20031107_83273.html (дата обращения: 02.03.2020 г.)

[2] Чан Янь. Китай и Россия в условиях нетрадиционных вызовов и угроз национальной безопасности [Текст] / Чан Янь // Историческая и социально-образовательная мысль. – 2018. – Т.10. –№3. –С.145.

хусусияти ҳарбӣ надоранд, мундариҷаи амнияти ғайрианъанавиро ташкил медиҳанд[1]. Ч.Ян дар таҳқиқоти худ ба сифати таҳдидҳои ғайрианъанавӣ чунин хавфу хатарҳоро номбар менамояд: ҷангҳои тиҷоратӣ, хариду фурӯши ғайриқонунии яроқу аслиҳа, ҷиноятҳои фаромиллӣ, офатҳои табиӣ, муноқишаҳои минтақавию дохилидавлатӣ[2]. Сиёсатшиноси дигари хитоӣ Юй Тзян Хуа иброз медорад, ки таҳдидҳои ғайрианъанавӣ хусусияти ғайридавлатӣ, ғайриҳарбӣ, фаромиллӣ, ғайриинтизорӣ дошта, пешгӯинашаванда мебошанд ва дар ҷойҳое зоҳир мешаванд, ки майл ба дигаргунӣ доранд. Ӯ муътақид аст, ки ин навъи таҳдидҳо аз сатҳи миллию минтақавӣ дар муддати хеле кӯтоҳ ба сатҳи байналмилалӣ рафта мерасанд[3]. Бо андешаҳои мазкур қисман розӣ шудан мумкин аст. Зеро хусусияти ғайриинтизорӣ, фаромиллӣ ва пешгӯинашаванда доштани таҳдидҳои ғайрианъанавӣ дурустанд. Аммо ғайридавлатию ғайриҳарбӣ муаррифӣ кардани онҳо иштибоҳ мебошад. Айни замон чӣ ба амнияти давлатӣ ва чӣ ба амнияти ҷамъиятӣ ҳам таҳдидҳои анъанавӣ ва ҳам ғайрианъанавӣ таъсиргузорӣ менамоянд, ки дар чунин маврид ғайридавлатӣ, ё ғайриҳарбӣ муаррифӣ кардани онҳо қобили қабул нест. Ҳатто дар соҳаи амнияти ҳарбию сиёсӣ низ дар шароити муосир як қатор таҳдидҳои ғайрианъанавие ба мушоҳида мерасанд, ки бояд ба таври ҷиддӣ баррасӣ шаванд. Дар маҷмуъ, ба андешаи сиёсатшиносони хитоӣ, хавфу хатарҳо ва мушкилоти мавҷудае, ки аз назарҳо дур мондаанд, ё бо сабабҳои гуногун ба инобат гирифта нашудаанд, таҳдидҳои ғайрианъанавӣ мебошанд.

Таҳдидҳои ғайрианъанавиро инчунин бо мафҳумҳои зерин низ ифода менамоянд: таҳдидҳои эҳтимолӣ, масъалаҳои афзалиятнок (яъне, масъалаҳое, ки бояд дар маркази диққат қарор дода шаванд ва ҳаллу фасл

[1] Чан Янь. Китай и Россия в условиях нетрадиционных вызовов и угроз национальной безопасности [Текст] / Чан Янь // Историческая и социально-образовательная мысль. – 2018. – Т.10. –№3. –С.145.

[2] Ниг.: Чан Янь. Проблемы региональной безопасности в Северо-Восточной Азии: опыт и перспективы китайского и российского участия и взаимодействия [Текст]: автореф. дис. … канд. полит. наук: 23.00.04 / Чан Янь. –Владивосток, 2008. – 21 с.

[3] Ниг.: Юй Цзянь Хуа. ШОС и взгляды безопасности [Текст] / Юй Цзянь Хуа // Исследование теории Мао Цзэдуна и Дэн Сяопина. – 2005. – № 3. – С.76-79.

гарданд), таҳдидҳои нав ва ғ. Ба андешаи мо, муайян кардани ин навъи таҳдидҳо ҳамчун «таҳдидҳои замони муосир» ба мақсад мувофиқтар аст.

Олимони Ғарб низ ба масъалаи зуҳури таҳдидҳои ғайрианъанавӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Масалан, дар таҳқиқоти сиёсатшиноси амрикоӣ П.Б. Старес ҳамаи таҳдидҳое, ки баъди анҷомёбии ҷанги сард пайдо мешаванд, ба сифати таҳдидҳои нав ва таҳдидҳои ғайрианъанавӣ муаррифӣ мегарданд. Чунончӣ, низоъҳои этникӣ, ифлосшавии муҳити зист, норасогии манбаъҳо, паҳншавии яроқу аслиҳа, муҳоҷирати танзимнашаванда, ҷиноятҳои муташаккил ва ғ. ба онҳо мисол шуда метавонанд. Дар маҷмуъ, П.Б. Старес таҳдидҳои ҳарбиро таҳдидҳои анъанавӣ ва таҳдидҳои ғайриҳарбиро ғайрианъанавӣ муаррифӣ менамояд. Ба ақидаи ӯ, доимо ба таҳдидҳои ҳарбӣ ва амнияти ҳарбӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудану аз масъалаҳои дигари доғи рӯз дур шудан, маънои онро дорад, ки амнияти давлат таъмин гардида, амнияти шахс зери таҳдиду хатар қарор мегирад[1]. Сиёсатшиноси амрикоӣ Ҷ.Киртон чаҳор шакли асосии таҳдидҳои ғайрианъанавиро нишон медиҳад: терроризм, ифлосшавии муҳити зист (экология), паҳншавии маводи нашъадор ва бемориҳои сироятӣ[2].

Бояд ёдовар шуд, ки намояндагони реализми сиёсӣ ва неореализм, аз ҷумла муаллифи назарияи «тавозуни таҳдидҳо» Стивен Уолт кӯшиш менамуданд, ки ҳамаи масъалаҳои соҳаи таъмини амниятро бо назардошти қудрати ҳарбию сиёсии давлат ва ҷангҳои имконпазири байнидавлатӣ шарҳ диҳанд. Дар ҳамин гуна шароит дар Аврупои Ғарбӣ як гурӯҳ олимоне пайдо гардиданд, ки барои таъмини амният ба инобат гирифтани масъалаҳои ғайриҳарбиро низ зарур мешумориданд. Чунин кӯшишу заҳмати онҳо барои ташаккулёбии назарияи секюритизатсия (Securitization Theory) заминаи мусоид фароҳам овард.

---

[1] Ниг.: Paul B. Stares. The New Security Agenda: A Global Survey. – Tokyo: Japan Center for International Exchange, 1998. – 332 p.

[2] Ниг.: Киртон, Дж. Саммит «Группы восьми» как новый институт безопасности [Электронный ресурс]. – URL: http://www.g7.utoronto.ca/russian/ru_panova_g8russia.pdf (дата обращения: 20.03.2020 г.)

Воқеан ҳам назарияи секюритизатсия дар самти шинохти табиати таҳдидҳои ғайрианъанавӣ заминаи хеле хуб фароҳам овардааст. Назарияи мазкур тавонист, ки дар ташаккули консепсияи амнияти миллӣ нақши сазовор гузорад. Агар ба мундариҷаи назарияи тавозуни таҳдидҳо ва секюритизатсия назар намоем, дидан мумкин аст, ки рушду инкишоф ҳамчун категорияи муҳимми низоми амнияти миллӣ дар маркази диққати назарияи дуюм қарор дорад. Масалан, олими англис Б.Бузан, ки онро асосгузори назарияи секюритизатсия медонанд, рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғ. низ хеле муҳим арзёбӣ кардааст. Назарияи ӯ на танҳо ба давлат ва мақомоти давлатӣ, балки ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва умуман ба ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ имкон медиҳад, ки бо назардошти манфиатҳои худ таҳдидҳои воқеиро саривақт муайян карда, масъалаҳои ҷойдоштаро бетаъхир ҳаллу фасл созанд[1].

Сиёсатшиноси ҳинд Рамакант Триведи парадигмаи Б.Бузан ва назарияи секюритизатсияро ҷонибдорӣ карда, бо боварии комил иброз медорад, ки баъди анҷомёбии ҷанги сард истифодаи он барои шинохти таҳдидҳо аҳамиятнок гардидааст. Ӯ қайд менамояд, ки «дар ҷаҳони дуқутба вобаста ба таъмини амният муносибати анъанавӣ, яъне ҳарбию сиёсӣ афзалияти аввалиндараҷа дошт. Аммо баъди анҷомёбии ҷанги сард таҳдидҳои ғайрианъанавӣ ва бартараф кардани онҳо бо усулҳои ғайрианъанавӣ барои амнияти байналмилалӣ муҳим гардид. Дар раванди муайян кардани номгӯйи таҳдидҳои ғайрианъанавӣ ҳар як таҳдидеро, ки ба амнияти давлатӣ таъсир мерасонаду ба таври анъанавӣ бартараф карданашон номумкин аст, ба таҳдидҳои ғайрианъанавӣ дохил намудан мумкин аст»[2].

---

[1] Ниг.: Сафарализода, Х.Қ. Таҳаввулоти назарияҳои амният ва дурнамои шинохти таҳдидҳо [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. –№1. –С.255.

[2] Триведи, Р. Нетрадиционные угрозы безопасности в Центральной Азии с точки зрения сравнительной региональной перспективы [Текст] / Р. Триведи // Сравнительная политика. – 2011. – № 4. – С.109.

Чи гунае, ки мушоҳида мегардад, аксари олимон таҳдидҳои ҳарбиро анъанавӣ ва ғайриҳарбиро ғайрианъанавӣ меноманд, ки ин чандон дуруст нест. Аслан таҳдидҳои анъанавӣ таҳдидҳое мебошанд, ки дар бораи онҳо маълумоти зарурӣ ва вобаста ба пешгирии онҳо таҷрибаи лозима мавҷуд аст. Маҳз чунин хусусият онҳоро ҳамчун таҳдидҳои анъанавӣ нишон медиҳад. Аммо таҳдидҳои ғайрианъанавӣ зуҳуроти манфие мебошанд, ки дар бораашон дониши кофӣ, маълумоти зарурӣ ва дар мавриди пешгирии онҳо таҷрибаи лозима мавҷуд нест. Дар самти таъмини амнияти миллӣ ба анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ ҷудо кардани таҳдидҳо аҳамияти стратегӣ дорад. Дар кадом марҳилаи давлатдорӣ ва дар кадом сатҳи рушду инкишоф қарор доштани кишвар ба ин масъала таъсиргузор аст. Зеро як қатор таҳдидҳое, ки барои як кишвар анъанавианд, шояд барои кишварҳои дигар ғайрианъанавӣ бошанд ва баръакс он таҳдидҳоеро, ки давлати алоҳида ғайрианъанавӣ мешуморад, метавонанд барои кишварҳои тараққикардаи олам анъанавӣ бошанд.

Агар дар мисоли терроризм таҳдидҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавиро баррасӣ намоем, гуфтан мумкин аст, ки терроризми муосир ғайрианъанавӣ ва терроризми классикӣ, ки чанд даҳсола пеш ба мушоҳида мерасид, таҳдиди анъанавӣ аст. Чунин баррасӣ ба он хотир муҳим аст, ки дар замони муосир ташкилотҳои террористӣ ва террористон барои амалӣ кардани ҳадафҳои худ ва корношоям гардонидани механизмҳои фаъолияти зиддитеррористӣ пайваста роҳу усулҳои навро пайдо намуда, истифода мебаранд. Аз ҷумла, терроризми замони муосир бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, хариду фурӯши яроқ, омода намудан ва паҳн кардани пулҳои қалбакӣ, интиқол додани сармоя ва ҳатто ташкил намудани тиҷорати расмӣ зич алоқаманд мебошад, ки чунин ҳолат мубориза бо ин зуҳуроти номатлубро хеле мушкил мегардонад. Гузашта аз ин, терроризм ҳамчун таҳдид ҳам хусусияти анъанавӣ ва ҳам ғайрианъанавӣ дорад. Масалан, мубориза бо терроризм дар аввал ба воситаи сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ сурат мегирифт. Аммо таҷрибаҳо ва таҳлилҳо нишон

медиҳанд, ки дар баробари ин дар самти мубориза бо терроризм роҳу усулҳои дигар низ бояд истифода бурда шаванд. Аз ҷумла, ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, таъмин кардани амнияти иттилоотӣ, ҳимояи афкори ҷамъиятӣ ва монанди инҳо низ омилҳои пешгирикунандаи терроризм мебошанд. Ё ин ки масъалаи гаравидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои радикалистию экстремистӣ тули ду даҳсолаи охир хеле мубрам гардидааст. Ба ҳамаи кӯшишҳо ва чорабиниҳои давлатӣ нигоҳ накарда, сол то сол ин тамоюлот рӯ ба афзоиш аст. Сабаби чунин вазъ дар он аст, ки барои ҷалби ҷавонон ба сафи ин гуна ташкилотҳо аз ҷониби радикалистон ва экстремистон роҳу усулҳои нав, аз ҷумла иқтидори шабакаи интернет ва дигар воситаҳои иртиботӣ моҳирона истифода бурда мешаванд, ки барои пешгирӣ кардани ин тамоюлот ҳам таҷрибаи кофӣ мавҷуд нест ва ҳам донишҳои зарурӣ. Донишҳои дар ин самт мавҷуда ҳанӯз ҳам баҳсноканд. Масалан, баъзе муҳаққиқон иброз медоранд, ки камбизоатӣ сабаби гаравидани ҷавонон ба ташкилотҳои террористию экстремистӣ мегардад, аммо таҳлилҳо нишон медиҳад, ки фарзандони сарватмандон низ ба ин роҳ рафтаанд ва мераванд. Баъзеҳо сатҳи пасти маърифатнокиро сабаби асосии тавсеаи ин тамоюлот медонанд, аммо шаҳрвандони давлатҳои тараққикарда ва шахсони саводнок низ дар қатори онҳо шомил мешаванд. Ташкил намудани давлати исломӣ ва бунёдгароии диниро сабаби чунин вазъ муаррифӣ менамоянд, аммо баъзан вақт дидан мумкин аст, ки ташкилотҳои террористии дорои хусусияти радикализми динӣ на танҳо аз ҷониби давлатҳои исломӣ, балки аз ҷониби давлатҳои дунявию демократӣ низ маблағгузорӣ ва дастгирӣ мегарданд. Дар маҷмуъ, мавҷудияти масъалаҳои баҳснок ва паҳлуҳои норавшани он ифодагари хусусиятҳои ғайрианъанавии таҳдид аст.

Баъзе муҳаққиқон ифлосшавии муҳити зист ва тағйирёбии иқлимро ҳамчун таҳдиди ғайрианъанавӣ номидаанд. Аммо ба назар чунин мерасад, ки ҳарчанд ин таҳдиди нав бошад ҳам, он анъанавӣ аст. Зеро ҳамаи давлатҳо сабабҳои ифлосшавии муҳити зист ва дар зери таъсири кадом омилҳо ба

амал омадани тағйирёбии иқлимро медонанд. Танҳо масъалаи дарёфти роҳу усулҳои пешгирӣ кардани оқибатҳои он боқӣ мондааст, ки сари ин масъала давлатҳои алоҳида ба мувофиқа нарасидаанд. Зеро ба хотири пешгирӣ кардани оқибатҳои тағйирёбии иқлим давлатҳои тараққикарда ва дорои саноати пешрафта маҷбур мегарданд, ки як қисми манфиатҳои худро мадди назар намоянд, аммо ин корро намекунанд. Аз ин рӯ, ҳангоми муайян кардани хусусиятҳои муҳимми таҳдидҳои ғайрианъанавӣ чунин ҳолат бояд ба инобат гирифта шавад.

Дар таҳқиқотҳои дигар бемориҳои сироятӣ ҳамчун таҳдиди ғайрианъанавӣ муаррифӣ шудаанд. Дар ин маврид низ баъзе масъалаҳои баҳснок мавҷуданд. Масалан, бемориҳои сироятие, ки роҳҳои пешгирии он ба воситаи ваксинаи мушаххас ба роҳ монда шудааст, таҳдидҳои анъанавӣ дониста мешавад. Аммо он бемориҳое, ки дар бораашон ҳанӯз маълумоти кофӣ нест, таҳдиди ғайрианъанавӣ мебошад. Масалан, бемории сироятии COVID-19, ки моҳи декабри соли 2019 пайдо шуд, таҳдиди ғайрианъанавӣ ба шумор мерафт. Аммо баъди оне, ки ин масъала дар заминаи маълумоти аниқу дақиқ ҳаллу фасл мегардад, онро таҳдиди анъанавӣ гуфтан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, ҳар як таҳдидро метавон дар доираи чунин қонуният баррасӣ намуд ва хусусиятҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавии онро ошкор сохт. Зеро маълумот ва тасаввурот дар бораи таҳдид, мавҷуд будан, ё набудани таҷрибаи кофӣ барои пешгирӣ кардани таҳдид нишондодҳое мебошанд, ки ба воситаи онҳо анъанавӣ, ё ғайрианъанавӣ будани таҳдидҳоро муайян мекунанд.

Дар баробари ин, боз як қатор таҳдидҳое мавҷуданд, ки дар замони муосир метавонанд барои ҳамаи кишварҳои олам ғайрианъанавӣ ба шумор раванд. Сиёсатшиноси амрикоӣ Ҷ.Най иброз медорад, ки «40 сол пеш алоқаи босуръати байналмилалӣ имконпазир гардид, аммо он хеле гарон буд. Имрӯз бошад чунин навъи алоқа ба онҳое, ки барои ворид шудан ба интернет-кафе имконият доранд, дастрас мебошад. Хакерҳо ва

ҷинояткорони компютерӣ ба ҳукуматҳо ва тиҷорати соҳибкорон миллиардҳо доллар зарар мерасонанд. Паҳншавии бемориҳои сироятӣ ба воситаи паррандагон ва сайёҳони тариқи тайёраҳо парвозкунанда одамони зиёдеро ба марг мубтало менамоянд, ки чунин микдори одамон ҳатто дар Ҷанги якум ва дуюми ҷаҳонӣ намурда буданд, тағйирёбии иқлим бошад хароҷоти зиёдеро талаб менамояд. Чунин ҳолат вазъияти сиёсии ҷаҳони муосир мебошад, ки барои ҳалли он мо таҷрибаи кофӣ надорем»[1]. Аз ин гуфтаҳо ба хубӣ эҳсос кардан мумкин аст, ки мавҷуд набудани таҷрибаи кофӣ барои ҳалли проблемаҳои мавҷуда ва барои пешгирӣ кардани таҳдидҳо яке аз омилҳое мебошад, ки таъсири манфии онҳоро ба муддати тӯлонӣ нигоҳ медорад.

Як гурӯҳ олимон пешниҳод мекунанд, ки барои ҳалли мушкилиҳои сатҳи ҷаҳонӣ ва пешгирӣ кардани таҳдидҳои ғайрианъанавӣ бояд давлатҳо муттаҳид шаванд. Зеро таҳдидҳои ғайрианъанавӣ ба давлатҳое, ки дар бораи онҳо дониши зарурӣ ва барои пешгирии онҳо таҷрибаи кофӣ надоранд, имкон намедиҳад, ки аз уҳдаи ҳалли онҳо бароянд. Масалан, тағйирёбии иқлим ба сатҳу сифати зиндагии одамон таъсири манфӣ мерасонад. Аммо ҳеҷ як давлат дар танҳоӣ масъалаи мазкурро ҳал карда наметавонад. Ба ҳамин монанд барои пешгирии гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, паҳншавии бемориҳои сироятӣ, паҳншавии радикализми динӣ, экстремизми сиёсӣ ва терроризм давлатҳоро зарур аст, ки дар доираи созмонҳои байналмилалӣ муттаҳид шаванд ва дар муқобили таҳдиду хатарҳои умумисайёравӣ дастаҷамъона мубориза баранд[2]. Чунин тарзи муносибат бо қонуниятҳои ташаккулёбии низоми амният мувофиқат менамояд. Зеро, «таъмини амният тадриҷан ба яке аз талаботҳои муҳимтарини ҳаёти инсонӣ табдил ёфтааст. Кӯшиши қонеъ гардонидани ин талабот мардумро муттаҳид намуда, минбаъд сабаби ба вуҷуд омадани шаклҳои гуногуни сохторҳои

[1] Най, Дж. Будущее власти. Как стратегия умной силы меняет XXI век [Текст] / Пер. с англ. –М.: Изд-во «АСТ», 2014. –С.22.
[2] Ниг.: Ҳамон ҷо. –С.23.

қудратӣ, ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ гардидааст. Ҳатто таъсиси СММ низ бо масъалаи таъмини амнияти башарият асоснок карда мешавад»[1].

Дар маҷмуъ, қисми зиёди таҳдидҳои замони муосирро таҳдидҳои ғайрианъанавӣ номидан мумкин аст. Зеро онҳо бо хусусиятҳои нав ва нишонаҳои пештар ба онҳо тааллуқнадошта зоҳир мешаванд, ки барои шинохти онҳо дониш ва таҷрибаи қаблан бадастомада нокифояанд. Таҳдидҳои ғайрианъанавӣ, ки дар симои таҳдидҳои замони муосир таҷассум меёбанд, омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлилу баррасии тӯлониро металабанд, то ки моҳият ва табиати онҳо ошкор карда шуда, таъсири манфӣ ва оқибатҳои ногувори онҳо бартараф карда шаванд. Аммо дар заминаи пажӯҳиши таҳдидҳои замони муосир низ хусусияти таҳдидҳои ғайрианъанавӣ ошкор мегарданд. Зеро таҳдидҳои нав ва ғайрианъанавӣ ҷузъи таркибии таҳдидҳои замони муосир ба шумор мераванд.

Ҳамин тариқ, таснифоти таҳдидҳо бо назардошти омилҳои гуногун амалӣ карда мешавад. Аз ҷумла, сарчашмаи пайдоиш, соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, татбиқи стратегияҳои давлатӣ ва ҳадафҳои миллӣ, мавҷуд будани маълумот ва тасаввуроти кофӣ дар бораи таҳдид, таҷрибаи пешгирӣ кардани таҳдид ва ғ. ба омилҳои мазкур мисол шуда метавонанд. Ғайр аз ин, бо назардошти хусусиятҳои зоҳиршавии таҳдид ва собиқаи таърихии он (таърихи пайдоиши он) таҳдидҳои нав ва таҳдидҳои кӯҳнаро низ ёдоварӣ кардан мумкин аст. Бояд гуфт, ки дар атрофи таҳдидҳои гуногун таҳқиқоти алоҳида анҷом додан мумкин аст, ки онҳо низ дар навбати худ ба омӯзиши пайваста ниёз доранд. Аммо дар илмҳои сиёсӣ таҳдидҳое метавонанд дар маркази диққат қарор дошта бошанд, ки онҳо ба амнияти сиёсии мамлакат ва ба рукнҳои асосии давлатдории миллӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Бинобар ин, масъалаи ба навъҳо ҷудо кардани таҳдид ва мавриди таҳлилу таҳқиқи ҷудогона қарор додани онҳо аз муҳаққиқони ин соҳа тақозо

---

[1] Муҳаммад, А.Н. Амнияти миллӣ [Матн] / А.Н. Муҳаммад, Х.Қ. Сафарализода. –Душанбе: Империал-групп, 2019. –С.5.

менамояд, ки дар оянда ба ин масъалаҳо диққати ҷиддӣ зоҳир намоянд. Дар таҳқиқоти мазкур бошад ғолибан таҳдидҳое таҳлилу баррасӣ мешаванд, ки онҳо асосан ба суботи сиёсӣ ва устувории давлат таъсири манфӣ мерасонанд.

Таҳдидҳои замони муосир, бахусус таҳдидҳои ғайрианъанавӣ дар марҳилаи кунунии давлатдорӣ зарару зиёни бештар доранд. Мураккабию номуайянии таҳдидҳои замони муосир аз як ҷониб ва мавҷуд набудани таҷрибаи кофӣ пешгирии онҳоро мушкил мегардонанд. Бинобар ин, дар навбати аввал таҳлили масъалаҳои гуногуни шинохти таҳдидҳои замони муосир зарур мебошад. Аз ин рӯ, дар қисми навбатии таҳқиқот масъалаи мазкур ба таври муфассал таҳлилу баррасӣ гардидааст.

## 1.4. Асосҳои консептуалии шинохти хавфу хатар ва таҳдидҳо

Фаҳму дарки таҳдидҳо бори аввал зери таъсири низоъҳои байнидавлатию байналмилалӣ ташаккул ёфтааст. Инчунин, дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ ҷангҳои шаҳрвандӣ ва динию мазҳабӣ, исёну ошубҳо ва бо роҳи зӯроварӣ ғасб кардани ҳокимият бо таҳдидҳо алоқамандӣ пайдо намуданд. Найза, тиру туфанг, шамшер ва дертар яроқу аслиҳа ва дигар лавозимоти ҷангии навин таҳдид ба амният, ё таҳдид ба ҳаёт дониста мешуд. Албатта, таҳдидҳо ба ҳаёти одамон сарчашмаҳои гуногун доранд (аз бемориҳои сироятӣ сар карда то офатҳои табиӣ) ва ин гуна таҳдидҳо ба муддати тӯлонӣ ба таври зарурӣ дарк намегардиданд, аммо таҳдидҳои сунъӣ хусусияти мушаххас ва ошкоро доштанд. Дар чунин шароит муайян кардани амният бо мафҳумҳои ҳарбӣ ва неруҳои мусаллаҳ роҳандозӣ мегардид[1].

---

[1] Ниг.: Политический атлас современности: Опыт многомерного статистического анализа политических систем современных государств [Текст]. –М.: Изд-во «МГИМО-Университет», 2007. – С.85.

Дар маҷмуъ, то анҷомёбии «ҷанги сард» омӯзиши таҳдидҳо, истифода ва назорати неруҳои ҳарбӣ мундариҷаи асосии таҳқиқоти соҳаи амниятро ташкил медоданд[1]. Дар осори олимони ин давра асосан шарту шароите баррасӣ мегардид, ки истифодаи неруҳои ҳарбиро имконпазир мегардонид. Ҳамзамон дар таҳқиқоти олимони мазкур роҳу воситаҳои истифодаи неруҳо барои таъсир расонидан ба шахсони алоҳида, давлатҳо ва ҷомеаҳо, инчунин коркарди сиёсати мушаххасе, ки барои омода намудан, пешгирӣ кардан, ё иштирок намудан дар ҷангҳоро тақозо менамуд, ҳамаҷониба таҳлилу таҳқиқ мегардид. Бо назардошти ин, мундариҷаи асосии таҳқиқоти соҳаи амниятро дар ин давра бе ягон мушкилӣ муайян кардан мумкин аст. Яъне, зуҳуроти ҷанг ҳамчун объекти марказӣ интихоб гардида буд. Таҳқиқоти олимони ин давра нишон медиҳад, ки низоъҳои байнидавлатӣ доимо имконпазир аст ва дар ин раванд истифода кардани неруҳои ҳарбӣ барои ҷомеаҳо ва давлатҳои мушаххас оқибатҳои нохуб дорад[2].

Дар маҷмуъ, гуфтан мумкин аст, ки таҳқиқоти илмии соҳаи амнияти миллӣ асосан баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ оғоз гардидааст. Сабаб дар он буд, ки то Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ масъалаҳои ҳарбӣ ва стратегияҳои ҳарбӣ дар доираҳои ҳарбиёни касбӣ таҳлилу баррасӣ мегардид. Омӯзиши ин масъала то ин дам дар доираи таҳқиқотҳои таърихи ҳарбӣ ва таърихи фаъолияти дипломатӣ маҳдуд мешуд. Саҳми ҷомеаи шаҳрвандӣ дар омӯзиши масъалаҳои амниятӣ, аз ҷумла масъалаҳои ҳарбӣ эътироф намешуд. Зеро оқибатҳои ваҳими Ҷанги якуми ҷаҳонӣ нишон дода буд, ки ҷанг ҳодисаи хеле ҷиддӣ ва мураккаб мебошад ва аз ин рӯ, ҳалли онро ба генералҳои артиш бояд ҳавола намуд. Дар давраи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ бори аввал ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди омӯзиши банақшагирии ҳарбӣ ва стратегияҳои ҳарбӣ иштироки фаъол намуданд, ки чунин ҳолат боиси пайдоиши аввалин таҳқиқотҳо гардид. Аз ин рӯ, давраи тиллоии

[1] Ниг.: Nye J.S., Lynn-Jones S. International Security Studies: A Report of A Conference on the State of the Field // International Security. – 1988. – Vol.12. – P.5-27.
[2] Ниг.: Bull, H. Strategic Studies and Its Critics // World Politics. – 1968. –Vol. 20. –P.593-605.; Martin L. The Future of Strategic Studies // Journal of Strategic studies. – 1980. Vol.3. –P. 91-99.

таҳқиқотҳои соҳаи амният, ки ба солҳои 1955-1965 рост меояд, дар заминаи иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар омӯзиши ин масъала ба вуҷуд омад ва мавҷи аввали таҳқиқотҳои ин соҳаро ташкил намуд[1].

Бояд гуфт, ки ба амал омадани инқилоби ядрой дар самти таҳқиқоти масъалаҳои амният дигаргуниҳои ҷиддиро ба амал овард ва таҳлилгарону муҳаққиқони ин давра кӯшиш намудаанд, ки оқибатҳои онро нишон диҳанд. Дар ин давра таъсири инқилобии яроқи ядрой аз ҷониби чанде аз олимон таъкид мегардад[2]. Дар баробари ин, масъалаҳое, ки дар зери таъсири технологияҳои нав пайдо мегарданд, аз ҷониби як зумра стратегҳо баррасӣ мешаванд[3]. Дар маҷмуъ, муҳаққиқони ин давра ба саволи зерин посух додан мехостанд: давлатҳо бо назардошти имконпазир будани ҷанги ядрой яроқи қатли омро ҳамчун воситаи сиёсат чӣ гуна истифода мебаранд? Дар натиҷаи чунин омӯзиш сиёсати боздоранда ва маҷбуркунанда, коркарди стратегияҳои алтернативӣ оид ба ҳалли низоъҳо ба вуҷуд оварда шудааст. Ҳамзамон дар як қатор таҳқиқотҳои дигар роҳу воситаҳои таъмин намудани субот ва устуворӣ, стратегияи назорат аз болои паҳншавии силоҳу аслиҳа, нақши ҷангҳои хурд дар давраи инқилоби ядрой баррасӣ шудаанд.

Бояд гуфт, ки омӯзиши масъалаи амният, асосан дар доираи илмҳои сиёсӣ анҷом дода мешавад ва ба хусусиятҳои байнифанни он нигоҳ накарда, масъалаи бунёдии ин соҳаи илм ба шумор меравад. Аммо аз сабаби оне, ки дар солҳои аввали баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ сиёсатшиносони касбӣ кам ба назар мерасид, ин масъала аз ҷониби коршиносону таҳлилгарони дигар соҳаҳо низ хеле зиёд баррасӣ шудааст.

Маҳз дар ҳамин гуна шароит назарияи тавозуни таҳдидҳо аз ҷониби сиёсатшиноси амрикой Стивен Уолт ташаккул дода мешавад. Бояд ёдовар

---

[1] Ниг.: Jervis, R. Deterrence Theory Revisited // World Politics. –1979. –Vol. 31. –№2. –P.289-324.; Gray, C. Strategic Studies and Public Policy: The American Experience. – Lexington: University Press of Kentucky, 1982. –240 p.

[2] Ниг.: Borden, W. There Will Be No Time. – New York: Macmillan, 1946. 225 p.; Brodie, B. The Absolute Weapon: Atomic Power and World Order. – New York: Harcourt, 1946. –214 p.

[3] Ниг.: Kaplan, F. The Wizards of Armageddon. – New York: Simon and Schuster, 1983. – 451 p.; Trachtenberg, M. Strategic Thought in America, 1952-1966 // Political Science Quarterly. – 1989. –Vol. 104. –№2. –P.301-334.

гардид, ки дар аввал С.Уолт ташаккулдиҳандаи назарияи «тавозуни қувваҳо» (Balance of Power Theory) дониста мешуд. Дар доираи ин назария ӯ дар атрофи масъалаи қудрати сиёсӣ суҳбат менамояд. Аммо каме дертар ӯ ба назарияи мазкур се унсури дигарро ҳамроҳ мекунад (ҷуғрофияи наздик, неруҳои ҳарбие, ки қудрати ҳуҷум карданро доранд ва ниятҳои агрессивӣ), ки дар натиҷа мундариҷаи назарияи ӯ ба таври ҷиддӣ тағйир меёбад[1]. Дар ин маврид С.Уолт пешниҳод менамояд, ки барои шинохти таҳдидҳо чаҳор унсури зерин бояд ба инобат гирифта шаванд:

– қудрати сиёсӣ;

– ҷуғрофияи наздик;

– неруҳое, ки қудрати ҳуҷум карданро доранд (имкониятҳо);

– ниятҳои агрессивӣ.

Қудрати сиёсӣ ба воситаи ҳаҷм ва миқдори манбаҳое муайян карда мешавад, ки онҳоро давлат дар ихтиёри худ дорад. Чи қадаре, ки ҳаҷми манбаҳо зиёд бошад, ҳамон қадар иқтидори таҳдид меафзояд. Манбаҳо, дар таълимоти С.Уолт, ба таври анъанавӣ ба воситаи сатҳу сифати аҳолӣ, иқтидори ҳарбию саноатии мамлакат ва пешрафти техникӣ муайян карда мешавад[2]. Ӯ қайд менамояд, ки танҳо мавҷудияти қудрати сиёсӣ ҳамчун таҳдид барои асоснок кардани ташкилёбии иттиҳоди байнидавлтӣ нокифоя мебошад. Таҷрибаи сиёсии олам нишон медиҳад, ки қудрати сиёсии иттифоқчиён ҳам дар ҷанги якум ва ҳам дар ҷанги дуюми ҷаҳонӣ афзалият доштаанд[3].

Ҷуғрофияи наздик бошад ифодагари он аст, ки то кадом андоза давлати пурқудрат бо давлатҳои дигар наздикӣ дорад. Зеро давлати қудратманде, ки дар наздикии шумо қарор дорад, аз давлатҳои қудратманде, ки аз шумо дуртар ҷойгир аст, таҳдиди бештар менамояд. Самаранокии истифодабарии қудрати сиёсӣ аз рӯйи фосилаи байнидавлатӣ муайян карда

---

[1] Ниг.: Walt, S.M. Alliance Formation and the Balance of World Power // International Security. – 1985. – №4. –P.3-9.

[2] Ҳамон ҷо. –P.22-23.

[3] Ниг.: Walt, S.M. The Origins of Alliances. – Ithaca: Cornell University Press, 1987. –P.264-266.

мешавад. Чи қадаре, ки онҳо дуртар бошанд, ҳамон қадар самаранокии истифодаи қудрати сиёсӣ камтар мешавад[1]. Чунин тарзи муносибат хоси давлатҳои камиқтидор мебошад. Аммо давлатҳои қудратманд ба масъалаи мавқеи ҷуғрофии давлатҳои дигар он қадар таваҷҷуҳ зоҳир намекунанд. Аз сабаби оне, ки давлатҳои қудратманд манфиатҳои геополитикӣ ва ҷаҳонӣ доранд, диққати онҳоро давлатҳои дигари қудратманд, ки рақибони онҳо мебошанд, ба худ ҷалб менамояд[2]. Дар чунин маврид ҷойгир будани давлат дар ин ё он ҳавзаи ҷуғрофӣ он қадар муҳим нест.

Неруҳои ҳуҷумкунанда ва имкониятҳои давлат барои шинохти таҳдидҳо хеле муҳим аст. Дар ин маврид С.Уолт андешаҳои худро ба таври зерин баён намудааст: «қудрати ҳуҷум кардан – қобилияте мебошад, ки он ба истиқлолияти давлатӣ ва тамомияти арзии давлатҳои дигар метавонад ҳар лаҳза таҳдид намояд»[3]. Аз ин рӯ, давлатҳое, ки барои ҳуҷум кардан имкониятҳои зиёд доранд, дар муқоиса бо давлатҳое, ки барои анҷом додани ин кор имконият надоранд, хатари бештар доранд. Ин омил дар заминаи қудрати сиёсӣ ба вуҷуд меояд. Зеро давлате, ки манбаҳои зиёдро дар ихтиёри худ нигоҳ медорад, қодир аст, ки неруҳои ҳуҷумкунандаи худро низ ташаккул диҳад. Аммо мақсаднокӣ ва самаранокии истифодаи манбаҳо низ хеле муҳим аст. Масалан, манбаҳои мавҷуда бо кадом мақсад ба қудрати ҳарбию сиёсӣ табдил дода мешаванд? Барои муҳофизат намудан, ё ҳуҷум кардан?

Муайян кардани ниятҳои агрессивии давлат низ барои шинохти таҳдидҳо хеле муҳим аст. Вақте, ки дар симои ин ё он давлат рафтори агрессивӣ дида мешавад, вай аз ҷониби давлатҳои дигар ҳамчун давлати таҳдидкунанда ва хатарнок эътироф мегардад. Ҳатто давлатҳоеро, ки

[1] Ниг.: Walt, S.M. Alliance Formation and the Balance of World Power // International Security. – 1985. – №4. –P.23-24.
[2] Ниг.: Ҳамон ҷо. –P.29-30.
[3] Walt, S.M. Alliance Formation and the Balance of World Power // International Security. – 1985. – №4. –P.24.

қудрати сиёсиашон камтар асту рафторҳои хатарнок зоҳир менамоянд, ҳамчун давлати таҳдидзо муаррифӣ кардан мумкин аст.

С.Уолт барои исбот кардани нишондодҳои назарияи худ мисолҳои зиёдро пешниҳод менамояд. Яке аз онҳо, таҳлили раванди ҷанги сард мебошад. Ба андешаи ӯ, баъди анҷомёбии Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ИМА нисбат ба Иттиҳоди Шуравӣ давлати пурқудрат ба шумор мерафт. Аммо Иттиҳоди Шуравӣ низ қудратманд буд. Дар ин маврид бисёре аз давлатҳо орзу менамуданд, ки байни ин ду абарқудрат иттиҳоди ҳарбӣ таъсис ёбад. Аммо чунин нашуд. Зеро Иттиҳоди Шуравӣ аз ҷониби давлатҳои Ғарб ҳамчун давлати хатарнок ва ҳамчун сарчашмаи таҳдид қабул мегардид. Чунин ҳолатро С.Уолт бо нишондодҳои зерин асоснок менамояд: якум ин, ки Иттиҳоди Шуравӣ давлати пурқудрат ва пуриқтидор аст; дуюм ин, ки доктринаи ҳарбии шуравӣ ҳуҷум карданро ҳамчун афзалияти ҳарбӣ муайян намуда буд; сеюм ин, ки кӯшишҳои И.Сталин ва Н.Хрушев барои тарсонидани Ғарб ниятҳои агрессивии Иттиҳоди Шуравиро ба намоиш мегузошт, ки чунин ҳолат дар симои вай таҳдидро ба вуҷуд меовард[1]. Назарияи С.Уолт дар маҷмуъ, барои омӯзиши таҳдидҳои пуриқтидор, ки дар аксар маврид давлатҳо новобаста аз иқтидори худ, наметавонанд дар танҳоӣ онро безарар гардонанд, истифода карда мешавад. Муттаҳид гардидани давлатҳо ва дастаҷамъона дар муқобили таҳдидҳо мубориза бурдану истодагарӣ намудан, моҳияти асосии назарияи тавозуни таҳдидҳоро ташкил медиҳад. Дар шароити муосир низ иқтидори назариявию методологии андешаҳои С.Уолт арзиши худро гум накардаанд. Масалан, терроризми байналмилалӣ метавонад пурра ба воситаи назарияи мазкур шарҳ дода шавад. Ниятҳои агрессивии ташкилотҳои террористӣ маълуманд, аммо имкониятҳо ва қудрати ҳарбию сиёсии онҳо бояд баҳогузорӣ карда шаванд ва вобаста ба он мубориза ба роҳ монда шавад. Маҳз чунин нишондодҳои терроризмро ба инобат гирифта, имрӯзҳо давлатҳои олам дар доираи

---

[1] Ниг.: Основные положения теории баланса угроз [Электронный ресурс]. – URL: https://studfile.net/preview/2200604/page:9/ (дата обращения: 02.02.2020 г.)

созмонҳои гуногун муттаҳид мешаванд. Инчунин рафтори давлатҳо дар минтақаҳои гуногуни олам низ дар заминаи шинохти таҳдид ва бо назардошти имкониятҳо ва ниятҳои агрессивии ҳамсоядавлатҳо тағйир меёбанд. Барои мисол, Кореяи Ҷанубӣ бо дарки ниятҳо ва имкониятҳои агрессивии Кореяи Шимолӣ бо ИМА муттаҳид шудааст. Ҳамин гуна мисолҳоро аз минтақаҳои дигари олам низ овардан мумкин аст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки назарияи тавозуни таҳдидҳо дар охири солҳои 1980-ум дар заминаи назарияи тавозуни қувваҳо пайдо гардидааст. Назарияи тавозуни қувваҳо бошад аз замони Фукидид маълуму машҳур аст. Моҳиятан дар доираи ин назария нишон дода мешавад, ки рафтори давлатҳо дар шароити афзоиш ёфтани қудрати давлатҳои дигар, ё иттиҳоди давлатҳо чи гуна мешавад. Вайрон шудани тавозуни қувваҳо замоне ба амал меояд, ки қудрати ҳарбию сиёсии як давлат нисбат ба давлатҳои дигари қудратманд, ё ин ки нисбат ба қудрати иттиҳоди давлатҳо бештар мегардад. Барои посух гардонидан ба чунин ҳолат давлатҳои алоҳида қушиш менамоянд, ки қудрати ҳарбию сиёсии худро афзоиш диҳанд, ё бо давлатҳои дигар муттаҳид шаванд, то ки дар муқобили давлати пуриқтидор истодагарӣ карда тавонанд. Ба ибораи дигар давлатҳо ба қудрати ҳарбию сиёсии давлатҳои дигар таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд.

Назарияи тавозуни таҳдидҳо бошад нишон медиҳад, ки давлатҳои алоҳида ба раванди вайроншавии тавозуни таҳдидҳо чи гуна таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд, яъне дар шароите, ки як давлат, ё иттиҳоди давлатҳо барои дигарон хатарнок мешавад. Дар чунин шароит давлатҳо ё муттаҳид мешаванд, ё иқтидори дохилии худро афзун мегардонанд, то ки осебпазирии хешро аз таҳдидҳои баамаломада коҳиш диҳанд. Истифодаи назарияи тавозуни таҳдидҳо имкон медиҳад, ки як қатор масъалаҳое, ки шарҳашон ба воситаи назарияи тавозуни қувваҳо ғайриимкон аст, таҳлилу баррасӣ карда шаванд. Масалан, давлатҳои Шарқи Миёна дар байни худ иттиҳоди байнидавлатиро на ба хотири вайрон гардидани тавозуни қувваҳои ҷаҳонӣ ташкил медиҳанд, балки барои муқобилият нишон додан

ба таҳдиди ҳамсоядавлатҳои худ ин амалро анҷом медиҳанд. Ин давлатҳо ба он хотир муттаҳид мешаванд, ки баъзе ҳамсоядавлатҳои онҳо аз абарқудратҳои ҷаҳонӣ дида ба онҳо бештар таҳдид мекунанд[1].

Дар маҷмуъ, С.Уолт ба монанди намояндагони дигари реализми сиёсӣ намехоҳад, ки диққати худро аз неруҳои ҳарбӣ ва характери ҳарбӣ доштани амнияти миллӣ дур намояд. Масалан, ӯ иброз медорад, ки «қудрати ҳарбӣ – сарчашмаи ягонаи таъмини амнияти миллӣ ва таҳдидҳои ҳарбӣ – ягона хатареанд, ки давлатҳо бо онҳо рӯ ба рӯ мешаванд. Дар омӯзиши масъалаҳои гуногуни таъмини амният инчунин идоракунии давлатиро низ дохил кардан зарур аст. Идоракунии давлатӣ бояд дар маънои назорат аз болои неруҳои ҳарбӣ, пешбурди фаъолияти дипломатӣ ва идоракунии бухронҳо фаҳмида шавад. Чунин масъалаҳо бо фаъолияти давлатӣ алоқаманд мебошанд, зеро онҳо бо имконпазир будани ҷангҳо алоқамандии зич доранд»[2]. Аз чунин навъи баррасӣ эҳсос кардан мумкин аст, ки Стивен Уолт наметавонад масъалаҳои соҳаи амниятро бе ёрии неруҳои ҳарбӣ ва бе баррасии қудрати ҳарбӣ шарҳ диҳад. Ӯ ҳамаи масъалаҳоро бо қудрати ҳарбӣ ва ҷангҳои эҳтимолӣ алоқаманд намуда, масъалаҳоеро бо соҳаи амният алоқаманд медонад, ки агар бо соҳаи ҳарбӣ ва ҷангҳои эҳтимолӣ алоқамандие дошта бошанд.

Аз он сабабе, ки зуҳуроти ғайриҳарбӣ низ ба амнияти миллӣ таҳдид менамоянд, як қатор олимону муҳаққиқон дар солҳои 1980 дар консепсияи амният чунин масъалаҳо, ба монанди камбизоатӣ, бемориҳои табобатнашаванда ва хатарнок (СПИД, саратон ва ғ.), ифлосшавии муҳити зист, нашъамандӣ ва ғ. низ дохил намудаанд[3]. Намояндагони мактаби анъанавӣ, аз қабили Стивен Уолт чунин тарзи масъалагузории соҳаи

---

[1] Ниг.: Основные положения теории баланса угроз [Электронный ресурс]. – URL: https://studfile.net/preview/2200604/page:9/ (дата обращения: 02.02.2020 г.)
[2] Walt, S.M. The renaissance of security studies // International Studies Quarterly. – 1991. – Vol. 35. –№ 2. – P.213.
[3] Ниг.: Buzan, B. Peoples, States and Fear: The National Security Problem in International Relations. – Chapel Hill: University of North Carolina Press, 1983. – 262 p.; Brown, N. Climate, Ecology and International Security // Survival. –1989. –Vol.31. –№6. –P.519-532.

амниятро сахт танқид намуда, иброз медоранд, ки «ворид кардани масъалаҳои ғайриҳарбӣ ба мундариҷаи консепсияи амнияти миллӣ маънои онро дорад, ки бояд олимону сиёсатмадорон ба масъалаҳои ғайриҳарбӣ диққати аввалиндараҷа диҳанд ва чунин муносибат дар навбати худ маънои онро дорад, ки қудрати ҳарбӣ наметавонад рушду инкишофро таъмин намояд»[1]. С.Уолт муътақид аст, ки мавҷудияти хатарҳои ғайриҳарбӣ маънои онро надорад, ки хатарҳои ҳарбӣ аз байн бурда шудаанд. Гузашта аз ин, зӯроварии муташаккил дар таърихи инсоният тули ҳазорсолаҳост, ки мавҷудияти худро нигоҳ медорад ва дар оянда низ нигоҳ хоҳад дошт. Бинобар ин, ҳеҷ ҷои шубҳае нест, ки омодагии давлатҳо барои анҷом додани ҷанг дар раванди таърих доимо сиёсати муташаккили кишварҳои дигарро зери таҳдиду хатар қарор додааст[2]. Файласуфи рус А.Г. Дугин муътақид аст, ки «ҷанг ҳама вақт фаъолияти дастаҷамъона мебошад ва барои амалӣ гардонидани мақсади умумӣ нигаронида шудааст: ё барои нигоҳ доштани мавҷудияти миллату давлат, ё барои афзун гардонидани қудрати онҳо, ё фазои онҳо, ё минтақаҳои ҳаётии онҳо»[3].

Ҳамин тариқ, намояндагони реализми сиёсӣ ва неореализм, аз ҷумла С.Уолт кӯшиш менамуданд, ки ҳамаи масъалаҳои соҳаи таъмини амниятро бо назардошти қудрати ҳарбию сиёсии давлат ва ҷангҳои эҳтимолии байнидавлатӣ шарҳ диҳанд. Дар ҳамин гуна шароит дар Аврупои Ғарбӣ як гурӯҳ олимоне пайдо гардиданд, ки барои таъмини амният ба инобат гирифтани масъалаҳои ғайриҳарбиро низ зарур мешумориданд. Чунин кӯшишу заҳмати онҳо барои ташаккулёбии назарияи секюритизатсия (Securitization Theory) заминаи мусоид фароҳам овард.

Назарияи мазкурро ҳам ба мактаби илмии модернистӣ ва ҳам ба мактаби танқидӣ шомил кардан мумкин аст. Намояндагони назарияи мазкур

---

[1] Walt, S.M. The renaissance of security studies // International Studies Quarterly. – 1991. – Vol. 35. –№ 2. – P.214.

[2] Ниг.: McNeill, W.H. The Pursuit of Power: Technology, Armed Force and Society since A.D. 1000. – Chicago: University of Chicago Press, 1982. –416 p.

[3] Дугин, А.Г. Философия войны [Текст] / А.Г. Дугин. –М.: Яуза, 2004. – С.125.

аввалиндарача будани амнияти ҳарбӣ ва амнияти давлатиро, ки дар мактаби анъанавӣ афзалият дорад, зери шубҳа қарор медиҳанд[1]. Пас, масъалаи амният ва таҳдид дар доираи назарияи мазкур чи гуна омӯхта мешавад? Дар ин назария амният – ҳолати муҳофизатшавандагии объекти мушаххас аз таҳдидҳои мавҷуда мебошад. Бо назардошти ин гуна баррасӣ таърифи амният низ хеле васеъ мегардад ва ҳама чиз метавонад ҳамчун таҳдид қабул гардад. Дар чунин маврид муайян кардани табиати таҳдид дар мадди аввал гузошта мешавад. Аммо талаботи муҳим дар ин маврид он аст, ки аудиторияи мушаххас агар онҳоро ҳамчун таҳдид эътироф карда бошанд. Чунин равандро ҳамчун «раванди муайян кардани мундариҷаи амният» ё худ «секюритизатсия» номидаанд. Муайян кардани мундариҷаи амният предмети таҳқиқоти амнияти миллӣ мебошад. Яъне, кадом субъект дар кадом шароит метавонад ин ва ё он масъаларо ба мундариҷаи амният ворид созад[2]. Дар чунин маврид объектҳое, ки ба ҳимоя ниёз доранд ва таҳдидҳое, ки ба объект таъсири манфӣ мерасонанд, муайян карда мешаванд. Ин назария аз ҷониби мактаби илмии Копенгаген ташаккул дода шудааст[3].

Мувофиқи меъёрҳои назарияи мазкур, ҳар як масъалаи ҳаёти ҷамъиятӣ метавонад ё сиёсӣ, ё ғайрисиёсӣ бошад. Агар масъала характери сиёсӣ надошта бошад, барои ҳалли он иштироки давлату ҳукумат ва баррасии он дар доираҳои гуногуни илмию ҷамъиятӣ нозарур دониста мешавад. Аммо агар масъала хусусияти сиёсӣ дошта бошад, он қисми таркибии сиёсати давлатӣ дониста мешавад ва барои ҳалли он на танҳо қабули қарорҳои сиёсӣ, балки истифода бурдани манбаҳои мушаххас зарур шуморида мешавад. Дар раванди секюритизатсия масъалаҳое хусусияти сиёсидошта дониста мешаванд, ки агар онҳо ба объектҳои мушаххас таҳдид намуда истода бошанд. Аз ин рӯ, барои ҳалли мушкилоти мазкур, ё барои

[1] Ниг.: Buzan B., Waever O., de Wilde J. Security A New Framework for Analysis. – London: Lynne Rienner Publishers, 1998. – P.13.
[2] Ҳамон ҷо. – P.26.
[3] Ниг.: Тамбовцева, М.А. Теоретический подход Копенгагенской школы к обеспечению международной безопасности: основные положения теории «секьюритизации» [Текст] / М.А. Тамбовцева // Манускрипт. –2017. –№9 (83). –С.185-187.

бартараф кардани онҳо чораҳои дахлдор андешида мешаванд, ки дар аксар маврид метавонанд бо меъёрҳои мавҷудаи сиёсӣ мувофиқат накунанд. Чунин рафтор на танҳо дар шароити мавҷудияти таҳдидҳои воқеӣ анҷом дода мешаванд, балки дар шароите, ки масъалаи интихобшуда ҳамчун таҳдид тасаввур гардида бошад ҳам, раванди бартараф кардани он ба вуҷуд меояд[1].

Таъмини амният замоне самаранок мегардад, ки агар масъалаҳои гуногун ҳамчун таҳдид муқаррар карда шуда бошанд ва дар ҳақиқат онҳо ба объекти мушаххас таъсири манфӣ расонида истода бошанд. Агар чунин амал анҷом дода шавад, заминаҳое пайдо мегарданд, ки ба воситаи онҳо барои ҳимояи объект чораҳои мушаххас андешида мешаванд. Дар чунин маврид гуфтан мумкин аст, ки ин ё он масъала ба мундариҷаи амният ворид карда шудааст ва раванди таъмини амният дар муносибат бо он оғоз гардидааст. Агар баръакс ин гуна амалҳо анҷом напазиранд, таҳдидҳо бетағйир ва объектҳо бе ҳимоя боқӣ мемонанд. Вақте ки объектҳои ҳимояшаванда ва таҳдидҳои пуриқтидор муайян карда мешаванд, дар раванди таъмини амният тағйиротҳои навбатӣ пайдо мегарданд: дар доираҳои муайян ҳолати фавқулода ташкил мегардад ва истифодаи воситаҳои бо он мувофиқ дар муқобили таҳдидҳо асоснок карда мешавад[2]. Ҳамин тариқ, субъекти таъмини амният метавонад, ки дар баъзе аз мавридҳо анъанаҳои мавҷударо ба инобат нагирад. Зеро масъалаи мавҷуда ва мушкилоти баамаломада бояд ҳаллу фасл гардад. Дар бисёре аз мавридҳо масъалаҳои ҳалталаб, бахусус таҳдидҳо бори аввал шинохта мешаванд, ки дар чунин ҳолат бо роҳу усулҳои анъанавӣ онҳоро аз байн бурдан ғайриимкон аст.

Таъмини амният ҳамчун фаъолият номгӯйи масъалаҳоеро муайян мекунад, ки ҳалли онҳо бояд ба таъхир гузошта нашаванд ва аз ин рӯ,

---

[1] Ниг.: Смирнова, А.Г. Механизмы конструирования политическими лидерами внешней угрозы в межгосударственных отношениях [Текст] / А.Г. Смирнова. –Ярославль: ЯрГУ, 2016. –С.10.
[2] Ниг.: Buzan B., Waever O., de Wilde J. Security A New Framework for Analysis. – London: Lynne Rienner Publishers, 1998. – P.27.

субъекти сиёсат кӯшиш мекунад, ки онҳоро дар барномаи сиёсии ҳукумат ворид созад. Дар чунин маврид раванди таъмини амният шакли махсуси фаъолияти сиёсӣ мебошад. Чи қадаре, ки фаъолияти сиёсӣ бо таъмини амният омезиши бештар пайдо кунад, ҳамон қадар афзалияти барномаи сиёсии ҳукумат боло меравад[1].

Модели консептуалии назарияи секюритизатсияро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. Агар ин ё он масъала ҳамчун таҳдид муайян гардида бошаду нисбат ба он чораҳои зарурӣ андешида шуда бошад (масалан, қабули санади меъёрӣ ва риояи он), раванди таъмини амният бояд натиҷабахш бошад. Аммо агар қоидаҳо ва меъёрҳо риоя гардида бошанду натиҷаи дилхоҳ ба даст наомада бошад, таҳдид нодуруст муайян гардидааст.

2. Агар ин ё он масъала ҳамчун таҳдид муайян гардида бошаду дар муқобили он субъекти таъмини амният мавқеи афзалиятнокро ишғол намуда бошад, раванди таъмини амният бояд натиҷабахш гардад. Аммо агар субъекти таъмини амният мавқеи афзалиятнокро ишғол намуда бошаду, натиҷаи дилхоҳ ба даст наояд, таҳдид нодуруст муайян гардидааст.

3. Агар дар раванди таъмини амният мавҷудияти таҳдиди воқеӣ муайян гардаду оқибатҳои хатарноки он ошкор карда шавад, пас таъмини амният натиҷабахш мегардад. Аммо агар оқибатҳои хатарзои ин ё он таҳдид аз байн бурда нашавад, раванди таъмини амният бенатиҷа мегардад, ки он сабабҳои худро дорад. Масалан, дар бораи таҳдид маълумоти кофӣ надоштан, дар муқобили он манбаҳои зарурира истифода накардан, нисбат ба таҳдид беэътиноӣ зоҳир намудан ва ғ.

4.Агар дар раванди таъмини амният объекти ҳимояшаванда дар ҳолати муътадил қарор дошта бошад, секюритизатсия натиҷаи мусбат додааст. Аммо агар объекти ҳимояшаванда дар ҳолати ногувор қарор дошта бошад, раванди таъмини амният натиҷаи дилхоҳ надодааст. Дар ҳолати

---
[1] Ниг.: Buzan B., Waever O., de Wilde J. Security A New Framework for Analysis. – London: Lynne Rienner Publishers, 1998. – P.20-24.

ногувор қарор гирифтани объекти амният на танҳо аз мавҷудияти таҳдидҳо дарак медиҳад, балки худи он низ ба объектҳои дигар метавонад таҳдид намояд.

Ҳамин тариқ, ба воситаи иқтидори консептуалии назарияи секюритизатсия соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятиро таҳлилу таҳқиқ намудан имконпазир аст. Истифодаи принсипҳои методологии ин назария имкон медиҳад, ки таҳдиду хатарҳои мавҷуда шинохта шаванд ва нисбат ба онҳо чораҷӯӣ анҷом дода шавад.

Бояд ёдовар шуд, ки «назарияи тавозуни таҳдидҳо»-и С.Уолт ва дар маҷмуъ назарияҳои мактаби илмии анъанавӣ характери объективӣ доранд ва дараҷаи таҳдидро бо мавҷудияти микдор ва ҳаҷми муайяни манбаҳо баҳогузорӣ мекунанд. Аммо назарияи секюритизатсия хусусияти субъективӣ ва байнисубъективӣ дорад. Назарияи мазкур дар муқоиса бо назарияи анъанавии С.Уолт, ҳамаи соҳаҳои ҳаётро фаро мегирад. Масалан, бемориҳои сироятӣ, обхезӣ, муҳоҷират, ифлосшавии муҳити зист ва ғ. метавонанд ба мундариҷаи амният ворид карда шаванд. Чизи муҳим дар доираи ин назария ин аст, ки ҳар як соҳа хусусиятҳои худро дорад ва таъмини амнияти соҳаҳои мазкур низ бояд бо назардошти онҳо сурат гирад.

Назарияи секюритизатсия имкон медиҳад, ки таъмини амният ҳамчун таҷрибаи муайяни сиёсӣ дониста шавад. Дар заминаи чунин навъи таҷриба мавқеи афзалиятҳои сиёсӣ тағйир дода мешавад ва баҳсу мунозираҳо дар атрофи таъмини амният дар миёни неруҳои сиёсие сурат мегирад, ки ҳар яки онҳо барои ба вуҷуд овардани ҷаҳонбинӣ ва тасаввуроти мушаххас дар бораи таҳдидҳо кӯшиш менамояд. Агар яке аз ин неруҳо муваффақият пайдо намояд, пас дар сатҳи муносибатҳои байнисубъективӣ таҳдид ҳамчун хатари воқеӣ қабул мегардад, ки онро дар амалияи сиёсӣ дидан мумкин аст. Вобаста ба ин қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул мегарданд,

аз сари нав тақсим намудани манбаҳо, ҷорӣ кардани ҳолати фавқулода ва ҳатто чораҳои аз ин ҳам шадидтар ба амал баровварда мешаванд[1].

Дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта олими амрикоӣ Ҷозеф Най тавонист, ки дар натиҷаи омезиши иқтидори эвристикии назарияҳои «тавозуни таҳдидҳо» ва «секюритизатсия» назарияи «неруи нарм»-ро ташаккул диҳад. Ҷозеф Най низ анъанаҳои реалистонро дар бораи муттаҳид кардани давлатҳо, аниқтараш ба ҷониби худ ҷалб намудани онҳо идома дода, онро на дар шароити «ҷанги сард», балки дар шароити нав (баъди ҷанги сард) амалӣ кардан мехост. Бо назардошти ин гуфтан мумкин аст, ки мундариҷаи назарияи тавозуни таҳдидҳо дар назарияи «неруи нарм» эҳсос мегардад. Аммо аз он сабабе, ки амалӣ кардани неруи нарм бо неруҳои ҳарбӣ робитаи зиёд надошт, онро бо арзишҳои сохтории назарияи секюритизатсия монанд кардан мумкин аст. Ба андешаи Ҷозеф Най, барои оне, ки давлат аз ҷониби давлатҳои дигар ҳамчун кишвари шарик ва бехатар эътироф гардад, давлатро зарур аст, ки чунин симои байналмилалиро ташаккул диҳад. Яъне, симои мароқангези кишвар на танҳо диққати давлатҳои дигарро ба худ ҷалб менамояд, балки метавонад онҳоро дар атрофи ин давлат муттаҳид созад[2].

Тибқи назарияи «неруи нарм», дар навбати аввал давлат бояд ба сиёсати дохилии худ диққати махсус диҳад ва худро ҳамаҷониба ташаккул диҳад, то ки барои давлатҳои дигар намунаи пешрафт ва рушду инкишоф бошад. Танҳо дар чунин шароит метавонад, ки ба давлатҳои дигар модели рушду инкишофи худро пешниҳод намояд[3]. Яъне, таъсиррасонии давлат бояд ба воситаи симои мароқангез ва имиҷи ҷаззоб амалӣ карда шавад. Дар чунин ҳолат дар атрофи худ муттаҳид кардани давлатҳои дигар имконпазир мегардад. Худи Ҷ.Най ба масъалаи мароқангез будани арзишҳои фарҳангӣ

[1] Ниг.: Морозов, В.Е. Безопасность как форма политического: о секьюритизации и политизации [Текст] / В.Е. Морозов // Полис. Политические исследования. –2011. –№3. –С.25.
[2] Ниг.: Nye, J. Public Diplomacy and Soft Power // The Annals of the American Academy of Political and Social Science. – 2008. – Vol. 616. –P. 94-109.
[3] Ниг.: Леонова, О.Г. «Мягкая сила»: инструменты и коэффициенты влияния [Текст] / О.Г. Леонова // Обозреватель – Observer. – 2014. – № 3. – С.18.

ва сиёсӣ диққати махсус додааст. Дар баробари ин, баъзе муҳаққиқони дигар иброз медоранд, ки симои мароқангез барои амалӣ гардонидани «неруи нарм» ҳанӯз кофӣ нест. Бояд роҳу воситаҳои ҷалб кардани диққати дигарон ва бовар кунонидани онҳо нисбат ба мавҷудияти таҳдиду хатарҳо хеле муҳим мебошад[1]. Яъне, ин ҷо сухан дар бораи механизмҳои ба амал баровардани «неруи нарм» меравад. Дар чунин шароит сухан дар атрофи интиқол додани арзишҳои ташаккулёфта меравад. Муҳаққиқи рус А.С. Скриба иброз медорад, ки ба инобат гирифтани талабот ва майлу хоҳиши давлатҳои дигар (ё ин ки ба назар гирифтани тарс ва ҳароси онҳо) имкон медиҳад, ки самтҳои афзалиятноки «неруи нарм» муайян карда шаванд. Бе назардошти чунин вазъият «неруи нарм» ба ҳеҷ гуна муваффақият ноил намегардад[2]. Ҳамин тариқ, назарияи «неруи нарм» низ барои шинохти таҳдидҳо метавонад истифода бурда шавад. Аммо воқеият ин аст, ки ин гуна назарияҳо аслан бо манфиатҳои миллии давлатҳои қудратманд ва мутараққӣ созгор аст. Таҷрибаи мустамликадорӣ нишон медиҳад, ки собиқ мустамликадорон баъди соҳибистиқлол гардидани мустамликаҳояшон кӯшиш менамоянд, ки на танҳо дар ҳудудҳои онҳо нуфузи худро нигоҳ доранд, балки вобастагии онҳоро то як дараҷаи муайян бурда расонанд.

Таҳлили назарияҳои мазкур нишон медиҳад, ки сатҳу сифати амнияти миллӣ ва дар кадом вазъ қарор доштани таъмини он дар аксар маврид аз шинохти таҳдидҳо вобаста аст. Ин аст, ки дар кишварҳои гуногуни олам ба воқеаву ҳодисаҳо, равандҳои сиёсию иҷтимоӣ ва махсусан, ба рафтори субъектҳои мухталиф баҳои гуногун медиҳанд. Ҳамчун таҳдид шинохта шудани зуҳуроти манфӣ, ё то кадом андоза хатарноку зиёновар дониста шудани ин гуна зуҳурот аз донишу таҷриба вобастагии калон дорад. Ин

---

[1] Ниг.: Богатуров, А.Д. Лидерство и децентрализация в международной системе [Текст] / А.Д. Богатуров // Международные процессы – 2006 . – Т.4. – № 13 (2). –С.5-15.

[2] Ниг.: Скриба, А.С. «Мягкая сила» и постсоветское пространство сегодня: выводы для России [Текст] / А.С. Скриба // Политика и общество. – 2016. –№10 (142). –С.1404.

равандро дар илмҳои иҷтимоӣ «стигматизатсия»[1] номидаанд. Яъне, то кадом андоза ин ё он зуҳурот ҳамчун таҳдид тасаввур гардида истодааст ва ҷомеа то кадом андоза омода аст, ки онҳоро ҳамчун таҳдид қабул намояд. Аз ин рӯ, таҳдидшиносӣ унсури муҳимтарини назарияи амнияти миллиро ташкил менамояд.

Қарорҳое, ки дар сатҳи мақомоти давлатӣ қабул мегарданд, ҳамагӣ барои бартараф кардани мушкилиҳои ҷойдошта равона шудаанд. Зеро ҳалли масъалаҳо ва бартараф кардани мушкилиҳои ҷойдошта ҷиҳати таъмини рушди минбаъдаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ зарур мебошанд. Таҳдидҳо зуҳуроте дониста мешаванд, ки дар раванди амалишавии ҳадафҳои стратегии давлату ҳукумат дар ин ё он шакл монеа эҷод мекунанд ва мушкилиҳои навро ба вуҷуд оварда, рушди соҳаҳоро боз медоранд. Дар байни онҳо як қатор таҳдидҳо ба суботи сиёсӣ ва устувории ниҳодҳои давлатӣ таъсири манфӣ расонида, қобилият ва иқтидори онҳоро коҳиш медиҳанд, ки дар раванди қабули қарорҳо ва махсусан, дар рафти татбиқи онҳо мушкилиҳои ҷиддӣ пайдо мешаванд. Аз ин рӯ, таъмини рушду инкишоф аз безараргардонии таҳдидҳо оғоз меёбад. Аммо барои оне, ки таҳдид безарар ва камзарар гардонида шаванд, сараввал шинохти онҳо ва муайян кардани сарчашмаҳои пайдоиши онҳо хеле муҳим аст.

Гузашта аз ин, таҳдидшиносиро унсури муҳимми маданияти стратегӣ донистан зарур аст. Зеро барои шинохти таҳдидҳо донишҳои сиёсӣ, идеологӣ, технологӣ, психологӣ ва ниҳоятан стратегӣ зарур мебошад. Дар алоқамандӣ бо ин масъала сиёсатшиноси ватанӣ С.И. Шарипов андешаҳои ҷолиб баён кардааст. Ба ақидаи ӯ, «вақте ки мо дар бораи таҳдидҳо суҳбат менамоем, ҳама вақт пеши назарамон манзараи оқибатҳои ногувор ваояндаи нооромм тасаввур мегардад. Аммо барои оне, ки ташаббус нишон дода, дар муқобили онҳо амал намоем, барои мо ё иттилоот намерасад, ё ин

[1] Аз калимаи юнонии stigma – тамға, муҳр пайдо шудааст. Стигматизатсия раванди муайян намудану нишон додани мушкилиҳо ва барои пешгирӣ кардани онҳо муқаррар сохтани меъёрҳои рафтор мебошад.

ки ғайрат. Таҳдидҳои замони муосир дорои архитектураи мураккаб буда, на танҳо аз чорабиниҳои амалӣ, балки аз омилҳои назариявию идеологӣ ва иҷтимоию психологӣ таркиб ёфтаанд»[1]. Шинохти таҳдидҳо ҳам барои роҳбарияти сиёсии кишвар, ки ба қабули қарорҳои муҳим машғуланд ва ҳам барои қишрҳои дигари ҷомеа, ки амалу рафтори худро бояд бо муқаррароти қонунҳо мутобиқ гардонанд, хеле муҳим аст. Дар баробари роҳбарияти олии мамлакат, элитаи илмӣ ва зиёиён низ метавонанд дар самти шинохти таҳдидҳо саҳми зиёд гузоранд. Зеро ба ғайр аз роҳбарияти олии мамлакат, ки дар мавриди идоракунии корҳои давлатию сиёсӣ бо иттилооти зарурӣ таъминанд, инчунин олимону зиёиён низ огоҳтарин қишри ҳар як ҷомеа маҳсуб меёбанд. Ҳатто олимону донишмандон дар заминаи донишҳои илмию назариявии худ метавонанд дар бораи пешомадҳо ва дурнамои рушди соҳаҳоояндабинии худро ироа созанд. Дар маҷмуъ, чи гунае, ки табиб роҳу воситаҳои табобати бемориро муайян мекунад, дар ҳалли масъалаҳо ва бартараф сохтани мушкилиҳо олимон низ ҳамин мавқеъро соҳибанд. Аз ин рӯ, истифодаи иқтидори илмию зеҳнии олимон дар самти шинохти таҳдидҳо хеле зарур буда, барои муайян кардани сарчашмаи пайдоиш, иқтидор ва роҳу усулҳои пешгирӣ кардани оқибатҳои номатлуби зуҳуроти манфӣ метавонанд хизмат намоянд.

Олимону донишмандон метавонанд дар самти саривақт муайян кардани мушкилиҳои ҷойдошта ва мушкилиҳои бавуҷудоянда саҳми худро гузоранд. Масъалаҳои ҷалбу иштироки олимон дар ин равандҳо, бетарафӣ зоҳир кардани онҳо ва дар кадом сатҳ қарор доштани омодагии касбии онҳо баҳси дигар аст, ки онҳоро дар таҳқиқоти алоҳида баррасӣ намудан зарур аст. Аммо махсус бояд таъкид кард, ки олимони кишвар бояд дар марҳилаи кунунии давлатдорӣ рисолати баланди касбӣ ва асолати миллӣ дошта бошанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти

[1] Шарипов, С.И. Угрозы и вызовы центральноазиатского региона в новом контексте геополитических реалий [Текст] / С.И. Шарипов // Политические процессы в таджикском обществе (сборник статей 1998-2011 гг.). –Душанбе: ЦСИ при Президенте РТ, 2011. – С.314.

Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон 30-юми майи соли 2024 зимни суханронии худ дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар аз ин тамоюлоти нангин изҳори нигаронӣ карда, иброз доштанд, ки «мавқеи шаҳрвандии баъзе олимону донишмандони мо бисёр нигаронкунанда мебошад. Бетарафӣ, гоҳо танқиди беасос, норозигии доимӣ, эҷоди иғво дар ҷомеа ва монанди инҳо ба одати баъзеҳо табдил ёфтааст. Фаромӯш набояд кард, ки яке аз сабабҳои ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-уми асри гузашта маҳз ҳамин гуна бетарафию хусумат, бепарвоӣ ва ҳатто дастгирии қувваҳои ғайриқонунӣ аз ҷониби баъзе олимону донишмандон ва зиёиёни асолатбохта буд»[1]. Воқеан ҳам, олимону зиёиён на танҳо ҷомеаро аз мавҷудияти таҳдиду хатарҳо метавонанд огоҳ созанд, балки дар мавриди пешгирии онҳо таҳқиқоти илмӣ анҷом дода, ба ҳукумат ва ниҳодҳои давлатӣ роҳу усулҳои безарар гардонидани таҳдидҳо ва ҳимоя кардани манфиатҳои миллиро манзур намоянд.

Ғайр аз ин, дар шароити тавсеаи ҷангҳои иттилоотию психологӣ барои шаҳрвандони кишвар, бахусус, ҷавонону насли миёнасол донишҳои амниятӣ ва шинохти таҳдидҳо хеле зарур аст. Зеро онҳо агар тафаккури интиқодию таҳлилӣ надошта бошанд, дӯст ва душман, фоида ва зарарро аз ҳам фарқ карда натавонанд, дар зери таъсири ҳуҷумҳои иттилоотӣ ба осонӣ ба доми радикалистон ва тахрибкорон меафтанд. Чунин ҳолат таҳдиди воқеӣ ба суботи сиёсии ҷомеа мебошад. Бо назардошти ин вазъ як қатор муҳаққиқон дар атрофи ташаккули иммунитети иҷтимоӣ суҳбат карда истодаанд. Иммунитети иҷтимоию сиёсӣ қобилияти мустақилона муайян карда тавонистани ҳама гуна таъсиррасониҳои беруна аз рӯйи меъёри «худӣ ва бегона», «фоидаовар ва зараровар», «ба рушду инкишоф мусоидаткунанда, ё ба таназзул нигаронидашуда» ва монанди инҳо мебошад. Муҳаққиқи рус Р.И. Балбек иброз медорад, ки «эҳтимоли ба амал омадани бесуботӣ дар системаҳои сиёсие дида мешавад, ки дар онҳо агар

[1] Суханронӣ дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар, 30.05.2024 [Захираи электронӣ]. – URL: https://www.president.tj/event/in_trips/37699 (санаи муроҷиат: 25.06.2024)

мутобиқшавӣ бо таъсиррасонии беруна ва қобилияти ба таври интиқодӣ баҳогузорӣ кардани ин гуна зуҳурот дида нашавад. Ба ибораи дигар, дар ин гуна ҷомеаҳо иммунитети иҷтимоӣ дар муқобили зуҳуроти манфӣ рушд накардааст»[1]. Чунин тарзи баррасии масъала фаъолияти системаи муҳофизатии организми инсонро ба хотир меоварад. Аз соҳаи иммунология маълум аст, ки системаи муҳофизатии организм, ё худ иммунитети бадан маҷмуи ҳуҷайраҳое мебошад, ки барои безарар гардонидани вирусҳо хизмат мерасонанд. Сатҳу сифат ва самаранокии чунин безараргардонӣ аз шинохти вирусҳо вобаста аст. Баъзан вақт дар ҳолати бо вируси нав рӯ ба рӯ гардидани организм ба таври сунъӣ подтан (антитела)-ҳои мушаххасро ба бадани инсон ворид менамоянд, ки мақсад аз ин кор шинос намудани организм бо вирусҳо мебошад, то ки онҳоро безарар карда тавонад. Дар ҷомеа низ чунин механизми безараргардонӣ мушоҳида мегардад. Онҳое, ки дар бораи зуҳуроти манфӣ дониш ва маълумоти кофӣ доранд, метавонанд ба доми иғвогарон ва радикалистон наафтанд. Аммо дар муносибат бо нафароне, ки ин гуна тасаввуротро надоранд, ҳолати баръаксро дидан мумкин аст. Аз ин рӯ, фиреби сиёсӣ ҳамчун технологияи мубориза аз ҷониби душманон барои иғвоангезӣ кардан, тағйир додани рафтори сокинони кишвар ва ниҳоятан коҳиш додани самаранокии фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ истифода бурда мешаванд. Дар ин гуна вазъият ташаккули иммунитети иҷтимоӣ барои шинохти зуҳуроти манфӣ хеле зарур мебошад. Аз ин баррасӣ хулоса ин аст, ки дар раванди таъмини амният дар баробари ниҳодҳои давлатӣ, инчунин ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шаҳрвандони қаторӣ низ бояд иштирок намоянд. Аммо сатҳу сифати иштироки онҳо дар таъмини амният аз он вобастааст, ки онҳо то кадом андоза таҳдидҳои мавҷударо мешиносанд ва дар муқобили онҳо мубориза мебаранд.

[1] Бальбек, Р.И. Технологии обеспечения политической стабильности в условиях внешних дестабилизирующих влияний (на примере Республики Крым) [Текст]: дис. … канд. полит. наук: 23.00.02 / Р.И. Бальбек. –М., 2019. –С.33.

Ҳамин тариқ, то он замоне, ки табиати таҳдидҳо пурра муайян карда нашавад, мубориза бо онҳо натиҷаи дилхоҳ намедиҳад. Гузашта аз ин, шинохти табиати таҳдидҳо имкон медиҳад, ки субъекти таҳдид ва иқтидори он муайян карда шаванд. Вобаста ба иқтидори таҳдид барои пешгирӣ кардан, ё безарар гардонидани он сипас манбаҳои зарурӣ истифода бурда мешавад. Файласуфи Чини қадим Сун Тзи дар ин бора андешаҳои хеле ҷолиб баён кардааст. Ба ақидаи ӯ, «агар мо иқтидори худро донем ва иқтидори душманро донем, ҳама вақт ҳангоми мубориза ғолиб мешавем, агар иқтидори худро донему иқтидори душманро ба инобат нагирем, агар як бор ғолиб шавем, дафъаи дуюм мағлуб мешавем. Агар на иқтидори худ ва на иқтидори душманро донем, сад бор, ки дар муқобили онҳо мубориза барем, ҳеҷ гоҳ ғолиб намешавем»[1]. Мутаассифона, дар баъзе мавридҳо пешгирӣ, ё мубориза бо таҳдидҳо бе назардошти иқтидори таҳдид амалӣ мегардад, ки дар ниҳояти кор чунин амал натиҷаи дилхоҳ намедиҳад. Сиёсатшиноси амрикоӣ Ф.Фукуяма дар ин маврид иброз медорад, ки самаранокии манбаҳои сафарбаргардида аз он вобастааст, ки иқтидори таҳдиди сиёсӣ то кадом дараҷа зиёд аст[2]. Ӯ дар мавриди радикализми исломӣ ин гуна вазъиятро таҳлил намуда, қайд мекунад, ки «агар аксари мусулмонони ҷаҳон омода бошанд, ки ба сафи террористони худкуш шомил гарданд ва дар муқобили ИМА мубориза баранд, пас неруҳои қудратии Амрико қобилияти пешгирӣ кардани онҳоро аз даст медиҳанд. Аммо шумораи террористони хатарнок агар камтар бошанд, мубориза бо онҳо имконпазир мегардад. Аз ин рӯ, баҳогузорӣ кардани ин таҳдид бо назардошти имкониятҳои радикалистони исломӣ бояд сурат гирад»[3].

Дар баробари ин гуфтаҳо равоншиносони амрикоӣ Ҷ.Кипер ва Р.Сосис иброз медоранд, ки «ба баҳсу мунозираҳои бешумори сиёсӣ ва барномаҳои тӯлонии телевизионӣ нигоҳ накарда, гуфтан мумкин аст, ки

---

[1] Сунь-Цзы. Искусство войны [Текст] / Пер. с англ. –М.: Изд-во АСТ, 2019. –С.135.

[2] Ниг.: Фукуяма, Ф. Америка на распутье. Демократия, власть и неоконсервативное наследие [Текст] / Пер. с англ. А.Георгиева. –М.: АСТ, 2008. –С.97.

[3] Ҳамон ҷо. –С.97.

таҳдиди эҳтимолӣ метавонад на он қадар хатарнок бошад, ба мисле, ки онро тасаввур менамоянд»[1]. Онҳо дар мисоли таҳдиди терроризм чунин фарзияи худро асоснок карда, иброз медоранд, ки «дар муқоиса бо таҳдидҳои дигар, ба монанди садамаҳо ва бемориҳои сироятӣ, амалҳои террористӣ он қадар бештар рух намедиҳанд ва на ҳамаи онҳо метавонанд амалӣ шаванд. Гузашта аз ин, агар терроризм ҳамасола якчанд миллион доллар зарару зиён расонад, танҳо ИМА баъди воқеаҳои 11 сентябри соли 2001 то имрӯз дар самти мубориза бо терроризм зиёда аз 1 трлн доллар масраф кардааст»[2]. Онҳо ба саволи ин, ки «чаро одамон имкониятҳои террористонро ин қадар зиёд нишон медиҳанд?» посух дода, иброз медоранд, ки «чунин рафтор дар доираи ғаризаҳои тарсу ҳарос ба амал меояд»[3]. Масалан, рафтори одам ҳангоми дидани каждум ё мор тағйир меёбад, зеро ғаризаҳои тарс онҳоро ҳамчун рамзи зӯроварӣ ва марг муайян мекунанд, новобаста ба он, ки сатҳи таҳдид дар кадом дараҷа (паст ё баланд) қарор дорад. Дар муносибат бо терроризм низ ғаризаҳои тарс новобаста аз воқеиятҳои терроризм зарурати мутобиқгардонии роҳу усулҳои безараргардонии таҳдидҳои террористиро ба миён меоваранд.

Чунин ҳолат бо он асоснок карда мешавад, ки дар раванди шинохти таҳдидҳо мавҷудияти иттилооти зарурӣ нақши калидӣ мебозад. Чи қадаре, ки дар бораи таҳдид маълумоти бештар мавҷуд бошад, ҳамон қадар тарсу ҳарос аз он камтар мешавад. Дар охири соли 2019 ва ибтидои соли 2020 бемории КОВИД-19 ба ҳамаи кишварҳо роҳ ёфт. Аз сабаби оне, ки одамон дар бораи ин беморӣ иттилооти зарурӣ надоштанд, якку якбора дар ҳарос афтода, аз дорухонаҳо, мағозаю бозорҳо маҳсулоти ниёзи аввалияи худро пурра харидорӣ карда, дар хонаҳои худ пинҳон шуданд. Аммо дар солҳои минбаъда иттилооти саҳеҳ дар бораи табиати КОВИД-19 хеле зиёд шуд ва дар пайи он тарсу ҳароси мардум низ аз байн рафт. Шинохти табиати

[1] Kiper J., Sosis R. Why Terrorism Terrifies US // Evolutionary Psychology and Terrorism. – N.Y.: Routledge, 2016. – P.113.
[2] Ҳамон ҷо. – P.114.
[3] Ҳамон ҷо. – P.114.

таҳдид имкон медиҳад, ки сатҳи тарсу ҳарос дар ҷомеа коҳиш дода шавад. Мутаассифона, дар шароити имрӯза яке аз самтҳои асосии фаъолияти террористону экстремистонро тарсонидани мардум ташкил медиҳад. Онҳо ҳамарӯза дар муқобили афкори ҷамъиятӣ ҳуҷумҳои иттилоотию психологӣ анҷом дода, мехоҳанд тарсу ҳароси мардумро бештар созанд. Аз ин рӯ, зимни мубориза бо чунин таҳдидҳо ошкор кардани табиати онҳо бояд дар мадди аввал қарор дода шавад.

Рушди босуръати ТИИ дар самти шинохти таҳдидҳо мушкилиҳои навро ба вуҷуд меоварад. Дар ин маврид ёдоварӣ кардани инқилобҳои иттилоотӣ ва аз меъёр зиёд паҳн шудани иттилоот хеле муҳим мебошад. Зеро дар раванди шинохти таҳдидҳо ду омили иттилоотӣ метавонад таъсири манфӣ расонад. Якум, иттилооти нокифоя, дуюм иттилооти барзиёд. Ҳардуи ин ҳолат метавонад нисбат ба таҳдид тасаввуроти нодурустро ба вуҷуд оварад. Муҳаққиқони рус В.А. Гуторов ва А.А. Ширинянс бо назардошти ин омил дар мавриди шинохти терроризм иброз медоранд, ки «ба таври мухталиф нишон дода шудани симои терроризм дар аксар маврид дарки табиати воқеии ин зуҳуроти иҷтимоиро мушкил гардонида, таҳдиду хатарҳои аз он пайдошавандаро норавшан мегардонанд»[1]. Дар баробари ин, паҳн гардидани иттилооти носаҳеҳ низ шинохти таҳдидҳоро мушкил мегардонад.

Аз чунин шакли баррасии масъала ба хулосае омадан мумкин аст, ки аз таҳдидҳои воқеӣ дида, таҳдидҳои эҳтимолӣ мардумро бештар метарсонанд. Зеро одамон дар бораи таҳдидҳои эҳтимолӣ, аз ҷумла роҷеъ ба иқтидори онҳо, оқибати онҳо, дар кадом миқёс таъсири манфӣ доштани онҳо ва махсусан, дар бораи пешгирии ин гуна зуҳурот маълумоти кофӣ ва таҷрибаи зарурӣ надоранд. Аз ин рӯ, иттилооти пурра ва мукаммал дар бораи таҳдид ба мақомоти дахлдори соҳа имкон медиҳад, ки дар самти

[1] Гуторов, В.А. Терроризм как теоретическая и историческая проблема: некоторые аспекты интерпретации [Текст] / В.А. Гуторов, А.А. Ширинянц // Полис. Политические исследования. – 2017. –№3. –С.44.

пешгирии оқибатҳои ногувори таҳдиду хатарҳо чораҳои саривақтӣ андешанд. Барои мисол, дар муносибат бо терроризм як гурӯҳ муҳаққиқон иброз медоранд, ки пешгӯинашаванда будани рух додани амали террористӣ тарсу ҳароси мардумро бештар менамояд[1]. Аз ҷониби террористон интихоб гардидани макон, замон ва қурбониёни амали террористӣ ба таври пинҳонӣ амалӣ карда мешавад ва аз ин рӯ, одамон барои коҳиш додани хавфу хатари он оҷизанд. Тавсия намудани худдорӣ варзидан аз ҷойҳои серодам на барои ҳама қобили қабул аст ва баъзан номумкин мебошад[2]. Тариқи сомонаҳои интернетӣ ҳамарӯза намоиш додани амалҳои террористӣ тарсу ҳароси оммавиро аз ин таҳдид бештар менамояд. Инчунин худи ташкилотҳои террористӣ низ дар аксар маврид тариқи шабакаи интернет амалҳои террористӣ ва қатлу куштори бераҳмонаро паҳн мекунанд, ки чунин ҳолат ба афкори ҷамъиятӣ ва тафаккури омма таъсири манфӣ мерасонанд.

Ҷомеашиноси немис Н.Луман дар мавриди шинохти хавфҳо андешаҳои хеле ҷолиб пешниҳод намуда буд, ки онҳоро дар самти таҳдидшиносӣ низ ба кор бурдан имконпазир аст. Ӯ аслан шинохти хавфҳоро аз дониш ва иттилооти зарурӣ вобаста менамояд. Ба андешаи ӯ, «дар бораи масъалаҳои номаълум чи қадаре, ки маълумоти зиёд дар ихтиёр бошад, ҳамон қадар зудтару хубтар дарки хавфҳо ба амал меояд. Вақте ки оянда норавшан аст, хавфҳо низ вуҷуд дошта метавонанд. Ин аст, ки дар самти омӯзиши хавфҳо илми алоҳида ташаккул дода шудааст. Ҷомеаи муосири дорои хавфҳои гуногун танҳо натиҷаи муайян кардани оқибатҳои техникӣ нест. Шинохти хавфҳо бо тавсеаи имкониятҳои таҳқиқотӣ ва афзун гардидани дониш оғоз гардидааст»[3]. Дар маҷмуъ, олимону донишмандон дар раванди шинохти таҳдидҳо муайян кардани иқтидори онҳоро шарти

[1] Ниг.: Christensen D.A., Aars J. Does Democracy Decrease Fear of Terrorism? Terrorism and Political Violence. – 2017. – Vol. 31. – No. 3. – P. 623.
[2] Ниг.: Todd A., Wilson C., Casey Sh. Comparing British and Australian Fear of Terrorism Pre and Post the Iraqi War // Psychiatry, Psychology and Law. – 2005. – Vol. 12. – No. 1. – P.185.
[3] Луман, Н. Понятие риска [Текст] / Н. Луман // THESIS. – 1994. –№5. –С.155.

аввали мубориза бо таҳдидҳо медонанд. Аммо шинохти таҳдидҳо бо чунин амал анҷом намеёбад.

Сиёсатшиноси амрикоӣ Р.Кохен дар раванди шинохти таҳдидҳо ду раванди муҳимро нишон медиҳад. Ба андешаи ӯ, «дар шароити мавҷуд будани далелҳои объективӣ агар таҳдид шинохта нашавад, сафарбар кардани манбаъҳо ғайриимкон аст. Ва баръакс, дар шароите, ки рақиб ҳанӯз ҳам нияти бад надорад, таҳдид метавонад шинохта шавад ва чораҳои пешгирӣ кардани он низ қабул гарданд»[1]. Дар мавриди аввал сухан дар бораи таҳдидҳое меравад, ки субъекти амният ҳанӯз ҳам дар бораашон маълумоти зарурӣ надорад. Дар мавриди дуюм сухан дар бораи таҳдидҳое меравад, ки субъекти амният пеш аз пайдоиши таҳдид аллакай дар бораи сарчашмаҳои он маълумоти зарурӣ пайдо кардааст. Бо назардошти ин гуна вазъ се сатҳи шинохти таҳдидро муайян кардан мумкин аст (Ниг. ба ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2**

**Сатҳи шинохти таҳдидҳо дар фаъолияти субъектҳои таъмини амният[2]**

| | |
|---|---|
| Сатҳи якум | Субъекти таъмини амният дар бораи сарчашмаи пайдоиши таҳдидҳои эҳтимолӣ маълумоти зарурӣ дорад ва барои пешгирӣ кардани он омодагӣ мегирад. |
| Сатҳи дуюм | Субъекти таъмини амният дар бораи таҳдидҳои воқеӣ маълумот дорад ва барои пешгирӣ кардани онҳо манбаъҳои заруриро сафарбар намудааст. |
| Сатҳи сеюм | Субъекти таъмини амният дар бораи таҳдидҳои мавҷуда иттилооти зарурӣ надорад ва аз ин рӯ, наметавонад, ки манбаъҳои заруриро барои пешгирӣ кардани онҳо сафабар кунад. |

[1] Cohen, R. Threat Perception in International Crisis // Political Science Quarterly. – 1978. – Vol. 93. – No.1. –P.93.
[2] Ҷадвали 2 аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Барои шинохти таҳдидҳо ва махсусан, барои мушаххас кардани эҳтимолияти ба вуқуъ омадани онҳо андешаҳои олими англис Е.Крахманн хеле ҷолиби диққатанд. Ӯ муътақид аст, ки муайян кардани таҳдидҳои аввалиндараҷа аз қобилияти субъектҳо ва баҳогузории онҳо вобаста мебошад[1]. Воқеан ҳам чунин мулоҳизаронӣ ҳақиқати бебаҳс аст. Чунончӣ, анҷомёбии ҷанги сард таҳдиди ба амал омадани ҷанги ядроиро, ки дар байни ду абарқудрати ҷаҳонӣ ҳоло ҳам мавҷуд аст, аз байн набурд. Дар соли 2003 маълум гардид, ки ҳам ИМА ва ҳам Россия 7-8 ҳазор адад яроқи ҳастаиро дар ихтиёри худ нигоҳ медоранд. Аммо бо назардошти он, ки ин абарқудратҳо даъвоҳои худро дар сиёсати хориҷӣ тағйир додаанд, хавфи ба амал омадани ҷанги ядроӣ низ коҳиш ёфт. Айни замон аз таҳдиди ҷанги ядроӣ дида, таҳдиди терроризм бештар дониста мешавад. Чунин ҳолат на танҳо дар робита бо паҳншавии яроқи қатли ом, ки метавонад ҳангоми рух додани амалҳои террористӣ истифода бурда шавад, балки эҳтимоли ба вуқуъ омадани амалҳои террористӣ, мақсадҳои эҳтимолии онҳо, шиддат ва таъсири манфии онҳо муайян карда мешавад. Яъне, афзалияти таҳдидҳо аз баҳогузории субъект вобаста мебошад. Ҳатто дар чунин раванд таҳдиди воқеӣ метавонад ҳамчун таҳдиди эҳтимолӣ, ва баръакс таҳдиди эҳтимолӣ ҳамчун таҳдиди воқеӣ баҳогузорӣ гардад. Яъне, дар раванди муайян кардани афзалиятнокии таҳдид онҳо метавонанд баъзан дуруст ва баъзан вақт ба таври нодуруст муайян карда шаванд. Субъект метавонад дар раванди муайян кардани афзалиятнокии таҳдидҳо ба иштибоҳ роҳ диҳад, ки чунин ҳолат аз қобилият, иттилоот, маълумот ва таҷрибаи субъект вобаста мебошад.

Як қатор олимон дар раванди шинохти таҳдидҳо ба сохтори онҳо диққати бештар дода, масъалаи муайян кардани субъекти таҳдидро хеле муҳим мешуморанд. Ин аст, ки дар атрофи субъекти таҳдид ва шинохти

[1] Ниг.: Krahmann, E. From State to Non-State Actors: the Emergence of Security Governance // New Threats and New Actors in International Security. – New York, 2005. – P.8.

онҳо ҳанӯз ҳам баҳсу мунозираҳо идома доранд. Барои мисол, олимони Шветсия Ҷ.Эрриксон ва Е.Норин дар яке аз мақолаҳои илмии худ модели махсуси шинохти таҳдидҳоро пешниҳод намудаанд, ки дар раванди қабули қарорҳои сиёсӣ аҳамияти зиёди стратегӣ дорад. Дар таҳқиқоти олимони мазкур субъект ва объекти таҳдид ба таври мушаххас муайян гардида, сарҳади байни онҳо нишон дода мешавад. Онҳо пешниҳод менамоянд, ки кадом зуҳурот ё омилҳо ҳамчун таҳдид баромад менамоянд (субъекти таҳдид) ва кадоме аз онҳоро ҳамчун таҳдид донистан мумкин аст (объекти таҳдид)[1]. Модели пешниҳоднамудаи Ҷ.Эрриксон ва Е.Норин тақозои онро менамояд, ки таҳдидро на танҳо намояндагони ҳокимияти давлатӣ, балки ҷомеаи шаҳрвандӣ низ бояд эътироф кунанд. Чунин шакли баррасии масъала ҳарчанд муҳим ба шумор равад ҳам, каме нофаҳмиҳоро дар худ нигоҳ медорад. Муҳиммияти андешаҳои онҳо дар ин аст, ки кулли ҷомеа бояд мавҷудияти таҳдидро эътироф намояд. Аммо дар бораи субъект ва объекти таҳдид андешаҳои онҳо каме баҳсноканд. Масалан, оқибатҳои ногувор, зарару зиёни имконпазирро агар объекти таҳдид муаррифӣ кунем ба мақсад мувофиқтар аст. Аммо худи зуҳуротро субъекти таҳдид гуфтан иштибоҳ аст. Зеро ба он нигоҳ накарда, ки баъзе таҳдидҳо субъекти мушаххас надоранд, субъекти таҳдид (агар мавҷуд бошад) бавуҷудоваранда, ё ташкилкунандаи воқеаи нохуш ва оқибати ногувор бояд дониста шавад.

Ин масъаларо олими дигари шветсиягӣ Р.Шёстедт хеле хуб ҳаллу фасл намудааст. Ӯ дар раванди шинохти таҳдидҳо нақши субъектро дар маркази диққат қарор дода, дар ин замина ду гурӯҳи таҳдидҳоро нишон медиҳад. Ӯ симои таҳдидҳоеро, ки аз рафтори субъектҳои мушаххас вобастаанд, аз симои таҳдидҳое, ки аз субъект вобаста нестанд, аз ҳам ҷудо менамояд. Ба андешаи ӯ, «Ал-Қоида» ҳамчун ташкилоти террористӣ ифодагари симои таҳдиде мебошад, ки бо рафтори субъекти мушаххас алоқаманд аст, ҳол он ки тағйирёбии иқлим таҳдиде мебошад, ки бо

[1] Ниг.: Eriksson J., Noreen E. Setting the Agenda of Threats: An Explanatory Model. – Uppsala: Uppsala University, 2002. – 26 p.

рафтори субъект алоқамандӣ надорад[1]. Яъне, таҳдиди аввал ҳадафмандона ба вуҷуд оварда мешавад, дуюмӣ бошад натиҷаи рафторҳое мебошанд, ки нияти расонидани зарарро надоранд.

Муносибати дигаре, ки барои шинохти субъекти таҳдид нигаронида шудааст, консепсияи «симои бегонагон» мебошад. Консепсияи мазкур аз ҷониби олими амрикоӣ Т.Хопф ҳамаҷониба ташаккул дода шудааст. Тибқи он дар раванди муайян кардани таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ симои бегонагон бояд ошкор карда шавад[2]. Барои мисол, дар як қатор давлатҳо, аз ҷумла дар Федератсияи Россия ташкилотҳои ғайриҳукуматие, ки аз хориҷи мамлакат маблағгузорӣ шудаанд, ҳамчун агенти хориҷӣ шинохта мешаванд[3]. Дар Ҷумҳурии Қирғизистон низ аз моҳи январи соли 2020 чунин муносибат нисбат ба ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ пешбинӣ гардид[4]. Моҳи майи соли 2024 парлумони Гурҷистон дафъаи сеюм ва ба таври ниҳоӣ қонуни ин кишварро «Дар бораи шаффофияти таъсиррасонии хориҷӣ», ки бо унвони қонун «Дар бораи агенти хориҷӣ» машҳур аст, қабул намуд[5]. Тибқи муқаррароти ин қонун, ҳамаи ташкилотҳое, ки бештар аз 20% дороиҳои худро аз хориҷи кишвар дастрас мекунанд, бояд ба сифати «агенте, ки манфиатҳои давлати хориҷиро пайгирӣ мекунад», ба қайд гирифта шаванд.

Ғайр аз ин, дар ҳамаи кишварҳои олам бо қарори мақомоти олии судӣ фаъолияти як қатор ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистӣ дар қаламрави онҳо мамнуъ эълон карда мешаванд. Масалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарорҳои Суди Олии мамлакат номгӯи ташкилотҳои

---

[1] Ниг.: Sijusted, R. Talking Threats. The Social Construction of National Security in Russia and the United States. PhD diss., Uppsala University, 2010. –P.25.

[2] Ниг.: Hopf, T. Social Construction of International Politics. Identities and Foreign Policies: Moscow, 1955 and 1999. – Ithaca: Cornell University Press. 2002. – 320 p.

[3] Ниг.: Российский ответ на «список Магнитского»: НПО как иностранные агенты [Электронный ресурс]. – URL: https://www.golos-ameriki.ru/a/crossfire-npo/1364510.html (дата обращения: 13.09.2020 г.)

[4] Ниг.: Иностранные агенты появятся и в Киргизии [Электронный ресурс]. – URL: https://www.ng.ru/cis/2020-01-27/5_7778_kyrgyzstan.html (дата обращения: 13.09.2020 г.)

[5] Грузинский парламент окончательно утвердил закон об иноагентах [Электронный ресурс]. – URL: https://ru.euronews.com/my-europe/2024/05/28/georgia-vote-final (дата обращения: 03.06.2024 г.)

террористию экстремистие, ки фаъолияташон дар қаламрави мамлакат манъ карда шудаанд, таҳия гардидааст. Аҷобати кор дар ин аст, ки номгӯи ташкилотҳои террористию экстремистие, ки аз ҷониби давлатҳо муайян карда мешаванд, аз ҳамдигар тафовут доранд. Сабабҳои чунин ҳолат дар зербоби навбатӣ ба таври муфассал таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Чи гунае, ки дар боло таъкид гардид, дар шароити муосири давлатдорӣ, махсусан дар шароити ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар баробари давлату ҳукумат, инчунин оммаи мардум низ бояд аз мавҷудияти таҳдидҳо ва оқибатҳои ногувори онҳо огоҳ бошанд. Дар ташаккули огоҳии мардум нисбат ба мавҷудияти таҳдидҳо ва умуман дар ташаккули зиракии сиёсии онҳо нақши давлату ҳукумат хеле калон аст. Дар ҳамаи давлатҳои олам ин равандро дар ин ё он сатҳ мушоҳида кардан мумкин аст ва онро секюритизатсия меноманд. Ба андешаи олими шветсиягӣ Е.Гауфман, унсурҳои асосии сохтори секюритизатсия инҳо мебошанд: субъектҳои таъмини амният, объекти амният, таҳдидҳои воқеӣ ё эҳтимолӣ, аудиторияе, ки мавҷудияти таҳдидро эътироф менамояд[1]. Унсурҳои номбаргардида дар раванди таъмини амният нақши калидӣ мебозанд. Аммо дар шароити муосир, ки рушди босуръати ТИИ ба амал омада истодааст, яке аз марҳилаҳои асосии раванди секюритизатсия боваркунонии мардум маҳсуб меёбад. Яке аз мутахассисони ин соҳа олими амрикоӣ Т.Балзак низ ба масъалаи боваркунонии мардум оид ба мавҷудият ва оқибатҳои ногувори таҳдид диққати махсус зоҳир намудааст. Чи гунае, ки дар расми поён дида мешавад, қабули меъёрҳои сиёсӣ барои мубориза бурдан бо таҳдидҳои мавҷуда марҳилаи ниҳоии секюритизатсия дониста шудааст. Т.Балзак иброз медорад, ки агар марҳилаи чоруми секюритизатсия амалӣ нагардад, ин раванд анҷомёфта маҳсуб намеёбад[2]. Инчунин, агар мардум ба мавҷудияти таҳдид шубҳа дошта бошанд, чораҳои сиёсӣ низ натиҷаи дилхоҳ намедиҳад.

[1] Ниг.: Gaufman, E. Security Threats and Public Perception. Digital Russia and the Ukraine Crisis. – Cham: Palgrave Macmillan, 2017. – P.26.
[2] Ниг.: Balzacq, T. Securitization Theory. How Security Problems Emerge and Dissolve. – London: Routledge, 2010. –272 p.

Дар маҷмуъ, секюритизатсияро ҳамчун занҷираи даврашакл тасаввур кардан мумкин аст, ки аз марҳилаҳои зерин иборат мебошад: ҳукумат, ё дигар субъектҳое, ки аз мавқеи ҳукумат пуштибонӣ мекунанд, дар бораи таҳдидҳои мавҷуда суҳбат менамоянд, сипас ВАО аз мавҷудияти таҳдидҳои воқеӣ мардумро огоҳ месозанд, оммаи мардум таҳдидро қабул ва ё инкор мекунанд ва дар охир ҳукумат барои мубориза бо таҳдид чораҳои сиёсӣ меандешад.  Барои оне, ки қарори қабулгардида аз ҷониби омма эътироф гардад, ҷомеа бояд идеологияи маркази қабули қарорҳои сиёсиро дарк намояд. Аз ин рӯ, нақши ВАО ва ниҳодҳои иҷтимоикунонӣ дар ин раванд хеле назаррас аст.




**Расми 2. Раванди секюритизатсия**

Қобили тазаккур аст, ки секюритизатсия ҳамчун раванди шинохти таҳдидҳо ва ташкил намудани мубориза бо онҳо дар ҳамаи кишварҳо дида мешавад. Аммо дар шакле, ки олимони Аврупо ва Амрико онро тасаввур мекунанд, хоси давлатҳои демократӣ мебошад. Дар давлатҳои ғайридемократӣ ин равандро дар шакли дигар шарҳ додан мумкин аст. Аммо аз он сабабе, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати демократӣ мебошад, мо ҳам назарияи мазкурро дар шакли ғарбии он истифода мебарем. Дар ин замина саволе пайдо мегардад, ки шинохти таҳдидҳо дар кадоме аз ин марҳилаҳо муҳим аст? Таҳлили назарияи мазкур нишон медиҳад, ки

шинохти таҳдидҳо қариб, ки дар ҳамаи марҳилаҳои он муҳим мебошад. Дар марҳилаи аввал, ки таҳдид бояд аз ҷониби ҳукумат муайян карда шавад, шинохти таҳдид дар сатҳи мақомоти давлатӣ хеле зарур аст. Дар марҳилаи дуюм, ки бо фаъолияти ВАО алоқаманд мебошад, касбияти рӯзноманигорон, коршиносони масоили сиёсӣ ва амниятӣ заруранд, то ки воқеияти таҳдидро дарк намоянд ва ба таври эътимодбахш ба бинандагону шунавандагону хонандагон мавҷудияти онҳоро асоснок карда тавонанд. Дар марҳилаи сеюм на танҳо барои намояндагони ҳукумат ва рӯзноманигорон ин навъи дониш муҳим аст, балки бовар кунонидани мардум хеле зарур мебошад. Дар ин раванд сатҳи дониши оммаи мардум низ нақши ҳалкунанда мебозад. Зеро агар одамон ба далелҳо ва гуфторҳои ҳукуматӣ камтар бовар намоянд, ё камтар сарфаҳм раванду, ба гуфторҳои неруҳои зиддиҳукуматӣ зиёдтар сарфаҳм рафта, таваҷҷуҳ зоҳир кунанд, амалӣ гардонидани чораҳои сиёсие, ки дар муқобили таҳдид равона мегардад, дар аксар маврид нодуруст дониста мешавад, ё натиҷаи дилхоҳ намедиҳад.

Дар чунин шароит ба хотир овардани андешаҳои сиёсатшиноси амрикоӣ Д.Истон дар бораи рушди системаи сиёсӣ ба мақсад мувофиқ аст. Ба андешаи ӯ, системаи сиёсӣ бояд чунин арзишҳоро дар худ нигоҳ дорад: устуворӣ, мутобиқшавӣ, самаранокӣ ва легитимият[1]. Нигоҳ доштани мавҷудияти арзишҳои мазкур вазифаи муҳимтарини системаи сиёсӣ мебошад. Аммо дар аксар маврид мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар зери таъсири омилҳои беруна онҳо осеб мебинанд. Аз ин рӯ, ҳар як таъсири манфии акторҳои беруна, ки барои аз байн бурдани устуворӣ, мутобиқшавӣ, самаранокӣ ва легитимияти системаи сиёсӣ сабаб мешавад, ҳамчун таъсиррасонии бесуботкунандаи берунӣ бояд шинохта шавад[2]. Дар шароити ба амал омадани ҷангҳои иттилоотӣ ҳамаи арзишҳои дар боло

[1] Ниг.: Истон, Д. Подход к анализу политических систем [Текст] / Д. Истон // Вестник Московского университета. Серия 12: Политические науки. – 2015. – №5. – С.17-37.

[2] Ниг.: Бальбек, Р.И. Технологии обеспечения политической стабильности в условиях внешных дестабилизирующих влияний (на примере Республики Крым) [Текст]: дис. … канд. полит. наук: 23.00.02 / Р.И. Бальбек. –М., 2019. –С.30-31.

номбаргардида зери таҳдиду хатар қарор мегиранд. Дар шароити имрӯза, ба осонӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки зери таъсири ҳуҷумҳои иттилоотӣ легитимияти системаи сиёсӣ осеби ҷиддӣ мебинад.

Ғайр аз ин, шинохти таҳдидҳо бояд дар ду самт амалӣ карда шавад: якум, дар сиёсати дохилӣ ва дуюм, дар сиёсати хориҷии давлат. Зеро таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки масъалаи шинохти таҳдидҳо ҳам дар шароити муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳам дар шароити вазъи дохилии давлат ба амал меояд. Инчунин сарчашмаҳои таҳдидҳо низ дохилию хориҷӣ мешаванд. Аз ин рӯ, шинохти таҳдид аз муайян кардани сарчашмаҳои пайдоиши он бояд оғоз гардад. Ин аст, ки як қатор муҳаққиқон таҳдидро ҳамчун ояндабинӣ ва пешгӯӣ кардани оқибатҳои ногувор муаррифӣ намудаанд, ки чунин муносибат бо назардошти сарчашмаи пайдоиши таҳдид сурат мегирад. Чунончӣ, С.Г. Кардонский ва Д.К. Дехант таҳдидҳоро ояндабиние медонанд, ки дар заминаи он зери таъсири омилҳои табиӣ ва антропогенӣ ба амал омадани оқибатҳои ногувор пешгӯӣ карда мешавад. Ба андешаи онҳо, оқибатҳои ногувори пешгӯишаванда шояд дар оянда ба амал наоянд, аммо чунин тарзи рафтор ба фаъолияти мақомоти давлатӣ таъсиргузор мебошад[1]. Аз чунин тарзи баррасии масъала ба хулосае омадан мумкин аст, ки мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо мақсади амалӣ гардонидан ва ҳимоя кардани манфиатҳои миллӣ дар аксар маврид бо масъалаи безараргардонии таҳдидҳо сару кор доранд.

Инчунин омилҳои минтақавӣ, байналмилалӣ ва геополитикии пайдоиши таҳдидҳоро ба инобат гирифтан хеле зарур аст. Дар ин маврид сарчашмаи пайдоиши таҳдид бо назардошти равандҳои оштинопазири минтақавӣ ва ҷаҳонӣ сурат мегирад. А.Г. Смирнова иброз медорад, ки «субъекти таъмини амният замоне метавонад дар бораи мавҷудияти таҳдид хулоса барорад, ки агар ин ё он давлат дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ барои мустаҳкам кардани мавқеи худ ва заиф гардонидани

[1] Ниг.: Кордонский, С.Г. Нейтрализация угроз как форма деятельности органов власти [Текст] / С.Г. Кордонский, Д.К. Дехант // Микроэкономика. – 2014. –№6. –С.52.

рақиби худ амалҳои мушаххасро анҷом дода истода бошад»[1]. Аз ин гуна баррасӣ ба осонӣ дарк намудан мумкин аст, ки сарчашмаи пайдоиши таҳдид дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ ҷойгир аст. Маҳз амалу рафтори оштинопазири субъектҳои низоми муносибатҳои байналмилалӣ боиси ба вуҷуд омадани низоъҳои гуногун мешаванд.

Сиёсатшиноси амрикоӣ С.Хантингтон дар мавриди пайдоиши низоъҳо андешаронӣ намуда, иброз медорад, ки «ҳисси нафрат ва бадбинӣ хоси инсоният мебошад. Аз ин рӯ, барои худмуайянкунӣ ва асоснок кардани рафтори худ ба одамон рақибон заруранд: дар тиҷорат рақибон, дар вақти ба даст овардани муваффақият ҳарифон ва дар сиёсат душманон заруранд. Одамон ба нафароне, ки аз онҳо тафовут доранд ва имконияти зарар расониданро доранд, бовар намекунанд ва ин гуна ашхосро ҳамчун таҳдид мешиносанд»[2]. Албатта, бо чунин андешаҳо розӣ шудан мумкин аст, аммо на ҳама вақт. Зеро на ҳамаи одамон ё умумиятҳои иҷтимоию сиёсӣ чунин хислатҳоро доро мебошанд. Таҳлилҳо ва мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки чунин хислатҳо, ба монанди бадбинӣ, рашку ҳасад, душманӣ варзидан ва ғ. аслан хоси миллатҳое мебошанд, ки онҳо дастовардҳои назарраси иқтисодию ҳарбӣ ва илмию техникиро соҳиб гаштаанд ва на танҳо намехоҳанд, ки дигарон аз онҳо иқтидори бештар дошта бошанд, балки мехоҳанд, ки иқтидори худро зина ба зина боло бардошта, дигаронро идора намоянд. Ана дар чунин шароит ва дар муносибат бо чунин миллатҳо ва умумиятҳо истифодаи андешаҳои С.Хантингтон дуруст аст. Зеро омӯзиш ва баррасии таҳқиқоти С.Хантингтон дар мавриди бархӯрди тамаддунҳо нишон медиҳад, ки ӯ назарияи мазкурро дар доираи чунин қонуният ташаккул додааст ва ба амал омадани низоъҳои минбаъдаро низ бо чунин далел асоснок менамояд. Махсусан, давлатҳои тараққикардаи Ғарбро рушду инкишофи давлатҳои Шарқ дар ташвиш оварда истодаанд. Чунин ҳолатро

---

[1] Смирнова, А.Г. Могущество как фактор восприятия угрозы: анализ с позиций теории образа государства [Текст] / А.Г. Смирнова // Власть. – 2014. –№10. –С.66.

[2] Хантингтон, С. Столкновение цивилизаций [Текст] / Пер. с анг. –М.: Изд-во «АСТ», 2019. –С. 209.

дар яке аз навиштаҳои ӯ ба осонӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Ба ақидаи С.Хантингтон, «давлатҳои сарватманд метавонанд дар байни ҳамдигар ҷангҳои тиҷоратӣ анҷом диҳанд, давлатҳои камбизоат дар байни ҳамдигар ҷангҳои хунин анҷом медиҳанд, аммо ҷанги байналмилалии дорои хусусияти синфӣ дар миёни Ҷануби камбизоат ва Ғарби гулгулшукуфон аз воқеият хеле дур аст»[1].

Барои шинохти таҳдидҳо, ниҳоятан, шинохти амнияти миллӣ низ хеле зарур мебошад. Дар таҳқиқоти олимон амнияти миллӣ низ ба таври гуногун шарҳ дода шудааст. Аммо он муҳаққиқоне, ки амнияти миллиро ҳамчун система баррасӣ кардаанд, дар самти шинохти таҳдид саҳми арзанда гузоштаанд. Зеро таҳлили андешаҳои ин муҳаққиқон нишон медиҳад, ки таҳдидҳо дар системаи амнияти миллӣ яке аз унсурҳои муҳимтарини онро ташкил медиҳад. Як қатор муҳаққиқон дар раванди баррасии ин масъала ба иштибоҳҳои илмию методологӣ роҳ медиҳанд. Масалан, амнияти миллӣ аз амнияти шахс, ҷомеа ва давлат иборат аст ва онҳо дар якҷоягӣ амнияти миллӣ номида мешаванд. Аммо дар бисёре аз мавридҳо муҳаққиқон амнияти миллӣ ва амнияти давлатиро як мешуморанд, ки дар натиҷа ба нофаҳмиҳои зиёд оварда мерасонад. Ҳол он, ки амнияти давлатӣ ҷузъи таркибии амнияти миллӣ мебошад. Дар таҳқиқоти ин гуна муаллифон ибораҳои «манфиатҳои миллии давлат», «амнияти миллии давлат», «системаи амнияти миллии давлат», «системаи таъмини амнияти миллии давлат» ва монанди инҳо хеле зиёд во мехӯранд, ки чунин баррасӣ аз лиҳози назариявию методологӣ каме нодуруст мебошад ва ба хатогиҳои илмию методологӣ оварда мерасонад. Амнияти миллӣ ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои ҳаётан муҳимми шахс, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои дохилию беруна мебошад. Ҳамзамон, амнияти миллӣ ҳамчун система аз унсурҳои зерин иборат аст: манфиатҳои миллӣ, таҳдидҳо, низоми таъмини амният, пешрафт ва тараққиёт.

---

[1] Хантингтон, С. Столкновение цивилизаций [Текст] / Пер. с анг. –М.: Изд-во «АСТ», 2019. – С.33.

Хулоса, шинохти таҳдидҳо моҳияти асосии таъмини амнияти миллиро ташкил медиҳад. Зеро бақои объекти амният аз ҳолати ҳимоятшавандагии он вобаста аст. Объекти амният гуногун аст: ҳудудҳои давлат, давлат, субъектҳои ғайридавлатӣ (миллат, гурӯҳҳои этникӣ, синфҳои ҷамъиятӣ), маҷмуи меъёрҳои танзимкунандаи рафтор ё ниҳодҳо (масалан, қоидаҳои тартиботи сиёсию иқтисодӣ), табиат (муҳити атроф, пиряххо, дарёҳо, бешазор ва ҷангалзорҳо ва ғ.). Ба ҳамин монанд пайдоиши таҳдидҳо низ сарчашмаҳои гуногун доранд: рафтори давлатҳои агрессивӣ, фаъолияти ташкилотҳои террористию экстремистӣ ва гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ, тамоюлоти ногувори иҷтимоӣ, империализми фарҳангӣ (масалан, арабгароӣ, ғарбгароӣ, туркгароӣ) ва ғайраҳо[1]. Ғайр аз ин, таҳдидҳо дар самтҳои гуногун ва дар соҳаҳои гуногун зоҳир мешаванд ва ҳарчанд зуҳуроти сиёсӣ ҳам, ки бошанд, метавонанд хусусияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, фарҳангӣ, ҳарбӣ, иттилоотӣ ва ғайра дошта бошанд.

Ҳамин тариқ, аз баррасии масъалаҳои марбут ба шинохти таҳдидҳо хулосаҳои зеринро пешниҳод намудан мумкин аст:

Назарияҳои классикии таҳдидшиносӣ, аз ҷумла назарияи тавозуни таҳдидҳои Стивен Уолт ҳарчанд аз рӯйи мундариҷаи худ ба таври анъанавӣ масъалаҳои амниятро бо назардошти қудрати ҳарбӣ ва ҷангҳои эҳтимолӣ шарҳ дода бошанд ҳам, дар шароити муосир онҳо аҳамияти илмию амалии худро гум накардаанд. Зеро дар замони муосир ҳарчанд ҷангҳои мусаллаҳонаи байнидавлатӣ камтар дида шаванд ҳам, давлатҳо дар шароити дигар дар муқобили ҳамдигар меҷанганд. Ба ибораи дигар шаклҳои зоҳиршавии ҷанг куллан тағйир ёфтааст, аммо мазмуну моҳияти он бетағйир аст. Масалан, дар шароити муосир давлатҳои дорои қудрати сиёсию ҳарбӣ дар муқобили рақибони худ рӯирост неруҳои ҳарбиро истифода намебаранд, балки онҳо дар кишварҳои дигар ва дар минтақаҳои дигар ҷангҳо ва низоъҳои мусаллаҳона ташкил намуда, бо ҳамдигар

[1] Ниг.: Skidmore, D. Security: A New Framework for Analysis // American Political Science Association. – 1999. – № 93 (4). –P.1010-1011.

меҷанганд. Аҳамияти назариявию амалии консепсияҳои классикии таҳдидшиносӣ боз дар он ифода меёбад, ки дар шароити муосир шаклҳои нави ҷангҳо пайдо гардидаанд, ки одатан аз ҷониби давлатҳо роҳандозӣ мешаванд. Чунончӣ, ҷангҳои иттилоотӣ, идеологӣ, фарҳангӣ, тиҷоратию молиявӣ ва ғ. ба онҳо мисол шуда метавонанд. Бо назардошти чунин вазъият ҷанг ҳамчун категорияи классикии назарияи таҳдидшиносӣ метавонад дар замони муосир низ аҳамиятнок бошад.

Аксари муҳаққиқон намояндагони мактаби анъанавӣ, аз ҷумла консепсияи Стивен Уолтро барои инкор кардани соҳаҳои ғайриҳарбӣ танқид намудаанд. Аммо таҳлилҳо нишон медиҳад, ки Стивен Уолт ин гуна ҳолатро инкор накардааст, аз ҷумла мавҷудияти таҳдиду хатарҳои ғайриҳарбиро низ. Танҳо дар таҳқиқоти онҳо таҳдидҳои ҳарбӣ ва масъалаи ташаккули қудрати ҳарбӣ дар ҷойи аввал гузошта мешавад.

Чизи дигаре, ки бояд ба инобат гирифта шавад ин аст, ки консепсияи амният дар муҳити олимоне пайдо гардид, ки онҳо ба омӯзиши сиёсати хориҷии давлат машғул буданд. Махсусан, дар давраи ҷанги сард ин ҳолатро ба осонӣ мушоҳида кардан мумкин буд. Аз ин рӯ, то анҷомёбии ҷанги сард консепсияи амният аслан бо амнияти байналмилалӣ ва сиёсати хориҷии давлат алоқамандии зич дошт. Дар ин давра, ба он нигоҳ накарда, ки мафҳуми «амнияти миллӣ» пайдо гардида буд, амнияти миллиро аз амнияти байналмилалӣ ҷудо кардан кори басо мушкил буд. Танҳо дар миёнаи солҳои 80-уми асри гузашта баъзе муҳаққиқон дар муқобили реалистон қарор гирифта, кӯшиш намуданд, ки амнияти миллиро аз амнияти байналмилалӣ ҷудо намоянд ва доираи фарогирии масъалаҳои онро низ аз сари нав мавриди баррасӣ қарор диҳанд.

Ҳамзамон, назарияи секюритизатсия тавонист, ки дар ташаккули консепсияи амнияти миллӣ нақши сазовор гузорад. Агар ба мундариҷаи назарияи тавозуни таҳдидҳо ва секюритизатсия назар намоем, дидан мумкин аст, ки рушду инкишоф ҳамчун категорияи муҳимми низоми амнияти миллӣ дар маркази диққати гурӯҳи дуюми олимон қарор дорад.

Масалан, олими англис Б. Бузан, ки ӯро асосгузори назарияи секюритизатсия медонанд, рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғ. низ хеле муҳим арзёбӣ намудааст. Назарияи ӯ на танҳо ба давлат ва мақомоти давлатӣ, балки ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва умуман ба ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ имкон медиҳад, ки бо назардошти манфиатҳои худ таҳдидҳои воқеиро саривақт муайян карда, масъалаҳои ҷойдоштаро бетаъхир ҳаллу фасл созанд. Аммо дар заминаи назарияи Ҷ.Най бошад масъалаи рушду инкишоф дар миёни афзалиятҳои миллӣ дар зинаҳои баландтар қарор дода мешавад. Ӯ ба масъалаи рушду инкишофи мамлакат ва ташаккули симои мароқангези давлат ҳамчун кафили амният суҳбат намудааст.

Субъекти амният таҳдиди мавҷударо замоне метавонад муайян кунад, ки агар дар бораи таҳдид маълумоти кофӣ дошта бошад. Аз ин рӯ, дар шароити мавҷудияти таҳдид низ субъекти амният метавонад таҳдидро эҳсос накунад (агар дар бораи таҳдид маълумоти кофӣ надошта бошад). Баръакс, субъекти амният метавонад дар бораи таҳдид пеш аз пайдоиши он чораҷӯӣ намояд ва оқибатҳои манфии онро пешгирӣ кунад (агар равандҳои сиёсию иҷтимоиро дар асоси иттилооти дақиқ ояндабинӣ карда бошад). Аз ин рӯ, таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолиро аз ҳам фарқ намудан мумкин аст. Таҳдидҳои воқеӣ зуҳуроти номатлубе мебошанд, ки аллакай мавҷуданд. Таҳдидҳои эҳтимолӣ дар оянда ба амал меоянд ва метавонанд баъзан вақт ба амал наоянд. Аз ин рӯ, муваффақият дар самти таъмини амнияти миллӣ бо он ҳолат асоснок карда мешавад, ки субъекти амният на танҳо дар бораи таҳдидҳои воқеӣ маълумоти кофӣ бояд дошта бошад, балки таҳдидҳои эҳтимолиро низ баҳогузорӣ карда тавонад. Дар ҳолати баръакс вазъияти хеле ногувор ба амал меояд. Зеро мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар баъзе кишварҳо таҳдидҳои мавҷударо эҳсос карда наметавонанд, ҳол он, ки ояндабинии таҳдидҳои эҳтимолӣ шарти дуюми мубориза бо таҳдидҳо мебошад. Яъне, агар шарти аввал иҷро нагардад, иҷроиши шарти дуввум натиҷаи дилхоҳ намедиҳад.

# БОБИ II
# ОМИЛҲО ВА САРЧАШМАҲОИ ПАЙДОИШИ ТАҲДИДҲОИ НАВИ ҶАҲОНӢ ВА ТАЪСИРИ ОНҲО БА АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Ташаккули таҳдидҳои беруна дар раванди бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ ва таъсири онҳо ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Чи гунае ки аз боби якум мушоҳида гардид, агар таҳдидҳо ҳамчун унусури таркибии системаи амнияти миллӣ дониста шаванд ва дар заминаи таҳлили системавӣ баррасӣ гарданд, мазмуну мундариҷаи онҳо бе ягон мушкилӣ возеҳу равшан мегардад. Масалан, агар таҳдидҳо шарту шароит ва омилҳое бошанд, ки дар раванди амалишавии манфиатҳои миллӣ монеа эҷод кунанд, пас шинохти онҳо низ ба назар хеле сода менамояд. Аммо таҳлилҳо ва мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки шинохти манфиатҳои миллӣ, ки барои шинохти таҳдидҳо заруранд, хеле мушкил мебошад

Бо назардошти чунин ҳолат дар кишварҳои ғарбӣ шохаи алоҳидаи илм бо номи «Персепсиология» (англ. Perception – шинохтан, фаҳмидан, дарк кардан) ба вуҷуд оварда шудааст. Дар заминаи истифодаи иқтидори методологии ин шохаи илм олимону муҳаққиқон барои муайян кардани манфиатҳои миллӣ ва шинохти таҳдидҳо корҳои зиёдеро анҷом додаанд. Дар ин замина маълум гардидааст, ки мушкилии муайян кардани манфиатҳои миллӣ дар он аст, ки давлатҳои замони муосир аз рӯи як қатор масъалаҳо аз ҳамдигар тафовут доранд: таҷрибаи давлатдорӣ, системаи сиёсию иқтисодӣ, марҳилаҳои рушду инкишоф, иқтидори иқтисодию ҳарбӣ, манбаҳои инсонӣ, маданияти стратегӣ, маданияти сиёсӣ ва ғ. Аз ҳама муҳим ин аст, ки давлатҳо дар марҳилаҳои гуногуни ташаккулёбӣ қарор доранд. Дар заминаи мавҷудияти чунин тафовутҳо манфиатҳои миллии онҳо низ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Аз ин рӯ, барои баъзе давлатҳо ҷанг манфиати

миллӣ, барои дигарон бошад он таҳдид аст, барои аксари давлатҳо сулҳ манфиати миллӣ, аммо барои баъзе даъвлатҳои дигар дар минтақаҳои гуногуни олам ташкил намудани нооромиҳо манфиати миллӣ мебошад. Барои аксар кишварҳои олам агар терроризм ҳамчун таҳдиди воқеӣ бошад, барои баъзе кишварҳои дигар он ҳамчун воситаи амалӣ кардани манфиатҳои миллию геополитикӣ аст. Бинобар ин, шинохти таҳдидҳо ва махсусан, шинохти манфиатҳои миллӣ ҳамчун масъалаи мураккаб боқӣ мемонад.

Гузашта аз ин, ҳама гуна сиёсат бо мақсади таъмини амният ба амал бароварда мешавад. Бинобар ин, таъмини ҳама гуна амният, аз ҷумла амнияти миллӣ фаъолияти сиёсист. Дар аксар маврид муҳаққиқон амнияти миллиро ҳамчун ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои ҳаётан муҳимми мамлакат аз таҳдидҳои дохилию беруна муаррифӣ менамоянд. Чунин навъи баррасӣ аз лиҳози мантиқ дуруст аст, зеро дар он ҳимояи манфиатҳои миллӣ ишора мегардад. Аз лиҳози стратегӣ роҳу усулҳо, воситаҳо ва шаклҳои дар амал татбиқ сохтани манфиатҳои миллӣ унсури муҳимми низоми амнияти миллӣ мебошанд, ки дар ин раванд ҳимояи онҳо аз таҳдиду хатарҳо ҳамчун марҳилаи навбатӣ ва ҳамчун мақсад пайдо мегарданд. Зеро вақте ки талаботи объективӣ ба манфиат табдил меёбанд, мақсад ҳамчун воситаи қонеъ гардонидани онҳо пайдо мешавад. Аммо «вақте, ки манфиат ба мақсад табдил меёбад, сиёсат ҳамчун воситаи амалӣ гардонидани он ба вуҷуд меояд»[1]. Аз ин рӯ, манфиатҳо инъикоси субъективии талаботҳои объективӣ мебошанд ва бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи мазкур ташаккул дода мешаванд. Ҳамин тариқ, манфиатҳои миллӣ дар доираи чунин қонуният ташаккул меёбанд.

Дар самти таъмини амнияти миллӣ муайян кардани манфиатҳои миллӣ, раванди татбиқ ва ҳимояи онҳо аз таҳдидҳои дохилию беруна шарти аввалиндараҷа мебошанд. Зеро дар навбати аввал дар мувофиқа бо талаботи

[1] Бэттлер, А. Национальные интересы, национальная и международная безопасность [Текст] / А. Бэттлер // Полис. Политические исследования. – 2002. –№4. –С.151.

объективии ҷомеа манфиатҳои миллӣ муайян мегарданд ва дар раванди татбиқи онҳо монеаҳо пайдо шуда, зарурати асоснок кардани мавҷудияти таҳдидҳоро ба миён меоваранд. Баъдан, бо мақсади ҳимояи манфиатҳои миллӣ безараргардонии таҳдидҳои воқеӣ ба амал бароварда мешавад.

Бо назардошти он, ки дар ин қисми таҳқиқот пайдоиши таҳдидҳои беруна дар заминаи бархӯрди манфиатҳои миллию геополитикӣ нишон дода мешавад, муайян кардани баъзе хусусиятҳои муҳимми манфиатҳои миллиро низ зарур мешуморем. Аммо мураккабии муайян кардани манфиатҳои миллӣ, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки дар сатҳи мактабҳои илмӣ онро дар се маъно муаррифӣ мекунанд: 1) манфиатҳои гурӯҳи этникии мушаххас, ки дар ҳудуди як давлат аксариятро ташкил медиҳанд; 2) манфиатҳои давлат, ё шаҳрвандони давлат; 3) манфиатҳои гурӯҳи этникӣ ва давлат[1]. Ба андешаи сиёсатшиноси ватанӣ А.Н. Муҳаммад, «манфиатҳои асосии миллӣ бояд дар идеяи миллӣ ва сиёсати пайдарпайи миллӣ инъикос ёбанд. Манфиатҳои миллӣ, пеш аз ҳама, изҳор намудан, эътироф кардани талаботи давлат, ҳастӣ ва фаъолияти он мебошад. Ин фаҳмиш бештар дар муносибатҳои ин ё он давлат бо дигар миллату кишварҳо баён мегардад»[2]. Воқеан, чунин изҳори андеша бештар дар муносибатҳои дуҷонибаю бисёрҷониба баён мегардад, ки боз тарафҳои дигар низ дорад.

Бояд гуфт, ки дар атрофи манфиатҳои миллӣ баҳсҳои тӯлонӣ мавҷуданд ва то имрӯз вобаста ба мундариҷаи он андешаи ягона вуҷуд надорад. Шумораи олимоне, ки дар атрофи ин масъала андешаронӣ кардаанд, хеле зиёданд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда ҳамаи давлатҳо метавонанд манфиатҳои бунёдии худро дошта бошанд, ки онҳоро ба таври зайл муайян кардан мумкин аст: 1) тамомияти арзӣ; 2) истиқлолияти давлатӣ, ё истиқлолияти сиёсӣ; 3) рушди иқтисодӣ ва пешрафт; 4) низоми иқтисодию сиёсии ҷомеа; 5) суботи сиёсӣ. Ғайр аз ин, арзишҳои фарҳангӣ

[1] Ниг.: Ризоён, Ш.Ш. Национальные интересы во внешней политике Республики Таджикистан [Текст] / Ш.Ш. Ризоён. –Душанбе: Дониш, 2020. –С.39.
[2] Муҳаммад, А.Н. Истиқлол ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ (таҷрибаи Тоҷикистон) [Матн] / А.Н. Муҳаммад. –Душанбе: Дониш, 2021. – С.83-84.

ва тарзи зиндагии ҷомеаро низ баъзан ба манфиатҳои бунёдӣ дохил менамоянд. Онҳоро дар мамлакатҳои алоҳида ба таври гуногун баҳогузорӣ мекунанд. Масалан, амрикоиҳо дар зери мафҳуми арзишҳои фарҳангӣ демократия ва иқтисоди бозориро мефаҳманд ва тарзи зиндагии амрикоиҳоро ҳамчун фарҳанги хоси онҳо медонанд, ки бояд на танҳо ҳимоя гарданд, балки ба хориҷи кишвар низ интиқол дода шаванд[1]. Чуноне, ки аз гуфтаҳои боло дидан мумкин аст, се манфиати аввал хоси ҳамаи давлатҳо мебошад, аммо аллакай аз манфиати 4-ум сар карда то ба охир, ки миқдорашон хеле зиёд аст, метавонанд аз ҳамдигар тафовут дошта бошанд. Ба ҳар ҳол, аз ҳифзи тамомияти арзӣ, то таҳкими истиқлолияту таъмини рушди иқтисодии мамлакат ва дар идома амалӣ гардонидани ҳадафҳои дигари давлат ҳамагӣ манфиатҳоеанд, ки барои мавҷудияти давлату миллат заруранд. Аз ин рӯ, ҳар як давлат дар ҳудудҳои худ ба сифати субъекти таъмини амният баромад менамояд, аммо дар бисёре аз мавридҳо фаъолияти он дар ҳудудҳои мамлакати дигар ҳамчун фаъолияти субъекти таҳдид бояд шинохта шавад. Зеро ҳар як мамлакат дар сиёсати хориҷӣ ва фаъолияти хориҷии худ ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва геополитикии хешро дар мадди аввал мегузорад. Ин ҷо як ҳолати истисноиро махсус таъкид бояд кард. Он давлатҳое, ки барояшон ҷанг, низоъҳои мусаллаҳона, ба вуҷуд овардани бесуботии сиёсӣ манфиатҳои миллию геополитикӣ мебошанд, ба сифати субъекти таҳдид баромад менамоянд. Дар маҷмуъ, рақибон ва душманонро ҳамчун субъекти таҳдид тасаввур кардан мумкин аст. Аммо шарикони стратегӣ ва иттифоқчиён наметавонанд барои ҳамдигар субъекти таҳдид бошанд (агар нисбат ба шарикони худ ниятҳои бад надошта бошанд).

Бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки ҳамаи давлатҳо аз он сабабе, ки манфиатҳои худро доранд ва барои ҳимояи онҳо талош меварзанд, метавонанд ба сифати субъекти таъмини амният баромад намоянд. Аммо на

[1] Ниг.: Бэттлер, А. Национальные интересы, национальная и международная безопасность [Текст] / А. Бэттлер // Полис. Политические исследования. – 2002. –№4. –С.150.

ҳамаи давлатҳо метавонанд ба сифати субъекти таҳдид, махсусан субъекти таҳдидҳои беруна баромад кунанд. Зеро, барои ҳимояи манфиатҳои геополитикӣ, ки сарчашмаи пайдоиши таҳдидҳои беруна мебошанд, иқтидори баъзе давлатҳо нокифоя аст. Чун анъана ба сифати субъекти таҳдидҳои беруна давлатҳои абарқудратро муаррифӣ кардан мумкин аст. Зеро онҳо барои ба амал овардани чунин таҳдидҳо иқтидори лозимаро доранд. Гузашта аз ин, ҳамаи давлатҳо метавонанд манфиатҳои геополитикии худро дошта бошанд, аммо на ҳамаи давлатҳо метавонанд, ки манфиатҳои геоплитикии худро дар сатҳи зарурӣ амалӣ гардонанд ва ҳимоя кунанд. Чунин баррасӣ бори дигар шаҳодат аз он медиҳад, ки таҳдидҳои беруна натиҷаи фаъолияти давлатҳои абарқудрат мебошад ва махсусан, ба амал омадани онҳо дар раванди ҳимояи манфиатҳои геополитикӣ, ё бархӯрди манфиатҳои абарқудратҳо ба вуҷуд оварда мешаванд.

Муборизаҳои геополитикӣ на танҳо дар соҳаи ҳарбӣ ба мушоҳида мерасанд, балки дар фазоҳои сиёсӣ, дипломатӣ, иттилоотӣ, психологӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва ғ. низ дида мешаванд, ки онҳо чӣ дар шароити ҷангӣ ва чӣ дар шароити осоишта ба амал меоянд. Дар раванди зоҳиршавии муборизаи геополитикӣ муайян кардани самаранокии воситаҳои истифодашуда аз рӯйи татбиқи мақсадҳои геополитикӣ баҳогузорӣ мегардад[1]. Яъне, заиф гардонидани давлат, халалдор кардани суботи сиёсӣ, ноустувор гардонидани системаи сиёсӣ, тағйир додани режими сиёсӣ, барҳам додани давлату давлатдорӣ ва ғ. метавонанд бе ёрии қувваҳои ҳарбӣ ва бо истифода аз воситаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ ва маънавӣ амалӣ карда шаванд.

Воқеияти дигар ин аст, ки сиёсати хориҷии давлат идомаи мантиқии сиёсати дохилӣ мебошад. Давлат ҳам дар сиёсати дохилӣ ва ҳам дар сиёсати хориҷии худ доимо манфиатҳои миллии худро пайгирӣ менамояд. Бинобар ин, пайгирӣ кардан ва ҳимоя намудани манфиатҳои миллӣ дар сиёсати

[1] Ниг.: Комлева, Н.А. Геополитические ресурсы: попытка классификации [Текст] / Н.А. Комлева // Пространство и время. – 2013. –№ 3(13). –С.15.

дохилӣ оғоз гардида, дар сиёсати хориҷӣ идома меёбад. «Сиёсати хориҷӣ фаъолияти бошууронаи давлат дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ мебошад, ки он дар мувофиқа бо манфиатҳои миллии мамлакат амалӣ гардидани ҳадафҳои хориҷии давлатро тақозо мекунад»[1]. Сиёсати дохилӣ бошад, фаъолияти бошууронаи давлат дар ҳудудҳои худ мебошад, ки он дар мувофиқа бо манфиатҳои миллии мамлакат амалӣ гардидани ҳадафҳои дохилии давлатро тақозо менамояд. Ба андешаи А.Скриба, «сиёсати хориҷии давлат маҷмуи чорабиниҳое мебошад, ки на танҳо ҳимояи манфиатҳоро фаро мегирад, балки ба амалишавии манфиатҳои миллӣ низ нигаронида шудааст. Талабот барои ба амал баровардани ин гуна ташаббус ғолибан зери таъсири муҳити дохилии давлат ба вуҷуд меояд. Дар ин маврид, барои амалӣ кардани сиёсати худ давлат чи қадаре, ки иқтидори бештар дошта бошад, барои безарар гардонидани таҳдиду хатарҳои муҳити байналмилалӣ ҳамон қадар имконияти бештарро соҳиб мешавад»[2]. Ин масъалаи ҳассос таваҷҷуҳи сиёсатшиноси амрикоӣ Ҷ.Найро низ ба худ ҷалб кардааст. Ба андешаи ӯ, «абарқудратҳо кӯшиш менамоянд, ки бо истифодаи фарҳанг ва ғояи миллии худ неруи нармро ташаккул диҳанд, то ки имиҷи байналмилалии худро беҳтар гардонанд, аммо на ҳама вақт анҷом додани ин амал осон аст, махсусан дар шароите, ки ғоя ва суханҳо бо воқеиятҳои дохилии мамлакат мутобиқат намекунанд»[3]. Аз ин рӯ, муваффақияти сиёсати хориҷӣ дар самти амалигардонӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ, инчунин дар самти безараргардонии таҳдидҳо аз самаранокии сиёсати дохилӣ вобастагии зиёд дорад.

Аз ин рӯ, таъмини амнияти миллӣ сиёсате мебошад, ки барои амалӣ гардонидан ва ҳимоя кардани манфиатҳои миллӣ нигаронида мешавад. Дар ин раванд роҳу воситаҳо ва технологияҳои гуногун метавонанд истифода

---

[1] Бэттлер, А. Национальные интересы, национальная и международная безопасность [Текст] / А. Бэттлер // Полис. Политические исследования. – 2002. –№4. –С.152.
[2] Скриба, А.С. Реализм и политика малых государств в XXI веке [Текст] / А.С. Скриба // Политика и Общество. – 2014. –№3. –С.350.
[3] Най, Дж. Будущее власти. Как стратегия умной силы меняет XXI век [Текст] / Пер. с англ. –М.: Изд-во «АСТ», 2014. –С.161.

бурда шаванд. Аммо воқеият ин аст, ки ҳар як давлат манфиатҳои худро дорад. Тафовут танҳо дар он аст, ки давлатҳо аз рӯйи имконият ва иқтидори худ аз ҳамдигар фарқ менамоянд ва аз ин рӯ, дар сиёсати худ низ муваффақиятҳои гуногунро соҳибанд. Бинобар ин, ҳадафҳои давлат бояд бо имкониятҳои он мувофиқат намоянд, вагарна амалӣ шудани мақсади пешгузошта метавонад ғайриимкон гардад.

Ҳарчанд амнияти миллӣ бо ҳадафҳои миллӣ робитаи мустақим дошта бошад ҳам, вале амният дар танҳоӣ ҳадаф нест, балки шароите аст, ки ҳадафҳо дар он таҷассум меёбанд. Чи гунае, ки қаблан гуфта шуд, амнияти миллӣ ҳамчун система аз чунин унсурҳо иборат мебошад: манфиатҳои миллӣ, таҳдидҳо ба амнияти миллӣ, системаи таъмини амнияти миллӣ ва пешрафту тараққиёт. Дар системаи амнияти миллӣ манфиатҳои миллӣ мавқеи аввалро ишғол намуда, сабаби пайдоиши таҳдидҳо ва ташаккули системаи таъмини амният мегарданд. Яъне, ба хотири қонеъ сохтани талаботи объективии ҷомеа аввал манфиатҳои мушаххас ба вуҷуд оварда мешаванд ва дар раванди амалишавии онҳо як қатор монеаҳо пайдо мегарданд, ки маҳз онҳо ба ин раванд таъсири бевосита расонида, амалишавии манфиатҳои миллиро ғайриимкон мегардонанд[1]. Ба ақидаи муҳаққиқи ватанӣ М.М. Абдулҳақов, «манфиатҳои миллӣ – ин дарки талабот ва манфиатҳои давлат мебошанд, ки ба воситаи мавқеи иқтисодӣ ва геополитикии давлат, анъанаҳои таърихию фарҳангӣ, зарурати таъмини амният, ҳимояи аҳолӣ аз таҳдидҳои беруна ва бетартибиҳои дохилӣ, фоҷиаи иқтисодӣ, ва инчунин ба воситаи масъалаҳои дурнамои рушди давлат муайян мегарданд»[2]. Дар таҳлилу баррасиҳои сиёсатшиноси ватанӣ С. Ятимов ишора ба он мегардад, ки дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ бархӯрди манфиатҳои миллии субъектҳои гуногун зери таъсири як зумра

---

[1] Ниг.: Муҳаммад, А.Н. Амнияти миллӣ [Матн] / А.Н. Муҳаммад, Х.Қ. Сафарализода. –Душанбе: Империал-групп, 2018. –С.58.

[2] Абдулхаков, М.М. Защита национальных интересов как важный фактор развития государственности [Текст]: автореф. дис. … канд. полит. наук: 23.00.02 / М.М. Абдулхаков. – Душанбе, 2006. –С.12.

омилҳо ба амал меоянд. Ба андешаи ӯ, мавзуи асосии муносибатҳои байналмилилӣ, мутлақо манфиатҳои миллии субъектҳои он мебошад. Сиёсати ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки амалисозии ҳама гуна манфиатҳо аз ҷониби бозигарони сиёсати ҷаҳонӣ аз тирандозии «тӯби идеологӣ» дар самтҳои зарурӣ оғоз гардида, то расидан ба мақсадҳои ниҳоӣ ва пурра аз байн бурдани таваҷҷуҳ нисбати ҳамон ҳадаф идома меёбад. Бо назардошти ин, бозигарони аслии саҳнаҳои бузурги геополитикӣ, ё ин ки чемпионҳои «тахтаи бузурги шоҳмот» бағоят хушзеҳн, ҳушёр, андешаманд буда, аз лиҳози стратегӣ пешакӣ сари даҳсолаҳо ва ҳатто садсолаҳои оянда фикр мекунанд. Онҳо бар он мекӯшанд, ки душманони идеологии худро хуб омӯзанд[1].

Мушкилии шинохти манфиатҳои миллиро сиёсатшиноси амрикоӣ Ф.Зондерман бо як қатор масъалаҳо асоснок намуда аст. Ба андешаи ӯ, «дар раванди шинохти манфиатҳои миллӣ аз ҳама чизи муҳим ин аст, ки барои ташаккули давлатдории миллӣ ва таъмини рушду инкишофи ҷомеа кадом манфиатҳо дар назар дошта шудаанд, онҳо чи гуна ва аз ҷониби киҳо бояд муайян карда шаванд? Масъалаи навбатӣ амалӣ гардонидани манфиатҳои миллӣ мебошад. Масъалаи ниҳоӣ муайян кардани субъектҳое мебошад, ки бояд манфиатҳои миллиро амалӣ гардонад»[2]. Андешаҳои Ф.Зондерман хеле ҷолиби диққатанд. Аммо ӯ дар атрофи ҳимояи манфиатҳои миллӣ чизе намегуяд, яъне чи гуна ва аз ҷониби киҳо бояд ҳимояи онҳо ба роҳ монда шавад. Ин масъала аз масъалаҳои пештар номбаргардида низ мураккабтар аст. Зеро дар раванди ҳимояи манфиатҳои миллӣ шинохтани таҳдидҳо низ зарур аст. Воқеан ҳам шинохтану муайян кардани манфиатҳои миллӣ кори хеле мушкил аст, аммо амалӣ гардонидану ҳимоя кардани онҳо аз таҳдидҳои дохилию беруна кори аз ин ҳам мушкилтар мебошад. Зеро агар

---

[1] Ниг.: Ятимов С.С. Идеология ва манфиати миллӣ [Манбаи электронӣ]. –URL: http://www.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=13829 (санаи муроҷиат: 15.07.2021)

[2] Арин, О.А. Мир без России [Текст] / О.А. Арин. –М.: Эксмо, 2002. –С.186.

дар марҳилаи аввал шинохти худи манфиатҳои миллӣ зарур бошад, пас дар марҳилаҳои дуюму сеюм шинохти таҳдидҳо ба миён меояд.

Масъалаҳои амнияти миллӣ ва манфиатҳои миллӣ бори аввал дар заминаи сиёсати хориҷии давлат ва аз ҷониби муҳаққиқони соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ баррасӣ гардидаанд[1]. Аммо чунин баррасӣ ҳеҷ гоҳ маънои онро надорад, ки дар сиёсати дохилӣ ҳимояи манфиатҳои миллӣ ба инобат гирифта намешавад. Баръакс, чи гунае, ки пештар ишора гардид, сиёсати хориҷии давлат идомаи мантиқии сиёсати дохилии он мебошад ва аз ин рӯ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ аз дохили мамлакат оғоз ёфта, дар сатҳи муносибатҳои байналмилалӣ идома меёбад.

Муҳаққиқи рус А.Г. Смирнова дар самти шинохти таҳдидҳо таҳқиқоти гуногун анҷом дода, мураккабии ин равандро махсус таъкид менамояд. Ба андешаи ӯ, «аз сабаби оне, ки таҳдидҳо зуҳуроти хеле мураккаб мебошанд, дар раванди муайян кардани онҳо низ дар аксар маврид иштибоҳҳои гуногун зоҳир мешавад»[2]. Яъне, муайян кардани табиати аслии онҳо кори хеле душвор аст ва донишу таҷрибаи зиёдро металабад. Мураккабии таҳдидҳо ва мушкил будани шинохти онҳо боз дар он зоҳир мегардад, ки вобаста ба шаклҳои зоҳиршавии таҳдидҳо аз ҷониби муҳаққиқон навъҳои гуногуни онҳо муайян карда шудаанд. Чунончӣ, таҳдидҳои дохилӣ ва беруна, таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ, таҳдидҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ ва ғ. Аз он сабабе, ки дар ин қисми таҳқиқот пайдоиши таҳдидҳои берунаро таҳлилу баррасӣ мекунем, ба инобат гирифтани бархӯрди манфиатҳоро хеле зарур мешуморем. Дар ин маврид фарзия ин аст, ки таҳдидҳои беруна натиҷаи бархӯрди манфиатҳои миллӣ ва геополитикии давлатҳои гуногун мебошанд. Аз ин рӯ, таҳдидҳои берунаро бо амалишавии ҳадафҳои стратегии давлатҳои абарқудрат дар ҳудудҳои

---

[1] Ниг.: Арсенян, А.З. Эволюция концепций «Национальной безопасности» в современных международных отношениях [Текст] / А.З. Арсенян // Вестник Российского государственного гуманитарного университета. – 2012. – №19 (99). –С.23-35.

[2] Смирнова, А.Г. Восприятие угрозы в международных отношениях: в поисках теоретических оснований [Текст] / А.Г. Смирнова // Политекс. – 2007. –Том 3. –№4. –С.203.

давлати дигар ва бо раванди амалишавии манфиатҳои геополитикии онҳо алоқаманд намудан мумкин аст. Ба ибораи дигар, таҳдидҳои беруна дар раванди амалишавии манфиатҳои миллию геополитикӣ пайдо мегарданд, ки сарчашмаи пайдоиши онҳо ҳадафҳои стратегии субъектҳои низоми муносибатҳои байналмилалӣ мебошанд. Таҳдидҳои дохилӣ бошанд дар раванди бархӯрди манфиатҳои шахсӣ ва гурӯҳӣ бо манфиатҳои миллӣ пайдо гардида, дар самти амалишавии стратегияҳои давлатӣ ва ҳадафҳои миллӣ монеа эҷод мекунанд. Масъалаи мазкур дар доираи консепсияи гармонизатсияи манфиатҳои миллӣ баррасӣ мегардад. Дар миёни ин ду навъи таҳдид робитаҳои генетикӣ вуҷуд дошта метавонад. Зеро, таҳдидҳои беруна метавонанд дар дохили мамлакат таҳдидҳои гуногунро ба вуҷуд оваранд, ки баррасии онҳо мавзӯи баҳси дигар аст. Бинобар ин, дар аввал нишон додани ташаккулёбии таҳдидҳои берунаро зарур мешуморем. Бо назардошти бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ гуфтан мумкин аст, ки таҳдиҳои беруна зуҳуроти манфие мебошанд, ки бошуурона аз ҷониби субъектҳои хориҷӣ дар мувофиқа бо манфиатҳои миллию геополитикии онҳо барномарезӣ шуда, ҳамчун ҳадафи геостратегӣ марҳила ба марҳила ба амал баровварда мешаванд.

Агар ба масъалаи мазкур бо назардошти манбаҳои геополитикӣ ва фазоҳои геополитикӣ баҳогузорӣ намоем, пас сарчашмаи пайдоиши ин навъи таҳдидҳо маҳз акторҳои геополитикӣ дониста мешаванд. Ба ғайр аз давлатҳо, инчунин ниҳодҳои ғайридавлатӣ низ метавонанд айни замон ба сифати акторҳои геополитикӣ баромад намоянд. Махсусан, бо назардошти таҷрибаи «ҷанги сард» ва инқилобҳои рангаи солҳои охир гуфтан мумкин аст, ки бо ташаббуси абарқудратҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ бо роҳу воситаҳои гуногун (ҳуҷумҳои иттилоотӣ, таъсиррасонии иқтисодӣ, неруи нарм, паҳн кардани ғояҳои радикализми динӣ ва ғ.) ба амал овардани бухронҳои дохилӣ низ метавонанд ҳамчун таҳдиди берунаи бавосита муаррифӣ карда шаванд. Зеро чунин амалҳо барои мустаҳкам кардани ҳузури худ дар фазоҳои геополитикӣ ва истифода бурдани манбаҳои бештар

амалӣ карда мешаванд. Аз ин рӯ, яке аз хусусиятҳои муҳимми таҳдидҳои беруна таъсиррасонии бавосита мебошад.

Як қатор давлатҳои пуриқтидор барои амалӣ гардонидани мақсадҳои геостратегии худ акторҳои гуногуни таъсиррасониро истифода менамоянд. Муҳаққиқи рус Р.И. Балбек субъектҳои таъсиррасонии берунаро ба таври зерин муайян кардааст: ширкатҳои фаромиллӣ, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, ниҳодҳои динӣ, шабакаҳои динию этникии фаромиллӣ, ниҳодҳои ғайридавлатии таълиму тарбия, шабакаҳои иҷтимоӣ (аз ҷумла журналистикаи шаҳрвандӣ), гурӯҳҳои виртуалӣ. Ӯ муътақид аст, ки якчанд даҳсола пеш субъектҳои таъсиррасонии беруна танҳо давлатҳо ба шумор мерафтанд. Аммо дар шароити имрӯза дар рафтору фаъолияти ҳар як субъекти хориҷӣ манфиатҳои давлати мушаххас, аниқтараш манфиатҳои элитаи ҳукмрон, ё дигар гурӯҳҳои манфиатдорро дидан мумкин аст. Акторҳои ғайридавлатӣ аз ҷониби давлат ҳамаҷониба дастгирӣ ёфта, дар низоми манфиатҳои он амал менамоянд[1]. Субъектҳои мазкур ба иҷтимоикунонии шаҳрвандон, маданияти сиёсӣ, ҷаҳонбинӣ ва рафтори сиёсии онҳо таъсир мерасонанд. Ба андешаи ӯ, заиф гардидани ниҳодҳои дохилии иҷтимоикунонӣ ва халалдор шудани маданияти сиёсии ҷомеа боиси халалдор гардидани суботи сиёсӣ мегардад[2].

Дар шароити муосир дар сиёсати ҷаҳонӣ ба амал омадани бархӯрди манфиатҳои геополитикии абарқудратҳои олам воқеияти бебаҳс аст. Бархӯрди манфиатҳо дар сатҳҳои гуногун ва дар самтҳои гуногуни фаъолияти онҳо ба амал меояд. Дарки моҳияти чунин равандҳои ҷаҳонӣ имкон медиҳад, ки як қатор хусусиятҳои муҳимми таҳдидҳои беруна муайян карда шаванд. Аз ин рӯ, дар раванди омӯзиши суботи сиёсӣ ва таҳдидҳои ба он нигаронидашуда омилҳои геополитикӣ бояд ба инобат гирифта шаванд.

---

[1] Ниг.: Бальбек, Р.И. Технологии обеспечения политической стабильности в условиях внешних дестабилизирующих влияний (на примере Республики Крым) [Текст]: дис. … канд. полит. наук: 23.00.02 / Р.И. Бальбек. –М., 2019. –С.67-68.
[2] Ниг.: Ҳамон ҷо. –С.33.

Бояд ёдовар шуд, ки «фазоҳои геополитикӣ» категорияи маркази геополитика мебошад. Дар шароити муосир фазоҳои ҷуғрофӣ, иттилоотӣ, идеологӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ғ.-ро метавон ҳамчун фазоҳои геополитикӣ ном бурд. Ҳар як фазои геополитикӣ дорои ҳаҷм ва миқдори муайяни манбаҳо (ресурсҳо) мебошад. Фазои холӣ наметавонад фазои геополитикӣ бошад. Аз ин рӯ, манфиатҳои геополитикии давлатро низ бояд бо назардошти истифодаи манбаҳои мазкур муайян намуд. Зеро «манбаҳо воситаи муҳимми нигоҳ доштани мавҷудият ва таъмин кардани рушду инкишофи умумиятҳои иҷтимоӣ мебошанд, аз ин рӯ, онҳо объекти асосии муборизаҳои геополитикӣ ба шумор мераванд»[1]. Зери назорат қарор додани манбаҳои мазкур ва ба таври самаранок истифода бурдани онҳо мавҷудияти умумияти иҷтимоиро таъмин менамояд, зеро рушду инкишофи онҳо аз манбаҳои мазкур вобаста аст. Ба ибораи дигар, манбаҳо сарчашмаи асосии рушду инкишофанд. Чунин хусусияти манбаҳо онҳоро хеле арзишманд мегардонад.

Бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ низ бояд бо назардошти чунин қонуният баҳогузорӣ карда шавад. Зеро «ҳамаи муборизаҳо ва ҷангҳо барои роҳ ёфтан ба фазоҳои геополиткӣ анҷом дода мешаванд, аз ҷумла ҷангҳои ҳарбӣ ва ё ғайриҳарбӣ (дипломатӣ, иқтисодӣ, идеологӣ, иттилоотӣ) барои аз худ кардани манбаҳои мушаххас нигаронида шудаанд»[2]. Ин аст, ки муборизаҳо барои аз худ кардани манбаҳо сарчашмаи пайдоиши зиддиятҳо мегарданд. Аз ин рӯ, «агар моҳияти зиддиятҳои ҷаҳони муосир дуруст таҳлил карда шаванд, он гоҳ ошкор мегардад, ки сабабҳои сар задани зиддиятҳо гуногунанд, аммо сабаби умумӣ яктост – бархӯрди манфиатҳои миллӣ ва манфиатҳои давлатӣ»[3]. Ин буд, ки низоъшиноси немис К.

---

[1] Комлева, Н.А. Геополитические ресурсы: попытка классификации [Текст] / Н.А. Комлева // Пространство и время. – 2013. – № 3(13). – С.13.
[2] Ҳамон ҷо. – С.13.
[3] Муҳаммад, А.Н. Истиқлол ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ (таҷрибаи Тоҷикистон) [Матн] / А.Н. Муҳаммад. – Душанбе: Дониш, 2021. – С.99.

Клаузевитс баъди пажӯҳиши тӯлонии набардҳои мусаллаҳона «ҷангро идомаи сиёсат» номида буд[1].

Ҳамин тариқ, манфиатҷӯии давлатҳои абарқудрат сарчашмаи пайдоиши таҳдидҳои беруна мебошанд ва ба суботи сиёсии кишварҳои алоҳида таъсири манфӣ мерасонанд. Зеро дар раванди шинохти таҳдидҳои беруна аввалин масъалае, ки бояд ба инобат гирифта шавад, ин қудрати сиёсии давлат мебошад. Қудрати сиёсии давлат ба воситаи имкониятҳои ҳарбӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ, идеологӣ, демографӣ ва дигар манбаҳо муайян карда мешавад. «Баҳогузорӣ кардан ба қудрати сиёсии давлат тақозои онро менамояд, ки симои он ҳамчун давлати дорои имкониятҳои зарурӣ ва ҳамчун давлати офарандаи таҳдид барои амалӣ гардонидани манфиатҳои худ шинохта шавад»[2]. Масалан, дар миёнаҳои асри XIX собиқ сарвазири Англия Г.Д. Темпл иброз намуда буд, ки «Англия шарикони доимӣ ва душманони доимӣ надорад. Англия танҳо манфиатҳои доимӣ дорад»[3]. Чунин меъёрро олими рус А.Сиганков тафаккури бузургманишии абарқудратҳо номидааст[4], ки дар заминаи он пайгирӣ кардани манфиатҳои миллию геополитикиро инъикос менамояд.

Одатан, таҳдидҳое, ки барои халалдор кардани сохти конститутсионии давлат нигаронида шудаанд, таҳдидҳое мебошанд, ки истиқлолияти давлатӣ ва суботи сиёсии мамлакатро осебпазир мегардонанд. Сарчашмаи асосии пайдоиши ин навъи таҳдидҳо фаъолияти давлатҳои хориҷӣ ва созмону ташкилотҳои сохтории онҳо мебошанд, ки дар аксар маврид хусусияти террористӣ, экстремистӣ, сепаратистӣ, инқилобӣ ва радикалӣ доранд. Барои мисол, дар замони муосир ҳар як давлати абарқудрат, махсусан, дар миёни элитаҳои сиёсии кишварҳои гуногун

---

[1] Ниг.: Клаузевиц, К. О войне [Текст] / Пер. с нем. – М.: Логос, 1994. –451 с.

[2] Смирнова, А.Г. Могущество как фактор восприятия угрозы: анализ с позиций теории образа государства [Текст] / А.Г. Смирнова // Власть. – 2014. –№10. –С.66.

[3] Генри Джон Темпл Палмерстон – цитаты [Электронный ресурс]. – URL: https://citaty.info/man/genri-dzhon-templ-palmerston (дата обращения: 16.07.2021 г.)

[4] Ниг.: Цыганков А. Великодержавие [Электронный ресурс]. – URL: https://globalaffairs.ru/articles/glossarij/ (дата обращения: 16.07.2021 г.)

ҳаммаслакон ва ҷонибдорони худро ҷустуҷӯ менамояд. Аз ин рӯ, дар мамлакате, ки роҳбарияти олии он бо сабабҳои гуногун талаботи ин ё он абарқудратро қонеъ намесозад, равандҳои сиёсии оштинопазир, ки омилҳои дохилию беруниро соҳибанд, ба амал оварда мешаванд. Абарқудратҳо кӯшиш мекунанд, ки дар мамлакати мавриди назар бо роҳу воситаҳои гуногун элитаи ҳукмронро сарнагун созанд ва ҳаммаслакони худро ба сари қудрат оваранд. Дар амал татбиқ кардани чунин стратегия бо истифода аз технологияҳои гуногун амалӣ карда мешавад. Дар ин раванд, радикализми динӣ, экстремизми сиёсӣ, терроризм, неруи нарм, инқилобҳои ранга, вайрон кардани системаҳои хоҷагидорӣ, корношоям гардонидани системаҳои сиёсию иқтисодӣ, дахолат ба корҳои дохилии давлат, зери фишори беруна қарор додани давлат, шантаж ва ғ. ҳамчун воситаи дар амал татбиқ намудани стратегияҳои абарқудратҳо ва ҳамчун воситаи амалӣ гардонидани манфиатҳои геополитикии онҳо истифода мегарданд. Аз ин рӯ, таҳдидҳои беруна ба суботи сиёсии мамлакат фаъолияти давлатҳои алоҳида, ё акторҳои хориҷие мебошанд, ки бо роҳу усулҳои иттилоотӣ, иқтисодӣ, дипломатӣ ва ғ. дар дохили мамлакат ба вуҷуд овардани бухронҳои сохторӣро ҳадафи аслии худ қарор медиҳанд.

Дар шароити муосир яке аз таҳдидҳои хеле пуриқтидори беруна, ки дар натиҷаи бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ ба амал оварда мешаванд, инқилобҳои ранга мебошанд. Зеро онҳо ҳадафмандона аз ҷониби акторҳои хориҷӣ ташкил карда шуда, вазъияти сиёсию иҷтимоии дохили мамлакатро тағйир медиҳанд. «Инқилобҳои ранга технологияи ташкил кардани табаддулоти давлатӣ ва ба таври иҷборӣ тағйир додани режими сиёсӣ мебошанд. Онҳо дар шароите ба амал баровnapда мешаванд, ки дар ҷомеа ба таври сунъӣ нооромиҳои сиёсӣ ба вуҷуд оварда шудаанд. Дар чунин шароит ҳокимияти давлатӣ бо роҳи иғвоангезӣ зери фишор қарор дода мешавад ва дар ин раванд ҳаракати ҷавонони эътирозгар, ки тариқи шабакаҳои махсус барои ин кор пешакӣ омода карда шудаанд, ҳамчун воситаи дар амал татбиқ

намудани ин ҳадаф истифода бурда мешавад»[1]. Бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки тули чанд соли охир дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташкил намудани инқлоби ранга кӯшиш ба харҷ дода шуда истодааст. Масалан, ташкилотҳои террористию экстремистии «Ҳизби наҳзати исломӣ», «Гурӯҳи 24», «Паймони миллии Тоҷикистон» агарчанде аз ҷониби узви Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва Созмони ҳамкории Шанхай ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистӣ эътироф гардида бошанд ҳам, онҳоро дар кишварҳои Ғарб чунин намешуморанд. Ҳатто ба онҳо имконият додаанд, ки тариқи шабакаҳои иҷтимоию интернетӣ барои ташкил кардани инқилоби ранга ё табаддулоти давлатӣ аз ҳудудҳои кишварҳои аврупоӣ истода, фаъолият намоянд. Гирифтани пеши роҳи чунин зуҳурот, албатта, вазифаи асосии сохторҳои қудратӣ мебошад, аммо огоҳ намудани шаҳрвандони мамлакат аз чунин технологияҳои сиёсии акторҳои хориҷӣ ва ба фоидаи киҳо анҷом ёфтани чунин равандҳои сиёсӣ имкон медиҳад, ки суботи сиёсӣ ҳифз карда шавад.

Ғайр аз ин, радикализми динӣ, экстремизми сиёсӣ ва терроризмро низ ҳамчун таҳдиди беруна муаррифӣ кардан мумкин аст. Дуруст аст, ки аз ҷониби ташкилотҳои террористию экстремистӣ ҷалб шудани шаҳрвандон ва роҳу воситаҳои ин гуна мағзшӯӣ доимо таъкид мегардад, аммо аз ҷониби киҳо ташкил гардидану истифода шудани ин ташкилотҳои террористию экстремистиро хеле кам ба назар мегиранд. То имрӯз на танҳо шаҳрвандони мамлакат, балки бисёре аз олимону донишмандони кишвар ҳатто ин воқеиятро ба инобат намегиранд. Радикализми динӣ, экстремизми сиёсӣ ва терроризм ҳамчун воситаи дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои хориҷии давлат ва ҳамчун воситаи амалӣ гардонидани манфиатҳои миллии баъзе аз давлатҳо баромад менамояд. Барои мисол, муносибати абарқудратҳои ҷаҳониро нисбат ба ин зуҳурот метавонем ёддовар шавем. Як зумра ҳизбу

[1] Карпович, О.Г. Цветные революции. Теория и практика демонтажа современных политических режимов [Текст] / О.Г. Карпович, А.В. Манойло. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2015. –С.70.

ҳаракатҳои замони муосир агар аз ҷониби як абарқудрат ҳамчун ташкилотҳои террористию экстремистӣ эътироф шаванд, аз ҷониби қисме аз давлатҳои дигар онҳо ҳамчун мухолифини муътадил шинохта мешаванд. Ва баръакс онҳоеро, ки гурӯҳи дуюми давлатҳо террористию экстремистӣ мешуморанд, гурӯҳи аввал муборизони роҳи озодӣ, ё мухолифини муътадил мешуморанд. Ин аст, ки вобаста ба моҳияти терроризм ва экстремизми сиёсӣ дар миёни олимон ва сиёсатмадорону сиёсатшиносон андешаи ягона, ё таърифи ягона вуҷуд надорад. Таҳқиқоти дар ин самт анҷомёфта нишон медиҳанд, ки то ба имрӯз зиёда аз 100 таърифи терроризм аз ҷониби олимону муҳаққиқон ва мақомоти давлатӣ пешниҳод гардидаанд[1]. Сабаб дар он аст, ки манфиатҳои на танҳо давлатҳои рӯ ба инкишоф, балки манфиатҳои худи абарқудратҳо дар арсаи байналмилалӣ бо ҳамдигар мувофиқат намекунанд. Зеро «мундариҷаи низоми муносибатҳои байналхалқиро онҳое муайян мекунанд, ки дар фазои геостратегии ин низом афзалият доранд. Ба ибораи дигар, амнияти байналмилалӣ бо амнияти миллии кишварҳои бонуфуз мувофиқ гардонида шудааст»[2]. Аз ин рӯ, номувофиқатии манфиатҳои миллии давлатҳо дар арсаи байналмилалӣ ва бархӯрди онҳо боиси ба амал омадани хавфу хатар ва ниҳоятан боиси ба амал омадани таҳдидҳо мегардад, ки амалӣ гардидани манфиатҳои аксари давлатҳоро ғайриимкон мегардонад. Дар ҳамин гуна шароит, радикализми динӣ, экстремизми сиёсӣ ва терроризм технологияи амалӣ гардонидани манофеи давлатҳои абарқудрат бояд дониста шавад. Зеро баъзе аз ташкилотҳои террористӣ аз ҷониби як зумра давлатҳо пуштибонӣ меёбанд. Дар баъзе ҳолатҳо ташкилотҳои террористиро давлатҳои алоҳида барои муҳофизат кардани худ низ истифода мекунанд. Дар ин гуна шароит терроризм ҳамчун воситаи ҳимоя кардани манфиатҳои миллӣ баромад

[1] Ниг.: Политический атлас современности: Опыт многомерного статистического анализа политических систем современных государств [Текст]. –М.: Изд-во «МГИМО-Университет», 2007. – С.93.
[2] Бэттлер, А. Национальные интересы, национальная и международная безопасность [Текст] / А. Бэттлер // Полис. Политические исследования. – 2002. –№4. –С.154.

менамояд. Як қатор олимон чунин давлатҳоро иттифоқчиёни терроризми трансмиллӣ номидаанд. Таъсисёбии «Ҳизбулло» дар Ливан, «Ҳаммос» дар Фаластин, «Ҷиҳоди исломии Фаластин», «Шоҳидони Ал-Ақсо» дар Иордания, «Ҷиҳоди исломии Миср», «ДИИШ» дар Сурия ва Ироқ, «Толибон» дар Афғонистон бо чунин мақсад алоқаманд дониста мешаванд[1].

Ғайр аз ин, бо мақсади татбиқи манфиатҳои миллию геополитикӣ як қатор давлатҳо дар муқобили рақибони худ, ё дар кишварҳои мавриди назари хеш роҳу усулҳои ғайрианъанавиро низ истифода мебаранд. Масалан, ҳуҷумҳои иттилоотӣ, киберҳуҷумҳо, ҳуҷумҳои психологӣ, таъсири манфӣ расонидан ба симои мароқангези давлату ҳукумат ва ғайраҳо. Тули солҳои охир чунин таҳдидҳо дар муқобили тоҷикон ва Тоҷикистон равона карда шудаанд. Таблиғи ғояҳои экстремистӣ ва радикалистӣ дар байни ҷавонони тоҷик, радикализатсияи муҳоҷирони меҳнатӣ, ба сафи ташкилотҳои террористию экстремистӣ ҷалб кардани ҷавонони кишвар, бо иштироки онҳо дар ҳудуди давлатҳои хориҷӣ анҷом додани амалҳои террористӣ натиҷаи ҳуҷумҳои иттилоотию психологии душманони миллат мебошанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 9-уми марти соли 2024 зимни мулоқот бо намояндагони фаъоли аҳли ҷомеа, олимон ва ходимони дин бо таассуф иброз доштанд, ки «Солҳои охир аз ҷониби баъзе шаҳрвандони Тоҷикистон дар ҳудуди дигар кишварҳои ҷаҳон амалҳои мудҳиши террористӣ содир шуда, ин кирдори ғайриинсонии онҳо ба обрӯи давлати тоҷикон ва миллати тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ иснод оварда истодааст. Тибқи маълумоти мавҷуда дар се соли охир 24 нафар шаҳрвандони мо дар 10 кишвари дунё ба амалҳои террористӣ, аз ҷумла дар анбӯҳи одамон таркондани худ даст задаанд»[2]. Мутаассифона, чунин

[1] Ниг.: Кулагин, В.М. Международная безопасность [Текст] / В.М. Кулагин. – М.: Аспект-Пресс, 2007. – С.91-95.
[2] Мулоқот бо намояндагони аҳли ҷомеа ва ходимони дини кишвар, 09.03.2024 [Захираи электронӣ]. –URL: http://president.tj/node/32922 (санаи муроҷиат: 04.04.2024)

амалҳои тахрибӣ дар муқобили Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз ҳам идома доранд.

Ҳамин тариқ, агар ҳамаи давлатҳо бо ҳудудҳои худ қонеъ мегардиданд ва ба хориҷи мамлакат таваҷҷуҳ намекарданд, ҳеҷ гуна радикализми динӣ, экстремизми сиёсӣ ва терроризм вуҷуд дошта наметавонист. Ғайр аз ин, агар манфиатҳои миллию геополитикии ҳамаи давлатҳо бо ҳамдигар мувофиқат мекарданд, ҳеҷ гоҳ бархӯрди онҳо ва пайдоиши таҳдидҳои беруна ба амал намеомаданд. Аммо воқеият чунин аст, ки дар ин самт баробарӣ ҳеҷ гоҳ вуҷуд надошт ва вуҷуд дошта ҳам наметавонад. Олимони соҳаи антропологияи сиёсӣ низ ба хулосае омадаанд, ки баробарӣ дар байни одамон, махсусан дар байни халқҳо ва миллатҳо ҳеҷ гоҳ вуҷуд дошта наметавонад[1]. Воқеан ҳам миллатҳо ва давлатҳо дар марҳилаҳои гуногуни рушду инкишоф қарор дошта, аз лиҳози фарҳангию психологӣ, мавқеи ҷуғрофӣ ва тафаккури иқтисодӣ аз ҳамдигар тафовут доранд. Аз ин рӯ, манфиатҳои миллию геополитикии онҳо низ бо ҳамдигар мувофиқат карда наметавонанд. Аз ин рӯ, таъмини баробарӣ роҳи ҳалли масъала шуда наметавонад, балки тағйири тафаккури сокинони кишвар бояд ба амал бароварда шавад. Дар заминаи пешбурди фаъолияти идеологӣ мафкураи сокинони кишвар бояд то он сатҳе бурда расонида шавад, ки онҳо барои дарки воқеиятҳои сиёсии замони муосир бояд қодир бошанд. Аз ҳама муҳим ин аст, ки онҳо акторҳои таъсиррасонии берунаро бояд шиносанд.

Дар адабиёти илмӣ акторҳои таъсиррасонии берунаро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудаанд: анъанавӣ, нав ва навтарин. Давлат, ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба, артиш, полис, ибодатхонаҳо ва ниҳодҳои таблиғотӣ акторҳои анъанавӣ номида мешаванд. ВАО-и электронӣ ва созмонҳои байналмилалӣ (ҳамчун неруи иттилоотӣ ва миёнаравҳои ҳалли низоъҳо) акторҳои нав мебошанд. Ширкатҳои фаромиллӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ (журналистикаи шаҳрвандӣ) ва блогерҳо акторҳои навтарин ба шумор

---

[1] Ниг.: Крадин, Н.Н. Политическая антропология [Текст] / Н.Н. Крадин. 2-е изд. испр. и доп. –М.: Логос, 2004. –272 с.

мераванд[1]. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, давлат ҳамчун актори асосии таъсиррасонии беруна ва манфиатҳои миллию геополитикии он ҳамчун сарчашмаи пайдоиши таҳдидҳои беруна боқӣ мемонад. Зеро як қатор давлатҳо қодиранд, ки миқдори зарурии акторҳои таъсиррасонии берунаро дар низоми манфиатҳои миллии худ ворид карда, фаъолияти онҳоро дар муқобили рақибони худ сафарбар созад.

Инчунин барои муайян кардани сарчашмаҳои пайдоиши таҳдидҳои беруна чунин омилҳо, ба монанди «симоҳои фаъоли геостратегӣ» ва «марказҳои геополитикӣ» бояд ба инобат гирифта шаванд. Яъне, давлат бояд муайян кунад, ки ба кадоме аз ин категорияҳо шомил аст. Симоҳои фаъоли геостратегӣ давлатҳое мебошанд, ки барои амалӣ кардани ҳокимият ва таъсиррасонӣ дар ҳудудҳои дигар қобилият ва иродаи миллӣ доранд. Марказҳои геополитикӣ бошанд, давлатҳое ҳастанд, ки аҳамияти онҳо аз нерумандӣ, ё тарзи рафтори онҳо вобаста нест, балки аз мавқее вобастааст, ки дар назди симоҳои фаъоли геополитикӣ осебпазирии онро ба вуҷуд меоварад[2]. Яъне, мавқеи ҷуғрофии давлат низ ба осебпазирии он таъсиргузор аст. Муҳаққиқони ватанӣ ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда, мавқеи геополитикии Тоҷикистонро вобаста ба ҷойгиршавии ҷуғрофии он муайян кардаанд. Халқҳо, таърих ва шароити имрӯзаи Тоҷикистон гуногунмазмун мебошанд. Мамлакат ба гиреҳи сарҳадие монанд аст, ки чӣ дар гузашта ва чӣ дар шароити имрӯза тамаддунҳои гуногунро аз ҳам ҷудо менамояд. Халқи Тоҷикистон дар чорроҳаи тамаддунҳо ҷойгир шуда, ҳамзамон бо ҳар роҳу восита ба онҳо пайваст шудаанд. Мавқеи геополитикии Тоҷикистон низ дар ҳамин ифода меёбад[3]. Дар шароити баамалоии бархӯрди тамаддунҳо зарбаи аввалро он давлатҳое

---

[1] Ниг.: Бальбек, Р.И. Технологии обеспечения политической стабильности в условиях внешных дестабилизирующих влияний (на примере Республики Крым) [Текст]: дис. … канд. полит. наук: 23.00.02 / Р.И. Бальбек. –М., 2019. –С.67.

[2] Ниг.: Бжезинский, З. Великая шахматная доска: господство Америки и его геостратегические императивы [Текст] / Пер. с англ. –М.: Изд-во «АСТ», 2015. – С.55-56.

[3] Ниг.: Махмадов, А.Н. Национальный интерес Таджикистана (Методическое руководство) [Текст] / А.Н. Махмадов, И.К. Асадуллаев. –Душанбе: ООО «Авесто», 2009. – С.53.

эҳсос мекунанд, ки марказҳои геополитикӣ мебошанд ва дар чорроҳаи тамаддунҳои ҷаҳонӣ қарор доранд. Ин гуна вазъият таҳдиди воқеӣ ба суботи сиёсии ин кишварҳо дониста мешавад. Ғайр аз ин, дар давраи гузариш қарор доштани ин давлатҳо осебпазирии онҳоро боз ҳам зиёдтар менамояд. Сиёсатшиноси амрикоӣ З. Бжезинский дар яке аз асарҳои навбатии худ чунин давлатҳо, ба монанди Грузия, Тайван, Кореяи Ҷанубӣ, Ҷумҳурии Беларус, Украина, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Покистон, Исроил ва Шарқи наздикро давлатҳои аз лиҳози геополитикӣ осебпазир муаррифӣ кардааст[1]. Аз ин рӯ, дар кишварҳои мазкур дар муқоиса бо давлатҳои дигар аз роҳбарияти сиёсӣ сар карда то шаҳрвандони қаторӣ бояд масъулияти дучанд ҳис намоянд ва зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд.

Ҳамин тариқ, бархӯрди манфиатҳои миллию геополитикӣ ва пайдоиши таҳдидҳои берунаро таҳлилу таҳқиқ намуда, ба чунин хулосаҳо расидем:

1. Барои оне, ки таҳдидҳои беруна ва сарчашмаҳои пайдоиши онҳо муайян карда шаванд, дар навбати аввал манфиатҳои миллию геополитикии давлатҳо бояд ба инобат гирифта шаванд. Зеро давлатҳо дар сиёсати хориҷии худ амалишавии манфиатҳои мазкурро доимо пайгирӣ менамоянд ва дар аксар маврид манфиатҳои миллию геополитикии давлатҳо бо ҳамдигар мувофиқат намекунанд, ки дар натиҷа бархӯрди онҳо ба амал меояд. Аз ин рӯ, барои муайян кардани таҳдидҳои беруна шинохти манфиатҳои миллӣ ва эътироф намудани бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ хеле зарур аст.

2. Бархӯрди манфиатҳои миллию геополитикии давлатҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ ва махсусан дар раванди рушди босуръати ТИИ хеле тезу тунд гардида истодааст. Гузашта аз ин, муборизаи абарқудратҳо барои фазоҳои геополитикӣ ва зери назорати худ қарор додани манбаҳои фазоҳои мазкур низ бархӯрди манфиатҳои геополитикиро афзоиш додаанд. Дар ин раванд,

---

[1] Ниг.: Бжезинский, З. Стратегический взгляд: Америка и глобальный кризис [Текст] / Пер. с англ. –М.: Изд-во «АСТ», 2015. – С.136-156.

ҳар яке аз бозигарони геополитикӣ кӯшиш менамояд, ки барои амалӣ гардонидани мақсадҳои худ роҳу воситаҳои гуногунро истифода барад. Дар ин раванд, инқилобҳои ранга, радикализми динӣ, экстремизми сиёсӣ, терроризм, сепаратизм ва баъзан миллатгароии этникӣ ҳамчун технологияҳои татбиқи ҳадафҳои геостратегӣ истифода бурда мешаванд.

3. Таҳдидҳои беруна шарту шароит ва амалҳое мебошанд, ки аз ҷониби акторҳои геополитикӣ роҳандозӣ гардида, дар дохили мамлакат бухронҳои мухталифи иҷтимоию сиёсиро ба вуҷуд меоваранд. Чунин амалҳо бо мақсади зарба задан ба легитимияти ҳокимияти давлатӣ, зери фишорҳои гуногун қарор додани давлат, бо роҳи ғайриқонунӣ ва ғайриконститутсионӣ, аз ҷумла тавассути инқилобҳои ранга ва ташкил кардани табаддулоти давлатӣ ба сари қудрат омадан, ё овардани неруҳои сиёсӣ, зери назорати худ қарор додани фазоҳои геополитикӣ, монеа эҷод кардан дар самти амалигардонии манфиатҳои миллӣ ҳадафмандона ташкил карда мешаванд. Баъзан чунин акторҳои сиёсати хориҷиро неруҳои тахрибкор низ меноманд, ки мақсади онҳо аз сатҳи маҳаллӣ ба сатҳи миллию минтақавӣ баровардани низоъ мебошад, ки дар ниҳоят ба мунокишаҳои рӯйирости неруҳои сиёсии дохили мамлакат оварда мерасонад.

4. Субъектҳои таъсиррасонии беруна гуногун мебошанд. Аммо субъекти марказии ин навъи таъсиррасонӣ давлат ба шумор меравад. Зеро давлатҳои пуриқтидор қодиранд, ки субъектҳои дигарро дар низоми манфиатҳои миллию геополитикии худ ворид намуда, онҳоро барои амалӣ гардонидани ҳадафҳои геостратегии хеш истифода баранд. Дар ин раванд, ширкатҳои фаромиллӣ, ташкилотҳои террористӣ, журналистикаи шаҳрвандӣ, васоити ахбори омма, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, созмонҳои минтақавӣ ва ғайраҳо ҳамчун василаи таъсиррасонии беруна дар хизмати сиёсати хориҷии давлатҳо қарор мегиранд.

## 2.2. Хусусияти пайдоиши таҳдидҳои дохилии кишвар дар шароити дигаргуншавии ҷомеа

Чи гунае ки аз таҳлилу баррасиҳои қаблӣ мушоҳида гардид, дар шароити муосир марказҳои таҳқиқотӣ ва олимони соҳа ба пажӯҳиши сарчашмаҳои пайдоиши таҳдидҳо ва муайян кардани хусусиятҳои бевоситаи онҳо диққати бештар дода истодаанд. Чунин вазъ бо тағйирёбии ҷаҳони муосир, пайдоиши таҳдиду хатарҳои нав ва тавсеаи миқёси онҳо алоқаманд мебошад. Дар баробари паҳлуҳои гуногуни ин масъала муайян кардани сабабҳои пайдоиши таҳдидҳои дохилӣ ва беруна, нишон додани таъсири байниҳамдигарии онҳо, меъёрҳои баҳогузорӣ кардани иқтидори ин гуна таҳдидҳо низ дар илмҳои сиёсии муосир мавқеи муҳимро ишғол кардаанд. Чунончӣ, Донишкадаи давлатии муносибатҳои байналмилалии Москва дар якҷоягӣ бо Донишкадаи лоиҳакашии ҷамъиятӣ ва бо дастгирии маҷаллаи «Эксперт» лоиҳаи инноватсионии илмию таҳқиқотиеро таҳия намуданд, ки дар он муаллифон ба масъалаи муайян кардани хусусиятҳои муҳимми таҳдидҳои дохилию беруна таваҷҷуҳи махсус додаанд[1]. Инчунин омӯзиши ин масъала дар таҳқиқоти олимони дигар низ афзалият пайдо карда истодааст. Аз ҷумла, дар таҳқиқоти Л.О. Терновая[2], А.М. Кривенко[3], К. Авазов[4], Б. Герардус[5], Д. Биго[6] ва дигарон хусусиятҳои бевоситаи таҳдидҳои дохилию беруна таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Чуноне ки маълум аст, вобаста ба сарчашмаи пайдоиш таҳдидҳоро ба ду навъ ҷудо мекунанд:

[1] Ниг.: Политический атлас современности: Опыт многомерного статистического анализа политических систем современных государств [Текст]. – М.: Изд-во «МГИМО-Университет», 2007. – 272 с.
[2] Ниг.: Терновая, Л.О. Внешние и внутренние угрозы безопасности: проблемы измерения [Текст] / Л.О. Терновая // Вестник Российской таможенной академии. –2009. –№2. –С.67-74.
[3] Ниг.: Кривенко, А.М. Внешние и внутренние угрозы и вызовы безопасности в Центральной Азии [Текст] / А.М. Кривенко // Военный академический журнал. –2016. –№4 (16). –С.107-113.
[4] Ниг.: Авазов, К. Внешние и внутренние угрозы современности, безопасность и стабильность в обществе и их взаимосвязь [Текст] / К. Авазов // Россия и мусульманский мир. –2017. –№7 (301). –С.102-114.
[5] Ниг.: Gerardus, B. Internal and External Threats. Third Edition. –London: Publisher «5STARCooks», 2017. –284 p.
[6] Ниг.: Didier, Bigo. Internal and External Aspects of Security // European Security, – 2006. –Vol. 15. –No.4. –P.385-404.

дохилӣ ва беруна. Дар ин қисми таҳқиқот таҳдидҳои дохилӣ бо назардошти дигаргуншавии ҷомеа ва дар алоқамандӣ бо манфиатҳои ҳаётан муҳимми кишвар таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Маълум аст, ки барои ҳар як кишвар як гурӯҳ манфиатҳо аҳамияти ҳаётӣ доранд. Аз ҷумла, истиқлолияти давлатӣ, сохти конститутсионии давлат, тамомияти ҳудудӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ, рушди устувори соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва ғайраҳо. Аз ин рӯ, барои таъмини ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои мазкур аз таҳдидҳои дохилӣ ва муайян кардани сарчашмаҳои пайдоиши ин гуна таҳдидҳо ба инобат гирифтани манфиатҳои ҳаётан муҳимми мамлакат хеле зарур мебошад.

Чи гунае, ки аз зербоби қаблӣ маълум гардид, дар аксар маврид таҳдидро дар алоқамандӣ бо манфиатҳои миллӣ шарҳу тавзеҳ медиҳанд. Таҳдидҳо на танҳо амалишавии манфиатҳоро ғайриимкон мегардонанд, балки барои онҳо хавфу хатар эҷод мекунанд. Дар чунин шароит масъалаи ҳимояи манфиатҳои миллӣ пеш меояд, ки бо ин мақсад таъмини амният ҳамчун фаъолияти сиёсӣ ташаккул меёбад. Агар ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои миллӣ таъмин карда шавад, рушду инкишоф ва пешрафт ҳамчун натиҷаи ин гуна фаъолият ба мушоҳида мерасад. Аз ин рӯ, робитаи манфиатҳои миллӣ бо таҳдидҳо масъалаи бебаҳс аст ва шарҳу тавзеҳи таҳдидҳои дохилӣ низ бо назардошти манфиатҳои миллӣ мувофиқи мақсад мебошад. Бинобар ин, таҳдидҳои дохилиро дар навбати аввал дар робита бо таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва ташаккули истиқлолияти миллӣ шарҳу тавзеҳ додан зарур аст. Зеро истиқлолияти давлатӣ ҳамчун манфиати ҳаётан муҳим барои ташаккули давлатдории миллӣ аҳамияти хосса дошта, доимо зери таҳдиду хатарҳои гуногун қарор мегирад. Инчунин омӯзиши таҳдидҳои дохилӣ бо назардошти ҳифзи суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ низ хеле муҳим аст.

Бояд гуфт, ки дар илмҳои сиёсӣ корбурди мафҳуми «истиқлолият» яке аз масъалаҳои баҳсбарангез мебошад. Гузашта аз ин, ба омӯзиши истиқлолият илмҳои гуногуни ҷомеашиносӣ машғул мешаванд. Аммо дар

доираи илмҳои сиёсӣ онро ҳамчун манфиати миллӣ муаррифӣ менамоянд. Ҳангоми истифодаи мафҳуми «истиқлолият» номушаххасӣ дар мавриди таносуб ва тафовути мафҳумҳои «истиқлолияти давлатӣ» ва «истиқлолияти миллӣ» ба мушоҳида мерасад. Махсусан, дар илмҳои ватанӣ чунин ҳолатро хеле зиёд мушоҳида кардан мумкин аст. Аммо ин масъала дар доираҳои илмии кишварҳои хориҷӣ то дараҷаи зарурӣ ҳаллу фасл гардидааст. Масалан, дар забони англисӣ истиқлолияти давлатӣ бо мафҳуми «state sovereignty» ва истиқлолияти миллӣ «national independence» ифода карда мешаванд. Олимони рус низ мафҳуми аввалро «государственный суверенитет» ва дуюмро «национальная независимость» номидаанд. Мо низ бояд мафҳуми аввалро ҳамчун «суверенитети давлатӣ» ва мафҳуми дуюмро ҳамчун «истиқлолияти миллӣ» қабул намоем. Зеро истифодаи як мафҳум барои ифодаи ду масъалаи аз ҳамдигар фарқкунанда нофаҳмиҳоро ба вуҷуд меоварад. Барои асоснок кардани гуфтаҳои боло бояд қайд намуд, ки суверенитети давлатӣ мавқеъ аст ва истиқлолияти миллӣ бошад ҳолат аст. Суверенитети давлатиро дар дохили кишвар эълон менамоянд ва онро аз берун давлатҳои дигар эътироф мекунанд. Сатҳи эътирофи суверенитети давлатӣ ҳам хусусияти сифатӣ ва ҳам миқдорӣ дорад. Дар маҷмуъ, сатҳу сифати эътирофи суверенитети давлатӣ аз ҷониби давлатҳои дигар ба воситаи истиқлолияти соҳаҳои дигар ва рушди онҳо таъмин карда мешавад.

Баъд аз оне, ки суверенитети давлатиро кишварҳои гуногуни олам ба расмият мешиносанд, давлат дар арсаи сиёсати хориҷӣ ва низоми муносибатҳои байналмилалӣ ҳамчун субъекти мустақил ворид гардида, дар доираи ҳуқуқи байналмилалӣ як қатор уҳдадориҳо ва ҳуқуқҳоро соҳиб мегардад. Бинобар ин, гуфтан мумкин аст, ки суверенитети давлатӣ ифодагари мақоми давлат дар арсаи байналмилалӣ аст. Гузашта аз ин, суверенитети давлатӣ нишонаи аввал ва асосии давлатдории миллӣ аст ва онро бо назардошти чунин хусусият манфиати ҳаётан муҳим меноманд.

Истиқлолияти миллӣ бошад ҳамчун инъикосгари рушди соҳаҳои гуногуни мамлакат барои таҳкими мавқеи сиёсии давлат зарур аст. Аз ин рӯ,

гуфтан мумкин аст, ки истиқлолияти миллӣ ҳолат аст. Яъне, вазъи рушди соҳаҳои гуногуни мамлакат ва сатҳи вобастагии давлат аз давлатҳои дигар ифодагари дараҷаи зоҳиршавии истиқлолияти миллӣ мебошад. Ҳамзамон истиқлолияти миллӣ вобаста ба соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, ё соҳаҳои ҳаётан муҳимми мамлакат метавонад ба намудҳои гуногун ҷудо шавад. Чунончӣ, истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, ҳарбӣ, илмию технологӣ, кадрӣ, энергетикӣ, фикрӣ ва ғайраҳо. Дар чунин маврид рушду инкишоф ҳамчун омили меҳварии муайянкунандаи сатҳу сифати истиқлолияти миллӣ бояд интихоб гардад. Зеро чи қадаре, ки рушди як соҳаи мушаххас ба амал бароварда шавад, ҳамон қадар вобастагии кишвар дар соҳаи мазкур коҳиш меёбад, ва баръакс чи қадаре, ки таназзул дар соҳаи мазкур ба мушоҳида расад, сатҳи вобастагӣ низ меафзояд. Масалан, истиқлолияти энергетикӣ ҳолате мебошад, ки дар шароити мавҷудияти он дар мавриди қонеъ намудани талаботи энергетикии ҷомеа иқтидори зарурӣ ба вуҷуд оварда мешавад ва воридоти он коҳиш меёбад, ки дар натиҷа вобастагии энергетикии мамлакат аз кишварҳои дигар аз байн меравад ва дар ин самт мамлакат истиқлолияти комил ба даст меоварад. Ба ҳамин монанд яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «расидан ба истиқлолияти энергетикӣ» ташкил медиҳад, ки давлату хукумат дар ин самт ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидаанд ва дар идомаи ин икдом қадамҳои устувор гузошта истодаанд. Аз ин рӯ, рушди сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, илмию техникӣ ва ғайраҳо манфиатҳои хеле муҳим ба шумор рафта, барои таҳкими пояҳои истиқлолияти давлатӣ зарурати хосса доранд. Инчунин шарту шароити ба рушди соҳаҳо мусоидаткунанда низ манфиатҳои муҳим мебошанд.

Дар мавриди мавқеи мафҳумҳои «суверенитети давлатӣ» ва «истиқлолияти миллӣ» суханронӣ намуда, қайд кардан зарур аст, ки мафҳуми якум манфиати ҳаётан муҳим (шарти асосии бақои давлату миллат) ва дуюм манфиатҳои муҳим (таҳкимбахши пояҳои давлатдорӣ ва устуворкунандаи суботи сиёсӣ) мебошанд. Аз ин рӯ, ҳам суверенитети

давлатӣ ва ҳам истиқлолияти миллӣ доимо зери фишори таҳдиду хатарҳо қарор доранд ва таъмин кардани ҳолати ҳимоятшавандагии онҳо шарти асосии ба амал баровардани рушди соҳаҳои гуногуни мамлакат ва беҳтару хубтар гардонидани амнияти миллӣ ва имиҷи дохилию хориҷии кишвар маҳсуб меёбанд.

Дар замони муосир барои ҳар як мамлакат ҳифзу бақои суверенитети давлатӣ барои ташаккули давлатдории миллӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Дар навбати худ таҳкими пояҳои суверенитети давлатӣ аз рушди бомароми соҳаҳои гуногуни ҷомеа вобаста буда, гузариш аз як марҳила ба марҳилаи дигари рушду инкишофро тақозо менамояд. Зеро рушду инкишоф, махсусан, рушди иқтисодиву сиёсӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, илмию техникӣ имкон медиҳанд, ки вобастагии давлату миллат аз кишварҳои хориҷӣ коҳиш дода шавад. Рушди миллӣ имкон медиҳад, ки давлат дар арсаи ҷаҳонӣ рақобатпазирии худро баланд бардорад ва дар баробари истеъмолгар ба истеҳсолгари маҳсулот ва хизматрасониҳои ба талаботи давру замон ҷавобгӯ машғул шавад. Дар чунин шароит ҷомеа қодир мегардад, ки талаботи объективии худро мустақилона қонеъ созад.

Барои таъмин кардани рушди соҳаҳои гуногуни ҷомеа давлатҳои миллӣ як қатор ҳадафҳои стратегие қабул мекунанд, ки амалишавии онҳо имкон медиҳад ҷомеа аз як марҳилаи рушду инкишоф ба марҳилаи навбатии он гузарад. Аммо дар раванди амалишавии онҳо монеаҳое пайдо мешаванд, ки татбиқи ин гуна стратегияҳоро қисман, ё пурра ғайриимкон мегардонанд. Ин гуна монеаҳо таҳдидҳое мебошанд, ки дар шакли шарту шароит ва омилҳои гуногун зоҳир гардида, ба ҳадафҳои стратегии давлату ҳукумат таъсири манфӣ мерасонанд ва расидан ба ормонҳои миллиро то як давраи муайян номумкин мегардонанд. Аз ин рӯ, омӯзиши таҳдидҳо, махсусан таҳдидҳои дохилӣ имкон медиҳад, ки сабабҳои пайдоиши онҳо муайян карда шаванд ва барои бартараф кардани онҳо қарорҳои дахлдор қабул гарданд.

Ҳамин тариқ, таҳдидҳо дар маҷмуъ ва таҳдидҳои дохилӣ дар алоҳидагӣ дар самти амалишавии манфиатҳои миллӣ ва мақсадҳои стратегӣ монеа мешаванд. Гузашта аз ин, мақсадҳои стратегӣ идомаи мантиқии манфиатҳои миллӣ мебошанд ва аз ин рӯ, баррасӣ кардани моҳияти таҳдидҳои дохилӣ дар алоқамандӣ бо мақсадҳои мазкур хеле зарур аст.

Бояд гуфт, ки ба амал баровардани рушди соҳаҳои гуногуни мамлакат, марҳила ба марҳила беҳтар гардонидани сатҳу сифати зиндагии шаҳрвандон, таъмин кардани волоияти қонун ва дар маҷмуъ таъмини амнияти миллӣ вазифаҳои бунёдии ҳар як давлат мебошанд. Аммо ҳамаи ин корҳо барои таъмин кардани хушбахтии аҳолӣ анҷом дода мешаванд. Ба қавли Арасту «ташкил кардани ҳаёти арзанда мақсади ҳамаи давлатҳо ба ҳисоб меравад ва дигар корҳо барои амалишавии ин мақсад анҷом дода мешаванд»[1]. Ба андешаи Ф.Фукуяма бошад, «давлат ҳокимиятро дар дасти худ мутамарказ намуда, истифода мебарад, то ки шаҳрвандони худро ба қонунҳои давлат тобеъ созад ва ҳамзамон кишварро аз давлатҳои дигар ва таҳдидҳои мавҷуда ҳимоя кунад»[2]. Аз ин рӯ, рушди давлат, таҳкими пояҳои давлатдорӣ, дастгирии идеологияи давлатӣ, ҳифзи суботи сиёсӣ ва ҳимояи сохти конститутсионии давлат барои ҳар як миллат аҳамияти ҳаётан муҳим доранд.

Ҳамин тариқ, давлатҳо ба хотири иҷроиши вазифаҳои худ ҳадафҳои стратегие қабул мекунанд, ки онҳо барои татбиқи мақсадҳо ва манфиатҳои миллӣ нигаронида шудаанд. Дар ин раванд мушоҳида кардан мумкин аст, ки аз ҷониби давлатҳо консепсияҳо, барномаҳо, стратегияҳо, махсусан, ҳадафҳои стратегӣ, нақшаҳои миллӣ ва монанди инҳо қабул мегарданд. Баъзеи онҳо метавонанд хусусияти соҳавӣ ва баъзеи онҳо хусусияти миллӣ дошта бошанд. Масалан, барои таъмини рушди минбаъдаи соҳаи илм давлат метавонад стратегияи марбут ба ин соҳа, барои рушди иқтисодӣ стратегияи

[1] Аристотель. Политика [Текст] / Пер. с древнегреч. С. Жебелева. –М.: Эксмо, 2018. – С.125.
[2] Фукуяма, Ф. Государственный порядок: научно-популярное издание [Текст] / Пер. с англ. В.Л. Гончарова. –М.: Изд-во «АСТ», 2015. –С.37.

дахлдори ин соҳа ва барои соҳаҳои дигар ҳамин гуна барномаҳо ва стратегияҳо қабул намояд. Инчунин давлатҳо барои ҳалли мушкилиҳо ва ҳатто барои мубориза бо таҳдиду хатарҳо низ метавонанд стратегияҳои гуногун қабул кунанд. Масалан, стратегияи «мубориза бо терроризм ва экстремизм», стратегияи «паст кардани сатҳи камбизоатӣ» ва ғайраҳо ба ин категория шомиланд.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки муваффақияти давлат дар самти амалигардонии ҳадафҳои миллӣ аз он вобастааст, ки вай таҳдидҳои дохилиро то кадом андоза ба таври дуруст муайян менамояд ва то кадом андоза барои аз байн бурдан, ё коҳиш додани таъсири манфии онҳо чораандешӣ мекунад. Ба ҳамин монанд, таҳдидҳои дохилӣ, аз қабили радикализми динӣ, сиёсикунонии дин, тассубгарой, хурофотпарастӣ, тақлид ба фарҳанги бегона, экстремизми сиёсӣ, терроризм, ҷинояткорӣ, нашъаҷалобию нашъамандӣ ва ғ. сабабҳои бунёдие доранд, ки ҳалли онҳо боиси аз байн рафтани ин мушкилиҳо мегарданд. Ҳамзамон худи онҳо низ метавонанд сабабгори пайдоиши мушкилиҳои дигар шаванд. Чунин хусусияти таҳдидҳо имкон медиҳад, бо боварӣ иброз намоем, ки таҳдидҳои дохилӣ на танҳо сарчашмаи пайдоиш ва сабабҳои мушаххаси худро доранд, балки яке сабаби пайдоиши дигар, яке сабаби тавсеа ва паҳншавии таҳдидҳои дигар мешаванд.

Бо назардошти рушди тадриҷии соҳаҳои ҳаётан муҳимми мамлакат гуфтан мумкин аст, ки як қатор таҳдидҳо аз давраи гузариш ва дигаргуниҳои иҷтимоию сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ вобастаанд. Аз ҷумла, гузариш аз як сохтори ҷамъиятӣ ба сохтори дигар, ки дар кишварҳои пасошуравӣ дар натиҷаи пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ба амал омад, метавонад мушкилиҳои гуногунро ба вуҷуд оварад. Давраи гузариш равандиислоҳотие мебошад, ки дар он қабул кардани арзишҳои сохтори нав ва тадриҷан аз байн бурдани арзишҳои сохтори пештара ба мушоҳида мерасад. Аммо раванди даст кашидан аз арзишҳои сохтори пештара ва тадриҷан қабул кардани арзишҳои сохтори нав як масъалаи хеле ҳассос аст.

Вобаста ба ин масъала антропологи фаронсавӣ Г.Лебон иброз намуда буд, ки «агар ба одамон талқин кардани як идея мушкил бошад, аз байн бурдани идеяҳои куҳна аз он ҳам мушкилтар аст»[1]. Аз ин рӯ, мушкилии асосӣ тағйироти сохторӣ, ё ислоҳоти сиёсию иқтисодӣ нест, балки мушкилии асосӣ дар тафаккури одамон ва мушкил будани тағйирдиҳии шуури онҳо аст. Дар ин раванд, нақши низоми маориф, муассисаҳои фарҳангӣ ва воситаҳои ахбори омма хеле зиёд аст.

Бояд таъкид намуд, ки таҳдидҳои дохилӣ дар шароити мамлакатҳои алоҳида дар сатҳҳои гуногун ва дар шаклҳои гуногун зоҳир мешаванд. Инчунин вобаста ба он, ки мамлакат дар кадом марҳилаи рушду инкишоф қарор дорад, таҳдидҳои дохилӣ метавонанд таъсири бештар, ё камтар дошта бошанд. Як қатор давлатҳо қодиранд, ки доираи васеи таҳдидҳои дохилиро безарар гардонанд, дар ҳоле ки баъзе давлатҳои дигар таҳдидҳои дохилии худро на танҳо аз байн бурда наметавонанд, балки қисме аз онҳоро дарк накардаанд. Гузашта аз ин, як қатор таҳдидҳое мавҷуданд, ки хоси мамлакати мушаххасанд, аммо онҳо дар кишварҳои дигар мушоҳида намегарданд. Масалан, як қатор давлатҳо аз нарасидани оби ошомиданӣ азият мекашанд, аммо дар баъзе давлатҳои дигар ин гуна таҳдид вуҷуд надорад. Ба ҳамин монанд, терроризм дар як қатор кишварҳо таҳдиди воқеӣ мебошад, аммо дар баъзе кишварҳо таъсири он хеле ночиз аст. Дар баъзе кишварҳо камшавии аҳолӣ, ва баръакс дар кишварҳои дигар зиёдшавии аҳолӣ давлатҳоро ба ташвиш овардааст[2]. Аз ин рӯ, таҳдидҳои дохилӣ бояд бо назардошти мавқеи ҷуғрофии кишвар, марҳилаҳои рушду инкишофи он, сатҳи рушди соҳаҳо ва дигар омилҳо баҳогузорӣ карда шаванд. Дар ин маврид ба инобат гирифтани давраи гузариш ва тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ низ хеле муҳим мебошад.

---

[1] Лебон, Г. Психология народов и масс [Текст] / Пер. с франц. –М.: Изд-во «АСТ», 2019. – С.5.

[2] Ниг.: Политический атлас современности: Опыт многомерного статистического анализа политических систем современных государств [Текст]. –М.: Изд-во «МГИМО-Университет», 2007. – С. 84-113.

Инчунин қайд кардан бамаврид аст, ки як қатор таҳдидҳои дохилӣ дар зери таъсири таҳдидҳои беруна пайдо мешаванд. Зеро рақибони пуриқтидор аз берун истода равандҳои созандаи дохилиро назорат менамоянд ва кӯшиш мекунанд, ки вазъияти як соҳаи мушаххас беҳтар нашавад. Чунин тамоюлотро раванди ба вуҷуд овардани осебпазирии ҷомеа номидан мумкин аст. Як қатор давлатҳо ба воситаи фондҳо, агентиҳо, ниҳодҳои идеологию иттилоотии худ кӯшиш менамоянд, ки ба зеҳну тафаккури оммаи мардум, махсусан ба афкори ҷавонон таъсиргузорӣ намоянд ва дидгоҳҳои онҳоро тағйир диҳанд. Дар ин самт ташкилотҳои террористию экстремистӣ муваффақияти бештар доранд. Онҳо дастовардҳои илмҳои психология ва сотсиологияро истифода намуда, ҷавононро мағзшӯӣ менамоянд ва ба сафи ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистӣ шомил месозанд. Ғайр аз ин, ҷангҳои иттилоотӣ, ҳуҷумҳои иттилоотӣ, таъсири неруи нарм, дигаргуниҳои муҳити берунаи кишвар ва монанди инҳо ба афкори ҷамъиятӣ таъсири амиқ расонида, барои ба амал омадани инқилобҳо, табаддулоти давлатӣ, ё халалдор шудани суботи сиёсӣ замина мегузоранд.

Аз даврахои қадим сар карда то ба имрӯз яке аз таҳдидҳои пуриқтидори дохилӣ хавфи ба амал омадани инқилобҳо ва табаддулоти давлатӣ мебошад. Чунин ҳолат бо ташаббуси неруҳои сиёсию иҷтимоии дохилӣ ба амал бароварда мешавад. Ҳанӯз дар аҳди қадим ба ин масъала Арасту таваҷҷуҳ намуда, бо кадом мақсад ба амал баровардани табаддулоти давлатиро асоснок намуда буд. Ба ақидаи ӯ, баъзан вақт бо мақсади тағйир додани сохтори давлатӣ неруҳои сиёсӣ даст ба табаддулоти давлатӣ мезананд. Масалан, сохтори демократиро мехоҳанд олигархӣ кунанд, ва бараъкс сохтори олигархиро демократӣ, олигархию демократиро мехоҳанд ба аристократӣ табдил диҳанд. Баъзан вақт табаддулоти давлатӣ бо мақсади ба даст овардани ҳокимият анҷом дода мешавад, ки дар натиҷа сохтори

давлатӣ бетағйир нигоҳ дошта мешавад[1]. Дар шароити муосир бошад дар баъзе ҷомеаҳо неруҳои сиёсӣ, аз ҷумла неруҳои исломӣ кӯшиш менамоянд, ки давлатҳои дунявиро ба теократӣ табдил диҳанд ва баръакс, баъзе неруҳои дигар теократиро ба дунявӣ табдил додан мехоҳанд. Масалан, дар кишварҳои Осиёи Марказӣ хатари бо роҳи инқилоб, ё табаддулоти давлатӣ тағйир додани сохти конститутсионии давлат кайҳост арзи ҳастӣ менамояд. Зеро дар минтақа шумораи зиёди ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистие пинҳонӣ амал менамоянд, ки онҳо идеологияи радикализми исломиро паҳн намуда, мехоҳанд давлати исломӣ таъсис диҳанд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиши ба амал баровардани табаддулоти давлатӣ моҳи сентябри соли 2015 дар фаъолияти тахрибии ТЭТ ҲНИ мушоҳида гардида буд.

Файласуфи англис Ҷ.Локк низ ба масъалаи ноустувор гардонидани низоми идоракунии давлатӣ андешаҳои худро баён карда, онро аз ҳуҷумҳои беруна вобаста донистааст. Аммо ӯ иброз медорад, ки дар аксар маврид низоми идоракунии давлатӣ дар зери таъсири неруҳои дохилӣ заиф гардонида мешавад[2]. Олими амрикоӣ Э. Лютвак дар мавриди табаддулоти давлатӣ таҳқиқоти алоҳида анҷом дода, унсурҳои таркибӣ ва шаклҳои зоҳиршавии онҳоро нишон додааст. Аз ҷумла, дар таҳқиқоти ӯ инқилоб, ҷанги шаҳрвандӣ, исён, ҷангҳои миллию озодихоҳӣ, ҳаракатҳои шӯришгарӣ ва ғ. навъҳои гуногуни табаддулоти давлатӣ номида мешаванд[3]. Ӯ агарчанде дар зери таъсири омилҳои беруна ташкил шудани табаддулоти давлатиро эътироф намуда бошад ҳам, аз неруҳои сиёсию иҷтимоии дохили мамлакат вобаста будани онро ишора менамояд. Зеро табаддулоти давлатӣ ба воситаи неруҳои зиддиҳукуматию зиддидавлатӣ анҷом дода мешавад.

---

[1] Ниг.: Аристотель. Политика [Текст] / Пер. с древнегреч. –М.: Эксмо, 2018. – С.216.
[2] Ниг.: Локк, Дж. Сочинения в 3 томах. Т.3. [Текст] / Пер. с англ. –М.: Изд-во «Мысль», 1988. – С.384-385.
[3] Ниг.: Лютвак, Э. Государственный переворот. Практическое пособие [Текст] / Пер. с англ. –М.: Русский Фонд содействия образованию и науке, 2012. –326 с.

Аммо эътироф бояд кард, ки дар бисёре аз мавридҳо чунин воқеаҳо бо дахолати давлатҳои хориҷӣ ба амал меоянд. Мавҷудияти ҳизбу ҳаракатҳои зиддиҳукуматӣ ба он хотир хатарнок аст, ки дар аксар маврид онҳоро аз берун маблағгузорӣ намуда, кӯмаку дастгирӣ мекунанд ва барои расидан ба мақсадҳои геополитикии худ истифода мебаранд. Муҳаққиқи амрикоӣ Ҷ.Шарп дар таҳқиқоти худ иброз медорад, ки «қувваҳои асосии мубориза бояд дар дохили система амал намоянд. Ҳаҷм ва мавҷудияти кумакҳои байналмилалӣ муборизаҳои дохилиро метезонанд»[1].

Аммо бо назардошти пешрафти илму техника гуфтан мумкин аст, ки айни замон суръати тағйиротҳо хеле баланд гардида истодаанд. Дигаргуниҳое, ки дар асрҳои гузашта дар муддати 50-100 сол ба амал меомаданд, дар шароити имрӯза дар муддати 10 сол рух медиҳанд. Як насл шоҳиди чандин тағйирот мешавад. Масалан, дар солҳои 90-уми асри гузашта интернет ва телефони мобилӣ ба мисли афсона буд. Аммо айни замон зиёда аз 66% аҳолии курраи замин онҳоро истифода менамоянд ва ҳамаи ширкатҳои тиҷоратию молиявӣ бе онҳо фаъолият карда наметавонанд. Баъди даҳ соли дигар инсоният шоҳиди он мегардад, ки зеҳни сунъӣ чи гуна вориди ҳаёти ҷамъиятӣ мешавад. Ҳамаи ин натиҷаи инқилоби чоруми саноатӣ ва инқилобҳои иттилоотӣ мебошанд. Дар баробари инқилобҳои чоруми саноатию иттилоотӣ, инчунин се инқилоби дигарро низ мушоҳида кардан мумкин аст. 1) Инқилоби зиёдшавӣ; 2) Инқилоби зудҳаракатӣ; 3) Инқилоби зеҳнӣ.

Дар замони муосир ҳамаи чизҳо зиёд шуда истодаанд: одамон, хизматрасониҳо, молу маҳсулот, доруҳо, корхонаҳо, ҳизбу ҳаракатҳо, таҷҳизоти техникӣ ва ғ. Ин хусусияти инқилоби зиёдшавӣ мебошад. Дар натиҷаи рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва дастраси ҳамагон гардидани сарчашмаҳои иттилоотӣ ҳаракати одамон низ зиёд гардидааст. Одамон аз деҳаҳо ба шаҳр, аз шаҳрҳои хӯрд ба шаҳрҳои калон ва аз як кишвар ба

---
[1] Шарп, Д. От диктатуры к демократии: Стратегия и тактика освобождения. 2-е изд. [Текст] / Пер. с англ. –М.: Новое издательство, 2012. – С.51-52.

кишвари дигар бе ягон мушкилӣ сафар менамоянд. Ин нишонаи инқилоби зудҳаракатӣ мебошад. Технологияҳои иттилоотӣ, шабакаи интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ, шабакаҳои гуногуни телевизионӣ, компютер ва дигар таҷҳизоти техникӣ зеҳну тафаккури одамонро ба куллӣ тағйир медиҳанд. Одамон ҳаёти худро бо ҳаёти дигарон, ҷомеаи худро бо ҷомеаи дигарон, касби худро бо касби дигарон муқоиса менамоянд, ки дар натиҷа талаботи онҳо низ меафзояд. Ин нишонаи инқилоби зеҳнӣ мебошад[1]. Дар чунин шароит ба талаботи давру замон мутобиқ гардонидани донишу ҷаҳонбинии мутахассисони ҷавон тақозои замон аст. Аммо хурофотпарастӣ, таассубгароӣ, тақлид ба фарҳанги бегона ва гаравидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистию террористӣ дар самти ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва рушди касбии ҷавонон таъсири манфӣ расонида истодааст. Бояд гуфт, ки тули ду даҳсолаи охир бо кӯшишу талошҳои давлату ҳукумат, бахусус бо ташаббуси Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои таҳсили ҷавонон ва илмомӯзиву касбомӯзии онҳо ҳама гуна шароит фароҳам оварда шудааст. Сохта ба истифода додани китобхонаҳо, ташкили синфхонаҳои компютерӣ, пайваст кардани онҳо ба шабакаи интернет, чопи китобҳои дарсии насли нав, ба истифода додани биноҳои таълимии замонавӣ, ташкили озмунҳои ҷумҳуриявӣ, таъсиси доираи васеи идрорпулиҳо иқдомҳое мебошанд, ки ҳамагӣ барои дастгирии ҷавонон равона шудаанд. Аммо ба ҳамаи ин нигоҳ накарда як зумра ҷавонон ба дом фиреби ташкилотҳои террористию экстремистӣ меафтанд ва манфиатҳои миллии кишвари худро зери хавфу хатар қарор медиҳанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 09-уми марти соли 2024 зимни суханронии худ дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар аз чунин тамюлоти манфӣ изҳори нигаронӣ намуда, онро ба таври зерин баён карданд: «бар ивази ҳамаи

---

[1] Ниг.: Наим, М. Конец власти. От залов заседаний до полей сражений, от церкви до государства. Почему управлять сегодня нужно иначе [Текст] / Пер. с англ. –М.: Изд-во «АСТ», 2016. – С.94-125.

тадбирҳои то имрӯз амалигардида ва дастгириву пуштибонии давлату Ҳукумат ҷиҳати муътадил нигоҳ доштани вазъи динӣ дар мамлакат таассубу хурофот, тафриқаандозӣ, бегонапарастиву зиёдаравӣ, ифротгароӣ ва амалҳои терористии хусусияти динидошта ба омили ташвишовар ва нигаронии ҷиддӣ табдил ёфта истодааст. … Дар ҳоле, ки аксар кишварҳои исломии ҷаҳон босуръат рушд карда, бо омӯзиши илмҳои муосир, ҳатто барои фатҳи кайҳон кӯшиш менамоянд, дар ҷомеаи мо гароиши баъзе шаҳрвандон ба хурофотпарастиву ифротгароӣ ва таҳсилоти ғайриқонунии динӣ афзоиш ёфта истодааст»[1]. Вобаста ба ин масъала як воқеиятро бояд эътироф кард: он нафароне, ки зери таъсири хурофотпарастию таассубгароӣ аз ғояҳои радикалистони динӣ пуштибонӣ мекунанд ва дар муқобили сиёсати пешгирифтаи давлату ҳукумат баромад менамоянд, аз низоми манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон кайҳо берун шудаву дар низоми манфиатҳои миллии хоҷагони хориҷии ин ташкилотҳои террористӣ ворид шудааст. Чунин раванд воқеан ҳам ба суботи сиёсӣ ва амнияти миллии кишвар хатарзо мебошад.

Масъалаи дигаре, ки барои муайян кардани таҳдидҳои дохилӣ зарур аст, ин ба инобат гирифтани дараҷаҳои зоҳиршавии таҳдид мебошад. Зеро таҳдидҳо аз рӯйи дараҷаи зоҳиршавии худ дар сатҳи фаъолияти фардӣ (ба мақсадҳои шахсӣ), дар сатҳи фаъолияти гурӯҳӣ (ба мақсадҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ, созмонҳо) ва дар сатҳи миллӣ (ба мақсадҳои миллӣ) метавонанд пайдо шаванд. Мо дар раванди баррасии ин масъала таҳдидҳои сатҳи миллӣ ва таҳдидҳо ба мақсадҳои миллиро дар назар дорем. Зеро, ҳар он чизе, ки барои ҷомеа муфид аст, барои аъзоёни он низ муфид мебошад. Аммо на ҳамаи он чизе, ки барои шахсони алоҳида, ё гурӯҳҳои алоҳида муфид аст, барои ҷомеа муфид буда метавонад. Бо назардошти ин, гуфтан мумкин аст, ки бархӯрди манфиатҳои шахсию гурӯҳӣ бо манфиатҳои миллӣ яке аз

[1] Суханронӣ дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар, 09.03.2024 [Захираи электронӣ]. –URL: https://www.president.tj/event/speeches/37084 (санаи муроҷиат: 25.06.2024)

сабабҳои дигари пайдоиши таҳдидҳои дохилӣ мебошанд. Ба ибораи дигар, замоне ки дар рафтори одамони алоҳида манфитаҳои шахсию гурӯҳӣ нисбат ба манфиатҳои миллӣ боло гузошта мешаванд, таҳдидҳои дохилӣ пайдо мегарданд.

Тарзи ҳаёти шахс, ҷомеа ва давлат ҳамчун объекти амнияти миллӣ ифодагари манфиатҳои умумӣ мебошанд, ки онҳо дар маҷмуъ манфиатҳои миллиро ташаккул медиҳанд. Манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат ҳар қадаре, ки бо ҳам мувофиқ бошанд, ҳамон қадар муносибатҳои мутақобилаи ҷомеа ва давлат беҳтар гардида, рушди бомарому устувори онҳо таъмин мегардад. Чунин ҳолатро дар соҳаи амниятшиносӣ «гармонизатсияи» манфиатҳои миллӣ меноманд, ки маънояш бо ҳамдигар мувофиқат намудан ва бо ҳамдигар мухолифат надоштани манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат аст.

Муҳоҷирати аҳолӣ низ метавонад ҳамчун таҳдиди дохилӣ дониста шавад. Аммо дар шароити муосир онро аз ду мавқеъ бояд баҳогузорӣ намуд. Якум, аз мавқеи кишварҳои муҳоҷирпазир ва дуюм, аз мавқеи кишварҳои интиқолдиҳандаи муҳоҷирон. Дар кишварҳои муҳоҷирпазир муҳоҷирон сабаби ба амал омадани низоъҳои гуногун мешаванд. Пеш аз ҳама, аз ҳузури муҳоҷирон аҳолии таҳҷоӣ нороҳат шуда, ҳизбу ҳаракатҳои миллатгароию мазҳабиро ташкил менамоянд. Инчунин хавфи ба воситаи муҳоҷирон ба дохили мамлакат ворид шудани террористону экстремистон низ ба вуҷуд меояд.

Дар кишварҳои интиқолдиҳандаи муҳоҷирон бошад хавфи дар хориҷи мамлакат ба сафи ташкилотҳои террористию экстремистӣ шомил гардидани ҷавонон ба вуҷуд меояд. Инчунин, баъзе ҷавонони қобилиятнок ва боистеъдод, ки барои кору таҳсил ба хориҷа сафар намудаанд, кишварҳои хориҷиро макони доимии зисти худ интихоб менамоянд, ки аз ин ҳолат низ мамлакат зарару зиён мебинад. Дар алоқамандӣ бо ин гуфтан мумкин аст, ки яке аз мушкилиҳои дигаре, ки ҳамчун таҳдиди дохилӣ бояд шинохта шавад, фирори мағзҳо мебошад. Дар шароите, ки рушди соҳаҳои гуногуни

ҷамъиятӣ аз донишмандону мутахассисони боистеъдод вобаста мешавад, давлатҳои гуногуни олам барои ҷалби мутахассисони варзида кӯшиш мекунанд. Мутахассисону донишмандон воқеан ҳам дар рушди ҷомеа ва иқтисоди миллӣ саҳми арзанда мегузоранд.

Айни замон муҳоҷирати донишмандон дар шакли «фирори мағзҳо» барои кишварҳои тозаистиқлол ва рӯ ба инкишоф масъалаи хеле ҷиддӣ аст. Дар шароити ташаккулёбии фазои иттилоотии ҷаҳонӣ чунин тамоюлот чанд маротиба зиёд гардидааст. Яъне, имкони дар бораи шарту шароити кишварҳои дигар маълумот пайдо намудан ва бо онҳо пеш аз сафар робита барқарор кардан пайдо шудааст. Аз ин рӯ, фирори мағзҳо, пеш аз ҳама, ба рушди ояндаи кишвар таъсири манфӣ мерасонад. Дар бораи нақши мутахассисон дар рушди иқтисодиёти миллӣ андешаҳои собиқ сарвазири Сингапур Ли Куан Ю бамаврид мебошанд. Ба андешаи ӯ, давлат мутахассисонро бояд ё аз хориҷа ҷалб намояд, ё мутахассисони худро нигоҳ дорад, ё дар ҳолати мавҷуд набудани онҳо ба таври ҷиддӣ ба омода кардани мутахассисон машғул шавад[1].

Ҳамин тариқ, таҳдидҳои дохилие, ки дар боло номбар гардиданд, осебпазирии мамлакатро зиёд менамоянд. Дар чунин шароит субъектҳои таъсиррасонии беруна, ки сарчашмаи пайдоиши таҳдидҳои беруна мебошанд, аз осебпазирии ҷомеа истифода намуда, мақсадҳои худро амалӣ месозанд. Чунончӣ, радикализми динӣ, хурофотпарастӣ ва таассубгароӣ ба ташкилотҳои террористию экстремистӣ имкониятҳои зиёд фароҳам меоваранд. Барои мисол, ташкилотҳои террористӣ дар байни чунин категорияи одамон на танҳо таблиғоти ғояҳои экстремистию радикалиро ба роҳ мемонанд, балки онҳоро ба сафҳои худ ҷалб месозанд. Дар шароити мавҷудияти чунин таҳдидҳо ташкилотҳои мазкур заиф гардонидани давлату ҳукуматро ҳадафи худ қарор дода, шаҳрвандони кишварро дар муқобили

---

[1] Ниг.: Сингапурское чудо: Ли Куан Ю [Текст] / Пер. с англ. В.Н. Верченко. –М.: Изд-во «АСТ», 2015. – С.141-146.

сиёсати пешгирифтаи давлат равона месозанд. Дар шароити рушди босуръати ТИИ чунин тамоюлот хеле хатарнок гардида истодааст.

Инчунин давлатҳои рақиб ва манфиатдор низ аз чунин вазъият метавонанд моҳирона истифода баранд. Одатан кишварҳои абарқудрат бо мақсади амалӣ гардонидани ҳадафҳои геостратегии худ ба воситаи фондҳои ҷамъиятӣ, ВАО-и мустақил, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, марказҳои таҳлилӣ, ки аз ҷониби худи онҳо маблағгузорӣ мешаванд, кишварҳои осебпазирро барои поймол намудани ҳуқуқи инсон, дар сатҳи зарурӣ баргузор накардани интихобот ва ғайраҳо пайваста танқид менамоянд ва ба сиёсати пешгирифтаи давлату ҳукумат халал мерасонанд.

Мушкилиҳои ҳалталабе, ки ҳамчун таҳдиди дохилӣ муаррифӣ гардиданд, на танҳо дар самти амалишавии манфиатҳои миллию ҳадафҳои стратегии давлату ҳукумат монеа мешаванд, на танҳо ба рушди муназзами соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири манфӣ мерасонанд, балки имиҷи байналмилалии кишварро зери хавфу хатар қарор медиҳанд. Масалан, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, дар ҳудуди мамлакат мавҷуд будани нашъаҷалобон, гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ, ҳизбу ҳаракатҳои экстремистию террористӣ ба имиҷи байналмилалии давлат таъсири манфӣ мерасонанд[1].

Ҳамин тариқ, таҳкими пояҳои истиқлолияти давлатӣ ва ташаккули давлатдории миллӣ аз рушди минбаъдаи соҳаҳои гуногуни ҷомеа вобаста мебошад. Рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангӣ вобастагии давлатро коҳиш дода, сатҳу сифати мустақилияти онро беҳтар мегардонад. Танҳо дар чунин шароит давлату ҳукумат метавонанд, ки ормонҳои миллӣ ва ҳадафҳои стратегии дарозмуддати худро дар амал татбиқ созанд. Аммо таҳдидҳои дохилӣ шарту шароит ва омилҳое мебошанд, ки дар самти амалишавии мақсадҳои миллӣ ва ҳадафҳои стратегӣ монеа эҷод намуда, ба

[1] Ниг.: Шарипов, С.И. Международный имидж Таджикистана под угрозой // Политические процессы в таджикском обществе (сборник статей 1998-2011 гг.) [Текст] / С.И. Шарипов. – Душанбе: ЦСИ при Президенте РТ, 2011. – С.63-66.

амнияти миллии кишвар таъсири манфӣ мерасонанд. Аз ин рӯ, яке аз шартҳои асосии таҳкими истиқлолияти давлатӣ шинохти таҳдидҳои дохилӣ, муайян кардани сабабҳои пайдоиши онҳо ва коҳиш додану аз байн бурдани онҳо мебошад.

Раванди ташаккулёбии давлатдории миллӣ марҳилаҳои зиёди рушду инкишофро дар бар мегирад. Гузариш аз як марҳила ба марҳилаи дигар низ дар муддати муайян ба амал бароварда мешавад. Баъзе давлатҳо як марҳилаи рушду инкишофро дар муддати 5-10 сол ва давлатҳои дигар бошанд онро дар муддати 30-40 сол сипарӣ мекунанд. Сабаби чунин вазъият дар он аст, ки дар давлатҳои гурӯҳи дуюм таҳдидҳои дохилӣ зиёданд ва дар самти рушди соҳаҳову амалишавии ҳадафҳои стратегӣ монеа шуда истодаанд. Аз ин рӯ, агар таҳдидҳои дохилӣ саривақт ошкор нагарданд ва барои аз байн бурдани онҳо чораҷӯӣ карда нашаванд, рушди соҳаҳо аз ҳаракат боз мемонад. Аз ин рӯ, шарти асосии гузариш аз як марҳилаи рушду инкишоф ба марҳилаҳои дигар муайян кардани сарчашмаҳои пайдоиши таҳдидҳои дохилӣ, аз байн бурдани онҳо ва роҳ надодан ба пайдоиши онҳо мебошад.

## 2.3. Пешрафти илмию техникӣ ҳамчун омили пайдоиши таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ

Рушди илму техника ва ихтирои технологияҳои ҷадид дар ҳалли масъалаҳои гуногун ва рафъи мушкилоти дар тули асрҳо бавуҷудомада мусоидат карданд. Ҳамзамон рушди соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди кору фаъолият дар натиҷаи рушди илму техника имконпазир гардид. Аммо дар баробари ин, чунин дастовардҳо инсониятро бо таҳдиду хатарҳои нав дучор кардаанд. Ҳанӯз 10 ноябри соли 1975 Ассамблеяи Генералии СММ чунин вазъро ба инобат гирифта, «Эъломия дар бораи истифодаи пешрафти илмию техникӣ ба манфиати сулҳ ва инсоният»-ро қабул карда буд. Дар ҳуҷҷати мазкур

эътироф мегардад, ки пешрафти илмию техникӣ яке аз омилҳои муҳимтарини рушди ҷомеаи инсонӣ ба шумор меравад. Аммо дар баъзе ҳолатҳо он метавонад мушкилиҳои иҷтимоию сиёсиро ба вуҷуд оварад ва боиси поймолшавии ҳуқуқу озодиҳои инсон гардад. Аз ин рӯ, аз давлатҳои узви СММ даъват ба амал оварда шудааст, ки аз ҳама гуна амалҳое, ки бо Оинномаи СММ мухолифат доранд, даст кашанд ва аз пешрафти илмию техникӣ дар ин гуна вазъият истифода накунанд. Махсусан, дар ҳуҷҷати мазкур истифодаи дастовардҳои илмию техникӣ барои вайрон кардани истиқлолият ва дахлнопазирии сарҳадоти давлатӣ, дахолат намудан ба корҳои дохилии давлатҳо, ташкил кардани таҷовузи ҳарбӣ, саркӯб намудани ҳаракатҳои миллию озодиҳоҳӣ ва пешбурди сиёсат ба манфиати нажодпарастию миллатпарастӣ маҳкум карда мешавад[1]. Аз қабули ин ҳуҷҷат панҷоҳ сол сипарӣ гардид ва дар ин муддат истифодаи дурусти пешрафти илмию техникӣ ва технологияҳои ҷадид то кадом андоза риоя шуд? Инчунин пешрафти илмӣ ва рушди технологияҳои муосир кадом мушкилиҳоро барои инсоният эҷод намуданд?

Таҳлили адабиёти илмӣ ва мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар замони муосир аз ҳама бештар рушди илмҳои микробиология (биологияи синтетикӣ) ва генетика, пайдоиши зеҳни сунъӣ, рушди босуръати ТИИ ва инқилоби чоруми саноатӣ хавфу хатари бештарро ба вуҷуд оварда истодаанд.

Дар шароити муосир рушди босуръати илмҳои микробиология ва генетикаро мушоҳида кардан мумкин аст. Дастовардҳои технологии илмҳои мазкур имкон додаанд, ки дар соҳаҳои тиб, бойторӣ, растанипарварӣ ва пешгирии паҳншавии бемориҳои сироятӣ натиҷаҳои назаррас ба даст оянд. Аммо дар баробари манфиат ва ҷанбаҳои мусбати чунин пешрафти илмӣ, инчунин хавфи бо мақсадҳои ғаразнок истифода шудани чунин

[1] Ниг.: Декларация об использовании научно-технического прогресса в интересах мира и на благо человечества. Резолюция 3384 (XXX) от 10.11.1975 г. [Электронный ресурс]. – URL: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/science.shtml (дата обращения: 13.05.2021 г.)

дастовардҳои илмӣ низ ба вуҷуд омад. Ҳанӯз дар миёнаҳои асри XX файласуфи немис К.Ясперс чунин тамоюлотро мушоҳида карда, иброз намуда буд, ки дастовардҳои илмию техникӣ дар баробари имкониятҳои васеи худ, инчунин хатарҳои беохирро дар худ нигоҳ медоранд. Ба андешаи ӯ, «техника танҳо воситаи ба анҷом расонидани корҳо аст, худ ба худ он на хуб асту на бад. Ҳама ҳолати техникӣ аз он вобаста аст, ки инсонҳо онро дар кадом шароит истифода мекунанд, барои чӣ истифода мебаранд ва ба чӣ табдилаш медиҳанд. Тамоми паҳлуҳои масъала дар он аст, ки чӣ гуна инсонҳо (инсонҳои хуб ё бад) техникаро тобеи худ месозанд ва ба воситаи техника онҳо чӣ гуна рафтор мекунанд»[1]. Дар шароити муосир рушди на танҳо техника, балки технологияҳои навинро низ дар чунин қонуният баррасӣ кардан мумкин аст. На танҳо технологияҳои биологию генетикӣ, балки ТИИ, технологияҳои компютерӣ ва муҳандисӣ низ айни замон хавфу хатари зиёдро ба вуҷуд оварда истодаанд. Хавфу хатари технологияҳои иттилоотию компютерӣ дар зербоби навбатӣ таҳқиқ шудаанд. Дар ин зербоб асосан таҳдиду хатар ва оқибатҳои ногувори пешрафти илмию техникӣ нишон дода мешаванд.

Як қатор муҳаққиқон дар атрофи хавфу хатари биологияи синтетикӣ андешаронӣ карда, онро яке аз самтҳои навини муҳандисии генетикӣ номидаанд. Муҳандисии генетикиро ҳамчун илм эътироф намекунанд ва онро ҳамчун воситаи рушди биотехнология медонанд. Дар маҷмуъ, мутахассисони соҳаи биологияи синтетикӣ эҳтимолияти сохтани яроқи биологиро таҳдиди пуриқтидор дар соҳаи амнияти биологӣ муаррифӣ кардаанд[2]. Як гурӯҳ олимони рус таҳдидҳои биологиро таҳқиқ намуда, номгӯйи онҳоро ба таври зерин нишон додаанд:

- паҳншавии идоранашавандаи микроорганизмҳои зиндае, ки таъсирашон ба экосистема ҳанӯз ҳам муайян нагардидаанд;

---

[1] Ясперс, К. Смысл и назначение истории [Текст] / Пер. с немец. –М.: Политиздат, 1991. –С.140.
[2] Ниг.: Завриев, С. Синтетическая биология – современные вызовы и проблемы биобезопасности [Текст] / С. Завриев, И. Шемякин // Мировая экономика и международные отношения. – 2019. – Т.63. –№12. –С.78.

- пайдо шудани бемориҳои сироятии табиӣ;

- рух додани садама, ё тахриб кардани объектҳое, ки дар он ҷойҳо бо микроорганизмҳо сару кор доранд;

- истифодаи микроорганизмҳои зараровар бо мақсадҳои ҳарбӣ ва террористӣ, тахриб кардани объектҳои хатарноки биологӣ[1].

Таъмини амнияти биологӣ ва мубориза бо таҳдидҳои биологӣ дар ибтидои асри XXI ба яке аз масъалаҳои афзалиятнок табдил ёфтаанд. Чунин вазъ бо тавсеаи терроризми байналмилалӣ асоснок карда мешавад. Зеро айни замон хавфи ба дасти ташкилотҳои террористӣ афтодани дастовардҳои соҳаи микробиология, аз ҷумла вирусология, генетика ва технологияҳои ядроӣ ба вуҷуд омадааст. Хавфу хатари истифодаи яроқи биологӣ аз ҷониби ташкилотҳои террористӣ оқибатҳои ногувор дорад. Зеро дар шароити паҳн намудани вирусҳои сунъӣ ба муддати тӯлонӣ пешгирӣ, ё безарар гардонидани ин гуна тахрибкорӣ мушкилиҳои зиёдро ба вуҷуд меоварад. Дар ин маврид мушкилии ташвишовар ин аст, ки бо дахолати террористон ба амал омадани паҳншавии вирусҳои марговарро муайян намудан хеле мушкил аст. Масалан, то ҳанӯз ягон давлат, созмонҳои байналмилалӣ, ё марказҳои илмию таҳқиқотӣ ҳадафмандона паҳн кардани вируси сироятии «COVID-19»-ро тасдиқ накардаанд. Ба ҳамин монанд, дар оянда низ дар шароити паҳншавии вирусҳои нав муайян кардани паҳнкунандаи он кори хеле мушкил аст. Эҳтимоли аз ҷониби ташкилотҳои террористӣ паҳн гардидани чунин вирусҳо аллакай ба амал омадааст.

Арбобони давлатӣ ва сиёсатмадорони сатҳи ҷаҳониро ташкил гардидани озмоишгоҳҳои биологию химиявӣ ва махсусан, озмоишгоҳҳои коркарди уран дар давлатҳои ғайридемократӣ ба ташвиш овардааст. Ба андешаи онҳо, дастрасӣ пайдо кардани ин гуна давлатҳо ба яроқи қатли ом ва яроқи атомӣ хавфи ба дасти ташкилотҳои террористӣ афтодани ин гуна

---

[1] Ниг.: Онищенко, Г.Г. Современные угрозы и вызовы в области биологической безопасности и стратегия противодействия [Текст] / Г.Г. Онищенко, А.Ю. Попова и др. // Проблемы опасных инфекций. –2015. –№3. –С.5-9.

ярокҳоро хеле зиёд менамояд. Аз ин рӯ, як гурӯҳ сиёсатмадорон пешниҳод кардаанд, ки пеши роҳи чунин тамоюлот бояд гирифта шавад. Масалан, собиқ сарвазири Сингапур Ли Куан Ю дар ин бора андешаронӣ намуда, бо исрор таъкид мекунад, ки «ҷаҳон дар муқобили дастрасӣ пайдо кардани террористон ба яроқи қатли ом рӯ ба рӯ гардидааст. Аз ин рӯ, барномаҳои ҳастаии давлатҳои шубҳанок (барои низоми муносибатҳои байналмилалӣ) бояд манъ карда шаванд ва захираҳои маводи ядроии онҳо бояд мусодира гарданд»[1]. Ӯ дар идомаи суҳбати худ иброз медорад, ки «ислом дар маҷмуъ ҳеҷ мушкилие надорад. Мушкилии асосӣ бо радикализми исломӣ, ё исломгароӣ алоқаманд аст. Нафт бе исломгароӣ метавонад мушкилиҳои зиёдро ба вуҷуд оварад, аммо нафт+исломгароӣ ба моддаи хатарноки тарканда табдил меёбад. Нафт+исломгароӣ+яроқи қатли ом – аллакай таҳдиди воқеӣ аст»[2]. Дар мавриди паҳншавии яроқҳои биологӣ ва химиявӣ низ чунин андешаронихо хеле зиёд ба назар мерасанд.

Ба амал омадани хавфу хатари паҳншавии вирусҳои марговар ва бемориҳои сироятӣ дар баъзе аз мавридҳо аз озмоишгоҳҳои биологие вобаста мебошанд, ки амнияти онҳо ё дар сатҳи зарурӣ таъмин нестанд, ё хавфи аз онҳо берун баромадани ин гуна вирусҳо дида мешаванд. Барои мисол, дар ибтидои соли 2011, яъне замоне, ки Ҳусни Муборак – президенти Миср дар натиҷаи бетартибиҳои сиёсӣ аз сари қудрат дур карда мешавад, дар баробари дигар объектҳои давлатӣ, инчунин озмоишгоҳҳои асосии низоми тандурустии Миср, ки дар наздикии шаҳри Қоҳира ҷойгир буданд, аз ҷониби тазоҳургарон вайрону валангор ва ғорат карда мешаванд. Дар натиҷаи чунин амалҳои ғоратгарона қуттиҳои шишагии дорои микроорганизмҳои зараровар, аз ҷумла дорои вируси H5N1 низ аз озмоишгоҳ нобуд мешаванд. Дар аввал чунин мешумориданд, ки ҳамлагарон дар бораи ин микроорганизмҳо ҳеҷ тасаввуроте надоранд ва

---

[1] Сингапурское чудо: Ли Куан Ю [Текст] / Пер. с англ. В.Н. Верченко. –М.: Изд-во «АСТ», 2015. – С.114.

[2] Ҳамон ҷо. – С.115.

барои онҳо техникаи электронӣ ва дастгоҳҳои дигари қимматбаҳои ин марказҳо лозим аст. Аммо, дар ин маврид Миср ба мушкилии ҷиддӣ рӯ ба рӯ мегардад: айни замон ин кишвар аз рӯйи шумораи гирифторони ин навъи зуком баъди Индонезия дар ҷаҳон ҷойи дуюмро ишғол менамояд, ки сабаби асосии онро Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ дар сатҳи зарурӣ таъмин нагардидани амнияти биологии ин кишвар дониста буд[1].

Моҳи майи соли 2021 олими англис А.Далглиш ва олими Норвегия Б.Соренсен эълон намуданд, ки дар бораи дар шароити лабораторӣ сохта шудани вируси SARS-CoV-2 (КОВИД-19) далелҳои муътамад пайдо кардаанд. Ба андешаи онҳо, вируси КОВИД-19 дар лабораторияи шаҳри Ухан (Хитой) сохта шудааст ва баъди оне, ки вирус ба берун роҳ меёбад, мақомоти Хитой кӯшиш менамоянд, ки онро на танҳо пинҳон нигоҳ доранд, балки ба вируси табиӣ вонамуд кунанд. Онҳо иброз медоранд, ки дандонаҳои вируси мазкур дорои чаҳор аминакислотаи мусбат мебошанд, ки чунин ҳуҷайра дар табиат умуман вуҷуд дошта наметавонад. Онро танҳо ба таври сунъӣ сохтан мумкин аст, то ки мисли оҳанрабо ба ҳуҷайраҳои организм часпад ва суръати сироятёбӣ зиёд шавад[2].

Айни замон олимону муҳаққиқон ва як қатор ҳукуматҳоро масъалаи биотерроризм ба ташвиш овардааст. Зеро суръати рушди илму техника дастовардҳои соҳаи микробиология ва генетикаро на танҳо камхарҷ намудаанд, балки рушди технологияҳои иттилоотӣ хавфи паҳншавии натиҷаҳои чунин таҳқиқотҳоро зиёд кардааст. Дар навбати аввал давлатҳо, созмонҳо ва ширкатҳои хусусӣ барои қонеъ гардонидани талаботи объективии хеш ва хубтару беҳтар кардани дурнамои рушди худ ба дастовардҳои навини илму техника рӯ меоранд. Аммо дар бисёре аз ҳолатҳо дастовардҳои илмиро метавонанд баъзе неруҳои сиёсӣ барои зарару зиён расонидан алайҳи рақибони худ низ истифода баранд. Дар мавриди

---

[1] Ниг.: Революция в области синтетической биологии: перспективы и риски [Электронный ресурс]. –URL: https://ria.ru/20131126/979860591.html (дата обращения: 25.03.2021 г.)

[2] Ниг.: Двое ученых нашли доказательства лабораторного происхождения COVID-19 [Электронный ресурс]. –URL: https://www.kommersant.ru/doc/4836521 (30.05.2021 г.)

истифодаи яроқи биологӣ аз ҷониби ин гуна неруҳо ва пайдоиши таҳдиди биотерроризм бояд иқрор шуд, ки дар баробари рушди соҳаҳои биология ва генетика, инчунин рушди ТИИ низ сабабгор гардидааст. Зеро ташкилотҳои террористӣ бо роҳи рахна кардани пойгоҳҳои иттилоотии озмоишгоҳҳо метавонанд иттилооти дорои сирри давлатӣ ва махсусан, натиҷаи таҳқиқоти биологиро дастрас намоянд. Ин зуҳуротро кибертерроризм номидан мумкин аст. Аз ин рӯ, дар чунин шароит таъмин кардани амнияти кибернетикии системаҳои иттилоотӣ ва пойгоҳҳои иттилоотии озмоишгоҳҳо хеле муҳим мебошад.

Айни замон дар ҷаҳон шумораи зиёди сарчашмаҳои пуриқтидори яроқи биологӣ мавҷуд аст. Пешгирӣ ва табобати бемориҳои сироятӣ, рушди илмҳои тиббӣ дар маҷмуъ тақозои онро намуда буд, ки намунаи вирусҳо ва бактерияҳо барои сохтани ваксина ва доруҳои табобатӣ дар марказҳои илмию таҳқиқотӣ ва озмоишгоҳҳо ҷамъоварӣ ва нигоҳдорӣ карда шаванд. Аз рӯйи баъзе маълумотҳо, айни замон дар озмоишгоҳи марказҳои илмию таҳқиқотии 67 давлати дунё зиёда аз 453 намуди вирусҳо ва бактерияҳо нигоҳдорӣ мешаванд. Аз ҷумла 54 озмоишгоҳи тиббию биологӣ вируси сухтанӣ ва 18 озмоишгоҳ вируси тоунро нигоҳдорӣ менамоянд. Мутахассисони соҳа бар он боваранд, ки 100 кг маҳлули дорои вируси сухтанӣ (сибирская язва) агар пош дода шавад, оқибати он баробар бо таркиши 1 мегатон бомбаи атомӣ аст. Чунин ҳолат масъалаи таъмини амнияти кибернетикии озмошигоҳҳо ва амнияти низоми иттилоотии онҳоро тақозо менамояд[1]. Зеро хавфи ба дасти ташкилотҳои террористӣ афтидани ин гуна вирусҳо, ё иттилооти марбут ба онҳо аллакай ба вуҷуд омадааст.

Дар баъзе ҳолатҳо пайдоиши таҳдидҳои биологӣ ба таври тасодуфӣ ба амал меоянд. Масалан, паҳншавии бемориҳои сироятӣ дар байни ҳайвонот ва наботот, рух додани садамаҳои техникию техногенӣ дар объектҳои хатарноки биологӣ, аз ҷониби кормандони озмоишгоҳҳо риоя накардани

[1] Ниг.: Жиганова, Л.П. Биотерроризм и агротерроризм – реальная угроза [Электронный ресурс]. – URL: https://www.portal-slovo.ru/impressionism/36426.php (дата обращения: 27.02.2021 г.)

техникаи бехатарӣ ва ғайраҳо. Аммо дар баробари ин кам нестанд ҳолатҳое, ки дастовардҳои таҳқиқоти биологиро ҳадафмандона ҳамчун яроқи биологӣ истифода мебаранд. Ҳамаи инро ба инобат гирифта, биотерроризмро дар адабиёти илмӣ ба таври зерин муаррифӣ кардаанд: ҳамчун яроқ истифода гардидани микроорганизмҳои хатарноки биологӣ аз ҷониби субъектҳои гуногун (аз ҷумла, ташкилотҳои террористӣ), расонидани зарар ба саломатии одамон ва дар ин замина амалӣ кардани ҳадафҳои сиёсию идеологии онҳо[1]. Чи гунае ки дар боло қайд гардид, ҳифзи маводи биологӣ ва пешгирӣ кардани паҳншавии натиҷаҳои таҳқиқоти ин соҳаи илм яке аз роҳҳои пешгирӣ кардани пайдоиши чунин амалҳои тахрибӣ мебошад.

Ташкилотҳои террористию экстремистӣ барои расидан ба мақсадҳои худ яроқи химиявию биологиро аллакай истифода бурдаанд. Барои мисол, моҳи марти соли 1995 ҳаракати динию сиёсии «Аум Синрикё» дар роҳҳои зеризаминии (метроҳои) шаҳри Токио (Ҷопон) бо истифодаи гази марговари «зарин» амали террористӣ анҷом дода буданд. Дар натиҷаи ин воқеа 13 нафар ба ҳалокат расида, саломатии зиёда аз 6 ҳазор нафари дигар зарари ҷиддӣ диданд[2]. Моҳи сентябри соли 2001 баъди рух додани амали террористӣ дар ИМА террористон тариқи почтаи давлатӣ ба хабарнигорон ва сиёсатмадорони шинохтаи амрикоӣ мактубҳои бо вируси бемории сухтанӣ (сибирская язва) заҳролудшударо фиристода буданд. Дар натиҷа 5 нафар ба ҳалокат расида, 17 нафар зарар дида буданд[3]. Соли 2018 хадамоти амнияти шаҳри Кёлн (Фаронса) ду шаҳрванди Тунисро бо ҷурми биотерроризм дастгир намуданд. Ин нафарон узви фаъоли ташкилоти террористии бо ном «Давлати исломӣ» ба шумор мерафтанд. Аз онҳо 84 мг маводи химиявии «ритсин» ва дигар лавозимоти зарурӣ барои сохтани бомбаи химиявӣ дарёфт кардаанд. Тибқи иттилооти хадамоти амнияти

---

[1] Ниг.: Завриев, С. Проблемы биобезопасности и противодействия биотерроризму // [Текст] / С. Завриев, А. Колесников // Мировая экономика и международные отношения. –2009. –№12. –С.92.
[2] Ниг.: В Японии казнили всех приговоренных к смерти членов «Аум Синрикё» [Электронный ресурс]. – URL: https://www.bbc.com/russian/news-44963790 (дата обращения: 25.03.2021 г.)
[3] Ниг.: Сибирская язва постучалась в Белый дом [Электронный ресурс]. – URL: https://www.kommersant.ru/doc/288789 (дата обращения: 26.03.2021 г.)

Кёлн, ин нафарон барои сохтани бомбаи химиявӣ омодагӣ медиданд ва агар онро истифода мекарданд, зиёда аз 13 ҳазор нафар ба ҳалокат мерасид[1]. Дар маҷмуъ, дар шароити муосир хавфи истифодаи яроқи биологӣ аз ҷониби ташкилотҳои террористию экстремистӣ мавҷуд аст. Аммо дар мавриди муайян кардани оқибати ин гуна хуҷумҳои террористӣ, гуфтан мумкин аст, ки аз зарари биологӣ дида, оқибатҳои психологии он зиёдтар аст. Зеро ташкилотҳои террористӣ дар ихтиёри худ озмоишгоҳҳои бо техникаи замонавӣ муҷаҳҳаз ва мутахассисони варзидаи ин соҳаи илмро надоранд. Аз ин рӯ, маводи биологии омодакардаи онҳо сифати хеле паст дорад ва барои ташкил намудани қурбониҳои зиёд иқтидори зарурӣ надоранд. Аммо оқибатҳои психологию сиёсии он ба афкори ҷамъиятӣ таъсири амиқ расонида, дар ҷомеа фазои тарсу ҳаросро ба вуҷуд меоваранд.

Бо назардошти хавфу хатари дастовардҳои биологию генетикӣ на танҳо давлатҳои алоҳида, балки аз охири асри XX сар карда ҷомеаи ҷаҳонӣ барои таъмини амнияти биологӣ чораҷӯӣ намуда истодаанд. Ҳанӯз соли 1971 бо ташаббуси Ассамблеяи Генералии СММ «Конвенсия дар бораи манъи коркард, истеҳсол ва ҷамъоварии захираҳои яроқи бактериологӣ (биологӣ), токсинӣ ва несту нобуд кардани онҳо»-ро қабул намуда буд[2]. Соли 2008 Комиссияи аврупоӣ бо иштироки се кумитаи илмии давлатҳои узви Иттиҳоди Аврупо вобаста ба омӯзиши оқибатҳои биологияи синтетикӣ гурӯҳи кории доимоамалкунанда ташкил намуда буд. Ба ин масъала аз соли 2000 сар карда, то ба имрӯз Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ низ диққати махсус медиҳад[3]. Бо дарки эҳтимолияти зиёди оқибатҳои ногувори

---

[1] Ниг.: Скрытая угроза: террористы могут переключиться на биологическое оружие [Электронный ресурс]. – URL: https://iz.ru/1015454/kseniia-loginova/skrytaia-ugroza-terroristy-mogut-perekliuchitsia-na-biologicheskoe-oruzhie (дата обращения: 13.03.2021 г.)

[2] Ниг.: Конвенция о запрещении разработки, производства и накопления запасов бактериологического (биологического) и токсинного оружия и об их уничтожении. Одобрена резолюцией 2826 (XXVI) Генеральной Ассамблеи от 16 декабря 1971 года [Электронный ресурс]. – URL: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/bacweap.shtml (дата обращения: 25.03.2021 г.)

[3] Ниг.: Аль-Вашаи М.А. Деятельность Всемирной организации здравоохранения по защите населения от угрозы применения биологического и химического оружия [Текст] / М.А. Аль-

таҳдидҳои биологӣ соли 2017 дар назди Академияи илмҳои ИМА Кумитаи стратегӣ оид ба пешгирии таҳдидҳои биологӣ таъсис ёфтааст.

Ҳамин тариқ, дар бораи пешгирии биотерроризм ба чунин хулоса омадан мумкин аст: маълумотҳо дар бораи омода кардани маводи биологӣ (яроқи биологӣ) аслан аз пойгоҳҳои иттилоотии озмоишгоҳҳои тиббию биологие дастрас мешаванд, ки аксари онҳо дар давлатҳои тараққикарда ҷойгиранд. Аз ин рӯ, давлатҳои мазкур бояд дар самти таъмини амнияти кибернетикии системаҳои иттилоотии ин марказҳо чораҳои зарурӣ андешанд. Инчунин, дар баъзе кишварҳои рӯ ба тараққӣ низ чунин озмоишгоҳҳо ташкил карда шудаанд ва хавфи аз онҳо паҳн гардидани на танҳо иттилооти хатарнок, балки моддаҳои хатарнок низ мавҷуд аст. Дар аксари давлатҳои рӯ ба инкишоф ин гуна марказҳо вуҷуд надоранд, аммо ба онҳо низ хатари сар задани ҳуҷумҳои биологӣ ва биотерроризм таҳдид мекунад. Аз ин рӯ, ин гуна давлатҳо бояд бо кишварҳои ҳамҷавор ва давлатҳои дар самти мубориза бо биотерроризм манфиатдор ҳамкориҳои зичи байналмилалӣ ҷорӣ намуда, дар бораи амалу рафтор ва ҳадафҳои ташкилотҳои террористӣ маълумотҳои саривақтӣ дастрас намоянд, то ки дар самти пешгирии чунин навъи терроризм муваффақият дошта бошанд.

Дар таърихи инсоният кам нестанд ҳолатҳое, ки ҳатто давлатҳо дар шароити ҷангӣ дар муқобили якдигар яроқҳои биологӣ ва химиявиро истифода намудаанд. Яроқи химиявиро дар Ҷанги якуми ҷаҳонӣ фаронсавиҳо ва немисҳо истифода кардаанд. Соли 1943 артиши Япония дар муқобили хизматчиёни ҳарбии Чин яроқҳои бактериологӣ ва химиявӣ истифода намуда буданд. Дар солҳои 1962-1971 амрикоиҳо дар ҷанги Ветнам яроқи химиявиро барои нобуд сохтани растаниҳо истифода намудаанд, то ки пайдо кардани рақибон осон шавад[1]. Дар солҳои 1980-1988 дар ҷанги байни Ироқ ва Эрон ҳарду ҷониб аз яроқи химиявӣ ба таври васеъ

---

Вашаи // Вестник Тамбовского университета. Серия: Гуманитарные науки. –2014. –№11 (139). – С.105-110.

[1] Ниг.: Смертоносные газы. Пять случаев масштабного применения химического оружия [Электронный ресурс]. – URL: https://tass.ru/armiya-i-opk/5784138 (дата обращения: 25.03.2021 г.)

истифода бурдаанд[1]. Ҳамин тариқ, рушди илмҳои микробиология ва генетика на танҳо барои давлатҳои алоҳида, балки барои инсоният таҳдиду хатарҳои иҷтимоию сиёсиро ба вуҷуд оварда истодаанд.

Роҳбари Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ А.Г. Тедрос 24 майи соли 2021 дар иҷлосияи 74-уми ин созмон иброз намуд, ки дер ё зуд инсоният бо вируси нав рӯ ба рӯ мешавад, ки он нисбат ба вируси КОВИД-19 хатарноктар аст. Ба андешаи ӯ, таҷрибаи мубориза бо вирусҳои нав нишон медиҳад, ки давлатҳо бо ҳамдигар бояд ҳамкорӣ намоянд, на ин ки рақобат кунанд. Ӯ муътақид аст, ки дар шароити муосир инсоният ду интихоб дорад: якҷоя амал кардан, ё зери хавфу хатар қарор гирифтан[2]. Чунин баррасии масъала шаҳодат аз он медиҳад, ки рақобати геополитикӣ ва геостратегии абарқудратҳо метавонад сарчашмаи пайдоиши таҳдиду хатарҳои гуногун шавад. Бо андешаҳои А.Г. Тедрос бо назардошти қонуниятҳои таъмини амният розӣ шудан мумкин аст. Зеро инсоният дар тули таърих ҳар боре, ки бо таҳдиду хатарҳо рӯ ба рӯ мешуд, муттаҳид шуданро интихоб мекард. Маҳз муттаҳид шудану дастаҷамъона амал намудан ба онҳо имкон медод, ки таҳдидҳои гуногунро аз байн бубаранд. Аммо дар шароити муосир рақобати давлатҳо барои ба даст овардани афзалиятҳои бештари иқтисодию сиёсӣ яке аз сарчашмаҳои пайдоиши таҳдиду хатарҳо гардида истодааст.

Ҳамзамон қобили зикр аст, ки рушди техникию технологии илмҳои мазкур ба соҳаи хоҷагии қишлоқ ва амнияти озуқаворӣ кишварҳои алоҳида таҳдиду хатарҳои гуногунро ба вуҷуд оварда истодааст. Соҳаи аграрӣ барои ҳар як давлат аҳамияти хеле муҳим дорад. Зеро дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти хушсифат ва безарар шарти муҳимми таъмини амнияти озуқаворӣ дониста мешавад. Инчунин фаровонии маҳсулоти кишоварзӣ дар

---

[1] Ниг.: Супотницкий, М.В. Химическое оружие в ирано-иракской войне 1980-1988 годов. Применение химического оружия в боевых действиях [Текст] / М.В. Супотницкий, Н.И. Шило, В.А. Ковтун // Вестник войск РХБ защиты. – 2019. – Т.3. – №2. – С.150-174.
[2] Ниг.: ВОЗ спрогнозировала появление нового смертоносного вируса [Электронный ресурс]. – URL: https://ria.ru/20210524/virus-1733656727.html (дата обращения: 24.05.2021 г.)

бозорҳои дохилӣ низ аз амнияти озуқаворӣ вобастааст. Чунин масъала дар сатҳи байналмилалӣ низ хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Тибқи омори Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии СММ ҳамасола бо сабаби паҳншавии ангезаҳо ва ҳашароти зараррасон зиёда аз 40% ҳосили кишоварзӣ баробар ба 220 млрд доллар талаф меёбанд[1]. Албатта, паҳншавии ҳашароти зараррасон ва талафоти кишоварзӣ ва чорводорӣ аз омилҳои дигар низ вобаста аст. Аз ҷумла, тағйирёбии иқлим, паст шудани сифати маводи химиявии безараркунанда, ба шароити нав мутобиқ шудани микроорганизмҳои зараровар ва ғ. Аммо дар баробари ин, хавфи ба таври сунъӣ паҳн кардани ин гуна микроорганизмҳо низ ба вуҷуд омадааст. Мутахассисони ин соҳа эътироф намудаанд, ки микроорганизмҳои барои ҳайвонот ва наботот зараровар аз ҷониби давлатҳо ва неруҳои тахрибкор бо ду мақсад истифода бурда мешаванд: якум, барои амалӣ гардонидани мақсадҳои сиёсӣ ва дуюм, барои ба даст овардани афзалиятҳои иқтисодӣ[2]. Ба таври сунъӣ паҳн кардани бемориҳои хатарнок дар соҳаи растанипарварӣ ва чорводорӣ ҳамчун агротерроризм шинохта шуда, микроорганизмҳои зараровbooарро ҳамчун яроқи биологӣ номидан мумкин аст. Ба ибораи дигар, ҳадафмандона истифода бурдани яроқи биологӣ ва химиявӣ барои зарару зиён расонидан ба хоҷагии қишлоқ ва тахриб кардани фаъолияти муназзами саноати озуқаворӣ агротерроризм мебошад. Ҳуҷум кардан ба майдонҳои зироат ва фермаҳои чорводорӣ нисбат ба ҳуҷумҳои ҳарбию сиёсӣ осонтар аст, аммо зарари молиявию иқтисодии он аз дигар навъи хуҷумҳо зиёдтар аст. Аз ин рӯ, як зумра давлатҳо ва ташкилотҳои террористӣ аллакай чунин стратегияро фаъолона истифода бурда истодаанд. Дар давлатҳои аграрию саноатӣ аз 1/3 ҳиссаи шуғли аҳолӣ бо хоҷагии қишлоқ алоқаманд аст. Агар

---

[1] Ниг.: ФАО положила официальное начало Международному году охраны здоровья растений 2020 [Электронный ресурс]. – URL: http://www.fao.org/news/story/ru/item/1253731/icode/ (дата обращения: 13.03.2021 г.)

[2] Ниг.: Завриев, С. Потенциальные угрозы в сфере сельскохозяственной и продовольственной безопасности [Текст] / С. Завриев, А. Игнатов // Мировая экономика и международные отношения. – 2020. –Т.64. –№7. –С.100-107.

ҳуҷумҳои биологию химиявӣ дар ин кишварҳо анҷом дода шаванд, амнияти озуқаворӣ ва рушди иқтисодии онҳо зарари ҷиддӣ мебинанд.

Соли 2002 дар штати Калифорнияи Амрико дар натиҷаи паҳншавии бемории зукоми паранда зиёда аз 4 млн паранда несту нобуд карда шуда буд. Барои кам кардани талафоти ин бемори бештар аз 1600 нафар сафарбар гардида буданд. Дар маҷмуъ, талафот, хисорот ва масрафи ин чорабиниро 350 млн доллар гуфтаанд. Соли 2001 паҳншавии бемории яшура (сумдард ва даҳондарди чорво) дар Британияи Кабир ба ин кишвар 16 млрд доллар зиён расонида буд. Зеро барои пешгирӣ кардани паҳншавии ин бемори бештар аз 10 млн сар чорворо несту нобуд карда буданд. Сабаби паҳншавии бемориро ба таври гуногун шарҳ додаанд: берун шудани вирус аз озмоишгоҳҳои маҳаллӣ ва инчунин ҳадафмандона паҳн кардани он[1]. Чи гунае, ки дидан мумкин аст, ҳадафмандона паҳн кардани вирусҳои марговар дар соҳаи хоҷагии қишлоқ аллакай ба воқеият табдил ёфта истодааст. Дар натиҷаи паҳншавии чунин вирусҳо ба хоҷагии халқ ва иқтисодиёти миллӣ хисороти зиёди молию пулӣ расонида мешавад ва ҳамзамон амнияти озуқаворӣ ва амнияти биологии кишвар зери хавфу хатар қарор мегирад. Чунин тамоюлот ва зуҳурот метавонанд инчунин оқибатҳои нохуби иҷтимоию сиёсӣ низ дошта бошанд. Зеро дар баъзе ҳолатҳо яроқи биологиро барои амалӣ кардани мақсадҳои сиёсӣ низ истифода мебаранд.

Дар асри XX зиёда аз 100 ҳолати ғайриқонунӣ истифода гардидани маводи биологӣ ба қайд гирифта шудааст, ки 19 ҳолати онро амалҳои террористӣ ташкил медиҳанд. Дар ибтидои асри XXI бошад аллакай садҳо ҳолати дигарро ба қайд гирифтаанд. Масалан, танҳо соли 2000 дар ИМА аз 257 парвандаи ҷиноятӣ 115-тои он бо масъалаи ғайриқонунӣ истифода бурдани маводи биологӣ, ё кӯшиши истифода кардани яроқи биологӣ

---

[1] Ниг.: Мовсесян, Л. Побег «живого» вируса. В утечке вируса ящура подозревают исследовательскую лабораторию [Электронный ресурс]. – URL: https://lenta.ru/articles/2007/08/06/cow/ (дата обращения: 25.02.2021 г.)

алоқаманд будаанд[1]. Бояд гуфт, ки дар муқобили рақибон истифода бурдани яроқи биологӣ ҳодисаи нав нест ва он таърихи хеле қадима дорад. Дар тамаддунҳои қадима дар дарёҳо ва обанборҳои душманон ҷасади ҳайвоноти беморро мепартофтанд, то ки бемориро дар байни рақибон паҳн намоянд. Дар асрҳои миёна бошад дар рафти муҳорибаҳо дар байни артиши душман ва ба дохили шаҳрҳои онҳо ҷасади шахсони беморшудаਰо бо манҷаниқҳо ҳаво медоданд, то ки дар байни онҳо беморӣ паҳн шавад. Дар натиҷаи пешрафти илму техника шаклҳои гуногуни истифодаи яроқи биологӣ дар асри XX мавриди санҷиш қарор дода мешавад. Давлатҳое, ки дар ҷангҳои якум ва дуюми ҷаҳонӣ иштирок карда буданд, навъҳои гуногуни яроқи биологиро мавриди санҷиш қарор додаанд. Аз ҷумла, Ҷопон, ИМА, Фаронса, Олмон, Англия ва чанде дигар давлатҳо ба ин мисол шуда метавонанд. Дар ибтидои асри XXI бошад ин таҷрибаро аллакай ташкилотҳои террористӣ низ истифода кардан мехоҳанд. Дар чунин шароити мураккаб дар баробари суботи сиёсӣ инчунин таъмини амнияти озуқаворӣ ва ҳимояи манфиатҳои ин соҳаи муҳим аз тахрибкорӣ афзалияти бештар пайдо менамояд.

Ҳамин тариқ, пешрафти илму техника дар баробари ҷанбаҳои мусбати худ, инчунин барои инсоният таҳдиду хатарҳои гуногунро ба вуҷуд овардааст. Дар ин раванд кишварҳое зарари бештар мебинанд, ки аз лиҳози илмию технологӣ рушди камтарро соҳибанд. Зеро барои саривақт муайян кардани чунин амали душманона ва пешгирӣ намудани он марказҳои илмию таҳқиқотие заруранд, ки барои гузаронидани пажӯҳишҳои илмии навин қодир бошанд. Инчунин тақвияти амнияти кибернетикӣ, такмили ихтисоси кормандони сохторҳои қудратӣ, рушди илмҳои табиию техникии ватанӣ низ барои пешгирии чунин амалҳо имконият фароҳам меоваранд.

Дар радифи ин гуна таҳдидҳо паҳншавии бемориҳои сироятиро низ шомил кардан мумкин аст. Ҳарчанд бо назардошти оқибатҳои ногувори

[1] Ниг.: Жиганова, Л.П. Биотерроризм и агротерроризм – реальная угроза [электронный ресурс]. – URL: https://www.portal-slovo.ru/impressionism/36426.php (дата обращения: 27.02.2021 г.)

бемориҳои сироятӣ онро ҳамчун таҳдид муаррифӣ намуда бошанд ҳам, то ҳанӯз бaрқасдона ба вуҷуд овардани бемориҳои сироятиро расман эътироф накардаанд.

Моҳи ноябри соли 2003 бо ташаббуси Дабири кули СММ Кофи Анан Гурӯҳи кории сатҳи баланд оид ба омӯзиши таҳдидҳо, хавфҳо ва дигаргуниҳо ташкил карда шуда буд. Гурӯҳи кории мазкур масъалаҳои зеринро таҳлилу баррасӣ карда буданд: ҷангҳои байнидавлатӣ; зӯроварии дохилидавлатӣ, аз ҷумла ҷангҳои шаҳрвандӣ, поймол гардидани ҳуқуқи шаҳрвандон, наслкушӣ (генотсид); қашшоқӣ, бемориҳои сироятӣ, тағйирёбии вазъи экологӣ; яроқи ядроӣ, химиявӣ, биологӣ ва радиологӣ; терроризм; ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ[1]. Гурӯҳи корӣ дар ҳисоботи худ, ки онро 2-юми декабри соли 2003 пешниҳод кардааст, вобаста ба паҳншавии бемориҳои сироятӣ омилҳои объективиро дар мадди аввал мегузорад. Чунончӣ, дар ҳисоботи мазкур иброз мегардад, ки «дар самти пешгирии паҳншавии бемориҳои сироятӣ амнияти ҳатто давлатҳои сарватманди олам аз қобилияти давлатҳои камбизоат метавонад вобаста бошад. Зеро давомнокии парвозҳои байналмилалӣ аз давомнокии давраи инкубатсионии бемориҳои сироятӣ кӯтоҳтаранд ва аз ин рӯ, 700 млн мусофире, ки тариқи ширкатҳои ҳавопаймоӣ ҳамасола ба кишварҳои гуногун сафар мекунанд, метавонанд интиқолдиҳандаи бемориҳои сироятӣ бошанд ва ин корро онҳо баркасдона намекунанд. Соли 1919 дар тули як сол аз бемории зуком зиёда аз 100 млн нафар ҷон бохтанд, ки ин миқдор нафар дар Ҷанги якуми ҷаҳонӣ нафавтида буданд. Дар шароити муосир чунин вирусҳо дар муддати хеле кӯтоҳ даҳҳо млн одамро метавонанд нобуд созанд»[2]. Аммо дар баробари ин гурӯҳи корӣ хусусияти субъективӣ доштани паҳншавии бемориҳои сироятиро низ инкор намекунанд. Дар

---

[1] Ниг.: Более безопасный мир: наша общая ответственность [Электронный ресурс]. – URL: https://www.un.org/ru/events/pastevents/a_more_secure_world.shtml_resume.shtml (дата обращения: 13.08.2020 г.)

[2] Доклад Группы высокого уровня по угрозам, вызовам и переменам, П.19. [Электронный ресурс]. – URL: https://undocs.org/ru/A/59/565 (дата обращения: 13.08.2020 г.)

ҳисоботи мазкур дар ин маврид қайд мегардад, ки «рушди босуръати биотехнологияҳо ва дастовардҳои илмии ин соҳа дурнамои пешгирӣ ва табобати як қатор бемориҳоро муайян менамояд, аммо онҳо ҳамзамон барои ба вуҷуд овардани вирусҳои марговар имконият фароҳам месозанд. Барқасдона паҳн кардани ин гуна бемориҳо метавонад ба мисли таркиши бомбаи ядроӣ одамони зиёдеро ба ҳалокат расонад. Агар бо истифодаи 1 грамм маводи химиявии ритсин, ё оспаи табиӣ ҳуҷум анҷом дода шавад, аз 100 ҳазор то 1 млн нафар метавонанд ба ҳалокат расанд»[1]. Ҳарчанд хавфи ҳадафмандона истифода гардидани вирусҳо ва барқасдона паҳн кардани бемориҳои сироятӣ ба вуҷуд омада бошад ҳам, то ҳанӯз онро дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун зӯроварӣ (агрессия) эътироф накардаанд. Масалан, то ба имрӯз Шурои Амнияти СММ вобаста ба хусусияти субъективӣ доштани хавфу хатари COVID-19 қатънома қабул накардааст. Зеро то ҳанӯз ҳеҷ яке аз субъектҳои низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва созмонҳои ҷаҳонӣ барқасдона паҳн кардани ин бемориро эътироф накардаанд. Чунин ҳолатро муҳаққиқи рус А. Варфоломеев мушоҳида намуда, иброз медорад, ки «пандемияи COVID-19 таҳдид ба амният дониста мешавад, аммо ба сулҳ таҳдид намекунад, зеро он то ҳанӯз зӯроварӣ дониста намешавад»[2].

Қобили зикр аст, ки дар таърихи инсоният паҳншавии бемориҳои сироятӣ хеле зиёд ба мушоҳида мерасанд ва ҳамаи онҳоро ҳамчун таҳдид ба ҷони инсоният муаррифӣ кардан мумкин аст. Аммо паҳншавии бемории COVID-19 дар шароите ба амал омад, ки дар баробари сироятшаванда ва сирояткунанда будани худ, инчунин хавфу хатарҳои гуногунро ба миён овард. Ба ибораи дигар, бемориҳои сироятии дар тули таърих бавуҷудомада дар шароите паҳн гардида буданд, ки ҳанӯз аз мавҷудият, ё рушди технологияҳои иттилоотию компютерӣ дараке набуд. Аммо имрӯз, неруҳои сиёсӣ ва субъектҳои равандҳои сиёсӣ бемории мазкурро ҳамчун яроқи

---

[1] Доклад Группы высокого уровня по угрозам, вызовам и переменам, П.19. [Электронный ресурс]. – URL: https://undocs.org/ru/A/59/565 (дата обращения: 13.08.2020 г.)
[2] Варфоломеев, А. Международные организации и борьба с новыми пандемиями [Текст] / А. Варфоломеев // Международная жизнь. –2020. –№7. –С.24.

идеологӣ интихоб намуда, барои назарфиребии мардум ва амалӣ кардани мақсадҳои гуногуни худ, аз ҷумла барои татбиқи мақсадҳои сиёсии хеш истифода намуданд. Дар оянда низ ин кор метавонад такрор шавад.

Пешрафти илму техника оқибатҳои нохуби иҷтимоӣ низ дошта метавонад. Тули солҳои охир дар миёни олимону муҳаққиқон дар атрофи масъалаи оғоз ёфтани инқилоби чоруми саноатӣ баҳсу мунозираҳо сурат гирифта истодаанд. Таҳлилу баррасиҳои мазкур нишон медиҳанд, ки чунин баҳсҳо одатан дар миёни иқтисодчиён бештар ба назар мерасад. Аммо диққати моро ин масъала ба он хотир ба худ ҷалб намуд, ки дар марҳилаҳои пештараи инқилобҳои саноатӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ ба тағйироти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардида, ҳамзамон барои умумиятҳои иҷтимоӣ масъалаҳои нав ба навро ба миён овардааст, аммо таҳдиду хатари онҳо камтар ба назар мерасиданд. Лекин, дар шароити ба амал омадани инқилоби чоруми саноатӣ барои инсоният як қатор таҳдиду хатарҳои ҷиддӣ ба вуҷуд меоянд. Аз ҷумла, зиёд шудани сафи бекорон, ба амал омадани шиддати иҷтимоӣ ва низоъҳои сиёсӣ аз онҳо вобаста карда мешаванд.

Бори аввал дар бораи инқилоби чоруми саноатӣ олими немис ва ҳамзамон роҳбари Форуми умумиҷаҳонии иқтисодии шаҳри Давос К.Шваб маълумот дода, дар мавриди оқибатҳои инқилоби чоруми саноатӣ фикру андешаҳои худро бо мисолҳои гуногун баён намуда буд[1]. Ба андешаи К.Шваб, дар шароити ба амал омадани инқилоби чоруми саноатӣ як қатор технологияҳои наве пайдо мешаванд, ки онҳо корҳои гуногунро бе иштироки инсон иҷро менамоянд. Дар натиҷаи чунин дигаргунӣ як қатор касбу ихтисосҳо корношоям мешаванд. Аз ҷумла, ронандаи таксӣ, равоншиносӣ, машваратчиён, ҷарроҳон ва даҳҳо касбу кори дигар бо истифодаи технологияҳои нав ба роҳ монда мешаванд[2]. Аммо хусусиятҳои муҳимми чаҳор инқилоби саноатӣ ва таҳдиду хатарҳои дар зери таъсири он

[1] Ниг.: Шваб, К. Четвертая промышленная революция [Текст] / Пер. с англ. – М.: Эксмо, 2020. – 288 с.
[2] Ҳамон ҷо. – С.67-68.

баамаломадаву баамалояндаро муҳаққиқи рус Е.В. Балатский каме муфассалтар нишон додааст. Ба андешаи ӯ, кашфи муҳаррики буғӣ нишонаи инқилоби якуми саноатӣ мебошад, ки дар пайи он як зумра одамоне, ки ба корҳои ҷисмонӣ машғул буданд, бе ҷойи кор монданд. Кашфи қувваи барқ нишонаи инқилоби дуюми саноатӣ дониста мешавад, ки дар пайи он қисми зиёди одамон дар соҳаи меҳнати ҷисмонӣ бе ҷойи кор монданд ва ба соҳаи меҳнати фикрӣ рӯ оварданд. Кашфи мошинҳои электронии ҳисоббарор нишонаи инқилоби сеюми саноатӣ дониста мешавад ва дар пайи он як гурӯҳ одамон дар соҳаи меҳнати фикрӣ шуғли худро аз даст доданд. Ба вуҷуд омадан ва рушди минбаъдаи зеҳни сунъӣ ва махсусан роботикунонӣ нишонаи инқилоби чоруми саноатӣ дониста мешавад, ки дар ин гуна шароит аксари одамон дар соҳаи меҳнати фикрӣ шуғли худро аз даст медиҳанд (ниг.: ба ҷадвали 3):

**Ҷадвали 3**

**Хусусиятҳои муҳимми чаҳор инқилоби саноатӣ**[1]

| **Марҳилаҳои рушди саноатӣ** | **Хусусиятҳои асосии марҳилаҳои рушди саноатӣ** | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **Санаи таърихӣ** | **Давомнокӣ** | **Хусусиятҳои технологӣ** | **Таъсири инқилоби саноатӣ ба қувваи меҳнат** |
| Инқилоби якуми саноатӣ | 1760-1840 | 80 сол | Муҳаррики буғӣ, роҳҳои оҳан, нақлиёти баҳрӣ | Марҳилаҳои аввали аз истеҳсолот дур кардани меҳнати ҷисмонӣ |
| Инқилоби дуюми саноатӣ | 1840-1960 | 120 сол | Қувваи барқ, истеҳсолоти конвеерӣ | Ба таври чашмгир аз истеҳсолот дур кардани меҳнати ҷисмонӣ |
| Инқилоби | 1960-2010 | 50 сол | Компютерҳо, | Марҳилаҳои аввали аз истеҳсолот дур кардани |

[1] **Сарчашма:** Балацский Е.В. Глобальные вызовы четвертой промышленной революции // Terra Economicus. – 2019. –Т.17. –№2. –С.6-22.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| сеюми саноатӣ | | | электроника | меҳнати фикрӣ |
| Инқилоби чоруми саноатӣ | 2010-2100 | ≈90 сол | Технологияҳои рақамӣ, ба ҳам омезиш ёфтани системаҳои рақамӣ, биологӣ ва физикӣ, пайдо шудани зеҳни сунъӣ | Ба таври чашмгир аз истеҳсолот дур кардани меҳнати фикрӣ |

Омӯзиши марҳилаҳои асосии инқилобҳои саноатӣ имкон медиҳад, ки дар зери таъсири технологияҳои ҷадид ба амал омадани таҳдидҳои нави замони муосир ошкор карда шаванд. Дар робита бо ин, Балатский Е.В. марҳила ба марҳила аз истеҳсолот дур кардани меҳнати ҷисмонӣ ва меҳнати фикриро, ки дар зери таъсири технологияҳои ҷадид ба амал омадааст, ҳамчун таҳдид муаррифӣ мекунад. Ӯ иброз медорад, ки «дар марҳилаҳои якум ва дуюми инқилобҳои саноатӣ механизатсиякунонӣ ва автоматикунонии меҳнати ҷисмонӣ ба коргарон имкон дод, ки онҳо ба меҳнати фикрӣ ва меҳнати эҷодӣ гузаранд. Зеро мураккаб гардидани технологияҳои истеҳсолӣ мутахассисони баландихтисосро тақозо менамуд. Бинобар ин, дар ин марҳилаҳо яку якбора талабот ба таҳсилоти оммавӣ ва хизматрасониҳои тиббӣ зиёд гардид. Аммо натиҷаи инқилоби чоруми саноатӣ, ки дар он ба таври чашмгир аз истеҳсолот дур кардани меҳнати фикрӣ ба амал меояд, хеле ҳузнангез мебошад. Зеро донишмандон (профессорон, ҳуқуқшиносон, иқтисоддонҳо, молиячиён, маъмурон, муҳосибон ва ғ.) наметавонанд ба корҳои дигар гузаранд. Танҳо кормандони баландихтисос ва намояндагони технологияҳои ҷадид метавонанд мавқеи мустаҳкамро ишғол кунанд. Одамони боқимонда аз истеҳсолот дур карда мешаванд ва дар ҷойи онҳо технологияҳои автоматикунонидашуда ва

роботҳо истифода бурда мешаванд»[1]. Ба андешаи ин муҳаққиқ, ҳатто назарияи ирратсионалӣ ва ғайригуманистии Томас Малтус дар зери таъсири ин гуна таҳаввулот ташаккул дода шудааст. Одамоне, ки бе ҷойи кор мемонанд, аз даромад низ маҳрум мегарданд, ки дар натиҷа онҳо наметавонанд ба сифати истеъмолкунанда баромад кунанд[2]. Чунин раванд аллакай оғоз гардидааст, ки он метавонад дар оянда ба таҳдиди ҷиддӣ мубуддал гардад.

Инқилоби чоруми саноатӣ дар баробари он, ки рушду инкишофро таъмин менамояд ва ҳамзамон худ маҳсули пешрафти технологӣ мебошад, инчунин ба тамоми соҳаҳои фаъолияти инсонӣ метавонад таъсири манфӣ расонад. Яке аз оқибатҳои нохуби он қафомонии технологӣ мебошад. Яъне, барои он, ки сатҳу сифати фаъолият ва хизматрасониҳо ба талаботи давру замон мувофиқат намояд, барои кормандон ва мутахассисони ҳама гуна ташкилоту муассисаҳо маҳорат ва малакаҳои нави касбӣ ва донишҳои замонавӣ зарур мешаванд. Рушди минбаъдаи соҳаҳои гуногуни мамлакат ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум низ аз ин омил вобаста мегардад. Дар шароити муосир суръати дигаргуниҳо он қадар зиёд гардидаанд, ки дар чунин шароит одамонро зарур аст доимо ба илмомӯзию донишандӯзӣ ва такмили ихтисос машғул гарданд. Собиқ сарвазири Сингапур Ли Куан Ю иброз медорад, ки «дар шароити рушди босуръати технологӣ ва ташаккули иқтисодиёти нав таҳсили одамон бояд то охири умр идома ёбад. Нафароне, ки дониши кофӣ надоранд ва ба такмили ихтисос машғул намегарданд, то ки аз лиҳози компютерӣ ва технологӣ саводнок шаванд, дар корхонаҳои хуб ҷойи кор пайдо карда наметавонанд ва корхонаҳои пештар мавҷудбуда бинобар сабаби аз лиҳози иқтисодӣ бефоида будан аз байн мераванд»[3].

---

[1] Балацский, Е.В. Глобальные вызовы четвертой промышленной революции [Текст] / Е.В. Балацкий // Terra Economicus. – 2019. – Т.17. – №2. – С.10-11.
[2] Ҳамон ҷо. – С.10-11.
[3] Сингапурское чудо: Ли Куан Ю [Текст] / Пер с англ. В.Н. Верченко. –М.: Изд-во «АСТ», 2015. –С.161.

Бо назардошти чунин вазъ ва ҳалли мушкилиҳои дар робита бо ин масъала бавуҷудоянда чунин тавсияҳои амалӣ пешниҳод намудан мумкин аст: якум, дар назди донишгоҳҳои пуриқтидори мамлакат ташкил намудани курсҳои такмили ихтисоси мутахассисони касбу кори гуногун; дар ин курсҳо ҷалб кардани устодони ботаҷриба ва донишманд, махсусан устодоне, ки аз дастовардҳои навини илму техника огоҳанд; огоҳ намудани иштирокчиёни курсҳои такмили ихтисос аз дастовардҳои навини илму техника; додани имтиёз ба устодоне, ки дар курсҳои мазкур дарс мегуянд (баланд намудани маоши онҳо, камтар кардани сарбории меҳнатии онҳо ва ғ.), то ки онҳо тавонанд пайваста ба такмили донишҳои худ машғул шаванд ва дастовардҳои навини илму техникаро дар доираи курсҳои такмили ихтисос ба мутахассисон шарҳу тавзеҳ диҳанд. Барои оне, ки фаъолияти ин соҳаи афзалиятнок дар оянда хубтару беҳтар танзим карда шавад, қабул гардидани қонун «Дар бораи такмили ихтисоси кормандон» зарур дониста мешавад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 28-уми декабри соли 2023 зимни ироаи Паёми солонаи худ ба масъалаи беҳтар кардани такмили ихтисоси омӯзгорон, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва умуман ба рушди соҳаи маориф таваҷҷуҳи хос зоҳир карда, чунин ибрози андеша намуданд: «бояд ба масъалаҳои аз такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаронидани омӯзгорон, рушди таҳсилоти иловагӣ, тақвияти мақоми омӯзгор дар ҷомеа, ҷалби бештари хонандагону омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамикунонии соҳаи маориф, омода кардани омӯзгорон ва таҷдиди назар кардани стандартҳои касбӣ барои омӯзгорон, нозирон ва такмили муносибати босалоҳият ба таълим эътибори аввалиндараҷа зоҳир гардад»[1]. Дар мавриди ташаккули ҳукумати электронӣ

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28.12.2023 [Захираи электронӣ]. –URL: http://president.tj/node/32191 (санаи муроҷиат: 25.01.2024)

ва зарурати баланд бардоштани сатҳи дониши хизматчиёни давлатӣ ҳанӯз соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле бамаврид қайд намуда буданд. Ба андешаи Сарвари давлат «Кишварҳое, ки дар татбиқи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва рушди ҳукумати электронӣ ба пешравиҳои назаррас ноил гардидаанд, пеш аз ҳама, ба масъалаҳои омода кардани кадрҳои баландихтисоси ин соҳаи муҳим, рушди инфрасохтори иттилоотӣ, зина ба зина баланд бардоштани сатҳи дониши хизматчиёни давлатӣ ва татбиқи усулҳои идоракунии электронӣ диққати зарурӣ медиҳанд»[1].

Қобили зикр аст, ки инқилоби чоруми саноатӣ айни замон дар кишварҳои тараққикарда ба амал омада истодааст ва дар кишварҳои рӯ ба инкишоф ҳанӯз оғоз нагардидааст. Чунин ҳолатро К.Шваб хеле хуб асоснок кардааст. Ӯ қайд менамояд, ки аҳолии 17% ҳудудҳои ҷаҳонӣ дар интизори инқилоби дуюми саноатӣ мебошанд, зеро зиёда аз 1,3 млрд нафар ҳанӯз ҳам ба қувваи барқ дастрасӣ надоранд. Тахминан нисфи аҳолии курраи Замин, ё худ зиёда аз 4 млрд. нафар дар интизори инқилоби сеюми саноатӣ мебошанд, зеро аксарияти ин одамон дар кишварҳои рӯ ба инкишоф умр ба сар мебаранд ва ҳанӯз ба шабакаи Интернет дастрасӣ надоранд[2]. Дар Аврупо 80% аҳолӣ, дар Африқо 30% ва дар кишварҳои сатҳи рушдашон поёнтар тахминан 20% аҳолӣ ба шабакаи интернет дастрасӣ доранд[3]. Аммо таъсири манфии инқилоби чоруми саноатиро аз ҳама бештар давлатҳои тозаистиқлол ва рӯ ба инкишоф эҳсос менамоянд. Яъне, кишварҳои тараққикарда боз ҳам зиёдтар тараққӣ мекунанд ва кишварҳои боқимонда дар самти таъмини рушду инкишоф ба мушкилиҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20.04.2012 [Захираи электронӣ]. – URL: http://president.tj/node/1084 (санаи муроҷиат: 20.09.2020)

[2] Ниг.: Шваб, К. Четвертая промышленная революция [Текст] / Пер. с англ. –М.: Эксмо, 2020. – С.20.

[3] Ниг.: Использование стремительного технического прогресса в интересах инклюзивного и устойчивого развития // Доклад Генерального секретаря ООН от 13.01.2020 г. [Электронный ресурс]. – URL: https://unctad.org/system/files/official-document/ecn162020d2_ru.pdf (дата обращения: 22.07.2021 г.)

мегарданд. Ба андешаи Ли Куан Ю, «кормандони қаторӣ ба таҷрибаи дигарон пайравӣ намуда, барои пешбурди зиндагии худ маблағ пайдо менамоянд, аммо маблағҳо ва дороиҳои зиёд насиби касоне мешаванд, ки навоварӣ карда, барои оянда тадбирҳои иловагӣ меандешанд»[1]. Чунин қонуният хоси давлатҳои тозаистиқлол мебошад. Яъне, барои таъмин кардани рушди мамлакат ва зиёд намудани даромади аҳолӣ истифода бурдани технологияҳои ҷадид, дастовардҳои нави илму техника ва навовариҳои илмию технологӣ бояд ба роҳ монда шавад. Дар ҳолати баръакс таъмин кардани пешрафти иқтисодию иҷтимоӣ ғайриимкон мегардад. Гузашта аз ин, барои оне, ки мутахассисон дар бозори дохилӣ ва маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ харидор дошта бошанд, онҳоро зарур аст, ки ба такмили ихтисоси худ пайваста машғул гардида, ба навоварию эҷодкорӣ машғул шаванд. Ҳар як мутахассис низ бояд дар хотир дошта бошад, ки дар шароити рушди технологияҳои ҷадид агар донишҳои касбӣ ва маҳорати навро соҳиб нашавад, дар рушди соҳаи мушаххас он тараф истад, дар фаъолияти касбӣ ҳеҷ муваффақият пайдо карда наметавонад. Зеро аллакай ҷойи одамонро роботҳо, техникаҳои нав, дастгоҳҳои ҳушманд ва дигар технологияҳои ҷадид гирифта истодаанд. Бо технология ва фанновариҳои навин муқобилият нишон додан ғайриимкон аст. Танҳо ба воситаи баланд бардоштани қобилият ва маҳорат онҳоро идора кардан мумкин аст.

Яке аз унсурҳои таркибии инқилоби чоруми саноатӣ рушди «зеҳни сунъӣ» мебошад, ки дар заминаи шабакаи интернет мавриди истифода қарор мегирад. Ба ибораи дигар, зеҳни сунъӣ (искусственный интеллект) барномаҳои содаю мураккаби компютерие мебошанд, ки дар заминаи шабакаи интернет, бо такя ба маълумоти зиёд ва пойгоҳҳои иттилоотӣ барои анҷом додани корҳои зиёди фикрӣ ва зеҳнӣ истифода бурда мешаванд. Баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла донишманди хитоӣ Кай-Фу Ли зеҳни

[1] Сингапурское чудо: Ли Куан Ю [Текст] / Пер. с англ. В.Н. Верченко. –М.: Изд-во «АСТ», 2015. – С.142.

сунъиро бо қувваи барқ ҳамшабеҳ донистаанд. Яъне, чи гунае, ки қувваи баркро баъди ихтироъ гардидан дар соҳаҳои гуногун истифода намуданд, зеҳни сунъиро низ чунин истифода мекунанд[1]. Аммо таҳлили иқтидори технологии зеҳни сунъӣ нишон медиҳад, ки ин гуна муқоиса барои нишон додани воқеият каме номувофиқ аст. Зеро замоне ки қувваи барқ кашф шуд, барои истифодаи он техника ва дастгоҳҳои техникии гуногун ба вуҷуд овroutanд. Яъне, агар қувваи барқ намешуд, ин гуна дастгоҳҳои барқӣ ба вуҷуд намеомаданд. Имрӯз ҳар сари қадам мо истифодаи дастгоҳҳои барқиро мушоҳида менамоем. Ҳамзамон агар қувваи барқ набошад, ин дастгоҳҳои барқиро истифода бурда намешавад. Ба ҳамин монанд аввал шабакаи интернет пайдо шуд ва дар заминаи он барномаҳои гуногуни компютерӣ, аз ҷумла зеҳни сунъӣ пайдо гардид. Хулоса дар оянда дар заминаи шабакаи интернет ҳамаи дастгоҳҳои барқии аз ҷониби инсон истифодашаванда ба воситаи барномаҳои компютерии махсус (барномаҳои ҳушманд, зеҳни сунъӣ) барои иҷроиши корҳои гуногун, аз ҷумла корҳои фикрию зеҳнӣ истифода бурда мешаванд. Албатта, масъалаи хусусиятҳои техникию технологии зеҳни сунъӣ мавзуи баҳси илмҳои сиёсӣ нест, аммо оқибатҳои иҷтимоию сиёсии он барои сиёсатшиносон ва сиёсатмадорон масъалаи хеле мубрам ба шумор меравад.

Айни замон мутахассисони соҳа дар атрофи оқибатҳои ногувори тавсеаи зеҳни сунъӣ суҳбат карда истодаанд. Яке аз онҳо зиёд шудани сафи бекорон ва масъалаи дигар афзоиши камбизоатӣ мебошад, ки ҳалли ин масъалаҳо унсурҳои марказии сиёсати иҷтимоии ҳар як давлатро ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқоти Кай-Фу Ли таҳдидҳои рушди зеҳни сунъӣ ба таври зерин нишон дода шудаанд: Зеҳни сунъӣ аз рӯйи принсипи «ғолиб соҳиби ҳама чиз мешавад» амал намуда, ҳаҷми бештари боигариҳои оламро дар ихтиёри ширкатҳои иқтисодии Чин ва ИМА қарор медиҳад. Дар натиҷа

---

[1] Ниг.: Кай Фу Ли. Сверхдержавы искусственного интеллекта. Китай, Кремниевая долина и новый мировой порядок [Текст] / Пер. с англ. Н.Константиновой. –М.: Манн, Иванов и Фербер, 2019. – 240 с.

сафи бекорон зиёд гардида, нобаробарии иҷтимоӣ афзоиш меёбад, ки чунин вазъ системаҳои сиёсии як қатор кишварҳои оламро ба бухрон дучор менамояд. Чунин тамоюлот на танҳо тартиботи ҷаҳониро тағйир медиҳад, балки суботи сиёсии минтақаҳои гуногунро вайрон менамояд. Дар тули таърих одамон ба меҳнати ҷисмонӣ ва фикрӣ машғул гардида, вақти худро барои дарёфти хӯрок ва дигар лавозимот сарф намудаанд. Дар ин раванд арзишҳои фарҳангие ташаккул ёфтаанд, ки дар ин руҳия одамон тарбия карда мешаванд. Махсусан, дар руҳияи инсондӯстӣ, поквиҷдонӣ, меҳнатдӯстӣ ва ғ. Аммо рушди зеҳни сунъӣ ба ин арзишҳо низ таҳдид менамояд[1].

Таҳдиду хатарҳои пешрафти илмию техникӣ дар форумҳои байналмилалӣ хеле зиёд таҳлилу таҳқиқ гардида истодаанд. Чи гунае, ки қаблан гуфта шуд, дар ин бора Форуми умумиҷаҳонии иқтисодӣ (Форуми Давос) хулосаҳои худро пешниҳод намуда истодааст. Инчунин Форуми байналмилалии иқтисодии Петербург низ ба хулосае омадааст, ки таҳдиду хатарҳои пешрафти илмию техникиро танҳо ба воситаи илм бартараф кардан мумкин аст. Иштирокдорони форум аз мавҷудияти чунин таҳдидҳо хабар додаанд:

– афзоиши сарбории антропогенӣ дар табиат (баланд гардидани сатҳи оби укёнусҳои ҷаҳонӣ, ифлосшавии замин, об ва ҳаво, хушксолӣ ва дигар ҳодисаҳои табиӣ);

– марҳилаҳои нави демографӣ ва эпидемиологӣ (пиршавии аҳолии кишварҳои тараққикарда, ба вуҷуд омадани мушкилиҳои иҷтимоӣ, афзоиш ёфтани бемориҳои сироятӣ);

– омезишёбии иҷтимоӣ (афзоиши муҳоҷират, ба вуҷуд омадани низоъҳо);

---

[1] Ниг.: Кай Фу Ли. Сверхдержавы искусственного интеллекта. Китай, Кремниевая долина и новый мировой порядок [Текст] / Пер. с англ. Н.Константиновой. –М.: Манн, Иванов и Фербер, 2019. –С.32-33.

– корношоям гардидани системаҳои иҷтимоию техникӣ[1].

Тавре ба мушоҳида мерасад, дар баробари таҳдиду хатарҳои гуногун, инчунин тағйирёбии иқлимро низ махсус ёдовар мешаванд. Зеро яке аз таҳдидҳои ҷиддии ҷаҳони муосир, ки бо пешрафти илму техника алоқаманд мебошад, тағйирёбии иқлим аст. Дар бораи оқибатҳои ногувори тағйирёбии иқлим таҳлилҳои зиёд анҷом додан мумкин аст, аммо аз ҳама оқибати фалокатовар ин аст, ки дар натиҷаи хушкшавӣ, ё обхезиҳо заминҳои зиёди кишоварзӣ корношоям мегарданд. Тағйирёбии иқлим боиси ба вуҷуд омадани бемориҳои нав мешавад, обёрии заминҳои киштшаванда мушкил мегардад ва ҳаҷми ҳосилнокии зироат хеле кам мешавад[2].

Сабаби асосии тағйирёбии иқлим партовҳои гулхонаӣ мебошанд. Дар тули 30 соли охир партовҳои гулхонаӣ яку якбора рӯ ба афзоиш ниҳода, айни замон зиёда аз 51 млрд тонна газҳои гулхонаӣ ба атмосфера партов мешаванд. Таҳлилҳо нишон додаанд, ки соли 2020 бинобар сабаби паҳншавии бемории сироятии КОВИД-19 ва аз кор мондани корхонаҳои саноатӣ партовҳои гулхонаӣ 5% кам шудаанд[3]. Ин маънои онро дорад, ки яке аз сарчашмаҳои асосии афзоишёбии ин гуна газҳо корхонаҳои азими саноатие мебошанд, ки дар кишварҳои тараққикардаи олам сохта шудаанд. Олимони соҳаи экология ба хулосае омадаанд, ки сабаби асосии тағйирёбии иқлим худи инсон ва афзоиш ёфтани миқёси фаъолияти саноатии вай мебошад. Таъсири одамон ба иқлими сайёра ҳанӯз аз давраи инқилоби якуми саноатӣ, яъне баъди сохтану истифода бурдани аввалин фабрика ва заводҳои саноатӣ шуруъ гардида буд. Аммо дар тули 30 соли охир корхонаҳои азими саноатие сохта шудаанд, ки ҳаҷми хеле зиёди гази гулхонаиро ихроҷ менамоянд. Ба андешаи олимон, дар асри XX ҳарорати

---

[1] Ниг.: Большие вызовы – стимул для развития науки [Текст]. –СПб.: Петербургский экономический форум, 2016. –С.6.

[2] Ниг.: Прогноз научно-технологического развития агропромышленного комплекса Российской Федерации на период до 2030 года [Текст]. –М.: Агро-комплекс, 2017. –С.15.

[3] Ниг.: Гейтс, Б. Как нам избежать климатической катастрофы. Решения, которые у нас есть. Прорывы, которые нам нужны [Текст] / Пер. с англ. –М.: Манн, Иванов и Фербер, 2021. – С.11.

ҳаво 0,7 градус зиёд шудааст, аммо минбаъд ҳар даҳсола 0,2 градус зиёд мешавад[1].

Тағйирёбии иқлим тули ду даҳсолаи охир ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои дигари минтақаи Осиёи Марказӣ низ таъсири манфӣ расонида истодааст. 2-юми декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар ҳошияи Конфронси 28-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (COP 28) дар Саммити Гурӯҳи 77 ва Чин қайд намуда буданд, ки «Ҳамасола офатҳои табиӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон ба маблағи садҳо миллион доллар зарар расонида, дар бисёр мавридҳо талафоти ҷониро низ ба бор меоранд. Тағйирёбии иқлим боиси обшавии босуръати пиряххо, коҳиши ҳаҷми оби дарёҳо гардида, ба бахшҳои асосии иқтисоди миллӣ, аз қабили энергетика, кишоварзӣ ва саноат таъсири манфӣ мерасонад. То имрӯз аз 13 ҳазор пирях дар қаламрави Тоҷикистон зиёда аз як ҳазор адади он пурра об шудааст»[2]. Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ, ки 28.12.2023 ироа гардида буд, таъсири манфии тағйирёбии иқлимро чӣ барои Тоҷикистон ва чӣ барои ҷомеаи ҷаҳонӣ хеле зараровар унвон намуданд. Ба қавли Сарвари давлат, «Гармшавии ҳарорати сайёра ва оқибатҳои манфии он – камобӣ, хушксолии паёпай ва дигар офатҳои табиӣ, аз ҷумла сардии бесобиқаи зимистони гузашта, яъне торафт бад шудани ҳолати муҳити зисти инсоният, илова бар ин, ки боиси торафт вазнин шудани таъминот бо маводи ғизоӣ ва оби босифати нӯшокӣ дар бисёр кишварҳо ва минтақаҳои ҷаҳон гардида истодааст, ба паҳншавии бемориҳои

---

[1] Ниг.: Парниковый эффект: причины и последствия [Электронный ресурс]. –URL: https://airnanny.ru/blog/parnikovyij-effekt-prichinyi-i-posledstviya/ (дата обращения: 22.07.2021 г.)
[2] Суханронӣ дар Саммити Гурӯҳи 77 ва Хитой дар ҳошияи Конфронси ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (COP 28), 02.12.2023 [Захираи электронӣ]. –URL: http://president.tj/node/32047 (санаи муроҷиат: 25.01.2024)

сироятӣ ва торафт устувор гардидани муқовимати воситаҳои доруворӣи мавҷуда бар зидди вируси чунин бемориҳо мусоидат карда истодааст»[1].

Дар баробари сабабҳои дигар афзоиши аҳолӣ низ ба тағйирёбии иқлим боис гардидааст. Бояд гуфт, ки инқилоби сеюм ва чоруми иттилоотӣ боиси пешрафти илму техника гардид, ки дар натиҷа соҳаи тиб ва саводнокии тиббии одамон, шарту шароити зиндагии онҳо, сифати озуқаворӣ беҳтар гардид. Дар ин раванд афзоиши аҳолӣ яку якбора зиёд шуд. Аз соли 1960 тахминан ҳар даҳсола шумораи аҳолии дунё 1 млрд нафар афзоиш ёфтааст. Масалан, соли 1960 аҳолии дунё ҳамагӣ 3 млрд, аммо соли 2023 аллакай 8 млрд нафарро ташкил додааст (ниг. ба ҷадвали 4).

**Ҷадвали 4**

**Динамикаи афзоиши шумораи аҳолӣ дар ҷаҳон**

| **Санаи таърихӣ** | **Шумораи аҳолӣ** | **Муддати афзоиш** |
|---|---|---|
| Соли 1804 | 1 млрд | |
| Соли 1927 | 2 млрд | 123 сол |
| Соли 1960 | 3 млрд | 33 сол |
| Соли 1974 | 4 млрд | 14 сол |
| Соли 1987 | 5 млрд | 13 сол |
| Соли 1999 | 6 млрд | 12 сол |
| Соли 2011 | 7 млрд | 12 сол |
| Соли 2023 | 8 млрд | 14 сол |

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28.12.2023 [Захираи электронӣ]. –URL: http://president.tj/node/32191 (санаи муроҷиат: 25.01.2024)

Дар натиҷаи афзоиши аҳолӣ як қатор тағйиротҳои дигар ба амал омадаанд, ки боиси тағйирёбии иқлим гардида истодаанд: буридану несту нобуд кардани ҷангалзорҳо, сухтори ҷангалзорҳо, зиёд шудани нақлиёти бо сузишворӣ ҳаракаткунанда, афзоиш ёфтани ҳаҷми нуриҳои химиявӣ дар киштзорҳо, зиёд шудани миқёси партовҳо[1]. Барои мисол, аз рӯйи таҳқиқоте, ки ширкати Wards Auto анҷом додааст, соли 1970 шумораи автомобилҳо дар олам 250 млн, соли 1986 тахминан 500 млн, соли 2009 ин рақам 980 млн ва соли 2019 бошад 1,2 млрд мебошад. Тибқи ояндабинии ин кишвар то соли 2035 шумораи автомобилҳо дар олам то 2 млрд афзоиш меёбанд[2].

Ҳамин тариқ, пешрафти илмию техникӣ аз як ҷониб ҳалли як қатор мушкилиҳои ҷиддии инсониятро имконпазир гардонида, боиси рушди соҳаҳои гуногун гардида бошад ҳам, аз ҷониби дигар сабаби пайдоиши таҳдиду хатарҳои нав шудаанд. Рушди илмҳои биология ва генетика хавфи ба дасти ташкилотҳои террористию экстремистӣ афтодани яроқи биологӣ ва дар муқобили аҳолии осоишта истифода гардидани онро зиёд намуданд. Рушди илмҳои мазкур соҳаи хоҷагии қишлоқро низ зери хавфу хатари агротерроризм қарор дода, осебпазир намудани амнияти озуқавории кишварҳои гуногунро ба вуҷуд овард. Дар баробари ин, тули чанд даҳсолаи охир шумораи озмоишгоҳҳои илмию таҳқиқотии химиявию биологӣ рӯ ба афзоиш ниҳода, эҳтимоли ба берун баромадани иттилооти хавфнок ва вирусҳои хатарнокро зиёд намудаанд. Ғайр аз ин, рушди илму техника боиси ба вуҷуд омадани технологияҳои навин гардида, инсониятро бо мушкилиҳои нав рӯ ба рӯ кардаанд. Масалан, инқилоби чоруми саноатӣ, зиёд шудани корхонаҳои азими саноатӣ, рӯ ба афзоиш ниҳодани миқёси истифодабарии зеҳни сунъӣ, роботикунонӣ, афзоиши аҳолӣ ва ғайраҳо хавфи ба амал омадани мушкилиҳои ҷиддии иҷтимоӣ, тағйирёбии иқлим ва низоъҳои сиёсию иҷтимоиро чандин маротиба зиёд намуданд.

---

[1] Ниг.: Парниковый эффект: причины и последствия [Электронный ресурс]. –URL: https://airnanny.ru/blog/parnikovyij-effekt-prichinyi-i-posledstviya/ (дата обращения: 22.07.2021 г.)
[2] Ниг.: Цифра дня: сколько автомобилей на планете? [Электронный ресурс]. –URL: https://www.autonews.ru/news/5c9114d69a7947491f827c6e (дата обращения: 22.07.2021 г.)

## 2.4. Пайдоиши таҳдидҳои ғайрианъанавӣ дар раванди тавсеаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ

Василаҳои иттилоотию иртиботии замони муосир аз як ҷониб барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти одамон ва хубтару беҳтар кардани робитаи онҳо мусоидат намуда, аз ҷониби дигар сабабгори пайдоиши таҳдиду хатарҳои гуногун шудаанд. Ин аст, ки айни замон давлатҳои олам барои рушди инфрасохтори иттилоотии ҷомеа ва ҳамзамон таъмини амнияти иттилоотии кишвари худ талош варзида истодаанд. Дар ин қисми таҳқиқот аввал дар бораи паҳлуҳои мусбати василаҳои иттилоотӣ каме таваҷҷуҳ намуда, сипас нишон додани таҳдиду хатари онҳоро мувофиқи мақсад мешуморем.

Бояд қайд намуд, ки рушди босуръати технологияҳои иттилоотии замони муосир бо пайдоиши интернет алоқаманд мебошад. Зеро ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ ва рушди минбаъдаи он аз миқёси истифодаи шабакаи интернет вобастагии зиёд дорад. Ҳамзамон рушди инфрасохтори иттилоотии кишвар ва пешниҳод гардидани хизматрасониҳои электронӣ дар заминаи шабакаи интернет амалӣ карда мешаванд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки рушди ояндаи соҳаҳои гуногуни ҷомеа, аз ҷумла иқтисодиёт, сиёсат, фарҳанг, иҷтимоиёт ва ғайраҳо аз истифодаи самараноки шабакаи интернет ва технологияҳои иттилоотӣ вобаста мегарданд. Дар соҳаи иқтисодиёт тиҷорати электронӣ, дар соҳаи сиёсат ҳукумати электронӣ, дар соҳаи иҷтимоиёт хизматрасониҳои электронӣ ва монанди инҳо бо истифодаи технологияҳои иттилоотии замони муосир ба роҳ монда мешаванд. Айни замон дар як қатор кишварҳои мутараққии олам дар заминаи шабакаи интернет истифодаи «зеҳни сунъӣ» ба амал омада истодааст, ки чӣ дар соҳаи истеҳсолот ва чӣ дар соҳаи хизматрасонӣ марҳилаи нави рушду инкишоф ба ҳисоб меравад.

Рушди василаҳои иттилоотию иртиботӣ инчунин аз афзоиши шумораи корбарони интернет низ вобаста аст. Тули ду даҳсолаи охир шумораи онҳо бо суръати баланд афзоиш ёфта истодааст. Соли 2000 корбарони шабакаи интернет 700 млн нафарро ташкил медод. Ин рақам соли 2005 ба 1,2 млрд, соли 2010 тахминан 2 млрд, соли 2015 зиёда аз 3 млрд ва соли 2021 ин рақам ба 4,66 млрд нафар баробар шудааст[1]. Ба ибораи дигар, айни замон зиёда аз 60% аҳолии дунё аз шабакаи интернет истифода менамоянд.

Шумораи муштариёни ширкатҳои мобилӣ ва корбарони телефонҳои мобилӣ низ рӯз то рӯз зиёд шуда истодаанд. Айни замон зиёда аз 5,2 млрд нафар телефони мобилӣ истифода мекунанд[2]. Афзоиши босуръати шумораи корбарони шабакаи интернет ва телефонҳои мобилӣ бо нархи дастраси онҳо низ алоқаманд аст. Сол то сол арзиши онҳо поён меравад. Айни замон дар кишварҳои тараққикарда харҷи аҳолӣ барои интернет 1,4% маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба сари аҳолиро ташкил медиҳад, аммо дар кишварҳои сусттараққикарда ин нишондод 54% мебошад. Харҷи одамон барои интернети мобилӣ бошад дар кишварҳои тараққикарда 1%-и маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба сари аҳолӣ, дар кишварҳои рӯ ба инкишоф 4,5% ва дар кишварҳои сусттараққикарда 9,8%-ро ташкил медиҳад[3]. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, ки дар кишварҳои сусттараққикарда арзиши интернет ҳанӯз ҳам гарон аст, аммо дар муқоиса бо ду даҳсолаи гузашта чандин маротиба арзонтар шудааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 21-уми декабри соли 2021 зимни ироаи Паёми солонаи худ қайд намуданд, ки «агар шумораи муштариёни алоқаи телефонӣ соли 1991 ҳамагӣ 277 ҳазор нафарро ташкил

---

[1] Ниг.: Digital 2021: Актуальная статистика и аудитория социальных сетей в мире и Беларуси [Электронный ресурс]. –URL: https://belretail.by/article/digital-aktualnaya-statistika-i-auditoriya-sotsialnyih-setey-v-mire-i-belarusi (дата обращения: 16.07.2021 г.)

[2] Ниг.: Ҳамон ҷо.

[3] Ниг.: Использование стремительного технического прогресса в интересах инклюзивного и устойчивого развиятия // Доклад Генерального секретарья ООН от 13.01.2020 г. [Электронный ресурс]. –URL: https://unctad.org/system/files/official-document/ecn162020d2_ru.pdf (дата обращения: 22.07.2021 г.)

карда бошад, пас дар соли 2021 шумораи танҳо муштариёни алоқаи телефонии мобилӣ ба беш аз 8 миллион нафар расидааст; ҳоло истифодабарандагони шабакаи интернет дар кишвар зиёда аз 4,2 миллион нафарро ташкил медиҳанд; танҳо дар 10 соли охир барои истифодаи алоқаи мобилӣ аз ҷониби аҳолии мамлакат 30 миллиард сомонӣ харочот шудааст»[1]. Аз омори овардашуда ба осонӣ мушоҳида мегардад, ки дар тули солҳои соҳибистиқлолӣ шумораи корбарони телефони мобилӣ ва шабакаи интернет дар Ҷумҳурии Тоҷикистон босуръат афзоиш ёфтааст. Гузашта аз ин, харҷи одамон барои алоқаи мобилӣ ва интернети мобилӣ дар 10 соли охир тахминан 2,5%-и маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба сари аҳолиро ташкил додааст, ки ин нишондоди хеле хуб аст. Зеро дар кишварҳои рӯ ба инкишоф ин нишондод 4,5% ва дар кишварҳои сусттараққикарда 9,8%-ро ташкил медиҳад[2].

Ғайр аз ин, дар ин раванди пешрафти технологӣ иқтидори дастгоҳҳои электронӣ низ баланд мегардад. Барои мисол, иқтидори телефони мобилии имрӯза нисбат ба компютерҳои солҳои 70-ум садҳо маротиба зиёд аст. Соли 1982 компютерҳои «IBM» ва «Commodore», ки дар бозорҳои ИМА ба фурӯш бароварда шуда буданд, ҳамагӣ 2,52 гигабайт хотира доштанд. Соли 2017 ширкати Western Digital кортҳои хотирадори ғунҷоишашон 400 ва 512 гигабайтро ихтироъ намуданд. Хотираи компютерҳо бошад аз ҳудуди терабайт гузашта рафт[3]. Тибқи таҳлилҳои мавҷуда, тавоноӣ ва иқтидори компютерҳо дар муддати 1,5 сол як маротиба зиёд мегарданд ва ин маънои

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 21.12.2021 [Захираи электронӣ]. – URL: https://www.president.tj/event/missives/24850 (санаи истифодабарӣ: 25.01.2024)

[2] Ниг.: Использование стремительного технического прогресса в интересах инклюзивного и устойчивого развиятия // Доклад Генерального секретарья ООН от 13.01.2020 г. [Электронный ресурс]. –URL: https://unctad.org/system/files/official-document/ecn162020d2_ru.pdf (дата обращения: 22.07.2021 г.)

[3] Ниг.: Томас, С. Цифровая трансформация. Как выжить и преуспеть в новую эпоху [Текст] / Пер. с англ. –М.: Манн, Иванов и Фербер, 2021. – С.88-89.

онро дорад, ки суръати кории компютерҳои соли 2025 нисбат ба компютерҳои соли 2013-ум 64 маротиба зиёд мегарданд[1].

Гузашта аз ин, тавсеаи интернет, афзоиши корбарони он ва ташаккулёбии инфрасохтори иттилоотии ҷомеа ба зеҳну шуури одамон, муносибатҳои ҷамъиятӣ ва рафтори сиёсии онҳо таъсири амиқ расонида, ҳаёти муқаррарии одамонро ба таври ҷиддӣ тағйир медиҳанд. Чунин дигаргуниҳоро ба инобат гирифта, баъзе муҳаққиқон ба амал омадани инқилоби чоруми иттилоотиро ишора менамоянд[2], ки барои мутобиқ шудан ба ин гуна дигаргуниҳо на ҳамаи ҷомеаҳо омода ҳастанд.

Айни замон одамон ба воситаи интернет ва ТИИ бо ҳамдигар муошират намуда, саривақт аз воқеаву ҳодисаҳои минтақавию ҷаҳонӣ огоҳ мешаванд. Инчунин корбарони интернет ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии ҷомеа иштирок намуда, нақши ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро мустаҳкам мекунанд ва ба ин васила дар тарғибу ташвиқи ғояҳои башардӯстона, арзишҳои миллию фарҳангӣ, рушди ахлоқ ва маънавиёт саҳми худро мегузоранд. Ғайр аз ин, дар шароити муосир шабакаи интернетро барои фароғату истироҳат, масалан, тамошои филму шунидани мусиқиҳо, забономӯзӣ, илмомӯзӣ ва ҳатто касбомӯзӣ низ истифода мебаранд. Ба воситаи интернет, ки дар он сомонаҳои расмии муассисаҳои гуногун сохта шудаанд, дар бораи хизматрасониҳои соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ маълумоти зарурӣ пайдо мекунанд. Махсусан, дар давраи паҳншавии беморини сироятии КОВИД-19 интернетро барои анҷом додани фаъолияти фосилавӣ ба таври васеъ истифода бурданд. Ҳатто дар баъзе кишварҳое, ки инфрасохтори иттилоотии ташаккулёфта доранд, низоми маорифро ба таълими фосилавӣ гузарониданд. Дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ бошад бо ташаббуси давлатҳои алоҳида ва созмонҳои

[1] Ниг.: Шмидт, Э. Новый цифровой мир. Как технологии меняют жизнь людей, модели бизнеса и понятие государств [Текст] / Пер. с англ. –М.: Манн, Иванов и Фербер, 2013. – С.13.
[2] Ниг.: Floridi, L. The fourth revolution. How the infosphere is reshaping human reality. – London: Oxford University Press, 2014. –265 p.

минтақавию байналмилалӣ ҷаласаю вохӯриҳо бо иштироки сарони давлатҳо дар шакли онлайн-конференсия баргузор карда мешаванд.

Шабакаи интернет ва технологияҳои иттилоотӣ барои баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ нақши калон бозида истодааст. Ба воситаи технологияҳои мазкур дар як қатор кишварҳои олам ба ҳукумати электронӣ гузашта истодаанд. Дар ин раванд истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ дар низоми идоракунии давлатӣ ба амал меояд. Давлатҳо кӯшиш намуда истодаанд, ки хизматрасониҳои худро пурра ба таври электронӣ ба роҳ монанд. Ҳатто баъзе муҳаққиқон ба хулосае омадаанд, ки дар сатҳи зарурӣ ташаккул ёфтани ҳукумати электронӣ ва ба вуҷуд омадани ҷомеаи иттилоотии рушдёфта самаранокии фаъолиятро хеле зиёд менамояд[1]. Умуман, шабакаи интернетро айни замон барои баланд бардоштани самаранокии фаъолият дар ҳамаи соҳаҳо истифода бурдан мумкин аст. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, шабакаи интернет ба монанди дигар дастовардҳои инсоният дар баробари фоида, инчунин зарару зиёни хеле зиёд низ дорад. Ба ибораи дигар, интернетро баъзан вақт бар зарари инсоният ва барои расидан ба мақсадҳои сиёсию идеологӣ низ истифода мебаранд.

Воқеан ҳам, як қатор таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир бо рушди ТИИ ва тавсеаи онҳо алоқаманд мебошанд. Зеро рушди босуръати ТИИ осебпазирии давлатҳои оламро тадриҷан зиёд карда истодааст. Дар чунин шароит ҳам кишварҳои тараққикарда, ҳам давлатҳои тозаистиқлол ва ҳам рӯ ба инкишоф бо мушкилиҳои зиёд дучор мешаванд. Чунин мушкилиҳо, ба монанди рахна кардани системаҳои иттилоотӣ, дӯздидани иттилооти махфӣ, вайрон кардани фаъолияти муназзами инфрасохтори иттилоотии корхонаю муассисаҳо ва ҳуҷумҳои кибернетикӣ давлатҳои тараққикардаи оламро ба ташвиш овардааст. Аммо ҷангҳои иттилоотӣ, ҳуҷумҳои иттилоотӣ, таблиғи

[1] Ниг.: Бурова, Д.А. Интернет в сфере противодействии коррупции: разоблачительство и социальные сети [Электронный ресурс]. – URL: http://journal.homocyberus.ru/internet_technologies_against_corruption_whistleblowing_and_social_networks (дата обращения: 17.07.2021 г.)

ғояҳои экстремистию радикалистӣ тариқи интернет, терроризм ва экстремизми иттилоотӣ, иғвоангезӣ ва дурӯғпардозӣ аз ҳама бештар ба суботи сиёсии кишварҳои тозаистиқлол ва рӯ ба инкишоф таҳдид менамоянд.

Ғайр аз ин, ТИИ таҳдидҳои пештар мавҷудбударо ба куллӣ дигаргун кардааст. Масалан, ба амал баровардани «инқилобҳои ранга» бо шарофати ТИИ имконпазир гардид, ки онро таҳдиди нав гуфтан мумкин аст. Дар раванди ба амал баровардани «инқилобҳои ранга» технологияҳои иттилоотӣ нақши марказӣ доранд. Зеро инқилобҳои ранга аз инқилобҳои классикӣ бо он фарқ менамоянд, ки дуюмин бе дахолати субъектҳои хориҷӣ ба амал меоянд, аммо инқилобҳои ранга бошанд бо ташаббуси давлатҳои хориҷӣ, ё ташкилотҳои экстремистию террористӣ ташкил карда мешаванд. Дар раванди ба амал баровардани инқилобҳои ранга ТИИ ҳамчун механизми таъсиррасон ба шуури ҷамъиятӣ истифода бурда мешаванд. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки ба субъектҳои хориҷӣ маҳз технологияҳои иттилоотӣ имконият додаанд, ки дар давлатҳои дигар инқилобҳои ранга ташкил намоянд.

Рушди ТИИ дар кишварҳои тозаистиқлол хавфи ба амал омадани инқилобҳои рангаро зиёд намуда истодааст. Хавфи ба амал омадани инқилобҳои ранга аз омилҳои гуногуне вобастаанд, ки ин равандро метезонанд. Масалан, ҳуҷумҳои иттилоотӣ, ҷангҳои иттилоотӣ, киберэкстремизм, даъвати рӯиростии мухолифон барои анҷом додани табаддулоти давлатӣ ва ғ. метавонанд ба омилҳои мазкур дохил шаванд. Аммо худи инқилобҳои ранга таҳдиде мебошад, ки на танҳо сохти конститутсионии давлатро халалдор месозад, балки дар аксар маврид ҷомеаро бо ҷанги шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ менамояд.

Аз ин рӯ, инқилобҳои ранга зуҳуроти иҷтимоию сиёсие мебошад, ки дар ташаккули давлатдории миллӣ таъсири манфӣ расонида, суботи сиёсиро аз байн мебарад. Инқилобҳо ҳамчун зуҳуроти иҷтимоию сиёсӣ таърихи қадима доранд. Аммо инқилобҳои ранга хоси замони муосир мебошанд ва

аз рӯйи як қатор нишонаҳои худ аз инқилобҳои анъанавӣ фарқ менамояд. Аксари олимоне, ки инқилобҳои рангаро таҳқиқ намудаанд, онро ҳамчун воситаи дар амал татбиқ сохтани ҳадафҳои геополитикии абарқудратҳо муаррифӣ кардаанд. Аз ин рӯ, нишонаи дигари инқилобҳои ранга дар он ифода меёбад, ки он бо ташаббуси яке аз давлатҳои манфиатдор ташкил карда шудааст, ё ташкил карда мешавад. Яке аз нишонаҳои муҳимми ин гуна инқилобҳо дар он ифода меёбад, ки онҳо ба воситаи ТИИ-и замони муосир ба вуҷуд оварда мешаванд. Хавфу хатари инқилобҳои ранга дар боби сеюми диссертатсия ба таври муфассал таҳлил гардидааст.

Аммо пайдоиши терроризм ҳамчун таҳдид таърихи қадима дошта бошад ҳам, бо шарофати ТИИ шакли фаъолияти худро дар сатҳи дигар ва дар шакли дигар ба амал баровардааст. Масалан, кибертерроризм дар шакли рахна кардани системаҳои иттилоотӣ ва дуздидани иттилооти махфӣ; терроризми иттилоотӣ дар шакли даҳшатафканӣ ва мағзшӯии ҷавонон тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ; ба амал баровардани шантажи сиёсӣ, киберэкстремизм ва ғ. таҳдидҳое мебошанд, ки дар заминаи таҳдидҳои пештар мавҷудбуда шакли зоҳиршавӣ ва самти фаъолияташон дигаргун шудаанд. Аслан субъектҳои таҳдид бо истифода аз иқтидори ТИИ мақсадҳои худро амалӣ кардан мехоҳанд ва дар бисёре аз мавридҳо метавонанд ба мақсади худ ноил шаванд. Худи ТИИ таҳдид дониста намешаванд. Истифодаи он ба субъектҳои таҳдид имконият медиҳад, ки мақсадҳои худро хубтару беҳтар амалӣ созанд.

Дар баъзе сарчашмаҳои илмӣ қайд мегардад, ки «рушди фарҳангӣ ва маънавии аксарияти одамон аз тағйироти техникию технологии тамаддуни муосир қафо монда истодаанд»[1]. Чунин омил воқеан ҳам дар замони муосир таъсири хеле зиёд дорад. Зеро шабакаи интернет ва технологияҳои иттилоотӣ аз як ҷониб пешрафти илму техника ва аз ҷониби дигар раванди дигаргуниҳои ҷамъиятиро чунон тезонидаанд, ки ҳар даҳсола як тағйироти

[1] Малашенко, А.В. Вызовы и угрозы постиндустриального развития цивилизации [Текст] / А.В. Малашенко, Ю.А. Нисневич, А.В. Рябов // Вопросы политологии. – 2019. –Т.9. –№2 (42). –С.204.

сифатию миқдорӣ ба амал меояд. Ин гуна вазъият маънои онро дорад, ки донишҳои одамон баъди 10-15 сол қисман корношоям мегарданд ва ҳеҷ набошад онҳо аз тағйироти замона қафо мемонанд. Ғайр аз ин, дар робита бо рушди технологияҳои иттилоотӣ як ҳолатро қайд кардан бамаврид аст. Тахминан як аср пеш масъалаи ҷустуҷӯи иттилоот ва дастрасии одамон ба он яке аз мушкилиҳои асосии ҷомеа ба шумор мерафт. Аммо дар замони муосир одамон дар баҳри беканори иттилоот ғутида рафтаанд. Вобаста ба ин масъала муҳаққиқи рус Д.В. Тренин иброз медорад, ки «айни замон масъалаи норасогии иттилоот на танҳо ҳаллу фасл гардид, балки он мушкилии навро ба вуҷуд овард, яъне барзиёд гардидани иттилоот. Имрӯзҳо дар бораи ҳама чиз маълумот пайдо намудан хеле осон гардидааст, аммо ба мазмуни он сарфаҳм рафтан ҳанӯз ҳам барои аксари одамон мушкил ва ғайриимкон аст»[1].

Шабакаи интернет бо гуногунрангии худ дар самти ҷустуҷӯ ва пайдо кардани иттилооти зарурӣ тамоми монеаҳоро аз байн мебарад. Аммо дар ин раванд мушкилии дигар пайдо мешавад. Аксарияти одамон наметавонанд, ки иттилооти бадастовардаи худро аз лиҳози танқидӣ таҳлил намоянд ва мустақилона онро коркард кунанд. Чунин ҳолат боз дар шароите, ки ҷойи матнҳоро иттилооти видеоӣ ишғол менамояд, тезу тунд мегардад. Иттилооти видеоӣ аз ҷониби одамон ба осонӣ аз худ мешавад ва барои коркарди он кӯшишу заҳмати иловагӣ талаб карда намешавад. Тули солҳои охир ташкилотҳои террористию экстремистӣ ба ҳамин шакли таблиғот таваҷҷуҳи бештар дода истодаанд. Яъне, онҳо талош меварзанд, ки ба воситаи иттилооти видеоӣ таваҷҷуҳи мардумро ҷалб карда, ба зеҳну шуури онҳо таъсиррасонӣ кунанд. Ҳамин тариқ, тағйироти дар боло номбаргардида барои ҷомеаҳои замони муосир як қатор мушкилиҳои навро эҷод менамоянд, ки онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст:

---
[1] Тренин, Д.В. Россия и мир в XXI веке [Текст] / Д.В. Тренин. –М.: Издательство «Эксмо», 2015. –С.301.

Якум, дар самти назарфиребии (манипулятсияи) ҷомеа барои неруҳои иҷтимоию сиёсӣ имкониятҳои нав ба вуҷуд меоянд. Махсусан, чунин имкониятҳоро ҳизбу ҳаракатҳои экстремистию радикалистӣ ба таври васеъ истифода мебаранд.

Дуюм, бинобар сабабе, ки аксари одамон мустақилона иттилооти бадастомадаро таҳлил карда наметавонанд, на танҳо дар зери таъсири ҳуҷумҳои иттилоотӣ қарор мегиранд, балки дар ҷомеа қишри аз лиҳози иттилоотӣ осебпазир ба шумор мераванд, ки чунин ҳолат барои суботи сиёсии кишвар хеле хатарнок мебошад.

Сеюм, талабот нисбат ба рӯзноманигорон ва омӯзгорони типи нав хеле зиёд мегардад. Зеро маҳз онҳо қодиранд, ки иттилооти зиёдро таҳлилу баррасӣ карда, ба ҷомеа иттилооти коркардшуда ва безарарро пешниҳод созанд, то ки дар ташаккулёбии рафтори иҷтимоию сиёсии одамон тавонанд таъсири мусбат расонанд.

Дар навбати аввал мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додани масъалаи сеюм хеле муҳим мебошад, зеро мубориза бо таҳдидҳои иттилоотии замони муосир ва безарару камзарар кардани таъсири манфии онҳо аз рӯзноманигорон ва омӯзгорони типи нав вобастагии зиёд дорад. Дар бораи касбияти рӯзноманигорон ва ба талаботи давру замон ҷавобгӯ будани донишу малакаи онҳо як воқеиятро махсус бояд таъкид намуд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун кишвари пасошуравӣ дониста мешавад, омода кардани рӯзноманигорон ҳанӯз ҳам аз рӯйи стандартҳои шуравӣ роҳандозӣ мегардад. Агар дар ин самт баъзе дигаргуниҳо ба мушоҳида расанд ҳам, онҳо ҳанӯз ҳам кофӣ нестанд. Барои мисол, дар Феҳристи ихтисосҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои соли таҳсили 2023-2024, ки дар сомонаи расмии Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст, чунин ихтисосҳои соҳаи рӯзноманигорӣ дида мешаванд: Гурӯҳи ихтисосҳои 3-юм – «Филология, педагогика ва санъат»: «WEB-журналистика», «WEB-рӯзноманигорӣ», «Забон ва адабиёти тоҷик. Рӯзноманигорӣ», «Рӯзноманигорӣ»,

«Рӯзноманигорӣ (аз рӯйи самтҳо)», «Рӯзноманигори телевизион», «Рӯзноманигори байналмилалӣ». Гурӯҳи ихтисосҳои 4-ум – «Ҷомеашиносӣ ва ҳуқуқ»: ягон ихтисоси рӯзноманигорӣ надорад. Дар гурӯҳи ихтисосҳои 2-юм – «Иқтисод ва география» низ ягон ихтисоси рӯзноманигорӣ нест. Дар гурӯҳи ихтисосҳои 1-ум – «Табиӣ ва техникӣ» ва гурӯҳи ихтисосҳои 5-ум – «Тиб, биология ва варзиш» ҳам ягон ихтисоси рӯзноманигорӣ дида намешавад[1].

Бояд гуфт, ки номгӯи ихтисосҳои мазкур аллакай аз дигаргуниҳои ин соҳа дарак медиҳад. Масалан, ташкил кардани ихтисоси «Рӯзноманигори байналмилалӣ» аллакай аз пайдоиши яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи журналистика дарак медиҳад. Аммо баъзе норасогиҳо дар ин самт ҳанӯз ҳам вуҷуд доранд. Масалан, «Рӯзноманигорӣ (аз рӯйи самтҳо)», лекин самти он муайян карда нашудааст. Агар самти он ҳам муайян карда шавад, дар заминаи факултетҳои филологӣ омода кардани рӯзноманигорони соҳавӣ каме мушкил аст. Масалан, дар заминаи факултетҳои филологӣ оё омода кардани рӯзноманигори соҳаи сиёсат, равоншиносӣ, иқтисод ва тиҷорат, варзиш, илм ва ғ. имкон дорад? Аз ин рӯ, замони он фаро расидааст, ки дар заминаи факултетҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ рӯзноманигорони соҳавӣ омода карда шаванд. Масалан, рӯзноманигори сиёсӣ, рӯзноманигори иқтисодӣ, рӯзноманигори варзишӣ, рӯзноманигори ҳарбӣ, рӯзноманигори психологӣ, рӯзноманигори фарҳангӣ, рӯзноманигори илмию тиббӣ ва ғайраҳо. Махсусан, омода кардани рӯзноманигорони сиёсию психологӣ хеле муҳиманд. Зеро дар шароити тавсеаи ҷангҳои иттилоотию психологӣ рӯзноманигороне лозиманд, ки дар баробари донистани нозукиҳои соҳаи журналистика, инчунин дониш ва ҷаҳонбинии васеи сиёсию психологӣ бояд дошта бошанд. Чи гунае ки дар боло ишора гардид, омода кардани рӯзноманигорони соҳавӣ дар заминаи факултетҳои филологӣ ғайриимкон

[1] Нақшаи қабул – ҷадвали ихтисосҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ барои соли таҳсили 2024-2025 [Захираи электронӣ]. –URL: https://ntc.tj/tj/ba-dovtalab/nakshai-kabul.html?view=article&id=942 (санаи истифодарабрӣ: 16.07.2024)

аст. Зеро ба рӯзноманигорони имрӯза дар баробари нозукиҳои касби журналистика чунин фанҳо низ бояд таълим дода шаванд: амнияти миллӣ, манфиатҳои миллӣ, истиқлолияти сиёсӣ, таҳдидҳои ҷаҳони муосир, муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати хориҷии давлат, технологияҳои сиёсӣ, менеҷменти сиёсӣ, PR-и сиёсӣ, маркетинги сиёсӣ, геополитика, сиёсатшиносии амалӣ ва назариявӣ, сиёсатшиносии муқоисавӣ, риторика ва баҳси сиёсӣ, психологияи сиёсӣ ва ғайраҳо. Хулоса, бо назардошти дигаргуниҳои ду даҳсолаи охир (масалан, равандҳои шиддатноки ҷаҳонишавӣ, пайдоиши таҳдиду хатарҳои замони муосир, бархӯрди тамаддунҳо, бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ) диверсификатсияи касби рӯзноманигорӣ бояд анҷом дода шавад, то ки онҳо вазифаҳои идеологии худро дар сатҳи зарурӣ иҷро карда тавонанд.

Масъалаи дуюм омода кардани омӯзгорони типи нав бояд дониста шавад. Зеро низоми таълиму тарбия дар шароити муосир яке аз воситаҳои муҳимтарини муқовимат бо ҷангҳои иттилоотӣ мебошад. Бояд на танҳо худи омӯзгорон тафаккури танқидӣ дошта бошанд ва доираи васеи иттилоотро таҳлил карда тавонанд, балки онҳо қодир бошанд, ки ба донишҷӯён фарҳанги иттилоотиро омӯзонанд. Дар шароити инқилоби иттилоотӣ нафаре метавонад худро аз таъсири манфии иттилооти ғаразнок эмин нигоҳ дорад, ки агар ӯ ба моҳияти дезинформатсия, иттилооти сохтаю бофта, тарғибу ташвиқи арзишҳои бегона, назарияи суиқасд ва дигар зуҳуроти манфии замони муосир бохабар бошад. Муҳаққиқони рус А.А. Малюк, В.А. Минаев ва М.П. Сичев дар ин бора таҳқиқоти алоҳида анҷом дода, хулосаҳои худро ба таври зерин ифода намудаанд: «Низоми маориф минбаъд бояд ҳамчун воситаи муқовимат бо ҷангҳои иттилоотӣ тасаввур карда шавад; тарзи фаъолияти донишгоҳу донишкадаҳо, барномаҳои таълимӣ, инфрасохтори иттилоотии низоми маориф, фаъолияти ВАО бо мақсади рақобатпазир шудан бо неруҳои тахрибкор бояд бознигарӣ карда шаванд; барои муқовимат нишон додан бо таҳдидҳои иттилоотӣ дар замири

насли наврас ва ҷавонон фарҳанги иттилоотӣ, махсусан фарҳанги амнияти иттилоотӣ бояд ташаккул дода шаванд»[1].

Воқеан ҳам дар шароити тавсеаи тадриҷии ҷангҳои иттилоотӣ нақш ва мавқеи рӯзноманигорон ва омӯзгорон дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ бояд тағйир дода шавад. Зеро яке аз зуҳуроти хатарноке, ки тули се даҳсолаи охир дар натиҷаи рушди ТИИ пайдо шудааст, ҷангҳои иттилоотӣ мебошад. Ҷангҳои иттилоотӣ ҳарчанд зуҳуроти нав набошанд ҳам, бо назардошти рушди ТИИ на танҳо хусусиятҳои худро марҳила ба марҳила тағйир медиҳанд, балки дар раванди муборизаҳои сиёсӣ аз ҳарвақта дида бештар истифода бурда мешаванд. Аз ин рӯ, ҷангҳои иттилоотӣ на танҳо таҳдид ба амнияти миллӣ ҳастанд, балки дар раванди баамалоии онҳо як қатор таҳдиду хатарҳои дигар пайдо мешаванд. Ба андешаи олими рус А.В. Манойло, «ба қишрҳои зидди ҳамдигар ҷудо кардани ҷомеа (яъне ҷудоиандозӣ), дар миёни гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд овардани ҳисси бадбинӣ ва кинаю адоват, иғвоангезӣ, дар миёни онҳо ҷанг андохтан, ё муттаҳид кардани онҳо бо мақсади зарба задан ба ҳокимияти давлатӣ ҳадафи асосии ҷангҳои иттилоотӣ мебошанд»[2].

Бояд гуфт, ки ҷангҳои иттилоотӣ маҷмуи ҳуҷумҳои иттилоотие мебошанд, ки аз ҷониби субъектҳои мушаххас ба ҷониби рақибони онҳо равона карда мешаванд. Дар шароити муосир ҷангҳои иттилоотӣ дар муносибатҳои байнидавлатӣ, дар байни давлатҳо ва ширкатҳои фаромиллӣ, дар байни давлатҳо ва ташкилотҳои террористию экстремистӣ ба амал меоянд. Дар раванди баамалоии ҷангҳои иттилоотӣ ВАО-и электронӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ нақши муассир доранд.

Вобаста ба хусусиятҳои ВАО ду назарияи сиёсӣ мавҷуд аст. Яке назарияи демократӣ ва дигаре назарияи стратегӣ. Тибқи назарияи аввал

---

[1] Малюк, А.С. Образование как инструмент информационной войны [Текст] / А.С. Малюк, В.А. Минаев, М.П. Сычев // Информация и безопасность. – 2019. –Т.22. –№4. –С.493.
[2] Манойло, А.В. Роль СМИ в разжигании политических конфликтов: теория и практика информационных войн [Текст] / А.В. Манойло // Геополитический журнал. –2016. –№3 (15). –С.3.

ВАО ҳамчун воситаи хабаррасонӣ ва воқиф намудани оммаи мардум аз ҳодисаю воқеаҳои рухдода дониста мешавад. Назарияи дигар бошад ВАО-ро ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ ба афкори ҷамъиятӣ медонад. Назарияи дуюм ба он хотир характери стратегӣ дорад, ки тибқи он ВАО-ро ҳамчун воситаи амалӣ кардани мақсадҳои сиёсӣ истифода мебаранд. Олими рус О.А. Матвеевич дар бораи назарияи дуюм андешаронӣ намуда, иброз медорад, ки «ВАО ҳеҷ гоҳ озод ва мустақил буда наметавонанд. Онҳо аз соҳибони худ, аз фармоишгарони реклама ва аз аудиторияи мушаххас вобаста мебошанд»[1]. Чунин ҳолатро сиёсатшиноси амрикоӣ Г.Алтшул низ таъкид намудааст. Ба ақидаи ӯ, «дар ҳамаи низомҳои ВАО матбуоти даврӣ гумоштаҳои нафароне мебошанд, ки дар дасти худ ҳокимияти сиёсӣ ва иқтисодиро нигоҳ медоранд. Газетаҳо, маҷаллаҳо ва телевизиону радио ҳарчанд қудрате доранд, ки ба сифати неруи мустақил баромад кунанд, дар тули таърих ҳеҷ гоҳ мустақил набудаанд. Мундариҷаи ВАО сиёсати субъектҳоеро инъикос менамояд, ки онҳоро маблағгузорӣ кардааст»[2]. Дар мавриди мустақил набудани хабарнигорону рӯзноманигорон бошад А.В. Манойло низ ибрози андеша намудааст. Ба қавли ӯ, «дар аксар маврид ҳуҷумҳои иттилоотӣ ба воситаи рӯзноманигорони мустақиле, ки иҷрокунандагони фармоишҳои сиёсӣ мебошанд, анҷом дода мешавад. Рӯзноманигорон аз мавқеи сиёсии сармуҳаррир ва сиёсати редаксионӣ вобаста мебошанд, муҳаррирон дар навбати худ аз моликони ВАО ва сарпарастони худ вобастаанд; тарси аз даст додани сарчашмаҳои маблағгузорӣ ҳатто дар давлатҳои демократитарини олам ВАО-и муосирро вобаста ва озодиҳояшро маҳдуд мекунад»[3].

---

[1] Матвейчев, О.А. Информационные войны XXI века. «Мягкая сила» против атомной бомбы [Текст] / О.А. Матвейчев. –М.: Книжный мир, 2016. –С.125.
[2] Altschull, H.J. Agents of power: the media and public policy. 2nd ed. – NY: Longman Pub., 1995. – 461 p.
[3] Манойло, А.В. Роль СМИ в разжигании политических конфликтов: теория и практика информационных войн [Текст] / А.В. Манойло // Геополитический журнал. –2016. –№3 (15). – С.5.

Сиёсатшиноси варзидаи амрикоӣ И.К. Адизес дар бораи муборизаҳои геополитикии Шарқу Ғарб андешаронӣ карда, иброз медорад, ки «ҷангҳои замони муосирро ба воситаи яроқу аслиҳа пеш бурдан ғайриимкон аст. Ҷангҳои замони муосирро ба воситаи дастгоҳҳои наворбардорӣ ва видеороликҳои YouTube ва Facebook анҷом медиҳанд»[1]. Чи гунае ки мушоҳида мегардад, ВАО-и анъанавӣ ва ВАО-и электронӣ (интернетӣ) воситаи асосии пешбурди ҷангҳои иттилоотӣ мебошанд. Пас, ҳар амале, ки бо пахши иттилоот ва паҳн кардани он робита дорад, унсури муҳимтарини ҷангҳои иттилоотӣ дониста мешаванд. Аммо бояд дар назар дошт, ки ВАО-и электронӣ, махсусан шабакаҳои иҷтимоӣ таҳдиду хатарҳои бештарро ба вуҷуд оварда истодаанд. Ба ибораи дигар, нисбат ба ВАО-и анъанавӣ (матбуоти даврӣ, радио, телевизион) шабакаҳои иҷтимоӣ ба афкори ҷамъиятӣ таъсири зиёд расонида истодаанд. Чунин ҳолатро ба воситаи афзоиши корбарони шабакаҳои мазкур асоснок кардан мумкин аст. Омори солҳои охир нишон медиҳанд, ки дар байни корбарон шабакаҳои иҷтимоии Facebook, YouTube, WhatsApp, Facebook Messenger, WeChat, Instagram, TikTok ва чанде дигарон нуфузи бештар доранд. Масалан, то охири соли 2023 шабакаи иҷтимоии Facebook – 2,9 млрд корбар, YouTube – 2,5 млрд, WhatsApp – 2 млрд, Instagram – 2 млрд, WeChat – 1,3 млрд, TikTok – 1 млрд корбар доштааст ва дар муқоиса бо як соли қаблӣ шумораи онҳо 12,3% зиёд гардидааст[2].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то моҳи январи соли 2022 бештар аз 1,49 млн корбарони фаъоли шабакаҳои иҷтимоӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки нисбат ба соли 2021 онҳо 426 ҳазор нафар зиёд шудаанд. 1,04 млн нафар аз шабакаи иҷтимоии Instagram, 443,4 ҳазор нафар аз Facebook ва 71 ҳазор аз

---

[1] Адизес, И.К. Новые размышления о политике [Текст] / Пер. с англ. Н.Постриган. –М.: Манн, Иванов и Фербер, 2017. –С.195.

[2] Статистика популярных социальных сетей в 2023 году: Тенденции и изменения [Электронный ресурс]. –URL: https://tenchat.ru/media/1857995-statistika-populyarnykh-sotsialnykh-setey-v-2023-godu-tendentsii-i-izmeneniya (дата обращения: 17.03.2024 г.)

Linkedin истифода мекунанд[1]. Тули чанд соли охир дар байни корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ видеопорталҳои YouTube ва TikTok низ маъруфияти бештар пайдо кардааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ корбарони он хеле зиёд шуда истодааст. Раванди афзоиши корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ хавфи тавсеа ёфтани таблиғи ғояҳои радикалистию экстремистиро бештар карда истодааст. Аз ҷумла, ташкилотҳои экстремистию террористии ТЭТ ҲНИ, «Гурӯҳи 24» ва бо ном «Паймони миллии Тоҷикистон» тавассути шабакаҳои иҷтимоии YouTube, Instagram ва TikTok андешаҳои зиддидавлатию зиддиҳукуматии худро ҳамарӯза таблиғ мекунанд. Дар баробари ин, ташкилотҳои дигари террористӣ, аз қабили «Ҳаракати Толибон», «Ҳизб-ут-Таҳрир», ДИИШ ва ғ. низ дар фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷумҳои идеологию психологӣ анҷом медиҳанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 26-уми январи соли 2021 зимни ироаи Паёми солонаи худ хавфу хатари терроризм ва экстремизмро ёдоварӣ карда, дар мавриди истифодаи шабакаҳои интернетӣ аз ҷониби онҳо ба таври зерин ибрози андеша намуданд: «пайравони созмонҳои террористиву экстремистӣ барои ноором сохтани вазъият дар ҷомеа ва тафриқаандозиву барангехтани низоъҳои диниву мазҳабӣ кӯшиш карда, барои гумроҳ сохтани сокинони мамлакат, бахусус, ҷавонон ва ба созмонҳои манъшуда ҷалб намудани онҳо аз шабакаҳои интернетӣ васеъ истифода мебаранд. Онҳо то ба ҳол аз хориҷи кишвар бо тамоми роҳу воситаҳо кӯшиш карда истодаанд, ки ҷомеаи моро ноором сохта, фарҳангу мазҳаби бегонаро ба сари мардуми мо таҳмил кунанд»[2]. Ба ин масъала дар Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 низ диққат дода шудааст.

---

[1] Мухаммадзода П.А. Влияние социальных сетей на информационное пространство Республики Таджикистан [Электронный ресурс]. –URL: http://narodnaya.tj/index.php?option=com_content (дата обращения: 25.06.2023 г.)

[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 26.01.2021 [Захираи электронӣ]. –URL: https://www.president.tj/event/missives/22558 (санаи истифодабарӣ: 13.07.2023)

Дар стратегияи мазкур қайд мегардад, ки «созмонҳои экстремистию террористӣ ҷиҳати ба сафҳои худ ҷалб намудани ҷавонон, аз ҷумла тавассути ҷустуҷӯи аъзои нав бо истифода аз шабакаҳои иҷтимоӣ фаъолияти густурдаи ташвиқотию тарғиботӣ мебаранд»[1]. Воқеан ҳам ба амал омадани терроризми иттилоотӣ, тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн кардани ғояҳои радикалистию экстремистӣ ва ҷалби ҷавонон ба сафи ташкилотҳои террористӣ таҳдиди воқеӣ ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Маҳз дар чунин шароит омода кардани рӯзноманигорони соҳавӣ ва омӯзгорони типи нав, ки дар ҷангҳои иттилоотӣ тавонанд манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳимоя кунанд, хеле зарур аст.

Дар муқобили терроризми иттилоотӣ ва паҳншавии ғояҳои экстремистию радикалистӣ дар баробари рӯзноманигорон ва омӯзгорону зиёиён, инчунин нақши рӯҳониёни маҳаллӣ низ хеле калон аст. Онҳо низ бояд маъвизаҳои худро бо назардошти манфиатҳои миллии кишвар таҳия намуда, дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҷойгир созанд. Зеро дар муқобили идеологияи радикализми динӣ танҳо идеологияи созанда ва башардӯстона метавонад истодагарӣ намояд. Гузашта аз ин, рӯҳониён бояд ҷомеаро аз суннатҳои динию мазҳабии ниёгон бохабар созанд ва сарҳади байни радикализми динӣ ва дини анъанавиро муайян кунанд. Махсусан, он маъвизаҳое, ки дар муқобили терроризму экстремизм анҷом дода мешаванд, барои ҳифзи суботи сиёсӣ, оромии ҷомеа ва махсусан фош кардани дурӯғпардозии ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистӣ мусоидат мекунанд. Инчунин ҷавонон низ аз моҳияти масъала, яъне муборизаҳои сиёсии террористон огоҳ гардида, ба доми онҳо намеафтанд.

Яке аз зуҳуроти дигаре, ки дар заминаи ВАО-и муосир ва шабакаҳои иҷтимоӣ пайдо гардида, ба амнияти иттилоотӣ ва суботи сиёсӣ таъсири

---

[1] Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 // Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.06.2021, №187 тасдиқ гардидааст.

манфӣ мерасонад, ин дар фазои иттилоотии ҷомеа паҳн кардани хабарҳои бардурӯғ мебошад. Ба ин масъала бори аввал сиёсатшиносони амрикоӣ соли 2016 дар давраи баргузории интихоботи президентӣ таваҷҷуҳ карда буданд. Дурӯғпардозӣ ва паҳн кардани иттилооти нодуруст тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар воситаҳои ахбори оммаи замони муосир анҷом дода мешавад ва онро дар кишварҳои ғарбӣ «fake news» меноманд. Дар забони тоҷикӣ ин зуҳуротро «хабарҳои бардурӯғ», «иттилооти нодуруст», «иттилооти тақаллубӣ», «иттилооти иғвоангез» ва монанди инҳо номидан мумкин аст. Бояд тазаккур дод, ки паҳн кардани хабарҳои бардурӯғ яке аз воситаҳои пешбурди ҷангҳои иттилоотӣ аст. Аз ин рӯ, онро унсури ҷадиди технологияҳои сиёсӣ, аниқтараш технологияи дар ҳолати ногувор қарор додани рақибон ва коҳиш додани симои мароқангези онҳо номидан мумкин аст.

Тули солҳои охир дар раванди амалигардонии ҷангҳои иттилоотӣ ҳам давлатҳои алоҳида ва ҳам ташкилотҳои террористию экстремистӣ ба воситаи паҳн кардани иттилооти бардурӯғ ҳадафҳои сиёсию стратегии хешро амалӣ менамоянд. Дар чунин шароит ҷангҳои иттилоотӣ ҳамчун стратегияи мубориза, технологияҳои иттилоотӣ, аз қабили шабакаҳои иҷтимоӣ ва порталҳои видеоӣ ҳамчун яроқ ва хабарҳои бардурӯғ ҳамчун тир бояд фаҳмида шаванд. Яъне, замоне ки сухан дар атрофи ҳуҷумҳои иттилоотӣ меравад, бояд паҳншавии хабарҳои бардурӯғ, таъсири онҳо ба афкори ҷамъиятӣ, тағйир ёфтани руҳияи одамон ва оқибатҳои ин гуна вазъият дар назар дошта шавад. Ба андешаи сиёсатшиноси рус А.В. Манойло, «хабарҳои бардурӯғ иттилооти ҳадафмандона омодашудае мебошад, ки хусусияти иғвоангезӣ дошта, ба афкори ҷамъиятӣ таъсири манфӣ мерасонад»[1]. Субъектҳои таҳдид мехоҳанд, ки ба воситаи паҳн кардани хабарҳои бардурӯғ дар атрофи масъалаҳои гуногун ҳангома барпо

[1] Манойло, А.В. «Фейковые новости» как угроза национальной безопасности и инструмент информационного воздействия [Текст] / А.В. Манойло // Вестник Московского университета. Серия 12. Политические науки. – 2019. –№2. –С.40.

намоянд. Дар чунин маврид хабарҳои бардурӯғ фазои иттилоотии ҷомеаро фаро гирифта, дурустии хабарҳои расмӣ ва саҳеҳро дар назари шаҳрвандон зери шубҳа қарор дода, то як давраи муайян ба зеҳну тафаккури одамон таъсири манфӣ мерасонанд. Агар хабарҳои бардурӯғ аз ҷониби одамон ҳамчун иттилооти дуруст қабул гарданд, пас ҳуҷуми иттилоотиро нишонрас гуфтан мумкин аст. Гузашта аз ин, «дар шароитҳои мушаххас хабарҳои бардурӯғро барои даҳшатафканӣ, тарсонидани мардум, ташкил кардани бетартибиҳои оммавӣ, ё халалдор сохтани тартиботи ҷамъиятӣ, бадномкунии сиёсатмадорон, маъмурони давлатӣ ва фаъолони ҷамъиятӣ, тарғиби фаъолияти экстремистию террористӣ низ истифода мебаранд»[1].

Бо дарки чунин вазъият кишварҳои олам яке аз паси дигаре дар самти пешгирӣ кардани ин ҷиноят чораҳои зарурӣ андешида, дар сатҳи қонунгузории миллӣ меъёрҳои гуногунро ҷорӣ менамоянд. То солҳои наздик дар мавриди шаклҳои паҳн кардани хабар муносибат дигар буд. Яъне, хабари расмӣ ва ғайрирасмиро аз ҳам фарқ менамуданд ва ин кор бе ягон мушкилӣ анҷом дода мешуд. Айни замон бошад хабарҳои саҳеҳ ва бардурӯғро аз ҳам фарқ кардан хеле мушкил гардидааст, ки чунин дигаргунӣ натиҷаи ташаккулёбии ҷангҳои иттилоотӣ мебошад. Зеро дар аксар маврид дар мундариҷаи иттилооти саҳеҳ иттилооти бардурӯғро моҳирона ҷойгир намуда, дурӯғро ба воқеият табдил додан мехоҳанд ва бо ин роҳ зеҳну тафаккури мардумро тағйир медиҳанд.

Чи гунае, ки қайд гардид, дар баробари давлатҳо технологияи иттилоотӣ аз ҷониби ташкилотҳои террористию экстремистӣ низ истифода бурда мешавад. Дар ин гуна ҷангҳои иттилоотӣ технологияи даҳшатафканӣ, назарфиребӣ, мағзшӯӣ ва ба доми худ афтонидани одамон ба мушоҳида мерасад. Террористон ва экстремистон дар муқоиса аз мақомоти давлатӣ технологияи назарфиребии сиёсиро хеле моҳирона истифода мебаранд.

---

[1] Манойло, А.В. «Фейковые новости» как угроза национальной безопасности и инструмент информационного воздействия [Текст] / А.В. Манойло // Вестник Московского университета. Серия 12. Политические науки. – 2019. –№2. –С.40.

Барои мисол, қурбониёни амалҳои террористӣ дар муқоиса бо қурбониёни дигар ҳодисаҳо он қадар зиёд нестанд. Аммо онҳо метавонанд, ки шумораи зиёди одамонро дар ҳолати тарс қарор диҳанд. Барои мисол, ҳамасола дар натиҷаи садамаҳои нақлиётӣ 80 ҳазор аврупоӣ, 40 ҳазор амрикоӣ, 270 ҳазор хитоӣ ва 1,25 млн нафар дар кишварҳои дигар ба ҳалокат мерасанд. Ҳамасола аз бемории қанд 3,5 млн нафар, аз ифлосшавии ҳаво 7 млн нафар мефавтанд[1]. Пас чаро одамон ва ҳукуматҳо аз бемориҳо ва садамаҳо дида, аз терроризм бештар метарсанд? Зеро мақсади террористон расонидани зарари моддӣ нест, мақсади онҳо тарсонидан ва тағйир додани зеҳну шуури одамон аст. Аз ин рӯ, терроризми иттилоотиро ба саҳнаи театрие монанд кардан мумкин аст, ки ба воситаи он мехоҳанд дар шуури омма тарсро ҷойгир намоянд. Албатта, барномаи театрии онҳо ташкил кардани амалҳои террористӣ ва саҳнаи онҳо ВАО-и электронӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ мебошанд, ки бо роҳи ба намоиш гузоштани корномаҳои худ мехоҳанд тафаккури мардумро соҳиб шаванд.

Яке аз зуҳуроти манфие, ки дар натиҷаи рушди ТИИ пайдо мешавад, ҳуҷумҳои киберӣ мебошанд. Бори аввал аст, ки дар таърихи инсоният барномаҳои компютерӣ ва вирусҳои интернетӣ ба амнияти миллии давлатҳо зарару зиёни зиёд мерасонад. Яъне, инсоният дар маҷмуъ ва давлатҳои миллӣ дар алоҳидагӣ бори аввал дар ибтидои асри XXI ба чунин таҳдиди пуриқтидор рӯ ба рӯ шуд. Вобаста ба рушди ТИИ ва истифодаи васеи он дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа миқёси киберҳуҷумҳо низ меафзояд. Киберҳуҷумҳо мақсадҳои гуногун доранд, аммо аксари онҳо ҳамчун воситаи амалӣ гардонидани мақсадҳои геополитикӣ мебошанд, ки аз ҷониби давлатҳои гуногун анҷом дода мешаванд. Ҳуҷумҳои киберие, ки аз ҷониби давлатҳои алоҳида анҷом дода мешаванд, дар чунин самтҳо ба мушоҳида мерасанд: дар соҳаи ҳарбӣ (барои дуздидани иттилооти махфии дорои сирри ҳарбӣ, масалан технологияи сохтани мушакҳо, техникаи ҳарбӣ ва ғ.); дар соҳаи

[1] Ниг.: Харари, Ю.Н. 21 урок для XXI века [Текст] / Пер. с англ. Ю.Гольдберга. –М.: Синдбад, 2020. –С.201.

тиҷорат (барои дуздидани маълумоти махфии ширкатҳои тиҷоратӣ ва маҳдуд кардани имкониятҳои онҳо); дар соҳаи бонкдорӣ (дуздидани иттилооти махфии бонкҳо барои муайян кардани осебпазирӣ, аз кор баровардани системаҳои иттилоотии онҳо); дар соҳаи энергетика (рахна кардан ва аз кор баровардани системаҳои идорӣ бо мақсади ноустувор гардонидани амнияти энергетикӣ). Олимони амрикоӣ Блэквилл Р. ва Ҷеннифер М.Х. дар таҳқиқоти худ аз пайдоиши киберартиш ва анҷом додани ҳуҷумҳои киберӣ аз ҷониби давлатҳои алоҳида хабар медиҳанд. Ба ақидаи онҳо, ҳамарӯза 15% интернети ҷаҳонӣ барои ҳуҷумҳои киберӣ масраф мегардад. Ҳамасола дар натиҷаи анҷом додани киберҷиноятҳо иқтисодиёти ҷаҳонӣ зиёда аз 400 млрд доллар зарар мебинад, ки 100 млрд доллари он ба иқтисоди ИМА рост меояд[1]. Моҳи июни соли 2021 муовини вазири мудофиаи Федератсияи Россия А.Фомин дар мусоҳибаи худ бо шабакаи телевизионии «Russia Today» (RT) иброз намуда буд, ки «дар ҷаҳони муосир омодагӣ барои анҷом додани «ҷанги сард»-и нав сурат гирифта истодааст. Ташкилкунандагони ин ҷанг аллакай дар сатҳи доктринаҳои ҳарбию сиёсӣ душманони худро муайян карда истодаанд»[2]. Ба андешаи ӯ, «айни замон дар сатҳи ҷаҳонӣ як қатор тамоюлоте пайдо шудаанд, ки сабаби пайдоиши таҳдиду хатарҳои ҷиддӣ мегарданд. Якум, раванди ташаккулёбии тартиботи нави ҷаҳониро мо метавонем мушоҳида намоем, ки тибқи он давлатҳо ба худию бегона тақсим гардида истодаанд. Дуюм, низоми муносибатҳои байналмилалӣ, меъёрҳои таъмини амнияти байналмилалӣ вайрон гардида, нақш ва мавқеи созмонҳои байналмилалӣ коҳиш ёфта истодаанд. Сеюм, шаклҳои нави ероқу аслиҳае пайдо шуда истодаанд, ки ҷойгиршавии қувваҳоро ба куллӣ тағйир медиҳанд. Рақобатҳои мусаллаҳона ба соҳаҳои нав, аз ҷумла ба фазои кайҳон ва

---

[1] Ниг.: Блэквил Р., Дженнифер М.Х. Война иными средствами [Текст] / Пер. с англ. В.Желнинова. – М.: Изд-во «АСТ», 2017. – С.94-106.

[2] В Минобороны указали на начало новой холодной войны [Электронный ресурс]. –URL: https://lenta.ru/news/2021/06/03/cold_war/ (дата обращения: 13.06.2022 г.)

киберфазо роҳ меёбанд. Чунин вазъ меъёр ва усулҳои пешбурди ҷангҳоро тағйир медиҳад[1].

Ба ғайр аз давлатҳо ҳуҷумҳои киберӣ аз ҷониби ташкилотҳои террористию экстремистӣ низ анҷом дода мешавад, ки онро дар илм ва амалияи сиёсӣ кибертерроризм номидаанд. Кибертерроризм ҳуҷуми дорои хусусияти сиёсӣ ва идеологӣ ба иттилоот, маълумоти корбарони интернет ва системаҳои иттилоотӣ мебошад, ки бо мақсади зарар расонидан ба онҳо анҷом дода мешавад[2]. Бояд гуфт, ки айни замон дар шабакаи интернет иттилооти хатарнок хеле зиёд шуда истодааст. Чунин тамоюлот бо он алоқаманд аст, ки марказҳои илмию таҳқиқотӣ ва озмоишгоҳҳои тиббию биологӣ бойгониҳои худро дар пойгоҳҳои иттилоотӣ нигоҳдорӣ менамоянд ва на ҳама вақт қодиранд, ки амнияти иттилоотию кибернетикии онҳоро таъмин созанд. Аллакай мушоҳида кардан мумкин аст, ки ташкилотҳои террористию экстремистӣ барои ба даст овардани дастурамали сохтани яроқҳои химиявию биологӣ ва ҳатто яроқи ядроӣ кӯшиш намуда истодаанд. Аллакай тули ду даҳсолаи охир дар низоъҳои мусаллаҳонаи Афғонистон, Ироқ, Сурия ва ғайраҳо ташкилотҳои террористӣ дар муқобили неруҳои ҳарбӣ бомбаҳои худсохтро истифода кардаанд. Инчунин террористон ба воситаи бомбаҳои худсохт, ки аз моддаҳои тарканда иборат мебошанд, амалҳои террористӣ анҷом дода истодаанд. Аллакай чунин воқеаҳо садҳо маротиба дар кишварҳои гуногун рух додаанд ва аз онҳо огаҳӣ дорем.

Ғайр аз ин, дар давраи паҳншавии бемории сироятии КОВИД-19 киберҷиноятҳо афзоиш ёфтаанд. Дар мавриди пайдоиши хавфу хатарҳое, ки дар шароити паҳншавии бемории COVID-19 ба мушоҳида мерасанд, донишманди рус А.Крутских андешаҳои хеле ҷиддӣ пешниҳод намудааст. Ба қавли ӯ, шабакаи Интернет дар шароити паҳншавии бемории COVID-19

---

[1] Ниг.: В Минобороны предупредили о начале новой холодной войны, 03.06.2021 г. [Электронный носитель]. –URL: https://ria.ru/20210603/minoborony-1735439844.html (дата обращения: 03.06.2021 г.)

[2] Ниг.: Шмидт, Э. Новый цифровой мир. Как технологии меняют жизнь людей, модели бизнеса и понятие государств [Текст] / Пер. с англ. –М.: Манн, Иванов и Фербер, 2013. – С.178.

воситаи асосии муошират ва пешбурди кору фаъолият гардида истодааст ва чунин ҳолат дастрасии онро барои одамон бештар намудааст. Ӯ ҳамчун мутахассиси варзидаи соҳаи амнияти иттилоотӣ муътақид аст, ки чи қадаре ки шумораи иштирокчиёни фазои маҷозӣ зиёд гардад, ҳамон қадар ҷиноятҳои кибернетикӣ рӯ ба афзоиш мениҳанд[1]. Дар баробари ин гуфтан бамаврид аст, ки ташкилотҳои террористию экстремистӣ аз чунин фурсати муносиб истифода карда, фаъолиятҳои худро дар фазои маҷозӣ бештар намуда истодаанд. Дар чунин шароит на танҳо эҳтимоли афзоиш ёфтани фаъолиятҳои экстремистию террористӣ ба амал меояд, балки хавфи ба сафи ин ташкилотҳо шомил гардидани ҷавонон низ зиёд мешавад. Ҳатто дар сиёсати хориҷии баъзе давлатҳо низ шарҳу тавзеҳи вазъияти эпидемиологӣ ҳамчун унсури ҳуҷумҳои иттилоотӣ интихоб гардида, бо ҳар роҳу восита дар самти амалигардонии ҳадафҳои геостратегии худ онро истифода намуда истодаанд.

Чунин ҳолатро ба инобат гирифта, СММ аз ҳамаи корбарони шабакаи интернет даъват намуда буд, ки дар давраи паҳншавии пандемияи КОВИД-19 хеле ҳушёр бошанд, то ки ба доми киберҷинояткорон наафтанд. Киберҷинояткорон аз фурсати муносиб истифода намуда, барои табобати КОВИД-19 доруҳои қалбакиро ба фурӯш мегузоранд, ба системаҳои иттилоотии беморхонаҳо ва озмоишгоҳҳои таҳқиқоти тиббӣ ворид гардида, иттилооти онҳоро медузданд. Инчунин СММ пешниҳод намуда буд, ки дар муқобили паҳншавии хабарҳои носаҳеҳ дар бораи ин бемории мубориза бурда шавад[2]. Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ дар муносибат бо масъалаи паҳншавии хабарҳои носаҳеҳ мафҳуми «инфодемия»-ро пешниҳод карда буд. Ба андешаи директори генералии ин созмон Г.Тедрос, суръати паҳншавии хабарҳои носаҳеҳ ва бардурӯғ нисбат ба вируси COVD-19 чанд

---

[1] Ниг.: Крутских, А. Две гиперпандемии на одно человечество – слишком много! [Текст] / А. Крутских // Международная жизнь. – 2020. – №7. –С.12-15.

[2] Ниг.: Киберпреступность и распространение дезинформации во время пандемии COVID-19 [Электронный ресурс]. – URL: https://www.un.org/ru/coronavirus/un-tackling-‘infodemic’-misinformation-and-cybercrime-covid-19 (дата обращения: 24.07.2021 г.)

маротиба зиёдтар аст. Дар алоқамандӣ бо ин масъала ӯ иброз медорад, ки дар шароити имрӯза дар баробари пандемияи COVID-19, инчунин бо инфодемия низ мубориза бурдан зарур мешавад[1]. Яке аз арбобони давлатии Россия А. Попова моҳи июни соли 2021 дар мусоҳибаи худ бо «Российская газета» иброз намуда буд, ки пандемияи коронавирус таҳдиди «инфодемия»-ро ошкор кард. Ба қавли ӯ, «инфодемия» ҳамчун паҳншавии иттилооти бардурӯғ на танҳо шаҳрвандонро ба гумроҳӣ мебарад, балки дар раванди мубориза бо КОВИД-19 халал мерасонад[2]. Паҳншавии бемории сироятии КОВИД-19 дар таърихи инсоният аввалин бемории сироятие мебошад, ки дар шароити истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ рост омадааст. Технологияҳое, ки барои барқарор кардани иртибот ва гирифтани иттилооти зарурӣ бояд истифода шаванд, боиси ташаккулёбии инфодемия мегарданд. Инфодемия боиси афзоиши бадбинӣ, хавфи ба амал омадани низоъҳо, зӯроварӣ ва поймол гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон, зарар расонидан ба саломатии равонии одамон ва мушкил шудани мубориза бо бемории COVID-19 гардида буд[3].

Бояд гуфт, ки то пайдоиши бемории COVID-19 зарари моддии ҷиноятҳои кибернетикӣ тибқи маълумоти СММ соли 2016 зиёда аз 445 млрд доллар ва соли 2018 бошад 1,5 трлн долларро ташкил медиҳад[4]. Аммо дар шароите, ки дар кишварҳои мутараққии олам қариб 50% кормандон ба фаъолияти фосилавӣ гузаронида шудаанд, зарару зиёни ҳуҷумҳои иттилоотӣ ва кибернетикӣ чанд маротибаи дигар меафзояд. Ин аст, ки сол

---

[1] Ниг.: Киберпреступность и распространение дезинформации во время пандемии COVID-19 [Электронный ресурс]. – URL: https://www.un.org/ru/coronavirus/un-tackling-‘infodemic’-misinformation-and-cybercrime-covid-19 (дата обращения: 24.07.2021 г.)

[2] Ниг.: Попова заявила об угрозе "инфодемии" в условиях COVID-19 [Электронный ресурс]. – URL: https://rg.ru/2021/06/24/popova-zaiavila-ob-ugroze-infodemii-v-usloviiah-covid-19.html (дата обращения: 24.07.2021 г.)

[3] Ниг.: Борьба с инфодемией на фоне пандемии COVID-19: поощрение ответственного поведения и уменьшение пагубного воздействия ложных сведений и дезинформации [Электронный ресурс]. – URL: https://www.who.int/ru/news/item/23-09-2020-managing-the-covid-19-infodemic-promoting-healthy-behaviours-and-mitigating-the-harm-from-misinformation-and-disinformation (дата обращения: 24.07.2021 г.)

[4] Ниг.: Зачем нужна конвенция о киберпреступности? Объясняет юрист Постпредства России [Электронный ресурс]. – URL: https://news.un.org/ru/interview/2019/10/1366141 (дата обращения: 09.09.2020 г.)

то сол барои таъмини амнияти иттилоотӣ маблағҳои зиёд сарф карда мешаванд. Тибқи маълумоти маркази таҳлилии «Canalys» дар соли 2020 барои таъмини амнияти иттилоотӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ маблағгузорӣ боз 5,6% дигар зиёд гардида, солона 43 млрд долларро ташкил медиҳад[1]. Ҳаҷми маблағҳое, ки маркази таҳлилии «Canalys» нишон медиҳад, масрафҳои давлатӣ мебошад, ки барои таъмини амнияти иттилоотии давлат равона шудааст. Зеро тибқи маълумоти интернет-портали ширкати «Tadviser» то нимаи аввали соли 2020 ҳаҷми савдои бозори амнияти иттилоотӣ дар муқоиса бо соли гузашта 66% зиёд гардида, 202 млрд доларро ташкил медиҳад[2]. Яъне, дар шароити муосир на танҳо давлатҳо, балки ширкатҳои хусусӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ низ барои таъмини амнияти иттилоотӣ ва нигоҳ доштани бехатарии кибернетикӣ маблағҳои зиёд сарф менамоянд.

Ҳамин тариқ, таҳдиду хатари ТИИ-и замони муосирро таҳлилу таҳқиқ намуда, ба чунин хулосаҳо расидем:

1. Рушди ТИИ, махсусан васоити ахбори оммаи электронӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ барои кишварҳои тозаистиқлол хавфу хатари навро ба вуҷуд овардаанд. Чунин кишварҳо дар марҳилаҳои аввали ташаккулёбӣ қарор доранд ва дар муқобили таҳдидҳои иттилоотӣ аз лиҳози иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангӣ осебпазирии гуногун доранд. Неруҳои тахрибкор ва субъектҳои манфиатдор маҳз аз чунин осебпазирӣ суиистифода карда, дар таҳкими пояҳои давлатдории ин гуна кишварҳо таъсири манфӣ мерасонанд, ҳадафҳои стратегии онҳоро зери таҳдид қарор медиҳанд ва суботи сиёсии ҷомеаро заиф мегардонанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари пасошуравӣ давлати тозаистиқлол ба шумор меравад ва дар марҳилаҳои аввали рушди давлатдории миллӣ қарор дорад.

[1] Ниг.: Global cybersecurity 2020 forecast. – URL: https://www.canalys.com/newsroom/canalys-global-cybersecurity-forecast-2020

[2] Ниг.: Информационная безопасность (мировой рынок). – URL: https://www.tadviser.ru/index.php/Статья:Информационная_безопасность_(мировой_рынок) (дата обращения: 04.10.2020 г.)

Аз ин рӯ, ҳифзи суботи сиёсӣ, таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва рушди минбаъдаи давлатдорӣ аз ҳолати ҳимоятшавандагии фазои иттилоотии ҷомеа вобаста мебошад. Бо назардошти чунин вазъ барои безараргардонии таҳдидҳои иттилоотӣ марҳила ба марҳила бояд чораҳои зарурӣ ва саривақтӣ андешида шаванд. Барои кишварҳои тозаистиқлол ва рӯ ба инкишоф дар баробари дигар чораҳо, инчунин омода кардани рӯзноманигорон ва омӯзгорони типи нав зарур дониста мешавад. Махсусан, журналистикаи сиёсию психологӣ ва низоми маориф бояд унсурҳои муҳимми таъмини амнияти иттилоотии кишвар тасаввур карда шаванд. Нақш ва мавқеи ВАО-и ватанӣ, омӯзгрону зиёиён на танҳо дар тарғибу ташвиқи арзишҳои миллӣ ва анъанаҳои фарҳангӣ, балки дар ташаккули маданияти иттилоотии ҷомеа низ бояд баланд бардошта шавад. Дар ин раванд дар муқобили терроризми иттилоотӣ ва таблиғи ғояҳои экстремистӣ руҳониёни маҳаллӣ низ метавонанд иштироки фаъол дошта бошанд.

2. ТИИ ва шабакаи интернет аз як ҷониб рушди соҳаҳои гуногунро таъмин намуда бошад, аз ҷониби дигар осебпазирии онҳоро зиёд кардааст. Чунин сатҳи осебпазирӣ дар кишварҳои тараққикардаи олам бештар ба назар мерасад. Зеро киберҷангҳо, киберҳуҷумҳо ва махсусан кибертерроризм ҳамчун таҳдиду хатари замони муосир барои вайрон кардани фаъолияти муназзами системаҳои иттилоотӣ, дуздидани иттилоот, зарару зиён расонидан ба ширкатҳо ва муассисаҳо анҷом дода мешаванд. Дар ин раванд давлатҳои рақиб дар муқобили ҳамдигар ва ташкилотҳои террористӣ дар муқобили рақибони худ бо истифода аз технологияҳои иттилоотии навин ҳуҷумҳои киберӣ анҷом медиҳанд.

# БОБИ III
# БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ТАЪМИНИ СУБОТИ СИЁСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

## 3.1. Хусусиятҳои стратегии «неруи нарм» ва «неруи ҳушманд» дар низоми амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар шароити имрӯза таъмини амнияти миллӣ аз фаҳму дарки «неруи нарм» ва «неруи ҳушманд» вобастагии зиёд пайдо намудааст. Чунин анвои таъсиррасониро неруҳои гуногуни сиёсӣ дар татбиқи ҳадафҳои стратегии худ тахассусмандона истифода бурда истодаанд. Бинобар ин, «неруи нарм» ва «неруи ҳушманд»-и субъектҳои гуногун сарчашмаи пайдоиши як зумра таҳдидҳои замони муосир ба шумор мераванд. «Неруи нарм» ҳамчун технологияи ба ҷониби худ ҷалб кардани таваҷҷуҳи дигарон ва баланд бардоштани «легитимият»-и ҳокимият таърихи қадима дорад. Дар тули таърих кам нестанд ҳолатҳое, ки сарварони сиёсӣ ва ҳокимон барои ба даст овардани маҳбубияти сокинони кишвари худ ва ба ҷониби хеш ҷалб кардани таваҷҷуҳи кишварҳои дигар корнамоиҳо ва амалҳои шоистаи таҳсин анҷом додаанд. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки «неруи нарм» бо ҳокимият ва ҳукмронӣ дар як вақту замон пайдо шудааст. Дар асарҳои олимоне, ки ба омӯзиши паҳлуҳои гуногуни ҳокимият машғул гардида, ба масъалаҳои ҳукмронӣ ва идоракунӣ таваҷҷуҳ кардаанд, унсурҳои ҷудогонаи «неруи нарм»-ро мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар шароити муосир дар таҳқиқоти олимон консепсияи «неруи нарм» яке аз унсурҳои низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва самтдиҳии сиёсати хориҷии давлат муаррифӣ мегардад. Ҳамаи муҳаққиқон консепсияи мазкурро дар чунин қолаб таҳлилу баррасӣ кардаанд. Ҳатто баъзе муҳаққиқон онро яке аз воситаҳои муҳимтарини таҳлили муносибатҳои

байналмилалӣ донистаанд[1]. Ғайр аз ин, то ба имрӯз аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ ва кишварҳои алоҳидаи дунё на танҳо индексҳои рушди соҳавӣ ташкил гардидаанд, балки индексҳои рушди «неруи нарм»-и давлатҳои гуногун ба вуҷуд оварда шудаанд, ки ба воситаи онҳо мавқеи ин ё он давлатро дар арсаи ҷаҳонӣ нишон додан мехоҳанд. Рейтингҳои ҷаҳонӣ яке аз воситаҳои баҳогузорӣ кардани «неруи нарм» маҳсуб меёбанд[2]. Воқеан ҳам, консепсияи «неруи нарм» дар мазмуни имрӯзаи худ дар заминаи назарияи муносибатҳои байналмилалӣ ташаккул дода шудааст ва онро барои таъмин кардани самаранокии сиёсати хориҷии давлат ба вуҷуд овардаанд. Аммо ин маънои онро надорад, ки дар сиёсати дохилӣ «неруи нарм» ҳеҷ мавқеъ надошта бошад. Баръакс, «неруи нарм» дар аввал дар сиёсати дохилӣ пайдо гардида буд. Аз он сабабе, ки дар сиёсати хориҷӣ онро аз лиҳози методологӣ ва назариявӣ коркард намуда, механизмҳои ташаккулдиҳиашро ба вуҷуд овардаанд, дар назар хоси низоми муносибатҳои байналмилалӣ вонамуд мегардад. Аммо дар сиёсати дохилӣ онро дар консепсияҳои гуногуни ҳокимият Н.Макиавели, В.Паретто, М.Вебер, Р.Дал ва чанде дигарон кайҳо ташаккул дода буданд, ки ин баҳси дигар аст.

Ҳатто дар консепсияи Ҷ.Най, ки муаллифи мафҳуми «неруи нарм» маҳсуб меёбад, манбаҳои он бо назардошти сиёсати хориҷии давлат шарҳ дода шудааст. Ба андешаи ӯ, неруи нарми мамлакат аз се сарчашмаи асосӣ иборат аст: фарҳанги он (дар ҷойҳое, ки, яъне дар мамлакатҳое, ки барои дигарон ҷолиби диққат аст), арзишҳои сиёсии он (вақте ки худи кишвар дар асоси ин арзишҳо амал менамояд ва дар муносибат бо давлатҳои дигар низ онҳоро истифода мебарад) ва сиёсати хориҷии он (вақте ки давлатҳои дигар

[1] Ниг.: Галларотти, Дж. Как измерять мягкую силу в международных отношениях [Текст] / Дж. Галларотти // Полис. Политические исследования. –2020. –№1. –С. 103.
[2] Ниг.: Ҳамон ҷо.

сиёсати хориҷии ин давлатро қонунӣ мешуморанд ва дорои ҳуқуқи маънавӣ медонанд)[1].

Дар шароити муосир дар робита бо дигаргуниҳои ду даҳсолаи охир гуфтан мумкин аст, ки ҳам дар сиёсати дохилӣ ва ҳам дар сиёсати хориҷӣ истифодаи «неруи нарм» афзалияти аввалиндараҷа касб намудааст. Махсусан, рушди ТИИ имкон намедиҳад, ки сарварони сиёсӣ ва давлатҳои алоҳида ба мисли пештара «неруи сахт»-ро истифода намоянд. Дар сатҳи баланд истифода гардидани «неруи сахт» легитимияти ҳокимиятро коҳиш медиҳад ва баръакс ҳар чи бештар рӯ овардан ба «неруи нарм» ва дар сатҳи зарурӣ истифода бурдани он имкон медиҳад, ки ҷонибдорон ва пайравон бештар карда шуда, легитимияти ҳокимият ва сатҳи эътирофи давлату ҳукумат баланд бардошта шавад.

Чизи дигаре, ки муҳим мебошад, ин аст, ки гуё давлатҳои абарқудрат метавонанд «неруи нарм» дошта бошанд ва давлатҳои боқимонда чунин иқтидорро надоранд[2]. Аммо воқеият чунин нест. Давлатҳои гуногуни олам вобаста ба имконият ва манбаҳои дарихтиёрдоштаи худ метавонанд муайян кунанд, ки «неруи нарм»-ро дар кадом самт – дар сиёсати дохилӣ, ё сиёсати хориҷӣ, дар кадом ҳаҷм ва дар кадом шакл истифода баранд. Яъне, истифодаи «неруи нарм» дар сиёсати давлатӣ аз вазъияти сиёсию иқтисодии дохили мамлакат, дар кадом марҳилаи рушду инкишоф қарор доштани он, ҳадафҳои стратегии он ва ғ. вобаста мебошанд.

Дар таҳқиқоти мазкур ҳамаҷониба таҳлил намудани андешаҳои Ҷ.Найро зарур намешуморем. Зеро то ин дам як қатор муҳаққиқон аллакай ин корро анҷом додаанд. Масалан, дар мақолаҳои илмии М.А. Неймарк на танҳо андешаҳои Ҷ.Най таҳлил шудаанд, балки мухолифат доштани фикру

---

[1] Ниг.: Най, Дж. Будущее власти. Как стратегия умной силы меняет XXI век [Текст] / Пер. с англ. –М.: Изд-во «АСТ», 2014. –С.152-153.

[2] Ниг.: Радиков, И. «Мягкая сила» как современный атрибут великой державы [Текст] / И. Радиков, Я. Лексютина // Мировая экономика и международные отношения. – 2012. –№2. –С.19-26.

андешаҳои дигарон бо фикрҳои Ҷ.Най низ таъкид гардидаанд[1]. Дар мақолаи Н.В. Юдин низ чунин таҳлили муфассал анҷом дода шудааст[2]. Олими рус А.Фененко «неруи нарм»-ро бо назардошти чораҳои пешгирикунанда таҳлил намуда, амалҳоеро, ки зидди неруи нарми дигарон анҷом дода мешаванд, баррасӣ кардааст. Ӯ неруи нармро ба корд ташбеҳ дода, амалҳои зидди неруи нармро ба сипар монанд менамояд. Дар ин замина ӯ консепсияи «мубориза бо неруи нарм»-ро ташаккул додааст. Ба ақидаи ӯ, «агар неруи нарм қобилияти ба дигарон маъқул шудан ва ҷаззоб будан бошад, пас амалҳои зидди неруи нарм қобилияти коҳиш додани ҷаззобияти симои мароқангези рақибон маҳсуб меёбад, яъне кушиши дар назари ҷомеаи худ ва агар имкон даст диҳад дар ҷомеаи ҷаҳонӣ номақбул гардонидани рақиб аст»[3].

Консепсияи «неруи нарм» аз ҷониби сиёсатшиноси амрикоӣ Ҷ.Най ташаккул дода шудааст. Ӯ ҳамзамон муаллифи ин мафҳум дониста мешавад. Ҷ.Най консепсияи «неруи нарм»-ро бо мақсади хубтару беҳтар ба роҳ мондани сиёсати хориҷии Амрико ва барои мустаҳкам кардани мавқеи ҷаҳонии ин кишвар ташаккул додааст. Вобаста ба ин масъала, муҳаққиқи рус Е.В. Пименова иброз медорад, ки консепсияи «неруи нарм» яке аз унсурҳои муҳимтарини стратегияи Амрико мебошад, ки ба воситаи он ин кишвар ҳукмронии худро дар сатҳи ҷаҳонӣ нигоҳ медорад[4]. Аммо айни замон «неруи нарм» на танҳо аз ҷониби Амрико, балки аз тарафи ҳар як давлате, ки дар сиёсати ҷаҳонӣ муваффақият дорад, ҳар як ширкати фаромиллӣ ва ҳатто ташкилотҳои террористию экстремистӣ низ истифода

---

[1] Ниг.: Неймарк, М.А. «Мягкая сила» в мировой политике. К уточнению проблемного поля. Часть 1. [Текст] / М.А. Неймарк // Обозреватель-Observer. –2016. –№1. –С.31-42.; Неймарк, М.А. «Мягкая сила» в мировой политике. «Умная сила»: к перспективам в мировой политике. Часть 2. [Текст] / М.А. Неймарк // Обозреватель-Observer. –2016. –№2. –С.67-77.

[2] Ниг.: Юдин, Н.В. Жесткий взгляд на «мягкую силу»: критический анализ монографии Дж.Ная «Будущее власти» [Текст] / Н.В. Юдин // Вестник Московского университета. Серия 25. Международные отношения и мировая политика. –2013. –№4. –С.134-162.

[3] Фененко, А. Анти-мягкая сила в политической теории и практике [Текст] / А. Фененко // Международные процессы. – 2020. – Т.18. –№1. –С.45.

[4] Ниг.: Пименова, Е.В. Закат «мягкой силы»? Эволюция теории и практики soft power [Текст] / Е.В. Пименова // Вестник МГИМО-Университета. – 2017. –№ 1 (52). –С. 57-66.

бурда мешавад. Е.В. Пименова муътақид аст, ки истифодаи «неруи нарм» аз ҷониби давлатҳои дигар барои амалӣ гардонидани мақсадҳои сиёсии онҳо самараи дилхоҳ намедиҳад, зеро консепсияи мазкур бо хусусиятҳои системаи сиёсии Амрико мувофиқ гардонида шудааст[1]. Шояд чунин бошад, аммо бовар меравад, ки як қатор субъектҳои сиёсати ҷаҳонӣ аллакай чунин ҳолатро дарк намудаву консепсияи «неруи нарм»-ро бо шароитҳои дохилию хориҷии худ мутобиқ сохтаанд. Барои исботи ин гуфтаҳо, мақолаи олимони амрикоӣ Кристофер Уокер ва Джессика Людвигро мисол меорем. Олимони мазкур ноябри соли 2017 дар маҷаллаи «Foreign affairs» мақолаеро зери унвони «Мазмуни Sharp Power, ё худ давлатҳои авторитарӣ чи гуна таъсиррасонии худро роҳандозӣ мекунанд»[2] чоп намуданд. Онҳо дар мақолаи худ на танҳо аз пайдоиши «Sharp Power»[3] хабар медиҳанд, балки таъкид менамоянд, ки истифодаи онро дар сиёсати хориҷии Чин, Россия, Эрон ва ғ. дидан мумкин аст. Каме дертар, аниқтараш моҳи январи соли 2018 муаллифи консепсияи «неруи нарм» Ҷ.Най низ ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда, мавҷудияти «Sharp Power»-ро эътироф мекунад ва онро ҳамчун таҳдид ба демократияи ғарбӣ ва воситаи пешбурди ҷангҳои иттилоотию кибернетикӣ муаррифӣ месозад. Ҷ.Най муътақид аст, ки «Sharp Power», ё худ «неруи фаъол» бо роҳи паҳн кардани иттилооти бардурӯғ паст намудани симои мароқангези демократияи ғарбиро ҳадафи худ қарор додааст[4]. Сиёсатшиноси рус О.Леонова иброз медорад, ки «неруи фаъол»-ро айни замон на танҳо давлатҳои алоҳида, балки ташкилотҳои террористию

---

[1] Ниг.: Пименова, Е.В. Закат «мягкой силы»? Эволюция теории и практики soft power [Текст] / Е.В. Пименова // Вестник МГИМО-Университета. – 2017. –№ 1 (52). –С. 57-66.

[2] Ниг.: Walker Ch., Ludwig J. The Meaning of Sharp Power. How Authoritarian States Project Influence. Foreign Affairs, 2017, November 16. [Electronic resource]. – URL: https://www.foreignaffairs.com/articles/china/2017-11-16/meaning-sharp-power (accessed 19.05.2020).

[3] Ниг.: «Sharp Power»-ро дар забони тоҷикӣ шартан «неруи фаъол» номидан мумкин аст, ки он бо консепсияҳои «неруи сахт», «неруи нарм» ва «неруи ҳушманд» ҳеҷ монандие надорад. Хусусияти «неруи фаъол» ё худ «Sharp Power» дар он аст, ки онро барои тахрибкорӣ истифода менамоянд.

[4] Ниг.: Nye J. How Sharp Power Threatens Soft Power. The Right and Wrong Ways to Respond to Authoritarian Influence. Foreign Affairs, 2018, January 24. [Electronic resource]. – URL: https://www.foreignaffairs.com/articles/china/2018-01-24/how-sharp-power-threatens-soft-power (accessed 19.05.2020).

экстремистӣ низ дар муқобили рақибони худ ба таври васеъ истифода мебаранд[1]. Ин гуна тамоюлот бори дигар аз он шаҳодат медиҳанд, ки давлатҳои гуногун на танҳо «неруи нарм»-ро истифода мекунанд, балки дар муқобили «неруи нарм» ва «неруи ҳушманд»-и кишварҳои ғарбӣ боз «неруи фаъол»-ро ташаккул дода, истифода мебаранд. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки «неруи фаъол» ҳамчун аксуламал дар муқобили «неруи нарм» истифода бурда мешавад, ки онро шартан яке аз унсурҳои «неруи ҳушманд» номидан мумкин аст.

Бояд ёдовар шуд, ки шарҳи моҳияти «неруи нарм» бояд бо назардошти мавқеи истифодабарии манбаҳои ҳокимият сурат гирад. Зеро манбаҳои ҳокимият метавонанд вобаста ба вазъият ва мавқеи истифодабариашон ҳам сарчашмаи «неруи сахт» ва ҳам сарчашмаи «неруи нарм» бошанд. Дар ин маврид Ҷ.Най иброз медорад, ки «агар неруҳои ҳарбӣ барои ба даст овардани ғолибият дар ҷанг истифода шаванд, онро «неруи сахт» ва агар барои ҳимоя кардани шарикони стратегӣ, ё дар ҳолатҳои сар задани офатҳои табиӣ барои кӯмак расонидан ба дигарон сафарбар гардида бошанд, он гоҳ «неруи нарм»-ро ташаккул медиҳанд»[2]. Яъне, дар мавриди аввал неруҳои ҳарбӣ ҳисси нафрат ва дар мавриди дуюм ҳисси муҳаббатро ба вуҷуд меоваранд. Ба ибораи дигар, ҳатто неруҳои ҳарбӣ низ вобаста ба мавқеи истифодабариашон метавонанд ҳам сарчашмаи «неруи сахт» ва ҳам «неруи нарм» бошанд.

Як қатор муҳаққиқон ба сохтори «неруи нарм» таваҷҷуҳ зоҳир карда, кӯшиш намудаанд, ки унсурҳои таркибии консепсияи мазкурро муайян созанд. Чунин муносибат дар таҳқиқоти О.Г. Леонова ба мушоҳида мерасад. Ба андешаи ӯ, сохтори консепсияи «неруи нарм» аз чунин унсурҳо иборат мебошад: манбаҳо (ресурсҳо), воситаҳои истифода бурдани манбаҳо, роҳу усулҳои истифодабарии манбаҳо, стратегияи сиёсати хориҷӣ (ё сиёсати

---

[1] Ниг.: Леонова, О. Sharp power – новая технология влияния в глобальном мире [Текст] / О. Леонова // Мировая экономика и международные отношения. – 2019. –Т. 63. –№ 2. –С.22.

[2] Най, Дж. Будущее власти. Как стратегия умной силы меняет XXI век [Текст] / Пер. с англ. –М.: Изд-во «АСТ», 2014. –С.57-58.

дохилӣ). Ба андешаи ӯ, чунин унсурҳо дар таркиби ҳама гуна неру дида мешавад[1]. Омӯзиши унсурҳои таркибии «неруи нарм» хеле муҳим аст, махсусан, барои онҳое, ки мехоҳанд ба воситаи он ҳадафҳои стратегии худро амалӣ созанд. Аммо барои муайян кардани таъсири манфии «неруи нарм»-и давлатҳо, ё ташкилотҳои террористию экстремистӣ ба инобат гирифтани роҳу усулҳо ва воситаҳои аз ҷониби онҳо истифодашаванда хеле зарур мебошад.

Воқеан ҳам, субъектҳои сиёсат барои расидан ба мақсад ва ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ «неруи нарм»-ро дар муқобили якдигар истифода мебаранд. Дар ин гуна шароит «неруи нарм» қолаби асосии амалишавии стратегияҳои онҳо ба шумор меравад. Аз ин рӯ, «неруи нарм»-е, ки аз ҷониби субъекти якум дар муқобили субъекти дуюм истифода мешавад, барои субъекти дуюм ҳамчун таҳдид бояд шинохта шавад. Зеро барои вай мушкилиҳои гуногун эҷод менамояд ва аз як қатор манбаҳо онро маҳрум месозад. Бо назардошти чунин вазъият гуфтан мумкин аст, ки «неруи нарм» барои субъекти якум воситаи расидан ба мақсад ва барои субъекти дуюм ҳамчун таҳдид дониста мешавад. Аммо агар субъекти дуюм «неруи нарм»-и худро дар муқобили субъекти якум истифода намояд, ҳолати баръаксро мушоҳида кардан мумкин аст. Айни замон, давлатҳо дар самти муқобилият бо «неруи нарм» ва пешгирӣ кардани оқибатҳои ногувори он бо субъектҳои гуногун рӯ ба рӯ мешаванд. Субъектҳоеро, ки «неруи нарм»-ро истифода мебаранд, ба таври зерин нишон додан мумкин аст: давлатҳои хориҷӣ, ширкатҳои фаромиллӣ, созмонҳои минтақавию байналмилалӣ, ташкилотҳои террористию экстремистӣ. Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки дар муқобили «неруи нарм»-и ин гуна субъектҳо истодагарӣ намояд. Зеро ҳар кадоми онҳо мехоҳанд, ки дар назари шаҳрвандони мамлакат мароқангез ва ҷолиби диққат бошанд. Ба ибораи дигар, имрӯз дар миёни давлат ва субъектҳои дар боло

[1] Ниг.: Леонова, О.Г. Политика «умной силы» – продукт эволюции «мягкой силы» [Текст] / О.Г. Леонова // Социально-гуманитарные знания. – 2019. –№5. –С. 28.

номбаргардида барои ба тарафи худ ҷалб кардани шаҳрвандон, барои ба даст овардани муҳаббати онҳо ва барои тасхири дилҳо муборизаи беамон сурат мегирад.

Аз тарафи давлатҳои абарқудрат дар муқобили давлатҳои дигар истифода гардидани «неруи нарм» метавонад мушкилиҳои гуногунро барои кишварҳои тозаистиқлол ба вуҷуд оварад. Махсусан, дар шароити рушди ТИИ ва авҷгирии равандҳои ҷаҳонишавӣ чунин вазъиятро мушоҳида кардан мумкин аст. Яке аз онҳо инқилобҳои ранга мебошад, ки одатан онро ба воситаи «неруи нарм» ба амал мебароранд. Олими рус А.А. Вилков дар таҳқиқоти худ иброз медорад, ки «неруи нарм» барои ташаккули симои мароқангези ҳокимият, сохтори иҷтимоию сиёсӣ, арзишҳои идеологӣ, ниҳодҳои сиёсӣ, тарзи ҳаёти ҷамъиятии ягон мамлакат истифода бурда мешавад. Ин гуна симои мароқангез дар раванди таъсиррасонии иттилоотӣ истифода гардида, дар дохили мамлакатҳои дигар ҷонибдорони ин гуна арзишҳоро афзоиш медиҳад, то ки онҳо арзишҳои мазкурро дар кишвари худ ҷорӣ намоянд[1]. Муҳаққиқи дигар Е.Г. Пономарёва иброз медорад, ки ба амал омадан ва ба амал баровардани инқилобҳои ранга сирру асрори гуногун дорад. Яке аз асрори онро «неруи нарм» ташкил медиҳад. Ба андешаи ӯ, «консепсияи неруи нарм, ки марҳила ба марҳила бо технологияҳои навтарин муҷаҳҳаз мешавад, ба шуури одамон бо суръати баланд ва хеле осон таъсиргузорӣ намуда, хотираи таърихии онҳоро аз байн бурда, онҳоро ба манқуртони шабакавӣ табдил медиҳад. Чунин ҳолат замоне рух медиҳад, ки агар дар муқобили он мухолифат, ё муқовимат нишон дода нашавад»[2]. Ӯ на танҳо ба амал баровардани инқилобҳои

[1] Ниг.: Вилков, А.А. «Мягкая сила» как элемент имиджевых технологий во внутренней и внешней политике [Текст] / А.А. Вилков // Известия Саратовкого университета. Серия: Социология. Политология. – 2014. –Т.14. –№2. –С.66.

[2] Пономарева, Е.Г. Секреты «цветных революций» [Текст] / Е.Г. Пономарева // Свободная мысль. – 2012. –№3-4. –С.59.

рангаро аз «неруи нарм» вобаста медонад, балки онҳоро технологияи аз байн бурдани давлатдории миллӣ низ муаррифӣ кардааст[1].

«Неруи нарм»-и давлатҳои абарқудрат барои кишварҳои рӯ ба инкишоф боз мушкилиҳои дигарро низ метавонад ба вуҷуд оварад. Дар ин маврид бояд иқрор шуд, ки яке аз мушкилиҳои асосии давлатҳои ҷаҳони дуюм ва сеюм ин фирори мағзҳо мебошад. Пешрафти илмию технологии давлатҳои тараққикарда на танҳо аз ҳисоби сарватҳои давлатҳои дигар мебошад, балки рушду инкишофи онҳо аслан дар пояи манбаҳои инсонӣ ва донишҳои инсонӣ побарҷост. Давлатҳои тараққикарда барои намояндагони ҷомеаҳои дигар аз он сабаб мароқангезанд, ки онҳо қудрати ҳалли ҳама гуна мушкилотро доранд. Аз ин рӯ, хулоса ин аст, ки мутахассисон барои кишварҳои тараққикарда хеле зарур ва манфиати ҳаётан муҳим ба шумор меравaнд. Мутахассисон ва донишмандон низ кӯшиш менамоянд ба давлатҳое сафар кунанд, ки дар он ҷо барои кору фаъолияташон имконияти хуб фароҳам бошад. Давлатҳои тараққикарда ба воситаи «неруи нарм» имкониятҳо ва шароитҳои худро ба намоиш гузошта, беҳтарин мутахассисон, ба ибораи стратегӣ мағзҳои миллӣ ва қобилиятҳои миллиро бе ягон маҷбурнамоӣ кашида мебаранд. Ин аст таъсири амиқи «неруи нарм» дар самти истифодабарии манбаҳои инсонӣ. Ин тамоюлот таҳдиди бузургест ба амнияти миллии кишвар. Барои пешгирӣ кардани ин раванд, пеш аз ҳама, фароҳам овардани шароити мусоид барои олимон ва донишмандон, қадрдонӣ кардани заҳматҳо ва баланд бардоштани мавқеи иҷтимоии онҳо хеле зарур мебошад.

Тули солҳои охир як зумра муҳоҷироне, ки дар кишварҳои ғарбӣ кору фаъолият доранд, тавассути шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ дар бораи шароити кору фаъолият, тарзи ба он кишварҳо сафар намудан, дар ҳолати ба он кишвар сафар кардан аз кадом имтиёзҳо бархӯрдор шудан

[1] Ниг.: Пономарева, Е.Г. Секреты «цветных революций» [Текст] / Е.Г. Пономарева // Свободная мысль. – 2012. –№5-6. –С.38-48.

видеороликҳои гуногун паҳн менамоянд. Чунин ҳолат раванди фирори мағзҳоро боз ҳам метезонад.

Дар баробари давлатҳо, инчунин ташкилотҳои террористию экстремистӣ низ барои зиёд кардани пайравони худ ва пур намудани сафҳои худ «неруи нарм»-ро моҳирона истифода мебаранд. Аммо дар ин маврид, аввал ба хусусиятҳои геополитикии терроризм бояд таваҷҷуҳ зоҳир кард. Ба ҳамагон маълум аст, ки терроризм ҳамчун муборизаи сиёсии зӯроварона таърихи қадима дорад. Аммо баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва махсусан, аз ибтидои асри XXI миқёси он васеъ гардида, таваҷҷуҳи оламиёнро ба худ ҷалб намуд. Чаро чунин шуд? Аввал ин, ки дар шароити амалигардонии мустамликадории нав (неоимпериализм) терроризм ҳамчун воситаи дар амал татбиқ сохтани манфиатҳои геополитикии як зумра давлатҳои абарқудрат ба шумор меравад ва ҳамзамон манбаҳои «неруи сахт»-и онҳоро ташкил медиҳад. Дар шароити муосир ҳеҷ як давлате наметавонад, ки бе иҷозати Шурои Амнияти СММ ба ҳудудҳои давлати дигар ҳуҷуми ҳарбӣ анҷом диҳад. Аммо агар чунин иҷозатро дошта бошад ҳам, анҷом додани ин амал баъзан вақт метавонад имиҷи байналхалқии онро коҳиш диҳад. Бинобар ин, ба воситаи ташкилотҳои террористию экстремистӣ ташкил намудани низоъҳои гуногун ба онҳо имкон медиҳад, ки бо ёрии ҷониби сеюм мақсадҳои стратегии хешро амалӣ созанд. Чунин ибрози андеша маънои онро дорад, ки аз байн бурдани терроризм барои абарқудратҳо кори чандон мушкил нест, аммо дар ин марҳилаи таърихӣ барои ҳимояи манфиатҳои геополитикии онҳо хеле муҳим аст.

Ин ва дигар баррасиҳои дар ин маврид гуфташуда шаҳодат аз он медиҳанд, ки дар шароити муосир на танҳо ташкилотҳои террористию экстремистӣ «неруи нарм»-ро истифода мебаранд, балки аксарияти онҳо ҳамчун манбаи «неруи сахт»-и давлатҳои алоҳида ба шумор мераванд. Сиёсатшиноси ватанӣ Муҳаммадзода П.А. дар ин маврид қайд менамояд, ки «ба гурӯҳҳои террористию эктремистӣ ва хаёлпарастони мазҳабӣ истифодаи технологияҳои сиёсӣ ва усули корбариро марказҳои зеҳнии баъзан

кишварҳои аврупоӣ ва дигар хоҷагони хориҷии онҳо кӯмак мерасонанд ва онҳо ҳамеша дастнигар ва фармонбардори мафкураи дигаронанд»[1]. Аз ин рӯ, мубориза бо ташкилотҳои террористию экстремистӣ на танҳо бо истифода аз «неруи ҳушманд» (неруи сахт ва неруи нарм) бояд сурат гирад, балки дар назар дошта шавад, ки мубориза ҳам бо ташкилотҳои мазкур ва ҳам бо созмондиҳандагони онҳо бурда мешавад.

Гузашта аз ин, қонунияти дигари геополитикӣ ин аст, ки ҳар як абарқудрат мехоҳад дар кишварҳои мавриди назари худ ҷонибдорон ва ҳаммаслакони хешро ба сари қудрат оварад. Аз ин рӯ, ташкилотҳои террористию экстремистӣ дар аксар маврид бо ин мақсад истифода бурда мешаванд. Агар яке аз роҳҳои ба амал баровардани табаддулоти давлатӣ технологияи инқилобҳои ранга бошад, роҳи дигари он бо истифодаи ташкилотҳои террористию экстремистӣ амалӣ кардани ин мақсад аст. Аз инқилобҳои ранга дида, истифодаи террористону экстремистон дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ афзалияти бештар пайдо намудааст. Олими рус А.Гушер низ муътақид аст, ки террористон ва экстремистон аз ҷониби як қатор давлатҳо барои амалӣ кардани стратегияҳои геополитикии онҳо истифода бурда мешаванд[2].

Дар мавриди самаранокии «неруи нарм» ба инобат гирифтани мувофиқати «сухан бо амал» ва баръакс «амал бо сухан» хеле муҳим аст. Дар робита бо ин масъала як қатор олимон иброз медоранд, ки барои ҷавонон боваринок садо додани даъватҳои экстремистон хеле таъсирбахш аст. Радикалистон дурустии даъватҳои худро ба воситаи амалҳои террористӣ нишон додан мехоҳанд ва бо ин роҳ ҷавононро бовар мекунонанд, ки аз ӯҳдаи ҳамаи кор мебароянд. Вобаста ба таъсирнок будани

---

[1] Муҳаммадзода, П.А. Муносибатҳои байналмилалӣ дар шароити бӯҳрони ҷаҳонии каронавирус [Захираи электронӣ]. – URL: http://khovar.tj/2020/05/munosibat-oi-bajnalmilal-dar-sharoiti-bu-roni-a-onii-koronavirus-andesha-oi-parviz-mu-ammadzoda-muovini-direktori-mts-dar-in-mavz/ (санаи истифодабарӣ: 26.05.2020)

[2] Гущер, А. «Мягкая сила» и терроризм как инструменты политики и стратегии некоторых государств [Электронный ресурс]. – URL: https://nic-pnb.ru/articles/myagkaya-sila-i-terrorizm-kak-instrumenty-politiki-i-strategii-nekotoryh-gosudarstv/ (дата обращения: 17.05.2020 г.)

«неруи нарм»-и террористон А.М. Манойло андешаҳои худро ба таври зерин баён намудааст: «Ба сафҳои ДОИШ на танҳо ҷавонони камбизоат, ки аз хӯрдӣ дар шароити вазнини зиндагӣ ба воя расидаанд, ҳамроҳ мешаванд, балки фарзандони шахсони сарватманд низ дар зери таъсири таблиғоти психологӣ мағзшӯӣ гардида, на танҳо бо онҳо мепайванданд, балки тамоми дороиҳои худро низ дар ихтиёри террористон мегузоранд»[1].

Бо назардошти вазъи мураккаби ҷаҳони муосир истифодаи «неруи нарм» дар сиёсати дохилӣ низ хеле муҳим аст. Давлатҳо ва ҳукуматҳо пеш аз оне, ки дар назари аҳолии ҷомеаҳои дигар мароқангез гарданд, онҳоро лозим аст, ки аввал симои мароқангези худро дар назари шаҳрвандони худ ташаккул диҳанд. Ба ибораи дигар, шаҳрвандони кишвар аз ватани худ ва давлати худ бояд ифтихор намоянд. Масалан, «амрикоиҳо бо ватанашон ифтихор мекунанд. Ҷопониҳо ба режими миллии худ хеле эҳтиром доранд, ки ин анъанаи муқарраршудаи миллӣ буда, на танҳо муҳофизати ватани худро таълим медиҳад, балки дар худ чунин сифатҳои беҳтарин, ба монанди эҳтиром ба шаъну шарафи гузаштагон, арзиши зиндагии онҳо ва пайдоиши онҳоро меомӯзонанд»[2].

Сатҳу сифати «неруи нарм» аз симои мароқангези давлат ва ҷомеа вобаста аст. Бинобар ин, давлатҳои гуногун барои ташаккули имиҷи худ талош меварзанд. Ҳарчанд дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ имиҷи давлату мамлакат ба воситаи сиёсати хориҷӣ ташаккул дода шавад ҳам, асоси онро нишондодҳои сифатии сиёсати дохилӣ ва ҳаёти ҷамъиятии кишвар ташкил медиҳанд. Дастовардҳои мамлакат дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ заминаи асосии ташаккули «неруи нарм» маҳсуб меёбанд. Муҳаққиқони рус Е.Харитонова ва И.Прохоренко низ ба ин масъала ишора намудаанд. Онҳо иброз медоранд, ки «неруи нарм»-и давлат дар ду шакл амалӣ карда мешавад. Якум, ҳамчун сиёсати давлатӣ (сиёсати дохилӣ ва

[1] Манойло, А.М. «Мягкая сила» террористов [Текст] / А.В. Манойло // Россия и мусульманский мир. – 2017. –№3 (297). – С.139.
[2] Муҳаммад, С.А. Нақши рамзҳои сиёсӣ дар раванди низоъҳои сиёсӣ [Матн] / С.А. Муҳаммад // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2020. –№1 (69). – С.32.

хориҷӣ), ки ба воситаи ташкилотҳои ғайридавлатӣ барои амалӣ кардани ҳадафҳои стратегӣ роҳандозӣ мегардад. Дар ин самт давлат як қатор барномаҳо ва лоиҳаҳои давлатию ғайридавлатиро маблағгузорӣ намуда, дар соҳаи маориф, сайёҳӣ, варзиш, фарҳанг, ТИИ ва дипломатияи мардумӣ ташаббусҳои шаҳрвандиро дастгирӣ менамояд. Дуюм, ҳамчун стратегияи дарозмуҳлате, ки барои беҳтар намудани имиҷи давлат, мустаҳкам кардани нақш ва мавқеи давлат дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва ба берун интиқол додани арзишҳое, ки барои дигарон ҷолиби диққатанд, нигаронида шудааст. Дар маҷмуъ, симои давлат чӣ дар дохили мамлакат ва чӣ дар хориҷи кишвар тавре ташаккул дода мешавад, ки онро аз субъектҳои дигари сиёсати ҷаҳонӣ ба осонӣ фарқ менамоянд[1]. Ҷ.Най дар мавриди ташаккулдиҳии «неруи нарм» онро бо назардошти вазъи дохилии мамлакат ба таври зерин тавсиф намудааст: «абарқудратҳои бузург кӯшиш менамоянд, ки барои ташаккулдиҳии «неруи нарм» фарҳанг ва идеяи миллии худро истифода намоянд, то ки симои мароқангези хешро беҳтар созанд, аммо на ҳама вақт чунин амалро анҷом додан имконпазир аст, махсусан замоне, ки суханҳо ва ғояҳо бо воқеиятҳои дохилии мамлакат номувофиқанд»[2]. Ин ва дигар баррасиҳо вобаста ба истифодаи «неруи нарм» ва ташаккулдиҳии он бори дигар аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар сиёсати дохилии мамлакат низ «неруи нарм»-ро истифода бурдан зарур аст. Агар барои давлатҳои тараққикарда истифодаи «неруи нарм» дар сиёсати хориҷӣ самараи дилхоҳ ба бор оварад, барои давлатҳои рӯ ба инкишоф, ки дар марҳилаҳои аввали пешрафт қарор доранд, истифодаи «неруи нарм» дар сиёсати дохилӣ бештар тавсия дода мешавад. Зеро дар кишварҳои рӯ ба инкишоф афкори ҷамъиятӣ дар зери таъсири давраи гузариш хеле ҳассос аст ва онро ба осонӣ метавонанд аз берун тағйир диҳанд. Дар чунин шароит

---

[1] Ниг.: Харитонова, Е. «Мягкая сила» бывших империй: сравнительный опыт Великобритании и Испании [Текст] / Е. Харитонова, И. Прохоренко // Мировая экономика и международные отношения. – 2018. –Т.62. –№3. –С.39-40.

[2] Най, Дж. Будущее власти. Как стратегия умной силы меняет XXI век [Текст] / Пер. с англ. –М.: Изд-во «АСТ», 2014. –С.161.

коҳиш додани фирори мағзҳо, пешгирӣ кардани гаравидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ, коҳиш додани нигилизми сиёсию ҳуқуқӣ, ба ояндаи нек дилгарм кардани сокинони мамлакат ва ғ. маҳз ба воситаи «неруи нарм» имконпазир мегардад.

Дар заминаи гуфтаҳои боло бори дигар эътироф кардан мумкин аст, ки дар сиёсати дохилии давлат истифода бурдани «неруи нарм» талаботи давру замон аст. Аз ин рӯ, сатҳу сифати онро марҳила ба марҳила беҳтар кардан зарур мебошад. Лекин таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки дар ин самт на ҳар давлат метавонад муваффақиятҳои зарурӣ ба даст оварад. Зеро «истифода гардидани «неруи нарм» аз ҷониби ҳукумат бо назардошти чанд далел хеле мушкил аст. Аввал ин, ки муваффақият дар шакли натиҷаҳои интизорӣ, пеш аз ҳама, аз объекти таъсиррасонӣ вобаста аст, чи гунае, ки дар шароити истифодаи «неруи сахт» ин ҳолатро дидан мумкин аст. Дуюм ин, ки барои ба даст овардани муваффақият вақти зиёд зарур мешавад, аммо аксари сиёсатмадорон ва фаъолони ҷамъиятӣ шитобкорӣ намуда, мехоҳанд натиҷаи кори худро тезтар бинанд. Сеюм ин, ки сарчашмаҳои «неруи нарм» на ҳама вақт зери назорати ҳукуматҳо қарор доранд. Ҳарчанд сиёсат зери назорати ҳукуматҳо қарор дошта бошад ҳам, рушди фарҳанг ва арзишҳои сиёсию иқтисодӣ аз ҷомеаи шаҳрвандӣ вобаста аст. Дар маҷмуъ, «неруи нарм» дар муқоиса бо неруҳои сахт ва фаъол хубтару беҳтар аст, аммо истифода бурдани он мушкил, аз даст доданаш осон ва барқарор карданаш серхарҷ мебошад.

Хулоса, вобаста ба масъалаи истифодаи «неруи нарм» дар сиёсати дохилии давлат ҳаминро бояд таъкид намуд, ки агар мамлакат дар марҳилаҳои аввали рушду инкишоф қарор дошта бошаду онро ҳамчун давлати рӯ ба инкишоф шиносанд, онро зарур аст, ки ба сиёсати дохилии худ таваҷҷуҳи бештар диҳад. Ин гуна давлатҳоро зарур аст, ки истифодаи «неруи нарм»-ро ғолибан дар сиёсати дохилии худ ба роҳ монанд. Онҳо баъди тай кардани якчанд марҳилаҳои рушду инкишоф метавонанд истифодаи «неруи нарм»-ро дар сиёсати хориҷии худ бештар кунанд. Ин

гуфтаҳо маънои онро доранд, ки истифодаи «неруи нарм» дар сиёсати дохилию хориҷӣ барои ҳамаи давлатҳо шарт аст, аммо давлатҳои рӯ ба инкишоф дар сиёсати дохилии худ ва давлатҳои тараққикарда онро дар сиёсати хориҷии худ метавонанд зиёдтар истифода баранд.

Таҳлили равандҳои сиёсӣ ва мушоҳидаи воқеаву ҳодисаҳои ду даҳсолаи охир имкон доданд, ки яке аз воқеиятҳои дигари «неруи нарм» ошкор карда шавад. Зеро тули солҳои охир барои расидан ба ҳадафҳои стратегии худ субъектҳои сиёсати минтақавию ҷаҳонӣ вобаста ба вазъияти мавҷуда аз ҳама гуна роҳу усулҳои таъсиррасонӣ истифода бурда истодаанд. Масалан, дар ҷангҳои иттилоотию идеологӣ бештар аз ҳама «неруи нарм»-ро истифода мекунанд, аммо дар ҷангҳои тиҷоратӣ ва низоъҳои мусаллаҳона неруҳои сахт ва фаъолро ба кор мебаранд. Дар чунин шароит мо бо «неруи ҳушманд» рӯ ба рӯ мешавем.

Ҳарчанд «неруи ҳушманд» консепсияи нав бошад ҳам, он зуҳуроти нав нест. Муаллифи консепсияи «неруи ҳушманд» Ҷ.Най онро ҳамчун қобилияти бо ҳам пайваст намудану якҷоя истифода бурда тавонистани «неруи сахт» ва «неруи нарм»[1] муаррифӣ кардааст, ки онро бо назардошти вазъият барои ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ истифода бурдан мумкин аст. Яъне, «неруи ҳушманд» ин қобилияти дар мавридҳои зарурӣ истифода бурда тавонистани «неруи сахт» ва «неруи нарм» мебошад. Ба ибораи дигар, баъзе масъалаҳо ба воситаи «неруи сахт» дар шакли маҷбурнамоӣ ва баъзе масъалаҳои дигар ба воситаи «неруи нарм» дар шакли боваркунонӣ ва ҷалбнамоӣ ҳаллу фасл мегарданд. Аммо ин зуҳуроти нав ва сухани нав нест. Дар чунин шакл рафтор намудан аз ҷониби файласуфони давраҳои гуногуни таърихӣ гуфта шудаанд. Масалан, мутафаккири италиявӣ Н.Макиавелли дар ин маврид андешаҳои хеле ҷолиб дорад. Ба ақидаи ӯ, «бо душманон ва рақибон бо ду роҳ мубориза бурдан мумкин аст: якум, ба воситаи қонунҳо; дуюм, ба воситаи неруи сахт. Воситаи аввал хоси инсонҳост, воситаи дуюм

[1] Ниг.: Най, Дж. Будущее власти. Как стратегия умной силы меняет XXI век [Текст] / Пер. с англ. –М.: Изд-во «АСТ», 2014. –С.18.

бошад хоси даррандаҳо мебошад. Аммо аз он сабабе, ки воситаи аввал дар аксар маврид барои ҳалли масъалаҳо кофӣ нест, истифодаи воситаи дуюм зарур дониста мешавад»[1]. Дар идомаи баррасиҳои худ ӯ иброз медорад, ки «аз миёни ҷонварон бигузор подшоҳ ба шер ва рӯбоҳ монанд карда шавад. Шер аз дом метарсад ва рӯбоҳ бошад аз гургон. Бояд рӯбоҳ шуд, то ки хатари дар дом афтодан эҳсос гардад ва дар мавридҳои зарурӣ мисли шер бояд рафтор кард, то ки гурон тарсонида шавад. Касоне, ки доимо мисли шер рафтор мекунанд, хатари дар дом афтоданро шояд дарк накунанд»[2]. Аз ин гуфтаҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки бо назардошти вазъият амал намудан ва ба инобат гирифтани мавқеи истифодабарии «неруи сахт» ва «неруи нарм» дар тули таърих инсониятро ҳамроҳӣ кардааст.

Дар робита бо воқеиятҳои ду даҳсолаи охир на танҳо коркарди назариявию методологии «неруи ҳушманд» муҳим мебошад, балки истифодаи он дар раванди давлатдории миллӣ ва таъмини амнияти миллӣ хеле зарур аст. Консепсияе, ки зери унвони «неруи ҳушманд» пешниҳод гардидааст, лоиҳаи ҷадиди амалӣ гардонидани манфиатҳои миллӣ ва мубориза бо таҳдиду хатарҳо мебошад, ки модернизатсияи он барои мутобиқ сохтани сиёсати давлатӣ бо воқеиятҳои замони муосир дар амал татбиқ мегардад. Воқеиятҳои замони муосир ин аст, ки дар шароити имрӯза рушди босуръати ТИИ ба амал омада, онҳо на танҳо аз ҷониби давлатҳо ва ширкатҳои фаромиллӣ, балки аз тарафи ташкилотҳои террористию экстремистӣ низ истифода гардида истодаанд. Инчунин раванди глобализатсия, тезу тунд гардидани муборизаҳои геополитикӣ, ба амал омадани ҷангҳои иттилоотӣ ва дар раванди муборизаҳои геополитикӣ истифода бурдани дастовардҳои навини илму техника барои давлатҳои тозаистиқлол таҳдиду хатарҳои гуногунро ба вуҷуд оварда истодаанд.

---
[1] Макиавелли, Н. Государь. О военном искусстве [Текст] / Пер. с итал. Г.Муравьевой. –М.: АСТ, 2019. –С.91
[2] Ҳамон ҷо. –С.92.

Дар охири солҳои 80-ум консепсияи «неруи нарм» ташаккул ёфта, дар аввал на ҳамчун консепсияи илмӣ, балки барномаи сиёсие буд, ки барои амалӣ гардонидани мақсадҳои сиёсати хориҷии ИМА бояд хизмат менамуд. Мақсади асосии ташаккулдиҳии консепсияи мазкур коркарди роҳу усулҳои таъсиррасонӣ ба афкори ҷамъиятии кишварҳои узви Созишномаи Варшава ва кишварҳои пасошуравӣ маҳсуб мееёфт. Дар муддати ду даҳсола (солҳои 1980-2000) консепсияи мазкур самаранокии худро барои сиёсати хориҷии ИМА нишон дод. Масалан, анҷомёбии «ҷанги сард», пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, инқилобҳои махмалин дар Аврупои Шарқӣ ва Марказӣ, дар миёни ИМА ва Иттиҳоди Шуравӣ ба имзо расонидани Созишнома дар бораи несту нобуд сохтани мушакҳои кӯтоҳпарвоз ва миёнапарвоз, инқилобҳои Чехославакия, Руминия, аз байн бурдани Девори Берлин ва даҳҳо воқеаву ҳодисаҳои дигар натиҷаи истифодаи «неруи нарм» мебошанд.

Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ низ истифодаи «неруи нарм» яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии кишварҳои ғарбиро ташкил медод. Аммо дар ибтидои солҳои 2000-ум равандҳое ба амал омаданд, ки норасоии консепсияи «неруи нарм»-ро инъикос менамуданд. Яъне, маълум гардид, ки ба воситаи «неруи нарм» ҳалли ҳамаи масъалаҳо номумкин аст. Барои мисол, баъди воқеаҳои 11 сентябри соли 2001 ИМА боз ба истифодаи неруи сахт рӯ оварда, мубориза бо терроризми байналмилалиро эълон кард. Чунин таҳаввулот дар сиёсати байналмилалӣ боиси он гардид, ки сиёсатшиносон ба коркарди консепсияҳои навин машғул шаванд. «Неруи ҳушманд» ҳамчун қобилияти якҷоя намудан ва бо ҳам омезиш додани «неруи сахт» ва «неруи нарм» мебошад, ки самаранокии нақшаи амалро таъмин мекунад»[1]. Муҳаққиқи рус Е.В. Пименова иброз медорад, ки «консепсияи «неруи ҳушманд» дар ИМА ҳамчун барномаи сиёсии ба воқеиятҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ дониста шуд. Натиҷаҳои амалии консепсияи нав каме дертар аз худ дарак доданд. Ба амал омадани

[1] Най, Дж. Будущее власти. Как стратегия умной силы меняет XXI век [Текст] / Пер. с англ. –М.: Изд-во «АСТ», 2014. –С.59.

«инқилобҳои ранга» дар кишварҳои пасошуравӣ, «Баҳори араб» дар Шарқи Наздик, пайдоиши ташкилоти террористии «Давлати исломӣ», ташкил гардидани майдоннишиниҳо дар Украина ва ғ. натиҷаи дар амал татбиқ гардидани консепсияи «неруи ҳушманд» мебошанд»[1]. Агар ба ибораи дигар гӯем, «неруи нарм» барои истифодабарии «неруи сахт» шароити зарурӣ муҳайё менамояд, ки чунин тарзи муносибат ва чунин стратегияи амалро «неруи ҳушманд» номидан мумкин аст.

Чи гунае, ки дар боло зикр гардид сабаби асосии таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудан ба стратегияи «неруи ҳушманд» бо тағйиротҳои сифатию миқдории ду даҳсолаи охир алоқаманд аст. Махсусан, рушди технологияҳои иттилоотию комютерӣ ва тавсеаи шабакаи интернет на танҳо шумораи акторҳои ҷаҳониро зиёд намуд, балки мавқеи онҳоро мустаҳкамтар кард. Аз ин рӯ, дар консепсияи неруи ҳушманд ба масъалаи неруи компютерӣ низ диққат дода мешавад. Қобили қайд аст, ки асоси ҳама гуна неруро манбаҳо ташкил медиҳанд. Бо назардошти тағйироти солҳои охир гуфтан мумкин аст, ки иттилоот ҳамчун манбаи неруи компютерӣ яке аз манбаҳои муҳимтарини рақобатҳои геополитикӣ гардидааст. Маҳз рушди ТИИ иттилоотро ҳамчун манбаи стратегӣ дастраси ташкилотҳои ғайридавлатӣ гардонид, ки мушкилии асосӣ дар ҳамин аст. Яъне, дар шароити ба амал омадани инқилобҳои иттилоотӣ идора кардани ташкилотҳои фаромиллӣ бинобар сабаби хусусияти шабакавӣ доштанашон ғайриимкон гардидааст. Чунин ҳолатро дар муносибат ба ташкилотҳои террористию экстремистӣ низ мушоҳида кардан мумкин аст. Ба андешаи олими рус Неймарк М.А., «мушкилии асосии мубориза бо терроризми байналмилалӣ дар он аст, ки фаъолияти онҳо хусусияти шабакавӣ доранд»[2]. Бинобар ин, дар шароити муосир на танҳо бо ташкилотҳои террористию экстремистӣ, балки бо ширкатҳои фаромиллӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ низ рақобат намудану

---

[1] Пименова, Е.В. Закат «мягкой силы»? Эволюция теории и практики soft power [Текст] / Е.В. Пименова // Вестник МГИМО-Университета. – 2017. –№ 1 (52). –С.63.

[2] Неймарк, М.А. «Мягкая сила» в мировой политике. «Умная сила»: к перспективам в мировой политике. Часть 2. [Текст] / М.А. Неймарк // Обозреватель-Observer. –2016. –№2. –С.69.

бо таъсири манфии онҳо мубориза бурдан хеле мушкил гардидааст. Воқеияти «неруи ҳушманд» дар ин маврид аз он иборат аст, ки вобаста ба таҳдиду хатарҳои замони муосир, ки гуногунсатҳу гуногуншаклу гуногунсамт мебошанд, стратегияи мувофиқ ва стратегияи ҳушманд зарур аст.

Дар тули таърих файласуфону сипаҳсолорон ба рушди сиёсати оқилона ва стратегияи ҳушманд кӯшишу талош варзидаанд. Ҳанӯз дар асри VI пеш аз мелод файласуфи Чини Қадим Сун Тзи иброз намуда буд, ки «ҳангоми банақшагирии музаффарият бо назардошти шароит ва вазъият амал намоед ва омилҳои хориҷиро истифода баред. Вобаста ба вазъият амал намудан имкон медиҳад, ки афзалиятҳои нақшаи интихобшуда пурра истифода бурда шаванд»[1]. Ё ин ки дар асри XV мутафаккири италиявӣ Н.Макиавелли вобаста ба муваффақият ва музаффарият чунин андешаронӣ намуда буд: «Дар воқеъ хоҳиши ба даст овардани муваффақият амали табиӣ ва муқаррарӣ мебошад: касонеро, ки дар ин маврид имкониятҳои худро ба инобат гирифта, амал мекунанд, ҳама муписанданд ва ҳеҷ гоҳ мазаматашон намекунанд, аммо таънаву мазамматро касоне мешунаванд, ки имкониятҳои худро ба инобат нагирифта, бо ҳар роҳу восита мехоҳанд ба муваффақият ноил шаванд»[2]. Ба ҳамин монанд, дар раванди амалӣ гардонидани мақсадҳои стратегӣ ба инобат гирифтани имкониятҳо шарти асосии «неруи ҳушманд» мебошад, ки дар шароити муосир онро ҳам аз лиҳози назариявию методологӣ ва ҳам аз лиҳози консептуалӣ ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ намуда истодаанд. Омӯзиши «неруи ҳушманд» имкон медиҳад, ки моҳияти як қатор масъалаҳои дигар, аз ҷумла маданияти стратегӣ ва банақшагирии стратегӣ низ ошкор карда шаванд ва ҷойгоҳи онҳо дар раванди шинохти таҳдидҳо ва мубориза бо таҳдиду хатарҳо нишон дода шавад. Банақшагирии музаффарият ҳамон банақшагирии стратегие мебошад, ки бояд бо

---

[1] Сунь Цзы. Искусство войны [Текст] / Пер. с англ. М.Михайлова. –М.: АСТ, 2019. – С.18.
[2] Макиавелли, Н. Государь. О военном искусстве [Текст] / Пер. с итал. Г.Муравьевой. –М.: АСТ, 2019. –С.19.

назардошти имкониятҳо амалӣ карда шавад. Инчунин зимни банақшагирӣ вазъияти дохилию берунаи мамлакат низ бояд ба инобат гирифта шавад. Дар замони муосир олимону муҳаққиқони зиёд дар ташаккули консепсияи «неруи ҳушманд» саҳми худро гузошта истодаанд.

Дар муқоиса бо «неруи нарм», ки механизмҳои ташаккулдиҳии он нишон дода нашудааст, стратегияи ташаккули «неруи ҳушманд» пешниҳод мегардад. Стратегияи «неруи ҳушманд», ё худ «стратегияи ҳушманд» бояд бо назардошти масъалаҳои зерин ташаккул дода шавад:

**Якум,** муайян кардани мақсадҳои афзалиятнок. Дар ҳаёт ҳар он чизеро, ки инсон мехоҳад, наметавонад ба даст оварад. Чунин вазъият ба давлатҳои соҳибистиқлол низ марбут аст. Аз ин рӯ, мақсадҳо бояд бо имкониятҳо мувофиқат намоянд, вагарна онҳо амалинашаванда мебошанд. Ба ғайр аз ин ташкил кардани мақсадҳои сохторӣ низ хеле муҳим аст, зеро ба воситаи онҳо амалӣ гардидани мақсади умумӣ имконпазир мешавад.

**Дуюм,** барои амалӣ гардонидани мақсадҳои афзалиятнок кадом манбаҳо дар ихтиёри субъект қарор доранд ва онҳоро дар кадом маврид истифода бурдан имконпазир аст. Бояд тамоми манбаҳои мавҷуда баҳогузорӣ карда шаванд, то муайян гардад, ки кадоме аз манбаҳо метавонанд қобили истифода бошанд ва истифодаи онҳо вобаста ба тағйирёбии вазъият то кадом андоза қобили қабул аст.

**Сеюм,** дар муносибат ба объекти таъсиррасонӣ мавқеи субъект чи гуна аст, яъне барои таъсиррасонӣ кардан чи гуна талош меварзад ва то кадом сатҳ майлу хоҳиш дораду омода аст. Бояд дар бораи имкониятҳо ва ниятҳои рақиб маълумоти дуруст ва пурра ба даст оварда шавад.

**Чорум,** муайян кардани он, ки кадом намуди рафтор метавонад ба муваффақият оварда расонад. Нуқтаи асосии истифодабарии «неруи ҳушманд» ин аст, ки мавридҳои истифодабарии «неруи сахт» ва «неруи нарм» муайян карда шавад. Яъне, бояд муайян карда шавад, ки дар вазъияти баамаломада истифодаи кадоме аз неруҳо афзалияти бештар дорад, ҳатто камтару зиёдтар кардани ҳаҷми онҳо низ хеле муҳим аст.

**Панҷум,** муайян кардани эҳтимолияти расидан ба муваффақият. Боварии аз меъёр зиёд низ метавонад, ки амалишавии ҳатто мақсадҳои наҷибро ғайриимкон гардонад. Аммо дидаву дониста нисбат ба амалишавии мақсадҳо бетарафӣ зоҳир намудан, оқибатҳои ногувор дошта метавонад[1].

Муҳаққиқи рус О.Г. Леонова андешаҳои Ҷ.Найро ҷонибдорӣ карда, қайд менамояд, ки «агар «неруи нарм» фалсафаи рафтори давлат дар сиёсати хориҷӣ бошад, пас «неруи ҳушманд» технологияи босамар ва маҷмуи воситаҳои дар амал татбиқ намудани мақсадҳо мебошад»[2]. Дар маҷмуъ, гуфтан мумкин аст, ки неруи ҳушманд яке аз талаботҳои муҳимтарини ташаккулдиҳии стратегияҳои замони муосир ба шумор меравад. Зеро пайдоиши консепсияи «неруи нарм» ва сипас пайдоиши консепсияи «неруи ҳушманд» ивазшавии анъанаҳои стратегие мебошанд, ки корношоям гардидани анъанаҳои стратегии қаблан мавҷударо асоснок менамоянд. Чунин ҳолат маънои онро дорад, ки ҳар як давлату ҳукумат дар замони муосир барои хубтару беҳтар амалӣ гардонидани манфиатҳои миллии худ ва дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда тавонистани ҳимояи онҳо маҷбур аст, ки ба анъанаҳои стратегии замони муосир рӯ оварад. Зеро анъанаҳо ва қолабҳои стратегии қаблан мавҷудбуда дар шароити мураккабшавии муносибатҳои ҷаҳонӣ ин вазифаҳоро иҷро карда наметавонанд. Ба ибораи дигар, дар шароити тағйирёбии вазъият муносибатҳо ва стратегияҳо низ бояд тағйир дода шаванд. Чунин тағйиротҳо дар замони муосир тез-тез ва хеле босуръат ба амал омада истодаанд, ки чунин ҳолат вазъиятро низ тағйир медиҳад. Махсусан, бо мақсадҳои ғаразнок истифода бурдани иттилоот ва ТИИ, ки онро муҳаққиқони Ғарб «sharp power», ё худ «неруи фаъол» номидаанд, ба амнияти миллӣ ва суботи сиёсии ҷомеа таъсири манфӣ мерасонанд.

---

[1] Ниг.: Най, Дж. Будущее власти. Как стратегия умной силы меняет XXI век [Текст] / Пер. с англ. –М.: Изд-во «АСТ», 2014. –С.338-340.

[2] Леонова, О.Г. Политика «умной силы» – продукт эволюции «мягкой силы» [Текст] / О.Г. Леонова // Социально-гуманитарные знания. – 2019. –№5. –С. 28.

Олими рус О.Леонова иброз медорад, ки «неруи фаъол технологияе мебошад, ки барои ҷалби диққати одамон ва анҷом додани назарфиребӣ истифода бурда мешавад. Бо шарофати «Sharp Power» ғояҳо ва андешаҳои камарзиш дар назари одамон ҷолиб вонамуд мешаванд ва бо ин роҳ ба мамлакати мавриди назар таъсири манфӣ мерасонанд. Субъектҳои мушаххас технологияи мазкурро истифода намуда, ҳеҷ гоҳ нияти тасхир кардани ақлу ҳуши одамонро надоранд, зеро ин вазифаи «неруи нарм» аст. Баръакс онҳо бо роҳи тағйир додани мазмуну мундариҷаи иттилоот ҳаҷми маълумоти тақаллубиро афзун намуда, ба шуури ҷамъиятӣ таъсиррасонӣ менамоянд»[1]. Аз ин гуфтаҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки «неруи фаъол» технологияе мебошад, ки барои таъсири манфӣ расонидан ба симои мароқангези рақибон нигаронида шудааст. Инчунин монеа эҷод намудан дар самти амалишавии ҳадафҳои стратегии рақибон низ яке аз вазифаҳои неруи фаъол мебошад. Агар «неруи нарм» барои зиёд кардани дӯстдорӣ ва ба даст овардани ҳусни таваҷҷуҳ нигаронида шуда бошад, пас «неруи фаъол» баръакс, барои зиёд намудани бадбинӣ ва коҳиш додани эътибору эътимоди рақиб равона гардидааст. «Неруи фаъол», ё худ «Sharp Power» маҷмуи воситаҳо ва технологияҳое мебошад, ки метавонад ҳам фоидаовар ва ҳам зараровар бошад. Дар мавриди самаранок истифода бурдани он барои субъекти «неруи фаъол» он фоидаовар ва барои рақибон зараровар аст.

Неруи фаъолро мо шартан яке аз унсурҳои неруи ҳушманд муаррифӣ менамоем. Бо назардошти нишонаҳо ва хусусиятҳои «неруи фаъол» гуфтан мумкин аст, ки он барои паст кардани иқтидори «неруи нарм»-и рақибон равона гардидааст. Албатта, чунин вазифаро «неруи нарм» низ метавонад дар шакли «неруи нарм»-и як ҷониб дар муқобили «неруи нарм»-и ҷониби дигар» иҷро намояд. Аммо вақте, ки «неруи нарм»-и як ҷониб дар муқобили дигарон иқтидори камтар дорад, вай метавонад аз «неруи фаъол» истифода

[1] Леонова, О. Sharp Power – новая технология влияния в глобальном мире [Текст] / О. Леонова // Мировая экономика и международные отношения. – 2019. –Т.63. –№2. –С.22.

барад, ки чунин амал бо назардошти вазъият анҷом дода мешавад ва аз ин рӯ, унсури таркибии «неруи ҳушманд» донистани он қобили қабул аст.

Яке аз хусусиятҳои «неруи фаъол» дар он ифода меёбад, ки вай пурра ба таври пинҳонӣ анҷом дода мешавад. Бинобар ин, чунин зуҳурот, ба монанди кибертерроризм, ҳуҷумҳои кибернетикӣ ва ҳуҷумҳои иттилоотиро ҳамчун шаклҳои зоҳиршавии «неруи фаъол» муаррифӣ кардан мумкин аст. Масалан, кибертерроризм амалҳое мебошад, ки ба воситаи технологияҳои компютерӣ анҷом дода шуда, мақсади он вайрон кардани системаҳои гуногуни хизматрасонӣ ва зарар расонидан ба хоҷагидорӣ мебошад. Ҳуҷумҳои кибернетикӣ низ барои паҳн кардани ҳар гуна барномаҳои компютерии зарарнок, рахна намудани пойгоҳҳои иттилоотӣ, дуздидани иттилоот ва монанди инҳо анҷом дода мешавад. Ҳуҷумҳои иттилоотӣ бошанд, барои паҳн кардани иттилооти тақаллубӣ ва ба таври нодуруст шарҳ додани воқеият, нишон додани камбудиҳои рақиб, нодуруст шарҳ додани муваффақиятҳои рақиб ва ғ. нигаронида шудаанд. Ҳамаи ин гуна амалҳо ба воситаи ҷониби сеюм анҷом дода мешаванд, ки муаллифони онҳо дар аксар маврид маълум нестанд. Масалан, кибертерроризм ва ҳуҷумҳои кибернетикӣ (хакерӣ) бо истифодаи технологияҳои навин ва тариқи серверҳои кишварҳои хориҷӣ анҷом дода мешаванд. Ин гуна ҳуҷумҳо метавонад дар қитъаи Осиёӣ анҷом дода шаванд, вале дар ин раванд серверҳои аврупоӣ, ё амрикоӣ метавонанд истифода шаванд, ки дар чунин шароит муайян кардани ҷинояткорон ва тахрибкорон кори осон нест. Ҳуҷумҳои иттилоотӣ дар шакли «неруи фаъол» бо исми мустаор ва аз номи шахсони маҷозӣ амалӣ карда мешаванд. Тули солҳои охир аз ҷониби мутахассисони ТИИ барномаҳои компютерие сохта шудаанд, ки ин амалро дар шабакаи интернет ба таври автоматӣ бе кумаки одамон анҷом медиҳанд. Дар ин гуна вазъият барои муқовимат нишон додан бо «неруи фаъол»-и тахрибкорон, ё барои мубориза бурдан бо онҳо ба инобат гирифтани маданияти стратегӣ, ё худ стратегияи ҳушманд хеле муҳим аст.

Шояд баъзеҳо «неруи ҳушманд»-ро зуҳуроти нав дониста, онро унсури таркибии маданияти стратегӣ тасаввур намоянд. Аммо чунин нест. Баръакс маданияти стратегӣ унсури таркибии «неруи ҳушманд» мебошад. Чунин фарзия бо он асоснок карда мешавад, ки «неруи ҳушманд», пеш аз ҳама, ҳамчун қолаби зеҳнӣ ва интеллектуалӣ мебошад ва асоси онро ҷаҳонбинии сиёсӣ ташкил медиҳад. Барои мисол, дар самти амалишавии мақсадҳои сиёсӣ муваффақияти сарварон аз ҷаҳонбинии сиёсии онҳо, дар самти амалигардонии манфиатҳои миллӣ муваффақияти давлатҳо ва миллатҳо низ аз санъати сиёсии онҳо вобаста аст. Стратегия бошад дар заминаи донишҳо ва таҷрибаҳо, ки асоси ҷаҳонбинии инсонро ташкил медиҳанд, ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, стратегияи коршоям ва корношоям, стратегияи хуб ва бад, стратегияи муваффақ ва ноқисро аз ҳам фарқ кардан мумкин аст. Гузашта аз ин, маданияти стратегӣ ҷузъи таркибии маданияти сиёсӣ мебошад. Асоси маданияти сиёсиро низ ҷаҳонбинии сиёсӣ ташкил медиҳад. Бинобар ин, бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки маданияти стратегӣ ҷузъи таркибии «неруи ҳушманд» аст.

Аммо бояд иқрор шуд, ки ҳам «неруи ҳушманд» ва ҳам тафаккури стратегӣ зухуроте мебошанд, ки пайдоишашон таърихи қадима доранд. Аввал ин, ки худи мафҳуми «стратегия» бори аввал дар Юнони қадим дар маънои «санъати сипаҳсолорӣ» ва «санъати пешбурди ҷанг» истифода бурда шудааст. Масалан, Фукидид на танҳо несту нобуд кардани душман, балки аз байн бурдани фарҳанг ва арзишҳои ахлоқии вайро низ ҳадафи асосии стратегия медонист[1]. Чунин андешаҳо дар таълимоти Клаузевитс ҳам дида мешаванд. Ба андешаи ӯ, «стратегия – ин моҳирона пеш бурдани ҷанг ва ғолиб шудан мебошад. Сарвари сиёсӣ, ё сипаҳсолоре, ки бо назардошти мақсад ва воситаҳои дарихтиёрдоштаи худ медонад, ки ҷангро

[1] Ниг.: Фукидид. История [Текст] / Пер. с греч. Ф.Г. Мищенко и С.А.Жебелева. –СПб.: Наука, 1999. –590 с.

чи гуна ташкил намояд, қудрати худро нишон медиҳад»[1]. Н.Макиавелли бошад барои мағлуб сохтани рақибон ва бартараф сохтани таҳдидҳо стратегияи ояндабинӣ ва бо назардошти вазъият амал намуданро пешбинӣ кардааст[2]. Файласуфи Чини Қадим Сун Тзи низ стратегияи муҳофизатӣ ва стратегияи расидан ба муваффақиятро моҳирона ташаккул додааст[3]. Дар маҷмуъ, стратегия алоқамандии ҳадафҳо ва воситаҳоро дар бар мегирад, ки онро барои ба даст овардани музаффарият, ё натиҷаҳои дилхоҳ истифода мебаранд.

Ҳарчанд бо гузашти марҳилаҳои гуногуни таърихӣ ва дар натиҷаи ба амал омадани дигаргуниҳои ҷамъиятӣ мундариҷаи стратегия дигаргун гардида бошад ҳам, ғояи марказии он ҳанӯз ҳам побарҷост. Сиёсатшиноси амрикоӣ Ҷ.Л. Гиддс иброз медорад, ки «стратегия – ин раванде мебошад, ки ба воситаи он мақсадҳо бо воситаҳо, ниятҳо бо қобилиятҳо, ҳадафҳо бо манбаҳо алоқаманд гардонида мешаванд[4].

Чи гунае, ки мушоҳида мегардад, моҳияти стратегияро дар алоқамандии мақсадҳо ва воситаҳо шарҳ додан, сухани нав нест. Онро ҳамчун қонунияти асосии ташаккулёбии стратегия кайҳо асоснок намудаанд. Дар пайравӣ аз ин анъана файласуфи рус Т.А. Алексеева иброз медорад, ки «ба таври стратегӣ фикр кардан, ё амал намудан маънои онро дорад, ки шумо мувофиқат, ё мухолифати мақсадҳо ва воситаҳоро муайян кардан мехоҳед»[5]. Дар ин маврид низ дидан мумкин аст, ки алоқамандии мақсадҳо ва воситаҳои мавҷуда ҳамчун нишондоди асосии стратегия муайян гардида истодааст. Аммо дар шароити муосир стратегия на танҳо бо мақсадҳо ва воситаҳо, балки бо таҳлили вазъият, ояндабинӣ, баҳогузорӣ,

---

[1] Клаузевиц, К. Принципы ведения войны [Текст] / Пер. с англ. Л. А. Игоревского. – М.: Центрполиграф, 2009. –С.40-41.; Клаузевиц, К. О войне [Текст] / Пер. с нем. – М.: Логос, 1994. – С.188-189.

[2] Ниг.: Макиавелли, Н. Государь. О военном искусстве [Текст] / Пер. с итал. Г.Муравьевой. –М.: АСТ, 2019. – 416 с.

[3] Ниг.: Сунь Цзы. Искусство войны [Текст] / Пер. с англ. М.Михайлова. –М.: АСТ, 2019. – 160 с.

[4] Ниг.: Gaddis, J.L. Strategies of Containment: A Critical Appraisal of Postwar American National Security Policy. – Oxford: Oxford University Press, 2005. P.225.

[5] Алексеева, Т.А. Стратегическая культура: эволюция концепции [Текст] / Т.А. Алексеева // Полис. Политические исследования. –2012. –№5. –С.132.

банақшагирӣ, моделсозӣ ва таъмини амнияти миллию давлатӣ низ алоқаманд аст. Дар чунин шароит навъи махсуси тафаккур – тафаккури стратегӣ пайдо мегардад, ки дар худ ҷаҳонбинии консептуалӣ ва системавиро нигоҳ дошта, барои таъмин кардани фаъолияти бомароми ташкилотҳои сиёсӣ мусоидат менамояд. Дар ин маврид банақшагирии стратегӣ ва ояндабинии стратегӣ аҳамияти махсус дорад. Сиёсатшиноси ватанӣ С. Ятимов таҳлили стратегӣ ва ояндабинии сиёсиро унсурҳои муҳимтарини таъмини амният दониста, аҳамият ва зарурати онҳоро ба таври зерин нишон додааст: «Таҳлил, махсусан таркиби стратегии он, дар ҳама давру замон муҳимтарин дастгоҳе дар назария ва амалияи фаъолияти сиёсӣ буд ва хоҳад монд. Илми мазкур сиёсатмадорон, дипломатҳо, низомиҳо ва як қатор мутахассисони соҳаҳои муҳимро, ки дар ҷаҳони имрӯза корҳои зиёде аз онҳо вобаста аст, бо роҳу имкониятҳои ҳифзи давлати худ, муҳориба ва пирӯзшавӣ бидуни талафоти ҷиддӣ, таъмин мекард ва мекунад»[1].

Бо назардошти хусусиятҳои муҳимми замони муосир ва тағйироти босуръати равандҳои сиёсӣ, ки ояндабинии онҳо хеле мушкил гардидааст, барои баҳогузорӣ намудани таҳдидҳо ва пешгирии онҳо маданияти стратегӣ ва тафаккури стратегӣ хеле аҳамиятнок аст. Зеро муайян кардани таҳдидҳо ва ба вуҷуд овардани роҳу воситаҳои мубориза ва муқовимат бо онҳо шарти асосии давлатдорӣ мебошад.

Дар бораи маданияти стратегӣ олими рус М.И. Рихтик низ андешаҳои ҷолиби диққат дорад. Ӯ бештар маданияти стратегиро на дар сатҳи роҳбарияти сиёсӣ, балки дар сатҳи ҷомеа таҳлилу баррасӣ намуда, иброз медорад, ки «дар мавриди маданияти стратегӣ сухан дар бораи он меравад, ки ҷомеа дар бораи чи фикр мекунад, чи мегуяд, чи менависад, чи гуна филмҳо ба навор мегирад, чи гуна ҳазлу шухӣ менамояд ва монанди инҳо, яъне дар маҷмуъ сухан дар бораи тасаввуроти одамон дар бораи амният

[1] Ятимов, С. Таҳлили стратегӣ ва ояндабинии сиёсӣ [Матн] / С. Ятимов. –Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2015. – С.48.

меравад»[1]. Андешаҳои М.И. Рихтик ба он хотир ҷолиби диққатанд, ки дар таҳқиқоти ӯ тасаввуроти одамон дар бораи амният бо маданияти стратегӣ алоқаманд карда мешавад. Ба андешаи мо, чунин шакли баррасии масъала ба мақсад мувофиқ мебошад. Зеро тасаввурот дар бораи амният, пеш аз ҳама маҷмуи донишҳои инсон дар бораи манфиатҳои миллӣ, дар бораи роҳу воситаҳои амалигардонӣ ва ҳимояи онҳо аз таҳдидҳои дохилию беруна мебошад, ки ҳамагӣ ба хотири нигоҳ доштани мавҷудияти худ, нигоҳ доштани арзишҳои фарҳангию маънавии хеш ва таъмин кардани рушду инкишофи ҷомеа заруранд. Дар шароити давлатдории миллӣ чунин бархӯрд бо маданияти стратегӣ низ хеле зарур аст.

Инчунин, барои хубтару беҳтар амалӣ гардонидани манфиатҳои миллӣ ва мубориза бурдан бо таҳдидҳо дар таҷрибаи ҳамаи давлатҳо қабули консепсияҳо, стратегияҳо ва доктринаҳои амнияти миллӣ ба мушоҳида мерасад. «Доктринаи ҳар як мамлакат дар зери таъсири маданияти стратегии роҳбарияти сиёсӣ ташаккул меёбад ва сатҳу сифати он низ аз чунин навъи маданият вобаста аст. Маданияти стратегии роҳбарияти сиёсии давлат маҷмуи таҷрибаҳо ва донишҳо, роҳу усулҳо ва қобилияти истифода бурдани имконияту воситаҳо мебошад, ки дар лаҳзаҳои зарурӣ барои ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳимми мамлакат ба кор бурда мешаванд. Инчунин рушди маданияти стратегӣ аз анъанаҳои миллӣ, мавқеи ҷуғрофии давлат, таҷрибаҳои сиёсию таърихӣ, ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳоншиносии элитаи сиёсии мамлакат вобаста аст»[2].

Дар баррасиҳои худ М.И. Ракитов ба мундариҷаи маданияти стратегӣ диққати зарурӣ додааст. Ӯ иброз медорад, ки дар таркиби маданияти стратегӣ ду навъи фаъолнокӣ, ё ду навъи рафторҳои стратегиро дидан мумкин аст: рафтори якум тасаввуроти ҷомеаро дар бораи воқеиятҳои

---

[1] Рыхтик, М.И. Стратегическая культура и новая концепция национальной безопасности США [Текст] / М.И. Рихтик // Вестник Нижегородского государственного университета имени Н.И. Лобачевского. Серия: международные отношения, политология, регионоведение. –2003. –№1. – С.203.

[2] Муҳаммад, А.Н. Амнияти миллӣ [Матн] / А.Н. Муҳаммад, Х.Қ. Сафарализода. –Душанбе: Империал-групп, 2019. –С.121.

дохилию берунии мамлакат яксон мегардонад. Масалан, тасаввуроти одамон дар бораи ҷаҳон, дар бораи сиёсати хориҷӣ, нисбат ба артиш, нисбат ба ҷанг ва сулҳ, нисбат ба давлатҳои дигар, дар бораи таҳдиду хатарҳо ва ғ. Рафтори дуюм бошад, хусусияти оперативӣ дорад. Яъне, муайян кардани афзалиятҳои миллӣ, асоснок намудани таҳдиду хатарҳо ва дар муносибат бо онҳо ташаккул додани боварҳои мардум, ки дар лаҳзаҳои зарурӣ дахолати мақомоти ҳокимияти давлатиро муҳим ва саривақтӣ шуморанд[1]. Дар чунин шакл баррасӣ намудани маданияти стратегӣ имкон медиҳад, ки онро шарти асосии таъмини амнияти миллӣ муаррифӣ созем.

Ҳамин тариқ, дар заминаи таҳлилу таҳқиқи хусусиятҳои стратегии «неруи нарм» ва «неруи ҳушманд» нақш ва мавқеи онҳо дар низоми амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, ба хулосаҳои зерин оварда расонид:

1. Консепсияи «неруи нарм»-ро бо тамоми иқтидор ва имкониятҳояш давлатҳои абарқудрат истифода мебаранд, то ки дар сатҳи ҷаҳонӣ мавқеи худро на танҳо уствор гардонанд, балки мавқеъҳои баландтареро соҳиб шаванд. Чунин тамоюлотро гуфтан мумкин аст, ки унсури мустамликадории нав мебошад. Аммо ин маънои онро надорад, ки «неруи нарм» барои давлатҳои тозаистиқлол ва рӯ ба инкишоф камаҳамият ва нолозим аст. Баръакс, давлатҳои тозаистиқлол барои ташаккули пояҳои давлатдории миллӣ, мустаҳкам кардани истиқлолияти давлатӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ, муттаҳид намудани шаҳрвандон, ҳимояи манфиатҳои миллию геополитикии худ ва билохира барои мубориза бо таҳдиду хатарҳои навин метавонанд онро ба таври васеъ истифода кунанд. Ин консепсия чӣ барои давлатҳои абарқудрат ва чӣ барои давлатҳои рӯ ба инкишоф дар самти ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва пешгирии зуҳури таҳдидҳои навин метавонад хизмат намояд.

---

[1] Ниг.: Рыхтик, М.И. Стратегическая культура и новая концепция национальной безопасности США [Текст] / М.И. Рихтик // Вестник Нижегородского государственного университета имени Н.И. Лобачевского. Серия: международные отношения, политология, регионоведение. –2003. – №1. –С.204.

2. Консепсияи «неруи нарм» ҳам дар сиёсати хориҷӣ ва ҳам дар сиёсати дохилӣ истифода мешавад. Аммо таносуби истифодаи он дар таҷрибаи давлатҳои олам нобаробар аст. Давлатҳои абарқудрат онро дар сиёсати хориҷии худ истифода менамоянд, зеро дар дохили мамлакат системаи сиёсии устувор, арзишҳои сиёсию иқтисодии коршоям ва рушди соҳаҳои гуногуни ҷомеаро таъмин намудаанд, ки дар чунин шароит истифодаи «неруи нарм» дар сиёсати дохилии онҳо камаҳамият гардидааст. Чунин тамоюлот маънои онро дорад, ки онҳо низ як замон истифодаи «неруи нарм»-ро аз сиёсати дохилии худ оғоз карда буданд. Яъне, пеш аз оне, ки давлат мехоҳад дар чашми ҷаҳониён мароқангез бошад, аввал дар пеши назари шаҳрвандони худ бояд ҷолиби диққат ва қобили дастгирӣ шуда тавонад. Аз ин рӯ, давлатҳои рӯ ба инкишоф бояд иқтидори асосии «неруи нарм»-ро дар сиёсати дохилии худ баҳри мубориза бо таҳдиду хатар ва бартараф кардани мушкилоту камбудиҳои ҷойдошта равона созанд, то ки аввал симои мароқангези давлатро дар дохили кишвар ва сипас онро ба ҷаҳониён муаррифӣ кунанд.

3. Дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ «неруи нарм» зоҳиран барои амалӣ гардонидани манфиатҳои хориҷии давлат истифода мегардад. Инчунин ба воситаи он имкониятҳои рақиб маҳдуд, мавқеи он ноустувор ва симои мароқангези вай коҳиш дода мешавад. Яъне, консепсияи «неруи нарм» ҳамчун стратегияи сиёсати хориҷии давлат на танҳо барои ҳимоя кардани манфиатҳои миллӣ, балки барои таъсири манфӣ расонидан ба манфиатҳои миллии дигарон низ истифода мешавад. Ба ибораи дигар, «неруи нарм» ханҷаре мебошад, ки бо як тарафи теғи он тасхири дилҳо ва бо тарафи дигари теғ кӯтоҳ кардани дасти рақибон анҷом дода мешавад.

4. Воқеиятҳои «неруи нарм» ин аст, ки онро барои амалӣ гардонидани ҳадафҳои стратегии худ субъектҳои гуногуни сиёсат ба таври васеъ истифода менамоянд, то ки ҷонибдорон, ҳаммаслакон ва ҳоводорони худро зиёд гардонанд ва амалу рафторҳои онҳо аз ҷониби пайравон дастгирӣ ёбанд. Ҳамзамон, «неруи нарм» яке аз унсурҳои муҳимтарини пешгирӣ

намудан ва мубориза бурдан бо таҳдидҳои нави замони муосир мебошад, ки онро аслан барои коҳиш додани таъсири манфии таҳдидҳо, ба ибораи дигар барои ноком гардонидани душманон ва рақибон истифода бурдан мумкин аст. Дар чунин маврид «неруи нарм» мушти рамзие мебошад, ки ба даҳони террористон, экстремистон ва умуман рақибону душманон зада мешавад.

5. Таҳқиқи хавфу хатари «неруи нарм» ва «неруи фаъол» нишон дод, ки истифодаи онҳо дар фаъолияти ташкилотҳои террористию экстремистӣ низ дар сатҳи хеле баланд ба роҳ монда шудааст. Чунин ҳолат таҳдиди воқеӣ ба суботи сиёсии кишвар дониста мешавад. Созмонҳои террористию экстремистӣ тавассути «неруи нарм» кӯшиш менамоянд, ки ҷонибдорон ва пайравони худро бештар созанд. Тавассути «неруи фаъол» бошад онҳо ба симои мароқангези рақибон таъсири манфӣ расонида, кӯшиш мекунанд, ки амалишавии ҳадафҳои стратегии онҳоро ғайриимкон гардонанд. Бинобар ин, ҳар боре, ки бо таблиғи идеологияи радикалистию экстремистӣ рӯ ба рӯ мешавем, он ҷо неруи нарми созмонҳои террористию экстремистиро мушоҳида мекунем.

6. Дар раванди дигаргуниҳои ҷаҳони муосир, ки онҳо дар боло номбар гардидаанд, раванди амалӣ гардонидани манфиатҳои миллӣ бо мушкилиҳои ҷиддӣ дучор мешавад. Махсусан, дар ин гуна шароит таҳдиду хатарҳое пайдо мешаванд, ки на танҳо амалишавии манфиатҳои миллиро номумкин месозанд, балки аксарияти онҳо мустақиман ба рушду инкишофи ҷомеа ва суботи сиёсии мамлакат таъсири манфӣ мерасонанд. Бо назардошти чунин вазъият барои хубтару беҳтар гардонидани амалишавии манфиатҳои миллӣ ҷустуҷӯи роҳу усулҳои нав ва коркарди стратегияҳои нав зарур мебошад. Дар ин маврид консепсияи «неруи ҳушманд» стратегияе мебошад, ки ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ аст ва самаранокии сиёсати дохилию хориҷии давлат низ аз сатҳу сифати истифодабарии он вобаста мебошад.

7. Консепсияи «неруи ҳушманд» тақозои онро менамояд, ки дар мавридҳои мухталиф барои ҳалли масъалаҳои пешомада неруҳои ба он мувофиқ истифода бурда шавад. Ба ибораи дигар, «неруи ҳушманд» маҷмуи

неруҳои то ин дам мавҷудае мебошад, ки вобаста ба шароит истифода бурда мешаванд. Ҷавҳари онро фарзияе ташкил медиҳад, ки мувофиқи он истифодаи неруҳои алоҳида дар танҳоӣ наметавонанд ҳамаи масъалаҳоро ҳал намоянд. Аз ин рӯ, вобаста ба шароитҳои пешомада ва бо назардошти мураккабшавии фазои сиёсии ҷаҳон истифодаи якҷояи онҳо тавсия мегардад.

8. «Неруи нарм» ҳарчанд барои ҳалли ҳамаи масъалаҳо мусоидат накунад ҳам, аз он даст кашидан ғайриимкон аст. Зеро он яке аз унсурҳои муҳимтарини «неруи ҳушманд» мебошад. Ба ҳамин монанд аз «неруи сахт» ва «неруи фаъол» низ даст кашидан номумкин аст. Онҳо низ унсурҳои таркибии «неруи ҳушманд» мебошанд. Бо ҳам алоқаманд кардану дар мавридҳои зарурӣ самаранок истифода бурдани онҳо моҳияти «неруи ҳушманд»-ро ташкил медиҳад.

9. Дар доираҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти амалигардонии манфиҳатҳои миллӣ ва мубориза бо таҳдиду хатарҳо истифодаи консепсияи «неруи ҳушманд» асоснок карда нашудааст. Аз ин рӯ, баррасии паҳлуҳои гуногуни ин масъала хеле зарур шуморида мешавад. Дар аввал бояд моҳият, хусусият ва мундариҷаи консепсияи мазкур ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ гардад ва сипас дар заминаи иқтидори методологии он консепсияи «неруи ҳушманд»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ташаккул дода шавад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ин марҳилаи рушду инкишоф бо таҳдиду хатарҳои гуногун рӯ ба рӯ шуда истодааст, ташаккули чунин консепсия ва коркарди стратегияҳои ҳушманд аз ҳарвақта дида зарууртар мебошад.

### 3.2. Инқилобҳои ранга ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии ҷомеа

Олими шинохтаи англис Эрик Хобсбаум асри XIX-ро асри инқилобҳо номида буд[1]. Зеро дар асри XIX дар кишварҳои гуногуни олам зиёда аз 40-

---

[1] Ниг.: Хобсбаум, Э.Х. Век революции. Европа 1789-1848 [Текст] / Э.Х. Хобсбаум. – Ростов н/Д: Феникс, 1999. – 480 с.

45 инқилоб ба амал омадаанд. Аммо дар асри XX шумораи инқилобҳо ду маротиба зиёд мешаванд. Олимони рус Л.Е. Гринин ва А.Л. Гринин дар таҳқиқоти илмии худ муайян кардаанд, ки дар асри XX зиёда аз 116 инқилобҳои гуногуншакл рух додаанд[1]. Таҳлилу мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки танҳо дар 20 соли аввали асри XXI дар кишварҳои гуногуни олам (аз ҳама бештар дар кишварҳои арабӣ ва пасошуравӣ) зиёда аз 40 инқилоб ба вуқуъ омадааст. Агар тамоюлоти мазкур дар чунин шакл идома ёбад, пешгӯӣ кардан мумкин аст, ки дар асри XXI шумораи инқилобҳо аз 200 номгӯ низ зиёд мешаванд. Чунин раванди рушди таърихӣ гувоҳи он аст, ки бетартибиҳои сиёсӣ марҳила ба марҳила рӯ ба афзоиш ниҳодаанд.

Тазоҳуроти оммавӣ, бо иштироки эътирозгарон сар задани бетартибиҳои сиёсӣ, зери фишори чунин бетартибиҳо ба истеъфо рафтани ҳукуматҳо ва ниҳоятан дар натиҷаи чунин воқеаҳо тағйир ёфтани режимҳои сиёсиро, ки бо дахолати субъектҳои хориҷӣ тахассусмандона ва моҳирона ташкил карда мешаванд, олимону муҳаққиқон «инқилобҳои ранга» номидаанд. Тули ду даҳсолаи охир инқилобҳои ранга дар шакли эътирозҳои оммавӣ ва иваз гардидани элитаи ҳукмрон дар Сербия (соли 2001), Гурҷистон (соли 2003), Украина (солҳои 2004 ва 2014), Қирғизистон (солҳои 2005, 2010 ва 2020) ва ғ. ба вуқуъ омадаанд. Солҳои 2010-2011 дар давлатҳои Африқои Шимолӣ ва Шарқи Наздик мавҷи инқилобӣ ба амал омада, тазоҳуроти оммавӣ ва бетартибиҳои сиёсӣ Тунис, Миср, Либия, Сирия, Яман, Баҳрайн, Алжир, Иордания, Марокко ва Оманро фаро гирифта буданд, ки дар бархе аз ин кишварҳо элитаи ҳукмрон сарнагун гардида, дар баъзеи онҳо ҳанӯз ҳам ҷангу низоъҳо идома доранд. Ғайр аз ин, як қатор давлатҳо тавонистанд, ки пеши роҳи чунин бетартибиҳои оммавиро, ки ҳадафмандона ташкил карда шудаанд, саривақт гиранд. Аз ҷумла, дар Белоруссия (солҳои 2006 ва 2021), дар Арманистон (соли 2008), дар Россия (соли 2012), дар Қувайт, Ливан, Мавритания, Арабистони Саудӣ, Судан,

[1] Ниг.: Гринин, Л.Е. Революции XX века: теоретический и количественный анализ [Текст] / Л.Е. Гринин, А.Л. Гринин // Полис. Политические исследования. –2020. –№5. –С.130-147.

Эрон (солҳои 2019-2020), дар Қазоқистон (январи соли 2022), дар Ӯзбекистон (июли соли 2022) дар марҳилаи аввали сар задани бетартибиҳои сиёсию ҷамъиятӣ ба амал омадани инқилобҳои ранга пешгирӣ карда шудаанд.

Таҳлили адабиёти илмӣ ва равандҳои сиёсии минтақавию ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки инқилобҳои чанд даҳсолаи охир асосан бо ташаббуси субъектҳои геополитикӣ барои амалӣ кардани мақсадҳои геостратегӣ дар кишварҳои мавриди назари онҳо ҳадафмандона ташкил карда мешаванд. Ба ибораи дигар, дар шароити имрӯза инқилобҳои ранга ҳамчун яроқи геостратегии кишварҳои абарқудрат барои коҳиш додани қудрати геополитикии рақибони стратегии онҳо истифода бурда мешаванд. Бо назардошти вазъияти мазкур гуфтан мумкин аст, ки инқилобҳои ранга ба суботи сиёсӣ ва сохти конститутсионии давлатҳои тозаистиқлол ба таври ҷиддӣ таҳдид менамоянд.

Олимону муҳаққиқон инқилобҳои иҷтимоӣ ва сиёсиро аз ҳам ҷудо кардаанд. Ба андешаи онҳо, дигаргуниҳои қатъие, ки боиси тағйирёбии усулҳои истеҳсолот ва сохтори ҷамъиятӣ мегарданд, моҳияти инқилобҳои иҷтимоӣ ва дигаргуниҳое, ки сабабгори тағйирёбии режимҳои сиёсӣ (шакли зоҳиршавии ҳокимият) мешаванд ва усулҳои истеҳсолоту сохтори ҷамъиятиро бетағйир мегузоранд, моҳияти инқилобҳои сиёсиро ташкил медиҳанд[1]. Ба ақидаи сиёсатшиноси амрикоӣ С.Хантингтон, «инқилоб – ин тағйироти босуръат, бунёдӣ ва зӯроваронаи иваз кардани арзишҳо ва асотирҳои ҷомеа, тағйир додани ниҳодҳои сиёсӣ, сохтори иҷтимоӣ, роҳбарият, сиёсат ва фаъолияти ҳукумат мебошад, ки аз ҷониби неруҳои дохилии ҳамин ҷомеа ба амал баровардa мешаванд»[2]. Чунин андешаҳо дар асари машҳури ӯ «Political order in changing societies», ки соли 1968 нашр

---

[1] Ниг.: Тарасов, А. Национальный революционный процесс: внутренние закономерности и этапы [Электронный ресурс]. – URL: https://scepsis.net/library/id_101.html (дата обращения: 11.12.2021 г.)

[2] Хантингтон, С. Политический порядок в меняющихся обществах [Текст] / С. Хантингтон. –М.: Прогресс-Традиция, 2004. –С.269.

шуда буд, иброз гардидааст. Аз ин рӯ, бо андешаҳои мазкур дар муносибат бо инқилобҳои классикӣ розӣ шудан мумкин аст, аммо инқилобҳои ранга, ки баъди анҷомёбии ҷанги сард бо ташаббуси неруҳои хориҷӣ ташкил карда мешаванд ва ба манфиати онҳо анҷом меёбанд, чунин хусусият надоранд.

Баръакси ин гуфтаҳо инқилобҳои ранга тағйироти босуръат, бунёдӣ ва зӯроваронае мебошанд, ки на бо ташаббуси неруҳои сиёсии дохилӣ, балки аз ҷониби субъектҳои геополитикӣ ташкил карда мешаванд ва гурӯҳҳои иҷтимоию сиёсии дохилӣ ҳамчун неруҳои аз берун идорашаванда истифода мегарданд. Маҳз бо ҳамин сабаб тули чанд соли охир аст, ки рафтору амали чунин неруҳои аз берун идорашавандаро зуҳуроти террористӣ ва экстремистӣ меноманд. Зеро чигунае ки ташкилотҳои террористию экстремистӣ барои амалӣ гардонидани мақсадҳои стратегии пуштибонони худ истифода мешаванд, чунин неруҳои эътирозӣ низ аз берун маблағгузорӣ мегарданд ва аз лиҳози моддию маънавӣ дастгирӣ меёбанд. Ҳатто яке аз стратегияҳои асосии ташкилотҳои террористию экстремистиро низ бо роҳи инқилоб ва зӯроварона аз сари қудрат дур кардани элитаҳои ҳукмрон ва ғасби ҳокимияти давлатӣ ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, дар бораи робитаи генетикии инқилобҳои ранга ва ташкилотҳои террористию экстремистӣ ҳеҷ шубҳае вуҷуд дошта наметавонад. Гузашта аз ин, ҳамаи ҳизбу ҳаракатҳо ва ташкилотҳои террористию экстремистӣ аз ҷониби субъектҳои раванди сиёсии ҷаҳонӣ пуштибонӣ ва ҳамаҷониба дастгирӣ меёбанд. Зеро дар шароити ғайриодӣ ва ғайрианъанавии замони муосир созмону ташкилотҳои мазкур барои амалӣ гардонидани мақсадҳои онҳо созгоранд. Бинобар ин гуфтан мумкин аст, ки чунин афрод, ки базаи иҷтимоии онҳоро ячейкаҳои хуфта ва ашхоси ватанфурӯхта ташкил медиҳанд, аз низоми манфиатҳои миллии кишвар кайҳо берун шудаву дар низоми манфиатҳои миллии давлатҳои ғайр ворид шудаанд, ба хотири манфиатҳои муваққатию ғаразноки худ манфиатҳои дарозмуддату ҳаётан муҳимми давлату миллатро зери хавфу хатар қарор додаанд. Чунин вазъро аз натиҷаи таҳқиқоти

олимони соҳаи сиёсатшиносӣ ва ҷамъиятшиносӣ ба хубӣ эҳсос кардан мумкин аст.

Ба андешаи сиёсатшиноси рус А.В. Манойло, «инқилобҳои ранга – технологияи амалӣ кардани табаддулоти давлатӣ ва дар шароити ба таври сунъӣ ташкил гардидани бетартибиҳои оммавӣ аз берун идора намудани вазъияти сиёсии мамлакат мебошанд, ки дар он фишор аз болои ҳокимияти давлатӣ бо роҳи фиребу найранги сиёсӣ ва бо истифода аз ҳаракатҳои ҷавонони тазоҳургар ба амал баровварда мешаванд»[1]. Муҳаққиқи рус Е.Г. Пономарева иброз медорад, ки «инқилобҳои ранга дар он минтақаҳое ташкил мегарданд, ки онҳо дар доираи манфиатҳои бозигарони асосии низоми ҷаҳонӣ ворид ҳастанд»[2]. Аз ин рӯ, аз хориҷи мамлакат ба таври молиявию иттилоотӣ дастгирӣ ёфтани неруҳои зиддисистемавӣ дар ташкили инқилобҳои ранга нақши калидӣ мебозанд.

Аз гуфтаҳои боло дар мавриди тафовутҳои байниҳамдигарии инқилобҳои классикӣ ва инқилобҳои ранга хулосаи мушаххас баровардан мумкин аст. Яъне, инқилобҳои классикӣ танҳо дар заминаи омилҳои объективӣ (мавҷудияти вазъияти инқилобӣ) ва бе дахолати неруҳои беруна ба амал меоянд. Аммо инқилобҳои ранга дар заминаи амалҳои тахрибии неруҳои хориҷӣ ва ба таври сунъӣ ташкил кардани вазъияти инқилобӣ роҳандозӣ мегарданд. Аксари инқилобҳои замони муосир дар кишварҳое ба амал меоянд, ки дар онҳо ё вазъияти инқилобӣ дида намешавад, ё дар ҳоли ташаккулёбӣ қарор дорад. Чунин ҳолат бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки инқилобҳои ранга ҳамчун воситаи дахолат намудан ба корҳои дохилии давлатҳо мебошанд.

Ғайр аз ин, барои муайян кардани тафовути байниҳамдигарии инқилобҳои ранга аз инқилобҳои классикӣ омилҳои дигарро низ ба инобат гирифтан мумкин аст. Яке аз чунин омилҳо ба инобат гирифтани

[1] Манойло, А.В. «Цветные революции» как угроза российской нации [Текст] / А.В. Манойло // Вестник Российской нации. – 2014. –№3. –С.176-190.
[2] Пономарева, Е.Г. Секреты «цветных революций». Современные технологии смены политических режимов [Текст] / Е.Г. Пономарева // Свободная мысль. –2012. –№ 1/2. –С.97.

«натиҷаҳои инқилоб» мебошад. Таърихи сиёсии олам нишон медиҳад, ки инқилобҳои классикӣ ҷомеаро аз як марҳилаи рушду инкишоф ба марҳилаи навбатии он ворид кардааст. Аммо инқилобҳои ранга бошанд аз ҳама ҷиҳат барои ҷомеа зараровару хатарнок мебошанд. Ҳарчанд онҳо аз ҷониби субъектҳои манфиатдор зоҳиран ба инқилобҳои объективӣ монанд карда шаванд ҳам, ботинан ба таври сунъӣ ва маҷбурӣ ба амал бароварда шудаанд. Ташкилкунандагони инқилобҳои ранга тавассути иқтидори манипулятивии ВАО-и муосир (интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ) онҳоро тавре рӯнамоӣ мекунанд, ки ба инқилобҳои объективӣ шабоҳати бештар пайдо менамоянд. Аммо таҳлили равандҳои сиёсии ҷомеа, махсусан раванди ба амал омадани инқилобҳои ранга, ба инобат гирифтани заминаҳои пайдоиш ва натиҷаҳои он нишон медиҳанд, ки ба таври объективӣ шакл гирифтани вазъият натиҷаи назарфиребии сиёсӣ аст.

Таҳлили инқилобҳои рангаи се даҳсолаи охир нишон медиҳад, ки барои мутобиқ шудан ба дигаргуниҳои баъдиинқилобӣ ҷомеа омода нест. Чунин ҳолат мавҷуд набудани омилҳои объективиро далолат медиҳад. Ин аст, ки дар он кишварҳое, ки инқилоби ранга ба амал омадааст, аз рушди сиёсию иқтисодӣ дида таназзули онҳо бештар ба назар мерасанд. Зеро мақсади ташкилкунандагони ин гуна инқилоб таъмини рушду инкишоф ва дигаргуниҳои сифатӣ нест, баръакс ғасби ғайриқонунии ҳокимият, ба сари қудрат овардани ҳаммаслакон, заиф гардонидани шарикони стратегии рақибони стратегии худ, зиёд кардани осебпазирии сиёсии кишвар ва дар харитаи геополитикии олам зиёд намудани як нуқтаи даргири дигар мебошанд.

Инқилоби рангае, ки соли 2014 дар Украина ба амал омад, ғалабаи тазоҳургарону майдоннишинон набуд, ҳарчанд дар натиҷаи ин инқилоб элитаи ҳукмрон иваз гардида бошад ҳам. Чи гунае ки маълум аст, дар натиҷаи ин воқеаҳо кишварро бетартибиҳо фаро гирифта, системаи сиёсии ҷомеа ноустувор ва хавфи пора-пора шудани давлат ба амал омад. 16 марти соли 2014 дар ҳоли авҷгирии бетартибиҳои сиёсӣ ва дар рафти райъпурсии

умумихалқӣ нимҷазираи Қрим ба ҳудудҳои Россия пайваст гардид. Моҳи феврали соли 2022 ҷумҳуриҳои халқии Донетск ва Луганскро Россия ба расмият шинохт ва дар ҳудудҳои Украина бинобар сабаби ҷонибдорӣ кардани элитаи сиёсию ҳарбии ин кишвар аз стратегияҳои зиддироссиягӣ ва барои безарар гардонидани неруҳои ҳарбии ин кишвар ва аз байн бурдани миллатгароён амалиёти махсуси ҳарбӣ оғоз намуд. Таҳлили чунин равандҳои сиёсӣ бори дигар шаҳодат аз он медиҳад, ки инқилобҳои ранга на танҳо ба суботи сиёсӣ, балки ба якпорчагии марзу бум ва тамомияти марзии давлат ба таври воқеӣ таҳдид менамоянд. Ҳамаи зарару зиён, таҳдиду хатар ва оқибатҳои ногувори воқеаҳои Украинаро, дар маҷмуъ, аз инқилобҳои рангаи дар ин кишвар баамаломада вобаста кардан мумкин аст. Бинобар ин, сатҳи пасти зиракии сиёсии шаҳрвандон, дарк накардани фиреби сиёсӣ ва ба осонӣ ба доми фиреби радикалистон ва экстремистон афтодан оқибати нохуби сиёсӣ доранд.

Ғайр аз ин, инқилобҳои ранга кишварро ба низоъҳои мусаллаҳона ва ҷангҳои шаҳрвандӣ оварда мерасонанд, ки ниҳоятан давлату миллатро ба оқибатҳои нохуби иқтисодию иҷтимоӣ ва геополитикӣ оварда мерасонанд. Мисоли равшани ин гуфтаҳо Сурия, Яман, Либия ва Судан мебошанд. Дар ин кишварҳо баъди сар задани инқилобҳои ранга низоъҳои мусаллаҳона ва ҷангҳои шаҳрвандӣ оғоз гардиданд. Тули 10 сол аст, ки дар Ҷумҳурии Арабии Сурия ҷангу низоъ хомӯш намешавад. Соли 2018 президенти Сурия Башор Асад хисороти бетартибиҳои сиёсӣ ва низоъҳои мусаллаҳонаи ин кишварро баҳогузорӣ карда, иброз дошт, ки барои барқарор намудани инфрасохтори Сурия бештар аз 400 млрд доллар зарур аст[1]. Тибқи як назарпурсии оммавӣ дар кишварҳои Африқои Шимолӣ ва Шарқи Наздик, аксарияти пурсидашудагон иброз доштаанд, ки вазъи зиндагии онҳо баъди

[1] Ниг.: Асад оценил восстановление Сирии в $400 млрд [Электронный ресурс]. – URL: https://www.interfax.ru/world/611998 (дата обращения: 27.03.2022 г.)

инқилобҳо бадтар шудааст[1]. Инқилобҳои ранга ба иқтисодиёти кишварҳо зарбаи ҷонкоҳ мерасонанд. Инқилобҳои рангаи «Баҳори араб» дар кишварҳои Либия, Сурия, Миср, Тунис, Баҳрайн ва Яман танҳо дар давраи бетартибиҳо (дар тули ҳамагӣ 2 моҳ) бештар аз 55,28 млрд доллари амрикоӣ зарар расонидаанд[2].

Баъзан вақт дар натиҷаи инқилобҳои ранга ташкилотҳои террористию экстремистӣ, афроди ҷиноятпеша ва гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ ба сари қудрат меоянд. Дар Миср соли 2012 маҳз бетартибиҳои сиёсӣ ва инқилобҳои ранга сабабгори ба сари қудрат омадани ташкилоти террористию экстремистии «Ихвон-ул-муслимин» гардида буд. Албатта, ин зуҳуроти муваққатӣ аст, аммо чунин зуҳурот ва чунин тамоюлот ба муносибатҳои сиёсии минтақавӣ метавонанд таъсири нохуб расонанд. Аз ҳар ҷонибе, ки назар афканем, ҳеҷ як аломати мусбатро дар инқилобҳои ранга дида наметавонем. Аз ҳама бадтар ин аст, ки тазоҳуроти оммавӣ ва эътирозҳои сунъӣ барои як зумра одамон ба одати доимӣ ва манбаи рӯзгузаронӣ табдил меёбад, ки минбаъд чунин афрод метавонанд ба сифати зархарид дар муқобили давлату ҳукумат истифода бурда шаванд.

Тазоҳуроту майдоннишиние, ки дар солҳои 1990-1992 дар Тоҷикистони тозаистиқлол бо дахолати неруҳои хориҷӣ ташкил карда шуд, оқибат ба ҷанги шаҳрвандӣ оварда расонид. Ҳарчанд чунин тамоюлоти носолим (хавфи аз даст рафтани давлат ва пароканда шудани миллат) бо шарофати шахсони солимфикр пешгирӣ карда шуда бошанд ҳам, мутаассифона, барои бархеҳо шикваю нола ба одати доимӣ табдил ёфта, воситаи рӯзгузаронии онҳо гардид. Чунин ашхос на танҳо то ҳанӯз ба рисолати давлатдорӣ сарфаҳм нарафтаву тарки одат накардаанд, балки дигаронро низ мехоҳанд ғуломи душманони миллат созанд. Аз одатҳои

---

[1] Ниг.: Жить стало хуже, но демократия нужна. Что происходит со странами "арабской весны" через 10 лет [Электронный ресурс]. – URL: https://www.bbc.com/russian/features-55349275 (дата обращения: 28.03.2022 г.)

[2] Ниг.: "Арабская весна" обошлась экономике в $55 млрд [Электронный ресурс]. – URL: https://www.bbc.com/russian/international/2011/10/111014_arab_spring_costs (дата обращения: 27.03.2022 г.)

бади баъзе шаҳрвандон миллати тозаистиқлол ва дорои орзуву ормонҳои таърихӣ зери хавфу хатар қарор гирифтааст. Аз ин рӯ, чӣ барои Тоҷикистон ва чӣ барои давлатҳои дигар гурӯҳҳои тазоҳургар ва эътирозҳои оммавие, ки аз берун идора карда мешаванд, таҳдиди воқеӣ ба суботи сиёсӣ ва сохти конститутсионии онҳо мебошанд. Инчунин он неруҳое, ки бо роҳи фиреб мардумро гумроҳ сохта, бо дасти онҳо тартиботи сиёсиро барҳам задан мехоҳанд, душманони асосии давлату миллат маҳсуб меёбанд.

Ҳамаи инқилобҳо, аз ҷумла инқилобҳои ранга дар ҷойи хушку холӣ ба амал намеоянд ва онҳо дар зери таъсири як қатор омилҳои мушаххас ташаккул меёбанд. Дар тули таърих инқилобҳои классикӣ зери таъсири омилҳои объективӣ ба амал омадаанд. Аммо барои ба вуқуъ омадани инқилоби ранга дар муқоиса бо омилҳои объективӣ, таъсири омилҳои субъективии беруна нақши аввалиндараҷа мебозанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки субъектҳои хориҷии манфиатдор омилҳои дохилиеро, ки ҳанӯз барои сар задани инқилоб наметавонанд боис шаванд, моҳирона истифода бурда, гурӯҳҳои эътирозиро ба таври сунъӣ ташкил мекунанд. Бинобар ин, омилҳои дохилӣ ва берунии ба вуҷуд омадани ин зуҳуротро бояд ба инобат гирифт.

Агар ба омилҳои дохилии бавуҷудоварандаи инқилоб назар афканем, гуфтан мумкин аст, ки онҳо хоси инқилобҳои классикӣ мебошанд. Инқилобҳои ранга чи гунае дар боло қайд гардид, одатан зери таъсири омилҳои беруна ба амал оварда мешаванд. Он мушкилиҳо ва масъалаҳои ҳалталабе, ки дар дохили кишвар дида мешаванд, аз як ҷониб агар ҳамчун имконият ва шароити мусоид барои субъектҳои беруна хизмат намоянд, аз ҷониби дигар осебпазирии давлат дар муносибат бо инқилобҳои ранга ба шумор мераванд.

Дар навбати аввал барои ба амал омадани инқилоб вазъияти инқилобӣ зарур аст. Дар шароити сар задани инқилобҳои ранга агар чунин вазъият вуҷуд надошта бошад ҳам, онро ба таври сунъӣ ё ташкил менамоянд, ё ба воситаи технологияҳои назарфиребӣ (ҳуҷумҳои иттилоотӣ, паҳн кардани

хабарҳои носаҳеҳу нимасаҳеҳ, тарғибу ташвиқи ғояҳои радикалистӣ ва экстремистӣ) мавҷудияти чунин вазъиятро ба таври бардурӯғ вонамуд мекунанд. Иқтидори манипулятивии интернет ва ТИИ-и замони муосир барои ба вуҷуд овардани чунин вазъият метавонанд истифода бурда шаванд. Аммо чунин вазъият агар аллакай ба вуҷуд омада бошад, онро моҳирона истифода мебаранд. Зеро яке аз сабабҳои асосии сар задани бетартибиҳои сиёсӣ ба вуҷуд омадани вазъияти инқилобӣ мебошад. Мавҷудияти вазъияти инқилобӣ хавфи сар задани онро бамаротиб бештар менамояд. Ҳанӯз соли 1915 В.И. Ленин иброз намуда буд, ки «инқилоб бе мавҷудияти вазъияти инқилобӣ ғайриимкон аст ва ҳамзамон на ҳамаи вазъияти инқилобӣ ба инқилоб оварда мерасонад»[1]. Ӯ се нишонаи вазъияти инқилобиро ба таври зерин муайян карда буд: якум, барои синфи ҳукмрон ғайриимкон гардидани бетағйир нигоҳ доштани ҳукмронии худ; бухрони сиёсати синфи ҳукмрон, ки рӯ ба завол овардааст ва сабаби ба вуҷуд омадани қаҳру ғазаб ва норозигии омма гаштааст. Барои оғоз гардидани инқилоб норозӣ будани синфи поёнӣ кофӣ нест, инчунин зарур аст, ки синфи болоӣ ба мисли пештара фаъолият карда натавонанд; дуюм, бо суръати баланд муташаннич гардидани қонеъсозии эҳтиёҷоти омма; сеюм, бо сабабҳои дар боло номбаргардида ба таври бесобиқа боло рафтани фаъолнокии оммаи мардум, ки дар давраи осоишта ба таври ором ғорат намуданро ба худ иҷозат медиҳанд ва дар давраҳои нооором мустақилона баромади таърихӣ мекунанд[2].

Ғайр аз ин, дар як қатор асарҳои илмию таҳқиқотӣ дар зери таъсири омилҳои дохилӣ ба амал омадани инқилобҳои ранга дар мадди аввал гузошта мешавад ва таъсири омилҳои берунаро он қадар ҷиддӣ намешуморанд. Одатан чунин мавқеъро олимони Ғарб бештар ҷонибдорӣ мекунанд. Аммо воқеияти замони муосир нишон медиҳад, ки омилҳои

---

[1] Ленин, В.И. Полное собрание сочинений. Издание 5-е. Т.26 [Текст]. – М.: Издательство политической литературы, 1969. –С.218.
[2] Ниг.: Ҳамон ҷо. –С.218.

дохилӣ дар доираи консепсияи «вазъияти инқилобӣ» таҳлилу баррасӣ гардида, ҳамчун осебпазирии давлат бояд дониста шаванд. Масалан, мушкилиҳои ҳаёти ҷамъиятӣ омилҳое мебошанд, ки метавонанд вазъияти инқилобиро ба вуҷуд оваранд. Аммо таҳлилу мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки чунин ҳолат дар раванди рушди таърихии ҳар як давлат муваққатан вуҷуд доштаанд ва дар шароити муосир бошад онҳоро ҳамчун осебпазирии кишвар истифода менамоянд. Дар кишварҳои пасошуравӣ, аз ҷумла дар давлатҳои Осиёи Марказӣ низоми татбиқи ниҳодҳои сармоядорӣ (иқтисоди бозоргонӣ) ва демократияи либералӣ таҷрибаи нав мебошанд ва ҳамчун система дар ҳоли пайдоиш ва ташаккулёбӣ қарор доранд. Пеш аз ҳама, арзишҳои ин сохтори иқтисодию сиёсӣ бояд дар шуури ҷамъиятӣ устувор гарданд. Аммо мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки арзишҳои сохтори пештараи сотсиалистию коммунистӣ ҳанӯз ҳам дар мафкураи доираҳои муайян устувор боқӣ мондаанд. Дар замони шуравӣ одамон неъматҳои ҷамъиятиро аз давлат дастрас мекарданд. Аз ҷумла, маълумоти миёна ва олӣ, манзили истиқоматӣ, ҳуқуқ ба истироҳат, музди меҳнат, хизматрасониҳои гуногуни ройгон ва ғ. Чунин шакли шуури ҷамъиятӣ ҳанӯз ҳам дар кишварҳои пасошуравӣ дар дараҷаи баланд мавҷудияти худро нигоҳ медорад. Ташаббусҳои шаҳрвандӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки хоси ҷомеаи сармоядорӣ мебошанд, дар ҳоли шаклгирӣ қарор дорад. Аз ин рӯ, дар чунин шароит ҳарф задан дар бораи муборизаҳои демократии оммаи мардум, ё ин ки талаб кардани дигаргуниҳои демократӣ аз ҷониби онҳо аз воқеият хеле дур аст. Баръакс, чунин вазъиятро, ки баъзан давраи гузариш низ номидан мумкин аст, осебпазирии кишвар дар муқобили стратегияҳои бесуботкунанда номидан мумкин аст. Ба раванди шаклдиҳии шуури одамон, ки мебояд арзишҳои сохтори нави ҷамъиятиро қабул намоянд, ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ низ пайваст гардида, паҳн кардани ғояҳои иртиҷоӣ ва радикализатсияи шуури ҷамъиятиро пеша намудаанд. Давлатҳои манфиатдор ва ҳатто ташкилотҳои террористию экстремистие, ки аз ҷониби онҳо маблағгузорӣ карда мешаванд, чунин вазъияти бuҳрониро истифода

бурда, мехоҳанд ҳаракатҳои эътирозиро дар самтҳои гуногун ташаккул диҳанд. Барои мисол, дар Ҷумҳурии Қазоқистон бетартибиҳои моҳи январи соли 2022-ро президенти ин давлат Қосим-Жомарт Тоқаев ҳарчанд амали террористӣ ва таҳдид ба якпорчагии марзу буми кишвар номида бошад ҳам, камбизоатӣ ва нобаробарии иқтисодиро ҳамчун сабаби сар задани бетартибиҳо дар Қазоқистон шуморида буд[1]. Бинобар ин, мушкилиҳо ва омилҳои дохилӣ агар сабаби асосии сар задани бетартибиҳо ва инқилобҳо шаванд ҳам, онҳоро дар шароити имрӯза метавонанд ҳамчун имконияти мусоид барои амалӣ гардонидани мақсадҳои геополитикӣ истифода баранд.

Барои муайян кардани сабабҳои баамалоии инқилобҳои ранга инчунин ба инобат гирифтани иқтидори назариявию методологии консепсияи «давраҳои инқилобӣ» низ хеле муҳим аст. Тибқи консепсияи мазкур ҳар як давлат дар раванди ташаккулёбӣ ва рушди таърихии худ давраи инқилобиро паси сар кардааст ё ин, ки дар ин раванд қарор дорад. Дар ин замина давлатҳои ҷаҳони муосирро ба гурӯҳҳои гуногун ҷудо кардан мумкин аст: гурӯҳи якум давлатҳое мебошанд, ки давраи инқилобиро чанд аср пеш аз сар гузаронидаанд. Англия, Фаронса ва ИМА ба ин кишварҳо дохил карда мешаванд. Гурӯҳи дуюми давлатҳо аз миёнаҳои асри XIX ба давраи инқилобӣ ворид гардида, баъди анҷомёбии Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ онро паси сар намудаанд. Олмон, Ҷопон, Италия, Австрия, Венгрия ва ғ. ба ин кишварҳо шомиланд. Гурӯҳи сеюми давлатҳо дар тули асри XX давраи инқилобиро паси сар намуданд. Россия, кишварҳои нимҷазираи Балкан, Чин, Туркия, Эрон, давлатҳои амрикои лотинӣ ба ин гурӯҳ шомил карда мешаванд. Дар кишварҳои арабӣ давраи инқилобӣ баъди анҷомёбии Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ оғоз гардида, то миёнаҳои асри XXI эҳтимоли идома ёфтани

---

[1] Ниг.: Токаев назвал главную причину беспорядков в Казахстане [Электронный ресурс]. –URL: https://ria.ru/20220121/kazakhstan-1768848230.html?in=t (дата обращения: 12.02.2022 г.)

он мавҷуд аст. «Баҳори араб» инъикоси равандҳои инқилобии ин марҳилаи таърихӣ дар рушди ин кишварҳо дониста шудааст[1].

Б.М. Кондорский иброз медорад, ки дар кишварҳои дар давраи инқилобӣ қарордошта рушди сармоядорӣ хусусиятҳои ба худ хосро доро мебошад. Дар ин кишварҳо сармоядорӣ (капитализм) агарчанде, ки ҳамчун тарзи сохтори ҷамъиятӣ интихоб шуда бошад ҳам, он ҳамчун система ҳанӯз ташаккул наёфтааст. Яъне, он ҳамчун маҷмуи ниҳодҳои сохтори ҷамъиятӣ ташаккул дода шудааст, аммо дар муқоиса бо системаи сармоядорӣ он ҳанӯз иқтидори таъмин кардани рушди ҷомеаро надорад[2].

Ба андешаи Б.М. Кондорский, анҷомёбии давраи инқилобӣ бо ташаккули системаи мукаммали сиёсию иқтисодӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва демократияи мутамаддин анҷом меёбад. Баъди анҷомёбии давраи инқилобӣ кишвар субъекти комилҳуқуқи фазои геополитикӣ мегардад. Ӯ муътақид аст, ки сабаби асосии шиддатнокии ибтидои асри XXI ба фазои геополитикӣ ворид гардидани кишварҳои нав мебошанд (Россия, Чин, Туркия, Эрон). Чунин ҳолат барои кишварҳои ғарбӣ вазъияти нороҳаткунандаро ба вуҷуд оварда, боиси тезутунд гардидани муборизаҳои геополитикӣ шудааст ва яке аз омилҳои асосии ба амал омадани «инқилобҳои ранга» дар кишварҳои зери нуфузи субъектҳои нави геополитикӣ ба шумор меравад[3]. Дар доираи консепсияи «Давраҳои инқилобӣ» таҳлилу баррасӣ намудани пайдоиши ташкилотҳои экстремистию террористӣ имкон медиҳад, ки воқеияти геополитикии терроризми байналмилалӣ муайян карда шавад. Ба ибораи дигар, терроризм ва экстремизмро дар шароити имрӯза барои ташкил кардани бетартибиҳои сиёсӣ дар кишварҳои гуногун субъектҳои геополитикӣ истифода бурда истодаанд. Аз ин рӯ, коҳиш ёфтани таҳдиду

---

[1] Ниг.: Кондорский, Б.М. «Революции» после революций («цветные революции» с позиций теории революционного периода) [Текст] / Б.М. Кондорский // История и современность. –2018. –№4. –С.90.
[2] Ниг.: Ҳамон ҷо. –С.90.
[3] Ниг.: Ҳамон ҷо. –С.91.

хатари ин гуна зуҳурот аз тағйирёбии вазъи геополитикӣ вобастагии зиёд дорад.

Сиёсатмадори ибтидои асри XX Л.Д. Тротский иброз намуда буд, ки «Исён санъат нест, исён – ин машина аст. Барои оне, ки онро ба ҳаракат даророанд, мутахассисон-техникҳо лозиманд: ва ҳеҷ чиз онро манъ карда наметавонад, ҳатто андешаҳои рақибон. Онро танҳо техникҳо метавонанд боздоранд»[1]. Аммо дар ҷои дигар ӯ иброз медорад, ки «исён санъат аст ва ба монанди ҳар як санъат қонунҳои худро дорад»[2]. Ин андешаҳои яке аз инқилобчиёни ибтидои асри XX мебошад. Аммо дар ибтидои асри XXI исён ва инқилоб ҳам машина асту ҳам санъати баланд. Онро ҳадафмандона ва дар заминаи стратегияҳои мушаххас тарҳрезӣ намуда, ба амал мебароранд. Инқилобҳои замони муосир бештар дар зери таъсири омилҳои субъективӣ ба амал меоянд.

Ҳанӯз аз ибтидои асри XX абарқудратҳо кӯшиш менамуданд, ки шарикони стратегии худро аз ҳисоби давлатҳои хориҷӣ бештар намоянд. Дар давраҳои гуногуни асри XX барои амалӣ гардонидани ин мақсадҳо онҳо роҳу усулҳои гуногунро истифода бурдаанд. Аммо баъди анҷомёбии ҷанги сард то ба имрӯз инқилобҳои ранга ба сифати чунин технология истифода карда мешавад. Мутаассифона, иқтидори технологии ин усул давра ба тавра зиёд мешавад. Аз як ҷониб ҷаҳонишавӣ ва бештар гардидани вобастагии давлатҳо, аз ҷониби дигар рушди технологияҳои иттилоотӣ ва тавсеа ёфтани таъсири неруи нарм, пайдоиши ташкилотҳои террористӣ ва тарғибу ташвиқи ғояҳои радикалистӣ ва экстремистӣ, демократикунонии босуръат ва барои чунин дигаргуниҳо аз лиҳози мафкуравӣ омода набудани кишварҳои тозаистиқлол, дар давраи гузариш қарор доштани онҳо ва ғ. хавфи ба амал овардани инқилобҳоро бештар месозанд. Таҳлили ҳамаи инқилобҳои рангаи баамаломадаю пешгиришуда нишон медиҳанд, ки онҳо

---

[1] Иқтибос аз: Малапарте, К. Техника государственного переворота [Текст] / Пер. с итал. –М.: Аграф, 1998. –С.106.

[2] Троцкий, Л.Д. История русской революции: В 2 томах. Т.2: Октябрьская революция. Ч.2. [Текст]. –М.: ТЕРРА, 1997. –С.155.

бо мақсади сарнагун кардани элитаи ҳукмрон ва ба ҷойи он ба сари қудрат овардани гурӯҳи мавриди назар анҷом дода шудаанд. Дар ҳамаи инқилобҳои ранга тазоҳургарон дар муқобили элитаи ҳукмрон баромад менамоянд ва ба назар чунин мерасад, ки ин як раванди объективӣ аст ва субъектҳои он оммаи мардум мебошанд. Аммо таҳлили умқӣ нишон медиҳад, ки оммаи тазоҳургар объекту, ташкилкунандагони бетартибиҳо, ки дар хориҷи кишвар қарор доранд, субъекти ин равандҳо ҳастанд. Чунин ҳолатро дар доираи назарияи «бетартибиҳои идорашаванда» хеле хуб асоснок намудаанд[1].

Бинобар ин, яке аз нишонаҳои фарқкунандаи инқилобҳои ранга аз инқилобҳои классикии асрҳои XIX ва XX дар он ифода меёбад, ки инқилобҳои замони муосирро ҳамчун яроқи геополитикӣ истифода менамоянд ва дар муқобили рақибони стратегии худ равона месозанд. Албатта, дар асрҳои гузашта, махсусан дар асри XX инқилобҳои сотсиалистӣ, ки аз ҷониби Иттиҳоди Шуравӣ ва инқилобҳои зиддисотсиалистӣ, ки аз ҷониби кишварҳои ғарбӣ дастгирӣ меёфт, бо дахолати кишварҳои хориҷӣ дар шакли дастгирӣ кардани инқилобчиён ба амал оварда мешуд. Аммо воқеиятҳои геополитикии асри XXI аз асрҳои гузашта куллан тафовут дорад ва хусусияти инқилобҳои ранга низ бояд бо назардошти онҳо шарҳу тавзеҳ дода шавад. Масалан, дастгирии инқилобчиён дар асри XX пинҳон дошта намешуд. Аммо дар асри XXI ҳарчанд инқилобчиён аз ҷониби неруҳои хориҷӣ дастгирӣ ёбанд ҳам, онро пинҳонӣ анҷом медиҳанд ва ҳеҷ гоҳ даст доштани худро дар воқеаҳои сиёсӣ ошкор намекунанд.

Яке аз воқеиятҳои геополитикии замони муосирро бархӯрди тамаддунҳо ташкил медиҳад. Дар асари сиёсатшиноси амрикоӣ Самуэл Хантингтон 8 тамаддуни ҷаҳонӣ нишон дода шудааст: тамаддуни ғарбӣ, тамаддуни православӣ, тамаддуни исломӣ, тамаддуни конфутсианӣ,

[1] Ниг.: Митрошенков, О.А. Теория управляемого хаоса: использовать себе во благо [Текст] / О.А. Митрошенков // Власть. –2017. –№8. –С.64-73.

тамаддуни индуистӣ, тамаддуни синтоистӣ, тамаддуни амрикои лотинӣ ва эҳтимолан тамаддуни африқоӣ. Инчунин С.Хантингтон назарияи ҷаҳони яккутба, дуқутба, бисёрқутба ва ҷаҳони беқутбро пурра инкор намуда, бархӯрди тамаддунҳоро дар марҳилаи кунунии рушди таърихи инсоният воқеияти давру замон медонад[1]. Чунин воқеиятро муаллифи назарияи «неруи нарм», сиёсатшиноси амрикоӣ Ҷозеф Най низ эътироф намуда буд. Ба қавли ӯ, ҷаҳони имрӯза на яккутба, на дуқутба ва на бисёрқутба аст, балки ҳамаи чунин хусусиятҳо хоси он аст[2]. Ӯ иброз медорад, ки ҷаҳони муосир аз лиҳози неруҳои ҳарбӣ (бо назардошти иқтидори ҳарбии ИМА) яккутба аст, аз лиҳози иқтидори иқтисодӣ ҷаҳон бисёрқутба аст ва аз лиҳози неруҳои дигар, аз ҷумла неруҳои компютерӣ, идеологӣ, иттилоотӣ ва ғ. ҷаҳон беқутб аст.

Аммо С.Хантингтон муътақид аст, ки ҳамаи низоъҳои минбаъд бавуқуъоянда маҳз дар байни давлатҳое сар мезананд, ки онҳо намояндагони тамаддунҳои мухталифанд. Инчунин, ҳар тамаддуни ҷаҳониро як давлати абарқудрат ҳимоят мекунад ва давлатҳои ҳавзаи он тамаддун пуштибонии стратегии ин абарқудратро соҳибанд. Масалан, давлатҳои ҳавзаи тамаддуни Ғарбро ИМА, тамаддуни православиро Федератсияи Россия, тамаддуни индуистиро Ҳиндустон, тамаддуни конфутсианиро Ҷумҳурии Халқии Хитой, тамаддуни Амрикои лотиниро Бразилия ва монанди инҳо пуштибонӣ менамоянд. Ба қавли ӯ, ягона тамаддуне, ки аз як давлат иборат аст, ин Ҷопон мебошад ва ягона тамаддуне, ки давлатҳои пуриқтидори он дар муносибат бо ҳамдигар дар ҳоли низову муноқиша қарор доранд, ин тамаддуни исломӣ аст[3]. Таҳлилу мушоҳидаи равандҳои сиёсии минтақавию ҷаҳонии ду даҳсолаи охир нишон медиҳанд, ки айни замон дар байни тамаддуни Ғарб ва тамаддуни

[1] Ниг.: Хантингтон, С. Столкновение цивилизаций [Текст] / Пер. с анг. Т. Велимова. –М.: Изд-во «АСТ», 2019. – 640 с.
[2] Ниг.: Най, Д. Будущее власти. Как стратегия умной силы меняет XXI век [Текст] / Пер. с англ. В.Н. Верченко. –М.: Изд-во «АСТ», 2014. –444 с.
[3] Ниг.: Хантингтон, С. Столкновение цивилизаций [Текст] / Пер. с анг. Т. Велимова. –М.: Изд-во «АСТ», 2019. – 640 с.

исломӣ ҷанги идеологӣ, дар байни тамаддуни Ғарб ва тамаддуни конфутсианӣ ҷанги тиҷоратӣ, дар байни тамаддуни Ғарб ва тамаддуни православӣ ҷанги гибридӣ (иттилоотӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, идеологӣ ва ғ.) дар ҷараён аст. Ҳангоми таҳлилу баррасии равандҳои сиёсии ҷаҳони муосир бояд ин омил ба инобат гирифта шавад. Зеро «субъектҳои манфиатдори низоъ муътақиданд, ки ҷангҳои оштинопазири зеҳнӣ оқибат ба ҷангҳои дар даст силоҳи тарафҳо анҷом меёбанд. Ин аксиома барои бозигарони геополитикӣ воситаи «рӯзгузаронӣ» аст. Яъне ихтилоф дар раҳи рост ба вуҷуд намеояд. Ин захираи бузурги геополитикӣ – вуҷуд доштани сарчашмаҳои ҳалнашавандаи душмании тарафҳо маҳз дар чаҳорчӯбаи илм ва дин эҳтиёткорона нигоҳ дошта, парвариш меёбанд. Шаклҳои ҷадиди дар ин асос аланга задани зиддиятҳои идорашаванда коркард ва роҳандозӣ мегарданд. Таърихи Тоҷикистон, дар маҷмуъ, ҷаҳони ислом далели возеҳ ва раднопазири ин гуфтаҳост»[1].

Инчунин дурнамои таъмини амнияти миллӣ ва мубориза бо таҳдиду хатарҳо низ бояд дар ҳамин замина тарҳрезӣ карда шаванд. Рақибони геополитикӣ, ки айни замон намояндагони тамаддунҳои гуногун мебошанд, дар муқобили якдигар ва шарикони стратегии ҳамдигар роҳу усулҳои гуногунро истифода мебаранд. Аз ҷумла, ташкил намудани инқилобҳои ранга дар кишварҳои мавриди назар метавонанд ҳамчун муборизаҳои геополитикӣ унвон карда шаванд. Ба таври зоҳирӣ ҳамчун технологияи тағйир додани режими сиёсӣ агар вонамуд шавад, ба таври аслӣ технологияи аз сари қудрат дур кардани шарикони стратегии рақибони стратегии худ ва дар ин кишварҳо ба сари қудрат овардани ҳаммаслакони худ мебошанд. Ин технологияи нав нест, ин зуҳурот ҳамчун роҳу усули истифодаи фиреби сиёсӣ таърихи қадима дорад ва онро сиёсатмадорони давраҳои гуногуни таърихӣ ба таври худ ва вобаста ба имкониятҳои дарихтиёрдоштаи худ истифода бурдаанд. Онро баъзан вақт «макиавелизм»

---

[1] Ятимов, С.С. Дар бораи як китоби дарсӣ [Захираи электронӣ]. – URL: http://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=46263 (санаи муроҷиат: 15.05.2022)

меноманд. Зеро мутафаккири италиявӣ Никколо Макиавелли ҳанӯз дар асри XV пешниҳод намуда буд, ки ҳокимон бояд кӯшиш намоянд, ки давлатҳои заифи дар атрофи онҳо мавҷудбуда пурқувват нашаванд ва давлатҳои пурқувватеро, ки рақибони онҳо ҳастанд, заиф гардонанд[1]. Дар шароити муосир ин қонуният дар раванди амалигардонии манфиатҳои геополитикии абарқудратҳо принсипи марказӣ мебошад.

Хусусияти сунъӣ доштани модели «инқилобҳои ранга»-ро олими рус А.В. Манойло шартан аз панҷ марҳилаи асосӣ иборат медонад[2]. Дар раванди пешгирии ин воқеаҳо бояд ин марҳилаҳо ва хусусиятҳои муҳимми онҳо ба инобат гирифта шаванд.

1. Ба вуҷуд омадани ҳаракати эътирозии муташаккил. Дар шакли шабакавӣ ташкил намудани фаъолияти ҳаракати эътирозӣ. Ба фаъолияти шабакаҳои террористӣ монанд будани ин навъи фаъолият.

2. Аз фаъолияти пинҳонӣ ба шаҳрҳо баромадани ҳаракати эътирозӣ (дар натиҷаи инсидент – воқеа, ё ҳодисаи мушаххас, масалан, сохтакорӣ эълон кардани натиҷаи интихобот, ё ба ҳамин монанд воқеаҳои дигар. Масалан, дар Қазоқистон болоравии нархи сузишворӣ ҳамчун шароити мусоид барои оғоз намудани эътироз истифода бурда шуд. Дар кишварҳои дигар низ чунин воқеаҳо ҷой доштанд).

3. Баъди инсидент (воқеаи рухдода) ҳаракати эътирозӣ ба фаъолияти рӯйирост оғоз менамоянд ва бо механизмҳои гуногун оммаи мардумро ба ҳаракати оммавӣ даъват мекунанд.

4. Ташаккули издиҳоми сиёсӣ. Барои ин майдонҳои калони марказҳои шаҳрӣ интихоб мегарданд ва барои аз байн бурдани тафриқаҳои байнифардӣ ва ташаккул додани ҳувияти сиёсӣ рамзи мушаххаси мубориза дар шакли шиор ва дигар ашёҳо интихоб ва тақсим карда мешаванд.

[1] Ниг.: Макиавелли, Н. Государь. О военном искусстве [Текст] / Пер. с итал. Г.Муравьевой. –М.: Изд-во АСТ, 2019. – 416 с.
[2] Ниг.: Манойло, А.В. Информационный фактор цветных революций и современных технологий демонтажа политических режимов [Текст] / А.В. Манойло // Вестник МГИМО-Университета. – 2014. –№6 (39). –С.61-67.

5. Аз номи издиҳом ба ҳокимият шартҳо пешниҳод мегарданд ва дар ҳолати инкор намудани дархости издиҳом таҳдиди даст задан ба бетартибиҳои оммавӣ ваъда карда мешавад. Агар баъди иҷро гардидани шартҳо ва талабҳои эътирозгарон онҳо боз талабҳои навбатиро пешниҳод намоянд, пас роҳи асосии пешгирӣ кардани низоъ эълон намудани чунин ҳодисаҳо ҳамчун амали террористӣ ва оғоз кардани амалиёти зиддитеррористӣ мебошад. Зеро эътирозгарон аз берун идора карда мешаванд ва мақсади асосии онҳо қонеъ сохтани талаботи хеш нею, ба вуҷуд овардани бетартибиҳо ва ташкил намудани табаддулоти давлатӣ аст.

Аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки инқилобҳои ранга зуҳуроти бениҳоят мураккаб мебошанд. Дар шароити имрӯза алоқамандии онро бо зуҳуроти дигар низ мушоҳида кардан мумкин аст. Аз ҷумла, инқилобҳои ранга бо терроризм ва экстремизм, неруи нарм, ҷангҳои иттилоотӣ ва ҳуҷумҳои иттилоотӣ, фондҳои ҷамъиятӣ ва кӯмакҳои хориҷӣ алоқамандии зич доранд.

Хулоса, олимону муҳаққиқони ватанӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар чорроҳаи тамаддунҳои ҷаҳонӣ воқеъ медонанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия шарики стратегӣ мебошад. Федератсияи Россия на танҳо намояндаи тамаддуни православӣ аст, балки ҳомии давлатҳои ҳавзаи ин тамаддун ба шумор рафта, онҳоро пуштибонӣ ва ҳимоят мекунад. Инчунин, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Халқии Хитой шарики стратегӣ мебошад. Ин кишвар бошад ҳимоятгари давлатҳои ҳавзаи тамаддуни конфутсианӣ аст. Ҳамаи давлатҳои ҳавзаи тамаддуни конфутсианӣ аз пуштибонии Чин метавонанд истифода баранд ва барои анҷом додани ин кор Чин чунин қудратро дорад. Тоҷикистон аз лиҳози идеологӣ ва аз рӯйи сохти конститутсионии худ бо тамаддуни Ғарб алоқамандӣ дорад ва рушди минбаъди ниҳодҳои сиёсию иҷтимоӣ, иқтисодию ҳуқуқии худро то дараҷаи муайян бо истифодаи дастовардҳои сиёсии давлатҳои ҳавзаи тамаддуни ғарбӣ метавонад таъмин кунад. Зеро муаллифон ва созандагони ҷомеаи демократӣ, давлати дунявӣ ва

ҳуқуқбунёд онҳоянд. Аз сабаби оне, ки 97 % аҳолии Тоҷикистонро мусулмонон ташкил медиҳанд, кишвар аз лиҳози фарҳангию маънавӣ ва мафкуравӣ дар ҳавзаи давлатҳои тамаддуни исломӣ ворид мешавад. Аз ин рӯ, дар чунин шароит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санъати баланди идоракунии давлатӣ зарур меояд. Дар таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзи суботи сиёсии кишвар роҳу усулҳои ғайрианъанавӣ лозиманд. Пешгирӣ кардани инқилобҳои ранга ва дигар тамоюлоти носолим бояд дар доираи қонуниятҳои низоми таъмини амнияти миллӣ ба амал бароварда шавад. Дар маҷмуъ, гуфтан мумкин аст, ки дар таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзи суботи сиёсӣ ҳама бояд саҳми худро гузорад: ҳам ниҳодҳои давлатӣ ва ҳам ҷамъиятӣ. Чунин саҳмгузорӣ ба воситаи иҷроиши салоҳияту ваколат, вазифаҳо ва уҳдадориҳо, дарки рисолати таърихӣ ва монанди инҳо ифода меёбад. Масалан, дар самти мубориза бо терроризм ва экстремизм сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар сафи пеши мубориза қарор доранд. Зеро онҳо бояд ячейкаҳои хуфтаи террористиро ошкор намуда, безарар гардонанд, амалҳои террористиро пешгирӣ намоянд, фаъолиятҳои террористию экстремистӣ ва шабакаҳои онҳоро пайдо намуда, безарар гардонанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки мақомоти қудратии кишвар рисолати таърихии худро бо сари баланд иҷро карда истодаанд. Аммо аз байн бурдани омилҳои бавуҷудоварандаи терроризм ва бо ин роҳ пешгирӣ кардани гаравиши ҷавонон ба сафи ташкилотҳои террористӣ тавассути ниҳодҳои дигар бояд анҷом дода шаванд. Дар ин самт фаъолияти вазорату кумитаҳои ғайриқудратӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд бо воқеиятҳои замони муосир мутобиқ гардонида шаванд.

Ҳамин тариқ, бо назардошти ин омил ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст: инқилобҳои рангаро ҷанги байни абарқудратҳо ва кӯшиши баланд бардоштани легитимияти байналмилалии онҳо донистан мумкин аст; инқилобҳои ранга технологияи аз сари қудрат дур кардани элитаи ҳукмрон мебошад. Инқилобҳои ранга аз ҷониби субъектҳои хориҷӣ бо мақсади ба сари қудрат овардани ҳаммаслакон, аз сари қудрат дур намудани

ҳаммаслакони рақибони худ ва баланд бардоштани легитимияти байналмилалии худ ташкил карда мешаванд. Аз ин рӯ, инқилобҳои рангаро ҳам технологияи дахолат намудан ба корҳои дохилии давлат, ҳам василаи аз сари қудрат дур кардани элитаи ҳукмрон, ҳам воситаи тағйир додани режими сиёсии давлат ва умуман яроқи геополитикӣ номидан мумкин аст.

## 3.3. Таҳдиду хатари шабакаҳои иҷтимоӣ ва таъсири онҳо ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Чи гунае, ки аз таҳлилу баррасии масъалаҳои қаблӣ мушоҳида гардид, ҳама гуна дастоварди инсоният дар баробари манфиат, инчунин метавонад бар зарари одамон, давлатҳо ва миллатҳо низ истифода бурда шавад. Барои оне, ки ин воқеият эътироф гардад, бояд ба инобат гирифт, ки ин ё он дастовард аз ҷониби кӣ ва бо кадом мақсад истифода шуда истодааст. Дар чунин қолаб таҳлилу баррасӣ намудани дастовардҳои чанд даҳсолаи охир имкон медиҳад, ки ба манфиати киҳо ва бар зарари киҳо истифода шудани дастовардҳои мазкур муайян карда шавад. Шабакаҳои иҷтимоии фазои интернет низ ҳамчун дастоварди навбатии инсоният аз як ҷониб агар барои беҳтар кардани робита бо ҷомеа, ташаккул додани афкори ҷамъиятӣ ва хубтару беҳтар намудани усулҳои иттилоърасонӣ хизмат намоянд, аз ҷониби дигар як қатор хавфу хатарҳоро ба вуҷуд оварда истодаанд. Аз нуқтаи назари манфиатоварии онҳо агар ба ин масъала назар афканем, мушоҳида мегардад, ки заминаи пайдоиши шабакаҳои иҷтимоӣ дар навбати аввал характери тиҷоратӣ дорад. Моликони шабакаҳои мазкур тавассути ин навъи технологияи иттилоотӣ маълумоти зиёдро ҷамъоварӣ намуда, коркард мекунанд ва сипас онро ба фуруш мебароранд. Иттилооти тавлиднамудаи ширкатҳои технологӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии ширкатҳои истеҳсолӣ ва аз худ кардани бозорҳо хизмат менамоянд. Ғайр аз ин, ширкатҳои технологӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҷамъоварии иттилоот ва ташкил кардани захираҳои калони иттилоотӣ машғуланд, то ки

дар оянда истифодаи зеҳни сунъиро имконпазир гардонанд. Самаранокии истифодаи зеҳни сунъӣ аз захираҳои иттилоотӣ вобаста мебошад. Бо ин мақсад ширкатҳои технологӣ кӯшиш менамоянд, ки барои афзоиши шумораи корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ ҳар гуна усулҳоро ба кор баранд. Аз ҷумла ҳавасманд кардани корбарон, додани маблағ, ҷолиби диққат намудани фазои маҷозии шабакаи иҷтимоӣ, аз байн бурдани сензура, пешбурди реклама ва ғ. Ин аст, ки тули солҳои охир шумораи корбарони интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Дар баробари ширкатҳои технологӣ инчунин як қатор давлатҳо (субъектҳои геополитикӣ) ва созмонҳои экстремистию террористӣ низ шабакаҳои иҷтимоиро ба манфиати худ истифода бурда истодаанд. Шабакаҳои иҷтимоӣ ба ин гурӯҳи субъектҳо имконият додаанд, ки иқтидори иттилоотию технологии интернетро барои амалӣ гардонидани мақсадҳои худ истифода баранд. Ин аст, ки тули даҳ соли охир дар фазои маҷозии интернет тарғибу ташвиқи идеологияи радикалистӣ, ғояҳои экстремистӣ ва террористӣ, мағзшӯӣ кардани ҷавонон, паҳн кардани иттилооти бардурӯғ ва иғвобарангез, таъсири манфӣ расонидан ба афкори ҷамъиятӣ, ташкил намудани бетартибиҳои сиёсию иҷтимоӣ ва инқилобҳои ранга, пешбурди ҷангҳои иттилоотию идеологӣ хеле зиёд гардидаанд. Ғайр аз ин, шабакаҳои иҷтимоӣ сарчашмаи афзоиши иттилооти бесифат, омили дур шудани ҷавонон аз донишҳои илмию назариявӣ, сабаби талаф ёфтани вақти одамон, паҳн гардидани фарҳанги бегона, бештар шудани таъсири иттилооти бардурӯғу носаҳеҳ ба афкори ҷамъиятӣ ба шумор меравaнд. Аз ин рӯ, муайян бояд кард, ки шабакаҳои иҷтимоӣ ба манфиати кӣ ва бар зарари кист.

Аз рӯйи тартиби ин қисми таҳқиқот аввал дар хизмати киҳо қарор доштани шабакаҳои иҷтимоиро нишон медиҳем. Ширкатҳои технологӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ барои ба амал баровардани тиҷорати иттилоотӣ ба ҷамъоварии маълумот машғул ҳастанд, ширкатҳои истеҳсолӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти худ ба чунин иттилоот ниёз доранд. Дар раванди ташаккулёбии низоми сармоядорӣ ва тавсеаи

микёси минтақавию ҷаҳонии он рақобати иқтисодӣ ва баланд бардоштани иқтидори рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ хеле зарур мебошад. Ҳанӯз дар нимаи дуюми асри XIX К.Маркс ва Ф.Энгелс дар асари безаволи худ «Манифести Ҳизби коммунистӣ» дар асоси омӯзиши қонунҳои рушди таърихӣ ба хулосае омада буданд, ки буржуазия (низоми сармоядорӣ) деҳотро тобеи шаҳрҳо менамояд, ва чи гунае ки деҳот аз шаҳрҳо вобаста мегардад, ҷомеаҳои анъанавӣ низ аз ҷомеаҳои мутамаддин, халқҳои деҳқон (аграрӣ) аз халқҳои буржуазӣ (саноатӣ), Шарқ аз Ғарб вобаста мегарданд[1]. Чунин омилро ба инобат гирифта, як қатор давлатҳои олам ба масъалаи рушди иқтисоди бозаргонӣ ва баланд бардоштани иқтидори рақобатпазирии иқтисодиёти худ диққати хосса зоҳир менамоянд ва барои расидан ба ин ҳадаф шароити мусоид фароҳам месозанд, то ки вобастагии худро аз кишварҳои тараққикардаи сармоядорӣ коҳиш диҳанд. Ҳатто Ҷумҳурии мардумии Чин, ки низоми давлатдории худро дар асоси системаи яккаҳизбӣ ва барномаи сиёсии ҳизби дар мамлакат ягонаи коммунистӣ ташаккул медиҳад, бо дарки ин воқеият дар соҳаи иқтисодиёт иқтисоди бозаргониро интихоб карда, ташаккул медиҳад. Умуман дар замони имрӯза ғолибан ҳамаи давлатҳо ба рушди иқтисоди бозаргонӣ диққати бештар медиҳанд ва аз ин рӯ, дар бозорҳои ҷаҳонӣ рақобати иқтисодӣ сол то сол шадидтар ва мураккабтар мегардад. Бо мақсади ба даст овардани муваффақият давлатҳои миллӣ бо назардошти имкониятҳои мавҷуда ва сатҳу сифати дарки воқеияти замона барои фаъолияти ширкатҳои молиявию истеҳсолӣ ҳама гуна шароитро фароҳам меоранд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити имрӯза иттилоот омили муҳимтарини баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт гардидааст. Ҳанӯз соли 1815 тоҷири муваффақи англис Натан Родшилд эътироф намуда буд, ки «касе, ки дорои иттилоот аст, вай ҷаҳонро тасарруф менамояд»[2].

---

[1] Ниг.: Маркс, К., Энгельс Ф. Манифест коммунистической партии: принципы коммунизма [Текст] / Пер. с нем. –М.: Эксмо, 2022. –С.43-44.

[2] Секрет фирмы. Кто владеет информацией, тот владеет миром [Электронный ресурс]. – URL: https://www.moscowtorgi.ru/news/bezopasnost_biznesa/869/ (дата обращения: 25.09.2022 г.)

Пайдоиши ин «ҷумлаи стратегӣ» таърихи худро дорад. 18 июни соли 1815 артиши Наполеон дар шаҳри Ватерлооии Нидерланд дар муҳориба бо артиши шарикони стратегии Англия мағлуб мегардад. Н.Ротшилд тавассути хабаррасонҳои худ аз ин воқеа аввалин шуда огоҳӣ пайдо менамояд ва субҳи 19 июни соли 1815 ба шаҳри Лондон омада, саҳмияҳои худро бо нархи арзон ба фурӯш мегузорад. Бонкдорони дигар чунин ҳолатро дида, фикр мекунанд, ки англисҳо дар муҳориба мағлуб шудаанд ва саҳмияҳои худро саросемавор бо нархи арзон ба фурӯш мебароранд. Дар ин раванд қоғазҳои қимматнок дар Англия, Австрия ва Пруссия ҳар лаҳза бекурб мешаванд. Баъди нисфирузӣ агентиҳои ширкати Ротшилд ҳамаи саҳмияҳоро бо нархи арзон харидорӣ мекунанд. Дар бораи он, ки дар муҳориба англисҳо нею, Наполеон мағлуб шудааст, баъди як рӯз хабардор мешаванд. Бисёре аз саҳмиядорони фиребхӯрда худкушӣ менамоянд, аммо Н.Ротшилд бештар аз 40 млн фунт стерлинг фоида ба даст меорад. Минбаъд Н.Ротшилд ва тими ӯ кӯшиш менамуданд, ки ҳама гуна иттилоот аввал ба дасти онҳо афтад[1]. Чунин ҳолат бори дигар шаҳодат аз он медиҳад, ки касе ки соҳиби иттилоот аст, метавонад ҷаҳонро идора намояд. Чунин қонуният дар солҳои минбаъда ва дар шароити муосир ҳазорҳо маротиба дурустии худро нишон додааст. Айни замон низ мубориза барои иттилоот хеле тезу тунд аст. Ҳатто гуфтан мумкин аст, ки ба даст овардани иттилоот ва мубориза барои он яке аз унсурҳои муҳимтарини ҷангҳои иттилоотии имрӯзаро ташкил медиҳад.

Воқеан ҳам дар ҳама давру замон иттилоот арзиши олӣ дошт ва сарчашмаи асосии муваффақият ва музаффарият ба шумор мерафт. Айни замон низ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, бахусус дар соҳаҳои сиёсат ва иқтисод бо харҷи камтар фоидаи бештар насиби нафароне мешавад, ки иттилооти «зарурӣ»-ро дар ихтиёри худ доранд. Аз ин рӯ, айни замон барои муваффақ шудан дар соҳаи тиҷорат иттилоотро мефурӯшанду мехаранд.

[1] Ниг.: «Финансовый Бонапарт»: как Натан Ротшильд заработал на войне с Наполеоном [Электронный ресурс]. –URL: https://quote.rbc.ru/news/article/5ef611439a79476b038d2af4 (дата обращения: 17.05.2022 г.)

Дар чунин шароит «бозори иттилоот» рӯз то рӯз рушд менамояд ва шумораи ширкатҳои тавлидкунандаи он зиёд мешавад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло қайд кардан бамаврид аст, ки шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ аз аввалин лаҳзаҳои ташкилёбии худ хусусияти тиҷоратӣ доштанд ва чунин боқӣ хоҳанд монд. Яъне, шабакаҳои иҷтимоиро, пеш аз ҳама, барои ҷамъоварии иттилоот сохта, ба истифода додаанд. Сол аз сол беҳтару хубтар гардидани равзанаҳои (интерфейси) шабакаҳои иҷтимоӣ ҳеҷ гоҳ маънои онро надорад, ки моликони ширкатҳои мазкур доимо дар фикри фароғату истироҳати корбарон ҳастанд. Ба баъзе корбарони фаъол (масалан, блогерон) додани маблағ низ маънои онро надорад, ки шабакаҳои мазкур ба фаъолияти башардӯстонаю хайрхоҳона машғуланд. Баръакс, онҳо барои диққатҷалбкунанда шудани шабакаҳои мазкур ва бештар гардидани корбарони ин шабакаҳо чунин корро анҷом медиҳанд. Зеро чи қадаре, ки корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ бештар шаванд, ҳамон андоза дар серверҳои моликони онҳо иттилооти бештар ҷамъоварӣ мешавад. Сипас ин иттилоот коркард гардида, ба мизоҷон (аниқтараш ба истеҳолкунандагони молу маҳсулот – ба ширкатҳои истеҳсолӣ) фурӯхта мешавад. Иттилооте, ки ба фурӯш баровардa мешавад, ҷавобгӯи талаботи бозор аст. Ба ибораи дигар ширкатҳое, ки тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҷамъоварии иттилоот машғул ҳастанд, табъу завқи харидоронро пеш аз дигарон муайян мекунанд ва маҳсулоте, ки дар асоси чунин иттилоот тавлид мегардад, дар бозор зуд харидор пайдо менамояд. Ҳар амале, ки корбари шабакаи иҷтимоӣ дар фазои маҷозии интернет анҷом медиҳад, иттилооте мебошад, ки минбаъд коркард мешавад. Масалан, дар саҳифаи интернетии худ ворид кардани расмҳо, матнҳо, видеороликҳо, сабтҳои аудиоӣ, писандидан, написандидан, шарҳнависӣ, ба дигарон фиристодани матлабҳо ва ғ. аз он қабил амалҳои маҷозие ба шумор мераванд, ки барои муайян кардани табъу завқи одамон кӯмак мерасонанд.

Дар соҳаи сиёсат низ вазъият чунин аст. Айни замон дар арсаи байналмилалӣ ширкатҳои давлатию ғайридавлатие мавҷуданд, ки самти

фаъолияти онҳоро «консалтинги сиёсӣ» ташкил медиҳад. Масалан, дар ИМА ширкати ғайритиҷоратии «RAND Corporation» барои иҷроиши вазифаҳои стратегӣ дар доираи фармоишҳои Кохи сафед, Пентагон ва дигар сохторҳои давлатӣ ба онҳо маълумоти стратегӣ пешниҳод менамояд. Ғайр аз ин, СММ, Комиссияи аврупоӣ, Бонки умумиҷаҳонӣ, фондҳои Сорос ва Рокфеллер, донишгоҳҳои Гарвард ва Стэнфорд ва баъзе ширкатҳои фаромиллӣ аз хизматрасонии «RAND Corporation» ба таври васеъ истифода мебаранд[1]. Инчунин як қатор ширкатҳои дигаре мавҷуданд, ки самти фаъолияти онҳоро «консалтинги байналмилалӣ» ташкил медиҳад. Чунин ширкатҳо низ ба иттилооти зиёд ниёз доранд, то ки сатҳу сифати хизматрасонии худро беҳтар созанд. Айни замон аз хизматрасонии чунин ширкатҳо баъзе давлатҳо ва ширкатҳои истеҳсолие, ки ба онҳо ниёз доранд, истифода мебаранд. Ҳатто ташкилотҳои террористию экстремистӣ низ ба хизматрасонии чунин ширкатҳо рӯ овардаанд ва барои баъзеи онҳо ҳадафмандона чунин имкониятҳо ба таври ройгон пешниҳод карда мешавад. Моҳияти ин масъала дар он ифода меёбад, ки зеҳни сунъӣ (шабакаҳои иҷтимоӣ, сомонаҳои хабарӣ, видеопорталҳо, сомонаи агентиҳои иттилоотӣ ва ғ.) барои муайян кардани вазъи афкори ҷамъиятӣ, руҳия ва боварҳои мардум истифода мешаванд. Чунин иттилоот ба яроқи иттилоотӣ табдил дода шуда, дар ихтиёри ҳаводорону ниёзмандон гузошта мешавад.

Барои оне, ки самаранокии зеҳни сунъӣ баланд бардошта шавад, захираҳои азими иттилоотӣ (big date) лозиманд. Аз ин рӯ, ҷамъоварии иттилоот барои баланд бардоштани имкониятҳои зеҳни сунъӣ ба роҳ монда шудааст. Дар робита бо ин гуфтан зарур аст, ки ҷамъоварии иттилоот, афзун гардонидану дар серверҳои азим нигоҳ доштани онҳо бо мақсади беҳтару хубтар кардани истифодаи зеҳни сунъӣ анҷом дода мешавад. Олими хитоӣ ва яке аз созандагони назарияи зеҳни сунъӣ Кай Фу Ли қайд менамояд, ки

[1] Ниг.: Американская РЭНД корпорэйшн. Крупнейшая в мире «фабрика мысли» в поисках внешних врагов [Электронный ресурс]. –URL: http://www.noravank.am/rus/articles/detail.php?ELEMENT_ID=18045 (дата обращения: 12.10.2022 г.)

тавсеаи электрификатсия бо шарофати мавҷудияти шарту шароити зерин ба амал омад: сузишвории истихроҷшудае, ки барои истеҳсоли қувваи барқ зарур буд; соҳибкороне, ки бо истифодаи қувваи барқ корхонаҳои навро ба кор андохтанд; муҳандисон-электрикҳое, ки фаъолияти онҳоро танзим менамуданд; дастгирии давлатие, ки барои рушди инфрасохтори он зарур буд. Ба ҳамин монанд барои оне, ки дар асри XXI зеҳни сунъӣ дар хизмати инсоният қарор дода шавад, чаҳор шарт зарур аст: маълумот ва иттилооти барзиёд; соҳибкорони ба истифодаи зеҳни сунъӣ завқманд; мутахассисони соҳаи зеҳни сунъӣ; дастгирии давлатӣ[1]. Чи гунае ки мушоҳида мегардад, яке аз шартҳои асосии истифодаи зеҳни сунъӣ иттилоот ва маълумоти барзиёд мебошад. Яъне, чи қадаре, ки иттилооти бештар мавҷуд бошад, сифати амалҳои иҷронамудаи зеҳни сунъӣ низ ҳамон андоза беҳтар мешавад. Барои мисол, имрӯзҳо дар шароити афзоиши ҳаҷми иттилоот дар соҳаҳои маориф ва илм бо мақсади муайян кардани аслияти матнҳои эҷодию таҳқиқотӣ барномаи «Антиплагиат» истифода бурда мешавад. То кадом андоза дуруст будани натиҷа ва хулосаи санҷиш аз он вобаста аст, ки дар бойгонии электронии барномаи «Антиплагиат» чи қадар иттилооти электронӣ мавҷуд аст, ё ин барнома ба кадом бойгониҳо пайваст карда шудааст. Агар матне, ки аз асарҳои дигар рӯйбардор шудааст, дар бойгонии иттилоотии электронӣ ворид набошад, онро барномаи антиплагиат ҳам намеёбад. Яъне, иттилоот бояд пурраю мукаммал бошад. Ғайр аз ин, истифодаи зеҳни сунъӣ суръати кору амалҳоро бамаротиб ва ҳатто садҳо маротиба метезонад. Дар мисоли истифодаи барномаи антиплагиат ин воқеиятро нишон додан мумкин аст. Масалан, агар 100 саҳифаи матни таҳқиқотиро ба 10 олими соҳавӣ супоранду аз онҳо хоҳиш намоянд, ки аслияти ин матнро муайян созанд, чи қадар вақт лозим меояд? Онҳоро зарур аст, ки шумораи зиёди китобҳоро варақ зананд ва шояд барои анҷом додани ин амал чандин ҳафтаҳову моҳҳо зарур шавад. Аммо дар барномаи антиплагиат ин корро бо

[1] Ниг.: Кай Фу Ли. Сверхдержавы искусственного интеллекта. Китай, Кремниевая долина и новый мировой порядок [Текст] / Пер. с англ. –М.: Манн, Иванов и Фербер, 2019. –С.27.

назардошти суръати интернет дар муддати 1 дақиқа анҷом додан мумкин аст. Натиҷа ва хулосаи антиплагиат нисбат ба аслияти матни мазкур аз ҳаҷми бойгонии иттилоотӣ вобастааст. Ба ҳамин монанд ҳама гуна зеҳни сунъӣ ва натиҷанокии онҳо аз ҳаҷми иттилоот вобаста мебошад. Бо ин мақсад ширкатҳои тавлидкунандаи технологияҳои ҷадид (масалан, Google, Microsoft, Apple ва ғ.) кӯшиш менамоянд, ки тавассути ҷамъоварии иттилоот бойгониҳои азими иттилоотӣ ташкил намоянд. Дар ин кор шабакаҳои иҷтимоӣ истифода бурда шуда истодаанд.

Чи гунае, ки аз андешарониҳои Кай Фу Ли мушоҳида мегардад, барои рушди зеҳни сунъӣ дастгирии давлатӣ низ зарур аст. Давлатҳое, ки чунин зарурaтро дарк кардаанд, дастгирии худро нисбат ба ширкатҳои тавлидкунандаи технологияҳои ҷадид дареғ намедоранд. Дар ин маврид ёдовар шудан аз андешаҳои Президенти Федератсияи Россия В.В. Путин хеле муҳим мебошад. Ба андешаи ӯ, давлате, ки дар сохтану истифода бурдани зеҳни сунъӣ муваффақияти бештар пайдо менамояд, ҳукмрони ҷаҳон мегардад[1]. Ин аст, ки як қатор давлатҳо, аз қабили ИМА, Хитой, Сингапур, Австралия, Олмон, Фаронса, Британияи Кабир ва чанде дигарон дар ин самт кӯшишҳои зиёд анҷом дода истодаанд.

Истифодаи зеҳни сунъӣ аллакай самаранокию натиҷанокии худро нишон дода истодааст. Аз як ҷониб агар шабакаҳои иҷтимоӣ барои ҷамъоварии иттилоот истифода шаванд, аз ҷониби дигар худи онҳо зеҳни сунъие мебошанд, ки ба моликони худ миллиардҳо доллар фоида оварда истодаанд. Калонтарин ширкатҳои технологии ҷаҳон, ба монанди «Apple», «Microsoft», «Alphabet Inc», «Facebook», «Alibaba Group», «Tencent Holdings», «Samsung Group», «Amazon», «eBay», «IBM», «Baidu», «Google» ва даҳҳо ширкати дигар дар шабакаи интернет хизматрасониҳои электронӣ ташкил намуда, ҳамарӯза ба ҷамъоварии иттилоот машғул мебошанд. Аз

[1] Ниг.: Путин: лидер по созданию искусственного интеллекта станет властелином мира, 01.09.2017 [Электронный ресурс]. –URL: https://tass.ru/obschestvo/4524746?utm_source=google.com&utm_medium=organic&utm_campaign=google.com&utm_referrer=google.com (дата обращения: 28.11.2022 г.)

ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ, бозиҳои интернетӣ, видеопорталҳо, порталҳои мусиқӣ, сомонаҳои рекламавӣ, низоми интиқоли пул ва харидҳои электронӣ ва монанди инҳо аз ҷониби ширкатҳои мазкур сохта, пешкаши корбарони интернет гардонида шудаанд.

Ғайр аз ин, дар шароити имрӯза тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ҷангҳои иттилоотию идеологӣ ба амал бароварда мешаванд. Айни замон шабакаҳои иҷтимоӣ василаи муҳимми пешбурди ҷангҳои иттилоотию идеологӣ ба шумор меравconfigured. Аксарияти иттилооти тарғиботие, ки дар фазои интернет паҳн мешаванд, маҳз тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ интиқол меёбанд. Онҳое, ки имконияти васеи иттилоотӣ доранд, дар ҷангҳои иттилоотӣ муваффақият ба даст меоранд. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ инчунин татбиқи сиёсати дугонаро низ мушоҳида кардан мумкин аст. Барои мисол, як қатор давлатҳо шабакаҳои иҷтимоии YouTube, Facebook, Twitter, Instagram ва чанде дигаронро уҳдадор намудаанд, ки ҳама гуна иттилооти хусусияти террористию экстремистидоштаро дар кутоҳтарин муддат аз саҳифаҳои худ тоза намоянд. Аммо ин талабот нисбат ба давлатҳои абарқудрат, пуштибонони ширкатҳои технологӣ ва шарикони стратегии онҳо татбиқ мешавад. Зеро дар муқобили Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамарӯза даҳҳо видеоролику маводҳои экстремистию террористӣ дар шабакаҳои мазкур чоп менамоянд, аммо онҳоро моликони шабакаҳои иҷтимоӣ пок намекунанд. Чунин воқеият бори дигар шаҳодат аз он медиҳад, ки шабакаҳои иҷтимоӣ инчунин барои дастгирии созмонҳои экстремистию террористӣ низ итифода мешаванд. Аз ин рӯ, онҳоро василаи муҳимми пешбурди ҷангҳои иттилоотию идеологӣ номидан мумкин аст.

Нақши шабакаҳои иҷтимоӣ дар ташкили ҳаракатҳои эътирозӣ соли 2011, замоне ки мавҷи инқилобҳо кишварҳои арабиро фаро гирифта буд, баръало ба мушоҳида расид. Он замон шабакаҳои иҷтимоии Twitter ва Facebook ба эътирозгарон имкон доданд, ки фаъолияти худро ҳамоҳанг созанд ва одамони зиёдро ба эътироз даъват намоянд. Чунин вазъиятро таҳлилгарон инқилоби интернетӣ ва баъзан «инқилоби твиттерӣ» ё

«инқилоби фейсбукӣ» номида буданд. Моҳи феврали соли 2011 дар сомонаи расмии оҷонсии иттилоотии «Ал-Ҷазира» (Қатар) нисбат ба воқеаҳои баҳори араб чунин хулосаҳо навишта буданд: «Иттилоот – тавоноӣ аст. Дар асри иттилоотӣ бошад YouTube, Facebook ва Twitter яроқи муосири сафарбар кардани омма мебошанд»[1]. Шабакаи телевизионии CNN бошад воқеаҳои мазкурро инқилоби интернетӣ ва инқилобҳои насли дуюм муаррифӣ карда буд[2]. «Ташкилкунандагони инқилобҳои ранга тавассути иқтидори манипулятивии ВАО-и муосир (интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ) онҳоро тавре рӯнамоӣ мекунанд, ки дар назари мардум ба инқилобҳои объективӣ шабоҳати бештар пайдо менамоянд. Аммо таҳлили равандҳои сиёсии ҷомеа, махсусан раванди ба амал омадани инқилобҳои ранга, ба инобат гирифтани заминаҳои пайдоиш ва натиҷаҳои он нишон медиҳанд, ки ба таври объективӣ шакл гирифтани вазъият натиҷаи назарфиребии сиёсӣ аст»[3].

Чунин тамоюлоти рушди технологияҳои иттилоотиро ба инобат гирифта, дар баъзе кишварҳо як қатор шабакаҳои иҷтимоиро аллакай созмонҳои экстремистӣ эълон кардаанд. Барои мисол аз моҳи марти соли 2022 бо қарори Додгоҳи шаҳри Москва фаъолияти шабакаҳои иҷтимоии Facebook ва Instagram экстремистӣ дониста шуда, дар ҳудудҳои Россия дастнорас гардонида шудаанд. Молики шабакаҳои мазкур ширкати Meta Platforms Inc. аз ҷониби мақомоти додгоҳии Россия созмони экстремистӣ дониста шудааст[4]. Дар як қатор кишварҳо аллакай ба сохтани шабакаҳои иҷтимоии ватанӣ ба таври ҷиддӣ машғул шуда истодаанд. Дар ин самт Ҷумҳурии мардумии Хитой ва Ҷумҳурии исломии Эрон муваффақияти

[1] Social networks, social revolution [Electronic resource]. –URL: https://www.aljazeera.com/program/empire/2011/2/21/social-networks-social-revolution/ (accessed: 06.11.2022)
[2] Ниг.: CNN: The face of Egypt's revolution [Electronic resource]. –URL: https://www.youtube.com/watch?v=9MeeMfjZhTA (accessed: 06.11.2022)
[3] Сафарализода, Х.Қ. Инқилобҳои ранга ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии ҷомеа [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – 2022. – № 2 (2). – С.63.
[4] Ниг.: В России признали экстремистской организацией владельца Facebook и Instagram [Электронный ресурс]. –URL: https://lenta.ru/news/2022/03/21/metaextr/ (дата обращения: 10.10.2022 г.)

бештар доранд. Дар Хитой шабакаҳои иҷтимоии «WeChat», «Sina Weibo», «Douyin/TikTok», «Youku/Tudou», «Tencent QQ» ва дар Эрон бошад шабакаҳои иҷтимоии «Gap», «Soroush», «iGap», «Parsijoo», «Cloob», «Cafe Bazaar», «DigiKala» ва «Aparat» пурра ҷойгузини шабакаҳои иҷтимоии кишварҳои хориҷӣ шудаанд[1].

Дар маҷмуъ, таҷрибаи давлатҳои гуногун нишон медиҳад, ки онҳо барои пешгирӣ кардани таъсири манфии шабакаҳои иҷтимоӣ вобаста ба имкониятҳои техникию технологии худ роҳу усулҳои гуногунро истифода мебаранд. Як гурӯҳ давлатҳо шабакаҳои иҷтимоиро дар ҳолатҳои фавқуллода муваққатан дастнорас мегардонанд. Гурӯҳи дуюми давлатҳо баъзе шабакаҳои иҷтимоиро ба таври доимӣ дастнорас гардонида, тадриҷан ба танзими шабакаҳои дигар мегузаранд. Гурӯҳи сеюми давлатҳо, ки имкониятҳои зиёди технологӣ доранд (масалан Хитой), шабакаҳои иҷтимоии барои онҳо зарароварро дастнорас гардонида, ба ҷойи онҳо шабакаҳои иҷтимоии ватаниро, ки танзимашон осон аст, пешкаши шаҳрвандон менамоянд. Дар баъзе давлатҳои дигар шабакаҳои иҷтимоии шубҳанок ба таври доимӣ дастнорас гардонида мешаванд ва дар чунин ҳолат шаҳрвандон аз шабакаҳои дигаре, ки дастрас ҳастанд, истифода мекунанд[2]. Аз таҳлили ин масъала ба хулосае омадан мумкин аст, ки аз ҳама бештар чунин шабакаҳои иҷтимоӣ, ба монанди Twitter, Instagram, Facebook, YouTube, LinkedIn ва мессенҷерҳои Skype, Whatsapp, Viber, Zello дар кишварҳои гуногуни олам ҳамчун шабакаҳои шубҳаовар ва хатарзо дастнорас гардонида мешаванд.

Дар фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон тули чанд соли охир аст, ки созмонҳои экстремистию террористӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ғояҳои радикалистӣ ва экстремистии хешро тарғиб менамоянд. Дар натиҷаи

---

[1] Ниг.: Импортозамещение социальных сетей: кейсы Китая и Ирана [Электронный ресурс]. – URL: https://vc.ru/marketing/381706-importozameshchenie-socialnyh-setey-keysy-kitaya-i-irana (дата обращения: 08.08.2022 г.)

[2] Ниг.: 12 стран, где заблокированы социальные сети [Электронный ресурс]. –URL: https://smmplanner.com/blog/12-stran-gde-zablokirovany-socialnye-seti/ (дата обращения: 25.09.2022 г.)

чунин фаъолияти таблиғотӣ қисме аз ҷавонони кишвар, бахусус муҳоҷирони меҳнатӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ мағзшӯӣ гардида, ба доми созмонҳои фаъолияташон мамнуъ афтодаанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки як қатор созмонҳо бо мақсади ҷалби ҷавонон ба сафҳои худ шабакаҳои иҷтимоиро ҳамчун василаи пешбурди фаъолияти таблиғотӣ истифода мебаранд. Аз ҷониби дигар боз созмонҳое низ ҳастанд, ки ба иғвоангезию паҳн кардани ғояҳои экстремистӣ машғул гардида, қасд доранд, ки дар ҷомеаи Тоҷикистон бетартибиҳои сиёсӣ ташкил намоянд. Дар муқобили Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ҳуҷумҳои иттилоотиро, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ хеле зиёд ба назар мерасанд, дар фаъолияти ташкилоти экстремистию террористии «Ҳизби наҳзати исломӣ», созмони экстремистии «Гурӯҳи 24» ва ташкилоти экстремистию террористии «Паймони миллии Тоҷикистон» мушоҳида кардан мумкин аст. Ҷомеаи Тоҷикистон мавҷи хеле баланди ҳуҷумҳои иттилоотиро моҳҳои апрел ва майи соли 2020, замоне ки беморий сироятии КОВИД-19 паҳн шуда истода буд, мушоҳида намуданд. Он замон ташкилотҳои номбаргардида аз вазъияти барояшон муносиб истифода бурда, мехостанд мардумро ба эътироз даъват намоянд. Дар кишварҳои гуногуни олам ҳамаи неруҳои кишвар барои бартараф кардани бухрони баамаломада муттаҳид мешуданд, аммо созмонҳои дар боло номбаргардида тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ мехостанд, ки дар Тоҷикистон бетартибиҳоро ташкил кунанд. Аз ин рӯ, бо назардошти воқеаву ҳодисаҳои даҳ соли охир, ки зери таъсири технологияҳои иттилоотии навин ба амал омадаанд, гуфтан мумкин аст, ки шабакаҳои иҷтимоӣ айни замон василаи муҳимтарини пешбурди ҷангҳои иттилоотию идеологӣ мебошанд. Дар чунин маврид шабакаҳои иҷтимоӣ ба манфиати неруҳоест, ки тавассути онҳо мақсадҳои худро амалӣ месозанд.

Акнун дар идомаи ин қисми таҳқиқот нишон додани қурбониёни шабакаҳои иҷтимоиро зарур мешуморем. Як қатор олимон афзоиши корбарони шабакаҳои иҷтимоиро ба инобат гирифта, аз пайдоиши одамони

типи нав хабар медиҳанд ва онҳоро «аборигенҳои рақамӣ» ном мебаранд[1]. Аборигенҳо як гурӯҳ одамоне мебошанд, ки аз тамаддуни инсонӣ маҳруманд. Бинобар ин, худро аз ҷаҳони мутамаддин дар канор нигоҳ медоранд ва дар ҷангалҳо ба мисли одамони ибтидоӣ умр ба сар мебаранд. Дар замони муосир низ ба абориген табдил ёфтани одамони ҷаҳони мутамаддин воқеияти худро дорад. Зеро ҷисми одам метавонад дар асри XXI қарор дошта бошаду тафаккураш дар асрҳои миёна. Чунин тамюлотро дар ибтидои асри XX олими испаниягӣ Хосе Ортега-и-Гассет мушоҳида намуда, муайян карда буд, ки як қатор одамон зери таъсири омилҳои гуногун аз тамаддун дур шуда, ба сӯйи ҷоҳилӣ ҳаракат менамоянд. Ӯ муътақид буд, ки «тамаддун сунъӣ аст ва аз ин рӯ, санъату ҳунармандиро металабад. Агар неъматҳои тамаддун ба шумо писанд бошаду, нисбат ба худи он ғамхорӣ накунед, тамаддунро аз даст медиҳед. … Тамаддуни рушдёбанда мисли мушкилии пурозор аст. Чи қадаре, ки дастовардҳо зиёд шавад, ҳамон андоза хатари онҳо бештар мешавад. Чи қадаре, ки ҳаёт хуб шавад, ҳамон қадар вай мураккаб мешавад. Бо мураккаб шудани мушкилиҳо воситаҳои ҳалли онҳо низ мураккаб мешаванд. Аз ин рӯ, ҳар як насл воситаҳои ҳалли мушкилиҳоро бояд ба пуррагӣ аз бар намояд»[2]. Яъне, донишҳою дастовардҳои моддию маънавӣ тавассути ҳар насл ба наслҳои оянда интиқол дода мешаванд. Мутаассифона, рушди тамаддун дар назди наслҳои имрӯзаву оянда мушкилиҳои нав ба навро эҷод менамояд. Яке аз сабабҳои асосии ба вуҷуд омадани буҳронҳо маҳз аз пешрафти тамаддун вобаста аст. Олимони ин соҳа низ бар он назаранд, ки «дар шароити буҳронӣ шахсони алоҳида, ё давлатҳои алоҳида бояд муайян кунанд, ки кадоме аз унсурҳои рафтору фаъолияти ҳаррӯзаи онҳо вазифаҳои худро хуб иҷро карда истодаанд ва кадоме аз онҳо бинобар сабаби корношоям

[1] Ниг.: Бойд, Д. Все сложно. Жизнь подростков в социальных сетях [Текст] / Пер. с англ. –М.: Издательский дом Высшей школы экономики, 2020. –352 с.
[2] Хосе Ортега-и-Гассет. Восстание масс [Текст] / Пер. с исп. –М.: Изд-во «АСТ», 2017. – С.90-93.

гардиданашон бояд иваз карда шаванд»[1]. Яъне, барои мутобиқ шудан бо дигаргуниҳои замона аз бар намудани донишҳои нав барои ҳамаи мутахассисон амри зарурӣ мебошад. Дар ин раванд куҳнашавии донишҳо, барои ҳалли масъалаҳои нав корношоям гардидани онҳо, ба талаботи давру замон ҷавобгӯ набудани ҷаҳонбинии одамон, аз рушди замона қафо мондани одамон ва ғ. масъалаҳое мебошанд, ки ҳалли онҳо аз низоми таҳсилоти миллӣ ва сатҳи донишомӯзии одамон вобаста аст.

Дар шароити имрӯза муносибат ба дониш ва раванди донишомӯзӣ низ ба мушкилии ҷиддӣ рӯ ба рӯ шудааст. Барои мисол, тахминан 200-250 сол пеш аксари одамон (одатан оммаи мардум) бинобар сабаби рушд накардани соҳаиноширӣ барои мутолиа китоб намеёфтанд. Зеро ҳамаи китобҳо бо меҳнати дастӣ ва бо заҳмати зиёд нусхабардорӣ мешуданду дастраси доираи маҳдуди одамон буданд. Дар шароити муосир рушди соҳаи ноширӣ ва бахусус рушди технологияҳои иттилоотӣ на танҳо ин мушкилиро ҳал намуд, балки мушкилии навбатиро ба вуҷуд овард. Айни замон шумораи китобу мақолаҳо ва сомонаҳои иттилоотию хабарӣ чунон зиёд шудаанд, ки одамон дигар намедонанд чиро мутолиа кунанд. Бо чунин мушкилӣ на танҳо оммаи мардум, балки зиёиён низ рӯ ба рӯ шудаанд. Як нафар агар то охири умр китобҳо, мақолаҳо ва матнҳои як шохаи маҳдуди илмро мутолиа кардан хоҳад, барои ин умраш кифоягӣ намекунад. Пас чи бояд кард? Таҳилу мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки зери таъсири омилҳои гуногун, аз ҷумла риоя нашудани талаботи соҳаи ноширӣ ва бештар шудани «эҷодкорон»-и дилетант рӯз то рӯз ҳаҷми матнҳои бесифат зиёд шуда истодааст. Афзоиши матнҳои бесифат сарчашмаҳои гуногун доранд. Яке аз сарчашмаҳои афзоиши матнҳои бесифат шабакаҳои иҷтимоӣ мебошанд. Аз сабаби оне, ки вазифаи аслии шабакаҳои иҷтимоӣ муайян кардани вазъи афкори ҷамъиятӣ аст, онҳо на дар хизмати корбар, балки дар хизмати моликони ин шабакаҳо қарор доранд. Аз аввал то ба имрӯз шабакаҳои

[1] Даймонд, Д. Кризис. Каков механизм преодоления кризиса? [Текст] / Пер. с англ. –М.: Изд-во АСТ, 2020. –С.11.

иҷтимоӣ бо мақсади интиқоли дониши системавӣ ё баланд бардоштани маърифати одамон ташкил нашудаанд. Зеро чунин навъи фаъолият бо мақсади моликони шабакаҳои мазкур мувофиқат намекунад. Донишҳои босифат дар китобу мақолаҳое дида мешаванд, ки муаллифони онҳо дар ҳақиқат бо нияти интиқоли дониш ва ташаккул додани афкори дигарон онҳоро таҳия кардаанд. Чизи дигар ин аст, ки донишро ҳама вақт аз нафароне омӯхтан мумкин аст, ки агар нисбат ба мо даҳҳо маротиба дониши бештар дошта бошанд. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ матлабҳое паҳн мешаванд, ки онҳоро бе ёрии дигарон худамон низ медонем, пас аз ин фазо чизе омӯхтан ғайриимкон аст. Албатта, эътироф бояд кард, ки шабакаҳои иҷтимоӣ хабарҳои рӯзро ба одамон сариваќт мерасонанд. Аммо дар ин самт низ мушкилиҳои ҷиддӣ ба назар мерасанд. Масалан, таҳрифи хабар, нодуруст шарҳ додани он, таъсири манфӣ расонидан ба афкори ҷамъиятӣ, таблиғи фарҳанги бегона, тарғиби арзишҳои ғайр ва монанди инҳо.

Таъсири манфии шабакаҳои иҷтимоӣ ба раванди таълим аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ низ садо додааст. 28 июли соли 2023 ЮНЕСКО дар изҳороти худ ба давлатҳои узви СММ тавсия дода буд, ки дар муассисаҳои таълимӣ, бахусус дар мактабҳои миёна истифодаи телефонҳои мобилиро пурра манъ кунанд. Ба қавли коршиносони ин созмон, аз меъёр зиёд истифода шудани телефонҳои мобилӣ (смартфонҳо) ба раванди азхудкунии дониши хонандагон ва фазои мактабӣ таъсири манфӣ расонида истодааст[1].

Бо мураккаб гардидани ҳаёти ҷамъиятӣ ва рушди соҳаҳои ҷомеа барои инсон талабот ба дониш низ меафзояд. Барои оне, ки инсон талаботи худро дар сатҳи зарурӣ қонеъ намояд, ӯро зарур аст, ки аввал донишҳои касбиро аз худ кунад. Дар асри XX барои оне, ки талаботи одамон қонеъ карда шавад, онҳоро зарур меомад, ки таҳсил намуда, соҳиби маълумоти олии касбӣ

---

[1] Ниг.: Guardian: ЮНЕСКО рекомендует полностью запретить использование смартфонов в школах [Электронный ресурс]. –URL: https://russian.rt.com/inotv/2023-07-28/Guardian-YUNESKO-rekomenduet-polnostyu-zapretit (дата обращения: 29.07.2023 г.)

шаванд. Имрӯз бошад ба даст овардани маълумоти олии касбӣ кафили қонеъ гардидани талаботи одамон буда наметавонад, зеро мутахассисони асри XXI нисбат ба мутахассисони асри XX чандин маротиба бояд дониши бештар дошта бошанд ва сол то сол донишу ҷаҳонбинии худро бояд такмил диҳанд. Аз ин рӯ, дар замони имрӯза, ки илму техника бо суръати баланд рушд карда истодааст, илмомӯзию донишандӯзӣ бояд то охири умр идома ёбад, вагарна муваффақ шудан дар пешбурди кору фаъолият ва таъмин кардани маишати зиндагӣ, аз ҳама муҳим таъмини амнияти миллӣ ва пешрафти ҷамъиятӣ хеле душвор мегардад. Мутаассифона, дар шароити имрӯза илмомӯзию донишандӯзӣ ба мушкилиҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешавад. Чунин ҳолат аз омилҳои зерин вобаста мебошад: инқилоби чоруми саноатӣ, рушди технологияҳои иттилоотӣ, рушди соҳаи ноширӣ, тавсеаи шабакаи интернет ва ғ. Таҳлилҳо ва мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки зиёд гардидани маводи чопӣ ва иттилоот бар зарари илму дониш ва зеҳну тафаккур анҷом ёфта истодааст. Яъне, на ҳамаи маводе, ки чоп мешавад ва паҳн мегардад, босифат ва дорои дониши системавӣ аст. Дар ибтидои асри XVII, замоне ки ҳанӯз инқилобҳои саноатӣ ба амал наомада буд, чунин мушкилӣ дар самти илмомӯзӣ аллакай пайдо гардида буд. Он замон файласуфи англис Фрэнсис Бэкон чунин ҳолатро дарк намуда, ҳамаи китобҳоро ба се гурӯҳ ҷудо карда буд. Аз мавқеи ӯ, «баъзе китобҳоро танҳо чашидан даркор асту бас, қисми дигари китобҳоро фуру бурдан лозим, вале қисми ками онҳоро хоидану ҳазм кардан зарур меояд»[1]. Яъне, на ҳамаи матнҳо ба хондан меарзанд. Аммо дар баробари эътироф кардани ин воқеият, инчунин шинохти чунин матнҳо низ хеле мушкил аст. Аз ин рӯ, дар чунин шароит одамон бояд қобилияти шинохта тавонистани матнҳои босифат ва бесифатро дошта бошанд. Аз ин рӯ, дар ҳолати бетағйир боқӣ мондани вазъият на танҳо дониши одамон боло намеравад, балки паст гардидани он ба амал меояд, ки натиҷаи он коҳиш ёфтани обруи илму дониш дар ҷомеа, паст гардидани

---

[1] Бэкон, Ф. Сочинения в двух томах. Т.2. [Текст] / Пер. с англ. –М.: Мысль, 1972. – С.408.

сифати раванди омода кардани кадрҳо, радикализатсияи ҷомеа, мағзшӯӣ шудани онҳо ва ғ. мешаванд. Чунин қонуният ба халқиятҳо ва миллатҳои замони муосир низ тааллуқ дорад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки агар аъзои ҷомеа дониши босифат ва бесифатро фарқ карда натавонанд, паҳн гардидани иттилооти носаҳеҳ ва овозаҳои бардурӯғ, ки асоси илмӣ надоранд, дар ин гуна ҷомеаҳо таъсири манфӣ мерасонанд. Дар чунин ҳолат тафаккури танқидӣ ва таҳлили танқидӣ низ вуҷуд дошта наметавонад. Аз ин рӯ, паҳн гардидани иттилооти носаҳеҳ ва овозаҳои бардурӯғ яке аз нишонаҳои инфодемия ва инфопандемия мебошад, инчунин паҳн гардидани иттилооти бесифат ва пастсифат низ метавонад хусусияти дигари онҳоро ташкил намояд.

Мафҳумҳои «инфодемия» ва «инфопандемия» бо паҳншавии вирусҳои зараровару сироятӣ алоқамананд, аммо на бо вирусҳои биологӣ, балки бо вирусҳои иттилоотӣ. Аз ин рӯ, зери ин мафҳумҳо низ паҳншавии вирусҳои иттилоотӣ дар назар дошта мешавад. Бояд ёдовар шуд, ки мафҳуми «инфодемия» аллакай аз ҷониби олимон, коршиносон, ходимони сиёсию ҷамъиятӣ мавриди истифода қарор дорад. Мафҳуми «инфодемия» ҳамчун шакли кутоҳшудаи ибораи «эпидемияи иттилоотӣ» соли 2003 пайдо гардидааст. Бори аввал онро сиёсатшиноси амрикоӣ Дэвид Роткопф дар газетаи «The Washington Post» истифода карда буд. Он замон ӯ дар мавриди паҳншавии бемории сироятии SARS қайд намуда буд, ки «баъзе хабарҳои бо тарсу овозаю дурӯғпардозӣ омехташудае, ки тавассути технологияҳои иттилоотии замони муосир ба гушаю канори олам интиқол ва паҳн гардид, ба иқтисодиёти миллӣ ва байналмилалӣ, ба сиёсат ва ҳатто ба амният таъсири амиқ расониданд»[1]. Соли 2020 дар шароити паҳншавии бемории сироятии COVID-19 Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ паҳншавии

[1] Годовщина инфодемии … [Электронный ресурс]. –URL: https://voxukraine.org/ru/godovshhina-infodemii-s-kakimi-fejkami-o-covid-19-ukraina-i-mir-boryutsya-uzhe-bolshe-goda/ (дата обращения: 07.04.2022 г.)

иттилооти носаҳеҳ ва овозаҳои бардурӯғро «инфодемия» номида буд[1]. Дар муроҷиатномаи якҷояи СУТ бо СММ оқибатҳои ногувори ин зуҳурот пешгӯӣ гардида, зери таъсири он зарар расонидан ба саломатии ҷисмонию равонии одамон, ба вуҷуд овардани фазои тарсу ҳарос, зери шубҳа қарор додани муваффақиятҳои соҳаи тандурустӣ, дар муносибат ба меъёрҳои ҳифзи саломатӣ тағйир додани рафтори одамон, маҳдуд кардани имкониятҳои давлат ва коҳиш додани самаранокии чораҳои пешгирикунандаи паҳншавии бемориро ҳамчун оқибатҳои ногувори инфодемия муаррифӣ кардаанд.

Бояд гуфт, ки ҳарчанд ҳадафмандона паҳн кардани иттилооти носаҳеҳро дар шароити паҳншавии бемории сироятӣ ҳамчун инфодемия муаррифӣ карда бошанд, онро дар соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ ба осонӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Аз ҷумла, дар соҳаи сиёсат, иқтисодиёт, фарҳанг, иҷтимоиёт ва ғ.  Аз ин рӯ, бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки инфодемия ва инфопандемия ҳамчун мафҳум таърихи чандон зиёд надоранд (ду даҳсола пеш истифода шудаанд), аммо ҳамчун зуҳуроти ҷамъиятӣ таърихи қадима доранд. Чи гунае, ки аз шарҳи моҳияти ин мафҳумҳо мушоҳида мегардад, инфодемияро бо паҳншавии иттилооти носаҳеҳ ва овозаҳои бардурӯғ алоқаманд менамоянд. Аммо паҳншавии иттилооти бесифат, пастсифат ва орӣ аз донишҳои илмиро чи гуна зуҳурот метавон унвон намуд. Дар шароити афзоиши шумораи корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ, бо интернет ҷанг эълон кардан ҳеҷ зарурате надорад. Интернет ба неруҳои сиёсӣ ва одамони алоҳида зарар намерасонад, балки шинос набудан бо имкониятҳои интернет ва надонистани сирру асрори назарфиребии иттилоотӣ зарару зиёни бештар дорад. Дар ихтиёр доштани иттилооти зарурӣ ҳокимият аст. Фарқ карда тавонистани иттилооти лозима аз нолозим сарчашмаи афзоиши ҳокимият аст. Дар мувофиқа бо мақсадҳои худ

[1] Ниг.: Борьба с инфодемией на фоне пандемии COVID-19 … [Электронный ресурс]. –URL: https://www.who.int/ru/news/item/23-09-2020-managing-the-covid-19-infodemic (дата обращения: 07.04.2022 г.)

истифода бурда тавонистани иттилооти лозима ва коҳиш додани таъсири иттилооти рақиб ҳокимияти дукарата аст.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар замони имрӯза технологияҳои иттилоотӣ, бахусус шабакаҳои иҷтимоӣ василаи паҳн гардидани фарҳанги бегона низ мебошанд. Чи гунае ки маълум аст, иттилоот ва дониш дар баробари дигар нишонаҳо инчунин хусусияти синусолӣ низ доранд. Мутаассифона, иттилооте ки айни замон дар шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн мегардад, дар аксар маврид бо синну соли корбарон мувофиқат намекунад, ки дар натиҷа психологияи наврасон ва ҷавонон метавонад осеб бинад. Масалан, паҳн гардидани иттилоот ва маводҳои гуногун дар бораи хушунат, зӯроварӣ, ҷинояту ҷинояткорӣ, одатҳои бади инсонӣ, истифодаи назарфиребӣ, таблиғи фарҳанги бегона ва ғ. метавонанд ба зеҳну шуури қишрҳои гуногуни ҷомеа таъсири манфӣ расонанд.

Яке аз зарарҳои дигари шабакаҳои иҷтимоӣ дар он аст, ки вақти пурқиммати одамонро талаф медиҳад. Маълум аст, ки дар ҳаёти инсон «вақт» хеле арзишманд аст. Дар муқоиса бо молу сарват, саломатӣ, хушбахтӣ ва илму дониш, ки онҳо низ барои инсон хеле арзишманданд, вақт ҳамчун арзиши олӣ доимо кам мешавад ва онро ҳеҷ кас наметавонад, ки барои худ зиёд намояд. Вақтро метавон идора намуд, сарфакорона истифода бурд ва дар корҳои муҳимму зарурӣ истифода кард. Одамоне, ки вақти зиёди худро дар шабакаҳои иҷтимоӣ мегузаронанд, аллакай ба вируси инфодемия мубтало шудаанд ва талафоти вақтро дигар эҳсос намекунанд. Ҳангоми хӯрокхӯрӣ, вақти кор, вақти истироҳат ва қариб, ки ҳама вақт дар фазои маҷозии шабакаҳои мазкур ҳузур доранд. Агар тасаввур намоем, ба ҳисоби миёна агар як узви фаъоли шабакаи иҷтимоӣ дар як шабонарӯз ба ҳисоби миёна се соат вақти худро дар фазои маҷозӣ ба тамошои видеороликҳои ғайриҳирфаию манипулятсионӣ ва мутолиаи матнҳои гуногунмазмуни хабарӣ (таҳлилӣ не, хабарӣ, тавсифӣ, ҳикоявӣ, ҳаҷвӣ ва баъзан васфӣ) сарф намояд, дар як сол 1098 соат вақти худро ин ҷо сарф намудааст. 1098 соат баробар ба 46 рӯз, ё худ 1,5 моҳ мешавад. Агар тули 46

рӯз як нафар ба мутолиаи «китобҳои бузург» (китобҳое, ки муаллифонашон нобиғаанд ва бо мақсади интиқоли дониш онҳоро таҳия кардаанд, на бо мақсади дигар) машғул шавад, дар тафаккури худ ду-се консепсияи илмию назариявии аслиро метавонанд ҷойгир намоянд. Ё ин ки ин вақтро метавонанд ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ сарф намояд. Мутаассифона, талафоти вақт дар шароити имрӯза яке аз сабабҳои асосии зиёд шудани буҳронҳо мегардад. Олими англис А.Смит ҳанӯз дар асри XVIII дар таълимоти худ исбот намуда буд, ки талафоти вақт яке аз сабабҳои рӯ ба таназзул ниҳодани иқтисодиёти миллӣ мебошад[1].

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, дар ҳар як ҷомеа ҷонибдорон ва мухолифони шабакаҳои иҷтимоӣ мавҷуданд. Онҳое, ки зарару зиёни шабакаҳои иҷтимоиро дарк накардаанд, ҷонибдорони ин гуна шабакаҳо мебошанд. Ғайр аз ин, ҷонибдорони ашаддии шабакаҳои иҷтимоӣ нафароне ҳастанд, ки дар зиндагӣ ва фаъолият мақсади мушаххаси касбӣ надоранд. Антропологи фаронсавӣ Гюстав Лебон иброз намуда буд, ки «Онҳое, ки манфиатҳои дарозмуддати худро дар муқобили манфиатҳои якрӯзаю дурӯзаи худ қарор медиҳанд ва барои амалӣ гардонидани манфиатҳои дарозмуддати худ мақсад қабул намуда, амал карданро сар мекунанд, аллакай ба дастоварди бузурге ноил шудаанд»[2]. Донишманди амрикоӣ Мортимер Адлер бошад иброз медорад, ки «дастоварди асосии ман дар зиндагӣ ин аст, ки ман медонам чиро намедонам ва чаро намедонам. Чунин ҳолат имкон медиҳад, ки ман барои ислоҳи вазъият кӯшиш намоям»[3]. Бо назардошти ду иқтибоси овардашуда гуфтан мумкин аст, ки онҳое, ки манфиатҳои дарозмуддат надоранд ва норасогиҳои касбии худро дарку эътироф накардаанд, мухлисони ашаддии шабакаҳои иҷтимоӣ мебошанд. Баръакс олим, омӯзгор, зиёӣ ва умуман корманде, ки мехоҳад дар оянда

[1] Ниг.: Смит, А. Исследование о природе и причинах богатства народов [Текст] / Пер. с англ. – М.: Эксмо, 2020. – 1056 с.
[2] Лебон, Г. Психология народов и масс [Текст] / Пер. с фр. –М.: Изд-во АСТ, 2019. – 384 с.
[3] Адлер, М. Как читать книги. Руководство по чтению великих произведений [Текст] / Пер. с англ. 8-е изд. –М.: Манн, Иванов и Фербер, 2021. – 336 с.

мутахассиси хуб бошаду донишу малакаҳои худро такмил диҳад, ҳеҷ гоҳ шабакаҳои иҷтимоиро заминаи ташаккули донишҳои касбии худ интихоб намекунад. Зеро дар шабакаҳои иҷтимоӣ дониши системавӣ, илмию назариявӣ вуҷуд надорад. Он ҷо макони паҳншавии иттилооти манипулятивӣ ва иттилооти хабарӣ асту бас.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи фоида ва зарари шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ нишон медиҳад, ки пурра аз истифодаи интернет даст кашидан номумкин аст. Зеро дар шароити ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ ва тавсеаи технологияҳои зеҳни сунъӣ истифодаи интернет ба монанди истифодаи қувваи барқ аст. Чи гунае, ки қувваи барқ барои истифодаи дастгоҳҳои электрикӣ зарур аст, интернет низ барои истифодаи зеҳни сунъӣ ногузир мебошад. Яъне, бе истифодаи шабакаи интернет мавриди истифода қарор додани зеҳни сунъӣ ғайриимкон аст. Ғайр аз ин, дар шароите, ки зарурати истифодаи интернет бебаҳс аст, масъалаи таъмини амнияти иттилоотию идеологии ҷомеа хеле мубрам мешавад. Зеро дар шароити тавсеаи технологияҳои иртиботӣ василаҳои иттилоотӣ аз ҷониби неруҳои тахрибкор дар ҷангҳои иттилоотӣ васеъ истифода мешаванд. Аз ин рӯ, баланд бардоштани фарҳанги иттилоотии ҷавонон, ба донишомӯзӣ ҷалб карда тавонистани онҳо, ташаккули мафкураи танқидӣ, шинохти иттилооти зарурӣ аз нозарур, дониши босифат аз бесифат кафили ҳимояи ҷомеа аз таҳдиду хатари шабакаҳои иҷтимоӣ мебошанд.

# БОБИ IV
# ДУРНАМОИ ТАЪМИНИ СУБОТИ СИЁСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗА

## 4.1. Мафкурасозӣ ва амнияти идеологӣ – заминаи муҳимми таъмини суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз асри XIX сар карда то инҷониб таҳдиду хатари набардҳои идеологӣ инсониятро ба мушкилиҳои гуногун дучор намудаанд. Айни замон ҳамаи омилҳои бесуботкунандаи ҷомеа зери таъсири таҳдидҳои идеологӣ пайдо мешаванд. Дар шароити имрӯза аз ҳама бештар идеологияи радикализми исломӣ хавфу хатарҳои ҷиддиро ба вуҷуд оварда истодааст. Аз ин рӯ, дар раванди шиддатёбии набардҳои идеологӣ барои ҳамаи давлатҳо, бахусус барои давлатҳои тозаистиқлол таъмини амнияти идеологӣ яке аз масъалаҳои мубрам ба шумор меравад. Махсусан, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар солҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ зери таъсири идеологияи радикалистӣ бо ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ рӯ ба рӯ гардид, таъмини амнияти идеологӣ аҳамияти ҳаётан муҳим дошта, кафили рушди минбаъдаи кишвар ба шумор меравад. Таҷрибаи сиёсии кишварҳои олам аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки амнияти идеологӣ омили муҳимтарини таъмини амнияти миллӣ ва кафили рушди минбаъдаи ҷомеа мебошад. Баръакс, дар он ҷомеаҳое, ки бӯҳрони идеологӣ ба амал меояд, рушди соҳаҳо ба мушкилиҳои ҷиддӣ мувоҷеҳ мешаванд. Дар ҷомеаҳое, ки гузариш аз як сохтори ҷамъиятӣ ба сохтори дигар якчанд даҳсола пеш ба амал омадааст (масалан, кишварҳои пасошуравӣ) ва арзишҳои сохтори нав ҳанӯз ҳам аз ҷониби аксарияти шаҳрвандон дар сатҳи зарурӣ дарк нагардидаанд, бӯҳрони идеологӣ ба мушоҳида мерасад. Дар чунин шароит аз байн бурдани бӯҳрони идеологӣ кори саҳл нест. Зеро чи гунае, ки ба сари мардум бор кардани як идеяи нав мушкил аст, аз сари онҳо дур намудани идеяҳои куҳна аз он ҳам мушкилтар мебошад. Чунин воқеиятро дар мисоли

кишварҳои пасошуравӣ, бахусус дар давлатҳои Осиёи Марказӣ ба хубӣ эҳсос кардан мумкин аст.

Ҳарчанд Иттиҳоди Шуравӣ 33 сол қабл аз байн рафта бошад ҳам, дар ҷомеаҳои пасошуравӣ кам нестанд нафароне, ки меҳру муҳаббати худро аз арзишҳои коммунистию сотсиалистӣ ҳанӯз ҳам канда наметавонанд ва дар кору фаъолияти худ онҳоро фаровон истифода мебаранд. Чунин нафарон асосан дар байни насли калонсол бештар во мехӯранд. Аз ҷониби дигар созмонҳо ва ташкилотҳои экстремистию террористӣ ҳамарӯза дар фазои маҷозии интернет, ки макони асосии ҷавонон мебошад, ба тарғибу ташвиқи ғояҳои идеологияи радикалистӣ машғуланд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки идеологияи радикалистӣ, бахусус радикализми исломӣ ба зеҳну шуури ҷавонони кишварҳои Осиёи Марказӣ таъсири зиёд мерасонанд. Зеро аҳолии кишварҳои минтақаи мазкур асосан аз дини ислом пайравӣ мекунанд ва чунин вазъ барои ташкилотҳои экстремистию террористӣ имконияти муносиб ба шумор меравад. Дар чунин шароит таъмини амнияти идеологии кишвар ба яке аз масъалаҳои мубрам табдил ёфта, суботи сиёсии ҷомеа ва рушди минбаъдаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ аз он вобаста мебошад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ, ки ҷомеаҳои пасошуравӣ ба шумор мераванд, зиёд кардани ҷонибдорони сохти конститутсионии давлат ва сохтори ҷамъиятии интихобгардида, дар ин самт ҷоннок намудани фаъолиятҳо ва бо назардошти воқеиятҳои навин ташаккул додани дастгоҳи идеологии давлат, баланд бардоштани симои мароқангези арзишҳои дар конститутсия муқарраргардида, шарҳу тавзеҳи ҳамаҷонибаи онҳо ва нишон додани дурнамои рушди мамлакат дар заминаи арзишҳои мазкур масъалаҳое мебошанд, ки таъмини амнияти идеологии ҷомеа аз ҳалли онҳо вобастагии зиёд дорад.

Таҳлилу таҳқиқи ин масъала нишон дод, ки ҳар як сохтори ҷамъиятӣ, ки дар асоси арзишҳои идеологӣ мавҷудияти худро нигоҳ медорад, дар давраи мавҷудияти худ чаҳор марҳилаи ташаккулёбиро тай менамояд. Марҳилаҳои мазкурро шартан ба таври зерин муаррифӣ кардан мумкин аст:

якум, институтсионализатсияи арзишҳои идеологӣ; дуюм, идеализатсияи арзишҳо дар сатҳи афкори ҷамъиятӣ ва бештар кардани ҷонибдорони онҳо; сеюм, дар сатҳи баланд татбиқ гардидани меъёрҳо ва арзишҳои идеологияи давлатӣ; чорум, ба бӯҳрони навбатӣ дучор шудани арзишҳои идеологӣ. Бояд гуфт, ки зимни таъмини амнияти идеологӣ ба инобат гирифтани марҳилаҳои мазкур хеле муҳим мебошад. Зеро ҳар як марҳилаи ташаккулёбии сохтори ҷамъиятӣ қонуниятҳои худро дорад. Омӯзиши ин масъала дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки дар кишвари мо марҳилаи якум – институтсионализатсия анҷом ёфта, марҳилаи дуюм – идеализатсия (ё худ мафкурасозӣ) оғоз гардидааст. Акнун зарур диниста мешавад, ки барои дар сатҳи баланд татбиқ намудани меъёрҳои сохти конститутсионӣ ва сохтори ҷамъиятӣ бояд ҷонибдорон ва эътиқотмандони онҳо тадриҷан бештар карда шаванд. Чунин корҳоро тавассути дастгоҳи идеологии давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ анҷом додан мумкин аст.

Ҳарчанд идеология ҳамчун низоми ғояҳо ва доктринаҳо ҳанӯз дар аҳди қадим пайдо шуда бошад ҳам, ташаккулёбии босуръати он баъди инқилобҳои буржуазӣ ва пайдоиши давлатҳои миллӣ ба амал меояд. Дар тули ду асри сипаригардида идеологияҳои сиёсӣ се марҳилаи ҷудогонаро паси сар намуданд: якум, идеологизатсия; дуюм, деидеологизатсия; сеюм, реидеологизатсия[1]. Ба ибораи дигар, аввал неруҳои сиёсии ба сари қудратомада ба идеологияи мушаххас такя намуда, онро ҳамчун барномаи сиёсии дарозмуддати худ интихоб кардаанд. Баъд аз оне, ки дар охири асри XIX ва дар нимаи аввали асри XX ҷангҳои идеологӣ шиддат гирифта, боиси ба амал омадани Ҷангҳои якум ва дуюми ҷаҳонӣ шуданд, як гурӯҳ олимон даст кашидан аз идеология ва такя кардан ба арзишҳои умумиинсониро тарғибу ташвиқ менамуданд, ки дар заминаи чунин баррасиҳо консепсияи деидеологизатсия ташаккул ёфта, пайравон ва ҷонибдорони зиёд пайдо намуд. Аммо дигаргуниҳои ҷиддие, ки солҳои 70-80-ум зери таъсири

[1] Ниг.: Гуревич, П.С. Идеологизация и деидеологизация [Текст] / П.С. Гуревич // Философия и культура. – 2014. – № 2. – С. 155-161.

пешрафти илмию техникӣ ба вуҷуд омаданд, як қатор олимонро маҷбур сохтанд, ки пайомадҳои манфии чунин тамоюлотро муайян созанд. Дар натиҷаи чунин пажӯҳишҳо онҳо ба хулосае омаданд, ки барои мутобиқ кардани тафаккури одамон бо шароити навин бояд идеология эҳё карда шуда, нақши он дар ҳаёти ҷамъиятӣ баланд бардошта шавад. Аз он давра сар карда эҳёи идеология ва ба талаботи давру замон ҷавобгӯ гардонидани он ҳамчун раванди «реидеологизатсия» номида мешавад. Чи гунае, ки мушоҳида кардан мумкин аст, дар шароити имрӯза давлат бе идеологияи сиёсӣ манфиатҳои худро дар сатҳи зарурӣ ҳимоя карда наметавонад. Бахусус дар шароити рушди босуръати ТИИ ва зери таъсири ҳуҷумҳои иттилоотӣ қарор гирифтани афкори ҷамъиятӣ ба роҳ мондани фаъолияти идеологӣ, ташаккули дастгоҳи идеологии давлат ва таъмини амнияти идеологии кишвар хеле муҳим мебошад.

Зарурати идеологияро, пеш аз ҳама, бо назардошти мазмуну мундариҷаи он асоснок кардан мумкин аст. Олими рус К.Ю. Мочар андешаҳои олимону донишмандони зиёдро таҳлилу таҷзия намуда, нишонаҳои асосии идеологияро ба таври зерин муайян кардааст:

– омили самтдиҳандаи рафтори одамон ва асоси мантиқию психологии низоми идоракунии сиёсӣ;

– низоми ғояҳо, андешаҳо, шиорҳо, барномаҳои сиёсӣ ва консепсияҳои фалсафие, ки тавассути онҳо муносибати одамон бо ҳамдигар ва бо муҳити ҷамъиятӣ асоснок карда мешаванд ва баҳогузорӣ мегарданд, инчунин манфиатҳои ҷомеаҳо, синфҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ ифода меёбанд;

– маҷмуи принсипҳо, меъёрҳо ва қоидаҳое, ки барои муайян кардан, ташаккул додан ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ истифода мешаванд[1].

Сиёсатшиноси амрикоӣ С.Хантингтон изҳор медорад, ки ҳамаи идеологияҳо дар Ғарб пайдо шудаанд ва ҳамаи динҳо дар Шарқ[2]. Бо

[1] Ниг.: Мочар, К.Ю. Идеология как созидающая сила общества [Текст] / К.Ю. Мочар // История и современность. – 2019. –№4. –С.79.
[2] Ниг.: Хантингтон, С. Столкновение цивилизаций [Текст] / Пер. с англ. –М.: Изд-во АСТ, 2017. – 576 с.

андешаҳои мазкур аз лиҳози хусусияти динӣ доштани идеология розӣ шудан номумкин аст. Зеро вобаста ба мавқеи дин дар ҳаёти ҷамъиятӣ идеологияҳои динӣ, дунявӣ ва атеистиро аз ҳамдигар ҷудо кардан мумкин аст. Зеро дар шароити имрӯза кам нестанд давлатҳое, ки идеологияи динӣ доранд. Ҳатто дар баъзе давлатҳо идеологияи радикализми исломӣ таҷриба мешавад. Аммо идеологияи атеистӣ низ мавҷуд буд. Агар С.Хантингтон мегуфт, ки ҳамаи идеологияҳои дунявӣ дар Ғарб пайдо шудаанд, шояд дуруст мебуд. Ба ҳар ҳол, амалияи сиёсию ҷамъиятӣ ва таҷрибаи таърихӣ собит намуд, ки идеологияи дунявӣ нисбат ба шаклҳои канории он (манзур идеологияҳои теократию атеистӣ аст) афзалияти бештар доштааст. Зеро дар шароити интихоб кардани принсипи дунявият ҳеҷ дин инкор намешавад ва ҳеҷ гуна дин афзалият дошта наметавонад. Дар чунин шароит пайравӣ кардан ё накардан аз дину мазҳаб ҳуқуқи истисноии инсон муқаррар мегардад ва чунин озодӣ аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад. Дар маркази чунин идеология инсон, шаъну шарафи ӯ, ҳуқуқу озодиҳои истисноии вай қарор дода шудаанд. Ин навъи тафаккур натиҷаи рушди назарияҳои илмӣ, тафаккури мантиқӣ ва ба сатҳи баландтар баромадани ақлу хирад мебошад.

Идеология барои ҳар як давлат барномаи умумимиллие мебошад, ки аз маҷмуи ғояҳо, идеалҳо, меъёрҳо ва арзишҳо иборат буда, барои таъмини рушду инкишофи соҳаҳои гуногун ва таҳкими пояҳои истиқлолияти миллӣ истифода бурда мешавад. Бинобар ин, ҳеҷ як давлат бе идеологияи сиёсӣ наметавонад, ки шаҳрвандони кишварро муттаҳид созад. Зеро муттаҳид кардану ба самти муайян сафарбар намудани ҷомеа яке аз вазифаҳои муҳимтарини идеологияи сиёсӣ маҳсуб меёбад.

Бояд гуфт, ки дар илмҳои сиёсии замони муосир идеологияҳои консерватизм, либерализм, коммунизм, фашизм, миллатгароӣ ва шаклҳои омехтаи онҳо ба мисли идеологияҳои сотсиал-демократӣ, миллӣ-демократӣ ва ғайраро муайян кардаанд. Ғайр аз ин, шаклҳои мураккаби он низ ба таври идеологияи гибридӣ (омехта) ба мушоҳида мерасанд. Масалан, дар

Ҷумҳурии Халқии Хитой айни замон соҳаи сиёсат хусусияти коммунистӣ, соҳаи иқтисодиёти ин кишвар хусусияти либералӣ ва соҳаи фарҳанг ва маънавиёташ хусусияти миллатгароӣ ва консервативӣ доранд. Ба гуногунрангии идеологӣ нигоҳ накарда, унсурҳои таркибии ҳар як идеология ҳамчун системаи арзишҳо ва идеалҳо барои нигоҳ доштани мавҷудияти хеш мубориза мебарад. Дар чунин маънӣ идеологияҳои дунявӣ ҳамчун системаи худташаккулёбандае мебошанд, ки: якум, ҳамчун дастовард маҳсули тафаккури инсонӣ аст; дуюм, нишонаи тамаддун аст; сеюм, барои бақои худ мубориза мебаранд. Дар ин ҷо ҳаёти идеологӣ агар дар доираи қонуниятҳои назарияи эволютсионии Ч.Дарвин таҳлил гардад, пас гуфтан мумкин аст, ки «идеологияҳои тавоно ва қудратманд дар амалияи сиёсӣ боқӣ мемонанд, идеологияҳои заиф аз амалияи ҷамъиятӣ нест мешаванд». Чунин тамоюлотро дар асри XX мо мушоҳида кардем. Аввал фашизм ҳамчун идеологияи радикалию иртиҷоӣ аз байн рафт. Сипас коммунизм ҳамчун идеологияи атеистӣ дар амалияи ҷамъиятӣ мавҷудияти худро аз даст дод. Айни замон идеологияҳои теократӣ ва дунявӣ дар набард қарор доранд. Набардҳои идеологӣ шадидтарин муқовиматҳои таърихи инсоният маҳсуб меёбанд. Аксари низоъҳое, ки дар тули ду қарни гузашта ба амал омадаанд, зери таъсири набардҳои идеологӣ рух додаанд. Дар шароити имрӯза низ мушоҳида кардан мумкин аст, ки набардҳо байни идеологияи дунявӣ ва теократӣ чи гуна сурат мегиранд. Дар ҷабҳаҳои идеологӣ миллатгароии канориро низ дидан мумкин аст, ки хавфу хатари таҳдидҳои идеологиро боз ҳам бештар месозанд. Ҳам идеологияи дунявӣ ва ҳам идеологияи теократӣ то андозае таҳмили фарҳанги бегонаи миллиро дар худ нигоҳ медоранд. Дар чунин шароит таъмини амнияти идеологӣ, бахусус ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ, маънавиёт, хотираи таърихӣ, худшиносии миллӣ хеле мубрам мегарданд.

Бояд иқрор шуд, ки дар набардҳои идеологӣ музаффарият насиби он ҷонибе мешавад, ки арзишҳои таркибии хешро дар заминаи дастовардҳои илму техника ташаккул медиҳад ва марҳила ба марҳила худро ба замона

мувофиқ месозад. Тавоноии идеология дар он зоҳир мешавад, ки то кадом андоза пайравону намояндагони он ба илму дониш такя намуда, то кадом андоза илму донишро барои ҳимояи арзишҳои ҷомеаи худ истифода мебаранд. Сиёсатшиноси ватанӣ С.С. Ятимов дар ин маврид андешаҳои худро ба таври зерин иброз намудааст: «Миллатҳое, ки илму дониш фарогири аксарияти онҳо шуд, дар арсаи ҷаҳон тасаллут пайдо карданд. Аҳволи мардуми хешро беҳбуд бахшиданд. Зиндагии шоиста доранд. На танҳо истифодаи захираҳои табиии оламро ба манфиати худ ба роҳ монданд, балки ақли мардумони бегонаро ҳам мутеи худ гардонданд. Ва баръакс, дар ҷое, ки хурофот ва таассуб аксариятро фарогир шуд, зиёӣ дар ақаллият монд. Сарзамин бо мардумони содаву гумроҳу нодонбачаҳои худ абзори арзони бозиҳои аҷнабиён гардид»[1].

Ҳамзамон, дар таркиби ҳар як идеология принсипҳое ташаккул меёбанд, ки дар заминаи он рушду инкишофи соҳаҳои гуногун, ё рушди ҷомеа ба амал баровварда мешавад. Масалан, барои либерализм чунин принсипи марказӣ идеяи «рақобат» мебошад. Тибқи назарияи либералӣ, дар ҳар соҳае, ки рақобат дида мешавад, дар он соҳа рушду инкишоф низ ба амал меояд. Онҳо рақобати иқтисодӣ, рақобати сиёсӣ, умуман шаклҳои гуногуни рақобатро асоси пешрафти ҷамъиятӣ медонанд. Ташаккулдиҳандагони идеологияи либералӣ муътақиданд, ки рушди сармоядорӣ ва демократия ҳамчун система аз сатҳу сифати амалишавии рақобат вобаста аст. Дар ҷомеае, ки яке аз соҳаҳои он, ё ҳамаи соҳаҳои ҷамъиятӣ дар асоси идеологияи либералӣ ташаккул ёфта бошад, ҳама гуна омилҳои монеасоз дар самти рақобат аз байн бурда мешавад. Ҷолиби диққат аст, ки тули ду даҳсолаи охир кишварҳои дорои идеологияи либералӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолият ба таҳияи «рейтингҳо» ва ташаккул додани механизмҳои рушди минбаъдаи онҳо машғуланд. Масалан, дар соҳаи маориф рейтинги коллеҷҳо, литсейҳо, донишгоҳу донишкадаҳо, рейтинги

[1] Ятимов, С.С. Дунявият ва амният [Матн] / С.С. Ятимов // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – 2022. –№ 2 (2). –С.34.

донишҷӯён, омӯзгорон ва ғ. дидан мумкин аст. Дар соҳаи илм рейтинги маҷаллаҳои илмӣ, олимон, муҳаққиқон, марказҳои илмию таҳқиқотӣ, пажӯҳишгоҳҳо ва ғ. дидан мумкин аст. Барои хубтару беҳтар кардани рақобат ва дар шароити навин мутобиқ кунонидани он технологияҳои иттилоотӣ ва зеҳни сунъиро ба таври васеъ истифода бурда истодаанд. Барои мисол, пойгоҳҳои иттилоотии «Scopus», «Web of Science», «Springer», «Agris» ва ғайраҳо бо ин мақсад сохта ба истифода дода шудаанд. Дар пойгоҳҳои мазкур рейтинги маҷаллаҳои илмӣ, марказҳои илмию таҳқиқотӣ, нашриёт, олимону муҳаққиқон амалӣ карда мешавад. Ба ҳамин монанд, дар соҳаҳои дигар низ чунин механизмҳои ташаккулдиҳандаи рақобат анҷом дода шудааст. Ғайр аз ин, таҳияи рейтингҳо аллакай дар сатҳи байналмилалӣ низ роҳандозӣ гардида истодаанд, ки аз миқёси ҷаҳонӣ касб намудани идеологияи либералӣ дарак медиҳад. Барои мисол, марказҳои илмию таҳқиқотии кишварҳои ғарбӣ ҳамарӯза ба таҳияи чунин рейтингҳо машғул ҳастанд. Аз ҷумла, рейтинги ҳукумати электронӣ, неруи нарми давлатҳо, рейтинги кишварҳои боамн, рушди инноватсионӣ ва ғ.

Дар таркиби идеологияи коммунистӣ бошад ба сифати меъёри марказӣ идеяи «антагонизм», ё худ «зиддият» ҳамчун омили таъминкунандаи рушду инкишоф баромад менамояд. Дигар арзишҳо дар асосии ин принсип ташаккул дода мешуд. Барои мисол, иҷозат надодани моликияти хусусӣ барои ба вуҷуд овардани зиддият бо сармоядорон, мамнуъ эълон кардани фаъолияти ҳизби дуюм (ҳизби ғайриҳукмрон) барои ба вуҷуд овардани зиддияти сиёсӣ, ҳамаҷониба тарғибу ташвиқ кардани атеизм ба хотири нигоҳ доштани мавҷудияти зиддият дар соҳаи маънавиёт ва ғ. буд. Ба ҳамин монанд, идеологияҳои дигар низ агар ба таври ҷиддӣ таҳлил гарданд, принсипи марказии онҳо муайян карда мешавад. Зеро ҳеҷ як идеология ҳамчун низоми мукаммали арзишҳо, бе чунин унсури системасоз ва низомсоз мавҷудияти худро нигоҳ дошта наметавонад.

Агар масъалаҳои рушди идеологӣ ва таъмини амнияти миллӣ аз ин мавқеъ таҳлилу баррасӣ гарданд, дар навбати аввал як мушкилии асосӣ

ошкор мешавад. Истифодаи арзишҳои як сохтори ҷамъиятӣ (арзишҳои як идеология) дар сохтори ҷамъиятии дигар. Масалан, дар кишварҳои пасошуравӣ, ки ба сохтори демократию сармоядорӣ гузаштаанд, истифода гардидани принсипҳои коммунистӣ чунин ҳолатро пеши назар меоварад.

Ҳамаи кишварҳо дар ин ё он шакл дар давраи гузариш қарор доранд. Аммо бояд муайян кард, ки дар кадом марҳилаи давраи гузариш? Чунин ҳолатро дар асоси таҳлилу баррасии марҳилаҳои ташаккулёбии сохтори ҷамъиятӣ асоснок кардан мумкин аст. Аз таърих ба мо маълум аст, ки инсоният форматсияҳои гуногуни ҷамъиятиро таҷриба кардааст. Мушоҳидаҳо ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳар як сохтори ҷамъиятӣ дар давраи мавҷудияти худ шартан чаҳор марҳилаи ташаккулёбиро аз сар мегузаронад. Барои оне, ки аз лиҳози рушди идеологӣ дар кадом марҳилаи инкишоф қарор доштани давлатҳо нишон дода шавад, марҳилаҳои мазкурро ба таври зерин муаррифӣ кардан мумкин аст:

*Марҳилаи якум – институтсионализатсияи (ниҳодикунонии) арзишҳои идеологӣ.* Ҳар як идеология дар амалияи ҷамъиятӣ аввал ба таври институтсионалӣ пайдо мегардад. Арзишҳо ва меъёрҳои он дар конститутсия, қонунҳо, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатӣ, консепсия ва стратегияҳо ҷойгир карда мешаванд. Аз сабаби оне, ки одамон ба дигаргуниҳои ҳаёти ҷамъиятӣ хеле дер мутобиқ мешаванд, дар раванди риояи меъёрҳои нав мушкилиҳои ҷиддӣ пеш меоянд. Ҳатто дар баъзе кишварҳо мутобиқшавии одамон бо тағйироти ҷамъиятӣ дар натиҷаи ивазшавии наслҳо имконпазир мегардад. Аз ин рӯ, дар ин марҳила аллакай буҳрони идеологиро эҳсос кардан мумкин аст. Эътирофи арзишҳо ва меъёрҳои сохтори ҷамъиятии нав, ки аз идеологияи (идеологияҳои) мушаххас сарчашма мегиранд ва дар кадом дараҷа қарор доштани сатҳу сифати эътирофи арзишҳои мазкур метавонанд аз мавҷудияти буҳрони идеологӣ дарак диҳанд. Дар марҳилаи аввали ташаккулёбии сохтори ҷамъиятӣ одатан буҳрони идеологӣ зери омилҳои зерин ба вуҷуд меояд: якум, ҷонибдорони сохтори ҷамъиятии пештара, ки арзишҳо ва меъёрҳои

сохтори навро қабул надоранд (ҳеҷ набошад ба моҳияти он сарфаҳм рафта наметавонанд, ё эътироф намекунанд, яъне руҳияи консервативӣ доранд); дуюм, неруҳои сиёсие, ки идеологияи радикалистиро тарғибу ташвиқ менамоянд ва бо мақсади аз байн бурдани сохтори ҷамъиятии нав дар байни аҳолӣ ҷонибдорони худро бештар ва ҷонибдорони арзишҳои навро камтар кардан мехоҳанд. Дар чунин шароит аз ҳама бештар радикализми рост (эҳёи сохтори ҷамъиятии чандин аср пеш мавҷуда) ба амнияти идеологии кишвар таҳдид менамояд. Бинобар ин, баъд аз оне, ки дар сатҳи конститутсия, қонунҳо ва ҳуҷҷатҳои сиёсию маъмурӣ арзишҳо ва меъёрҳои сохтори нав пурра ворид карда шуда, риояи он талаб карда мешавад, бояд марҳилаи мафкурасозӣ, аниқтараш бештар кардани ҷонибдорони арзишҳои нав ба роҳ монда шавад.

*Марҳилаи дуюм – идеализатсияи арзишҳои сохти конститутсионӣ дар сатҳи афкори ҷамъиятӣ (мафкурасозӣ).* Марҳилаи мазкур хеле муҳим ва тақдирсоз аст. Аммо анҷом додани он ниҳоят мураккаб ва баъзан ғайриимкон низ мебошад. Марҳилаи мазкурро шартан марҳилаи мафкурасозӣ низ номидан мумкин аст. Зеро баъди институтсионализатсияи меъёрҳо ва арзишҳои сохтори ҷамъиятӣ акнун бештар намудани сафи ҷонибдорони он зарур дониста мешавад. То замоне, ки ҷонибдорони арзишҳо ва меъёрҳои нав аксарияти (бештар аз 75%)-и аҳолиро ташкил надиҳад, марҳилаи мафкурасозиро анҷомёфта шуморидан ғайриимкон аст. Дар ин марҳила давлатро зарур аст, ки дар доираи масъалаҳои сохтумони давлатӣ ба ташаккули дастгоҳи идеологии худ диққати бештар дода, фаъолияти идеологии ниҳодҳои ин дастгоҳро бо талаботи сохтори нави ҷамъиятӣ мутобиқ созад. Барои тезтару нармтар сипарӣ кардани ин марҳила идеологҳои касбӣ зарур меоянд. Бинобар ин, як қатор давлатҳо дар заминаи мактабҳои олии касбии худ дар ин марҳилаи давлатдорӣ ба омода кардани идеологҳои касбӣ машғул шудаанд. Таҷрибаи давлатҳои гуногуни олам нишон медиҳад, ки дар таркиби дастгоҳи идеологии давлат чунин ниҳодҳо ва субъектҳо шомил карда мешаванд: мактабҳои олӣ (омӯзгорон, китобҳои

дарсӣ, барномаҳои таълимӣ, раванди таълим); ниҳодҳои илмӣ (олимон, таҳқиқоти илмӣ, популяризатсияи донишҳои илмӣ); муассисаҳои соҳаи фарҳанг ва табъу нашр; ВАО; оила; ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (ташкилотҳои ҷамъиятӣ, иттиҳодияҳо, ассотсиатсияҳо, созмонҳо ва ғ.); мақомоти ҳокимияти давлатӣ (PR ё робита бо ҷомеа) ва ҳизбҳои сиёсӣ. Ба ибораи дигар, ҳамаи имкониятҳои идеологии мамлакат бояд барои зудтар сипарӣ кардани марҳилаи мафкурасозӣ истифода бурда шаванд. Дастгоҳи идеологии давлат, ки таркиби мураккаби он дар боло номбар гардид, арзишҳои сохтори ҷамъиятиро, ки дар конститутсияи давлат ҷойгир кунонида шудаанд, бояд ҳамаҷониба тарғибу ташвиқ намоянд ва аҳамияти онҳоро барои рушди ояндаи мамлакат ба аҳли ҷомеа шарҳ диҳанд.

*Марҳилаи сеюм* – дар амал татбиқ гардидану дар миқёси васеъ мавриди истифода қарор гирифтани арзишҳо ва меъёрҳои идеологияи давлатӣ. Замоне, ки ҷонибдорони арзишҳои сохтори нав аксариятро ташкил медиҳанд, риояи меъёрҳои он ва дар кору фаъолият мавриди истифода қарор гирифтани арзишҳои мазкур ба амал меояд. Гузашта аз ин, дар ин марҳила таъсири идеологияҳои ғайр ба афкори ҷамъиятӣ ночиз мегардад. Бахусус, таҳдиду хатари идеологияи радикалӣ камтаъсир мегардад. Зеро арзишҳои идеологияи радикалӣ дар назари мардумоне, ки аллакай ба моҳияти сохтори ҷамъиятии худ сарфаҳм рафтаву онро ҳамчун идеали ҷамъиятӣ эътироф кардаанд, дигар мароқангез нестанд. Ҳамаи инро ба инобат гирифта, баланд бардоштани легитимияти арзишҳои идеологиро ҳамчун омили муҳимтарини таъмини амнияти идеологӣ шуморидан мумкин аст.

*Марҳилаи чорум* – ба буҳрони навбатӣ дучор гардидани арзишҳои идеологӣ. Кам нестанд ҳолатҳое, ки зери таъсири омилҳои гуногун боз ҷонибдорони арзишҳо ва меъёрҳои сохтори ҷамъиятӣ кам шудан мегиранд ва барои ба вуҷуд омадани буҳрони идеологӣ замина фароҳам меоваранд. Чунин ҳолатро, пеш аз ҳама, дар раванди баамалоии ҷангҳои идеологӣ, заиф гардидани фаъолияти дастгоҳи идеологии давлат, дар натиҷаи дигаргуниҳои

муҳити берунаи мамлакат, тавассути арзишҳои мазкур ғайриимкон гардидани қонеъсозии талаботи одамон ва соҳаҳои фаъолият мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, дар адабиёти илмӣ сабабҳои гуногуни пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ (ба буҳрон дучор шудани сохтори ҷамъиятии сотсиалистӣ) нишон дода мешаванд, аммо агар масъалаи мазкур бо назардошти марҳилаҳои ташаккулёбии сохтори ҷамъиятӣ баррасӣ шавад, ба осонӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки яке аз сабабҳои асосии он зери таъсири ҷангҳои идеологӣ (тарғибу ташвиқи ғояҳои либералӣ) кам шудани ҷонибдорони арзишҳои сотсиалистӣ мебошад. Чунин тамоюлот, пеш аз ҳама, дар сатҳи номенклатура (роҳбарияти сиёсии Иттиҳоди Шуравӣ) ба амал омада буд, ки ниҳоятан ба пошхӯрии давлат ва аз байн рафтани сохтори ҷамъиятӣ оварда расонид.

Чунин ҳолатҳоро дар мисоли давлатҳои дигар низ нишон додан мумкин аст. Мисоли дигар аз байн рафтани идеологияи миллии давраи Мэйдзи (охири асри XIX ва ибтидои асри XX) дар Ҷопон мебошад. Сохтори ҷамъиятии аз ҷониби Мейдзи ташкилшуда се марҳилаи аввалро, ки дар боло номбар гардиданд, паси сар намуда буд. Аммо солҳои 1930 насли наве, ки давлатро идора менамуд, аз арзишҳои идеологияи миллӣ ва сохтори ҷамъиятии ташаккулёфта хеле дур шуданд ва ниҳоятан чунин ҳолат дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ боиси аз байн рафтани сохтори ҷамъиятии онҳо гардид (*яъне, арзишҳои сохтори ҷамъиятӣ ба буҳрон дучор шуд*)[1].

Аммо агар буҳрони идеологии баамаломада саривақт дарк карда шуда, барои бартараф кардани он чораҳои зарурӣ ва мақсаднок андешида шаванд, пеши роҳи пошхӯрии сохтори ҷамъиятӣ гирифта шуда, мавҷудияти он дар оянда таъмин мегардад. Барои исботи ин фикр низ далелҳои зиёд овардан мумкин аст, аммо бо як далели таърихӣ дар мисоли идеологияи либералӣ, ки дар чандин набарди идеологӣ ва марҳилаи буҳронӣ мавҷудияти худро нигоҳ доштааст, иктифо менамоем. Идеологияи либералӣ дар тули 200 соли

---

[1] Ниг.: Даймонд, Д. Кризис. Каков механизм преодоления кризиса? [Текст] / Пер. с англ. –М.: Изд-во АСТ, 2020. –С.118-161.

охир даҳҳо маротиба ба бухронҳои гуногун рӯ ба рӯ шудааст. Бо назардошти инқилобҳои саноатӣ, ки аз ҷониби сармоядорон ба амал оварда шудаанд, гуфтан мумкин аст, ки он чаҳор маротиба чунин буҳрони ҷиддиро паси сар кардааст.

Бояд гуфт, ки дар давраи зиндагии К.Маркс ва Ф.Энгелс инқилобҳои якум (кашфи муҳаррики буғӣ) ва дуюми саноатӣ (кашфи қувваи барқ) аллакай ба амал омада буданд. Аммо бо ташаббуси сармоядорон, яъне ҳамон буржуазҳо дар асри XX инқилобҳои сеюм (кашфи МЭҲ) ва чоруми саноатӣ (ихтирои интернет ва зеҳни сунъӣ) низ ба амал оварда шуданд. Дар мавриди он, ки шабакаи интернет, зеҳни сунъӣ ва дигар технологияҳои ҷадид барои аз байн бурдани буҳрони сармоядорӣ ба вуҷуд оварда шудааст, ҳеҷ шакку шубҳае вуҷуд надорад. Зеро ба омӯзиши ин масъала зербоби алоҳида бахшида шуда буд ва муайян гардид, ки шабакаҳои иҷтимоӣ ва зеҳни сунъӣ ҳамчун технологияҳои ҷадиди ҷамъоварии иттилооти стратегӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии ширкатҳои истеҳсолӣ истифода бурда мешаванд.

Чи гунае, ки мушоҳида мегардад, бештар намудани ҷонибдорони сохтори ҷамъиятӣ ва баланд бардоштани сатҳи эътирофи қарорҳои сиёсӣ дар шароити имрӯза масъалаҳои ниҳоят ҷиддӣ мебошанд. Зеро рушди ТИИ боиси бештар шудани таблиғи ғояҳои радикалистӣ гардида, ба афкори ҷамъиятӣ мустақиман таъсири манфӣ расонида истодаанд. Бахусус, тарғибу ташвиқи радикализми рост (масалан, радикализми динӣ) таҳдиду хатари бештарро ба вуҷуд оварда истодааст. Пажӯҳишгари ватанӣ М.У. Хидирзода хеле бамаврид қайд намудааст, ки «ҳуҷумҳои идеологӣ пеш аз ҳуҷумҳои ҳарбӣ сар мешаванд. Дар чунин шароит яке аз воситаҳои муҳимми таъмини амнияти идеологӣ ин таҳкими устувории мафкуравии ҷомеа мебошад, ки баҳри пойдории истиқлолияти давлатӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ аҳамияти хосса дорад»[1].

---

[1] Хидирзода, М.У. Амнияти идеологӣ ва моҳияти он дар замони ҷаҳонишавӣ (таҳлили фалсафи сиёсӣ) [Матн] / М.У. Хидирзода. –Душанбе: Дониш, 2024. – С.9.

Аз ҷониби дигар, гузариш аз як сохтори ҷамъиятӣ ба сохтори дигар, яъне дар давраи гузариш қарор доштани кишвар, ба буҳрон дучор шудани низоми таълим, зери таъсири шабакаҳои ичтимоӣ дур шудани ҷавонон аз китобхонӣ ва умуман осебпазир гардидани афкори ҷамъиятӣ ба радикалистону экстремистон шароити мусоид фароҳам овардаанд. Ҳатто тули чанд соли охир зери таъсири ҳуҷумҳои идеологию иттилоотӣ як зумра ҷавонон аз ғояҳои ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ ҷонибдорӣ намуда, ба сафи онҳо пайвастаанд. Роҳи ҳалли ин масъала ва муқовимати шадид нишон додан бо экстремизм ва радикализм аз амнияти идеологии кишвар вобаста мебошад, аммо таъмини амнияти идеологии кишвар аз дараҷаи баланди саводнокии ҷомеа низ вобаста аст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромаду суханрониҳои худ пайваста ҷаҳолату хурофотро маҳкум карда, онҳоро таҳдиди воқеӣ ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон медонанд. Чунончӣ, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар 9-уми марти соли 2024 иброз доштанд, ки «Ҳар қавму миллате, ки дар рафтори он нишонаҳои ҷаҳолату хурофотпарастӣ густариш меёбанд, он миллат аз зиндагии босаодат маҳрум мегардад. ... Хурофот хатарест, ки ба имрӯзу ояндаи Тоҷикистон ва минтақа таҳдиди ҷиддӣ дорад. Борҳо гуфтаам, имрӯз низ баён медорам, ки хурофот ҷаҳолат аст, ҷаҳолат барои миллат танҳо бадбахтӣ меорад»[1]. Воқеан ҳам ҷаҳолату хурофотпарастӣ дар марҳилаи кунунии давлатдорӣ таҳдиди воқеӣ ба амнияти идеологӣ, суботи сиёсӣ ва амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравaнд.

Бояд гуфт, ки паст гардидани дараҷаи саводнокии ҷомеа (зеро саводнокӣ дараҷаҳои гуногун дорад) барои ҳар давлат оқибатҳои ногувор

---

[1] Суханронӣ дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар, 09.03.2024 [Захираи электронӣ]. –URL: https://www.president.tj/event/speeches/37084 (санаи муроҷиат: 15.04.2024)

дорад. Зеро сатҳи саводнокии инсон ба талаботи замонии ӯ таъсиргузорӣ менамояд. Ба ибораи дигар, бо назардошти ташаккулёбии ҷаҳонбинии инсон талаботи ҳаётии ӯ низ тағйир меёбад. Ҳам дар ҳаёти инсони алоҳида ва ҳам дар раванди таърих мушоҳида гардидааст, ки тафаккури инсон се марҳилаи рушдро паси сар менамояд: якум, мифологӣ; дуюм, теологӣ; сеюм, илмӣ. Дар овони кӯдакӣ ҳар нафар дорои тафаккури мифологӣ аст, бинобар ин муҳити атрофро мисли афсона тасаввур мекунад. Дар марҳилаи баъдӣ дар ӯ тафаккури теологӣ ташаккул меёбад. Баъди оне, ки марҳилаҳои гуногуни таълиму тарбияи дунявиро сипарӣ мекунад, дар ӯ тафаккури илмӣ ташаккул меёбад. Таърихи инсоният низ се марҳилаи рушди тафаккурро сипарӣ кардааст. Аз ин ҷост, ки ҷаҳонбинии инсонро низ ба чунин навъҳо ҷудо менамоянд: ҷаҳонбинии мифологӣ, теологӣ ва илмӣ. Таҳлилу баррасии алоқамандии тафаккур бо талаботи одамон нишон медиҳад, ки вобаста ба сатҳу сифати қонеъшавии талаботи шахсони гуногун онҳо нисбат ба воқеиятҳои замона муносибати яксон надоранд. Бинобар ин, муносибати одамон нисбат ба замона ва арзишҳои сохтории он низ гуногун мебошад. Аз ин ҷиҳат одамонро ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

Якум, нафароне, ки барояшон арзишҳо ва идеалҳои замони гузаштаи дур писанд аст. Масалан, асрҳои миёна ва аз он ҳам пештар. Дар ин категория боз нафароне ҳам дохил мешаванд, ки барояшон арзишҳои замони гузаштаи наздик писанд аст. Масалан, барои баъзеҳо давраи шуравӣ. Ба гурӯҳи якуми одамон ба он хотир замони ҳозира писанд несту замони гузашта писанд аст, ки онҳо дар шароити ҳозира бо сабабҳои гуногун, пеш аз ҳама, бинобар сабаби куҳнашавии донишашон, ё бо сабаби дар сатҳи илмӣ қарор надоштани тафаккурашон, наметавонанд, ки талаботи худро дар сатҳи зарурӣ қонеъ созанд.

Дуюм, нафароне, ки барояшон замони ҳозира писанд аст, зеро дар шароити имрӯза қодиранд, ки талаботи худро дар сатҳи зарурӣ қонеъ созанд. Бинобар ин, онҳо исрор менамоянд, ки замони ҳозира хуб аст.

Аммо боз ҳастанд нафароне, ки барояшон на гузашта ва на ҳозира, балки замони оянда идеалӣ аст. Бинобар ин, онҳо ҷонибдори пайдоиши идеяҳо ва арзишҳои нави модернистӣ ҳастанд. Ба гурӯҳи сеюм дар гузаштаи дуру наздик донишмандон, равшанфикрон ва файласуфон дохил мешуданд. Зеро дар таълимоти онҳо ҳама вақт ҷомеаҳои идеалӣ ва утопистӣ (хаёлӣ) пешниҳод карда шудаанд. Чунин таълимот як навъ ояндабинӣ ва орзую омоли онҳо ба шумор меравад, ки ифодагари қонеъ нашудани талаботи онҳо низ дониста мешавад.

Дар умум, барои ҳар як инсон даврае писанд аст, ки дар он талаботи худро қонеъ карда тавонад. Бинобар ин, паст гардидани сатҳи саводнокии ҷавонон, кухнашавии дониш ва аз замона қафо мондани онҳо ва дар маҷмуъ, ба талаботи замона ҷавобгӯ набудани дониши одамон хавфи ҷонибдори радикализми динӣ (арзишҳои замони гузашта) шудани онҳоро бештар месозад.

Сатҳи саводнокии одамон ба сатҳу сифати иҷроиши қарорҳои сиёсӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Агар масъалаи мазкурро бо назардошти қонуниятҳои ташаккулёбии раванди сиёсӣ баррасӣ намоем, қарорҳои сиёсӣ одатан барои ҳалли мушкилиҳои ҷамъиятӣ қабул карда мешаванд. Дар марҳилаҳои якум ва дуюми раванди сиёсӣ мушкилиҳои мавҷудаи ҷомеа муаррифӣ ва баррасӣ мегарданд, дар марҳилаи сеюм сиёсатмадорон (субъектҳои салоҳиятдор) барои ҳалли онҳо қарори сиёсӣ қабул менамоянд, дар марҳилаи чорум амалишавии қарорҳои сиёсӣ аз ҷониби ниҳодҳои маъмурӣ таъмин карда мешаванд ва ниҳоятан дар марҳилаи панҷуми раванди сиёсӣ ниҳодҳои махсус иҷроиш ва амалишавии қарорҳои қабулшударо баҳогузорӣ мекунанд[1]. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки иҷроиши қарори сиёсӣ (масалан, риояи қонунҳо, зеро қонун қарори сиёсӣ аст) замоне дар сатҳи баланд таъмин мегардад, ки агар шаҳрвандони кишвар ба моҳияти онҳо сарфаҳм раванд ва зарурати онро дарк кунанд. Бояд гуфт,

---

[1] Ниг.: Решетников, С.В. Теория принятия политических решений: функциональный подход [Текст] / С.В. Решетников, Т.С. Решетникова. –Минск: ТетраСистемс, 2012. –240 с.

ки сарфаҳм рафтану дарк намудани мақсад ва вазифаҳои қарор ҳанӯз анҷоми кор нест. Инчунин зарур аст, ки қарорҳои мазкур аз ҷониби шаҳрвандон эътироф карда шаванд. Маҳз дар чунин шароит дар сатҳи паст қарор доштани саводнокии одамон аз як ҷониб ва тарғибу ташвиқи ғояҳои радикализми динӣ аз ҷониби дигар дар самти амалишавии қарорҳои сиёсӣ монеа эҷод мекунанд. Бинобар ин, таҳдидҳои идеологиро таҳдид ба суботи сиёсӣ номидан мумкин аст. Зеро суботи сиёсӣ категорияи динамикӣ ба шумор рафта, ҳамчун ҳолат ифодагари вазъи иҷроиш ва амалишавии қарорҳои сиёсӣ бояд баҳогузорӣ гардад. Дар ҳар як ҷомеа аввал суботи сиёсӣ халалдор мегардад ва сипас бетартибиҳои сиёсӣ сар мезанад. Дар адабиёти илмӣ халалдор гардидани суботи сиёсиро аз рушди нокифояи ниҳодҳои сиёсӣ вобаста медонанд[1]. Бо чунин тарзи баррасии масъала замоне метавон розӣ шуд, ки агар дар ҷомеа намояндагони тафаккури илмию назариявӣ аксариятро ташкил дода бошад. Аммо дар ҷомеае, ки сиёсатмадорон қарорҳои сиёсиро дар асоси хулосаҳои илмию таҳқиқотӣ қабул мекунанду намояндагони тафаккури илмию назариявӣ аққалиятро ташкил медиҳад, баланд бардоштани сатҳи донишу ҷаҳонбинии одамон роҳи ҳалли масъала ба шумор меравад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти омилҳои маконию замонӣ ҳифзи суботи сиёсӣ аз таъмини амнияти идеологӣ, тағйирёбии мафкураи ҷомеа ва бештар шудани ҷонибдорони арзишҳои сохти конститутсионии давлат вобаста аст. Зеро дар натиҷаи пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сохтори коммунистию сотсиалистӣ ба сохтори демократию сармоядорӣ ворид гардид. Тибқи Конститутсияи мамлакат Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ мебошад. Мутаассифона, дар сатҳи афкори ҷамъиятӣ ва мафкураи мардум ташаккул додани арзишҳои сохти конститутсионӣ ва бештар кардани ҷонибдорони онҳо кори хеле мушкил аст. Дар ин самт агар масъалаи тағйир додани

[1] Ниг.: Хантингтон, С. Политический порядок в меняющихся обществах [Текст] / Пер. с англ. – М.: Прогресс-Традиция, 2004. – С.27.

мафкура мушкилӣ эҷод намояд, аз ҷониби дигар ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ва технологияҳои иттилоотӣ идеологияи радикалистиро тарғибу ташвиқ мекунанд. Аз ин рӯ, дар марҳилаи кунунии давлатдорӣ таҳдиду хатарҳои идеологӣ ба низоми давлатдорӣ, ба суботи сиёсии кишвар, самаранокии идоракунии давлатӣ, риояи қарорҳо ва қонунҳо таъсири манфӣ мерасонанд.

Ҳама гуна иттилооте, ки барои коҳиш додани симои мароқангези арзишҳои сохтори ҷамъиятӣ равона мешаванд, таҳдидҳои идеологӣ ба шумор мераванд. Инчунин кӯшиши ба идеали ҷамъиятӣ табдил додани унсурҳои ҷудогонаи фарҳанги бегона низ таҳдидҳои идеологӣ мебошанд. Бо роҳи фиреб ба сари мардум бор кардани ғояҳои идеологияи ғайридавлатӣ низ таҳдидҳои идеологӣ ҳастанд. Аммо коҳиш ёфтани иқтидори дастгоҳи идеологии давлату ҷомеа, аз ҷониби онҳо бо сабабҳои гуногун ва зери таъсири омилҳои мухталиф дар сатҳи зарурӣ иҷро нагардидани вазифаҳои идеологӣ таҳдид ба амнияти идеологии кишвар бояд дониста шаванд. Чи гунае, ки мушоҳида кардан мумкин аст, таҳдидҳо ба амнияти идеологӣ аз таҳдидҳои идеологӣ тафовут доранд ва бояд бо ҳам омехта карда нашаванд. Ба ибораи дигар, амнияти идеологӣ ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои ҳаётан муҳимми кишвар аз таҳдидҳои идеологӣ мебошад. Аммо ба худи амнияти идеологӣ таҳдидҳо аз соҳаҳои дигар бармеоянд. Аз ин рӯ, чи қадаре, ки амнияти идеологӣ дар сатҳи баланд қарор дошта бошад (яъне, чи қадаре, ки ниҳодҳои дастгоҳи идеологӣ вазифаҳои худро хубтару беҳтар иҷро намоянд), ҳамон қадар таъсири таҳдидҳои идеологӣ камтар карда мешаванд. Чунин ҳолатро ба инобат гирифта, гуфтан мумкин аст, ки амнияти идеологии кишварҳои олам дар дараҷаҳои гуногун қарор дорад ва таҳдидҳои идеологӣ низ ба амнияти миллии онҳо таъсири якхела надоранд. Аз ин рӯ, мафкурасозӣ ва амнияти идеологӣ дар марҳилаи кунунии давлатдорӣ кафили суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбанд.

Хулоса, ҳар як сохтори ҷамъиятӣ, ё худ идеологияи давлатӣ дар давраи мавҷудияти худ чаҳор марҳилаи ташаккулёбиро аз сар мегузаронад. Дар ҳар

яке аз ин марҳилаҳо таъмини амнияти идеологӣ хусусиятҳои хос доранд. Аммо марҳилаҳои дуюм ва чорум тақдирсоз мебошанд. Зеро дар марҳилаҳои мазкур сохтори ҷамъиятӣ метавонад мавҷудияти худро аз даст диҳад. Дар марҳилаи дуюм, ки мафкурасозӣ номида мешавад, бояд ҷонибдорони арзишҳои идеологияи давлатӣ бештар карда шавад, вагарна идеологияҳои ғайр метавонанд онро ба буҳрони шадид дучор намоянд ва дар дохили кишвар бетартибиҳои сиёсиро ташкил кунанд. Дар марҳилаи чорум бошад зери таъсири омилҳои гуногун айни чунин воқеа, яъне ба буҳрон дучор шудани арзишҳои идеологияи ҳукмрон ба вуҷуд меояд. Дар марҳилаи чорум бартараф кардани буҳрон ягона воситаи нигоҳ доштани сохтори ҷамъиятӣ ба шумор меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори ҷамъиятӣ марҳилаи якумро сипарӣ намуд ва мамлакат ба марҳилаи дуюм, яъне раванди мафкурасозию бештар кардани ҷонибдорони арзишҳои идеологияи давлатӣ ворид шуд. Дар ин марҳилаи тақдирсоз беҳтар сохтани симои мароқангези арзишҳои идеологии кишвар ва ба идеали ҷамъиятӣ табдил додани онҳо масъалаҳои меҳварии таъмини амнияти идеологии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд ва кафили суботи сиёсии ҷомеа ба шумор меравconfigured.

## 4.2. Вазъи амнияти идеологӣ ва суботи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Чи гунае ки дар зербоби қаблӣ ишора гардид, Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ истиқлолияти сиёсӣ ба даст оварда, тадриҷан аз сохтори сотсиалистӣ ба сохтори сармоядорӣ ворид гардид. Дар ин раванд идеологияи коммунистӣ мавқеи роҳбарикунандаи худро аз даст дода, идеологияи давлатдории миллӣ бо унсурҳои либералӣ ҷойгузини он шуд. Дар шароити давлатдории навин дар амалияи ҷамъиятӣ ҷорӣ кардани принсипҳои демократӣ, дунявӣ ва иқтисоди бозаргонӣ таҷрибаи нав буд. Зеро мардумони кишварҳои Осиёи Марказӣ, бахусус сокинони Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар замони гузашта ҳеҷ гоҳ дар шароити давлати демократӣ, дунявӣ ва сармоядорӣ кору фаъолият накарда буданд. Аз ин рӯ, дарки моҳияти сохтори нави ҷамъиятӣ барои мардум чандон осон набуд. Ин буд, ки аҳолии мамлакат, бахусус насли калонсол, ки солҳои тӯлонӣ дар фазои идеологияи коммунистӣ кору фаъолият намудаанд, арзишҳои идеологияи нави сохтори ҷамъиятиро ба пуррагӣ дарк намекарданд. Маҳз дар чунин шароит дар як муддати кӯтоҳ радикалистони исломӣ тавонистанд, ки аз минтақаҳои гуногуни кишвар рӯҳониён ва қисме аз шаҳрвандони эътиқодмандро ба ҷониби худ ҷалб созанд. Фаъолони ин гуна ҳаракатҳои сиёсӣ ба осонӣ зери таъсир ва идораи субъектҳои хориҷӣ қарор гирифта буданд. Онҳо мақсад доштанд, ки сохтори ҷамъиятии теократӣ ташкил намоянд. Аммо дар дохили мамлакат, бахусус дар сатҳи роҳбарияти давлат аксари одамон ҷонибдори ғояҳои теократӣ набуданд. Чунин парокандагии идеологӣ боис гардид, ки дар мамлакат ҷанги шаҳрвандӣ сар занад. Ҳукумати мамлакат кӯшиш менамуд, ки дурнамои рушди кишвар дар асоси ғояҳои дунявият, демократия, сармоядорӣ, ҳуқуқбунёдӣ ва ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ муайян карда шавад. Аммо радикалистони исломӣ барои амалишавии ин гуна барномаҳои сиёсӣ ба таври сунъӣ монеа эҷод мекарданд ва ғояҳои худро дар миқёси мамлакат тарғибу ташвиқ менамуданд. Онҳо низ дастгоҳи идеологӣ ва минбарҳои тарғиботии худро доштанд. Мутаассифона, дар мамлакат солҳои аввали ба даст овардани истиқлолият аз замони Шуравӣ дастгоҳи идеологие ба мерос монда буд, ки дар шароити навин корношям менамуд, ва дастгоҳи идеологии мувофиқ ба сохтори нави ҷамъиятӣ ҳанӯз шакл нагирифта буд. Чунин вазъро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асари худ «Уфуқҳои истиқлол» хеле бамаврид таъкид кардаанд. Президенти мамлакат қайд намудаанд, ки: «Баъзе неруҳои сиёсӣ талош намуданд, ки сохти дунявии давлатдориро ҳамчун давлати динситез маънидод карда, ба ин восита мардуми мусулмони Тоҷикистонро дар муқобили давлат қарор диҳанд, ки он мавқеи сирф сиёсии

онҳо буд. Хусусан тайи фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ масъалаи аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бардоштани мафҳуми «дунявӣ» яке аз муҳимтарин ва тӯлонитарин баҳсҳои ҷонибҳо буд. Ҳудуди 30 ҷаласаи кории ин ниҳод танҳо дар атрофи ҳамин масъала доир шуд. Вале мо исрор доштем, ки интихоби таърихии мардуми Тоҷикистон бояд дар Конститутсияи кишвар боқӣ монад, зеро сохти давлатдории дунявӣ ҳаргиз моҳияти зиддидинӣ надошта, баръакс, ҷиҳати рушди озодонаи дин ва татбиқи дурусти асли озодии виҷдон барои ҳамаи шаҳрвандон шароити мусоид фароҳам меорад»[1].

Баъди ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ марҳилаи ниҳодикунонии сохтори ҷамъиятии давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ тақвият ёфт. Гуфтан мумкин аст, ки тахминан то солҳои 2010 раванди либерализатсияи қонунҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ то сатҳи зарурӣ анҷом ёфт. Дар заминаи арзишҳо ва меъёрҳои сохтори нави ҷамъиятӣ таҳия ва қабули санадҳои зарурии соҳаҳои ҳаётан муҳимми ҷамъиятӣ анҷом дода шуд. Аммо аз нуқтаи назари таъмини амнияти идеологӣ ва дар самти бештар намудани ҷонибдорони арзишҳои сохтори нави ҷамъиятӣ дар ин давра мушкилиҳои навбатӣ пеш омаданд. Дар ин муддат агарчанде масъалаи камранг гардидани арзишҳои идеологияи коммунистӣ бо иваз шудани наслҳо ба таври объективӣ ҳалли худро пайдо карда бошад ҳам, мутаассифона, зери таъсири паҳншавии терроризми байналмилалӣ тарғибу ташвиқи ғояҳои идеологияи радикалистӣ доман паҳн намуд. Авҷгирии радикализми исломиро, пеш аз ҳама, дар мисоли воқеаҳои кишварҳои Ховари Миёна ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон асоснок кардан мумкин аст.

Айни замон рушди василаҳои иттилоотию иртиботӣ ба радикалистони исломӣ имконият дода истодаанд, ки онҳо ғояҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва террористии худро дар муқобили сохти конститутсионии

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои истиқлол [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. –Душанбе: Ганҷ Нашриёт, 2018. – С.16-17.

давлат равона кунанд. Онҳо кӯшиш карда истодаанд, ки ғояҳои мазкурро дар самтҳои гуногун тарғибу ташвиқ намуда, ҷонибдорони идеологияи худро бештар созанд. Мушоҳидаҳо ва оморҳои расмӣ нишон медиҳанд, ки тарғиби ғояҳои экстремистӣ ва радикалистӣ ба зеҳну шуури аҳолии мамлакат таъсири ҷиддӣ расонида, боиси ба сафи онҳо пайвастани ҷавонон гардидаанд. Идома пайдо кардани ин тамоюлот барои кишвар оқибатҳои нохуб дошта метавонад. Замоне, ки ҷонибдорон ва пайравони идеологияи радикалистӣ бештар мешавад, хавфи аз давлати дунявӣ ба давлати теократӣ табдил ёфтани кишвар ба амал меояд. Дар чунин шароит эҳтимоли бештар гардидани ячейкаҳои хуфтаи террористӣ низ ба амал меояд. Ҳукмрон гардидани идеологияи радикалистие, ки хусусияти архаистӣ дорад ва ҷомеаи кишварро аз равандҳои мутамаддин канда месозад, метавонад мавҷудияти миллати тоҷикро зери суол барад. Имрӯзҳо мушоҳида мегардад, ки ҳукмрон гардидани идеологияи радикалистӣ дар Афғонистон чи гуна мардуми ин кишварро паҳну парешон ва сарсону саргардон намудааст.

Ин ва дигар ҳолатҳои бо ин масъалаҳо алоқаманд имконият медиҳанд, ки идеализатсияи арзишҳои сохти конститутсионӣ ва сохти ҷамъиятиро дар марҳилаи кунунии давлатдории миллӣ шарти асосии таъмини амнияти идеологии кишвар ва омили муҳимтарини таъмини суботи сиёсӣ муаррифӣ намоем. Бояд гуфт, ки идеализатсияи арзишҳои идеологӣ, ё худ мафкурасозӣ ва бештар кардани ҷонибдорони онҳо имкон медиҳад, ки сатҳи истифодаи арзишҳои сохти пешинаи ҷамъиятӣ ва ҷонибдории ғояҳои радикалистӣ коҳиш дода шавад.

Пеш аз оне, ки мафкурасозӣ ҳамчун марҳилаи навбатии рушди сохтори ҷамъиятӣ ва шарти муҳимтарини таъмини амнияти идеологӣ эътироф шавад, аввал идеологияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд муайян гардад. Пас, дар чунин маврид саволе пайдо мешавад, ки идеологияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро кадом арзишҳо ташкил медиҳанд? Дар заминаи омӯзиш, таҳлилу баррасӣ ва ба инобат гирифтани нишонаҳои асосии идеологияҳои сиёсии замони муосир гуфтан мумкин аст, ки идеологияи

Тоҷикистони муосирро идеологияи «миллӣ-либералӣ» ташкил медиҳад. Зеро ҳамаи нишонаҳои идеологияи либерализм дар сатҳи санадҳои меъёрию ҳуқуқии давлат дарҷ ёфтаанд. Хусусияти миллӣ доштани идеологияи Тоҷикистон дар ҳифзи хотираи таърихӣ, ташаккули ҳувияти миллӣ, эҳёи арзишҳои фарҳангӣ, бедор кардани худшиносии миллӣ, ташаккули давлатдории миллӣ ифода меёбад. Аз ин рӯ, соҳаи сиёсат, иқтисодиёт ва иҷтимоиёт хусусияти либералӣ ва соҳаи фарҳангу маънавиёт хусусияти миллӣ (консервативӣ) дорад.

Яке аз нишонаҳои идеологияи либералӣ дар соҳаи сиёсат ин мавҷудияти рақобати сиёсӣ мебошад, ки идеяҳои плюрализми сиёсӣ ва бисёрҳизбӣ барои татбиқи он пешбинӣ шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ тибқи муқаррароти Конститутсия ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» иҷозат дода шудааст. Гузашта аз ин, дар ҳаёти сиёсии кишвар айни замон ҳафт ҳизби сиёсӣ фаъолият менамоянд. Ҳанӯз, 4-уми декабри соли 2009 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар маҷлиси ғайринавбатии Шурои ҷамъиятӣ иброз дошта буданд, ки «бисёрҳизбӣ воқеияти ҳаёти имрӯзаи мо буда, барои ташаккулёбии ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд мусоидат мекунад. Бисёрҳизбӣ, ки талаботи ҷомеаи имрӯзаи шаҳрвандӣ мебошад, бештар ба арзишҳои умумимиллӣ ва равандҳои демократии ҷаҳони муосир такя намуда, воситаи муҳимми пешгирӣ аз зуҳуроти авторитаризм ва волюнтаризм маҳсуб меёбад»[1].

Ба ҳамин монанд, тақсими ҳокимияти давлатӣ ба се шоха, баргузор гардидани раъйпурсиҳои умумихалқӣ, гузаронидани интихоботи парлумонию президентӣ, кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, пеш аз ҳама, ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ, озодии сухан, озодии виҷдон низ арзишҳои идеологияи либералӣ мебошанд, ки ҳамаи онҳо дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида, кафолат дода

[1] Суханронӣ дар ҷаласаи ғайринавбатии Шӯрои ҷамъиятӣ [Захираи электронӣ]. –URL: http://president.tj/node/2426 (санаи муроҷиат: 16.07.2022)

шудаанд. Дар моддаи 1 Конститутсияи кишвар ба таври умумӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ низ эълон гардидааст, ки онҳо низ арзишҳои идеологияи либералиро ташкил медиҳанд. Инчунин дар моддаи 1 Конститутсияи кишвар Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, ягона ва иҷтимоӣ низ эълон гардидааст. Соҳибихтиёрӣ ҳамчун ифодаи истиқлолият ва мустақилият рамзи давлатдории миллист. Ягонагии давлат ҳамчун рамзи миллати воҳид, соҳибфарҳанг, соҳибтамаддун, дорои хотираи таърихӣ ва арзишҳои миллӣ мебошад. Давлати иҷтимоӣ бар пояи арзишҳои инсондӯстӣ, ғамхорӣ ба ниёзмандон, дастгирии қишрҳои осебпазир ва дӯстию бародарӣ, аз ҳама муҳим бо амалишавии ормонҳои миллӣ ва манфиатҳои ҷамъиятӣ асос ёфта, дар таърихи ниёгони тоҷикон шоҳкориҳои беназир дорад. Чунин воқеиятро сиёсатшиноси ватанӣ С.С. Ятимов хеле бамаврид таъкид намудааст. Ба андешаи ӯ, «шаш рукни сохти давлатдорӣ, ки дар боби якум, моддаи якуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидаанд, дар баробари эълони воқеияти ҳуқуқӣ, муайянкунандаи самтҳои идеологии давлат мебошанд»[1].

Дар соҳаи иқтисодиёт бошад кафолат додани ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ ва ҳаққи пеш бурдани фаъолияти соҳибкорӣ нишонаи либерализм мебошад, ки онро ҳамчун капитализм, ё сармоядорӣ низ мешиносанд. Сармоядорӣ ҳамчун унсури иқтисодии либерализм, идеяе мебошад, ки рушди он аз татбиқи рақобат ва ташкили механизмҳои он вобаста аст ва дар пояи иқтисоди бозоргонӣ ба амал бароварда мешавад.

Аз ин рӯ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини амнияти идеологӣ, пеш аз ҳама, хусусияти миллӣ-либералӣ доштани соҳаҳои мушаххас, дар заминаи арзишҳо ва меъёрҳои миллатгароӣ ва либерализм ба амал баровардани рушди онҳо ва безарар гардонидани таҳдиду хатарҳои дар ин самт мавҷуда бояд диққати аввалиндараҷа дода шавад.

---

[1] Ятимов, С.С. Дар бораи як китоби дарсӣ [Захираи электронӣ]. –URL: http://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=46263 (санаи муроҷиат: 08.05.2022)

Қобили зикр аст, ки идеологияи давлатӣ дар хизмати миллат, давлатдории миллӣ ва манфиатҳои миллӣ қарор дода мешавад. Дар самти эъмори давлатдорӣ роҳи интихобнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки принсипҳои асосии онҳо ба таври ниҳодӣ дар Конститутсияи кишвар дарҷ ёфтаанд, ҷиҳати таъмини рушди соҳаҳои мамлакат, ба ҳаёти байналмилалӣ ҳамчун кишвари ташаббускор ва мутамаддин ворид шудани Тоҷикистон ва ҳамқадами замона будани мардум мантиқан дуруст мебошанд.

Гузашта аз ин, ҳеҷ як давлат бе идеология буда наметавонад. Идеяи «ташаккули ҷомеаи беидеология» (яъне, деидеологизатсия) ба мисли он аст, ки одамонро аз фикр кардан боз доранд ва нагузоранд, ки барномаи миллии давлатсозӣ дошта бошанд. Инчунин идеяи мазкур (яъне, ҷомеаи беидеология) лоиҳаи геополитикие мебошад, ки барои «дар ҳолати ист» қарор додани баъзе миллатҳо истифода мешавад. Чунин ҳолатро сиёсатшиноси ватанӣ С.С. Ятимов хеле хуб нишон додааст. Ба андешаи ӯ, «Ташаккули идеология, маънавиёт ва ҷаҳонбинӣ аз самтҳои ҳаётан муҳимми сиёсати давлатдорӣ аст. Аз тарафи дигар, истифодаи истилоҳи идеология набояд боиси нороҳатӣ нисбат ба ифодаи тарзи тафаккур ва шакли муносибат ба маънавиёти ҷомеа бошад. Борҳо таъкид гардид ва бори дигар хотиррасон мегардад, ки истилоҳи деидеологизатсия навъи устувори мафҳуми худи идеология аст. Он барои аз байн бурдани фарҳанги миллӣ ва дидгоҳи сиёсии дар чаҳорчӯби манфиатҳои давлатдорӣ муайянкардаи сохтори сиёсӣ, ба хотири дар мафкураи ҳадафҳои геополитикӣ ҷой кардани ҷаҳонбинии ғаразнок таъин шудааст. Чизи дигар, кашфиёти дигаре нест. Ва буда ҳам наметавонад»[1]. Сиёсатшиноси ватанӣ М.У. Хидирзода ҷанбаҳои назариявию амалии деидеологизатсияро таҳлилу баррасӣ намуда, ба хулосае меояд, ки деидеологизатсия ҳамчун ҷараёни идеологие баромад мекунад, ки меҳвари онро тарғиби арзишҳои идеологияи либерализми ғарбӣ ташкил медиҳад. Сараввал мақсади он аз байн бурдани идеологияи коммунизм буд,

---

[1] Ятимов, С.С. Дунявият ва амният [Матн] / С.С. Ятимов // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – 2022. –№2 (2). – С.20.

баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ бошад, ташкили низоми ҷаҳонӣ бо бартарияти либерализми ғарбӣ, арзишҳо, меъёрҳо ва ғояҳои он маҳсуб меёфт[1]. Дар идомаи хулосарониҳои худ М.У. Хидирзода қайд менамояд, ки «деидеологизатсия устувории худро нигоҳ дошта натавонист, зеро ягон сиёсат бидуни идеология наметавонад пойдор бошад. Идеология ҳамчун василаи татбиқи сиёсат, ифода ва ҳимояи манфиатҳои субъекти сиёсат баромад намуда, аз байн нарафт, балки дар шакли навшуда зуҳур кард ва то имрӯз ин раванд идома дорад»[2].

Бинобар ин, эътироф кардани идеологияи давлатӣ, ташаккул додани он, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани фаъолияти идеологии давлат ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ кафили рушди минбаъдаи мамлакат мебошад. Бо назардошти марҳилаҳои ташаккулёбии сохтори ҷамъиятӣ ва вазъи идеологии замони муосир гуфтан мумкин аст, ки мафкурасозӣ ва ҷоннок намудани фаъолияти дастгоҳи идеологии давлат дар марҳилаи кунунии давлатдорӣ аҳамияти зиёди стратегӣ дорад.

Пеш аз оне, ки амнияти идеологӣ таъмин гардад, дар навбати аввал манфиатҳо ва арзишҳои идеологӣ ба таври мушаххас бояд муайян карда шаванд. Сипас таҳдидҳо ба амнияти идеологӣ ва таҳдидҳои идеологӣ бояд мушаххас карда шаванд. Инчунин зарур ба назар мерасад, ки тафовути байниҳамдигарии таҳдидҳои мазкур муайян гарданд. Масалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамаи кишварҳои пасошуравӣ «дунявият» (секуляризм) арзиши идеологие мебошад, ки унсури муҳимтарини афкори ҷамъиятиро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, рушди дунявият ва ташаккули маданияти дунявӣ дар Тоҷикистон манфиати идеологӣ ба шумор меравand. Дар муқобили ин арзиши идеологӣ тарғибу ташвиқ гардидани ғояи «теократизм» ва ҳамчун ғояи динситез ва атеистӣ муаррифӣ кардани дунявият таҳдидҳои идеологӣ дониста мешаванд. Аммо дар дохили

---

[1] Ниг.: Хидирзода М.У. Идеология ва деидеологизатсия: моҳияти ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ [Матн] / М.У. Хидирзода // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – 2022. –№ 4 (4). –С.175-185.
[2] Ҳамон ҷо. –С.183.

мамлакат ба таври кофӣ тарғибу ташвиқ нашудани дунявият ва дар сатҳи кофӣ қарор надоштани механизмҳои ташаккули маданияти дунявӣ таҳдидҳо ба амнияти идеологӣ мебошанд. Амнияти идеологии ҳар як кишвар ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои ҳаётан муҳимми ҳамон мамлакат аз таҳдиду хатарҳои идеологӣ мебошад. Ба ибораи дигар, замоне ки амнияти идеологӣ таъмин аст, таҳдидҳои идеологӣ камзарар ва безарар мебошанд. Аммо ба худи амнияти идеологӣ ва иқтидори идеологии кишвар таҳдидҳо аз соҳаҳои дигар бармеоянд. Чунин қонуният зимни таъмини амнияти идеологии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бояд ба инобат гирифта шавад.

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқи идеологияи давлатӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашуда буд. Чунин вазъ сабабҳои мушаххаси худро дорад. Якум, баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ паҳн гардидани консепсияи деидеологизатсия (ҷомеаи бидуни идеология) ба амал омад; дуюм, аз як сохтор ба сохтори дигар гузаштани ҷомеа ва дар ҳолати беҳаракатӣ (инертсионӣ) қарор доштани илмҳои ҷамъиятшиносӣ; сеюм, сар задани ҷанги шаҳрвандӣ ва бартараф кардани хисороти он. Бо сабабҳои номбаргардида олимони ватанӣ, бахусус сиёсатшиносон ба омӯзиши идеологияи давлатӣ натавонистанд, ки ба таври ҷиддӣ машғул гарданд. Аммо чи гунае ки маълум аст, ҳамаи давлатҳо дорои идеологияи худ ҳастанд ва дурнамои рушди онҳо дар доираи татбиқи меъёрҳо, ғояҳо ва арзишҳои мушаххас ба амал бароварда мешавад. Аз ин рӯ, зарур дониста мешавад, ки минбаъд олимону муҳаққиқони ватанӣ ба пажӯҳиши ин масъала ба таври ҷиддӣ машғул гарданд. Айни замон онҳое, ки ба таҳқиқи идеологияи сиёсию давлатӣ машғул гардида истодаанд, ангуштшуморанд. Дар байни олимони кишвар А.Н. Муҳаммад, С.С. Ятимов, Г.Н. Зокиров ва М.У. Хидирзода корҳои арзишманд анҷом додаанд.

Таҳлилу мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар замони имрӯза ҳеҷ як давлат наметавонад идеологияи худро пурра миллӣ намояд. Айни замон идеологияи ҳамаи давлатҳо омехта мебошанд. Зеро идеология ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро мегирад. Сиёсат, иқтисодиёт, иҷтимоиёт,

маънавиёт ва ғ. Бояд гуфт, ки тавассути арзишҳои фарҳангӣ ва анъанаҳои таърихӣ рушди инноватсионии соҳаҳои ҷомеаро таъмин кардан ғайриимкон аст. Эҳёи фарҳангӣ ва хотираи таърихӣ, пеш аз ҳама, барои дар руҳияи худшиносии миллӣ тарбия кардани ҷавонон зарур мебошад. Инчунин, таърихи ниёгон сарчашмаи ифтихор бояд дониста шавад, на объекти тақлид. Зеро дар ҷомеа вобаста ба марҳилаи тараққиёти тафаккури инсоният қонуниятҳои мушаххасе пайдо мешаванд, ки ба инобат гирифтани онҳо кафили рушди ояндаи кишвар метавонанд бошанд. Ин воқеияти бебаҳс аст, ки барои ҳифзу ҳимояи симои фарҳангии миллат, ташаккули ҳувияти миллӣ ва дар сатҳи зарурӣ қарор додани ваҳдати миллӣ тарғибу ташвиқи арзишҳои фарҳангӣ, аз қабили ахлоқ, анъанаҳои миллӣ, забон, маънавиёт, санъат, инсондӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, шарафу номус, ватанпарастӣ хеле зарур аст. Чунин муносибатро дар амалияи сиёсии миллатҳои бедор ба осонӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Аммо ба амал баровардани рушди соҳаҳои мамлакат танҳо дар заминаи таҷрибаҳои пешрафта, дастовардҳои илму техника, технологияҳои навин ва бо роҳи инноватсионӣ имконпазир мегардад. Дар робита бо ин масъала андешаҳои олими шинохта А.Эйнштейн бамаврид аст. Ба ақидаи ӯ, «агар инертсия вуҷуд намедошт ва зарурат ба гравитатсия пайдо намешуд, физика ҳамчун илм лозим набуд»[1]. Ба ҳамин, монанд имрӯз бо мақсади таъмин кардани рушди иқтисодӣ (яъне, барои аз байн бурдани инертсияи иқтисодӣ) илмҳои иқтисодии рушдкарда лозиманд, то ки қувваҳои истеҳсолиро ба вуҷуд оваранд. Барои ба амал баровардани рушди соҳаҳои дигар низ аввал рушди илми ҳамон соҳа бояд ба амал ояд. Аммо дар самти ба амал баровардани рушди илм низ вобаста ба сохтори ҷамъиятӣ бояд қонунияти он ба инобат гирифта шавад. Зеро ҳар сохтори ҷамъиятӣ принсипи марказии худро дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сармоядорӣ, иқтисоди бозаргонӣ ва ҷомеаи демократӣ дар ҳоли ташаккулёбӣ қарор дорад, рушди илм бояд бо назардошти

[1] Иқтибос аз: Хоссе Ортега-и-Гассет. Миссия университета [Текст] / Пер. с испанс. –М.: Вопросы образования, 2019. –128 с.

қонуниятҳои он ба нақша гирифта шавад. Барои ин зарур аст, ки принсипи меҳварии либерализм, яъне рақобат ҳамчун арзиши марказӣ эътироф гардад ва дар асоси он механизмҳои дигари рушди илм бояд ба амал баровварда шавад. Дар соҳаҳои дигар низ метавонад вазъият чунин бошад ва рушду инкишоф бо назардошти қонунияти сохтори ҷамъиятӣ ба роҳ монда шавад.

Дар шароити муосир таъсиррасонии идеологӣ ва ҷангҳои идеологӣ воситаи муҳимтарини муборизаҳои геополитикиро ташкил медиҳанд. Дар ин раванд ба сари мардум таҳмил гардидани фарҳанги бегона, тарғибу ташвиқи ғояҳои радикалистӣ ва экстремистӣ, таъсири манфӣ расонидан ба афкори ҷамъиятӣ ва тағйир додани ҷаҳонбинии онҳо, ҷалб намудану гаравидани ҷавонон ба сафи ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистӣ таҳдиду хатарҳое мебошанд, ки пеш аз ҳама, ба суботи сиёсии кишвар таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Дар чунин шароит ҳифзи фарҳанг, забон, анъанаҳо, хотираи таърихӣ, ваҳдати миллӣ, арзишҳои миллӣ, истиқлолияти давлатӣ ва сохти конститутсионии давлат дар мадди аввал қарор мегиранд. Дар ин раванд неруҳои сиёсӣ, бозигарони геополитикӣ ва ҳатто ташкилотҳои террористию экстремистӣ ба зеҳну тафаккури қишрҳои гуногуни ҷомеа, пеш аз ҳама, ба тафаккури ҷавонон таъсири идеологӣ расонида, рафтори онҳоро дар доираи манфиатҳои худ тағйир медиҳанд. Айни замон равандҳои ҷаҳонишавӣ, рушди босуръати ТИИ, тағйирёбии тартиботи ҷаҳонӣ ва бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ таъсири таҳдиду хатарҳои идеологиро афзоиш дода истодаанд.

Дар шароити имрӯза шабакаи интернет дар баробари паҳлуҳои мусбати худ, инчунин ба майдони васеи муборизаҳои идеологӣ табдил ёфтааст. Неруҳои сиёсӣ, миллатгароён ва ташкилотҳои террористию экстремистӣ дар шабакаи интернет ҳазорҳо сомонаҳои иттилоотӣ ташкил намуда, барои паҳн кардани ғояҳои идеологияи радикалистӣ онҳоро истифода мекунанд. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ бошад ҳамарӯза онҳо фаъолона ба тарғибу ташвиқи ғояҳои худ машғул мебошанд. Имрӯзҳо идеологияҳое пайдо шудаву паҳн гардида истодаанд, ки ҳама гуна зуҳуроти мусбатро инкор менамоянд,

қоидаҳо ва меъёрҳои рафтори ҷамъиятиро намеписанданд. Дар шароите, ки суръати интиқоли иттилоот бамаротиб зиёд мегардад ва дар равандҳои ҷаҳонишавӣ аз ҷониби неруҳои гуногун кӯшиши бештар кардани таъсири худ ба амал меояд, нақши идеология дар таъмини амният меафзояд. Дар чунин шароит ба инобат гирифтани вазъияти идеологӣ ва равандҳои идеологӣ хеле зарур аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолият як муддати муайян ҷомеаро халоии идеологӣ фаро гирифта буд. Халоии идеологӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои радикалистӣ ва экстремистӣ, инчунин ба ноошноёни миллат имкон дода буданд, ки мавқеъ ва нуфузи худро дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятии кишвар мустаҳкам намоянд. Айни замон бошад рушди технологияҳои иттилоотӣ ва бештар гардидани корбарони шабакаи интернет дар ин самт хавфу хатари навинро эҷод менамоянд. Аз ин рӯ, дар чунин шароит яке аз роҳҳои афзалиятноки муқовимат бо таҳдидҳои идеологӣ ҳифзи фазои иттилоотии кишвар мебошад. Дар ин самт омода кардани рӯзноманигорони касбӣ, аз ҷумла рӯзноманигорони шабакаҳои иҷтимоию интернетӣ, дастгирӣ кардани блогерҳои мустақил, бештар намудани ҳузури мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар шабакаи интернет, фаъол гардонидани олимону муҳаққиқон ва зиёиён дар шабакаи интернет, ба талаботи давру замон, аз ҷумла бо назардошти манфиатҳои миллӣ ба роҳ мондани фаъолияти ВАО-и ватанӣ ва баланд бардоштани мавқеъ ва нуфузи илмҳои ҷаомеашиносӣ омилҳои муҳимтарини таъмини амнияти идеологӣ ба шумор мераванд. Дар навбати аввал бояд фаъолияти шуъбаҳои робита бо ҷомеа беҳтар гардонида шуда, ҳузури доимии онҳо дар шабакаҳои иҷтимоию интернетӣ таъмин карда шавад. Ба масъалаи омода кардани кадрҳои соҳаи робита бо ҷомеа ва минбаъд аз курсҳои такмили ихтисос гузаронидани онҳо низ чораҷӯӣ намудан зарур аст. Инчунин сохта ба истифода додани шабакаҳои иҷтимоии ватанӣ бо забони давлатӣ, бештар кардани сарчашмаҳои иттилоотии интернетӣ ва дар маҷмуъ, пурраю пурғановат гардонидани фазои идеологии кишвар бо истифода аз

имкониятҳои технологию коммуникатсионии интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ имконпазир аст. Ғайр аз ин, дар сатҳи зарурӣ истифода бурдани иқтидори технологию коммуникатсионии интернет ва шабакаҳои иҷтимоии замони муосир омили муҳимми ташаккулдиҳии иммунитети идеологии ҷомеа ва заминаи муҳимми таъмини амнияти идеологии кишвар маҳсуб меёбад.

Ба донишҷӯён таълим додани фарҳанги истифодабарии шабакаҳои иҷтимоӣ, шинос кардани онҳо бо технологияҳои гуногуни назарфиребии сиёсӣ, ошкор намудани сирру асрори технологияи мағзшӯӣ, огоҳ кардани онҳо аз моҳияти фиреби сиёсӣ ва зиракии сиёсӣ хеле зарур мебошад. Зеро ҳамаи ташкилотҳои террористию экстремистӣ ва омилони ҷангҳои иттилоотию идеологӣ технологияи назарфиребиро дар сатҳи баланд истифода мекунанд. Надоштани тафаккури танқидӣ ва огоҳ набудан аз нозукиҳои чунин таъсиррасонӣ раванди радикализатсияи ҷомеаро метезонад. Дар мавриди аз худ кардани фазои иттилоотию идеологии ҷомеа ба масъалаи суверенитети иттилоотию идеологӣ диққати бештар додан зарур аст. Дар ин самт омӯхтан ва истифода кардани паҳлуҳои мусбати таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ имконият медиҳад, ки иқтидори шабакаҳои иҷтимоӣ ва интернет дар таъмини амнияти идеологӣ истифода бурда шавад.

Дар таъмини амнияти идеологии кишвар зинаҳои гуногуни муассисаҳои таълимӣ, бахусус мактабҳои таҳсилоти олии касбӣ нақши марказиро мебозанд. Барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии фанҳои ҷамъиятшиносӣ ва гуманитарӣ бояд ба донишомӯзон дар бораи арзишҳои сохтори ҷамъиятӣ маълумоти мукаммал ва қонеъкунанда диҳанд. Барои таҳияи онҳо бояд олимону донишмандоне ҷалб шаванд, ки аз назарияҳои илмию фалсафии ғояҳои идеологияи давлатӣ огоҳии комил дошта бошанд. Дар таҳқиқоти олимони ҷомеашинос бояд масъалаҳо бо назардошти парадигмаи идеологӣ сурат гирад. Яъне, роҳу воситаҳои ташаккул додани арзишҳо ва меъёрҳои сохтори ҷамъиятӣ ва дур шудан аз арзишҳои бегона бояд амиқу дақиқ карда шаванд.

Дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, аниқтараш шуъбаҳои робита бо ҷомеа арзишҳои идеологияи давлатӣ ҳамаҷониба бояд тарғиб карда шавад. Масъалаҳои баррасишаванда бояд бо назардошти манфиатҳои идеологии давлат сурат гирад. ВАО бояд арзишҳоеро тарғибу ташвиқ намоянд, ки дар мактабҳо ва донишгоҳҳо таълим дода мешаванд ва дар санадҳои меъёрию ҳуқуқии кишвар инъикос шудаанд. Донишманди ватанӣ С.С. Ятимов дар робита ба ин масъала иброз медорад, ки «Муҳтаво, сабаб ва оқибатҳои чунин вазъияти таҳдидборро фақат илм, дониш, мактаб, маориф ва зиёиёни воқеан миллӣ метавонанд дарк кунанд. Ба омма, ба мардум, ба наврасону ҷавонон фаҳмонанд. Миллат бе масъулияти шинохти манфиатҳои миллӣ, бе иваз кардани ҷаҳонбинии хурофотӣ ба ҷаҳонбинии миллӣ ва давлатмеҳвар тақдир ва рӯзгори нек нахоҳад дошт»[1].

Дар баробари ниҳодҳои давлатӣ инчунин ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ низ дар тарбияи идеологии шаҳрвандон нақши зиёд мебозанд. Зеро онҳо қодиранд, ки фаъолони ҷомеа ва мутахассисони қобили меҳнатро муттаҳид сохта, барои қонеъ гардидани талаботи объективии ҷомеа сафарбар намоянд. Дар ин раванд сиёсишавии ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ тамоюлоти хатарноке мебошад, ки ба амнияти идеологии кишвар таҳдиду хавфҳоро эҷод менамояд. Пешгирӣ кардани чунин хатар низ аз тарбияи идеологӣ вобаста аст. Нақши оила, муассисаҳои таълимии зинаҳои гуногун, иттиҳодияҳои динӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ВАО-и ватанӣ, ассотсиатсияи соҳибкорону ҳунармандон ҳамчун ниҳодҳои асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар тарбияи идеологии насли наврас ва ҷавонону мутахассисон саҳми зиёд мегузоранд, ба шарте ки фаъолияти худи онҳо бо идеологияи миллию давлатӣ мухолифат надошта бошад.

Вайрон гардидани сохтори идеологии ҷомеа боиси бенизом ва корношоям гардидани ниҳодҳои ҷамъиятӣ мегарданд. Талаботи идеологии ҷомеа ба воситаи низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ, таълиму тарбия,

[1] Ятимов С.С. Пойтахти давлат ва истиқлоли миллат [Матн] / С.С. Ятимов // Илм ва ҷомеа. – 2021. –№ 5 (27).

меъёрҳои ахлоқӣ, афкори ҷамъиятӣ, анъанаҳои миллӣ, маросимҳои динӣ, илму санъат ва қудрати давлат қонеъ карда мешаванд. Бе чунучаро ниҳодҳои ҷомеаи шахрвандӣ дар сохтори идеологии ҷомеа мавқеи назаррасро ишғол намудаанд. Давлат самтдиҳандаи фаъолияти онҳо ба шумор рафта, ҷиҳати рушди минбаъда барои онҳо шароити мусоид фароҳам меоварад. Аз ин рӯ, таъмини амнияти идеологӣ ба монанди амнияти соҳаҳои дигар бо иштироки якҷоя ва дастаҷамъонаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд сурат гирад. Ҳама гуна таҳдидҳои идеологӣ барои ба вуҷуд овардани ҷудоии байни онҳо нигаронида мешаванд, ки ниҳоятан манфиатҳои давлатӣ бо талаботу манфиатҳои ҷамъиятӣ мувофиқат наменамояд. Дар натиҷаи чунин тахрибкорӣ афкори ҷамъиятӣ, низоми таълиму тарбия ва муносибатҳои ҷамъиятӣ осебпазир мегарданд ва тобеи манфиатҳои идеологии душманони миллат қарор дода мешаванд. Дар ин раванд ризоияти ҷамъиятӣ низ халалдор гардида, ба суботи сиёсии кишвар таъсири манфӣ мерасонад.

Дар ҳамаи кишварҳои тараққикардаи олам рушди соҳаҳои ҷамъиятӣ аз ҷониби ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ ба амал бароварда мешаванд. Барои оне ки чунин ҳолат ба вуҷуд оварда шавад, барои фаъолияти онҳо имконият фароҳам бояд сохт. Аммо он ташаббусҳое бояд дастгирӣ ёбанд, ки агар бо идеологияи давлатӣ мухолифат надошта бошанд. Ташаббусҳои созанда ва ташаккулдиҳандаи арзишҳои идеологӣ бояд ҳамаҷониба дастгирӣ ёбанд. Бинобар ин, гуфтан мумкин аст, ки ба самти дуруст сафарбар кардани фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ боиси мустаҳкамшавӣ ва минбаъд рушду инкишоф ёфтани инфрасохтори идеологии давлат мегардад. Бо ин роҳ ҷомеаи шаҳрвандӣ дар афзоиши ҷонибдорони арзишҳои идеологӣ саҳми худро мегузоранд. Ба андешаи сиёсатшиноси ватанӣ А.Н. Муҳаммад, «ҳар шахсе, ки аз ҳимояи ҷамъият бархӯрдор мебошад, вазифадор аст, ки ба ҷамъият хизмат намуда, ҳиссаи мувофиқи қобилияташро гузорад. Бештари масъалаҳои амниятии

шаҳрвандон дар он зоҳир мегарданд, ки манфиатҳои ашхоси дигар халалдор нагарданд»[1].

Дар раванди таъмини амнияти идеологӣ масъалаҳои ташаккулёбии ҳувияти сиёсӣ низ бояд ба инобат гирифта шаванд. Ҳувият, ки онро дар забонҳои аврупоӣ «identity – идентичность» меноманд, навъҳои гуногун дорад ва ҳар як инсон метавонад дар як вақт ҳамаи онҳоро доро бошад. Сиёсатшиноси амрикоӣ С.Хантингтон навъҳои ҳувиятро ба таври зерин нишон додааст: аскриптивӣ, фарҳангӣ, ҳудудӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ[2]. Дар таснифоти С.Хантингтон ҳувияти динӣ навъи ҳувияти фарҳангӣ ва ҳувияти идеологӣ навъи ҳувияти сиёсӣ диниста мешавад. Ин гуфтаҳо маънои онро доранд, ки динро ҳеҷ гоҳ бо идеология омехта кардан лозим нест. Идеология зуҳуроти сиёсӣ аст, дин бошад зуҳуроти фарҳангӣ аст. Ҳама гуна кӯшиши ба идеология табдил додани дин аввал ин, ки боиси зарар дидани дин мешавад, ва дуюм ин ки сиёсишавии он оғоз меёбад. Бинобар ин, ҳама гуна зуҳуроти сиёсишавӣ ва сиёсикунонии дин таҳдид ба амнияти идеологии давлату мамлакат ба шумор меравад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар 9-уми марти соли 2024 иброз доштанд, ки «Дар саҳифаҳои таърихи давлатдории миллати тоҷик фоҷиаву рӯйдодҳои сахту сангине сабт гардидаанд, ки бартарӣ пайдо намудани мафкураи тундрави динӣ, таассубгароӣ ва сиёсисозии ақидаҳои динӣ омили асосии онҳо буд. Тибқи хулосаи донишмандону коршиносон ва мутахассисони исломшинос тайи чордаҳ асри охир яке аз воситаҳои санҷидашудаи бозигарони геополитикӣ татбиқи барномаҳои «исломи сиёсӣ» мебошад, ки барои амалисозии ҳама

[1] Муҳаммад, А.Н. Идеологияи миллӣ – неруи бузурги давлатдорӣ [Захираи электронӣ]. –URL: https://khovar.tj/2022/05/ideologiyai-mill-nerui-buzurgi-davlatdor-andesha-oi-noibi-prezidenti-amit-professor-abdura-mon-mu-ammad/ (Санаи муроҷиат: 08.05.2022)
[2] Ниг.: Хантингтон, С. Кто мы? Вызовы американской национальной идентичности [Текст] / Пер. с англ. –М.: Изд-во «АСТ», 2018. –С.49.

гуна лоиҳаву нақшаҳои муғризонаву манфиатҷӯёнаи онҳо истифода мегардад»[1].

Ҳамин тариқ, ҳар як мамлакат метавонад дар марҳилаҳои гуногуни рушди идеологӣ қарор дошта бошад. Чун қоида, бухрони сиёсӣ доимо бухронҳои идеологиро ҳамроҳӣ менамояд, аммо дар муқоиса бо дигаргуниҳои сиёсӣ, ки бо суръати хеле баланд рух медиҳанд, дигаргуниҳои идеологӣ дар шуури одамон ба оҳистагӣ ба амал меоянд. Замоне, ки ҷонибдорон ва пайравони идеологияи давлатӣ кам мешаванд, ва ҷонибдорону пайравони идеологияи ғайр зиёд мешаванд, ҷомеаро бухрони идеологӣ фаро мегирад. Дар пайи ин бухрони сиёсӣ ба амал меояд. Аз ин рӯ, бухрони идеологиро одатан бухрони сиёсӣ низ номидан мумкин аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бухрони идеологию сиёсӣ дар солҳои аввали ба даст овардани истиқлолият рӯ ба рӯ гардида буд. Яке аз сабабҳои асосии сар задани ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ низ чунин вазъ ба шумор мерафт. Дар солҳои минбаъда бо ташаббуси созанда ва сиёсати оқилонаю хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марҳилаи ниҳодикунонии сохтори ҷамъиятӣ ва тақвият ёфтани фаъолияти идеологии ниҳодҳои давлатию ҷамъиятӣ анҷом пазируфт. Аммо рушди ТИИ дар муқобили арзишҳои идеологии кишвар хавфу хатари навро эҷод карда истодаанд. Бинобар ин, дар шароити имрӯза бо назардошти дигаргуниҳои сиёсию геополитикӣ ба роҳ мондани фаъолияти идеологии ниҳодҳои давлатию ҷамъиятӣ тақозои замон мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон дар марҳилаи дуюми ташаккулёбии сохтори ҷамъиятӣ, яъне марҳилаи мафкурасозӣ қарор дорад. Дар ин марҳила бояд ҷонибдорони арзишҳои идеологияи давлатӣ ва сохтори ҷамъиятӣ бештар карда шаванд. Инчунин дар муқобили фарҳанги бегона ва таҳдиду хатарҳои идеологӣ мубориза шадид бояд сурат гирад. Дурнамои таъмини амнияти идеологӣ ва ҳифзи суботи сиёсӣ дар Ҷумҳурии

[1] Мулоқот бо намояндагони аҳли ҷомеа ва ходимони дини кишвар, 09.03.2024 [Захираи электронӣ]. –URL: http://president.tj/node/32922 (санаи муроҷиат: 04.04.2024)

Тоҷикистон аз ҳалли масъалаҳои дар боло номбаршуда вобастагии зиёд доранд.

## 4.3. Таҳдиду хатари терроризм, радикализми динӣ ва экстремизми сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Радикализми динӣ ва экстремизми сиёсӣ зуҳуроте мебошанд, ки аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолият ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид менамоянд. Дар заминаи онҳо терроризм ва зӯроварии сиёсӣ пайдо мешавад. Ҷанги шаҳрвандие, ки солҳои 90-ум ба сари миллати тоҷик таҳмил гардид, маҳз бо ташаббуси бевоситаи радикалистони динӣ ва экстремистони сиёсӣ ба амал омад. Дар солҳои нооромии ҷанги шаҳрвандӣ мардуми Тоҷикистон таҳдиду хатари экстремизм ва терроризмро дар сатҳи баланд эҳсос карданд. Зеро садҳо нафар шахсони номдори миллати тоҷик – арбобони илму техника, ходимони сиёсию давлатӣ, ҳунармандон, санъаткорон, олимону донишмандон, рӯзноманигорону фаъолони ҷамъиятӣ аз ҷониби радикалистони динӣ ба ҳалокат расонида шуданд. Баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ҳарчанд оташи ҷанги шаҳрвандӣ хомӯш гардида бошад ҳам, таҳдиду хатари экстремизм ва терроризм хеле зиёд буд. Ҳанӯз ҳам дар ҳудудҳои Тоҷикистон гурӯҳҳои ҷиноятпешаи силоҳбадаст мардумро азият медоданд. Бо дарки чунин вазъият соли 1999 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» қабул гардида буд. Ошкор, пешгирӣ ва қатъ намудани фаъолияти террористӣ, бартараф кардани сабаб ва шароитҳои пайдоиши терроризм яке аз мақсадҳои асосии қонуни мазкур ба шумор мерафтанд[1].

Соли 2001, аниқтараш 11-уми сентябри ҳамон сол баъди дар ИМА сар задани амалҳои террористӣ, бахусус баъди оғоз гардидани амалҳои

---

[1] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо терроризм» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон с.1999, №11, мод. 275.

зиддитеррористии ИМА ва шарикони стратегии онҳо дар Афғонистон дар як қатор кишварҳои исломӣ фаъолияти созмонҳои экстремистӣ густариш пайдо намуда, таблиғи ғояҳои радикалистӣ, бахусус радикализми динӣ, ба сафҳои ташкилотҳои террористию экстремистӣ ҷалб намудани ҷавонон шиддат гирифт. Дар чунин вазъият бо мақсади пешгирии таҳдиду хатари экстремизм соли 2003 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» қабул гардид. Ҳимояи ҳуқуқу озодии инсон, асосҳои сохти конститутсионӣ, таъмини ягонагӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз мақсадҳои асосии қонуни мазкурро ташкил медод[1]. Аз ҳамин давра сар карда бо қарори Додгоҳи Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйхати ташкилотҳои экстремистию террористие, ки фаъолияташон дар қаламрави кишвар мамнуъ эълон шудааст, таҳия карда мешавад. То моҳи октябри соли 2022 дар рӯйхати мазкур 18 созмони экстремистию террористӣ шомил карда шудаанд[2] (Ниг. ба ҷадвали 5). Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 9-уми марти соли 2024 дар суханронии худ зимни мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар ишора намуданд, ки «Ҳарчанд ки дар кишвар бо қарорҳои Суди Олӣ фаъолияти 28 ташкилоти экстремистиву террористӣ манъ шудааст, вале ҳолатҳои шомил шудан ба чунин ҳизбу ҳаракатҳо ҳанӯз ба назар мерасанд»[3]. Ҳамкорӣ кардан бо ташкилотҳои экстремистию террористие, ки бо қарорҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мамнуъ эълон шудаанд, паҳн намудани ғояҳои созмонҳои мазкур ё пайвастан ба сафи онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ дорад. Фаъолияти ҳамаи онҳо хусусияти тахрибӣ дошта, аз байн бурдани

[1] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо экстремизм (ифротгароӣ)» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон с. 2003, №12, мод.695.

[2] Ниг.: Спрашивайте, отвечаем! Какие организации официально объявлены в Таджикистане террористическими и экстремистскими? [Электронный ресурс]. –URL: https://khovar.tj/rus/2022/10/sprashivajte-otvechaem-kakie-organizatsii-ofitsialno-obyavleny-v-tadzhikistane-terroristicheskimi-i-ekstremistckimi/ (дата обращения: 22.01.2024 г.)

[3] Суханронӣ дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар, 09.03.2024 [Захираи электронӣ]. URL: https://president.tj/event/speeches/37084 (санаи мурочиат: 25.03.2024)

суботи сиёсӣ, тағйири сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба давлати исломӣ табдил додани он, ҷорӣ кардани меъёрҳои исломии асримиёнагӣ, маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон, барои анҷом додани ҷиҳод ва амалҳои террористӣ сафарбар кардани ҷавонону наврасон мақсади онҳо мебошад.

**Ҷадвали 5.**

**Номгӯйи ташкилотҳои террористию экстремистие, ки фаъолияташон бо қарори Додгоҳи Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудудҳои кишвар мамнуъ эълон шудааст**

| № | Номгӯйи ташкилотҳои террористию экстремистӣ | Ташкилоти террористӣ ё экстремистӣ | Аз кадом сол |
|---|---|---|---|
| 1. | «Ал-Қоида» | Ташкилоти террористӣ ва экстремистӣ | Аз 30.03.2006 |
| 2. | «Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ» | Ташкилоти террористӣ ва экстремистӣ | Аз 30.03.2006 |
| 3. | «Ҳизби исломии Туркистон» (собиқ «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон») | Ташкилоти террористӣ ва экстремистӣ | Аз 30.03.2006 |
| 4. | Ҷунбиши «Толибон» | Ташкилоти террористӣ ва экстремистӣ | Аз 30.03.2006 |
| 5. | «Бародарони мусулмон» («Ихвон-ул-Муслимин») | Ташкилоти террористӣ ва экстремистӣ | Аз 30.03.2006 |
| 6. | «Лашкари Тайиба» | Ташкилоти террористӣ ва экстремистӣ | Аз 30.03.2006 |
| 7. | «Гурӯҳи исломӣ» («Ҷамоати исломии Покистон») | Ташкилоти террористӣ ва экстремистӣ | Аз 30.03.2006 |
| 8. | «Ҷамъияти таблиғ» | Ташкилоти террористӣ ва экстремистӣ | Аз 30.03.2006 |
| 9. | «Созмони таблиғот» | Ташкилоти динию таблиғотии экстремистӣ ва террористӣ | Аз 30.03.2006 |
| 10. | «Тоҷикистони озод» | Ташкилоти террористӣ | Аз 30.03.2006 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | ва экстремистӣ | |
| 11. | «Ҳизб-ут-Таҳрир» | Ташкилоти экстремистӣ | Аз 11.03.2008 |
| 12. | «Ҷамоати Ансоруллоҳ» | Ташкилоти экстремистӣ-террористӣ | Аз 03.05.2012 |
| 13. | Ҷараёни «Салафия» | Ҷамъияти экстремистӣ | Аз 09.01.2009 ҳамчун ҷараёни динӣ ва аз 08.12.2014 ҳамчун ҷараёни экстремистӣ |
| 14. | Ҳаракати ҷамъиятии «Гурӯҳи 24» | Ташкилоти экстремистӣ | Аз 09.10.2014 |
| 15. | «Давлати исломии Ироқу Шом» (ДИИШ) | Ташкилоти террористӣ ва экстремистӣ | Аз 14.04.2015 |
| 16. | «Ҷабҳат-ан-Нусра» | Ташкилоти террористӣ ва экстремистӣ | Аз 14.04.2015 |
| 17. | «Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон» | Ташкилоти террористӣ ва экстремистӣ | Аз 29.09.2015 |
| 18. | «Паймони миллии Тоҷикистон» | Иттиҳодияи террористӣ-экстремистӣ | Аз 15.08.2019 |

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 20-уми январи соли 2016 дар Паёми солонаи худ қайд намуда буданд, ки «имрӯз терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст. Мубориза бо терроризм ва экстремизм фароҳам овардани фазои боварӣ, эҳтиром ба манфиатҳои ҳамдигар ва муттаҳид шудани ҳамаи кишварҳои дунёро дар пешорӯи ин хатари умумӣ тақозо менамояд. Истифодаи «сиёсати дугона» нисбат ба терроризм ва экстремизм самаранокии кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳониро дар муборизаи муштарак бо ин зуҳурот ҷиддан коҳиш дода, баръакс, мухолифатҳои наверо байни

эътилофҳои ҳарбиву сиёсӣ эҷод мекунад ва авзои ҷаҳонро боз ҳам нооромесозад»[1]. Сарвари давлат бо дарки чунин вазъи ногувор ва мураккаби замона зимни ироаи Паёми худ ба Прокуратураи генералӣ супориш медиҳад, ки дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти дахлдори давлатӣ ҳарчи зудтар Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризмро барои солҳои 2016-2020 таҳия ва пешниҳод намояд[2].

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12.11.2016, №776 «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020» қабул мегардад. Дар стратегияи мазкур ишора мегардад, ки «созмонҳои экстремистию террористӣ фаъолияташонро вобаста ба паҳн намудани ғояҳои тундравона, барангехтани кинаю адоват ва низои мазҳабӣ дар ҷомеа, ба сафҳои худ ҷалб намудани ҷавонон ва содир кардани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ пурзӯр намуда, мехоҳанд сохти ҷамъиятӣ-сиёсии ин ё он кишварро бо роҳи зӯроварӣ тағйир диҳанд»[3].

26 январи соли 2021 бошад Сарвари давлат зимни ироаи Паёми солонаи худ вазъи мураккабу ташвишовари амнияти минтақа ва ҷаҳонро ёдовар гардида, таҳдиду хатари экстремизм ва терроризмро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон махсус таъкид намуданд. Дар робита бо хавфу хатари афзояндаи ин зуҳуроти номатлуб ва бо мақсади идомаи корҳо дар самти мубориза бо экстремизм ва терроризм, Сарвари давлат Прокуратураи генералиро вазифадор намуданд, ки лоиҳаи нави «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба терроризм ва экстремизм барои солҳои 2021-2025»-ро таҳия ва ба баррасии Ҳукумат пешниҳод намояд[4]. Бо

---

[1] Паёми Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20.01.2016 [Захираи электронӣ]. –URL: http://www.prezident.tj/node/10585 (санаи муроҷиат: 25.05.2023)

[2] Ҳамон ҷо.

[3] Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 // Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12.11.2020, №776 тасдиқ гардидааст.

[4] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.06.2021, №187 «Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» қабул мегардад. Дар стратегияи мазкур қайд гардидааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори кишварҳои дигари минтақа таҳдидҳои афзояндаи экстремизм ва терроризмро ба амнияти миллӣ ва рушди босуботи худ эҳсос менамояд. Таҳдидҳои террористӣ шаклу усулҳои тозаро касб карда, ҷуғрофиё ва доманаи онҳо васеъ гардида, тарзҳои содир намудани ҳамлаҳои террористӣ ва ҳадафҳои онҳо тағйирёбандаанд. Созмонҳои экстремистию террористӣ ҷиҳати ба сафҳои худ ҷалб намудани ҷавонон, аз ҷумла тавассути ҷустуҷӯи аъзои нав бо истифода аз шабакаҳои иҷтимоӣ фаъолияти густурдаи ташвиқотию тарғиботӣ мебаранд[1].

Дар мавриди зуҳури радикализми динӣ ва экстремизми сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки он таҳдиди воқеӣ ба суботи сиёсии ҷомеа маҳсуб меёбад, дар баробари ҳамаи чорабиниҳои анҷомёфта, инчунин омилҳои гуногуни таърихӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва идеологиро низ ба инобат гирифтан зарур аст.

Яке аз омилҳои таъсиргузор ба тавсеаи ғояҳои радикализми динӣ дар фазои Тоҷикистони пасошуравӣ сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Шуравӣ дар муносибат бо иттиҳодияҳои динӣ ва таҷриба намудани идеологияи атеистӣ буд, ки барои кишварҳои Осиёи Марказӣ баъди пошхӯрии худ мушкилиҳои зиёди сиёсию идеологӣ эҷод намуд. То солҳои 80-уми асри гузашта мусулмонони ин минтақа имкони гирифтани маълумоти расмии диниро надоштанд. Аз ин сабаб онҳоро ба осонӣ ба доми фиреб афтонидан мумкин буд. Бинобар ин, дар солҳои бозсозӣ бо дахолати хоҷагони хориҷӣ ва неруҳои сиёсии радикалистӣ дар ҳудудҳои Тоҷикистон ҷунбиши наҳзати

---

ҷумҳурӣ», 26.01.2021 [Захираи электронӣ]. –URL: http://president.tj/node/25005 (санаи муроҷиат: 25.06.2022)

[1] Ниг.: Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 // Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.06.2021, №187 тасдиқ гардидааст.

исломӣ ва эҳёи исломи ваҳҳобӣ оғоз гардид. Мусулмононе, ки дар замони шуравӣ аз моҳияти аслии таълимоти исломӣ дур шуда буданд, шиорҳои динии радикалистони исломиро ҳамчун ҳақиқат қабул карда, дар муқобили давлату миллати худ муборизаи хунин оғоз намуданд. Гузашта аз ин, дар натиҷаи пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, ки дар замони ҳукмронии худ ҷомеаро аз лиҳози маърифати динӣ осебпазир намуда буд, гузариш аз як сохтор ба сохтори дигар ба амал омад ва дар чунин шароит ҷомеаро халоии идеологӣ фаро гирифт. Чунин вазъият ба радикалистони исломӣ имконият дод, ки дар як муддати кӯтоҳ фазои идеологии кишварро бо ғояҳои экстремистӣ ва ҷиҳодӣ пурра созанд ва сокинони кишварро дар муқобили якдигар қарор диҳанд.

Мутаассифона, дар муқобили Ҷумҳурии Тоҷикистон ва субъоти сиёсии он ин раванд ҳанӯз ҳам идома дорад. Махсусан, тули солҳои охир дар натиҷаи рушди василаҳои иттилоотию иртиботӣ радикализми исломӣ ва экстремизми сиёсӣ дар фазои маҷозии интернет дубора фаъол гардида, барои амалӣ гардонидани манфиатҳои миллию геополитикии хоҷагони хориҷии худ ҷомеаро ба худию бегона, дӯсту душман ва неку бад ҷудо карда истодаанд. Чунин тамоюлот воқеан ҳам боиси ташвиш аст. Зеро яке аз самтҳои афзалиятноки таҳкими давлатдории миллӣ ин расидан ба ваҳдати миллӣ ва ризоияти шаҳрвандӣ мебошад. Аммо зуҳуроти кибертерроризм ва киберэкстремизм дар амалишавии ин ҳадафи миллӣ ба таври ҷиддӣ монеа эҷод карда истодаанд. Ғайр аз ин, тули солҳои охир террористону экстремистон бо истифода аз шабакаҳои интернетӣ ҷавонону наврасонро мағзшӯӣ карда, ба доми фиреб меафтонанд ва барои пурра гардонидани сафҳои худ онҳоро барои анҷом додани ҷиҳод ва ҳимояи арзишҳои радикализми динӣ ҷалб месозанд. Мутаассифона, аз ҳисоби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон низ кам нестанд ҷавононе, ки ба сафи ин гуна гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ ва террористию экстремистӣ пайвастаанд. 09-уми марти соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони

ҷомеа ва ходимони дини кишвар шомил гардидани шаҳрвандони Тоҷикистонро ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистию террористӣ махсус таъкид намуда, қайд карданд, ки «Дар 10 соли охир дар мамлакат 6680 ҷинояти дорои хусусияти экстремистиву террористӣ, аз ҷумла 86 амали террористӣ ва сӯиқасд ба он ошкор ва ба қайд гирифта шуда, 11 ҳолати амали террористӣ ва сӯиқасд ба он пешгирӣ гардидааст. Тибқи маълумоти фаврӣ зиёда аз ҳазор нафар шахсоне, ки дар кишварҳои хориҷӣ дар задухӯрдҳои мусаллаҳона иштирок кардаанд, кушта шуда, ҳазорон нафари дигар беному нишон гардидаанд. Тибқи маълумоти мавҷуда дар се соли охир 24 нафар шаҳрвандони мо дар 10 кишвари дунё ба амалҳои террористӣ, аз ҷумла дар анбӯҳи одамон таркондани худ даст задаанд»[1].

Таҳдиду хатари экстремизм ва терроризмро таҳқиқотҳои сотсиологӣ низ ошкор намудаанд. Охири соли 2023 ва аввали соли 2024 бо ташаббуси Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ ва дар ҳамкорӣ бо мутахассисони кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар атрофи масъалаҳои ватандӯстӣ, ҳувияти миллӣ ва муқовимат ба муқобили экстремизм дар шароити ҷомеаи муосири Тоҷикистон таҳқиқоти сотсиологӣ гузаронида шуда буд. Дар таҳқиқот 600 нафар шаҳрвандони аз синни 18-сола болои шаҳру деҳоти минтақаҳои интихобшудаи Тоҷикистон иштирок намудаанд.

Аксарияти пурсидашудагон (73,5%) пайвастани ҷавононро ба гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ ҳамчун яке аз хатарҳои асосӣ ҷудо мекунанд. Ин аз нигаронии зиёди аҳолӣ аз паҳншавии экстремизм ва терроризм шаҳодат медиҳад, ки ба субот ва амнияти давлат таҳдид мекунанд. Қисми зиёди пурсидашудагон инчунин сатҳи пасти дониши илмии шаҳрвандонро (42,1%) ҳамчун хатар барои ҷомеа нишон медиҳанд. Ин метавонад дарки таълим ва рушди илмиро ҳамчун омили муҳим барои таъмини устуворӣ ва шукуфоии давлат нишон диҳад. Ғайр аз ин, таҳдидҳои дигар аз хурофот (22,8%),

[1] Суханронӣ дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар, 09.03.2024 [Захираи электронӣ]. –URL: http://president.tj/node/32921 (санаи муроҷиат: 27.03.2024)

коррупсия (18,0%), вайроншавии оилаҳои ҷавон (19,0%) ва рафтори девиантии наврасон ва ҷавонон (22,4%) иборат аст. Ин натиҷаҳо доираи васеи масъалаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангиеро таъкид мекунанд, ки ба субот ва рушди ҷомеа таъсири манфӣ расонида метавонанд. Ҷолиби диққат аст, ки баъзе пурсидашудагон гаравиши ҷавононро ба фарҳанги бегона (15,8%) ва муҳоҷирати меҳнатии хориҷиро (9,6%) ҳамчун таҳдидҳои эҳтимолӣ ба ваҳдат ва истиқлолияти давлат қайд мекунанд. Ин ба аҳамияти масъалаҳои ҳувият ва худшиносии фарҳангӣ дар заминаи амнияти миллӣ ишора мекунад[1]. (Ниг. ба диаграммаи 1)

Назари ҷомеа ба ҷараёнҳо, ҳаракатҳо ва созмонҳои динӣ ва сиёсӣ, ки ба амнияти кишвар таҳдид мекунанд, нишондиҳандаҳои калидӣ дар арзёбии вазъи кунунии сиёсӣ ва иҷтимоӣ мебошанд. Аксарияти пурсидашудагон ҳаракати "Толибон" (52,7%) - ро ҳамчун яке аз таҳдидҳои асосӣ, аз он пас ал-Қоида (27,9%), ҷараёни салафия (43,3%), инчунин Ҳизби-ут-таҳрир (25,1%) ва ТЭТ ҲНИ (23,2%) ҷудо мекунанд. Ба "Гурӯҳи 24" (34,9%) низ диққати зиёд дода мешавад, ки ин аз нигарониҳои умумӣ дар байни аҳолӣ дар бораи таҳдидҳо ва низоъҳои дохилӣ шаҳодат медиҳад. Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки аз шаш як ҳиссаи пурсидашудагон (16,4%) аз ҷавоб ба ин савол душворӣ кашиданд. Ин метавонад ба дарки номуайян, ё норасоии иттилоот барои арзёбии пурраи вазъ ишора кунад[2]. (Ниг. ба диаграммаи 2)

Аз натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ ба осонӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки пешгирии шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои экстремистию террористӣ, тавсеаи ҷаҳонбинии илмии шаҳрвандон, мубориза бо хурофотпарастӣ, коҳиш додани каҷрафтории ҷавонон ва ғ. омилҳои муҳимтарини таъмини суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ ба шумор меравнанд. Инчунин натиҷаи пурсиш нишон додааст, ки дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ҷараёни экстремистии “Салафия”, ташкилоти террористии

---

[1] Ниг.: Шоисматуллоев, Ш. Ватандӯстӣ, маърифати ҳуқуқӣ, ҳувияти миллӣ ва муқовимат ба муқобили экстремизм дар шароити ҷомеаи муосири Тоҷикистон [Матн] / Ш. Шоисматуллоев, Ф.С. Миров. – Душанбе: Дониш, 2024. – С.74.

[2] Ҳамон ҷо. – С.76.

ҳаракати “Толибон” ва созмони экстремистии “Гурӯҳи 24” хавфу хатари бештар дорад. Бештар аз 15 то 20% пурсидашудагон ташкилотҳои террористии дигарро низ хатарнок номидаанд. Чунин ҳолат бори дигар шаҳодат аз он медиҳад, ки дар марҳилаи кунунии давлатдорӣ зуҳуроти терроризм, радикализми динӣ ва экстремизми сиёсӣ ба суботи сиёсӣ ва амнияти кишвар аз ҳама бештар таҳдид менамоянд.

**Диаграммаи 1. Ба сулҳу салоҳ, амният, ваҳдат ва истиқлолияти давлати мо кадом хатарҳо бештар таҳдид менамоянд?** *(n=600, %)*




*Сарчашма: Шоисматуллоев, Ш. Ватандӯстӣ, маърифати ҳуқуқӣ, ҳувияти миллӣ ва муқовимат ба муқобили экстремизм дар шароити ҷомеаи муосири Тоҷикистон [Матн] / Ш. Шоисматуллоев, Ф.С. Миров. – Душанбе: Дониш, 2024. – 127 с.*

**Диаграммаи 2. Ба фаҳмиши Шумо ба амнияти кишвар кадом ҷараёнҳо, ҳаракатҳо ва созмонҳо динӣ-сиёсӣ хатар доранд?** *(n=600, %)*




*Сарчашма: Шоисматуллоев, Ш. Ватандӯстӣ, маърифати ҳуқуқӣ, ҳувияти миллӣ ва муқовимат ба муқобили экстремизм дар шароити ҷомеаи муосири Тоҷикистон [Матн] / Ш. Шоисматуллоев, Ф.С. Миров. – Душанбе: Дониш, 2024. – 127 с.*

Дар мавриди зиёд гардидани таъсири манфии радикализми динӣ ва экстремизми сиёсӣ ба инобат гирифтани вазъи иқтисодию иҷтимоии кишвар низ хеле зарур мебошад. Дар Стратегияи глобалии СММ оид ба мубориза бо терроризм, ки аз 24-уми декабри соли 2015 қабул гардидааст, набудани имкониятҳои иҷтимоию иқтисодӣ ҳамчун шароите муоиста мешавад, ки ба пайдоиши экстремизми хушунатомез, яъне терроризм, мусоидат мекунад. Дар заминаи стратегияи мазкур “Нақшаи амал барои пешгирӣ аз экстремизми хушунатомез” қабул гардидааст, ки дар он ба омилҳои теладиҳанда ва омилҳои ҷалбкунанда махсус ишора мегардад. Коршиносони СММ мушкилиҳои иҷтимоию иқтисодиро ба омилҳои теладиҳанда шомил кардаанд. Яъне, омилҳои теладиҳанда шароите мебошад, ки ба экстремизми хушунатомез оварда мерасонад, ё заминаи сохториест, ки дар он экстремизми хушунатомез ба вуҷуд меояд[1].

[1] План действий по предупреждению насильственного экстремизма [Электронный ресурс]. – URL: https://documents.un.org/doc/undoc/gen/n15/456/24/pdf/n1545624.pdf (дата обращения: 12.01.2024 г.)

Бояд гуфт, ки иқтисодиёти Тоҷикистон дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ ба бuҳрони ҷиддӣ дучор гардида буд. Аммо аз солҳои 200-ум сар карда то имрӯз дар ин самт стратегияҳо ва барномаҳои дарозмуддату кутоҳмуддат қабул шудаанд, ки барои беҳтар кардани вазъи иқтисодию иҷтимоии сокинони мамлакат нигаронида шудаанд ва бояд дар солҳои наздик рушди иқтисодии Тоҷикистонро тибқи интизориҳои стратегии давлат таъмин намоянд. Паст кардани сатҳи камбизоатӣ, баровардани мамлакат аз бунбасти коммуникатсионӣ, расидан ба амнияти озуқаворӣ, таъмин кардани истиқлолияти энергетикӣ ва саноатикунонии иқтисодиёти мамлакат ҳадафҳои стратегие мебошанд, ки бо мақсади таъмини рушди иқтисодии мамлакат қабул гардидаанд. Инчунин Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 низ бо ин мақсад қабул гардидааст. Бо талошу ташаббусҳои пайгиронаи Ҳукумати кишвар сатҳи камбизоатӣ аз 83% соли 1999 то 21,2% дар соли 2023 коҳиш дода шуд. Бо шарофати сиёсати оқилонаю хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тули солҳои охир дар кишвар ҳамасола садҳо корхонаву коргоҳҳо ва даҳҳо ҳазор ҷойҳои корӣ ташкил карда мешаванд. Аммо ба ҳамаи кӯшишу талошҳои Сарвари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ накарда, то имрӯз масъалаҳои ҳалношудаи иқтисодии кишвар мавҷуданд. Бояд иқрор шуд, ки ҳанӯз ҳам нокифоя будани ҷойи кор ва ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани қисме аз ҷавонони мамлакат дар муқобили радикализм ва экстремизм осебпазирии Тоҷикистонро зиёд менамоянд, ки сари ин масъала чораҳои ҷиддитар андешидан лозим меояд. Аллакай кам нестанд ҳолатҳое, ки муҳоҷирон дар кишварҳои хориҷӣ на танҳо мағзшӯӣ мешаванд, балки аз ғояҳои радикалистӣ ва экстремистӣ пайравӣ намуда, ба сафи онҳо мепайванданд. Ин тамоюлот низ ниёз ба таҷдиди назар дорад. Дар оянда барои коҳиш додани шумораи муҳоҷирон ва барои онҳо дар дохили мамлакат ба вуҷуд овардани ҷойҳои корӣ бояд талош варзем, то ки осебпазирии мамлакат аз ин лиҳоз аз байн бурда шавад.

Дар баробари ин, боз ҳастанд омилҳои дигаре, ки раванди тавсеаи радикализми динӣ ва экстремизми сиёсиро тақвият мебахшанд. Дар шароити мураккаби ҷаҳони муосир кам нестанд ҳолатҳое, ки ҳизбу ҳаракат ва ташкилотҳои террористӣ аз ҷониби баъзе давлатҳо ҳамчун воситаи амалӣ гардонидани манфиатҳои геополитикӣ ва геостратегӣ истифода мешаванд[1]. Бо ин мақсад ташкилотҳои террористию экстремистӣ аз ҷониби хоҷагони худ кӯмакҳои молию пулӣ ва дигар навъи дастгириро дарёфт менамоянд, ки чунин ҳолат мубориза бар зидди ин зуҳуротро боз ҳам мушкилтар мегардонад.

Дар замони муосир эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон, эътирофи озодии сухан ва виҷдон яке аз унсурҳои муҳимтарини ҷомеаҳои мутамаддин дониста мешавад. Муҳимтар аз ҳама, инсонҳо ҳуқуқ доранд, ки озодона динеро пайравӣ кунанд, ё накунанд. Яъне, дар мавриди интихоби маънавии инсон ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки дахолат намояд ва ин интихобро эҳтиром бояд кард. Аммо дар таърихи инсоният кам нестанд ҳолатҳое, ки ба сари мардум бо роҳу воситаҳои гуногун арзишҳои маънавии бегона бор карда мешаванд, ё шуури динию мазҳабӣ ва эътиқодии онҳо ҳамчун воситаи расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ истифода мегардад. Фаромӯш набояд кард, ки шуури динӣ ва эътиқоди динии инсонҳоро метавон ҳам барои созандагӣ ва ҳам барои муборизаҳои сиёсӣ истифода намуд. Мутаассифона, радикалистони динӣ зери шиори ислом аз эътиқоди динии мусулмонон истифода намуда, онҳоро барои амалӣ гардонидани мақсадҳои худ сафарбар мекунанд. Дар шароити муосир исломи сиёсӣ, ки аз таълимоти исломгароён сарчашма мегирад, ҳамчун яроқи идеологӣ барои тасхир намудани шуури ҷамъиятӣ дар муборизаҳои сиёсӣ истифода мешавад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ин гуна неруҳо исломро на барои беҳтар кардани вазъи маънавию ахлоқии ҷомеа, балки барои ба даст овардани ҳокимият ва тағйир додани сохти конститутсионии давлат истифода мебаранд.

---

[1] Ниг.: Добаев, И.П. Геополитика и терроризм эпохи постмодерна [Текст] / И.П. Добаев, А.И. Добаев, В.И. Немчина. – Ростов-на-Дону, 2015. –370 с.

Чизи дигаре, ки қобили зикр аст, ин алоқамандии ислоҳот ва пайдоиши радикализм мебошад. Тибқи назарияи ниҳодикунонӣ, давлат ҳамчун ташкилоти сиёсӣ марҳила ба марҳила худро бо муҳити беруна бояд мутобиқ созад. Чунин амал ба он хотир зарур аст, ки дигаргуниҳои дар муҳити давлат бавуҷудомада ҳалли худро мехоҳанд ва ниҳодҳои анъанавии ҳокимият қодир нестанд, ки онҳоро ҳал намоянд[1]. Аз ин рӯ, масъалаи ислоҳоти сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд ва ин ҳама ба талаботи давру замон ҷавогӯ намудани ниҳодҳои давлатӣ ва таъмин кардани устувории онҳо мебошад. Албатта, дигаргуниҳое, ки дар натиҷаи ислоҳоти иҷтимоию сиёсӣ ба амал меоянд, донишҳои касбии қисме аз сокинони мамлакатро корношоям мегардонанд. Аммо қафомонии касбӣ ва маънавию маърифатӣ ҳеҷ гоҳ маънои радикалист шудан ва экстремист буданро бояд надошта бошад. Баръакс, инсонҳо пайваста ба такмили ихтисос ва таҷдиди назар намудани донишҳои худ бояд машғул шаванд, зеро дигаргуниҳо хоси ҷомеаи инсонӣ аст. Дигаргуниҳои азиме, ки зери таъсири инқилобҳои илмӣ-техникӣ (инчунин зеҳни сунъӣ) ба амал омадаанд, боиси пайдоиши қишри нави иҷтимоӣ – маргиналҳо шудаанд. Ин гурӯҳи одамон наметавонанд худро бо шароити навин мутобиқ созанд ва аз ин рӯ, гурӯҳи иҷтимоиеро ташкил медиҳанд, ки ба осонӣ даъватҳои экстремистию террористӣ ва дигар ташкилотҳои радикалистиро қабул менамоянд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2019 ба масъалаи китоб ва китобхонӣ диққати ҷомеаро ҷалб карда, нигаронкунанда будани ин масъаларо дар байни хонандагону донишҷӯён ва омӯзгорони онҳо махсус таъкид кардаанд, ки мақсад аз ин гуфтаҳо ҷуброн намудани қафомонии маънавию маърифатӣ ва ҳамқадами замона будан мебошад. Ҳамзамон Сарвари давлат дар Паёми худ қайд карда буданд, ки «Роҳбарону кормандони соҳаи маорифро зарур аст, ки дар баробари чунин дастгириҳои давлат ва афроди ватандӯст сатҳу сифати таълимро дар ҳар як

[1] Ниг.: Хантингтон, С. Политический порядок в меняющихся обществах [Текст] / Пер. с англ. – М.: Прогресс-Традиция, 2004. – 480 с.

муассисаи таълимӣ, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо ва дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баланд бардоранд. Инчунин, назорати азхудкунии донишҳои замонавиро пурзӯр гардонида, наврасону ҷавононро ба мутолиаи китобҳои бадеиву илмӣ ташвиқ намоянд, қобилияти эҷодии онҳоро тақвият бахшанд ва ба таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд»[1].

Мутаассифона, тули солҳои охир ҷавонон ва сокинони кишвар бинобар сабаби дур шудан аз китобхонию тақвияти касбӣ фирефтаи ғояҳои экстремистӣ гардида, ба доми радикалистони динӣ меафтанд. Инсоне, ки ҷаҳонбинии васеъ ва дониши кофӣ надорад, дар шароити баамалоии инқилобҳои иттилоотӣ қобилияти фарқ намудани иттилооти зараровар аз фоидаоварро надорад, бо кадом ният ва бо чи мақсад паҳн шудани иттилоотро намедонад ва дар ниҳоят ноогоҳона ба ифроти ақлӣ даст зада, дар муқобили манфиатҳои миллии кишвари худ амал менамояд.

Дар мавриди сарчашмаҳои пайдоиши радикализми динӣ ва экстремизми сиёсӣ сатҳу сифати маданияти дунявии шаҳрвандон низ бояд ба инобат гирифта шавад. Зеро ташкилотҳои террористию экстремистие, ки бо шиорҳои динӣ ба саҳнаи сиёсат ворид мешаванд, мехоҳанд устувории сиёсии давлат, ризоияти миллию шаҳрвандӣ ва ваҳдати миллиро барҳам зананд ва барои расидан ба ин ҳадаф дар аксар маврид дар муқобили давлати дунявӣ, арзишҳои демократӣ ва қонунҳои шаҳрвандӣ баромад намуда, сокинони мамлакатро дар муқобили ин арзишҳо равона созанд. Аз ин рӯ, баланд бардоштани маърифати дунявии шаҳрвандони мамлакат низ яке аз роҳҳои коҳиш додани тавсеаи радикализми динӣ ва экстремизми сиёсӣ дар байни сокинони кишвар мебошад.

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, 26.12.2019 [Захираи электронӣ]. –URL: http://www.prezident.tj/node/21975 (санаи муроҷиат: 25.05.2023)

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати дунявӣ тибқи муқаррароти Конститутсияи мамлакат дар раванди ташаккулёбии худ чунин меъёрҳои ҷамъиятию сиёсиро пайгирӣ менамояд:

– эҳтиром гузоштан ба боварҳои динӣ ва эътиқоди динии шаҳрвандон;

– эътироф намудани боварҳои динии одамон ва иттиҳодияҳои динии онҳо ҳамчун унсури ҳаёти шахсӣ;

– кафолати баробарҳуқуқӣ ва роҳ надодан ба таъқиби шаҳрвандон дар мавриди пайравӣ кардан, ё накардан аз ин ё он дин;

– дарёфти роҳу усулҳои судманди ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои динӣ ва истифода кардани иқтидори он ҷиҳати беҳтар намудани фазои маънавӣ ва ахлоқии ҷомеа;

– роҳ надодан ба истифодаи дин барои анҷом додани мақсадҳои сиёсӣ.

Аз ин рӯ, дину мазҳаб бояд дар самти беҳтар кардани фазои ахлоқӣ ва маънавии ҷомеа равона гардад. Аммо омезиш додани дин бо сиёсат, ё сиёсикунонии дин на танҳо обрӯ ва арзиши ахлоқии онро коҳиш медиҳад, балки дар шароити имрӯза онро ҳамчун яроқи идеологӣ барои амалӣ гардонидани мақсадҳои сиёсӣ истифода мебаранд, ки дар натиҷаи ин амал пайравони дин ва аҳолии осоишта метавонанд қурбони бозиҳои сиёсию геополитикӣ гарданд[1].

Бояд ёдовар шуд, ки баъди анҷомёбии «ҷанги сард» минтақаҳои гуногуни оламро низоъҳои этникӣ ва бархӯрдҳои мусаллаҳонаи дохилидавлатӣ фаро гирифт. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин гуна равандҳо барканор намонд. Дар ибтидои асри XXI бошад авҷ гирифтани истифодаи зӯроварии сиёсӣ, инқилобҳои ранга, зуҳури радикализми динӣ, экстремизми сиёсӣ, терроризм, ҷудоихоҳӣ ва монанди инҳо ба амал омаданд. Дар бисёре аз мавридҳо мушоҳида кардан мумкин аст, ки чунин равандҳо аз ҷониби як қатор давлатҳои манфиатдор барои амалӣ гардонидани ҳадафҳои

---

[1] Ниг.: Сафарализода, Х.Қ. Сиёсишавии дин ҳамчун омили пайдоиши экстремизми динию сиёсӣ ва таъсири он ба амнияти миллии кишвар [Матн] / Х.Қ. Сафарализода, Ҷ.Х. Ашурзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2019. – № 6. – С. 264-271.

геостратегии худ ва мустаҳкам кардани мавқеи геополитикии онҳо моҳирона истифода бурда шудаанд. Ҷанги шаҳрвандии дар Тоҷикистон рухдода мисоли равшани ин гуфтаҳо мебошад. Нооромиҳои Тоҷикистон бо дахолати неруҳои хориҷӣ аз берун ба дохили мамлакат таҳмил гардид ва аз ин рӯ, онро «ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ» меномем.

Бо назардошти ин, ба масъалаи таъмини амният ва сарчашмаҳои таҳдид баҳои якҷониба додан кори дуруст нест. Зеро ҳар як давлат дар марҳилаҳои гуногуни рушду инкишоф қарор дорад ва чунин вазъият ба дурнамои таъмини амнияти миллии онҳо таъсиргузор аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун кишвари минтақаи Осиёи Марказӣ хусусияти хосси амниятӣ дорад, ки дар он сарчашмаҳои таҳдид, имконият ва иқтидори таъмини амният ва субот аз дигар кишварҳо тафовут дорад. Чунин гуфтаҳо маънои онро доранд, ки таҷрибаи давлатҳои дигар дар мавриди таъмини амният барои кишвари мо дар аксар маврид корношоям аст ва аз ин рӯ, моро зарур аст, ки бо такя ба неруҳои зеҳнию ақлии ҷомеаи худ ва бо назардошти имкониятҳои дарихтиёрдоштаи худ ба ин масъала муносибат дошта бошем ва тақдири ояндаи давлату миллатро дар дасти худ гирем.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақае ҷойгир аст, ки дар он бархӯрди манфиатҳои геополитикии абарқудратҳои олам доимо ба амал меоянд ва ин омил низ метавонад боиси мушкилиҳои зиёд шавад. Ба қавли донишмандони ватанӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорроҳаи тамаддунҳои ҷаҳонӣ қарор дорад[1] ва амалигардонии стратегияҳои дарозмуддати худро бо назардошти ин омил бояд таъмин намояд. Масалан, бархӯрди манфиатҳои Хитой, Россия, кишварҳои Ғарб, Ҳиндустон ва баъзе кишварҳои Шарқ аз як ҷониб, таъсиргузории кишварҳои ҷаҳони ислом аз ҷониби дигар равандҳои сиёсию иҷтимоии минтақаи Осиёи Марказиро доимо дигаргун месозанд. Ғайр аз ин, мавқеи ҷуғрофии Тоҷикистон низ аз мо тақозо менамояд, ки дар мавриди таъмини суботи сиёсӣ аз дигарон дида масъулияти зиёд ҳис

[1] Ниг.: Махмадов, А.Н. Национальный интерес Таджикистана [Текст] / А.Н. Махмадов, И.К. Асадуллаев. – Душанбе: ООО «Авесто», 2009. – С.67.

намоем. Дар ҳамсоякишвари мо – Ҷумҳурии Исломии Афғонистон зиёда аз 45 сол аст, ки нооромиҳои сиёсӣ идома доранд ва кайҳост, ки дар қаламрави ин кишвар бинобар сабаби пурра дар зери назорати давлат қарор надоштани ҳамаи ҳудудҳои маъмурӣ, ҳизбу ҳаракат ва ташкилотҳои гуногуни террористию экстремистӣ мавқеъҳои худро мустаҳкам намудаанд. Махсусан, баъд аз оне, ки моҳи сентябри соли 2021 ҳаракати Толибон дар Афғонистон ба сари қудрат омад, таҳдиду хатарҳо ба амнияти Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ бештар гардиданд. Бо амри тақдир Тоҷикистон бо ин кишвар дарозтарин сарҳадро дорад, ки таъмин кардани амнияти сарҳадӣ, муқобилият нишон додан бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷинояту ҷинояткорӣ кори саҳл нест.

Имрӯз нооромиҳои Афғонистон на танҳо ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ таҳдид менамояд. Зеро дар ин кишвар зуҳури радикализми исломӣ, терроризм, экстремизми сиёсӣ, истеҳсоли маводи мухаддир, гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ, низоъҳои мазҳабию қавмӣ ва паҳншавии яроқу аслиҳа мустақиман ба амнияти кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳдид менамоянд. Ба ҳамагон маълум аст, ки низоъҳои сиёсии дохили як мамлакат дар аввал метавонад сабаби пайдоиши терроризм, зӯроварии сиёсӣ, хариду фуруши ғайриқонунии маводи мухаддир ва яроқу аслиҳа гарданд ва баъдан миқёси худро васеъ намуда, аз сарҳади як давлат берун бароянд. Имрӯзҳо дар мисоли низои Афғонистон дидан мумкин аст ва ҳам исботи худро пайдо намуд, ки терроризм, хариду фуруши ғайриқонунии маводи мухаддир ва яроқу аслиҳа, зӯроварии сиёсӣ ва поймол гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд сарҳад надорад ва метавонад, ки аз дохили мамлакати ноором ва ноамн ба берун интиқол ёбад. Бинобар ин, масъалаи таъмини амният дар самти сарҳади Тоҷикистону Афғонистон барои кишвари мо ҳамчун самти афзалиятноки ҳифзи суботи сиёсӣ боқӣ хоҳад монд. Бо назардошти чунин вазъият Тоҷикистон аз суботи сиёсии Афғонистон аз дигарон дида манфиати бештар дорад ва барои таҳкими сулҳу субот дар ин кишвар ҳар коре, ки метавонад, анҷом медиҳад.

Зеро сарчашмаи таҳдидҳои номбаргардида маҳз аз фаъолияти гурӯҳҳои муташаккили ҷиноии дар Афғонистон ҷойгиршуда вобастаанд. Зеро ҷангҳои шаҳрвандӣ ва низоъҳои минтақавӣ на танҳо барои як кишвари мушаххас, балки барои ҳамсоякишварҳо низ оқибатҳои ногувор дошта метавонанд.

Тибқи омори СММ дар соли 2020 дар тамоми олам зиёда аз 79,5 млн гурезагон бинобар сабаби ҷангҳо, низоъҳо ва ноустувории сиёсӣ ватани худро тарк намудаанд. То соли 2010 шумораи гурезагон ҳамагӣ 40 млн нафарро ташкил медод, аммо аз ин давра сар карда ин рақам рӯ ба афзоиш ниҳод ва дар соли 2022 ба 100 млн нафар рафта расидааст[1]. Раёсати кор бо гурезагони СММ бо назардошти мавҷудияти минтақаҳои нооором ва авҷгирии низоъҳои мусаллаҳона соли 2021 эълон дошта буд, ки дар соли 2022 зиёда аз 1,47 млн нафар гурезагон интизори тарки ватан намудан ҳастанд[2]. Ин рақамҳо гувоҳи онанд, ки ҷангҳо ва низоъҳои мусаллаҳона як маротибаи дигар зиёд гаштаанд ва хавфи ба амал омадани онҳо низ рӯ то рӯз бештар мешаванд.

Таъсири харобиовари ҷангҳо ва оқибатҳои ногувори низоъҳои мусаллаҳона воқеияти бебаҳс аст. Пеш аз ҳама, чунин ноороmiҳои сиёсӣ метавонанд низоми иқтисодӣ ва хоҷагидории мамлакатҳоро вайрон созанд. Ғайр аз ин, ба ҳайси гурезагон тарки ватан намудани аҳолии осоишта, зиёд шудани ҷинояту ҷинояткорӣ, ба манбаи даромад табдил ёфтани ҷангу низоъ, ба амал омадани хариду фуруши яроқи оташфишон, паст гардидани сатҳу сифати зиндагӣ, таълиму тарбия ва фазои маънавии ҷомеа, ҳукмфармо гардидани фазои тарсу ҳарос дар ҷомеа ва умуман аз байн рафтани субот ва амният натиҷаи ҷангҳо ва низоъҳои мусаллаҳона мебошанд. Бо назардошти ин гуфтан мумкин аст, ки низоъҳои мусаллаҳона ба тақдириояндаи

[1] Ниг.: Более ста миллионов: в 2022 году количество беженцев стало самым большим за всю историю ведения учета [Электронный ресурс]. – URL: https://www.golosameriki.com/a/hundred-mln-refugees/6892465.html (дата обращения: 12.02.2023 г.)
[2] Ниг.: 1,47 млн беженцев ждут переселения в третьи страны в 2022 году [Электронный ресурс]. –URL: https://news.un.org/ru/story/2021/06/1405232 (дата обращения: 12.02.2023 г.)

миллатҳо таъсири манфӣ расонида, на танҳо рушду инкишофи онҳоро боз медорад, балки кишвари онҳоро, агар аз байн наравад ҳам, даҳсолаҳо ба қафо мепартояд. Гузашта аз ин, таъсири низои мусаллаҳона ва ноором иҳои як ҷомеа ба кишварҳои ҳамсоя низ ногузир мегардад. Ноороми ҳои сиёсии Афғонистон, ки тули чанд даҳсолаи охир идома доранд, на танҳо иқтисодиёти ин мамлакатро хароб, ваҳдати миллӣ ва ризоияти шаҳрвандиро барҳам задаасту мардумро дар яъсу ноумедӣ қарор додааст, балки аллакай ба кишварҳои ҳамсоя низ таъсири манфӣ расонида истодаанд. Бо чанд далел гуфтан мумкин аст, ки низои сиёсии Афғонистон ба амнияти миллӣ ва суботи сиёсии Тоҷикистон низ таъсири манфӣ мерасонад.

Якум ин, ки дар ин кишвар кайҳост, ки сиёсикунонии дини ислом анҷом ёфтааст ва яке аз неруҳои бо ҳам даргирро низ радикалистони исломӣ ташкил медиҳанд. Пеш аз ҳама ҷунбиши «Толибон», аъзоёни фаъоли ташкилоти террористию экстремистии «Ал-Қоида», фаъолони ташкилоти террористии бо ном «Давлати исломӣ» ва чанде дигар ҳизбу ҳаракатҳои радикалистӣ дар кишвари Афғонистон мавқеъҳои худро мустаҳкам намуда, дар муборизаҳои сиёсии худ аз усулҳои зӯроварии сиёсӣ, терроризм ва амалҳои террористӣ ба таври фаровон истифода менамоянд. Дар натиҷаи дубора авҷ гирифтани низоъҳои мусаллаҳона дар ин кишвар мавҷи гурезагон низ зиёд мешавад, ки дар миёни онҳо ба дохили мамлакат метавонанд радикалистон ва террористон низ ворид шаванд. Гузашта аз ин, мухолифини ҳукумати Афғонистон дар раванди муборизаҳои сиёсии худ шиорҳои диниро ба таври васеъ истифода намуда, гӯё барои ҳимояи арзишҳои исломӣ мубориза мебурда бошанд. Дар чунин шароит ба сари мардумони кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки аксари онҳо пайрави дини ислом ҳастанд, арзишҳои бегона, ғояҳои радикализми исломӣ ва экстремизми сиёсӣ бор карда мешаванд, ки чунин тамоюлот ба манфиатҳои миллӣ ва роҳи интихобкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон созгор нест ва таҳдид ба суботи сиёсии ҷомеа бояд қаламдод карда шавад.

Дуюм ин, ки дар кишваре, ки оташи ҷанг аланга мезанад, гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ фаъол мегарданд ва барои ба даст овардани фоидаи муфт ба тиҷорати ғайриқонунӣ машғул мешаванд. Дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон хариду фурӯши яроқу аслиҳа ва истеҳсолу ба фурӯш баровардани маводи мухаддир боиси ташвиши ҷиддӣ мебошад. Ба ҳамагон маълум аст, ки аз се ду ҳиссаи маводи мухаддири ҷаҳониро дар Афғонистон истеҳсол менамоянд ва қисме аз онҳо тариқи кишварҳои Осиёи Марказӣ ба давлатҳои дигар интиқол дода мешаванд. Агар дарояндаи наздик масъалаи таъмини амнияти Афғонистон ва хотима ёфтани низоъҳои мусаллаҳонаи ин кишвар ҳаллу фасл нагардад, Ҷумҳурии Тоҷикистонро лозим меояд, ки дар самти мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, хариду фурӯши яроқу аслиҳа ва гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ чораҳои иловагӣ андешад.

Сеюм ин, ки вазъи ноороми Афғонистон мустақиман ба амнияти миллӣ ва рушди минбаъдаи кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳдид менамояд. Яке аз самтҳои афзалиятноки кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистонро ба роҳ мондани тиҷорат бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ, баромадан ба роҳҳои баҳрӣ, ба роҳ мондани хатти интиқоли неруи барқ, сохтани роҳҳои мошингард ва роҳҳои оҳан байни ин кишварҳо ташкил медиҳад. Аммо аз сабаби нооромиҳои кишвари ҳамсоя дар амал татбиқ кардани ин гуна лоиҳаҳои дорои аҳамияти стратегӣ ғайриимкон мегардад. Чунин ҳолат то андозае дар рушди иқтисодии мамлакати мо низ таъсири манфӣ мерасонад.

Чорум ин, ки дар низои сиёсии Афғонистон муҷоҳидон ва размандагони ташкилотҳои террористию экстремистӣ таҷрибаи зиёд пайдо карда, дар минтақаҳои дигар метавонанд онро истифода намоянд. Мо шоҳиди он будем, ки дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ чи гуна муҷоҳидини хориҷӣ аз ҷониби мухолифин дар муқобили ҳукумати конститутсионӣ ҷангида буданд. Ҳолатҳои зиёдеро номбар кардан мумкин аст, ки дар он солҳо чи гуна дар сарҳадоти байни Тоҷикистону Афғонистон бархӯрдҳои мусаллаҳона рух додаву қурбониёни зиёд ба ҷо гузошта буданд. Далелҳои

таърихиро рад намудан имконнопазир аст. Сиёсатшиноси ватанӣ С.С. Ятимов дар мавриди вазъияти ногувори Афғонистон андешаҳои худро ба таври зерин хулосабарорӣ намудааст: «Бозигарони тақдири афғонҳо даҳсолаҳои ахир эътиқодот, боварӣ ва ҷаҳонбинии аксари мардумро зина ба зина тавре шакл доданд ва хурофотро ба ҳадде расониданд, ки ҷавонон таърих, ҳувият ва мансубияти миллии худро фаромӯш карданд ё ҳадди ақал ба дараҷае расиданд, ки ин арзишҳоро чизҳои ғайримуҳим шуморанд. Саранҷом, зери шиори «ҷиҳод» бархостанд. Кушторҳои дар таърихи инсоният камназири миллати худро ба намоиш гузоштанд. Садҳо ва ҳазорҳо хонаву дар, мактабу мадрасаро оташ заданд. Пулу ҷода ва корхонаҳоро хароб карданд. Ниҳоят ба мақсади худ расиданд. Бар Ватани валангор ва мулки «шаҳидбор» салтанат пайдо намуданд. Айнан, такрори манзараи солҳои навадуми Тоҷикистон»[1].

Дар маҷмуъ, низоъҳои мусаллаҳона, ҷангҳои шаҳрвандӣ ва умуман ҳама гуна муноқишаҳои дохилӣ на танҳо ба кишвари муайян, балки ҳамсоякишварҳо низ таъсири амиқ мерасонанд. Агар чунин зуҳурот кишвари ҷангзадаро даҳсолаҳо ба қафо кашаду, ҳудудҳои онро ба лонаи радикалистону террористон табдил диҳад, чунин ҳолат ба амнияти миллӣ ва суботи сиёсӣ, рушди иқтисодӣ ва фазои маънавии ҳамсоякишварҳо низ таъсири манфӣ мерасонад. Чунин таҳдиду хатарҳоро Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолият эҳсос менамояд.

Хулоса, давлатдории миллӣ масъулияти бузургест, ки барои ҳифзу бақои он заҳмати зиёд кашидан зарур меояд. Душвории ин кор дар он ифода меёбад, ки дар раванди ташаккулёбии давлати соҳибистиқлол таҳдиду хатарҳое пайдо мешаванд, ки устувории сиёсӣ, истиқлолияти давлатӣ ва рушду инкишофи мамлакатро ба бухронҳои гуногун рӯ ба рӯ менамоянд. Дар ин раванд, хавфи ба амал омадани низоъҳои сиёсӣ, ҷанги шаҳрвандӣ, инқилобҳои ранга, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, хариду

[1] Ятимов С.С. Пойтахти давлат ва истиқлоли миллат [Матн] / С.С. Ятимов // Илм ва ҷомеа. – 2021. –№ 5 (27).

фурӯши ғайриқонунии яроқу аслиҳа, гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ, зуҳури радикализми динӣ ва экстремизми сиёсӣ, терроризм ва монанди инҳо зиёд мегарданд. Таъмин кардани ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои ҳаётан муҳимми кишвар аз таҳдидҳои мазкур вазифаи муҳимтарини давлату ҳукумат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Мушоҳидаҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки агар дар мубориза бо терроризму экстремизм ва дигар ҷиноятҳои муташаккил дар баробари давлат ҷомеаи шаҳрвандӣ низ икдом накунад, давлат дар танҳоӣ ба муваффақиятҳои назаррас ноил намешавад. Муваффақияти давлатҳои орому осоишта ва тараққикарда низ дар чунин ҳолат ифода меёбад. Яъне, тамоми шаҳрвандони кишвар душманони давлату миллати худро мешиносанд ва ҳеҷ гоҳ ба доми онҳо намеафтанд.

# ХУЛОСА

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ибтидои солҳои 90-ум баъди ба даст овардани истиқлолият зери таъсири радикализми динӣ ва бо дахолати субъектҳои хориҷӣ ба оташи ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд. Ҳарчанд баъди заҳмату талошҳои зиёд низои сиёсии байни тоҷикон ҳал гардида бошад ҳам, ду даҳсолаи охир зуҳуроти терроризм, радикализми динӣ ва экстремизми сиёсӣ ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақиман таъсир расонида истодаанд. Бахусус, дар шароити рушди технологияҳои иттилоотӣ ва афзоиш ёфтани корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ созмонҳои экстремистию террористӣ дар фазои маҷозии интернет фаъол гардида, ғояҳои радикалистӣ ва экстремистии хешро дар байни қишрҳои гуногуни ҷомеа таблиғ намуда истодаанд. Ҳамарӯза дар муқобили суботи сиёсӣ ва сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷумҳои иттилоотию идеологӣ сурат мегиранд. Аллакай як зумра ҷавонон ба доми чунин ҳизбу ҳаракатҳо афтода, ба сафи онҳо пайвастаанд. Ташкилотҳои террористию экстремистие, ки дар ҳудудҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мамнуъ эълон шудаанд, аз ҷониби як зумра давлатҳо пуштибонӣ меёбанд. Онҳо кӯшиш карда истодаанд, ки дар дохили кишвар бетартибиҳои сиёсиро ташкил намоянд.

Дар таҳқиқоти мазкур муайян гардид, ки субъекти таъмини амният замоне метавонад дар мубориза бо таҳдидҳои эҳтимолӣ ва безараргардонии таҳдидҳои воқеӣ муваффақ шавад, ки агар дар бораи сарчашмаҳои пайдоиш ва табиати таҳдидҳо маълумот ва иттилооти кофӣ дошта бошад. Муайян кардани сарчашмаи пайдоиш ва иқтидори таҳдид имкон медиҳад, ки барои ба вуҷуд овардани ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои миллӣ манбаҳои зарурӣ сафарбар карда шаванд. Дар замони муосир, ки марҳила ба марҳила таҳдидҳои нав пайдо шуда истодаанд, омӯзиш ва таҳқиқи ин масъала бояд ба таври доимӣ ба роҳ монда шавад. Дар марҳилаи кунунии давлатдорӣ шинохти таҳдидҳо кафили таъмини суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ҳамин тариқ, дар диссертатсияи мазкур таъсири таҳдидҳои замони муосир ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардида, натиҷаҳои асосии пажӯҳиши ин масъала ба тарзи зерин хулосабарорӣ шуданд:

1. То ба имрӯз вобаста ба моҳият ва хусусияти таҳдид андешаи ягона вуҷуд надорад. Чунин вазъият аз омилҳои гуногун вобаста мебошад: якум, то анҷомёбии ҷанги сард амнияти миллӣ танҳо масъалаҳои ҳарбию сиёсиро дар бар мегирифт. Аммо аз охири солҳои 80-ум ба мундариҷаи амнияти миллӣ масъалаҳои ғайриҳарбиро низ ворид намуданд. Дуюм, дар тули се даҳсолаи охир дар баробари давлат, дар сиёсати ҷаҳонӣ инчунин субъектҳои ғайридавлатӣ низ мавқеи худро мустаҳкам карданд. Сеюм, рушди ТИИ ва пешрафти илму техника боиси пайдоиши як зумра таҳдиду хатарҳои нав гардиданд [7-М]; [11-М]; [17-М].

2. Мафҳумҳои таҳдид, хатар ва хавф аз ҷониби муҳаққиқон дар аксар маврид дар як маъно истифода бурда мешаванд. Таҳқиқи ин масъала нишон дод, ки хавф, изтироб ва таҳдид дараҷаҳои гуногуни зоҳиршавии хатар мебошанд. Хавф марҳилаи аввали пайдоиши хатар ва таҳдид бошад дараҷаи ниҳоии он ба шумор меравад. Хавфҳо ҳамзамон таҳдидҳои эҳтимолӣ низ мебошанд. Умумият ва махсусияти хавфу хатар бо таҳдид дар ҳамин ҳолат ифода меёбад [5-М]; [14-М].

3. То ба имрӯз таснифоти гуногуни таҳдидҳо пешниҳод гардидаанд. Аз ҷумла, таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ, дохилӣ ва беруна, мақсаднок ва тасодуфӣ, бавосита ва бевосита, таҳдидҳои соҳавӣ, анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ. Таҳқиқи ин масъала нишон дод, ки таҳдидҳои эҳтимолӣ ва ғайрианъанавӣ хусусиятҳои муҳимми таҳдидҳои замони муосирро ифода менамоянд. Ғайр аз ин, таҳдидҳои дорои характери соҳавӣ аз таҳдидҳое, ки ба соҳаи мушаххас таъсир мерасонанд, бояд фарқ карда шаванд [8-М]; [13-М].

4. То ба имрӯз вобаста ба шинохти таҳдидҳо назарияи тавозуни таҳдидҳо (Стивен Уолт), назарияи секюритизатсия (Барри Бузан) ва назарияи неруи нарм (Ҷозеф Най) ташаккул ёфтаанд. Барои шинохти

таҳдидҳои замони муосир иқтидори эвристикӣ ва моделҳои консептуалии назарияҳои секюритизатсия ва неруи нарм аҳамияти зиёди илмию амалӣ доранд [4-М]; [12-М].

5. Таҳдидҳои беруна дар раванди амалигардонии манфиатҳои миллӣ ва геополитикӣ зоҳир мешаванд. Сарчашмаҳои асосии пайдоиши чунин таҳдидҳо фаъолияти тахрибии давлатҳои хориҷӣ ва сохторҳои дахлдори онҳо мебошанд, ки дар бисёре аз мавридҳо хусусияти террористӣ, экстремистӣ, ҷудоихоҳӣ, инқилобӣ ва радикалӣ доранд. Дар натиҷаи пайдоиши таҳдидҳои беруна эҳтимолияти ба амал баровардани инқилобҳои ранга, ё табаддулоти давлатӣ меафзояд, дар раванди амалигардонии манфиатҳои миллӣ монеаҳои ҷиддӣ пайдо мешаванд, легитимияти ҳокимияти давлатӣ паст мегардад, ҳокимияти давлатӣ метавонад зери фишори омилҳои хориҷӣ қарор гирад, фазои геополитикии кишвар қисман дар зери назорати акторҳои хориҷӣ қарор гирад [16-М]; [21-М].

6. Дар шароити давлатдории миллӣ таҳкими пояҳои истиқлолияти давлатӣ, дар амал татбиқ кардани ҳадафҳои стратегии давлату ҳукумат ва умуман таъмини амнияти миллӣ самтҳои асосии фаъолияти сиёсиро ташкил медиҳанд. Аммо як қатор зуҳуроти номатлуб, ба мисли хурофотпарастӣ, таассубгароӣ, тақлид ба фарҳанги бегона, пайвастан ба сафи ташкилотҳои террористию экстремистӣ, ҷинояткорӣ, мушкилиҳои давраи гузариш, фирори мағзҳо ва ғ. ҳамчун таҳдидҳои дохилӣ имкон намедиҳанд, ки ҳадафҳои стратегии кишвар дар сатҳи зарурӣ амалӣ карда шаванд [22-М].

7. Дастовардҳои илмию техникӣ ва рушди технологияҳои нав аз як ҷониб ҳалли мушкилиҳои гуногуни инсониятро имконпазир гардонида бошанд, аз ҷониби дигар хавфу хатар ва таҳдидҳои бешуморро ба вуҷуд овардаанд. Айни замон рушди илмҳои микробиология, генетика ва рушди ТИИ боиси пайдоиши биотерроризм, агротерроризм ва кибертерроризм гардиданд, рушди зеҳни сунъӣ ва роботикунонӣ бошанд мушкилиҳои иҷтимоиро бештар карда истодаанд [6-М].

8. Василаҳои иттилоотию иртиботӣ, махсусан шабакаи интернет айни замон дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ба таври васеъ истифода бурда мешаванд. Дар шароити муосир рушди дилхоҳ соҳаро бе истифодаи интернет ва технологияҳои иттилоотӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Аммо дар баробари ин як қатор таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир дар натиҷаи рушди ТИИ пайдо шудаанд. Аз ҷумла, терроризми иттилоотӣ, кибертерроризм, ҷангҳои иттилоотӣ, назарфиребӣ, таблиғи ғояҳои радикалистию экстремистӣ, инқилобҳои ранга ва ғайраҳо [18-М]; [23-М].

9. Давлатҳо на танҳо бо «неруи нарм»-и давлатҳои дигар ва ширкатҳои фаромиллию ташкилотҳои ғайридавлатӣ рӯ ба рӯ мешаванд, балки дар масири ташаккулдиҳии давлатдории миллӣ таъсири «неруи нарм»-и ташкилотҳои террористию экстремистиро низ эҳсос менамоянд. Аз ин рӯ, «неруи нарм» дар як вақт ҳам воситаи амалӣ гардонидани манфиатҳои миллӣ ва ҳам воситаи мубориза бо таҳдидҳои замони муосир мебошад. «Неруи нарм» ҳарчанд барои ҳалли ҳамаи масъалаҳо мусоидат накунад ҳам, аз он даст кашидан ғайриимкон аст. Зеро он яке аз унсурҳои муҳимтарини «неруи ҳушманд» мебошад. Ба ҳамин монанд аз «неруи сахт» ва «неруи фаъол» низ даст кашидан номумкин аст. Онҳо низ унсурҳои таркибии «неруи ҳушманд» мебошанд. Бо ҳам алоқаманд кардану дар мавридҳои зарурӣ самаранок истифода бурдани онҳо моҳияти «неруи ҳушманд»-ро ташкил медиҳад [9-М]; [10-М].

10. Тули ду даҳсолаи охир инқилобҳои рангаро барои ноором кардани вазъияти дохилии давлатҳо ва минтақаҳои гуногун моҳирона истифода бурда истодаанд. Дар раванди ташкил кардани инқилобҳои ранга технологияҳои иттилоотӣ, манипулятсияи сиёсӣ, ҳизбу ҳаракатҳои радикалистӣ, ташкилотҳои экстремистию террористӣ, дипломатияи мардумӣ, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва ғ. моҳирона истифода мегарданд. Субъектҳои геополитикӣ дар раванди муборизаҳои сиёсии худ тавассути инқилобҳои ранга кӯшиш менамоянд, ки ҷонибдорони худро ба сари қудрат оваранд [20-М].

11. Шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун дастоварди навини инсоният метавонанд ҳам ба фоидаи одамон ва ҳам бар зарари онҳо истифода бурда шаванд. Одатан фоидаи шабакаҳои иҷтимоӣ дар ихтиёри моликони ин ширкатҳо қарор дорад. Тавассути шабакаҳои мазкур ширкатҳои технологӣ ба ҷамъоварии иттилоот машғул мегарданд, то ки онро коркард намуда, ба фурӯш бароранд. Зараpу зиёни шабакаҳои иҷтимоӣ асосан ба корбарони интернет нигаронида шудаанд. Шабакаҳои иҷтимоӣ сарчашмаи асосии паҳн шудани фарҳанги бегона ва хабарҳои носаҳеҳ мебошанд, ки чунин ҳолат ба афкори ҷамъиятӣ таъсири манфӣ мерасонад. Дар шароити имрӯза аксари одамон тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ мағзшӯӣ гардида, ба сафи ҳизбу ҳаракатҳои радикалистӣ ва экстремистӣ мепайванданд [19-М].

12. Ҳимояи истиқлолияти давлатӣ, сохти конститутсионии кишвар, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ аз таҳдиду хатарҳои идеологӣ яке аз самтҳои афзалиятноки таъмини амнияти миллӣ ба шумор меравад. Коҳиш додан, ё аз байн бурдани таъсири манфии таҳдиду хатарҳои идеологӣ замоне имконпазир мегардад, ки агар иқтидори дастгоҳи идеологии давлат ва амнияти идеологии кишвар дар сатҳи зарурӣ қарор дошта бошанд. Аммо таҳдидҳо ба амнияти идеологӣ аз соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ бармеоянд. Бинобар ин, амнияти идеологӣ дар маҷмуъ ва унсурҳои таркибии таъмини он дар алоҳидагӣ бояд ба таври доимӣ таҳлилу таҳқиқ гарданд [2-М].

13. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи кунунии давлатдорӣ амнияти идеологии кишвар омили муҳимми таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзи суботи сиёсӣ маҳсуб меёбад. Барои оне, ки амнияти идеологии кишвар дар сатҳи зарурӣ таъмин гардад, якчанд воқеият бояд ба инобат гирифта шавад. Якум, мундариҷаи идеологияи давлатӣ бояд мушаххас гардонида шавад. Дуюм, таҳдидҳои идеологӣ бояд муайян шаванд. Сеюм, таҳдидҳо ба амнияти идеологии кишвар бояд эътироф гарданд. Чорум, муайян бояд кард, ки сохтори ҷамъиятӣ дар кадом марҳилаи ташаккулёбии худ қарор дорад [3-М].

14. Аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолият то инҷониб таҳдиду хатарҳое пайдо шуданд, ки ба мақсадҳои миллӣ ва ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақиман таъсири манфӣ мерасонанд. Дар байни онҳо терроризм, радикализми исломӣ ва экстремизми сиёсӣ хавфу хатари бештар доранд. Аз ин рӯ, дар марҳилаи кунунии таҳкими давлатдории миллӣ пешгирӣ кардану коҳиш додани таъсири манфии онҳо хеле муҳим ба шумор мераванд [15-М].

Ҳамин тариқ, таҳлилу баррасиҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки таҳдидҳои замони муосир тадриҷан худро ба муҳит мутобиқ намуда, таъсири номатлуби хешро ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мерасонанд. Аз ин рӯ, ба замми дигар омилҳое, ки дар кори илмӣ нишон дода шудаанд, ягона роҳи муқовимат ба онҳо ин идеологияи миллӣ ва устувор гардонидани таълиму тарбия дар раванди таҳкими давлатдории миллӣ мебошад. Диссертатсияи мазкур кори баанҷомрасида буда, ҳамзамон метавонем хулосабардорӣ намоем, ки дар заминаи ин пажӯҳиш боз самтҳои нави таҳқиқот ҳам метавонанд рӯйи кор оянд.

## ТАВСИЯҲО БАРОИ ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Инсоният дар тӯли таърих ҳар боре, ки бо таҳдиду хатарҳо рӯ ба рӯ мегардид, дар баробари дигар иқдомот дастаҷамъона безарар гардонидани онҳоро ихтиёр менамуд. Дар марҳилаи кунунии давлатдорӣ низ барои безарар гардонидани таҳдиду хатарҳо, ба вуҷуд овардани ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои миллӣ ва пешгирӣ кардани таҳдидҳои эҳтимолӣ сатҳи баланди муттаҳидӣ ва ваҳдати миллӣ зарур аст. Аммо дар шароити ба амал омадани ҷангҳои иттилоотӣ ва торафт бештар шудани ҳуҷумҳои идеологию фарҳангӣ ба қишрҳои зидди ҳамдигар ҷудо намудани ҷомеа ба амал омада истодааст. Бинобар ин, бо мақсади ҳифзи суботи сиёсӣ

ва таъмини амнияти миллии кишвар ба таҳкими пояҳои ваҳдати миллӣ диққати бештар додан зарур мебошад.

Инқилоби чоруми саноатӣ, рушди зеҳни сунъӣ ва роботикунонӣ мушкилиҳои зиёди иҷтимоиро ба вуҷуд меоваранд. Аз ҷумла, аз байн рафтани баъзе касбу ихтисосҳо, куҳнашавии дониш, қафомонии илмию технологӣ, зиёд шудани шумораи бекорон ва ғ. Бо назардошти чунин вазъ ва ҳалли мушкилиҳои дар робита бо ин масъала бавуҷудоянда чунин тавсияҳои амалӣ пешниҳод намудан мумкин аст: якум, дар назди донишгоҳҳои пуриқтидори мамлакат ташкил намудани курсҳои такмили ихтисоси мутахассисони касбу кори гуногун; дар ин курсҳо ҷалб намудани устодони ботаҷриба ва донишманд, махсусан устодоне, ки аз дастовардҳои навини илму техника огоҳанд; огоҳ намудани иштирокчиёни курсҳои такмили ихтисос аз дастовардҳои навини илму техника; додани имтиёз ба устодоне, ки дар курсҳои мазкур дарс мегуянд (баланд намудани маоши онҳо, камтар кардани сарбории меҳнатии онҳо ва ғ.), то ки онҳо тавонанд пайваста ба такмили донишҳои худ машғул шаванд ва дастовардҳои навини илму техникаро дар доираи курсҳои такмили ихтисос ба мутахассисон шарҳу тавзеҳ диҳанд.

Дар шароити шиддатёбии набардҳои идеологию иттилоотӣ талабот нисбат ба рӯзноманигорон ва омӯзгорони типи нав хеле зиёд мегардад. Зеро маҳз онҳо қодиранд, ки иттилооти зиёдро таҳлилу баррасӣ намуда, ба ҷомеа иттилооти коркардшуда ва безарарро пешниҳод намоянд, то ки дар ташаккулёбии рафтори иҷтимоию сиёсии одамон тавонанд таъсири мусбат расонанд. Аз ин рӯ, замони он фаро расидааст, ки дар заминаи дигар факултетҳо рӯзноманигорони соҳавӣ омода карда шаванд. Масалан, рӯзноманигори сиёсӣ, иқтисодӣ, варзишӣ, психологӣ, фарҳангӣ, илмию тиббӣ ва ғайраҳо. Махсусан, омода кардани рӯзноманигорони сиёсию психологӣ хеле муҳиманд. Зеро дар шароити тавсеаи ҷангҳои иттилоотию психологӣ рӯзноманигороне лозиманд, ки дар баробари донистани

нозукиҳои соҳаи журналистика, инчунин дониш ва ҷаҳонбинии васеи сиёсию психологӣ бояд дошта бошанд.

Масъалаи дигар омода кардани омӯзгорони типи нав бояд дониста шавад. Зеро низоми таълиму тарбия дар шароити муосир яке аз воситаҳои муҳимтарини муқовимат бо ҷангҳои иттилоотӣ мебошад. Бояд на танҳо худи омӯзгорон тафаккури танқидӣ дошта бошанд ва доираи васеи иттилоотро таҳлил карда тавонанд, балки онҳо қодир бошанд, ки ба донишҷӯён фарҳанги иттилоотиро омӯзонанд. Дар шароити инқилоби иттилоотӣ нафаре метавонад худро аз таъсири манфии иттилооти ғаразнок эмин нигоҳ дорад, ки агар ӯ ба моҳияти дезинформатсия, иттилооти сохтаю бофта, тарғибу ташвиқи арзишҳои бегона, назарияи суиқасд ва дигар падидаҳои манфии замони муосир бохабар бошад.

Дар муқобили терроризми иттилоотӣ ва паҳншавии ғояҳои экстремистию радикалистӣ дар баробари рӯзноманигорон ва омӯзгорону зиёиён, инчунин нақши руҳониёни маҳаллӣ низ хеле калон аст. Онҳо низ бояд маъвизаҳои худро бо назардошти манфиатҳои миллии кишвар таҳия намуда, дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҷойгир созанд. Зеро дар муқобили идеологияи тундгароӣ танҳо идеологияи созанда ва башардӯстона метавонад истодагарӣ намояд. Гузашта аз ин, руҳониён бояд ҷомеаро аз суннатҳои динию мазҳабии ниёгон бохабар созанд ва сарҳади байни ифротгароии динӣ ва дини анъанавиро муайян намоянд. Махсусан, он маъвизаҳое, ки дар муқобили терроризму экстремизм анҷом дода мешаванд, барои ҳифзи суботи сиёсӣ, оромии ҷомеа ва махсусан фош намудани дурӯғпардозии ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистӣ мусоидат менамоянд. Инчунин ҷавонон низ аз моҳияти масъала, яъне муборизаҳои сиёсии террористон огоҳ гардида, ба доми онҳо намеафтанд.

Ниҳоятан зимни мубориза бо таҳдидҳо талаботи модели консептуалии назарияи секюритизатсия бояд ба инобат гирифта шавад. Бахусус ба инобат гирифтани онҳо дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ хеле зарур дониста мешавад. Шинохти таҳдидҳо унсури марказии назарияи мазкур ба

шумор рафта, безарар гардонидани таҳдидҳо аз ин омил вобаста мебошад. Дар чаҳор марҳилаи ташаккулёбии мундариҷаи амният шинохти таҳдидҳо дар сатҳи қишрҳои гуногуни ҷомеа ба амал меояд. Дар марҳилаи аввал, ки таҳдид бояд аз ҷониби ҳукумат муайян карда шавад, шинохти таҳдид дар сатҳи мақомоти давлатӣ хеле зарур аст. Дар марҳилаи дуюм, ки бо фаъолияти ВАО алоқаманд мебошад, касбияти рӯзноманигорон, коршиносони масоили сиёсӣ ва амниятӣ заруранд, то ки воқеияти таҳдидро дарк намоянд ва ба тарзи эътимодбахш ба бинандагону шунавандагону хонандагон мавҷудияти онҳоро асоснок карда тавонанд. Дар марҳилаи сеюм на танҳо барои намояндагони ҳукумат ва рӯзноманигорон ин навъи дониш муҳим аст, балки бовар кунонидани мардум хеле зарур мебошад. Дар ин раванд сатҳи дониши оммаи мардум низ нақши ҳалкунанда мебозад. Зеро агар одамон ба далелҳо ва гуфторҳои ҳукуматӣ камтар бовар намоянд, ё камтар сарфаҳм раванду, ба гуфторҳои неруҳои зиддиҳукуматӣ зиёдтар сарфаҳм рафта, таваҷҷуҳ зоҳир кунанд, амалӣ гардонидани чораҳои сиёсие, ки дар муқобили таҳдид равона мегардад, дар аксар маврид нодуруст дониста мешавад, ё натиҷаи дилхоҳ намедиҳад. Агар се марҳилаи аввали шинохти таҳдид ба тарзи самаранок анҷом дода шавад, қарорҳои сиёсии қабулшуда дар сатҳи баланд эътироф гардида, натиҷаи дилхоҳ медиҳанд.

# НОМГӮЙИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

## I. Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ


[1]. Декларация об использовании научно-технического прогресса в интересах мира и на благо человечества. Резолюция 3384 (XXX) от 10.11.1975 г. [Электронный ресурс]. – URL: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/science.shtml (дата обращения: 13.05.2021 г.)

[2]. Конвенция о предотвращении и наказании преступлений против лиц, пользующихся международной защитой, в том числе дипломатических агентов, 1973 [Электронный ресурс]. –URL: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/int_protected_persons.shtml (06.06.2020 г.)

[3]. Конвенция о запрещении разработки, производства и накопления запасов бактериологического (биологического) и токсинного оружия и об их уничтожении. Одобрена резолюцией 2826 (XXVI) Генеральной Ассамблеи от 16 декабря 1971 года [Электронный ресурс]. – URL: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/bacweap.shtml (дата обращения: 25.03.2021 г.)

[4]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо терроризм» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон с.1999, №11, мод. 275.

[5]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо экстремизм (ифротгароӣ)» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон с. 2003, №12, мод.695.

[6]. Международная конвенция о борьбе с захватом заложников [Электронный ресурс]. – URL: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/hostages.shtml (дата обращения: 03.07.2020 г.)

[7]. План действий по предупреждению насильственного экстремизма [Электронный ресурс]. –URL: https://documents.un.org/doc/undoc/gen/n15/456/24/pdf/n1545624.pdf (дата обращения: 12.01.2024 г.)

[8]. Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 // Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12.11.2020, №776 тасдиқ гардидааст.

[9]. Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 // Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.06.2021, №187 тасдиқ гардидааст.

## II. Суханрониҳо, Паёмҳои солона ва асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

[10]. Мулоқот бо намояндагони аҳли ҷомеа ва ходимони дини кишвар, 09.03.2024 [Захираи электронӣ]. –URL: http://president.tj/node/32922 (санаи муроҷиат: 04.04.2024)

[11]. Суханронӣ дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар, 09.03.2024 [Захираи электронӣ]. –URL: https://www.president.tj/event/speeches/37084 (санаи муроҷиат: 15.04.2024)

[12]. Суханронӣ дар ҷаласаи ғайринавбатии Шӯрои ҷамъиятӣ [Захираи электронӣ]. –URL: http://president.tj/node/2426 (санаи муроҷиат: 16.07.2022)

[13]. Суханронӣ дар Саммити Гурӯҳи 77 ва Хитой дар ҳошияи Конфронси ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (COP 28), 02.12.2023 [Захираи электронӣ]. –URL: http://president.tj/node/32047 (санаи муроҷиат: 25.01.2024)

[14]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20.04.2012 [Захираи электронӣ]. – URL: http://president.tj/node/1084 (санаи мурочиат: 20.09.2020)

[15]. Паёми Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20.01.2016 [Захираи электронӣ]. –URL: http://www.prezident.tj/node/10585 (санаи мурочиат: 25.05.2023)

[16]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, 26.12.2019 [Захираи электронӣ]. – URL: http://www.prezident.tj/node/21975 (санаи мурочиат: 25.05.2023)

[17]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 26.01.2021 [Захираи электронӣ]. –URL: http://president.tj/node/25005 (санаи мурочиат: 25.06.2022)

[18]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 21.12.2021 [Захираи электронӣ]. –URL: https://www.president.tj/event/missives/24850 (санаи истифодабарӣ: 25.01.2024)

[19]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28.12.2023 [Захираи электронӣ]. –URL: http://president.tj/node/32191 (санаи истифодабарӣ: 25.01.2024)

[20]. Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои истиқлол [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Ганҷ Нашриёт, 2018. – 436 с.

## III. Китобҳо

[21]. Адизес, И.К. Новые размышления о политике [Текст] / Пер. с англ. Н.Постриган. –М.: Манн, Иванов и Фербер, 2017. –256 с.
[22]. Адлер, М. Как читать книги. Руководство по чтению великих произведений [Текст] / Пер. с англ. 8-е изд. –М.: Манн, Иванов и Фербер, 2021. – 336 с.
[23]. Арин, О.А. Мир без России [Текст] / О.А. Арин. –М.: Эксмо, 2002. – 480 с.
[24]. Аристотель. Риторика [Текст] / Пер. с греч. – М.: Изд-во «АСТ», 2017. – 260 с.
[25]. Аристотель. Политика [Текст] / Пер. с древнегреч. С. Жебелева. –М.: Эксмо, 2018. – 384 с.
[26]. Бек, У. Общество риска. На пути к другому модерну [Текст] / Пер. с немец. – М.: Прогресс-Традиция, 2000. – 384 с.
[27]. Белов, Е.Б. Основы информационной безопасности [Текст] / Белов Е.Б., Лось В.П., Мещеряков Р.В., Шелупанов А.А. – М.: Горячая линия – Телеком, 2006. – 544 с.
[28]. Бжезинский, З. Великая шахматная доска: господство Америки и его геостратегические императивы [Текст] / Пер. с англ. –М.: Изд-во «АСТ», 2015. – 704 с.
[29]. Бжезинский, З. Стратегический взгляд: Америка и глобальный кризис [Текст] / Пер. с англ. –М.: Изд-во «АСТ», 2015. – 288 с.
[30]. Бжезинский, З. Великая шахматная доска [Текст] / Пер. с англ. О. Уральской. – М.: Изд-во «АСТ», 2020. – 384 с.
[31]. Блэквил Р., Дженнифер М.Х. Война иными средствами [Текст] / Пер. с англ. В.Желнинова. – М.: Изд-во «АСТ», 2017. – 480 с.
[32]. Бойд, Д. Все сложно. Жизнь подростков в социальных сетях [Текст] / Пер. с англ. –М.: Издательский дом Высшей школы экономики, 2020. –352 с.
[33]. Большие вызовы – стимул для развития науки [Текст]. –СПб.: Петербургский экономический форум, 2016. –21 с.

[34]. Бэкон, Ф. Сочинения в двух томах. Т.2. [Текст] / Пер. с англ. –М.: Мысль, 1972. – 582 с.

[35]. Вебер, М. Власть и политика [Текст] / Пер. с нем. Б.М. Скуратова, А.Ф. Филиппова. –М.: РИПОЛ классик, 2017. – 480 с.

[36]. Военная политология [Текст]. –М.: Красная звезда, 2006. –399 с.

[37]. Гейтс, Б. Как нам избежать климатической катастрофы. Решения, которые у нас есть. Прорывы, которые нам нужны [Текст] / Пер. с англ. –М.: Манн, Иванов и Фербер, 2021. – 335 с.

[38]. Гидденс, Э. Последствия современности [Текст] / Пер. с англ. – М.: Праксис, 2011. – 352 с.

[39]. Даймонд, Д. Кризис. Каков механизм преодоления кризиса? [Текст] / Пер. с англ. –М.: Изд-во АСТ, 2020. –544 с.

[40]. Даль, В. И. Толковый словарь живого великорусского языка : в 4-х т.: Т.4. Р-Я. [Текст] / В. И. Даль. – М.: РИПОЛ классик, 2006. –667 с.

[41]. Добаев, И.П. Геополитика и терроризм эпохи постмодерна [Текст] / И.П. Добаев, А.И. Добаев, В.И. Немчина. – Ростов-на-Дону, 2015. – 370 с.

[42]. Дугин, А.Г. Философия войны [Текст] / А.Г. Дугин. –М.: Яуза, 2004. – 256 с.

[43]. Зеленков, М.Ю. Основы теории национальной безопасности [Текст] / М.Ю. Зеленков. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2015. – 253 с.

[44]. Зокиров, Г.Н. Терроризм [Матн] / Г.Н. Зокиров. –Душанбе, 2004. – 53 с.

[45]. Зокиров, Г.Н. Зӯроварии сиёсӣ [Матн] / Г. Н. Зокиров. – Душанбе: «Эр-граф», 2018. – 132 с.

[46]. Зоҳидов, О.Ҳ. Таърихи сиёсии тоҷикон: таҳлили консепсияҳо [Матн] / О.Ҳ. Зоҳидов. Нашри дуюми такмилёфта. – Хуҷанд: Андеша, 2016. – 224 с.

[47]. Кай Фу Ли. Сверхдержавы искусственного интеллекта. Китай, Кремниевая долина и новый мировой порядок [Текст] / Пер. с англ. – М.: Манн, Иванов и Фербер, 2019. –240 с.
[48]. Карпович, О.Г. Цветные революции. Теория и практика демонтажа современных политических режимов [Текст] / О.Г. Карпович, А.В. Манойло. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2015. –111 с.
[49]. Клаузевиц, К. Принципы ведения войны [Текст] / Пер. с англ. Л. А. Игоревского. – М.: Центрполиграф, 2009. –220 с.
[50]. Клаузевиц, К. О войне [Текст] / Пер. с нем. – М.: Логос, 1994. –451 с.
[51]. Крадин, Н.Н. Политическая антропология [Текст] / Н.Н. Крадин. 2-е изд. испр. и доп. –М.: Логос, 2004. –272 с.
[52]. Кулагин, В.М. Международная безопасность [Текст] / В.М. Кулагин. – М.: Аспект-Пресс, 2007. – 318 с.
[53]. Лебон, Г. Психология народов и масс [Текст] / Пер. с фр. –М.: Изд-во АСТ, 2019. – 384 с.
[54]. Ленин, В.И. Полное собрание сочинений. Издание 5-е. Т.26 [Текст]. – М.: Издательство политической литературы, 1969. –590 с.
[55]. Сингапурское чудо: Ли Куан Ю [Текст] / Пер. с англ. В.Н. Верченко. – М.: Изд-во «АСТ», 2015. – 288 с.
[56]. Логунов, А.Б. Региональная и национальная безопасность [Текст] / А.Б. Логунов. –М.: Вузовский учебник, 2009. – 432 с.
[57]. Локк, Дж. Сочинения в 3 томах. Т.3. [Текст] / Пер. с англ. –М.: Изд-во «Мысль», 1988. – 668 с.
[58]. Лютвак, Э. Государственный переворот. Практическое пособие [Текст] / Пер. с англ. –М.: Русский Фонд содействия образованию и науке, 2012. –326 с.
[59]. Макиавелли, Н. Государь. О военном искусстве [Текст] / Пер. с итал. Г.Муравьевой. –М.: АСТ, 2019. –416 с.
[60]. Малапарте, К. Техника государственного переворота [Текст] / Пер. с итал. –М.: Аграф, 1998. –224 с.

[61]. Маркс К., Энгельс Ф. Манифест коммунистической партии: принципы коммунизма [Текст] / Пер. с немец. –М.: Эксмо, 2022. – 320 с.
[62]. Матвейчев, О. Информационные войны XXI века. «Мягкая сила» против атомной бомбы [Текст] / О. Матвейчев. –М.: Книжный мир, 2016. –350 с.
[63]. Махмадиев Н.Д. Социальные корни религиозного экстремизма в Таджикистане [Текст] / Н.Д.Махмадиев. – Душанбе, 2013 – 167 с.
[64]. Маҳмадизода, Н.Д. Омилҳои иҷтимоии экстремизми динӣ-сиёсӣ дар Тоҷикистон. Монография [Матн] / Н.Д.Махмадиев. - Душанбе, 2019 - 240 с.
[65]. Махмадов, А.Н. Национальный интерес Таджикистана (Методическое руководство) [Текст] / А.Н. Махмадов, И.К. Асадуллаев. –Душанбе: ООО «Авесто», 2009. – 92 с.
[66]. Муҳаммад, А.Н. Амнияти миллӣ [Матн] / А.Н. Муҳаммад, Х.Қ. Сафарализода. –Душанбе: Империал-групп, 2019. –226 с.
[67]. Муҳаммад, А.Н. Истиқлол ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ (таҷрибаи Тоҷикистон). Монография [Матн] / А.Н. Муҳаммад. –Душанбе, 2021. – 194 с.
[68]. Муҳаммад А.Н. Истиқлоли сиёсӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ [Матн] / А.Н. Муҳаммад. –Душанбе: Эр-граф, 2016. – 264 с.
[69]. Назиров, Д. Проблемы терроризма и религиозного экстремизма в условиях глобализации. Ч.1. [Текст] / Д. Назиров. – Душанбе, Ирфон, 2009. – 209 с.
[70]. Назиров, Д. Проблемы терроризма и религиозного экстремизма в условиях глобализации. Ч. 2. [Текст] / Д. Назиров. – Душанбе, Ирфон, 2009. - 328 с.
[71]. Наим, М. Конец власти. От залов заседаний до полей сражений, от церкви до государства. Почему управлять сегодня нужно иначе [Текст] / Пер. с англ. –М.: Изд-во «АСТ», 2016. –512 с.

[72]. Най, Дж. Будущее власти. Как стратегия умной силы меняет XXI век [Текст] / Пер. с англ. В.Н. Верченко. – М.: Изд-во «АСТ», 2014. – 444 с.

[73]. Нурулҳақов, Қ. Салафиягароии ифротӣ: моҳият ва таҳдиду хатарҳои он. –Душанбе, 2018. – 94 с.

[74]. Общая теория национальной безопасности [Текст] / Под общ. ред. А.А. Прохожева. – 2-е изд. – М.: Изд-во РАГС, 2005. –344 с.

[75]. Ожегов, С.И. Толковый словарь русского языка. 4-е изд. [Текст] / С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова – М.: А ТЕМП, 2006. – 944 с.

[76]. Опалева, А.В. Правовая основа обеспечения национальной безопасности Российской Федерации [Текст] / А.В. Опалева. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2004. – 511 с.

[77]. Погорельская, С.В. Неправительственные организации и политические фонды во внешней политике ФРГ [Текст] / С.В. Погорельская. – М.: Наука, 2007. – 207 с.

[78]. Политический атлас современности: Опыт многомерного статистического анализа политических систем современных государств [Текст]. –М.: Изд-во «МГИМО-Университет», 2007. – 272 с.

[79]. Прогноз научно-технологического развития агропромышленного комплекса Российской Федерации на период до 2030 года [Текст]. – М.: Агро-комплекс, 2017. –140 с.

[80]. Решетников, С.В. Теория принятия политических решений: функциональный подход [Текст] / С.В. Решетников, Т.С. Решетникова. –Минск: ТетраСистемс, 2012. –240 с.

[81]. Ризоён, Ш.Ш. Национальные интересы во внешней политике Республики Таджикистан [Текст] / Ш.Ш. Ризоён. –Душанбе: Дониш, 2020. –320 с.

[82]. Смирнова, А.Г. Образ государства во внешней политике и международных отношениях [Текст] / А.Г. Смирнова. – СПб.: Издательство СПБГУ, 2011. – 230 с.

[83]. Смирнова, А.Г. Механизмы конструирования политическими лидерами внешней угрозы в межгосударственных отношениях [Текст] / А.Г. Смирнова. – Ярославль: ЯрГУ, 2016. – 420 с.

[84]. Смит, А. Исследование о природе и причинах богатства народов [Текст] / Пер. с англ. –М.: Эксмо, 2020. – 1056 с.

[85]. Сунь Цзы. Искусство войны [Текст] / Пер. с англ. М.Михайлова. –М.: АСТ, 2019. – 160 с.

[86]. Томас, С. Цифровая трансформация. Как выжить и преуспеть в новую эпоху [Текст] / Пер. с англ. –М.: Манн, Иванов и Фербер, 2021. – 256 с.

[87]. Тренин, Д.В. Россия и мир в XXI веке [Текст] / Д.В. Тренин. –М.: Издательство «Эксмо», 2015. –384 с.

[88]. Троцкий, Л.Д. История русской революции: В 2 томах. Т.2: Октябрьская революция. Ч.2. [Текст]. –М.: ТЕРРА, 1997. –400 с.

[89]. Управление риском: Риск. Устойчивое развитие. Синергетика [Текст]. –М.: Наука, 2000. – 431 с.

[90]. Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои истиқлол [Матн]. –Душанбе: Ганҷ Нашриёт, 2018. – 436 с.

[91]. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 ҷилд. Ҷ.2. [Матн] –Душанбе, 2008. –950 с.

[92]. Федякин, А.В. Зарубежный опыт политики формирования позитивного образа государства: сравнительный анализ теории и практики [Текст] / А.В. Федякин. – М.: МИИТ, 2009. – 256 с.

[93]. Филимонов, Г.Ю. Технологии «мягкой» силы на вооружении США: ответ России [Текст] / Г.Ю. Филимонов, О.Г. Карпович, А.В. Манойло. –М.: РУДН, 2015. –581 с.

[94]. Фукидид. История [Текст] / Пер. с греч. Ф.Г. Мищенко и С.А.Жебелева. –СПб.: Наука, 1999. –590 с.
[95]. Фукуяма, Ф. Идентичность. Стремление к признанию и политика неприятия [Текст] / Пер. с англ. А.Соловьева. – М.: Альпина Паблишер, 2019. – 256 с.
[96]. Фукуяма, Ф. Наше постчеловеческое будущее: последствия биотехнологической революции [Текст] / Пер. с англ. М.Б. Левина. – М.: Изд-во «АСТ», 2004. – 349 с.
[97]. Фукуяма, Ф. Конец истории и последний человек [Текст] / Пер. с англ. – М.: Изд-во «АСТ», 2005. – 592 с.
[98]. Фукуяма, Ф. Америка на распутье: Демократия, власть и неоконсервативное наследие [Текст] / Пер. с англ. – М.: Изд-во «АСТ», 2008. – 282 с.
[99]. Фукуяма, Ф. Государственный порядок: научно-популярное издание [Текст] / Пер. с англ. В.Л. Гончарова. –М.: Изд-во «АСТ», 2015. –688 с.
[100]. Харари, Ю.Н. 21 урок для XXI века [Текст] / Пер. с англ. Ю.Гольдберга. –М.: Синдбад, 2020. –416 с.
[101]. Хантингтон, С. Политический порядок в меняющихся обществах [Текст] / Пер. с англ. – М.: Прогресс-Традиция, 2004. – 480 с.
[102]. Хантингтон, С. Столкновение цивилизаций [Текст] / Пер. с англ. – М.: Изд-во «АСТ», 2017. – 576 с.
[103]. Хантингтон, С. Столкновение цивилизаций [Текст] / Пер. с анг. Т. Велимова. –М.: Изд-во «АСТ», 2019. – 640 с.
[104]. Хантингтон, С. Кто мы? Вызовы американской национальной идентичности [Текст] / Пер. с англ. –М.: Изд-во «АСТ», 2018. –544 с.
[105]. Хидирзода, М.У. Ҷанбаи аксиологӣ дар омӯзиши масъалаҳои амнияти миллӣ [Матн] / М.У. Хидирзода. – Душанбе, 2020. - 100 с.

[106]. Хидирзода, М.У. Амнияти идеологӣ ва моҳияти он дар замони ҷаҳонишавӣ (таҳлили фалсафи сиёсӣ) [Матн] / М.У. Хидирзода. – Душанбе: Дониш, 2024. – 202 с.

[107]. Хобсбаум, Э.Х. Век революции. Европа 1789-1848 [Текст] / Э.Х. Хобсбаум. – Ростов н/Д: Феникс, 1999. – 480 с.

[108]. Холиқзода, А.Ғ. Ҷавонон ва амнияти иттилоотӣ. Монография [Матн] / А.Ғ. Холиқзода, Ҷ.З. Маҷидзода, Р.С. Одиназода. – Душанбе: Маориф, 2019. –240 с.

[109]. Холиқзода, А.Ғ. Муқовимат бо терроризм ва экстремизим [Матн] / А.Ғ. Холиқзода, Ҷ.З. Маҷидзода. –Душанбе, 2022. –440 с.

[110]. Холиқзода, А.Ғ. Дин ва ифрот: зиддият ва ҳамоиш. Монография [Матн] / А.Ғ. Холиқзода, А. Ваҳобзода, М.А. Марамбеков, Ш.Ф. Искандаров. – Душанбе: «Эр-граф», 2024. – 308 с.

[111]. Хоссе Ортега-и-Гассет. Миссия университета [Текст] / Пер. с испанс. –М.: Вопросы образования, 2019. –128 с.

[112]. Хосе Ортега-и-Гассет. Восстание масс [Текст] / Пер. с исп. –М.: Изд-во «АСТ», 2017. – 256 с.

[113]. Шарп, Д. От диктатуры к демократии: Стратегия и тактика освобождения. 2-е изд. [Текст] / Пер. с англ. –М.: Новое издательство, 2012. – 84 с.

[114]. Шваб, К. Четвертая промышленная революция [Текст] / Пер. с англ. – М.: Эксмо, 2020. – 288 с.

[115]. Шмидт, Э. Новый цифровой мир. Как технологии меняют жизнь людей, модели бизнеса и понятие государств [Текст] / Пер. с англ. – М.: Манн, Иванов и Фербер, 2013. – 368 с.

[116]. Шоисматуллоев, Ш. Ватандӯстӣ, маърифати ҳуқуқӣ, ҳувияти миллӣ ва муқовимат ба муқобили экстремизм дар шароити ҷомеаи муосири Тоҷикистон [Матн] / Ш. Шоисматуллоев, Ф.С. Миров. – Душанбе: Дониш, 2024. – 127 с.

[117]. Юсупов, Р.М. Наука и национальная безопасность. 2-е изд., перераб. и доп. [Текст] / Р.М. Юсупов. – СПб.: Наука, 2011. – 296 с.

[118]. Ясперс, К. Смысл и назначение истории [Текст] / Пер. с немец. –М.: Политиздат, 1991. –527 с.

[119]. Ятимов, С.С. Идеология ва манфиатҳои миллӣ [Матн] / С.С. Ятимов. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2015. –192 с.

[120]. Ятимов, С. Таҳлили стратегӣ ва ояндабинии сиёсӣ [Матн] / С. Ятимов. –Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2015. – 144 с.

[121]. Ятимов, С.С. Илм ва амният [Матн] / С.С. Ятимов. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – 192 с.

[122]. Ятимов, С.С. Хирадсолорӣ ва оини давлатдорӣ [Матн] / С.С. Ятимов. –Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – 208 с.

[123]. Ятимов, С.С. Адабиёт ва диалектикаи ҳаёт [Матн] / С.С. Ятимов. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – 248 с.

### IV. Мақолаҳои илмӣ

[124]. Авазов, К. Внешние и внутренние угрозы современности, безопасность и стабильность в обществе и их взаимосвязь [Текст] / К. Авазов // Россия и мусульманский мир. –2017. –№7 (301). –С.102-114.

[125]. Алексеева, Т.А. Стратегическая культура: эволюция концепции [Текст] / Т.А. Алексеева // Полис. Политические исследования. –2012. –№5. –С.130-147.

[126]. Аль-Вашаи М.А. Деятельность Всемирной организации здравоохранения по защите населения от угрозы применения биологического и химического оружия [Текст] / М.А. Аль-Вашаи // Вестник Тамбовского университета. Серия: Гуманитарные науки. – 2014. –№11 (139). –С.105-110.

[127]. Арсенян, А.З. Эволюция концепций «Национальной безопасности» в современных международных отношениях [Текст] / А.З. Арсенян //

Вестник Российского государственного гуманитарного университета. – 2012. – №19 (99). –С.23-35.
[128]. Балацкий, Е.В. Глобальные вызовы четвертой промышленной революции [Текст] / Е.В. Балацкий // Terra Economicus. – 2019. – №17 (2). –С.6-22.
[129]. Богатуров, А.Д. Лидерство и децентрализация в международной системе [Текст] / А.Д. Богатуров // Международные процессы – 2006. – Т.4. – № 13 (2). –С.5-15.
[130]. Бояринцев, А. Определение и ранжирование угроз объектам [Текст] / А. Бояринцев, В. Редкын // Безопасность. Достоверность. Информация. – 2007. –№71. –С.14-19.
[131]. Бэттлер, А. Национальные интересы, национальная и международная безопасность [Текст] / А. Бэттлер // Полис. Политические исследования. – 2002. –№4. –С.146-158.
[132]. Варфоломеев, А.А. Негосударственные угрозы международной безопасности [Текст] / А.А. Варфоломеев // Право и безопасность. – 2012. – №3-4 (43). –С.51-55.
[133]. Варфоломеев, А. Международные организации и борьба с новыми пандемиями [Текст] / А. Варфоломеев // Международная жизнь. – 2020. –№7. –С.16-25.
[134]. Вилков, А.А. «Мягкая сила» как элемент имиджевых технологий во внутренней и внешней политике [Текст] / А.А. Вилков // Известия Саратовкого университета. Серия: Социология. Политология. – 2014. –Т.14. –№2. –С.66-74.
[135]. Галларотти, Дж. Как измерять мягкую силу в международных отношениях [Текст] / Дж. Галларотти // Полис. Политические исследования. –2020. –№1. –С.89-103.
[136]. Гидденс, Э. Судьба, риск и безопасность [Текст] / Э. Гидденс // THESIS. – 1994. – №5. – С.107-134.

[137]. Гринин, Л.Е. Революции XX века: теоретический и количественный анализ [Текст] / Л.Е. Гринин, А.Л. Гринин // Полис. Политические исследования. –2020. –№5. –С.130-147.
[138]. Гуревич, П.С. Идеологизация и деидеологизация [Текст] / П.С. Гуревич // Философия и культура. – 2014. – № 2. – С. 155-161.
[139]. Гуторов, В.А. Терроризм как теоретическая и историческая проблема: некоторые аспекты интерпретации [Текст] / В.А. Гуторов, А.А. Ширинянц // Полис. Политические исследования. – 2017. –№3. –С.30-54.
[140]. Давыдов, Ю.П. Понятие «жесткой» и «мягкой» силы в теории международных отношений [Текст] / Ю.П. Давыдов // Международные процессы. –2004. –Т.2. –№1 (4). –С.69-80.
[141]. Дуглас, М. Риск как судебный механизм [Текст] / М. Дуглас // THESIS. – 1994. – №5. – С.242-253.
[142]. Завриев, С. Проблемы биобезопасности и противодействия биотерроризму // [Текст] / С. Завриев, А. Колесников // Мировая экономика и международные отношения. –2009. –№12. –С.90-100.
[143]. Завриев, С. Синтетическая биология – современные вызовы и проблемы биобезопасности [Текст] / С. Завриев, И. Шемякин // Мировая экономика и международные отношения. – 2019. –Т.63. –№12. –С.77-83.
[144]. Завриев, С. Потенциальные угрозы в сфере сельскохозяйственной и продовольственной безопасности [Текст] / С. Завриев, А. Игнатов // Мировая экономика и международные отношения. – 2020. –Т.64. –№7. –С.100-107.
[145]. Захидов, О.Х. Особенность государственного лоббизма в политике / О.Х. Захидов // Вестник Таджикского национального университета. – 2023. – № 4. – С. 112-125.
[146]. Захидов, О.Х. Мировой треугольник и американская гегемония в современной международной политике [Текст] / О.Х. Захидов //

Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. – 2017. – № 3 (72). –С.141-151.
[147]. Зеленков, М.Ю. Опасность, угроза – базовые категории теории национальной безопасности [Текст] / М.Ю. Зеленков // Национальная безопасность. – 2015. –№1 (36). –С.32-47.
[148]. Истон, Д. Подход к анализу политических систем [Текст] / Д. Истон // Вестник Московского университета. Серия 12: Политические науки. – 2015. – №5. – С.17-37.
[149]. Кирющенко, А.Г. Образование и национальная безопасность [Текст] / А.Г. Кирющенко // Право. Экономика. Безопасность. – 2016. – №2 (8). –С.136-139.
[150]. Комилбек, А.Ё. Ташаккули таҷрибаи байналмилалӣ дар масъалаи танзими киберсиёсат [Матн] / А.Ё. Комилбек, М.У. Хидирзода // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – № 3 (52). – С. 195-203.
[151]. Комилбек, А.Ё. Киберсиёсат: мазмун, моҳият ва хусусиятҳои он [Матн] / А.Ё. Комилбек, М.У. Хидирзода // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2021. – № 2 (74). – С. 63-71.
[152]. Комлева, Н.А. Геополитические ресурсы: попытка классификации [Текст] / Н.А. Комлева // Пространство и время. – 2013. –№ 3(13). – С.12-19.
[153]. Кондорский, Б.М. «Революции» после революций («цветные революции» с позиций теории революционного периода) [Текст] / Б.М. Кондорский // История и современность. –2018. –№4. –С.88-107.
[154]. Кордонский, С.Г. Нейтрализация угроз как форма деятельности органов власти [Текст] / С.Г. Кордонский, Д.К. Дехант // Микроэкономика. – 2014. –№6. –С.52-58.
[155]. Кривенко, А.М. Внешние и внутренние угрозы и вызовы безопасности в Центральной Азии [Текст] / А.М. Кривенко // Военный академический журнал. –2016. –№4 (16). –С.107-113.

[156]. Крутских, А. Две гиперпандемии на одно человечество – слишком много! [Текст] / А. Крутских // Международная жизнь. – 2020. – №7. – С.12-15.

[157]. Леонова, О.Г. «Мягкая сила»: инструменты и коэффициенты влияния [Текст] / О.Г. Леонова // Обозреватель – Observer. – 2014. – № 3. – С.18-28.

[158]. Леонова, О.Г. Политика «умной силы» – продукт эволюции «мягкой силы» [Текст] / О.Г. Леонова // Социально-гуманитарные знания. – 2019. –№5. –С. 25-31.

[159]. Леонова, О. Sharp Power – новая технология влияния в глобальном мире [Текст] / О. Леонова // Мировая экономика и международные отношения. – 2019. –Т.63. –№2. –С.21-28.

[160]. Луман, Н. Понятие риска [Текст] / Н. Луман // THESIS. – 1994. – №5. – С.135-160.

[161]. Мазуров, В.А. Кибертерроризм: понятие, проблемы противодействия [Текст] / В.А. Мазуров // Доклады Томского государственного университета систем управления и радиоэлектроники. –2010. – №1(21). –С.41-44.

[162]. Малашенко, А.В. Вызовы и угрозы постиндустриального развития цивилизации [Текст] / А.В. Малашенко, Ю.А. Нисневич, А.В. Рябов // Вопросы политологии. – 2019. –Т.9. –№2 (42). –С.203-221.

[163]. Малюк, А.С. Образование как инструмент информационной войны [Текст] / А.С. Малюк, В.А. Минаев, М.П. Сычев // Информация и безопасность. – 2019. –Т.22. –№4. –С.485-494.

[164]. Манилов, В.Л. Угрозы национальной безопасности России [Текст] / В.Л. Манилов // Военная мысль. – 1996. – №1. – С.7-17.

[165]. Манойло, А.В. «Мягкая сила» террористов [текст] / А.В. Манойло // Россия и мусульманский мир. – 2017. –№3 (297). – С.137-149.

[166]. Манойло, А.В. Модели «мягкой силы» сетевых террористических организаций (на примере запрещенных в Российской Федерации

«Исламского государства», Аль-Кайды, Талибана и «Братьев-мусульман») [текст] / А.В. Манойло // Конфликтология / nota bene . – 2016. – № 1. – С. 11 - 19.

[167]. Манойло, А.В. Роль СМИ в разжигании политических конфликтов: теория и практика информационных войн [Текст] / А.В. Манойло // Геополитический журнал. –2016. –№3 (15). –С.3-8.

[168]. Манойло, А.В. «Фейковые новости» как угроза национальной безопасности и инструмент информационного воздействия [Текст] / А.В. Манойло // Вестник Московского университета. Серия 12. Политические науки. – 2019. –№2. –С. 37-45.

[169]. Манойло, А.В. «Цветные революции» как угроза российской нации [Текст] / А.В. Манойло // Вестник Российской нации. – 2014. –№3. – С.176-190.

[170]. Махмадов, А. Таджикистан: специфика новых угроз стабильности и пути их предотвращения [Текст] / А. Махмадов, М. Хидирова // Россия и мусульманский мир. – 2006. – № 5. – С. 82-90.

[171]. Махмадов, А. Н. "Исламское государство" - нарастающая угроза в центральноазиатском регионе [Текст] / А. Н. Махмадов, Л. Л. Хоперская // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. – 2018. – № 1. – С. 65-74.

[172]. Митрошенков, О.А. Теория управляемого хаоса: использовать себе во благо [Текст] / О.А. Митрошенков // Власть. –2017. –№8. –С.64-73.

[173]. Морозов, И.Л. Информационная безопасность политической системы [Текст] / И.Л. Морозов // Полис. Политические исследования. –2002. –№5. –С.134-145.

[174]. Морозов, В.Е. Безопасность как форма политического: о секьюритизации и политизации [Текст] / В.Е. Морозов // Полис. Политические исследования. –2011. –№3. –С.24-35.

[175]. Мочар, К.Ю. Идеология как созидающая сила общества [Текст] / К.Ю. Мочар // История и современность. – 2019. –№4. –С.78-94.

[176]. Мухаммад, А. Н. Религиозно-политический экстремизм как фактор угрозы региональной безопасности [Текст] / А. Н. Мухаммад, Ю. А. Рахмон // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. – 2017. – № 4. – С. 115-120.

[177]. Мухаммад, А.Н. Политический терроризм как результат религиозно-этнического экстремизма [Текст] / А.Н. Мухаммад // Евразийский юридический журнал. – 2021. – № 7 (158). –С. 444-447.

[178]. Муҳаммад, С.А. Нақши рамзҳои сиёсӣ дар раванди низоъҳои сиёсӣ [Матн] / С.А. Муҳаммад // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2020. –№1 (69). – С.31-36.

[179]. Найт, Ф. Понятия риска и неопределенности [Текст] / Ф. Найт // THESIS. – 1994. – №5. – С.12-28.

[180]. Неймарк, М.А. «Мягкая сила» в мировой политике. К уточнению проблемного поля. Часть 1. [Текст] / М.А. Неймарк // Обозреватель-Observer. –2016. –№1. –С.31-42.

[181]. Неймарк, М.А. «Мягкая сила» в мировой политике. «Умная сила»: к перспективам в мировой политике. Часть 2. [Текст] / М.А. Неймарк // Обозреватель-Observer. –2016. –№2. –С.67-77.

[182]. Онищенко, Г.Г. Современные угрозы и вызовы в области биологической безопасности и стратегия противодействия [Текст] / Г.Г. Онищенко, А.Ю. Попова и др. // Проблемы опасных инфекций. – 2015. –№3. –С.5-9.

[183]. Панов, М.Е. К вопросу о методологических основах оценки безопасности [Текст] / М.Е. Панов // Геополитика и безопасность. – 1995. –№3. –С.31-45.

[184]. Пономарева, Е.Г. Секреты «цветных революций». Современные технологии смены политических режимов [Текст] / Е.Г. Пономарева // Свободная мысль. –2012. –№ 1-2. –С.78-98.

[185]. Пономарева, Е.Г. Секреты «цветных революций» [Текст] / Е.Г. Пономарева // Свободная мысль. – 2012. –№3-4. –С.43-59.

[186]. Пономарева, Е.Г. Секреты «цветных революций» [Текст] / Е.Г. Пономарева // Свободная мысль. – 2012. –№5-6. –С.38-48.

[187]. Пименова, Е.В. Закат «мягкой силы»? Эволюция теории и практики soft power [Текст] / Е.В. Пименова // Вестник МГИМО-Университета. – 2017. –№ 1 (52). –С. 57-66.

[188]. Пирумов, В.С. Некоторые аспекты методологии исследования проблем национальной безопасности России в современных условиях [Текст] / В.С. Пирумов // Геополитика и безопасность. – 1993. – №1. – С.6-15.

[189]. Радиков, И. «Мягкая сила» как современный атрибут великой державы [Текст] / И. Радиков, Я. Лексютина // Мировая экономика и международные отношения. – 2012. –№2. –С.19-26.

[190]. Рихтик, М.И. Стратегическая культура и новая концепция национальной безопасности США [Текст] / М.И. Рихтик // Вестник Нижегородского государственного университета имени Н.И. Лобачевского. Серия: международные отношения, политология, регионоведение. –2003. –№1. –С.204.

[191]. Сафарализода, Х.Қ. Сиёсишавии дин ҳамчун омили пайдоиши экстремизми динию сиёсӣ ва таъсири он ба амнияти миллии кишвар [Матн] / Х.Қ. Сафарализода, Ҷ.Х. Ашурзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2019. – № 6. – С. 264-271.

[192]. Сафарализода, Х.Қ. Таҳаввулоти назарияҳои амният ва дурнамои шинохти таҳдидҳо [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Паёми Донишгоҳи

миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. –№1. –С.250-258.

[193]. Сафарализода, Х.Қ. Инқилобҳои ранга ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии ҷомеа [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – 2022. – № 2 (2). – С. 59-77.

[194]. Скриба, А.С. «Мягкая сила» и постсоветское пространство сегодня: выводы для России [Текст] / А.С. Скриба // Политика и общество. – 2016. –№10 (142). –С.1400-1412.

[195]. Скриба, А.С. Реализм и политика малых государств в XXI веке [Текст] / А.С. Скриба // Политика и Общество. – 2014. –№3. –С.347-357.

[196]. Скрыль, С.В. Кибертерроризм как форма проявления информационного экстремизма [Текст] / С.В. Скрыль, С.В. Зарубин // Информация и безопасность. –Т.12. –2009. – №1. –С.89-92.

[197]. Смирнова, А.Г. Восприятие угрозы в международных отношениях: в поисках теоретических оснований [Текст] / А.Г. Смирнова // ПОЛИТЕКС. –2007. –Т.3. –№4. –С.193-208.

[198]. Смирнова, А.Г. Могущество как фактор восприятия угрозы: анализ с позиций теории образа государства [Текст] / А.Г. Смирнова // Власть. – 2014. –№10. –С.66-72.

[199]. Супотницкий, М.В. Химическое оружие в ирано-иракской войне 1980-1988 годов. Применение химического оружия в боевых действиях [Текст] / М.В. Супотницкий, Н.И. Шило, В.А. Ковтун // Вестник войск РХБ защиты. – 2019. – Т.3. – №2. – С.150-174.

[200]. Сушкова, И.А. Соотношение и взаимосвязь понятий «вызов», «опасность», «угроза», «риск» [Текст] / И.А. Сушкова // Экономическая безопасность и качество. – 2018. –№4 (33). –С.10-15.

[201]. Тамбовцева, М.А. Теоретический подход Копенгагенской школы к обеспечению международной безопасности: основные положения

теории «секьюритизации» [Текст] / М.А. Тамбовцева // Манускрипт. – 2017. –№9 (83). –С.185-187.

[202]. Терновая, Л.О. Внешние и внутренние угрозы безопасности: проблемы измерения [Текст] / Л.О. Терновая // Вестник Российской таможенной академии. –2009. –№2. –С.67-74.

[203]. Триведи, Р. Нетрадиционные угрозы безопасности в Центральной Азии с точки зрения сравнительной региональной перспективы [Текст] / Р. Триведи // Сравнительная политика. – 2011. –№ 4. –С.109-123.

[204]. Фененко, А. Анти-мягкая сила в политической теории и практике [Текст] / А. Фененко // Международные процессы. – 2020. – Т.18. – №1. –С.40-71.

[205]. Филимонов, Г.Ю. «Мягкая сила» как форма непрямой аппликации «национального интереса» [Текст] / Г.Ю. Филимонов, С.А. Цатурян // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия: международные отношения. –2012. –№2. –С.21-30.

[206]. Хайдаров Р.Дж. Цифровизация общества как ключевой фактор обеспечения кибербезопасности государств в период глобализации [Текст] / Р.Дж. Хайдаров // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова НАНТ. – 2022. – № 1. – С. 98-103.

[207]. Хайдаров Р.Дж. Религиозно-экстремистские группировки как инструмент достижения геополитических целей запада в Центральной Азии [Текст] / Р.Дж. Хайдаров // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова НАНТ. – 2022. – № 2. – С. 128-133.

[208]. Харитонова, Е. «Мягкая сила» бывших империй: сравнительный опыт Великобритании и Испании [Текст] / Е. Харитонова, И. Прохоренко // Мировая экономика и международные отношения. – 2018. –Т.62. –№3. –С.39-49.

[209]. Хидирзода М.У. Идеология ва деидеологизатсия: моҳияти ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ [Матн] / М.У. Хидирзода // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – 2022. –№ 4 (4). –С.175-185.

[210]. Чан Янь. Китай и Россия в условиях нетрадиционных вызовов и угроз национальной безопасности [Текст] / Чан Янь // Историческая и социально-образовательная мысль. – 2018. –Т.10. –№3. –С.144-153.

[211]. Шарипов, С.И. Угрозы и вызовы центральноазиатского региона в новом контексте геополитических реалий [Текст] / С.И. Шарипов // Политические процессы в таджикском обществе (сборник статей 1998-2011 гг.). –Душанбе: ЦСИ при Президенте РТ, 2011. – С.314-320.

[212]. Шарипов, С.И. Международный имидж Таджикистана под угрозой // Политические процессы в таджикском обществе (сборник статей 1998-2011 гг.) [Текст] / С.И. Шарипов. –Душанбе: ЦСИ при Президенте РТ, 2011. – С.63-66.

[213]. Юдин, Н.В. Жесткий взгляд на «мягкую силу»: критический анализ монографии Дж.Ная «Будущее власти» [Текст] / Н.В. Юдин // Вестник Московского университета. Серия 25. Международные отношения и мировая политика. –2013. –№4. –С.134-162.

[214]. Юй Цзянь Хуа. ШОС и взгляды безопасности [Текст] / Юй Цзянь Хуа // Исследование теории Мао Цзэдуна и Дэн Сяопина. – 2005. – № 3. – С.76-79.

[215]. Ятимов С.С. Пойтахти давлат ва истиқлоли миллат [Матн] / С.С. Ятимов // Илм ва ҷомеа. –2021. –№ 5 (27).

[216]. Ятимов, С.С. Дунявият ва амният [Матн] / С.С. Ятимов // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – 2022. –№ 2 (2). –С.18-37.

## V. Диссертатсия ва авторефератҳо

[217]. Абдулхаков, М.М. Защита национальных интересов как важный фактор развития государственности [Текст]: автореф. дис. … канд. полит. наук: 23.00.02 / М.М. Абдулхаков. –Душанбе, 2006. –20 с.

[218]. Бальбек, Р.И. Технологии обеспечения политической стабильности в условиях внешных дестабилизирующих влияний (на примере Республики Крым) [Текст]: дис. … канд. полит. наук: 23.00.02 / Р.И. Бальбек. –М., 2019. –318 с.

[219]. Кардашова, И.Б. МВД России в системе обеспечения национальной безопасности Российской Федерации [Текст]: дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.14 / И.Б. Кардашова. –М., 2006. –494 с.

[220]. Муминов, А.И. Религиозный экстремизм в контексте социальных изменений [Текст]: дис. … д-ра филос. наук: 09.00.11 / / А.И. Муминов. – Душанбе, 2017. – 294 с.

[221]. Чан Янь. Проблемы региональной безопасности в Северо-Восточной Азии: опыт и перспективы китайского и российского участия и взаимодействия [Текст]: автореф. дис. … канд. полит. наук: 23.00.04 / Чан Янь. –Владивосток, 2008. – 21 с.

## VI. Захираҳои электронӣ

[222]. Американская РЭНД корпорэйшн. Крупнейшая в мире «фабрика мысли» в поисках внешних врагов [Электронный ресурс]. –URL: http://www.noravank.am/rus/articles/detail.php?ELEMENT_ID=18045 (дата обращения: 12.10.2022 г.)

[223]. "Арабская весна" обошлась экономике в $55 млрд [Электронный ресурс]. – URL: https://www.bbc.com/russian/international/2011/10/111014_arab_spring_costs (дата обращения: 27.03.2022 г.)

[224]. Асад оценил восстановление Сирии в $400 млрд [Электронный ресурс]. – URL: https://www.interfax.ru/world/611998 (дата обращения: 27.03.2022 г.)

[225]. Более ста миллионов: в 2022 году количество беженцев стало самым большим за всю историю ведения учета [Электронный ресурс]. –

URL: https://www.golosameriki.com/a/hundred-mln-refugees/6892465.html (дата обращения: 12.02.2023 г.)

[226]. Более безопасный мир: наша общая ответственность [Электронный ресурс]. – URL: https://www.un.org/ru/events/pastevents/a_more_secure_world.shtml_resume.shtml (дата обращения: 13.08.2020 г.)

[227]. Борьба с инфодемией на фоне пандемии COVID-19: поощрение ответственного поведения и уменьшение пагубного воздействия ложных сведений и дезинформации [Электронный ресурс]. – URL: https://www.who.int/ru/news/item/23-09-2020-managing-the-covid-19-infodemic-promoting-healthy-behaviours-and-mitigating-the-harm-from-misinformation-and-disinformation (дата обращения: 24.07.2021 г.)

[228]. Бурова, Д.А. Интернет в сфере противодействии коррупции: разоблачительство и социальные сети [Электронный ресурс]. – URL: http://journal.homocyberus.ru/internet_technologies_against_corruption_whistleblowing_and_social_networks (дата обращения: 17.07.2021 г.)

[229]. В России признали экстремистской организацией владельца Facebook и Instagram [Электронный ресурс]. –URL: https://lenta.ru/news/2022/03/21/metaextr/ (дата обращения: 10.10.2022 г.)

[230]. В Минобороны предупредили о начале новой холодной войны, 03.06.2021 г. [Электронный носитель]. –URL: https://ria.ru/20210603/minoborony-1735439844.html (дата обращения: 03.06.2021 г.)

[231]. В Минобороны указали на начало новой холодной войны [Электронный ресурс]. –URL: https://lenta.ru/news/2021/06/03/cold_war/ (дата обращения: 13.06.2022 г.)

[232]. В Японии казнили всех приговоренных к смерти членов «Аум Синрикё» [Электронный ресурс]. – URL:

https://www.bbc.com/russian/news-44963790 (дата обращения: 25.03.2021 г.)

[233]. В Китае вышел первый теоретический труд по проблеме нетрадиционных видов угрозы безопасности [Электронный ресурс]. – URL: http://russian.people.com.cn/200311/07/rus20031107_83273.html (дата обращения: 02.03.2020 г.)

[234]. ВОЗ спрогнозировала появление нового смертоносного вируса [Электронный ресурс]. – URL: https://ria.ru/20210524/virus-1733656727.html (дата обращения: 24.05.2021 г.)

[235]. Гацко, М.Ф. О соотношении понятий «угроза» и «опасность» [Электронный ресурс]. – URL: http://old.nasledie.ru/oboz/N07_97/7_06.HTM (дата обращения: 20.07.2019 г.)

[236]. Генри Джон Темпл Палмерстон – цитаты [Электронный ресурс]. – URL: https://citaty.info/man/genri-dzhon-templ-palmerston (дата обращения: 16.07.2021 г.)

[237]. Годовщина инфодемии … [Электронный ресурс]. –URL: https://voxukraine.org/ru/godovshhina-infodemii-s-kakimi-fejkami-o-covid-19-ukraina-i-mir-boryutsya-uzhe-bolshe-goda/ (дата обращения: 07.04.2022 г.)

[238]. Грузинский парламент окончательно утвердил закон об иноагентах [Электронный ресурс]. – URL: https://ru.euronews.com/my-europe/2024/05/28/georgia-vote-final (дата обращения: 03.06.2024 г.)

[239]. Грязная бомба: что это такое? [Электронный ресурс]. – URL: https://www.popmech.ru/weapon/12296-gryaznaya-bomba-chto-eto-takoe/ (дата обращения: 09.09.2020 г.)

[240]. Гущер, А. «Мягкая сила» и терроризм как инструменты политики и стратегии некоторых государств [Электронный ресурс]. – URL: https://nic-pnb.ru/articles/myagkaya-sila-i-terrorizm-kak-instrumenty-politiki-i-strategii-nekotoryh-gosudarstv/ (дата обращения: 17.05.2020 г.)

[241]. Двое ученых нашли доказательства лабораторного происхождения COVID-19 [Электронный ресурс]. –URL: https://www.kommersant.ru/doc/4836521 (30.05.2021 г.)

[242]. Де Веерд М. Системы борьбы с распространением оружия массового поражения и противоракетной обороны – новый рубеж совместной безопасности [Электронный ресурс]. – URL: http://militaryarticle.ru/voennaya-mysl/1994-vm/8682-sistemy-borby-s-rasprostraneniem-oruzhija (дата обращения: 16.12.2018 г.)

[243]. Доклад Группы высокого уровня по угрозам, вызовам и переменам, П.19. [Электронный ресурс]. – URL: https://undocs.org/ru/A/59/565 (дата обращения: 13.08.2020 г.)

[244]. Жиганова, Л.П. Биотерроризм и агротерроризм – реальная угроза [электронный ресурс]. –URL: https://www.portal-slovo.ru/impressionism/36426.php (дата обращения: 27.02.2021 г.)

[245]. Жить стало хуже, но демократия нужна. Что происходит со странами "арабской весны" через 10 лет [Электронный ресурс]. – URL: https://www.bbc.com/russian/features-55349275 (дата обращения: 28.03.2022 г.)

[246]. Зачем нужна конвенция о киберпреступности? Объясняет юрист Постпредства России [Электронный ресурс]. – URL: https://news.un.org/ru/interview/2019/10/1366141 (дата обращения: 09.09.2020 г.)

[247]. Импортозамещение социальных сетей: кейсы Китая и Ирана [Электронный ресурс]. –URL: https://vc.ru/marketing/381706-importozameshchenie-socialnyh-setey-keysy-kitaya-i-irana (дата обращения: 08.08.2022 г.)

[248]. Иностранные агенты появятся и в Киргизии [Электронный ресурс]. – URL: https://www.ng.ru/cis/2020-01-27/5_7778_kyrgyzstan.html (дата обращения: 13.09.2020 г.)

[249]. Использование стремительного технического прогресса в интересах инклюзивного и устойчивого развития // Доклад Генерального секретаря ООН от 13.01.2020 г. [Электронный ресурс]. –URL: https://unctad.org/system/files/official-document/ecn162020d2_ru.pdf (дата обращения: 22.07.2021 г.)
[250]. Информационная безопасность (мировой рынок). – URL: https://www.tadviser.ru/index.php/Статья:Информационная_безопасность_(мировой_рынок) (дата обращения: 04.10.2020 г.)
[251]. Киберпреступность и распространение дезинформации во время пандемии COVID-19 [Электронный ресурс]. – URL: https://www.un.org/ru/coronavirus/un-tackling-'infodemic'-misinformation-and-cybercrime-covid-19 (дата обращения: 24.07.2021 г.)
[252]. Киртон, Дж. Саммит «Группы восьми» как новый институт безопасности [Электронный ресурс]. – URL: http://www.g7.utoronto.ca/russian/ru_panova_g8russia.pdf (дата обращения: 20.03.2020 г.)
[253]. Мовсесян, Л. Побег «живого» вируса. В утечке вируса ящура подозревают исследовательскую лабораторию [Электронный ресурс]. – URL: https://lenta.ru/articles/2007/08/06/cow/ (дата обращения: 25.02.2021 г.)
[254]. Муҳаммад, А.Н. Идеологияи миллӣ – неруи бузурги давлатдорӣ [Захираи электронӣ]. –URL: https://khovar.tj/2022/05/ideologiyai-mill-nerui-buzurgi-davlatdor-andesha-oi-noibi-prezidenti-amit-professor-abdura-mon-mu-ammad/ (Санаи мурочиат: 08.05.2022)
[255]. Муҳаммадзода, П.А. Муносибатҳои байналмилалӣ дар шароити буҳрони ҷаҳонии каронавирус [Захираи электронӣ]. – URL: http://khovar.tj/2020/05/munosibat-oi-bajnalmilal-dar-sharoiti-bu-roni-a-onii-koronavirus-andesha-oi-parviz-mu-ammadzoda-muovini-direktori-mts-dar-in-mavz/ (санаи истифодабарӣ: 26.05.2020)

[256]. Мухаммадзода П.А. Влияние социальных сетей на информационное пространство Республики Таджикистан [Электронный ресурс]. –URL: http://narodnaya.tj/index.php?option=com_content (дата обращения: 25.06.2023 г.)
[257]. Нақшаи қабул – ҷадвали ихтисосҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ барои соли таҳсили 2024-2025 [Захираи электронӣ]. – URL: https://ntc.tj/tj/ba-dovtalab/nakshai-kabul.html?view=article&id=942 (санаи истифодарабрӣ: 16.07.2024)
[258]. Основные положения теории баланса угроз [Электронный ресурс]. – URL: https://studfile.net/preview/2200604/page:9/ (дата обращения: 02.02.2020 г.)
[259]. Парниковый эффект: причины и последствия [Электронный ресурс]. – URL: https://airnanny.ru/blog/parnikovyij-effekt-prichinyi-i-posledstviya/ (дата обращения: 22.07.2021 г.)
[260]. Поздняков, А.И. Основы теории национальной безопасности [Электронный ресурс] / А.И. Поздняков // Электронное научное издание Альманах «Пространство и Время». – 2013. – Т.2. – Вып. 1. – URL: http://e-almanac.space-time.ru/assets/files/Tom%202%20Vip%201/rubr3-kategoriya-smysla-st3-pozdnyakov-2013.pdf (дата обращения: 25.01.2021 г.)
[261]. Попова заявила об угрозе "инфодемии" в условиях COVID-19 [Электронный ресурс]. – URL: https://rg.ru/2021/06/24/popova-zaiavila-ob-ugroze-infodemii-v-usloviiah-covid-19.html (дата обращения: 24.07.2021 г.)
[262]. Путин: лидер по созданию искусственного интеллекта станет властелином мира, 01.09.2017 [Электронный ресурс]. –URL: https://tass.ru/obschestvo/4524746?utm_source=google.com&utm_medium=organic&utm_campaign=google.com&utm_referrer=google.com (дата обращения: 28.11.2022 г.)

[263]. Революция в области синтетической биологии: перспективы и риски [Электронный ресурс]. –URL: https://ria.ru/20131126/979860591.html (дата обращения: 25.03.2021 г.)
[264]. Решение информационной безопасности [Электронный ресурс]. – URL: http://www.s-director.ru/ugrozy-informacionnoj-bezopasnosti.html (дата обращения: 21.07.2019 г.)
[265]. Российский ответ на «список Магнитского»: НПО как иностранные агенты [Электронный ресурс]. – URL: https://www.golos-ameriki.ru/a/crossfire-npo/1364510.html (дата обращения: 13.09.2020 г.)
[266]. Секрет фирмы. Кто владеет информацией, тот владеет миром [Электронный ресурс]. – URL: https://www.moscowtorgi.ru/news/bezopasnost_biznesa/869/ (дата обращения: 25.09.2022 г.)
[267]. Сибирская язва постучалась в Белый дом [Электронный ресурс]. – URL: https://www.kommersant.ru/doc/288789 (дата обращения: 26.03.2021 г.)
[268]. Скрытая угроза: террористы могут переключиться на биологическое оружие [Электронный ресурс]. – URL: https://iz.ru/1015454/kseniia-loginova/skrytaia-ugroza-terroristy-mogut-perekliuchitsia-na-biologicheskoe-oruzhie (дата обращения: 13.03.2021 г.)
[269]. Смертоносные газы. Пять случаев масштабного применения химического оружия [Электронный ресурс]. – URL: https://tass.ru/armiya-i-opk/5784138 (дата обращения: 25.03.2021 г.)
[270]. Спрашивайте, отвечаем! Какие организации официально объявлены в Таджикистане террористическими и экстремистскими? [Электронный ресурс]. –URL: https://khovar.tj/rus/2022/10/sprashivajte-otvechaem-kakie-organizatsii-ofitsialno-obyavleny-v-tadzhikistane-terroristicheskimi-i-ekstremistckimi/ (дата обращения: 22.01.2024 г.)
[271]. Статистика популярных социальных сетей в 2023 году: Тенденции и изменения [Электронный ресурс]. –URL:

https://tenchat.ru/media/1857995-statistika-populyarnykh-sotsialnykh-setey-v-2023-godu-tendentsii-i-izmeneniya (дата обращения: 17.03.2024 г.)

[272]. Тарасов, А. Национальный революционный процесс: внутренние закономерности и этапы [Электронный ресурс]. – URL: https://scepsis.net/library/id_101.html (дата обращения: 11.12.2021 г.)

[273]. Токаев назвал главную причину беспорядков в Казахстане [Электронный ресурс]. –URL: https://ria.ru/20220121/kazakhstan-1768848230.html?in=t (дата обращения: 12.02.2022 г.)

[274]. ФАО положила официальное начало Международному году охраны здоровья растений 2020 [Электронный ресурс]. – URL: http://www.fao.org/news/story/ru/item/1253731/icode/ (дата обращения: 13.03.2021 г.)

[275]. «Финансовый Бонапарт»: как Натан Ротшильд заработал на войне с Наполеоном [Электронный ресурс]. –URL: https://quote.rbc.ru/news/article/5ef611439a79476b038d2af4 (дата обращения: 17.05.2022 г.)

[276]. Хавфи репутатсионӣ [Захираи электронӣ]. –URL: https://khovar.tj/2024/02/havfi-reputatsion-doktori-ilm-oi-siyos-professor-mu-ammad-abdura-mon-in-mavzuro-shar-medi-ad/ (санаи муроҷиат: 20.04.2024)

[277]. Цыганков А. Великодержавие [Электронный ресурс]. – URL: https://globalaffairs.ru/articles/glossarij/ (дата обращения: 16.07.2021 г.)

[278]. Цифра дня: сколько автомобилей на планете? [Электронный ресурс]. – URL: https://www.autonews.ru/news/5c9114d69a7947491f827c6e (дата обращения: 22.07.2021 г.)

[279]. Энциклопедический словарь [Электронный ресурс]. – URL: http://www.dict.t-mm.ru/all/ugroza.html (дата обращения: 16.07.2019 г.)

[280]. Ятимов, С.С. Дар бораи як китоби дарсӣ [Захираи электронӣ]. –URL: http://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=46263 (санаи муроҷиат: 08.05.2022)

[281]. Ятимов С.С. Идеология ва манфиати миллӣ [Манбаи электронӣ]. – URL: http://www.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=13829 (санаи муроҷиат: 15.07.2021)

[282]. Guardian: ЮНЕСКО рекомендует полностью запретить использование смартфонов в школах [Электронный ресурс]. –URL: https://russian.rt.com/inotv/2023-07-28/Guardian-YUNESKO-rekomenduet-polnostyu-zapretit (дата обращения: 29.07.2023 г.)

[283]. Digital 2021: Актуальная статистика и аудитория социальных сетей в мире и Беларуси [Электронный ресурс]. –URL: https://belretail.by/article/digital-aktualnaya-statistika-i-auditoriya-sotsialnyih-setey-v-mire-i-belarusi (дата обращения: 16.07.2021 г.)

[284]. 1,47 млн беженцев ждут переселения в третьи страны в 2022 году [Электронный ресурс]. –URL: https://news.un.org/ru/story/2021/06/1405232 (дата обращения: 12.02.2023 г.)

[285]. 12 стран, где заблокированы социальные сети [Электронный ресурс]. –URL: https://smmplanner.com/blog/12-stran-gde-zablokirovany-socialnye-seti/ (дата обращения: 25.09.2022 г.)

**VII. Адабиёт бо забони англисӣ**

[286]. Altschull H.J. Agents of power: the media and public policy. 2nd ed. – NY: Longman Pub., 1995. – 461 p.

[287]. Balzacq T. Securitization Theory. How Security Problems Emerge and Dissolve. London: Routledge, 2010. –272 p. DOI: 10.4324/9780203868508

[288]. Battistelli F., Galantino V.G. Dangers, risks and threats: An alternative conceptualization to the catch-all concept of risk // Current Sociology. – 2019. – Vol. 67 (1). –P.64-78. DOI: 10.1177/0011392118793675

[289]. Bozidar F., Dragoljub S., Vukonjanski I. Actual Hallenges, Risks And Security Safety // Security Science Journal. – 2020. – № 1. – P.65-83.

[290]. Borden W. There Will Be No Time. – New York: Macmillan, 1946. 225 p.

[291]. Brodie B. The Absolute Weapon: Atomic Power and World Order. – New York: Harcourt, 1946. –214 p.
[292]. Brown N. Climate, Ecology and International Security // Survival. –1989. – Vol.31. –№6. –P.519-532. DOI: 10.1080/00396338908442497
[293]. Bull H. Strategic Studies and Its Critics // World Politics. – 1968. –Vol. 20. –P.593-605.
[294]. Buzan B. People, States and Fear: the national security problem in international relations. – Boulder: Wheatsheaf book, 1983. – 262 p.
[295]. Buzan B., Weaver J., Wilde J. Security: A New Framework for Analysis. – Boulder, CO: Lynne Rienner, 1998. – 239 p.
[296]. Buzan, B., Charles J., Richard L. The Logic of Anarchy: Neorealism to Structural Realism. – New York: Columbia University Press, 1993. – 276 p.
[297]. Christensen D.A., Aars J. Does Democracy Decrease Fear of Terrorism? Terrorism and Political Violence. – 2017. – Vol. 31. – No. 3. – P. 615–631. DOI: 10.1080/09546553.2017.1287700
[298]. Cohen R. Threat Perception in International Crisis // Political Science Quarterly. – 1978. – Vol. 93. – No.1 – P. 93-107. DOI: 10.2307/2149052
[299]. Cohen R. Threat Perception in International Crisis. – Madison: The University of Wisconsin Press, 1979. – 229 p.
[300]. Didier Bigo. Internal and External Aspects of Security // European Security, – 2006. Vol. 15. No.4. P.385-404. DOI: 10.1080/09662830701305831
[301]. Dryhurst S., Schneider C.R., Kerr J., Freeman A.L., Recchia G., Anne M.B., Spiegelhalter D., Sander L. Risk perceptions of COVID-19 around the world // Journal of Risk Research. – 2020. –Vol. 23. No. 7-8. –P.994-1006. DOI: 10.1080/13669877.2020.1758193
[302]. Easton D. The Political System Besieged by the State // Political Theory. – 1981. – Vol. 9/ – No. 3. pp. 303-325.

[303]. Eriksson, J., Noreen E. Setting the Agenda of Threats: An Explanatory Model. – Uppsala: Uppsala University, 2002. – 26 p.

[304]. Floridi L. The fourth revolution. How the infosphere is reshaping human reality. London: Oxford University Press, 2014. –265 p.

[305]. Gaddis, J.L. Strategies of Containment: A Critical Appraisal of Postwar American National Security Policy. -Oxford: Oxford University Press, 2005. -512 p.

[306]. Gaufman E. Security Threats and Public Perception. Digital Russia and the Ukraine Crisis. – Cham: Palgrave Macmillan, 2017. – 230 p. DOI 10.1007/978-3-319-43201-4

[307]. Gerardus B. Internal and External Threats. Third Edition. Publisher: 5STARCooks, 2017. –284 p.

[308]. Global cybersecurity 2020 forecast. URL: https://www.canalys.com/newsroom/canalys-global-cybersecurity-forecast-2020

[309]. Gray C. Strategic Studies and Public Policy: The American Experience. – Lexington: University Press of Kentucky, 1982. –240 p.

[310]. Jervis R. Deterrence Theory Revisited // World Politics. –1979. –Vol. 31. –№2. –P.289-324. DOI: 10.2307/2009945

[311]. Journal of Risk Research. Journal website: https://www.tandfonline.com/toc/rjrr20/current (accessed: 01.01.2021)

[312]. Kaplan F. The Wizards of Armageddon. – New York: Simon and Schuster, 1983. – 451 p. DOI: 10.1002/pam.4050030236

[313]. Kiper J., Sosis R. Why Terrorism Terrifies Us. – Evolutionary Psychology and Terrorism. Ed. by M. Taylor, J. Roach, K. Pease. L., N.Y.: Routledge. 2016. P. 103-123.

[314]. Krahmann E. From State to Non-State Actors: the Emergence of Security Governance // New Threats and New Actors in International Security / ed. by E. Krahmann. – New York, 2005. – P.3-22.

[315]. Lippmann W. US Foreign Policy: Shield of the Republic. Boston, 1943. – 177 p.

[316]. Mahdi M.N. Old and New Threats: The Changing Nature of International Security // Journal of Law, Development and Politics. – 2009. –Vol.1. –No 2. –P.1-20.

[317]. Martin L. The Future of Strategic Studies // Journal of Strategic studies. – 1980. Vol.3. –P. 91-99.

[318]. Milburn T.W., Watman K.H. On the Nature of Threat: A Social Psychological Analysis. – New York: Praeger, 1981. – 148 p.

[319]. McNeill W.H. The Pursuit of Power: Technology, Armed Force and Society since A.D. 1000. – Chicago: University of Chicago Press, 1982. – 416 p.

[320]. Hopf T. Social Construction of International Politics. Identities and Foreign Policies: Moscow, 1955 and 1999. – Ithaca: Cornell University Press. 2002. – 320 p.

[321]. Nye J.S., Lynn-Jones S. International Security Studies: A Report of A Conference on the State of the Field // International Security. – 1988. Vol.12. –P.5-27.

[322]. Nye, J. The Means to success in World politics. -New York: Public Affairs, 2004. -192 p.

[323]. Nye J. Public Diplomacy and Soft Power // The Annals of the American Academy of Political and Social Science. – 2008. – Vol. 616. –P. 94-109.

[324]. Nye, J.S. Jr. How Sharp Power Threatens Soft Power. The Right and Wrong Ways to Respond to Authoritarian Influence / Foreign Affairs, 2018, January 24. [Electronic resource]. URL: https://www.foreignaffairs.com/articles/china/2018-01-24/how-sharp-power-threatens-soft-power (accessed: 19.05.2020)

[325]. Paek H.J., Thomas H. Risk Perceptions and Risk Characteristics [Electronic resource]. –URL: https://oxfordre.com/communication/view/10.1093/acrefore/978019022861

3.001.0001/acrefore-9780190228613-e-283?print=pdf (accessed: 01.01.2020)

[326]. Paul B. Stares. The New Security Agenda: A Global Survey. – Tokyo: Japan Center for International Exchange, 1998. – 332 p.

[327]. RAND-MIPT, “Terrorism Database,” https://www.rand.org/nsrd/projects/terrorism-incidents/download.html

[328]. Ryszard S. Military Security within the Framework of Security Studies: Research Results // Connections. – 2014. –Vol. 13. –No.3. –P.59–82.

[329]. Skidmore D. Security: A New Framework for Analysis // American Political Science Association. – 1999. – № 93 (4). –P.1010-1011. DOI: 10.2307/2586187

[330]. Sijusted R. Talking Threats. The Social Construction of National Security in Russia and the United States. PhD diss., Uppsala University, 2010. –180 p.

[331]. Threat // Oxford Advanced Learner's Dictionary [Electronic resource]. – URL: https://www.oxfordlearnersdictionaries.com/definition/english/threat (accessed: 23.11.2020)

[332]. Threat // Cambridge Dictionary [Electronic resource]. –URL: https://dictionary.cambridge.org/us/dictionary/english/threat (accessed: 23.11.2020)

[333]. Trachtenberg M. Strategic Thought in America, 1952-1966 // Political Science Quarterly. – 1989. –Vol. 104. –№2. –P.301-334.

[334]. Todd A., Wilson C., Casey Sh. Comparing British and Australian Fear of Terrorism Pre and Post the Iraqi War. Psychiatry, Psychology and Law. – 2005. – Vol. 12. – No. 1. – P. 184–193.

[335]. Tvinnereim E., Lægreid O.M., Liu X., Shaw D., Borick C., Lachapelle E. Climate change risk perceptions and the problem of scale: evidence from cross-national survey experiments // Environmental Politics. – 2020. – Vol.29. – No. 7. –P.1178-1198. DOI: 10.1080/09644016.2019.1708538

[336]. Wolfers A. "National Security" as an Ambiguous Symbol // Political Science Quarterly. – 1952. – Vol. 67. – No. 4. – pp. 481-502.

[337]. Walt S.M. The Origins of Alliances. – Ithaca: Cornell University Press, 1987. – 338 p.

[338]. Walt S.M. Alliance Formation and the Balance of World Power // International Security. – 1985. Vol. – №4. –pp.3-43.

[339]. Walt S.M. The renaissance of security studies // International Studies Quarterly. – 1991. – Vol. 35. –№ 2. – pp.211-239.

[340]. Walker, Ch., Ludwig J. The Meaning of Sharp Power. How Authoritarian States Project Influence / Foreign Affairs, 2017, November 16. [Electronic resource]. URL: https://www.foreignaffairs.com/articles/china/2017-11-16/meaning-sharp-power (accessed: 19.05.2020)

[341]. Wu, I.S. The Wu Rubric for Soft Power: Measuring Russia and China's Social Network [Electronic resource]. URL: https://www.arcgis.com/apps/MapSeries/index.html?appid=c2085de7ac0d47cfade2aa26ec665dcc (accessed: 15.05.2020)

# НОМГӮЙИ ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ
# АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

## I. Монография

[1-М]. Сафарализода Х.Қ. Таҳдидҳои замони муосир: масъалаҳои назариявию методологӣ. Монография [Матн] / Х.Қ. Сафарализода. –Душанбе: Эр-граф, 2023. –420 с. EDN: RGUOGV

## II. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

[2-М]. Сафарализода, Х.Қ. Хусусиятҳои таъмини амнияти идеологӣ дар раванди ташаккулёбии сохтори ҷамъиятӣ [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2023. – №1 (81). – С.48-60. ISSN: 2075-9584; EDN: TCODWB

[3-М]. Сафарализода, Х.Қ. Хусусиятҳои таъмини амнияти идеологии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити соҳибистиқлолӣ [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2023. – №2 (82). – С.35-48. ISSN: 2075-9584; EDN: VOPUJX

[4-М]. Сафарализода, Х.Қ. Шинохти таҳдидҳо дар шароити тағйирпазирии равандҳои сиёсӣ [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2021. – №1 (73). – С.62-78. ISSN: 2075-9584; EDN: BPEAOF

[5-М]. Сафарализода, Х.Қ. Умумият ва махсусияти хавфу хатар ва таҳдид: масъалаҳои назариявӣ [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – №1. – С.159-173. ISSN: 2413-5151; EDN: RRRZLK

[6-М]. Сафарализода, Х.Қ. Ташаккулёбии таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир дар шароити пешрафти илмию техникӣ [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – №2 (51). – С.248-257. ISSN: 2664-0651; EDN: CEOOFM

[7-М]. Сафарализода, Х.Қ. Таҳдид ҳамчун масъалаи илмию назариявӣ [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – №3 (52). – С.245-259. ISSN: 2664-0651; EDN: VEUPGU

[8-М]. Сафарализода, Х.Қ. Зоҳиршавии навъҳои гуногуни таҳдид дар раванди таҳкими истиқлолият [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2021. – №2. – С.110-116. ISSN: 0235-005X; EDN: VZDWIZ

[9-М]. Сафарализода, Х.Қ. Неруи ҳушманд ва дурнамои ҳимояи манфиатҳои миллӣ [Матн] / П.А. Муҳаммадзода, Х.Қ. Сафарализода // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2020. – №2 (70). – С.10-22. ISSN: 2075-9584; EDN: JBZMIQ

[10-М]. Сафарализода, Х.Қ. Воқеиятҳои «неруи нарм»: ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва дурнамои мубориза бо таҳдидҳои нави замони муосир [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2020. – №2 (70). – С.37-52. ISSN: 2075-9584; EDN: BZWBOE

[11-М]. Сафарализода, Х.Қ. Зуҳури таҳдидҳои нави замони муосир дар шароити тағйирпазирии ҷомеа [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2020. – №4 (72). – С.56-71. ISSN: 2075-9584; EDN: OLXKYP

[12-М]. Сафарализода, Х.Қ. Таҳаввулоти назарияҳои амният ва дурнамои шинохти таҳдидҳо [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – №1. – С.250-258. ISSN: 2413-5151; EDN: THTUFT

[13-М]. Сафарализода, Х.Қ. Таҳдидҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ: моҳият, хусусият ва нишонаҳои фарққунандаи онҳо [Матн] / Х.Қ.

Сафарализода // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2020. – №3. – С.112-117. ISSN: 0235-005X; EDN: WCEVQQ

[14-М]. Сафарализода, Х.Қ. Таҳдид, хатар, изтироб ва хавф: тафовутҳои байниҳамдигарӣ [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2019. – №3-1. – С.228-233. ISSN: 2413-5151; EDN: CUNBNG

[15-М]. Сафарализода, Х.Қ. Сиёсишавии дин ҳамчун омили пайдоиши экстремизми динию сиёсӣ ва таъсири он ба амнияти миллии кишвар [Матн] / Х.Қ. Сафарализода, Ҷ.Х. Ашурзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2019. – №6. – С.264-271. ISSN: 2413-5151; EDN: CCOSZS

[16-М]. Сафарализода, Х.Қ. Таҳдидҳои фаромиллӣ, бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ ва дурнамои таъмини амнияти миллӣ [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2019. – №8. – С.275-282. ISSN: 2413-5151; EDN: FRHGEH

[17-М]. Сафарализода, Х.Қ. Таҳдидҳо ба амнияти миллӣ: моҳият ва хусусиятҳои муҳимми онҳо [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2017. – №2/10. – С.278-282. ISSN: 2413-5151; EDN: YWRCWL

[18-М]. Сафарализода, Х.Қ. Кибертерроризм ҳамчун таҳдид ба амнияти миллӣ [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2017. – №2/4. – С.271-275. ISSN: 2413-5151; EDN: XDLHMR

[19-М]. Сафарализода, Х.К. Вызовы и угрозы социальных сетей [Текст] / Х.К. Сафарализода // Вестник Таджикского национального

университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2023. – № 5. – С. 314-325. ISSN: 2413-5151; EDN: DYOZMT

[20-М]. Сафарализода, Х.К. Цветные революции как геополитическое оружие современного мира [Текст] / Х.К. Сафарализода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2023. – № 4-1. – С. 292-302. ISSN: 2413-5151; EDN: PEUNEI

[21-М]. Сафарализода, Х.К. Внешние угрозы как результат столкновения геополитических интересов [Текст] / Х.К. Сафарализода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – №6. – С.276-284. ISSN: 2413-5151; EDN: VVQADG

[22-М]. Сафарализода, Х.К. Источники проявления внутренних угроз в условиях трансформации общества [Текст] / Х.К. Сафарализода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – №5. – С.240-252. ISSN: 2413-5151; EDN: FHVIYW

[23-М]. Сафарализода, Х.К. Появление новых вызовов и угроз в условиях неуклонного развития информационно-коммуникационных технологий [Текст] / Х.К. Сафарализода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – №6. – С.239-251. ISSN: 2413-5151; EDN: YPDSQT

## III. Маърӯзаҳои илмӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ

[24-М]. Сафарализода, Х.Қ. Таҳдиду хатари ҷаҳонишавӣ дар марҳилаи кунунии давлатдории миллӣ [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Худшиносии миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ: маводи конференсияи

илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ш.Душанбе, 3 октябри соли 2023). –Душанбе: ДМТ, 2023. –С.47-52. EDN: OKOIWX

[25-М]. Сафарализода, Х.Қ. Ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити пайдоиши таҳдидҳои беруна [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Нақш ва мақоми Осиёи Марказӣ дар низоми нави муносибатҳои байналмилалӣ: маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ (ш.Кулоб, 17-18 ноябри соли 2023). –Кулоб, 2023. –С.140-146.

[26-М]. Сафарализода, Х.Қ. Рушди ҳунарҳои зеҳнӣ омили муҳимми таъмини амнияти идеологӣ [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Мақом ва нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар инкишофи геополитикии минтақа: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва 60-солагии таъсиси кафедраи сиёсатшиносии ДМТ (ш.Душанбе, 29 августи соли 2023). –Душанбе: ДМТ, 2023. –С.41-51. EDN: FUVUQJ

[27-М]. Сафарализода, Х.Қ. Воқеияти шабакаҳои иҷтимоӣ [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ҳамчун таҳдиди воқеӣ ба амнияти миллӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (ш.Душанбе, 29 ноябри соли 2022). –Душанбе: ДМТ, 2022. –С.94-100. EDN: DLMLSI

[28-М]. Сафарализода, Х.Қ. Таъмини амнияти идеологӣ – заминаи муҳимми мубориза бо терроризм ва экстремизм [Матн] / Қ.Х. Хушвахтзода, Х.Қ. Сафарализода // Шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ҳамчун таҳдиди воқеӣ ба амнияти миллӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (ш.Душанбе, 29 ноябри соли 2022). –Душанбе: ДМТ, 2022. –С.22-28. EDN: AXKTGS

[29-М]. Сафарализода, Х.Қ. Нақш ва мавқеи омили зеҳнӣ, василаҳои иттилоотӣ ва механизмҳои ҷамъиятӣ дар низоми таъмини амнияти идеологӣ [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Ваҳдати миллӣ ва нақши он

дар таҳкими истиқлолияти давлатии Тоҷикистон: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (ш.Душанбе, 7 июни соли 2022). –Душанбе, 2022. –С.96-109. EDN: WDXTRO

[30-М]. Сафарализода, Х.Қ. Ҷойгоҳи маориф дар низоми амнияти миллӣ (дар мисоли муқовимат ба экстремизм ва терроризм) [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Нақши маориф дар мубориза бо ифротгароии сиёсӣ ва терроризм: маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ (ш.Душанбе, 22 феврали соли 2022). –Душанбе: ДМТ, 2022. –С.130-138. EDN: GIEHAL

[31-М]. Сафарализода, Х.Қ. Таҳдидҳои дохилӣ, мақсадҳои миллӣ ва дурнамои таҳкими истиқлолияти давлатӣ [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Масъалаҳо ва роҳу воситаҳои таҳким ва такмили истиқлолияти Тоҷикистон: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (ш.Душанбе, 12 майи соли 2021). –Душанбе: ДМТ, 2021. –С.103-113. EDN: GUAJBW

[32-М]. Сафарализода, Х.Қ. Заминаҳои назариявию методологии ташаккули амниятшиносӣ ва дурнамои рушди минбаъдаи он [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Масоили мубрами илмҳои ҷомеашиносӣ дар замони муосир: маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 20-солагии таъсисёбии факултети фалсафаи ДМТ (ш.Душанбе, 27 октябри соли 2021). –Душанбе: ДМТ, 2021. – С.113-121. EDN: JZWKOH

[33-М]. Сафарализода, Х.Қ. Амнияти миллӣ ва таҳдидҳои ҷаҳони муосир – фанни муҳимми курсҳои такмили ихтисос [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Масоили мубрами такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (ш.Душанбе, 23 июни соли 2021). –Душанбе: Эр-граф, 2021. –С.32-46. EDN: ALBBOV

[34-М]. Сафарализода, Х.Қ. Ташаккули таҳдидҳои ҷаҳони муосир дар шароити рушди бемайлони технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Таҳкими давлатдории миллии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (ш.Душанбе, 21-24 апрели соли 2021). –Душанбе, 2021. –С.59-66. EDN: JYCDNA

[35-М]. Сафарализода, Х.К. Вызовы и угрозы неуклонного развития информационно-коммуникационных технологий [Текст] / Х.К. Сафарализода // Развитие национальной государственности в период независимости: материалы республиканской научно-практической конференции (г.Душанбе, 03 сентября 2021 г.). –Душанбе: «Абдураҳмон-Р», 2021. –С.76-86. EDN: COBHMM

[36-М]. Сафарализода, Х.Қ. Таҳдидҳо ба суботи сиёсии ҷомеа ва шаклҳои зоҳиршавии онҳо [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Ҷаҳонишавӣ ва таҳдидҳои нави замони муосир: маводи мизи гирди ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (ш.Душанбе, 05 декабри соли 2019). –Душанбе: ДМТ, 2019. –С.141-147. EDN: XEDEXH

[37-М]. Сафарализода, Х.Қ. Ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва нақши онҳо дар таъмини амнияти миллӣ [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Нақши институтҳои сиёсӣ дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (ш.Душанбе, 12 декабри соли 2018). –Душанбе: ДМТ, 2018. –С.210-222. EDN: YVCSJV

[38-М]. Сафарализода, Х.Қ. Истиқлолият – бақои давлат ва такягоҳи устувори ҷомеа [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Таҳсилот ва илм дар асри XXI: тамоюлоти муосир ва дурнамои рушд: маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба 70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ш.Душанбе, 26-29 октябри соли 2018). –Душанбе: ДМТ, 2018. –С.268-273. EDN: IEUWWH

[39-М]. Сафарализода, Х.Қ. Нақш ва мавқеи ҷавонон дар раванди ҳимояи манфиатҳои миллӣ [Матн] / Х.Қ. Сафарализода // Масъалаҳои рӯзмарраи инкишофи давлати муосир: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (ш.Душанбе, 25-26 январи соли 2018). –Душанбе: ДМТ, 2018. –С.67-74. EDN: UQNZOQ

[40-М]. Кудусов, Х.С. Основные векторы взаимодействия КНР и РФ по обеспечению Центрально-азиатской безопасности: региональный и глобальный форматы / Х.С. Кудусов, П.А. Махмадов // Россия и Китай: аспекты взаимодействия и взаимовлияния: Материалы V заочной Международной научно-практической конференции (Благовещенск, 22–30 октября 2013 года). – Благовещенск: Благовещенский государственный педагогический университет, 2013. – С. 24-32. – EDN: SMFVML